***Boboev Khael Yuldoshovich*** - Tajik Technological University, doctor of historical sciences, professor. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev street 63/3. Phone: **(+992) 918-67-29-43.** E-mail: **KhayolBoboev@mail.ru**
***Isoev Sobir Kurbonalievich*** - Institute of Technology and Innovation Management in the city of Kulyab, applicant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab city, Borbad street. Phone: **(+992) 985-09-49-28**. E-mail: **sobir_isoev@mail.ru**

**УДК:930 (575.3) (1-87)**

# НАҚШ ВА МАҚОМИ ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТИСОДӢ ДАР АРСЕНАЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТ

***Салимов Ф.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дипломатияи муосир, ки дар баробари ҷомеа ва муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳолати ташаккул ва таҳаввул қарор дошта, соҳаҳои нав ба нави амалияи ҷамъиятиро ба худ ҷалб намуда истодааст, мазмуну муҳтавои нав пайдо намуда, ба пайдо шудани анвои гуногуни хеш, аз қабили «дипломатияи низомӣ», «дипломатияи фарҳангӣ», «дипломатияи мардумӣ», «дипломатияи иқтисодӣ» ва ғайраҳо боис гашта истодааст. Ҳолати назариявӣ ва методологии ин намудҳои дипломатия ҳанӯз ҳам дар ваъзи коркард ва ташаккул қарор дорад. Баҳсҳо атрофи зарурияти чунин таснифот, анвоъ, мазмун ва мундариҷаи онҳо, монанди ҳар соҳаи навтаъсисёбандаи илмҳои ҷамъиятӣ, ҳанӯз идома доранд. Лек, бояд қайд намуд, ки нисбати яке аз ин навъҳои дипломатия байни мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсатшиносон ва журналистон ҳамфикрии муайяне дида мешавад - он ҳам бошад, иқтисодиёт ва мутаносибан дипломатияи иқтисодӣ мебошад [7]. Ин амр аз он бармеояд, ки дар марҳилаи кунунӣ сиёсат, аз он ҷумла сиёсати байналхалқӣ, нисбатан иқтисодӣ гаштаасту иқтисодиёт сиёсӣ [14].

Дипломатияи иқтисодӣ унсури сиёсати хориҷии давлат аст; навъе аз фаъолиятҳои дипломатӣ дар таъйиди манофеи иқтисодии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ: зиёд намудани содирот, ҷалби сармояи хориҷӣ, иштирок дар фаъолияти созмонҳои байналхалқии иқтисодӣ, мустаҳкам намудани мавқеи кишвар дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ғайраҳо.

Дипломатияи иқтисодӣ раванди истифода намудани воситаҳо ва имконоти иқтисодии давлат бо мақсади пеш бурдани манфиатҳои сиёсати хориҷии он мебошад. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми умда ва қабулгардидаи «дипломатияи иқтисодӣ» ҳанӯз ҳам мавҷуд нест ва он одатан ҳамчун самти илмие дониста мешавад, ки маҷмӯи муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва дипломатия ва дигар авомили ба ҳам алоқамандбудаи ба сиёсати берунаи иқтисодии давлат таъсиркунандаро меомӯзад.

Дар Фарҳанги мухтасари иқтисоди хориҷӣ омадааст, ки дипломатияи иқтисодӣ «соҳаи махсуси фаъолияти дипломатияи муосирест, ки бо истифода аз масоили иқтисодӣ ба сифати объект, воситаи мубориза ва ҳамкорӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ истифода мегардад» [8].

Дар аксарияти фарҳангҳо мафҳуми дипломатияи иқтисодӣ оварда нашудааст, лекин мафҳумҳои ба он наздикро метавон ёфт, аз қабили «дипломатияи долларӣ». Ҳатто дар «Фарҳанги дипломатӣ» мафҳуми дипломатияи иқтисодӣ умуман ёдоварӣ намешавад. Байни олимон низ баҳсу мунозираҳо оид ба ин мафҳум идома доранд [17].

Дипломатияи иқтисодӣ фаъолияти муассисаҳои давлатӣ бо ҷалби сохторҳои ҷамъиятӣ ва соҳибкорӣ, истифодаи донишҳои муосири илмҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, олотҳо, равишҳо ва анвои дипломатияи муосир, истифодаи институтҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо мақсади амалинамоии манфиатҳои миллии иқтисоди дар арсаи байналхалқӣ, ки ба рушди устувори иқтисоди бозоргонии кишвар равона шудааст, фаро мегирад. Яъне, «дипломатияи иқтисодӣ фаъолиятест, ки барои татбиқи манфиатҳои миллии иқтисодии давлат дар арсаи байналхалқӣ ва ҳифзи амнияти иқтисодӣ бо истифода аз равишҳои дипломатӣ» мавриди истифода қарор мегирад [16].

Профессор В.Шетинин чунин таърифи дипломатияи иқтисодиро пешниҳод менамояд: «Дипломатияи иқтисодӣ омехтаи иқтисод ва сиёсат аст, ки то ба дараҷаи қабул ва татбиқи

қарорҳои идорӣ, ки ба васила ва тариқи онҳо ҳамкорӣ ва рақобат дар ҷаҳони муосир амалӣ гардида, шаклҳо ва методҳои ташаккул ва таҳаввули иқтисоди бозаргонӣ, ки омили асосии рушди ҷомеа ва ҳалли масоили иқтисодӣ ва иҷтимоии пешрафт гашта истодааст, баровардa шудааст» [9].

Олими дигари рус Л.Лихачев қайд намуда буд, ки зери мафҳуми дипломатияи иқтисодӣ воситаи амалинамоии сиёсати хориҷии иқтисодӣ ва фаъолияти расмии давлат бо мақсади амалигардонии вазоифи ин сиёсат, ки зери он манфиатҳои иқтисодии давлат, корхонаҳо ва соҳибкорон, ки бевосита ба муносибатҳои берунаи иқтисодӣ бо истифода аз воситаҳои дипломатияи муосир ва маҷмӯаи институтҳои берунаи иқтисодӣ, сохторҳои минтақавӣ ва бисёрҷониба бо мақсади боло бурдани рақобатпазирии байналхалқии давлат алоқаманд мебошанд, фаҳмида мешавад [9].

Ги Каррон де ла Каррер [6], қайд менамояд, ки: «....дипломатияи иқтисодиро набояд ҳамчун истифодаи фишангҳои иқтисодӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ фаҳмид. Гузаштҳо ва таҳримот, истифодаи мавқеи нисбатан афзалиятноки иқтисодӣ, ин ҳама воситаҳои фишороварӣ мебошанд, ки аз тазоҳуроти неруи низомӣ фарқе надоранд, махсусан вақте ҳадафи сиёсӣ пайгирӣ мегардад … Кӯшиши ба даст овардани бурди иқтисодӣ дипломатияи иқтисодиро новобаста аз воситаҳои истифодабарандааш фарқ мекунонад. Дипломатияи иқтисодӣ ин расидан ба аҳдофи иқтисодӣ бо истифода аз воситаҳои дипломатӣ, новобаста ба он ки он ба фишангҳои иқтисодӣ барои расидан ба онҳо даст мезанад ё на мебошад».

И.Д. Иванов бар ин андеша аст: «Дипломатияи иқтисодӣ маҷмӯи воситаҳо ва амалҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисоди беруна бо такя ба манфиатҳои миллӣ ва ҳамкории ҳамоҳангшудаи сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо мақсади таъмини руши устувори давлат ва амнияти он дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад» [4].

Ба андешаи мо, ин мафҳум нисбат ба дигар мафҳумҳои пешниҳодшуда ба мазмун ва муҳтавои он наздиктар аст. Ҳамин тариқ метавон хулоса баровард, ки дипломатияи иқтисодӣ воситаи муҳимтарини сиёсати хориҷии давлат буда, истифодаи дипломатияи суннатӣ ва сохторҳои соҳибкориро дар роҳи расидан ба аҳдофи берунаи ҳам иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ ифода менамояд.

Дар маънои имрӯза дипломатияи иқтисодӣ маҷмӯъ ва комбинатсияи воситаҳои татбиқи сиёсати хориҷии давлат, таъмини манфиатҳои стратегии он, ҳалли вазоифи рушди дохилии иқтисодӣ мебошад [3,с.125]. Он, пеш аз ҳама, ба пешбурди равандҳои ҳамгирой ва манофеи тиҷоратӣ-иқтисодии кишвар дар бозори ҷаҳонӣ, таъминоти дипломатии лоиҳаҳои бузурги инвеститсионии байналхалқӣ чи дар дохили кишвар ва чи берун аз он, дифои ҳуқуқҳои ширкатҳои хусусӣ ва давлатии миллӣ аз худсарӣ ва беқонунӣ, нақзи манфиатҳо, табъиз ва ё рақобати беviҷдонона равона шудааст.

Маълум аст, ки дипломатияи иқтисодӣ табиати гуногунҷабҳа ва бисёрҷониба дошта, доираи васеи соҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, молиявӣ, сармоягузорӣ, нақлиётӣ, захиравӣ, энерегетикӣ ва дигар соҳаҳои ҳамкориҳои байналхалқиро фаро гирифта, таъминоти дипломатӣ ва ҳифзи сиёсии татбиқи онҳо ва пешбурди манофеи миллиро фароҳам меорад.

Маҳдудаи иқтисодии сиёсати хориҷии давлат истифодаи потенсиали иқтисодии он барои расидан ба аҳдофи сиёсати хориҷиро дар назар дорад. Давлатҳои дорои низоми қавии иқтисодӣ ва устувори молиявӣ дар арсаи байналхалқӣ мавқеи мустаҳкамро соҳибанд. Ҳатто кишварҳои аз ҷиҳати масоҳат хурду аз ҷиҳати захираҳои моддӣ ва инсонӣ начандон бой, агар сохиби иқтисодиёти мустаҳками ба технологияҳои пешрафта такякунанда бошанду дастовардҳои худро тавонанд берун аз марзҳои худ паҳн намоянд, метавонанд дар арсаи байналхалқӣ нақши муассир дошта бошанд. Манзур аз истифода намудани чунин воситаҳои иқтисодии таъсирбахш, аз қабили таҳримот ва ё баръакс, режимҳои нисбатан афзалиятнок дар тиҷорат, пешниҳоди сармоя, қарзҳои фоиздор ва бефоиз, дигар навъи кумаки иқтисодӣ ва ё дасткашӣ аз пешниҳоди онҳост [15,с.103].

Бояд қайд намуд, ки дипломатияи иқтисодӣ падидаи муназзами муносибатҳои байналхалқӣ буда, натиҷаи боло рафтани нақш ва муқаррароти омилҳои иқтисодӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ аст.

Ин навъи дипломатия дар шароити имрӯза, даврае, ки ба шарофати раванди ҷаҳонишавӣ некуаҳволии қариб ҳамаи кишварҳо аз иштироки он дар муносибатҳои ҷаҳонии тиҷоратӣ-иқтисодӣ бениҳоят сахт вобастагӣ дорад, аҳамияти махсус ба худ касб менамояд. Сиёсати хориҷии давлатҳо ҳамеша унсури иқтисодӣ доштанд ва нақши он бинобар афзудани кушодагии хоҷагии халқи кишварҳои ҷудогона, амиқгардии тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ҳамчунин дасткашӣ аз усулҳои зӯроварӣ ва ё тариқи қувваи низомӣ ҳал намудани зиддиятҳои байни давлатҳо ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ боло рафта истодааст. Самтҳои асосии сиёсати берунаи иқтисодӣ маҷмуи фаъолияти берунаи

иқтисодиро ба танзим медарорад: минҷумла, ҳаракати байналхалқии молу хизмат, захоири моддӣ, меҳнатӣ, пулӣ ва интеллектуалиро. Унсурҳои асосии он, мутаносибан сиёсати берунаи тиҷоратӣ, сиёсат дар соҳаи ҳамкориҳои истеҳсолӣ ва илмӣ-техникӣ, сиёсати асъорӣ-қарзӣ, сиёсат дар соҳаи инвеститсияҳои хориҷӣ, дар соҳаи интиқоли технологияҳо ва ғайраҳо мебошанд.

Ҳамин тариқ, сиёсати берунаи иқтисодӣ, пеш аз ҳама, вазифаи таносуби ҷуғрофии амалиётҳои берунаи иқтисодиро бо давлатҳо ва минтақаҳои алоҳида ҳал менамояд, ки пеш аз ҳама, бо таъмин намудани амнияти иқтисодии кишвар алоқаманд аст.

Мавҷудияти маҷмӯи васеи олотҳои сиёсати берунаи иқтисодӣ ба давлатҳо имкон медиҳад, ки ба ташаккули сохтор ва самтҳои рушди иқтисодиёти хеш таъсири фаъол расонанд. Унсурҳои дипломатияи иқтисодӣ ҳамчун яке аз самтҳои фаъолияти хадамоти дипломатӣ падидаи нав нест. Вай якҷоя бо дипломатияи «суннатӣ» мувозӣ зуҳур ва ташаккул ёфтааст.

Дар илми муосир, дар ташаккули дипломатияи иқтисодӣ се марҳиларо ҷудо менамоянд: дипломатияи иқтисодиётро сарпарастикунанда, дипломатияи ба иқтисодиёт хизматкунанда ва дипломатияе, ки иқтисодиётро дар хидмати худ қарор додааст [14].

Дар ҳолати аввал, дипломатия дар ҳимояи иқтисодиёт қарор гирифта, дар хидмати нафароне буд, ки берун аз кишвар, дар ҳудудҳои на ҳамеша амну меҳмондӯсту мутамаддин буданд. Дар ҳолати дувум, тӯли чандин аср дипломатия бо воситаҳои гуногун дар хидмати иқтисодиёт қарор дошта, дар ибтидо ба таъмини кафолати пешбурди озоди роҳҳои тиҷоратӣ ва баъдан ба кушодани бозорҳои нав, мустамликаҳо ва минтақаҳои нуфуз мусоидат намуда, созишномаҳои тиҷоратиро омода намуда, фаъолияти ширкатҳои тиҷоратиро дастгирӣ менамуд. Дар марҳилаи муосир бошад, дипломатия ба кумаки иқтисодиёт, ки дар навбати худ ба сиёсати хориҷӣ кумак менамояд, рӯ меоварад. Ҷой ва мақоми иқтисодиёт дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа низ муайян шудаанд. Иқтисодиёт ба олоти дипломатия табдил ёфт. Аз нуқтаи назари пайдоиш, дипломатияи иқтисодӣ аз дипломатияи тиҷоратӣ замина мегирад. Унсурҳои дипломатияи иқтисодӣ махсусан дар давраи зуҳур ва ташаккули муносибатҳои сармоядорӣ, ташаннуҷи истеъморӣ, ки аз ҷониби абарқудратҳои аврупоӣ амалӣ мегаштанд, мубориза барои сарчашмаҳои ашёи хом ва бозорҳои фурӯш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд [11,с.271].

Пас аз Ҷанги аввали ҷаҳонӣ кишварҳои Ғарб ба мубориза барои захираҳои ашёи хом, пеш аз ҳама, нафт, фаъолона оғоз намуданд. Пас аз Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ, пас аз байн рафтани низоми истеъморӣ ва дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо гаштани даҳҳо давлатҳои нав дар қитъаҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ, масоили назорат аз боли захираҳои табиӣ ва ба даст овардани кафолати дастрасии бемамоният ба онҳо дар кӯшишҳои кишварҳои пешрафтаи саноатии ҷаҳон ҷойи махсусро касб намуд [1,с.54].

Барои Тоҷикистон ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ боиси нисбатан қувват гирифтани самти иқтисодӣ дар фаъолияти вазорату идораҳои давлатӣ, аз он ҷумла Вазорати корҳои хориҷӣ гардид, ки, албатта, ҳанӯз ҳам ба қадри зарурӣ нест. Пеш аз ҳама, аз сабаби табдили модели шӯравии иқтисодиёт ба иқтисодиёти бозорӣ, ки ба солҳои мушкили ҷанги шаҳрвандӣ рост омаданд. Илова бар ин, монополияи давлатӣ ба тиҷорати беруна тадриҷан аз байн рафта, дар солҳои 90-ум кӯшиши таъсис додани сохторҳои нав бо вогузор намудани на танҳо функсияҳои сиёсӣ ва дипломатӣ, балки вазоифи пеш бурдани фаъолияти берунаи иқтисодӣ, мусоидат ба иштирокчиёни фаъолияти берунаи иқтисодӣ, ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ бенатиҷа анҷом ёфтанд.

Истиқлоли сиёсӣ ва иқтисодӣ ба мо имкон дод, ки ба ҳамгироии низоми алоқаҳои ҳоҷагии ҷаҳонӣ бо такя ба принсипҳои ҷаҳонишавӣ ва интернатсионализатсия фаъолона кашида шавем. Дар чунин шароит масоили татбиқи стратегияи берунаи иқтисодӣ ва сиёсӣ мутобиқ ба манофеи миллӣ мубрамияти хосса ба худ касб намуданд. Таъмини манфиатҳои миллӣ ва амнияти иқтисодӣ дар аксар ҳолатҳо ба туфайли дипломатияи иқтисодии собитшуда, ки фарогири комплекси механизмҳо ва олотҳо бошад, имконпазир гашт. Илова бар ин, дар шароити васеъгардии ҷаҳонишавӣ баръало ҷудо шудани соҳаҳо ва бахшҳои фаъолияти иқтисодӣ ба сифати объекти дипломатияи иқтисодӣ (тиҷорати беруна, инвеститсия, ҳамгироӣ) ба назар мерасад. Дар солҳои истиқлолият таҷрибаи аввалин ва натиҷаҳои муайян дар системаи дипломатия ва сиёсати берунаи иқтисодӣ ба даст оварда шудаанд, ки фарогири доираи васеи самтҳо мебошад, аз он ҷумла ҳамкориҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ; базаи созишномавӣ, тиҷорати беруна ва инвеститсияҳо; ҳамгироии минтақавӣ ва ғайраҳо.

Дар ибтидои асри XXI се вазифаи асосии стратегии давлатӣ - баромад аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ муайян карда шуданд, ки асоси дипломатияи иқтисодии муосири Тоҷикистонро ташкил

намуданд [13]. Моҳи декабри соли 2019 ҳадафи нав - саноатикунонии босуръати кишвар қабул гардид, ки вазифаҳои навро дар тарҳрезӣ ва татбиқи дипломатияи иқтисодӣ мегузоранд. Бояд қайд намуд, ки қисми асосии фаъолият дар бахши татбиқи амалӣ ва расидан ба ин аҳдоф бар дӯши хадамоти дипломатӣ вогузошта шудааст.

Аз нуқтаи назариявӣ байни олотҳои иқтисодии сиёсати хориҷӣ ва сиёсати берунаи иқтисодӣ фарқияти бузург мавҷуд аст. Вижагии аслии сиёсати хориҷӣ, пеш аз ҳама, истифодаи методҳои иқтисодӣ барои расидан ба аҳдофи ғайриқтисодӣ мебошад, сиёсати берунаи иқтисодӣ бошад, баръакс барои расидан ба аҳдофи иқтисодӣ истифодаи воситаҳои иқтисодӣ ва ғайриқтисодиро дар назар дорад.

Намунаи маъруфи фарқияти фаъолияти сиёсати хориҷӣ аз иқтисоди беруна амалӣ намудани эмбарго (таҳрим) муқобили ягон давлат мебошад. Агар он бо мақсади нигоҳ доштани давлати алоҳида аз сохтани яроқи қатли ом, иваз кардани хатти сиёсии рафтор бошад, дар чунин ҳолат он ҳамчун истифодаи воситаи дипломатияи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, дар ҳоле ки расонидани фишори сиёсӣ бо мақсади маҷбур намудани кишвар барои поин бурдани боҷи воридотӣ хоси сиёсати берунаи иқтисодӣ мебошад [6,с.50].

Аввалан, дипломатияи иқтисодӣ дар муносибатҳои байнидавлатие истифода мешавад, ки агар сухан аз ҷанг наравад - дипломатия воситаи татбиқи сиёсати хориҷии ҳокимияти давлатӣ тавассути истифодаи иттилоот ва гуфтушунидҳо бо такя ба мақомотҳои берунидавлатӣ мебошад. Ҳамин тариқ, он аз «дипломатияи» корхонаҳо, ҳама гуна ташаббусҳои шахсӣ фарқ мекунад. Илова бар он, на созишномаи техникӣ байни хадамоти гуногун (мисол, байни ширкатҳо барои суғуртанамоии қарзҳо барои маблағгузории объектҳои муштарак), на ба имзо расонидани ҳар гуна иттифоқҳои маъмурӣ (бо мақсади муайян намудани рӯйгардонандагон аз пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ), на мубодилаи хизматҳо (масалан, оне, ки бонкҳо ҳамарӯза байни худ мегузаронанд) зуҳуроти дипломатияи иқтисодӣ нестанд.

Солисан, дипломатияи иқтисодӣ танҳо бо истифодаи фишангҳои иқтисодӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ маҳдуд намегардад. Гузаштҳо ва таҳримот, истифодаи мавқеи нисбатан мусоиди иқтисодӣ воситаҳои фишоровариянд, ки аз намоиши қувва, махсусан вақте аҳдофи сиёсӣ пайгирӣ мегарданд, фарқе надорад.

Ба ҳадафҳои дипломатияи иқтисодӣ инҳоро метавон шомил намуд:

- пиёдасозии манофеи миллии кишвар (пеш аз ҳама, манофеи иқтисодӣ);
- ҳифзи амнияти иқтисодии давлат бо методҳои (равишҳои) дипломатӣ;
- тақвияти рақобатпазирии кишвар дар арсаи байналхалқӣ [11,с.273].

Вобаста ба ин аҳдоф вазифаҳои зеринро муайян намудан мумкин аст:

- васеъ намудани соҳаҳои ҳамкориҳои иқтисодии мутақобилан муфид;
- ба даст овардани суд ва афзалиятҳои рақобатпазир дар бозори ҷаҳонӣ;
- ҳифзи манофеи миллии кишвар;
- таъмини амнияти берунаи иқтисодӣ, тавассути ҳушдор гаштан ва ё пешгирӣ намудани таҳдидҳо барои рушди устувори хоҷагии миллӣ дар натиҷаи вайрон гаштани робитаҳои хориҷӣ;
- таъмин намудани шароити фоидаовари ҳамкории иқтисодии байналхалқӣ, ки ба боло рафтани сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолии давлат мусоидат менамоянд;
- боло бурдани сатҳи рушди иқтисодии кишвар [15,с.112].

Дар баробари ин вазифаҳои умумӣ дар назди дипломатияи иқтисодии кишварҳо вазифаҳои махсус меистанд, ки, пеш аз ҳама, аз хусусияти сиёсати берунаи кишвар вобастагӣ доранд. Дар мисоли баъзе кишварҳо метавон чунин хусусиятҳоро баръало мушоҳида намуд. Мисол, барои ИМА таъсир расонидан ба равандҳои иқтисодии байналхалқӣ тавассути дипломатияи долларӣ, идеологияи мустаҳкам, сиёсати «тавсеаи зиракона» (умная экспансия), такя ба тавсеаи содирот нисбат ба ҷалби инвеститсияҳо ва ғайраҳо хосанд. Барои дигар кишварҳо низ вазифаҳои хоссае дар назди дипломатияи иқтисодиашон гузошта шудаанд [12,с.68].

Дар адабиёти илмӣ дипломатияи иқтисодиро ба се самти асосӣ асосёфта медонанд:

1. дипломатияи тиҷоратӣ ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ғайридавлатӣ);
2. созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи тиҷоратӣ ва инвеститсионӣ;
3. фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ [6,с.62].

Бояд таъкид кард, ки дипломатия дар ин самт (иқтисодӣ - С.Ф.) дар сатҳҳои гуногун амалӣ мегардад. Вобаста ба статуси иштирокчиён, шумораи онҳо, хислати ҳамкорӣ чунин навъҳои дипломатияи иқтисодиро ҷудо менамоянд: дуҷониба, бисёрҷониба ва плюрилатералӣ (созишномаест, ки барои ҳамроҳшавии дигарон кушода аст)[1,с.55].

*Дипломатияи иқтисодии дуҷониба* дар замони муосир дорои хислатҳои хосси зерин аст:

- на танҳо бо масоили ҷудогонаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ машғул аст, балки барои ташаккули фазои мусоиди рушди самараноки ин гуна равобит кӯшиш ба харҷ медиҳад (тавассути бастани созишномаҳо дар бораи ҳамкориҳои стратегӣ);
- аксаран ҳамчун олоти ҳалли мушкилоте, ки дар сатҳҳои бисёрҷониба ва плюрилатералӣ ҳалли худро наёфта буданд, истифода бурда мешавад;
- дар рӯзномаи гуфтушунидҳои дуҷониба масоиле, ки берун аз доираи ҳамкориҳои дуҷониба бармеоянд (масалан, тарҳҳои муштараки ҳамкорӣ бо ҷониби сеюм) бештар ворид гардида истодаанд;
- ба раванди гуфтушунидҳои иқтисодӣ кашидашавии мақомоти баландпоя афзуда истодааст;
- дар дипломатияи иқтисодии дуҷониба тағйиротҳои фазоӣ ба амал омадаанд, яъне байни ҳамдигар на танҳо кишварҳои як минтақа, балки кишварҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба минтақаи гуногун дахлдошта кашида мешаванд.

*Дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ* дар шароити имрӯза шакли паҳнгаштаи воситаи татбиқи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Сохтори марказии ҷаҳони муосир Созмони Милали Муттаҳид мебошад (СММ).

*Дипломатияи плюрилатералӣ.* Дар маркази диққати он масоили махсуси минтақавӣ ва ҷаҳонӣ меистанд. Лекин бояд қайд намуд, ки дипломатияи плюрилатералӣ аз минтақавӣ бо он фарқ мекунад, ки дипломатияи минтақавӣ ба сифати ҳадафи асосӣ рушди равобити байниминтақавиро мегузорад. Дипломатияи плюрилатералӣ бошад, дар сатҳи иттиҳодияҳои интегратсионӣ ва иттиҳодияҳои шабеҳи интегратсионӣ амалӣ мегардад.

Фаромӯш набояд кард, ки дар фаъолияти иттиҳодияҳои интегратсионӣ нақши муассирро дипломатияи иқтисодие мебозад, ки ба раванди мураккаби ҷустуҷӯи мусолиҳатомез, имтиёзоти мутақобила ҳангоми ташкили бозори ягонаи иттиҳоди иқтисодӣ равона шудааст. Раванди гуфтушунид вақте мураккаб ва низоъангез мегардад, ки сухан дар бораи вогузории як қисме аз ваколатҳо ба мақомотҳои болои миллӣ меравад, ки боиси маҳдуд гаштани истиқлолият мегардад. Бинобар ин, аксарияти иттиҳодияҳои интегратсионӣ ҳанӯз ҳам дар сатҳи ташкил додани минтақаи озоди тиҷоратӣ қарор доранд. Иттиҳодияҳои интегратсионии муваффақи замони муосир Иттиҳоди Аврупо (EU), Минтақаи озоди тиҷоратии Америкои Шимолӣ (NAFTA), Бозори умумии Америкои Ҷанубӣ (MERCOSUR), Анҷумани дваалатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва ғайраҳо мебошанд [2,с.29].

Иттиҳодияҳои шабеҳи интегратсионӣ ба сифати ҳадафи асосӣ ҳамгироиро нагузошта, асосан дар соҳаҳои ҷудогона ва ё масоили алоҳидаи мавриди таваҷҷуҳи ҳамдигарро мегузоранд. Ба сифати чунин иттиҳодияҳо метавон Созмони ҳамкориҳои Осиёву Уқёнуси Ором (APEC), Созмони Ҳамкории Шанхай (SOC) ва ғайраҳоро номбар кард.

Албатта, ҳангоми муайян намудани нақш ва мақоми дипломатияи иқтисодии муосир наметавон оид ба воситаҳои он сухан нагуфт. Албатта, ҳамчун ҷузви дипломатия ба он чунин воситаҳои суннатӣ, аз қабили гуфтушунидҳо, пуштибонии манофеи миллӣ (лоббирование) дар бозорҳои ҷаҳонӣ тавассути амалисозии сиёсати муайяни иттилоотӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Умуман, воситаҳои дар дипломатияи иқтисодӣ истифодашавандаро ба манфӣ (таҳримҳо) ва мусбӣ (ҳавасмандгардонӣ) метавон ҷудо намуд, ки дар шаклҳои гуногун амалӣ мегарданд. Шакли нисбатан паҳнгаштаи воситаи иқтисодии сиёсати хориҷие, ки яктарафа амалӣ мегардад – таҳримҳо ва ҳама гуна «пардохт барои садоқат» дар шакли кумаки мутақобилаи иқтисодӣ ва ҳарбӣ, иҷозати дастрасӣ ба бозорҳои миллӣ ва ғайра баромад мекунанд [11,с.276]. Таҳримҳо мавзӯи алоҳидаи мубраманд, ки дар доираи таҳлили алоҳида мавриди баррасӣ қарор мегиранд, лекин бояд ҳаминро қайд намоем, ки таҳримҳои иқтисодӣ пас аз Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ васеъ истифода шуданд. Агар дар солҳои 1960 - 20 таҳрими байналхалқӣ ҷорӣ шуда бошад, дар солҳои 70-ум - 37, 80-ум - 23, 90-ум аллакай беш аз 50. Аксарияти ин таҳримҳо якҷониба ва асосан аз ҷониби ИМА эълон гаштаанд.

Дипломатияи иқтисодӣ як қатор воситаҳоеро дорост, ки ба методҳои ғайринархии дастгирии истеҳсолкунандагони миллӣ дохил мегарданд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, албатта, аҳамияти созишномаҳо барои ҳимоя ва ҳавасмандгардонии инвеститсияҳо, канорагирӣ аз андозбандии дукарата, доир ба васеъ намудани соҳаи хидматҳои молиявӣ ва ғайраҳо боло рафта истодаанд. Инструменти дигари дипломатияи иқтисодӣ ширкат дар шӯроҳо, анҷуманҳо ва ҷаласаҳои байналхалқӣ мебошад.

Асоси институтсионалии дипломатияи иқтисодии давлат ин, пеш аз ҳама, низоми ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии байни ҳам зич алоқаманде мебошад, ки ваколати намояндагии манфиатҳои миллиро дар арсаи байналхалқӣ соҳибанд. Дар адабиёти илмӣ ду гурӯҳи асосии ин институтҳои дипломатияи иқтисодиро ҷудо менамоянд [1]:

1. Муассисаҳои марказӣ (дар дохили кишвар) - Вазорати корҳои хориҷӣ, муассисаҳои мушаххасоти иқтисодӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматии дар фаъолияти берунаи иқтисодӣ амалкунанда, ҷомеаҳои касбиву кории дар фаъолияти иқтисодии беруна фаъолбуда.

2. Муассисаҳои ғайридавлатӣ - намояндагиҳои тиҷоратӣ, бахшҳои иқтисодӣ ва молиявии сафоратхонаҳо, намояндагиҳо дар назди созмонҳои байналхалқӣ, намояндагиҳои доираи соҳибкорон дар хориҷи кишвар ва ғайраҳо.

Вобаста ба муайян намудани самтҳои дипломатияи иқтисодӣ, ба сифати субъектони асосӣ дар доираи мазрааи миллӣ ҳамаи вазоратҳои бахши иқтисодӣ, ташкилотҳое, ки фаъолияташон ба ҳавасмандагардонии тиҷорат ва инвеститсияҳо равона шудаанд, палатаҳои тиҷоратӣ ва албатта, Вазорати корҳои хориҷӣ мебошанд. Равандҳои имрӯза фарогири васеъгардонии ҳамкориҳо байни давлатҳо ва муассисаҳои расмии ҷамъиятӣ буда, аҳамияти бештар ба масоили фаъолият дар чаҳорчӯбаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС), бурдани гуфтушунидҳо дар хусуси барқарор намудани режими тиҷорати озод ва ба имзо расонидани созишномаҳо ва шартномаҳои преференсиалӣ дода мешавад [5,с.29].

Берун аз давлат субъектони дипломатияи иқтисодӣ сафоратхонаҳо, консулгариҳо ва намояндагиҳои тиҷоратӣ ва ҳамчунин намояндагиҳо дар назди созмонҳои байналхалқӣ (СУС, сохторҳои иқтисодии СММ) мебошанд. Диққати асосӣ ба ҷалби тоҷирон, сармояи хориҷӣ, ҳамкориҳои технологӣ ва рушди туризм дода мешавад. Айни замон, дипломатияи иқтисодӣ дар алоқамандии зич бо сегментҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва ғ. фаъолияти дипломатиро амалӣ мегардонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши асосӣ барои таъмини сиёсати хориҷии иқтисодии давлат ба дӯши Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии дар хориҷи кишвар мавҷудбуда вогузошта шудааст. ВКХ ҳамоҳангсози асосии фаъолияти байналхалқии вазорату идораҳои давлатии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад ва маҳз барои ҳамин, масоили дипломатияи иқтисодӣ, пеш аз ҳама, ба доираи салоҳиятҳои он ворид мегарданд.

Ҳамин тариқ, дипломатияи иқтисодӣ дар сиёсати хориҷӣ аз давраи пайдоиши он ҷой дошта, механизми асосии расидан ба робитаҳои устувори тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар сатҳи дутарафа ва бисёртарафа, инструменти калидӣ дар ташаккули ҳамкории самарабахш байни давлатҳо ва минтақаҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Бартарии манфиатҳои иқтисодӣ, ки натиҷаи ҳамкории байни кишварҳо новобаста ба мавҷудияти фарқиятҳо байни онҳо, ки натиҷаи интихоби роҳҳои гуногуни рушди онҳост, ба таври самарабахш паси сар гардида, ба ташаккули муносибатҳои нисбатан мустаҳками иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳон мусоидат менамоянд ва дар ин раванд нақши дипломатияи иқтисодӣ муассир аст.

Ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар пеши дипломатияи ватанӣ ва хадамоти дипломатии кишвар вазифаҳои нав ба навро гузошта, аз он фаъолсозии иқдомро дар ҳамаи самтҳои ҳамкории иқтисодии байналхалқӣ дар шароити рақобати шидид талаб менамояд. Расидан ба аҳдофи дар назди дипломатияи иқтисодии мо истода на танҳо дар асоси ба роҳ мондани робитаҳои тиҷоратӣ-иқтисодии дуҷониба, балки тавассути пешбурди манофеи кишвар тавассути иштирок дар созмонҳои байналхалқии хислати универсалӣ ва минтақавидошта татбиқ гаштанашон мумкин аст.

Имрӯз, беш аз ҳар замони пешин, ба сифати меъёри муваффақияти дипломатияи иқтисодӣ на саркӯб ва ё табъизи шарикон, балки дарёфти тавозуни манфиатҳо бо онҳо дониста мешавад. Дар ин низом ҳар яке пайгири манофеи худ аст, лек ба он ҳадде ба он ноил мегардад, ки иқтидор ва имконоти дохилӣ ба ӯ имкон медиҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Батурин Л.М. Экономическая дипломатия в мировой политике: история и современность / Л.М. Батурин // Вестник ЮУрГУ. Сер.: Социально-гуманитарные науки. - 2014. -№3. -С.54.
2. Бородулина Л.П. Международные экономические организации: учебное пособие / Л.П. Бородулина. -М.: Магистр; ИНФРА-М, 2013. -С. 29.
3. Горбачук А.И. Экономическая дипломатия в обеспечении экономической безопасности государства / А.И. Горбачук // Ученые записки Университета «КРОК». - 2012. -№1. -С. 125.
4. Иванов И.Д. Хозяйственные интересы России и ее экономическая дипломатия / И.Д. Иванов. -М, 2001. - С.4.

5. Исаченко Т.М. Экономическая дипломатия в условиях политического кризиса / Т.М. Исаченко // Вестник СПбГУ. - 2015. -№5(3). -С. 29.
6. Каррон де ла Карьер Г. Экономическая дипломатия. Дипломат и рынок: пер. с фр. / Каррон де ла Карьер Г. -М.: РОССПЭН, 2013. -С. 50.
7. Кашлев Ю.Б. Фундаментальный труд по экономической дипломатии / Ю.Б. Кашлев // Дипломатический вестник. – 2001. -№5.
8. Рыбалкин В.А. Краткий внешнеэкономический словарь-справочник / В.А. Рыбалкин. -М.: Международные отношения, 1991.
9. Рыскулов И. Экономическая дипломатия - важный инструмент защиты национальных интересов / И. Рыскулов // Журнал Реформа. - 2010. -Т.1. -№45. –С.28-32. [Электронный ресурс]. https://elibrary.ru/download/elibrary_26477263_15076730.pdf
10. Савойский А.Г. Что такое экономическая дипломатия на современном этапе? / А.Г. Савойский. [электроНный ресурс]. URL:http://nco-razvitie26.ru/что-такое-экономическая-дипломатия (дата обращения: 9.03.2019).
11. Самойленко В.В. Дипломатическая служба: учебное пособие / В.В. Самойленко. -М.: Норма; ИНФРА-М, 2014. -271 с.
12. Слободян Р.А. Работа институционального механизма Российской Федерации в сфере привлечения инвестиций и сопровождения экспорта: сравнительный анализ / Р.А. Слободян // Вестник СПбГУ. - 2015. -№5(3). -С. 68.
13. Три стратегические цели. МИД РТ. [Электронный ресурс]. URL:http://mfa.tj/index.php?l=ru&cat=96&art=221 (дата обращения: 15.01.2019).
14. Шевченко Б.И. Экономическая дипломатия в современной системе международных отношений / Б.И. Шевченко. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/ article/v/ekonomicheskaya-diplomatiya-v-sovremennoy-sisteme-mezhdunarodnyh-otnosheniy (дата обращения: 16.01.2019).
15. Экономическая дипломатия. В 2 ч. Часть 1: учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / под ред. Р.И. Хасбулатова. –М.: Издательство Юрайт, 2018. – С. 103.
16. Экономическая дипломатия. Википедия, Свободная энциклопедия. [Электронный ресурс]. https://ru.wikipedia.org/wiki/Экономическая_дипломатия
17. Stephen Woolcock, Nicholas Bayne The New Economic Diplomacy: Decision-Making and Negotiating in International Economic Relations (G8 & Global Governance S.). - Ashgate Publishing Ltd. - UK 2005. -314 p.

## НАҚШ ВА МАҚОМИ ДИПЛОМАТИЯИ ИҚТИСОДӢ ДАР АРСЕНАЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТ

Мақолаи мазкур ба таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии дипломатияи иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар доираи тадқиқот масоили вобаста ба мафҳуми дипломатияи иқтисодӣ, марҳилаҳои таърихии ташаккул ва таҳаввули он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Қайд мегардад, ки дипломатияи иқтисодӣ дар сиёсати хориҷӣ аз замони пайдоиши он ҳузур дошта, ҳамчун механизми асосии расидан ба робитаҳои устувори дуҷониба ва бисёрҷонибаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ баромад намуда, воситаи калидӣ дар ташаккули ҳамкориҳои самараноки байни давлатҳо ва минтақаҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақола фарқиятҳои байни васоити иқтисодии сиёсати хориҷӣ ва сиёсати хориҷии иқтисодии кишвар таҳлил гардидаанд. Ҳамчунин аҳдоф, вазифаҳо, хислатҳои хосси кишвар, самтҳо ва воситаҳои дипломатияи иқтисодии муосир таҳлил гаштаанд. Пояҳои муосири институтсионалии дипломатияи иқтисодӣ, субъектони он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Ҷанбаҳои мусбии истифодаи дипломатияи иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, намунаҳои иттиҳодияҳои ҳамгироии ҷаҳони муосир, ки намунаи волои дипломатияи иқтисодии бисёрҷониба мебошанд, оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** дипломатия, сиёсати хориҷӣ, дипломатияи иқтисодӣ, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ҳамгироӣ, тиҷорат, ҳамкориҳои иқтисодӣ.

## РОЛЬ И МЕСТО ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДИПЛОМАТИИ В АРСЕНАЛЕ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ГОСУДАРСТВ

Статья посвящена теоретическому и практическому исследованию такой формы дипломатии как экономическая. В рамках исследования автором рассмотрены существующие дефиниции экономической дипломатии, исторические этапы ее становления и эволюции. Отмечается, что экономическая дипломатия присутствовала во внешней политике с самого ее появления, это основной механизм достижения устойчивых торгово-экономических связей на двусторонних и многосторонних уровнях, ключевой инструмент для развития эффективного сотрудничества между странами и регионами на глобальном уровне. Исследуется разница между экономическими инструментами внешней политики и внешнеэкономической политикой страны. Определяются цели, задачи, специфические страновые особенности, направления, виды и инструменты современной экономической дипломатии. Анализируются современные институциональные основы экономической дипломатии, ее субъекты. Рассмотрены положительные аспекты использования экономической дипломатии для Республики Таджикистан, приведены примеры интеграционных объединений современного мира, которые являются образцом многосторонней экономической дипломатии.

**Ключевые слова**: дипломатия, внешняя политика, экономическая дипломатия, двусторонние и многосторонние отношения, интеграция, торговля, экономическое сотрудничество.

## THE ROLE AND PLACE OF ECONOMIC DIPLOMACY IN THE ARSENAL OF FOREIGN POLICY OF THE STATES

The report is devoted to the theoretical and practical study of this form of diplomacy as an economic one. As part of the study, the author reviewed the existing definitions of economic diplomacy, the historical stages of its formation and evolution. It is noted that economic diplomacy has been present in foreign policy since its inception, it is the main mechanism for achieving sustainable trade and economic relations at bilateral and multilateral levels, a key tool for developing effective cooperation between countries and regions at the global level. The difference between the economic instruments of foreign policy and the foreign economic policy of the country is investigated. It defines the goals, objectives,

specific country characteristics, directions, types and tools of modern economic diplomacy. The author analyzes modern institutional foundations of economic diplomacy, its subjects. The positive aspects of the use of economic diplomacy for the Republic of Tajikistan are considered, examples of the integration associations of the modern world that are a model of multilateral economic diplomacy are given.

**Key words:** diplomacy, foreign policy, economic diplomacy, bilateral and multilateral relations, integration, trade, economic cooperation.

**Сведения об авторе:** ***Салимов Фаррух Насимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-61-48-86.** E-mail: **farrukh.n.salimov@gmail.com**

**Information about the author:** ***Salimov Farrukh Nasimovich*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 918-61-48-86**. E-mail: **farrukh.n.salimov@gmail.com**

**УДК: 930 (091) (575.3)**

# ДИПЛОМАТИЯИ ГУМАНИТАРӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ГЛОБАЛИИ ИМРУЗА
## (бардошти таърихӣ-муқоисавӣ )

***Самиев Х.Д, Наҷмиддинова М.Я.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳлили маҷмуии дипломатияи гуманитарӣ дар қаринаи мушкилот ва таҳдидоти имруза фаҳмиши амиқ ва мушаххаси омилҳоеро тақозо дорад, ки самаранокии онро маҳдуд месозанд. Пешниҳоди чунин фаҳмиш дар рафти омузиши сарчашмаи зуҳур ва таҳаввули ташаббусҳои гуманитарӣ дар саҳнаи байналхалқӣ ва мақсаднокии онҳо имконпазир аст. Ҳамзамон, мушаххассозии меъёрҳое муҳим аст, ки тавассути онҳо дипломатияи гуманитарӣ аз маҷрои умумии назария ва амалияи робитаҳои дипломатӣ берун оварда мешавад. Ошкорсозии меъёрҳои мазкур инчунин дар рафти тадқиқоти таърихӣ имконпазир аст. Баррасии таърихии ташаккули абъоди гуманитарӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатия имкон медиҳад, ки оиди функсияҳо, шаклҳо ва миқёсҳои дипломатияи гуманитарӣ ва ҳамчунин авомиле, ки ба пешрафти он таъсиргузор будаанд, тасаввуроти комил пайдо шавад.

Гуфтанист, ки мафҳуми «дипломатияи гуманитарӣ» (‘humanitarian diplomacy’) дар адабиёти англисизабон реша давонда, дар аксари тадқиқотҳо ба ҳамин маънӣ истифода мешавад. Аммо аксари навиштаҳо маъмулан ба ҷанбаҳои алоҳидаи дипломатияи гуманитарӣ бахшида шудаанд, аз қабили мушкилоти таъмини дастёбии гуманитарӣ ба минтақаҳои низоъҳои мусаллаҳона ё дигар шароити фавқулода ва аҳамияти раванди гуфтушунидҳо барои рафъи онҳо. Дар ин навиштаҳо дипломатияи гуманитарӣ ҳамчун фаъолият баҳри ҳифз, кумак ва ҷустуҷӯи қарорҳо барои гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз қабили гурезаҳо, муҳоҷирони дохилӣ, ашхоси бешаҳрвандӣ тавсия мешавад. Дипломатияи гуманитарии дар ин маъно фаҳмидашаванда ба усули мустақилият, бетарафӣ, ғайриҳизбӣ такя карда, ба раванди музокирот бозингарони гуногун: кишварҳо, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шахрвандӣ, ҷамъиятҳои соҳибкорӣ ва монанди инҳоро шомил медонанд. Дар интишороти ба дипломатияи гуманитарии кишварҳои алоҳида бахшидашуда ташаббусҳои байналхалқии давлатҳо таҳлил шудаанд. Ҳамзамон, навиштаҳое низ ба назар мерасанд, ки дар он масъалаи тобеъ кардани дипломатияи гуманитарӣ ба манфиатҳои сиёсии хориҷии давлатҳо баррасӣ мешаванд.

Нишонаҳои шаклгирии дипломатияи гуманитариро мо дар замони гузариш ба ҷомеаи сармоядорӣ, пешрафти босуръати саноатишавии Ғарб, нуфузи низоми истеъмории Ғарб ва ба доми он кашида шудани ҷузъҳои боқимондаи ҷаҳон мебинем. Ҷомеаи сармоядорӣ, гузашта аз ҳама, ҳусну қубҳаш ҷомеаест, ки ба қавли аллома Муҳаммад Иқбол «роздони ҷузъу кулл аз дард номаҳрам шудаст, Одам аз сармоядорӣ қотили одам шудаст» [5,с.129].

Ба назари Л.А Закс, «дипломатияи гуманитарӣ мудохилаи ғайрисиёсии созмонҳо, давлатҳо ва ашхоси алоҳида барои воқеияти умум, ҳамдигарфаҳмӣ ва розигии одамоне, ки ба гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ мансубият доранд, мебошад. Аммо дар таҷрибаи таърихӣ ҳолатҳоеро метавон мушоҳида кард, ки дипломатияи гуманитарӣ хусусияти сиёсӣ касб кардааст» [2,с.39-43]. Масалан, фаъолияти дипломати шведӣ Раул Валенберг барои наҷоти

яҳудиёни Венгрия аз миллатгароён мисол шуда метавонад. Ба ақидаи муҳаққиқи дигар О.Ф Русакова, «дипломатияи гуманитарӣ шакли синтетикии қувваи нарм маҳсуб гардида, унсурҳои мухталифи онро фарогир мебошад» [7,с.91-97].

Дар давраи аввали зуҳур ва ташаккули худ таваҷҷуҳи дипломатияи гуманитарӣ ба масъалаҳои коҳиш додани сатҳи зӯроварии ҳарбӣ ва бераҳмӣ ҳангоми амалиётҳои низомӣ равона шуда буд. Дар ин замина меъёрҳои ҳуқуқие таҳия шуданд, ки бояд қоидаҳои пешбурди ҷангро танзим мекарданд. Дар Женева соли 1864 намояндагони бисту панҷ давлат Эъломияро оиди беҳтар гардонидани шароити сарбозону афсарони маҷрӯҳ ба имзо расониданд. Пас аз он, бо пешниҳоди Русия ду вохӯрии дигар - соли 1868 дар Брюссел ва соли 1874 дар Санкт-Петербург баргузор карда шуданд, ки дар онҳо имконияти таҳияи қоидаҳои муассири пешбурди ҷанг муҳокима карда шуданд. Дар соли 1868 дар Петербург Эъломия оиди манъи истифодаи гулулаҳо ва тирҳои тарканда ба имзо расид. Қарорҳои ин маҷмааҳо ҷузъи таркибии ҳуқуқи байналмилалӣ гардиданд.

Ба густариши дипломатияи гуманитарӣ мурочиати Шӯрои федералии Швейтсария, Ҳукумати Нидерланд ва императори рус Николайи II ҷиҳати гузаронидани як силсила конфронсҳои байналхалқӣ баҳри таҳияи эъломияҳое, ки зӯроварии ҳарбиро маҳдуд карда, қурбониёни муноқишаҳои мусаллаҳона – маҷруҳон, асирони ҷанг, бавижа аҳолии осоиштаро ҳифз мекарданд, мусоидат намуд. Баъд аз ин як силсила конфронсҳо баргузор гардиданд, ки ба масъалаҳои марбут ба амалиётҳои ҷангӣ ва оқибатҳои онҳо бахшида шуда буданд. Аммо, бо гузашти вақт маълум шуд, ки эъломияҳои қабулшуда барои ҳифзи қурбониёни муноқишаҳои мусаллаҳонае, ки хислати байнидавлатӣ надоранд, кофӣ нестанд.

Масъалаҳои дигари дипломатияи гуманитарӣ дар ибтидо ба ҳайси масоили дуввумдараҷаи маҷмааҳои байналмилалӣ баромад кардаанд. Масалан, конгресси Вена (1815) дар санади ниҳоии худ уҳдадориҳои кишварҳои иштирокчиро ҷиҳати мубориза алайҳи ғуломфурушӣ пешбинӣ мекард. Кишварҳои ҳозир даъват карданд, ки ғуломфурӯшӣ куллан барҳам дода шавад [3,с.272]. Дар конфронси Лондон (1841) қароре ба тасвиб расид, ки тибқи он киштиҳои Англия, Фаронса, Русия, Австрия ва Пруссия вазифадор буданд, ки киштиҳои шубҳаноки роҳзанҳои баҳриро бо ғуломони зангӣ ба бандарҳои дахлдор роҳбаладӣ намуда, ба маҳкамаҳои маҳаллӣ супоранд. Ҳамин тариқ, ғуломфурӯшӣ дар баробари роҳзанӣ ҷинояти байналмилалӣ эътироф шуда, дар мубориза бар зидди он давлатҳо сарфи назар аз мансубияти худи ҷинояткорон ва парчами киштӣ бояд иштирок менамуданд. Конфронси Брюссел (с 1890) иттиҳоди байнидавлатиро бо номи – Дафтари баҳрии байналмилалӣ бо марказаш дар шаҳри Занзибар ва Дафтари махсусро дар назди вазорати корҳои хориҷии Белгия таъсис дода буд [3,с.272].

Метавон гуфт, ки иқдомоти мазкур боиси тавсеаи дипломатияи гуманитарии чандҷабҳа гардид. Дар рафти конфронси сулҳи Париж дар соли 1919, ки ба хотири ҷамъбасти натиҷаҳои Ҷанги ҷаҳонии аввал даъват шуда буд, оиди манъи пурраи на танҳо ғуломфурӯшӣ, балки ниҳодҳои ғуломфурушӣ уҳдадорӣ қабул карданд. Баъдан конфронси Женева ҳам, ки таҳти сарпарастии Ҷомеаи Милал ҷамъ омада буд, аз 25 сентябри соли 1926 бо эъломияи махсус уҳдадории ҷомеаи ҷаҳониро оиди барҳам додан ва пешгирӣ кардани ҳама гуна шаклҳои ғуломӣ тайид намуд [6].

Бо гузашти айём масоили гуманитарӣ мавзуи омӯзиши конфронсҳои махсус гардид, ки ҳадафи онҳо таҳияи эъломияҳо ҷиҳати беҳтар кардани шароити зисти инсон буд. Ин конфронсҳо хислати байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ доштанд.

Рӯйдодҳои қарни бистум, бахусус Ҷанги дуюми ҷаҳон, инсони одиро ба бозингари аслии фоҷиаи инсоният табдил доданд. Шахс барандаи воқеии ҳуқуқҳои табиӣ эътироф карда шуд, ки аксар вақт аз ҷониби давлатҳо ба инобат гирифта намешуд. Дипломатияи гуманитарӣ волоияти ҳуқуқи инсонро эълом карда, аз чаҳорчӯбаи анъанавии субъекти ҳуқуқии мутлақ будани давлат берун баромад. Ин амр аз ниҳодҳои дипломатӣ талаб мекард, ки масъулияти бузурги бунёди созмонҳои байналхалқиро, ки қодиранд ифодагари иродаи умум ҷиҳати назорат аз риояи ҳуқуқҳои аслии инсон бошанд, ба души худ гиранд [4,с.217].

Дар ибтидо дипломатияи бисёрҷонибаи гуманитарӣ консепсияи ҳуқуқи инсонро эълон намуда, сипас ба танзими фаъолонаи вазъи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон даст зада, ба ҳамин наҳв аз чавкоти анъанавии субъекти истисноӣ будани давлат берун баромад. Дар пешгуфтор ва моддаҳои сершумори Оинномаи СММ муқаррарот оиди ҳуқуқи инсон ҷой ёфта, ҳамчунин яке аз ҳадафҳои афзалиятдори созмон эълон шудааст. Дар ин қарина Маҷмааи умумии СММ 10 декабри соли 1948 Эъломияи ҳуқуқи башарро қабул карда буд [1]. Аз он ба баъд «Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии занон

(20 декабри соли 1952)» [8], «Эъломияи ҳуқуқи кӯдакон» (20 ноябри соли 1989), « Эъломия оиди барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табйизи занон» (CEDAW) (18 декабри соли 1979) ба тасвиб расиданд.

Яке аз чорабиниҳои муҳим дар ин самт Конфронси умумиҷаҳонии мубориза бар зидди нажодпарастӣ, табъизи нажодӣ, бегонабадбинӣ ва таҳаммулнопазирӣ буд, ки дар рафти он давлатҳои узви Созмони Милали Муттаҳид тавонистанд барномаи дарозмуддати амалро, ки ба устуворшавии ормонҳои баробарҳуқуқии миллӣ, қавмӣ, фарҳангӣ ва забонӣ равона шудаанд, таҳия намоянд.

Дар соли 1950 Шӯрои Аврупо Эъломияи аврупоии ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои аслии инсонро қабул кард. Барои татбиқи муқарраароти ин эъломия ду идора- Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон ва Суд оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шуданд. Вазифаҳои ин мақомот - ҳалли баҳсҳое, ки байни давлатҳо дар мавриди истифодаи муқарраароти ин конвенсия пеш меоянд, инчунин баррасии шикоятҳои шаҳрвандон аз амали давлатҳои хеш эълон шуда буданд. Дар соли 1961 дар чаҳорчӯбаи Шӯрои Аврупо Маншури иҷтимоии Аврупо таҳия ва қабул карда шуд.Соли 1966 Маҷмааи умумии СММ қатънома ва ду паймонро оид ба ҳуқуқи инсон ба тасвиб расонд. Ҳуҷҷати аввал ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, дуюм ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дахл дошт. Дар асоси Протоколи факултативӣ барои ҳалли мушкилоти пешомада дар СММ Кумита оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд.

Масъалаҳои гуманитарӣ дар маркази диққати Конфронси Хелсинки оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо низ қарор дошта ва дар Санади ниҳоӣ сабт шудаанд. Эҷоди ниҳодҳои салоҳиятдор, ки ба ҳалли масъалаҳои дипломатияи чандҷонибаи гуманитарӣ машғул буданд, дар солҳои баъдина ҳам идома ёфт. Дар соли 1993 дар назди СММ Дафтари Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон (UNCHR) таъсис дода шуд. Ин дафтар низоми номниҳоди «Huricane» (таҳлили компютерии вазъи ҳуқуқи инсон)- ро таҳия кард. Сухан аз пойгоҳи маълумотҳо меравад, ки вазъи ҳуқуқи инсонро инъикос намуда, дорои феҳристи эъломияҳои мавзӯӣ, маводҳои хуҷҷатии нозирон, ҳисоботҳо оиди фаъолияти ҳаррӯзаи дафтар, мукотибот, маводи васоити ахбори омма, иттилооти вазъи кор дар кишвари муайян мебошад. Дафтар ба нашри иттилоот дар бораи поймолкунии ҳуқуқи инсон маҳдуд гашта, дар ин ҳол ба айбдоркуниҳо ва фишорҳо даст намезанад [3,с.275].

Гуфтанист, ки дар соли 2006 бо қарори Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид ба ҷойи Комиссия оид ба ҳуқуқи инсон Шӯрои ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд.

Ҳамзамон, дипломатияи гуманитарӣ танҳо ба ҳифзи одамони алоҳида маҳдуд нашуда, амали худро ҷиҳати ҳифзи гурӯҳҳои гуногуни ниёзманд ба кумак густариш додааст. Намунаи равшани он муқарраарот оиди ҳимояи ақаллиятҳои миллӣ ва мазҳабӣ мебошад. Эъломияи СММ аз соли 1948 барои пешгирии генотсид, ки ҳамчун ҷинояти байналхалқӣ маҳкум шудааст, равона шуда ва маҷмӯи чораҳоро барои ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон дар назар дорад. Генотсид ҳамчун амале муайян шудааст, ки барои қатли пурра ё ҷузъии гурӯҳҳои миллӣ, қавмӣ, нажодӣ ва динӣ равона шудааст.

Дар ин робита ба қазияи гурезаҳо ҳам таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Ҳанӯз дар соли 1933 бо ҳидояти Ҷомеаи Милал шаҳодатномаи шахсии байналхалқӣ- шиносномаи Нансен таҳия карда шуда буд, ки асосан барои гурезаҳои сиёсии Русияи шӯравӣ муқаррар карда мешуд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон дар чаҳорчӯбаи СММ Созмони байналхалқӣ оид ба масъалаҳои гурезагон ва ҳамзамон ниҳоди Комиссариати олии СММ оид ба масъалаи гурезаҳо таъсис дода шуданд.

Конфронси Женева дар соли 1951 Эъломияро оид ба мақоми гурезагон қабул кард, ки аз муқаррарот оиди уҳдадориҳои давлатҳои ба Эъломия имзо карда, ҷиҳати даст назадан ба табйиз ва эътирофи ҳаққи гурезаҳо ба ҳимояи ҳуқуқӣ иборат буд. Эъломия баровардани гурезаҳоро ба истисноӣ мавридҳои алоқаманд бо тақозои тартиботи ҷамъиятӣ ва амниятӣ манъ карда, инчунин эҷоди шароити мусоид барои мутобиқшавӣ ва амсоли инҳоро пешбинӣ мекард. Соли 1967 дар ҷаласаи Маҷмааи умумии СММ Эъломия оиди паноҳгоҳҳои ҳудудӣ қабул карда шуд, ки имконияти ҳуқуқии пешниҳоди паноҳгоҳро ба онҳое, ки дар шароити дар моддаи 14 Эъломияи ҳуқуқи инсон муқарраршуда қарор доранд, дар назар дошт. Конфронси Женева дар соли 1967, ки ба масъалаи паноҳгоҳҳо бахшида шуда буд, ба ихтилофоти гуногуни идеологӣ рӯ ба рӯ шуд, ки дар чаҳорчӯбаи рӯёрӯии глобалӣ маъмул буд.

Гуфтанист, ки дипломатияи гуманитарӣ на танҳо барои ҳифзи шахс ҳамчун фард ё узви гурӯҳи муайяни гирифтори таҳдиди физикӣ ё ахлоқӣ шуда, балки ҳамчун ҷузъи таркибии ҷомеа равона шудааст. Ба ҳамин наҳв омилҳои гуманитарӣ бештар хислати иҷтимоӣ касб карда, масъалаи ҳифзи меҳнат ва таъмини иҷтимоӣ мавриди таваҷҷӯҳи хос қарор гирифтаанд. Ёдовар мешавем, ки ҳанӯз дар соли 1906 конфронси дипломатӣ дар

Берн эъломияеро оиди роҳ надодан ба истифодаи меҳнати занон дар бастҳои шабона қабул карда буд. Дар ҳамин маҷро баъди Ҷанги аввали ҷаҳон Дафтари байналхалқии кор (Созмони байналхалқии кори имрӯза) арзи вуҷуд кард. Дар чаҳорчӯбаи созмони мазкур як силсила эъломияҳое ба тасвиб расидаанд, ки ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқи меҳнаткашон дахл доштанд [3,с.275].

То оғози Ҷанги дувуми ҷаҳон эъломияҳое қабул шуданд, ки истифодаи меҳнати кӯдаконро дар саноат, флоти тиҷоратӣ ва кишоварзӣ манъ карда буданд. Бавижа эъломияҳо оид ба танзими меҳнати занон, ҷорӣ намудани рӯзи кори ҳаштсоата, ҳафтаи кори шашруза, устувор кардани баробарҳуқуқии коргарони хориҷӣ ва ҷуброни касалиҳои касбӣ, инчунин таъмини суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҷониби ҷомеаи меҳнаткашон дастгирии васеъ ёфта буданд. Баъд аз Ҷанги дувуми ҷаҳон Созмони байналхалқии кор эъломияро оиди озодиҳо ва ҳимояи ҳуқуқи иттифоқҳои касаба, ухдадориҳои давлат ҷиҳати мусоидат ба шуғли пурраи аҳолӣ қабул карда буд. Ба ҳамин наҳв, омили гуманитарӣ бо дастёбӣ ба миқёси иҷтимоӣ дар чаҳорчӯбаи дипломатияи чандҷониба созмонҳои байналхалқиро ба баррасии масоили экологӣ ва ҳифзи муҳити зист овард. Сухан аслан аз бобати ҳифзи муҳити зисти инсон мерафт.

Дар ҷаҳони баъд аз ҷанги сард афзоиши теъдоди мудохилаҳои гуманитарӣ (humanitarian interventions), ки аксаран иштироки фаъоли сохторҳои қудратӣ (на сиёсиву дипломатӣ) – ро дар назар доранд, ба назар мерасад. Дар чаҳорчӯбаи ин гуна «дахолатҳо» амалиётҳои низомӣ ва нимнизомӣ барои аз ҳам ҷудо кардан ва халъи силоҳ кардани тарафҳои даргир, амалиётҳои назоратӣ аз болои оташбас ва вазъи минтақаҳои буферии марзӣ, ки гурӯҳҳои мусаллаҳро ҷудо мекунанд, гузаронида шуда, амалӣ кардани функсияҳои полисӣ дар давраи баъдинизоӣ дар назар дошта мешаванд.

Воқеаҳои солҳои охир нишон доданд, ки ҳалли низоъ танҳо бо роҳи оташбас ва истиқрори неруҳои посдори сулҳ (peacekeeping) дар давраи пешбурди гуфтушунид ва инъиқоди сулҳ ғайриимкон аст. Низоъҳо, бахусус низоъҳои дохилидавлатӣ решаҳои амиқ ва таърихи тӯлонӣ доранд. Эҳёи низоъро метавон дар ҳоле пешгирӣ кард, ки дахолати гуманитарӣ ҳамроҳ бо барномаҳои дарозмуддате гузаронида шавад, ки ба хотири решакан кардани сабабҳои низоъ, яъне мубориза бар зидди табъиз, сиёсати нодурусти иҷтимоиву иқтисодӣ, ришвахӯрӣ, зӯроварӣ ва поймол шудани ҳуқуқи инсон равона шудаанд.

Барномаҳои дарозмуддат барои рафъи сабабҳои низоъ дар паёми Дабири кулли СММ Бутрос Ғоли аз моҳи июни соли 1992 «бунёди сулҳ» (peacebuilding) ном гирифтанд. Эҷоди сулҳ амалҳоро на танҳо дар соҳаҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ, балки иҷтимоиву иқтисодӣ низ дар назар доранд. Маҳз СММ бо дороии имконоти ташхиси гуногунҷониба ва салоҳиятнок, метавонад он маҷмааe гардад, ки бо пайгирӣ аз ҳадафҳои рушд, кӯмаки гуманитарӣ, риояи ҳуқуқи инсон ва мардумсолорӣ чораҳое андешад, ки ба пешгирии низоъ мусоидат кунанд.

Иттиҳоди Аврупо ҳам ният дорад, ки амалҳои сулҳофарии хислати маҷбурӣ доштаро амалӣ кунад. Дахолати САҲА танҳо бо розигии ҷонибҳои даргир сурат мегирад. Дар ин маврид нақши муҳимро бояд иштироки воқеии САҲА дар минтақаҳое, ки вазъи ҳуқуқи инсон ва равандҳои демократӣ ғайриқаноатбахшанд, бозӣ кунад.

Дар ин ҳол масъалаи таҳаққуқи ҳуқуқиву байналхалқии дахолат ба умури дохилии давлатҳо мушкилоти зиёде ба бор меорад. Баъзе аз ҳуқуқшиносон мегӯянд, ки назми муосири байналмилалӣ ба усули соҳибихтиёрии давлатҳо ва дахолат накардан ба корҳои дохилии онҳо асос ёфтааст. Дигарон баръакс, чунин мепиндоранд, ки дар ҷаҳони муосир вобастагии ҳамдигарӣ ба андозае афзудааст, ки соҳибихтиёрӣ ногузир табдил ёфта, ҳифзи ҳуқуқи инсон ба мақоми аввал баромадааст.

Ҳамин буд, ки дар соли 2000 Комиссия оид ба масъалаҳои дахолат ва соҳибихтиёрии давлатӣ таъсис ёфт ва ба он намояндагони кишварҳои узви СММ дохил шуданд. Комиссия консепсияи «масъулияти ҳифз намудан»- (responsibility to protect)-ро пешниҳод карда буд. Муқаррароти ин консепсия ба санади ниҳоии саммити ҷаҳонии соли 2005, ки ба муносибати 60-солагии Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардида буд, дохил карда шудааст. Аз ҷумла, тибқи усули эълоншуда соҳибихтиёрии давлат на чун ҳуқуқ, балки масъулият арзёбӣ мешуд. Ба ибораи дигар, «ҳар як давлат уҳдадор аст, ки аҳолии худро аз қатли ом, ҷиноятҳои низомӣ, тасфияҳои (тозакуниҳои) қавмӣ ва ҷиноятҳои зидди инсоният муҳофизат намояд». Дар мавриди зарурӣ, агар роҳҳои осоишта кифоягӣ накунанд ва мақомоти ҳокимияти миллӣ қодир ба ҳифзи ҷони мардуми хеш набошанд, ҷомеаи ҷаҳонӣ тавассути СММ ва дар ҳамкорӣ бо созмонҳои минтақавӣ уҳдадор аст, ки ба ин амалҳо мутобиқи фасли 6 ва 8-и Оинномаи худ ҷавоб гӯяд.

Баҳсу мунозираҳои дар Маҷмааи умумӣ идомадошта далели онанд, ки давлатҳои узв ҳоло дар мавриди фарогирии консепсияи «масъулият барои муҳофизат» ва роҳҳои татбиқи он ба созиш нарасидаанд. Масъалаи мазкур муҳокимаҳои иловагиро бо фарогирии такмили механизми дипломатияи пешгирикунанда (preventive diplomacy), ки методи аввалиндараҷа ва афзалиятноки танзим аст, талаб дорад.

## АДАБИЁТ


1. Всеобщая декларация прав человека. [Электроный ресурс] http:/ /www. un. org/ ru/ documents/decl_conv/declarations/declhr.shtml (Дата обращения 12-02-2019).
2. Закс Л.А. Ценностно-мировоззренческие основания гуманитарной дипломатии / Л.А.Закс // Гуманитарная дипломатия: личность, социум, мир, права человека // Сборник трудов конференции. –2015. --С. 39–43
3. Зонова Т.В. Дипломатия. Модели, формы, методы. Учебное пособие для вузов / Т.В. Зонова. 2-изд. исправленное. – М.: Изд-во «Аспект-пресс». 2017.– 285с.
4. Зонова Т. Дипломатия как инструмент культуры мира и толерантности. Монография / Т.Зонова, А. Шестопал // Культура толерантности: опыт дипломатии для решения современных управленческих проблем. - М., 2004. – 227с.
5. Муҳаммад Иқбол. Пайғоми Шарқ. – Душанбе: Адиб. – 1987. – 320 с.
6. Права человека. Сборник международных договоров. Том I (часть вторая). Универсальные договоры. Организация Объединенных Наций; Нью-Йорк и Женева, 2002 год. [Электроный ресурс] http:// www. tamognia. ru/doc _base/ document. php?a =ar&b =diopnst&id=1556261&j=f (дата обращения 18-02-2019).
7. Русакова О.Ф. Дискурс soft power в гуманитарной дипломатии: инструментально-измерительный анализ / О.Ф Русакова //Гуманитарные науки (Г. Ялта). 2015. -№ 2 (30). -С. 91-97.
8. Шестаков Л.Н.. Права человека. Сборник международных документов. 1986. [Электроный ресурс] http://lib.sale/prava-cheloveka-pravo/konventsiya-politicheskih-pravah-69063.html(Дата обращения 16-01-2019)


## ДИПЛОМАТИЯИ ГУМАНИТАРӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ГЛОБАЛИИ ИМРӮЗА

### (бардошти таърихӣ-муқоисавӣ)


Мақолаи мазкур ба омӯзиш ва таҳлили мазмуну мундариҷа ва вижагиҳои дипломатияи гуманитарӣ дар равобити байналмилалии муосир бахшида шудааст. Таҳлили маҷмӯии дипломатияи гуманитарӣ дар қаринаи мушкилот ва таҳдидоти имрӯза фаҳмиши амиқ ва мушаххаси омилҳоеро тақозо дорад, ки самаранокии онро маҳдуд месозанд. Пешниҳоди чунин фаҳмиш дар рафти омӯзиши сарчашмаи зуҳур ва таҳаввули ташаббусҳои гуманитарӣ дар саҳнаи байналхалқӣ ва мақсаднокии онҳо имконпазир аст. Ҳамзамон, мушаххассозии меъёрҳое муҳим аст, ки тавассути онҳо дипломатияи гуманитарӣ аз маҷрои умумии назария ва амалияи робитаҳои дипломатӣ берун оварда мешавад. Ошкорсозии меъёрҳои мазкур инчунин дар рафти тадқиқоти таърихӣ имконпазир аст. Баррасии таърихии ташаккули абъоди гуманитарӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатия имкон медиҳад, ки оиди функсияҳо, шаклҳо ва миқёсҳои дипломатияи гуманитарӣ ва ҳамчунин авомиле, ки ба пешрафти он таъсиргузор будаанд, тасаввуроти комил пайдо шавад. Дар интишороти ба дипломатияи гуманитарии кишварҳои алоҳида бахшидашуда ташаббусҳои байналхалқии давлатҳо таҳлил шудаанд. Ҳамзамон, навиштаҳое низ ба назар мерасанд, ки дар он масъалаи тобеъ кардани дипломатия гуманитарӣ ба манфиатҳои сиёсии хориҷии давлатҳо баррасӣ мешаванд.



**Калидвожаҳо:** дипломатияи гуманитарӣ, ҷомеаи сармоядорӣ, низоми истеъморӣ, зуроварии ҳарбӣ, ғуломфурушӣ.


## ГУМАНИТАРНАЯ ДИПЛОМАТИЯ И ЕЁ РОЛЬ В РЕШЕНИИ СОВРЕМЕННЫХ ГЛОБАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ

### (историко-сравнительный подход)


Данная статья посвящена одной из важных проблем теории и практики современных международных отношений. Комплексный анализ гуманитарной дипломатии в контексте сегодняшних проблем, угроз и вызовов требует от исследователей конкретного и глубокого выяснения факторов, ограничивающих эффективность действия гуманитарной дипломатии. И такое осознание возможно в ходе изучения источников появления и эволюции гуманитарных инициатив на международное арене и целесообразность таких начинаний. Вместе с тем, важна конкретизация критериев, посредством которых гуманитарная дипломатия выводится из общей теории и практики дипломатических отношений. Выделение таких критериев возможно также в ходе исторического исследования. Исторический анализ гуманитарных начал во внешней политике и дипломатии позволяет получить полное представление о функциях, формах и масштабах гуманитарной дипломатии, а также факторах, способствовавших её развитию. Понимаемая в таком ракурсе гуманитарная дипломатия опирается на принцип независимости, нейтралитета, беспартийности и включает в переговорный процесс различных игроков: государства, неправительственные организации, институты гражданского общества, общества предпринимателей и т.п. в некоторых публикациях, посвященных гуманитарной дипломатии отдельных государств, анализируются международные инициативы этих государств. Вместе с тем встречаются и работы, в которых анализируется вопрос подчинения гуманитарной дипломатии внешнеполитическим интересам государств.



**Ключевые слова:** гуманитарная дипломатия, капиталистическое общество, колониальная система, гуманитарная интервенция, военное насилие, работорговля.


## HUMANITARIAN DIPLOMACY AND ITS ROLE IN SOLVING MODERN GLOBAL PROBLEMS

### (historical and comparative approach)


The following article is devoted to one of the important topics of the theory and practice of modern international relations. The article contains comprehensive analysis of humanitarian diplomacy in the context of today's problems, threats, challenges and requires researchers to concretely and deeply identify the factors that limit the effectiveness of

humanitarian diplomacy. It should be noted that such awareness is possible in the course of studying the sources of the emergence and evolution of humanitarian initiatives in the international arena and the expediency of such undertakings. At the same time, it is important to specify the criteria by which humanitarian diplomacy is derived from the general wave of theory and practice of diplomatic relations. The selection of such criteria is also possible in the course of historical research. The historical analysis of humanitarian principles in foreign policy and diplomacy provides a complete picture of the functions, forms and scales of humanitarian diplomacy, as well as the factors contributing to its development. It is well known that the notion of humanitarian diplomacy ('humanitarian diplomacy') first appeared in the English literature and later it is used in its original purpose. Realizing this perspective, humanitarian diplomacy is based on the principle of independence, neutrality, non-partisanship and includes various players in the negotiation process: states, non-governmental organizations, civil society institutions, business societies, etc. In some publications which are devoted to humanitarian diplomacy of individual states, international initiatives of these states are analyzed. At the same time, there are also works in which the issue of the subordination of humanitarian diplomacy to the foreign policy interests of states is analyzed.

**Key words:** state souvereignty, humanitarian diplomacy, capitalist society, colonial system, humanitarian intervention, military violence, slave trade.

**Сведения об авторах:** ***Самиев Холахмад Давлатович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-79-90-91**. E-mail: **samiev.kholakhmad@mail.ru**
***Наджмиддиновна Манзура Яхёевна*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры зарубежного регионоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-57-57-70.** E-mail: **Yahyoeva.Manzura@list.ru**

**Information about the authors:** ***Samiyev Kholakhmad Davlatovich*** Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Department of International Relations, Faculty of International Relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-79-90-91**. E-mail: **samiev.kholakhmad@mail.ru**
***Nadzhmiddinovna Manzura Yakhoevna*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Foreign Regional Studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **988-57-57-70**. E-mail: **Yahyoeva.Manzura@list.ru**

**УДК: 327(575+44)**

# УСТАНОВЛЕНИЕ ПОЛИТИКО-ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ МЕЖДУ СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И ФРАНЦИЕЙ

***Ашуров А. М.***
**Институт изучения проблем стран Азии и Европы АН РТ**

После распада СССР Франция оказалась одной из первых стран Западной Европы, которая признала независимость постсоветских стран Центральной Азии.

С конца 1990-х гг. в центральнозиатском регионе заметно росла активность международных институтов европейской безопасности: сначала ОБСЕ, а после 11 сентября 2001 г. - Североатлантического альянса и Евросоюза (ЕС). Многосторонняя компонента европейской дипломатии дополнила автономный внешнеполитический курс ведущих европейских государств, прежде всего, Германии, Великобритании и Франции, которые обозначили свои интересы в Центральной Азии сразу после распада Советского Союза [12,с.7].

Согласно документу «ЕС и Центральная Азия: стратегия для нового партнерства», рассчитанному на период 2007-2013 гг., цели Евросоюза в регионе состоят в обеспечении стабильности и безопасности его стран, сокращении бедности и повышении жизненного уровня, содействии региональному сотрудничеству как между государствами самой Центральной Азии, так и между этими государствами и ЕС в сфере энергообеспечения, транспорта, высшего образования и защиты окружающей среды [10,с.4].

Франция намерена продолжать диалог и сотрудничество с государствами ЦА во всех областях, включая экономическое и культурное развитие. Она будет продолжать оказывать поддержку своим партнерам в их усилиях по реформированию, модернизации своих институтов, укреплению верховенства права и диверсификации их экономики.

Даты установления дипломатических отношений между странами Центральной Азии и Франции распределяются следующим образом: 3 января 1992 г. с Узбекистаном; 25 января 1992 г. с Казахстаном; 4 февраля 1992 г. с Кыргызстаном; 3 марта 1992 г. с Таджикистаном и 6 марта 1992 г. с Туркменистаном [3,с.81-84].

В марте 1992 г. Таджикистан посетил Государственный секретарь Франции по внешним делам Ален Вивьен [4,с.178]. В ходе визита были обсуждены актуальные вопросы внутренней и внешней политики двух стран, возможные пути развития двусторонних отношений, а также

состоялась церемония подписания Протокола об установлении дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Французской Республикой.

С 1992 г. Президент Н.Назарбаев посетил Францию 11 раз с официальными и рабочими визитами, в том числе в ноябре 2015 г. Руководство Франции также совершило несколько визитов в Казахстан, в частности, Ф.Миттеран - в 1993 г., Н. Саркози - в 2009 г., а действующий Президент Ф.Олланд - в декабре 2014 г [6].

Ф. Миттеран в ходе своего официального визита в Алматы в сентябре 1993 года заявил, что «с точки зрения Западной Европы, Казахстан представляет собой одно из самых стабильных и многообещающих государств бывшего СССР». Такой же позиции придерживается и другой выдающийся французский политик – Ж. Ширак, через некоторое время сменивший Ф. Миттерана на посту президента. Приветствуя Н.А. Назарбаева в Парижской мэрии в сентябре 1992 года, он сказал, что Франция рассматривает Казахстан как связующее звено между Европой и Азией, как государство, которое должно играть роль гаранта стабильности в регионе [9,с.76].

В июне 1995 г. в Париже состоялась встреча Н.А. Назарбаева с новым президентом Франции Жаком Шираком. Главы государств дали положительную оценку состоянию казахстанско-французских отношений, выразили убежденность в необходимости поддержания на высоком уровне как политического диалога, так и экономического сотрудничества [5,с.188]. С первых лет сотрудничества казахстанско-французский политический диалог развивался достаточно динамично. В политическом плане страны Центральной Азии и Франция достигли высокого уровня взаимопонимания, общих или схожих позиций и оценок по наиболее актуальным проблемам современного мира. Например, Франция предоставила гарантии безопасности Казахстану, считая его гарантом стабильности в регионе и своего рода мостом между Европой и Азией.

Что касается Таджикистана, то в начале 2000-х годов его контакты с Францией развивались весьма интенсивно. В республике побывали министр по делам сотрудничества Чарльз Жослен (февраль 1999 г.), министр обороны Ален Ришар (январь 2002 г.), министр иностранных дел Доминик де Вильпен (сентябрь 2002 г.), министр обороны Мишель Аллио-Мари (декабрь 2003 г.), министр внешней торговли Франсуа Лоос (май 2004 г.) [11,с.65].

Следует отметить, что аналогично позитивно развиваются двусторонние контакты между Казахстаном и Францией. Республику посетили: Президент Франции Ф. Миттеран, государственный секретарь по иностранным делам Р. Музелье (2002 г.), спикер Сената К. Понселе (февраль 2003 г.), министр внешней торговли Ф. Лоос (май 2003 г.), министр обороны М. Аллиот-Мари (июль 2003 г.), министр промышленности и торговли П. Деведжян (ноябрь 2004 г.), председатель Конституционного совета П. Мазо (август 2005 г.), председатель Сената Франции К. Понселе (май 2006 г.), премьер-министр Франции министр Ф. Фийон (февраль 2008 г., декабрь 2010 г.), президент Франции Н. Саркози (октябрь 2009 г.), президент Ф. Олланд (декабрь 2014 г.)) [8,с.39-42].

В свою очередь, в рамках официальных и рабочих визитов во Францию выезжали Президент Н.А. Назарбаев (июнь 2003 г.), государственный секретарь-министр иностранных дел К. Токаев (июнь 2002 г.), государственный секретарь И. Тасмагамбетов (октябрь 2003 г.), министр экономики и бюджетного планирования К. Келимбетов (март 2004 г.), председатель Сената Республики Казахстан Н. А. Абыкаев (апрель 2004 г.), министр промышленности, торговли и экономики А. Джаксыбеков (апрель 2004 г.), министр внутренних дел З. Турисбеков (июнь 2004 г.), министр образования Б. Айтимова (апрель 2005 г.), председатель Сената О.Н. Абыкаев (май 2006 г.), Президент Н.А. Назарбаев (июнь 2008 г., 2010 г., 2012 г., 2015 г.) [6].

Франция является одним из важных европейских партнеров Узбекистана, что подтверждается государственными и официальными визитами президента Республики Узбекистан И.Каримова во Францию (1993 и 1996 гг.), Президента Французской Республики Ф. Миттерана в Узбекистан (1994 г.), встречами Ж. Шираком в июне 1996 г. в рамках саммита глав государств ЕС во Флоренции и в ноябре 2002 г. на саммите стран-членов НАТО / СЕАП в Праге [7].

Со своей стороны Франция заинтересована в развитии отношений с каждой страной Центральной Азии.

Что касается Узбекистана, то Франция является одним из важных европейских партнёров этой страны. С июня 1992 г. в Ташкенте функционирует Посольство Франции. С марта 1995 г. в Париже осуществляет деятельность Посольство Узбекистана [7].

Начало политического диалога между лидерами Узбекистана и Франции было положено в ходе государственного визита первого Президента Республики Узбекистан И.Каримова во

Францию в октябре 1993 г. Президент Французской Республики Ф. Миттеран тоже совершил ответный визит в Республику Узбекистан в апреле 1994 г. В апреле 1996 г. И.А.Каримов совершил еще один официальный визит во Францию. В рамках этого визита состоялась его встреча с Президентом Ж.Шираком [2, с. 99]. Можно сказать, что в регионе Центральной Азии развитие узбекско-французского сотрудничества идет гораздо быстрее, по сравнению с Таджикистаном и Туркменистаном. В ходе государственного визита Президента Республики Узбекистан И.Каримова во Францию в октябре 1993 г. были подписаны:

- Соглашение между Правительством Республики Узбекистан и Правительством Французской Республики о взаимном поощрении и защите инвестиций (Париж, 27 октября 1993 г.);

- Соглашение между Правительством Республики Узбекистан и Правительством Французской Республики о культурном, научном и техническом сотрудничестве (Париж, 27 октября 1993 г.).

В апреле 1996 г. Президент Республики Узбекистан И.А. Каримов совершил официальный визит во Францию, во время которого была подписана Конвенция об избежании двойного налогообложения доходов и предотвращении уклонения от уплаты налогов на доходы и капитал (22 апреля 1996 г., Париж).В соответствии с Соглашением о партнерстве и сотрудничестве между Республикой Узбекистан и ЕС, во взаимной торговле установлен режим наибольшего благоприятствования.

Чрезвычайный и Полномочный посол Республики Узбекистан во Франции Равшан Усманов вручил верительные грамоты Президенту Французской Республики Франсуа Олланду 26 октября 2012 г. [7].В настоящее время отношения между Узбекистаном и Францией очень динамичные. Ярким примером является то, что президент Французской Республики Ф. Олланд в своем поздравительном послании Ш.М. Мирзиёеву по случаю избрания его Президентом Республики Узбекистан на выборах 4 декабря 2016 г. пожелал ему успехов в проведении дальнейших реформ в стране и выразил надежду, что узбекско-французские отношения станут еще более динамичными. Ф. Олланд подтвердил стремление к реализации инициатив, направленных на поддержание стабильности в регионе, а также на дальнейшее экономическое, социальное и гуманитарное развитие [7].

Следует отметить, что в 2017 г. министры иностранных дел Узбекистана и Франции Абдулазиз Камилов и Жан-Марк Эро подписали в среду программу сотрудничества между внешнеполитическими ведомствами двух стран на 2017-2018 гг. Церемония подписания состоялась в Париже, куда Камилов прибыл в рамках двухдневного визита [7]. В итоге, главы внешнеполитических ведомств обсудили состояние и перспективы развития двусторонних отношений в политической, торгово-экономической, инвестиционной, военно-технической, культурно-гуманитарной и других сферах.

Отмечалось, что регулярные узбекско-французские встречи министров иностранных дел, контакты на других уровнях позволяют поступательно углублять межгосударственное сотрудничество на взаимовыгодной основе, расширять обмены между представителями деловых кругов, научно-образовательными учреждениями, деятелями культуры и искусства.

7 декабря 2017 г. посол Казахстана во Франции Жан Галиев встретился с президентом Парламентской группы дружбы Франция-Казахстан Пьером Кабаре в Национальном собрании Франции [6]. В ходе переговоров стороны обсудили текущее состояние и перспективы межпарламентского сотрудничества между странами, а также определили приоритетные направления сотрудничества в политической, экономической и культурной сферах.

Подписание Соглашения о партнерстве и сотрудничестве между Республикой Таджикистан и Европейским Союзом в 2004 году при поддержке Франции заложило правовой фундамент, определяющий весь спектр двустороннего сотрудничества, и придало новый импульс развитию многоплановых отношений между сторонами. В соглашении принципиальными основами взаимоотношений между Таджикистаном и Евросоюзом, которые одновременно отражаются на двусторонних отношениях с Францией, декларируется уважение демократии, прав человека и верховенство закона, а также содействие устойчивому развитию и взаимосвязи различных актов по оказанию помощи. Основные направления взаимодействия включают в себя развитие политического диалога, сотрудничества и торговли.

В этой связи страны Центральной Азии стали занимать особое место во внешней политике Европейского Союза, в том числе и Франции. В свою очередь, сотрудничество с Европейским Союзом характеризовалось для стран Центральной Азии важным условием интеграции в мировое сообщество, одним из немаловажных аспектов успеха в демократических преобразованиях и переходе к полноценным рыночным отношениям.

Таким образом, взаимоотношения между странами Центральной Азии и Францией развиваются очень динамично и по самым разным направлениям. Отношения между этими государствами находятся на уровне стратегического партнерства. После распада Советского Союза Франция уделяла и уделяет особое внимание региону Центральной Азии, что подтверждается многочисленными визитами в постсоветские республики делегаций Франции политического и дипломатического характера.


**ЛИТЕРАТУРА**

1. Kasimov, A., Vaskin, I. Princi pal Directions of Foreign Policy of Uzbekistan. -Tashkent: O'zbekiston, 1994. - 112 p.
2. Ахметов К.Г. Внешняя политика Узбекистана в условиях глобализации. -Самарканд, 1995. -156 с. С. 99.
3. Далимов Р.Т. ЕС и Центральная Азия: перспективы сотрудничества // Мировая экономика и международные отношения. - 2007. -№11. -С.81–84.
4. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. -Душанбе: Ирфон, 2009. - 277 с. С. 178.
5. Казахстан – Евросоюз: перспективы энергетического взаимодействия. Бюллетень Института стран СНГ. - №187. - (15.03.2008). -С.188.
6. Казахстан-Франция: [Электронный ресурс] // Официальный сайт Министерства иностранных дел Республики Казахстан: URL: mfa.gov.kz/ru/paris/content-view/dvustoronnie-otnosenia.
7. Официальный сайт Посольства Республики Узбекистан во Французской Республике. [Электронный ресурс] // URL: http://ouzbekistan. fr/ru/.
8. Смагулова Г.М., Бахмацкая М. Казахстанско-французское сотрудничество на современном этапе: 90-е годы XX - начало XXI вв.// Вестник КарГУ. - Караганда, 2010. -№ 4(72). -С.39-42.
9. Султанов Б.К., Л.М. Музапарова. Становление внешней политики Казахстана. История. Достижения. Взгляд в будущее. -Алматы, 2005. -250 с. С. 76.
10. Токаев Т.К. Сотрудничество Республики Казахстан с Европейским Союзом. Дипломатическая академия МИД России ул. Остоженка, 53, корп. 2, Москва, Россия, 119992. -С.4.
11. Шарифзода Ф.А. Таджикистан – Франция: узы дружбы и сотрудничества. -Душанбе: «ЭР-граф», 2018. - 260с. С. 51.
12. Юн С.М. Сравнительный анализ политики Германии, Великобритании и Франции в Центральной Азии. – 2011. -2(4(6)). –С.50-64. DOI: 10.18611.


## ТАШАККУЛЁБИИ ҲАМКОРИҲОИ СИЁСӢ-ДИПЛОМАТӢ МИЁНИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ФАРОНСА


Мақола ба омӯзиш ва таҳқиқи барқароршавии равобити сиёсӣ-дипломатӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса пас аз ба даст овардани истиқлолият бахшида шудааст. Ҳамкориҳо дар самти сиёсат ва дипломатия миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса дар чараёни густариши муносиботи дуҷониба ояндадор маънидод карда мешаванд. Фаронса ҳамчун узви Иттиҳоди Аврупо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ роҳандозии ҳамкориҳоро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар самти дипломатия афзалиятнок меҳисобад. Дар мақола қайд гардидааст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ самтҳои сиёсати хориҷиашонро муайян намуда, ҳарчи бештар ҳамкориҳои дуҷонибаро бо аксари давлатҳои хориҷ барқарор намуданд. Дар ин миён, Фаронса яке аз аввалин кишвари аврупоӣ мебошад, ки истиқлолияти кишварҳои Осиёи Марказиро ба расмият пазируфта, бо ин кишварҳо ҳамкориҳои дипломатиро ба роҳ мондааст. Осиёи Марказӣ бо доштани захираҳои бойи табиӣ барои Иттиҳоди Аврупо ва бавижа Фаронса манфиати бештарро эҷод менамояд. Омӯзиши таърихи равобити сиёсӣ-дипломатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса аз соли 1991 то ба инҷониб нишон медиҳад, ки ин раванд чандин марҳилаи инкишофро паси сар намудааст. Дар замони муосир барпо гардидани ҳамкориҳои устувори дуҷониба дар самтҳои зикргардида инкишофи мусбиро касб намуда, ҳамчунин барои ҷонибҳо роҳи пурсамари ҳамкориҳои муфидро, ки дар марҳилаи нав зуҳур меёбанд, боз менамоянд. Ҳамчунин, дар мақола хислати муқоисавии ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Фаронса дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** Осиёи Марказӣ, Фаронса, Иттиҳоди Аврупо, сиёсати хориҷӣ, илм, маориф, манфиатҳо.


## УСТАНОВЛЕНИЕ ПОЛИТИКО-ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ МЕЖДУ СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И ФРАНЦИЕЙ


Статья посвящена изучению и исследованию установления политико-дипломатических взаимоотношений между странами Центральной Азии и Францией после приобретения независимости. Взаимоотношения в этих областях между государствами Центральной Азии и Францией считается весьма перспективным. Франция является одним из двух государств-членов Европейского Союза, которые намерены продолжать свой диалог и сотрудничество с государствами Центральной Азии во всех сферах, в том числе в области дипломатии. В статье отмечено, что страны центральноазиатского региона в той или иной степени участвуют в развитии двусторонних политических и дипломатических отношений с Францией. Франция - одна из первых европейских стран, которая признала независимость государств, входящих в Центральную Азию, и установила с ними дипломатические отношения. Центральная Азии в виду своих углеводородных запасов в Каспийском бассейне представляет большой интерес как для Франции, так и для всего Европейского союза. Именно природные ресурсы делают Центральную Азию более привлекательной и придают ей статус будущего поставщика природных ресурсов в Европу. Изучение истории политико-дипломатических связей центральноазиатских стран и Франции с 1991 по настоящее время показывает, что этот процесс прошел различные стадии в своем развитии. В то же время процесс построения эффективных двухсторонних отношений в этой сфере имеет явно положительную динамику и открывает для сторон, которые в нем участвуют, далеко идущие и выгодные перспективы, что подтверждается многочисленными примерами сотрудничества, имеющими место на сегодняшний день. А также, в статье

рассматривается сравнительный характер изучения политико-дипломатических взаимоотношений между Францией и государствами Центральной Азии на примере республик Таджикистан, Узбекистан и Казахстан.
**Ключевые слова:** Центральная Азия, Франция, Европейский Союз, внешняя политика, дипломатия, политика, интересы.

**ESTABLISHMENT OF POLITICAL AND DIPLOMATIC RELATIONS BETWEEN THE COUNTRIES OF CENTRAL ASIA AND FRANCE**

The article is devoted to the study and research of the establishment of political and diplomatic relations between the countries of Central Asia and France after independence. Relations in these areas between the states of Central Asia and France are considered very promising. France is one of two European Union member states. It intends to continue its dialogue and cooperation with the states of Central Asia in all fields, including in the field of diplomacy. The article notes that the countries of the Central Asian region to some extent participate in the development of bilateral political and diplomatic relations with France. France is one of the first European countries that recognized the independence of the states entering Central Asia and established diplomatic relations with them. Central Asia, in view of its hydrocarbon reserves in the Caspian basin, is of great interest for both France and the entire European Union. It is natural resources that make Central Asia more attractive and gives it the status of a future supplier of natural resources to Europe. A study of the history of political and diplomatic ties between Central Asian countries and France from 1991 to the present shows that this process has gone through various stages in its development. At the same time, the process of building effective bilateral relations in this area has a clearly positive dynamic and opens up far-reaching and profitable prospects for the parties that participate in it, as evidenced by the numerous examples of cooperation that have taken place today.The article also discusses the comparative nature of the study of political and diplomatic relations between France and the states of Central Asia on the example of the Republic of Tajikistan, Uzbekistan and Kazakhstan.
**Key words:** Central Asia, France, European Union, foreign policy, diplomacy, politics, interests.

**Сведения об авторе:** ***Ашуров Ардамехр Муродкулович*** - Институт изучения проблем стран Азии и Европы Академии наук Республики Таджикистан, научный сотрудник. **Адрес**: Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. E-mail: **ardamehr.ashurov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 917-34-02-94**

**Information about the author:** ***Ashurov Ardamehr Murodkulovich*** - Institute of Asian and European studies, the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Research Fellow of the. **Address:** 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 33. E-mail: **ardamehr.ashurov@mail.ru**. Phone: **(+992) 917-34-02-94**

**УДК: 93/94 (09) (510)**

# ТАЪРИХИ ТОҶИКОНИ ЧИН

***Шарифов Ш.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баррасии мавзӯи таърихи тоҷикони Чин ва расму оини онҳо дар замони ҳозира, ки яке аз рукнҳои омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикони ҷаҳон ба шумор меравад, хеле ҳам рӯзмарра буда, дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои нав ворид месозад. Хушбахтона, таърихи тоҷикони Чин нисбат ба таърихи тоҷикони мамолики дигари ҷаҳон хубтар омӯхта шудааст.Доир ба масъалаи омӯзиши таърихи тоҷикони Чин чанде аз олимони тоҷик ва Чин як катор тадқиқотҳо гузаронида, дар ин масъала китобҳо ва мақолаҳои илмӣ навиштаанд, ки аз ҷумлаи онҳо асарҳои Ҳасанбой Шарипов «Тоҷикони бурунмарзӣ» (Хуҷанд, 1996), Яъқуббеки Бадавлат «Тоҷики гумгашта боз ояд…» (Хуҷанд, 2003), Мансур Бобохонов «Таърихи тоҷикони ҷаҳон» (Душанбе, 1999), Ширин Қурбон, Мадалихон «Тоҷикони Чин» (Урумчи, 1994, ба забони уйғурӣ) ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Дар асари Б. Ғафуров «Тоҷикон» маълумотҳои зиёд дар бораи таърихи қадимтарини тоҷикони ин мулк, аз ҷумла суғдиёни Хитой бо хулосаҳои амиқ ва муътамад оварда мешаванд. Дар Чин низ як силсила асарҳо оид ба таърихи тоҷикони ин мулк аз ҷониби муаллифони чинӣ интишор ёфтаанд. Соли 1988 китобе таҳти унвони «Таърихи мухтасари тоҷикони Хитой» аз чоп баромад. Соли 1992 омӯзгори Донишгоҳи Синсзян Ширин Қурбон ба забони уйғурӣ китоби «Чинчак тоҷикмаданияти» (Фарҳанги халқи тоҷик)-ро интишор намуд, ки дар он ҷанбаҳои мухталифи фарҳанги тоҷикони Хитой баррасӣ шудаанд.

Соли 1994 Ширин Қурбон ва Мадалихон ба забони уйғурӣ китоби калонҳаҷмеро зери унвони «Тоҷикони Хитой» чоп намуданд, ки он ба таърих, этнография, фарҳанг ва маорифи тоҷикони Хитой бахшида шудааст. Барои ба таври муътамад барқарор кардан ва омӯхтани ватани таърихии тоҷикони Хитой, мебояд ба вуҷуд омадани худи номи Туркистони Шарқӣ, ки он ҷо дар баробари дигар қаламравҳо он ватани таърихии ниёгони тоҷикон мебошад, баррасӣ шавад [1]. Муаллифони рус ва Аврупои Ғарбии асрҳои XVIII-нимаи дуюми XIX аксар вақт Осиёи Миёнаро Бухорои бузург, заминҳои шарқии онро бошад, Бухорои хурд ном мебурданд, ки он мувофиқи сарчашмаҳои хитоии замони нав,

пас аз ҳамроҳ шудани он дар миёнаи асри XVIII ба Хитой, номи Синсзянро гирифт. Ҳар ду ном - Бухорои хурд ва Синсзян эҷоди маснӯӣ аст. Онҳо топонимҳои маҳаллӣ набуда, барои аҳолии маҳаллӣ бегона буда, онҳо аз он истифода намебурданд. Дар асрҳои XVIII-XIX дар Шарқ ва сипас дар Аврупо ва Русия ҳардуи ин вилоятҳоро Туркистон ва баъзан барои фарқ кардан Туркистони Бухоро ва Туркистони Хитой меномиданд [3].

Соли 1829 Н.Я. Бичурин қайд намуда буд, ки «дурусттар мебуд, агар Туркистони Бухоро - Туркистони Ғарбӣ ва Туркистони Хитой - Туркистони Шарқӣ номида мешуд… Номи дар мо қабулшудаи Туркистони Хитой бояд тағйир дода шавад».

Ховаршиноси рус В. В. Григорев фарзияе пешниҳод намуд, ки аҳолии қадимии Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ «ҳамқавм» буда ба хонадони ориёи, яъне ҳиндуаврупоӣ тааллуқ доштанд ва ба сатҳи баланди инкишофи маънавӣ расида буданд.

Б.А. Литвинский менигорад, ки «Дар Туркистони Шарқӣ, агар аз қадим набошад ҳам, ҳадди ақал аз замонҳои таърихӣ халқҳои хонадони ориёӣ маскун шудаанд». Баъдтар уламои рус ва шӯравӣ дар таҳқиқи таърих, забон, фарҳанги халқҳо ва қабоили дар Туркистони Шарқӣ сукунатдошта саҳми бузург гузоштанд. Тадқиқотчиён бар асоси таҳлили маълумотҳои таърихӣ, бостоншиносӣ, антропологӣ, этнографӣ ва забоншиносӣ, муайян намуданд, ки гузаштагони тоҷикон, дар баробари дигар халқҳои қадимтарин ва қадим нажоди эронитабор, тахориён мебошанд, ки онҳо дар давронҳои хеле қадим дар қаламрави Туркистони Шарқӣ ҳаёт ба сар бурдаанд ва бо яке аззабонҳои эронӣ (эрони шарқӣ) ҳарф мезаданд [1]. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хитоӣ, робитаҳои хитоиҳои қадимӣ бо аҳолии тахоризабон собиқаи хеле дерина доштанд. Ба ақидаи Э.Г. Пуллиблэнк, гузаштагони тахориён дар Туркистони Шарқӣ замоне шояд маскун шуда, фаротар ба сӯйи шарқ - қаламравҳои маскуншудаи хитоиҳо нуфуз карда бошанд, ки тасарруфи Ҳиндустон аз тарафи ориёиҳо дар ҳазораи дуюми то мелод ба амал омад [7].

Ба андешаи профессор М. Бобохонов, дар Туркистони Шарқӣ қабилаҳои эронинажоди шарқӣ дар охири ҳазораи 2 ва ибтидои ҳазораи 1 пеш аз милод маскан гирифтаанд. Дар чараёни паҳншавии қабоили эронӣ дар охири ҳазорсолаи II ё оғози I то солшумории мо шумораи зиёди ниёкони скиф дар Туркистони Шарқӣ маскун гардиданд, дар ҳоле ки қисми шимолии он қаламрави асосии тахориён буд. Ҳангоми ҳафриёти қӯрғонҳои Тошқӯрғон – аз уезди тоҷикнишини ноҳияи мухтори Синсзяну Уйғур, 40 дафина (қабр) ёфт шуд. Донишманди хитоӣ Чэн Ге қӯрғонҳои дар онҳо ҳафриёт гузаронидашударо бо қӯрғонҳои Помири Шарқӣ муқоиса намуда, тахмин мекунад, ки дафинаҳои ёфтшуда ба асрҳои VIII-III то милод тааллуқ доранд. Б.А. Литвинский маълумотҳои донишманди хитоиро дақиқан таҳлил намуда, ба хулосае омад, ки аз ҳар ҷиҳат қӯрғонҳои дар Туркистони Шарқӣ ҷойдошта ба таври фавқулода бо қӯрғонҳои сакоии Помири Шарқӣ наздик мебошанд [1]. Омӯзиш ва бозёфтҳои қӯрғонҳои Тошқӯрғон шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳудуди ин қисмати Туркистони Шарқӣ аҳолии сакоӣ маскун буда, ҳамроҳ бо ақаллиятҳои помиринасаб дар қисмати марказии Туркистони Шарқӣ, аз асрҳои VIII-VII то мелод маскун буданд. Сарчашмаҳои хаттики асрҳои V11-X аз дараҳои Хутан ва Тумшуқ ёфташуда гувоҳ бар онанд, ки забони ниёгони сакоиҳои маҳаллӣ бо забони тоҷикони Бадахшон, аз ҷумла вахониҳо умумиятҳои зиёд доранд [7].

Дертар дар ҷанубу ғарбии Туркистони Шарқӣ, ки қабилаҳои сакоӣ маскун буданд, давлати туркии Қарахониҳо ташкил мешавад ва дар шимолу шарқӣ кишвар, ки тахориҳо мезистанд, давлати уйғурҳо пайдо мешаванд. Дар муқоиса бо манотиқи дигаре, ки дар он қабилаҳои эронизабон иқомат доштанд, аҳолии ориёии Туркистони Шарқӣ бештар аз ҳама зери таъсири туркҳо қарор гирифтанд, вале забони тоҷикӣ нақш ва моҳияти худро аз даст надод. Тибқи шаҳодати Маҳмуди Қошғарӣ, ки дар давраи салтанати сулолаи Қарахониҳо ҳаёт ба сар бурдааст, дар шаҳрҳои Туркистони Шарқӣ ва Ҳафтрӯд забони суғдӣ (забони аҳолии аслии минтақа) хеле паҳн гашта буд ва суғдиён дар ин ҳудуд, ҳатто дар асри XI қисмати зиёди аҳолиро ташкил медоданд.

Миёнаҳои асри XVIII Туркистони Шарқӣ аз ҷониби манчурҳо забт шуда, зулму истибдоди онҳо бештар мегардад. Бо фармони волии Син Сзен духтарони зебои қошғарӣ зӯран ба императори Пекин ба сифати хадя фиристода мешуданд. Ин буд, ки дар миёнаҳои асри XIX бар зидди зулму ситами Тсинҳо исёни аҳолии маҳаллӣ –халқҳои ғайрихитоӣ оғоз меёбад, ки бар асари он хонигарии Қошғар сохта мешавад ва дар соли 1864 пешвои қирғизҳо Саидбек худро хон эълон мекунад. Дар ин ҳаводиси таърихӣ тоҷикон низ ширкати фаъол доштанд, ки яке аз онҳо Муҳаммад Яъқуббек –ҳокими давлати Еттишаҳр буд [7]. Муҳаммад Яъқуббек соли 1820 дар оилаи Исматулло ном дуохони хуҷандӣ дар ноҳияи Пискати вилояти Тошканд таваллуд шудааст. Муҳаммад Яъқуббек дар ҳайати аскарони Худоёрхон хизмат намуда, баъдан то ба мартабаҳои баланди роҳбарӣ мерасад. Ҳокими Сарикӯл Алафшоҳ соли 1869 тобеияти худро ба

Яъқуббек эълон кард, вале пас аз муддате чанд, бар асари ошӯбҳои оммавӣ дар Помир ва дар ноҳияҳои наздипомирӣ, Алафшоҳ аз тобеияти Яъқуббек саркашӣ кард. Дар охири солҳои 60 неруҳои Яъқуббек Сарикӯлро ишғол намуданд, аҳолии он бошад, ба Ёрканд ва Қошғар бадарға шуданд. Ҳокимияти Яъқуббек 12 сол идома дошт ва сипас он аз тарафи давлати Тсин сарнагун шуда, Муҳаммад Яъқуббек кушта мешавад. Аммо корнамоиҳои Муҳаммад Яъқуббек аз ҷониби ватандӯстони хитоӣ идома дода мешавад. Дар охири асри XIX Хитой ба ниммустамликаи давлатҳои бузург мубаддал шуд ва тоҷикон, дар баробари халқҳои дар он ҷо маскунбуда таҳти зулму ситами ишғолгарони хориҷӣ қарор гирифтанд. Бе муболиға метавон гуфт, ки Муҳаммад Яъқуббек асосгузори давлати Еттишаҳр буда, фарзанди барӯманди халқи тоҷик мебошад [5].

Мувофиқи маълумоти Н.А. Кисляков мансубияти нажодии тоҷикони Чин аз ду халқияти наздипомирӣ - сарикӯлӣ ва вахониҳои тоҷикзабон иборат мебошад, ки дар мавзеи Тошқурғони Чин умр ба сар мебаранд. Дар ин бора санадҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд. Бештари сарикӯлиҳо танҳо дар Чин маскун буда, вахониҳо дар Тоҷикистону Афғонистон зиндагӣ мекарданд. Дар ҳудуди Чин вахониҳо аҳолии нисбатан баъдтар маскуншуда мебошанд, ки аз ҳудуди ин ду давлат омадаанд. Сарикӯлиҳо ягона халқияти наздипомирие мебошанд, ки танҳо дар қаламрави Туркистони Шарқӣ, балки дар водиҳои дарёи Сарикӯл (Тошқӯрғон) ва шохобҳои он маскун мебошанд. Аз нигоҳи аслу насаб сарикӯлиҳо хешовандони тоҷикони Вахон, Шуғнон ва Рушон мебошанд, ки бо лаҳҷаи махсуси забони форсии қадима сухан мегӯянд [5].

Забони сарикӯлӣ аз ҷумлаи забонҳои эронии шарқии помирии хонаводаи ҳиндуаврупоӣ мебошад ва аз нигоҳи таснифотӣ бо нигоҳ доштани махсусияти муайяни худ, ба гурӯҳи шуғнонию рӯшонӣ дохил мешавад. Забони сарикӯлӣ хат надорад, аз ин рӯ мактаб ва воситаҳои ахбори умум бо забони уйғурӣ аст ва ҳамин омил боиси дузабонии мардуми Сарикӯл гардидааст. Масъала сари он, ки оё сарикӯлиҳо мардуми бумии ин сарзаминанд ё не, қобили баҳс мемонад. Баъзе донишмандон бошанд, ба ҳамон умумиятҳо такя намуда, чунин мешуморанд, ки халқҳои Помир, баръакс аз шарқ ба ғарб ҳаракат намудаанд ва сарикӯлиҳои Тоҷикистон гурӯҳе аз помириҳое мебошанд, ки дар маҳалли зисти қаблии худашон боқӣ мондаанд. Оммаи асосии тоҷикон, асосан дар ҳудуди уезди худмухтори Тошқӯрғон зиндагӣ мекунанд [2]. Мавриди зикр аст, ки ҷонишини ҳокими музофоти Тошқӯрғон Ғолиби Мӯсо ном тоҷик аст. Бо вуҷуди он ки аҳолии Тошқӯрғон тоҷик мебошанд, вале онҳо забони тоҷикиро намедонанд ва ба он гуфтӯгу намекунанд. Зеро тибқи дастури давлат соли 1954 забони тоҷикӣ дар мактабҳои тоҷикӣ бекор карда шуд. Дар соли 1986 11 нафар аз Тошқӯрғон ба Пекин барои омӯзиши забони тоҷикӣ равона шудаанд. Дар муддати ду сол онҳо забони точикӣ омӯхта, ба Тошқӯрғон баргаштанд. Аз ҷумлаи он шахсон инҳо буданд: Офияти Давлат, Саъдуллои Замир, Афзали Шогул, Ғулом Қозӣ, Абдулҳасанхон, Маҳкамбой ва дигарон. Дар айни замон ин шахсон дар шаҳрҳои мухталифи ноҳияи худмухтори Синсзяну Уйғури Чин мансабҳои масъулро ишғол менамоянд. Масалан, Офияти Давлат - ҷонишини мудири шуъбаи корҳои миллии дину оини музофоти Тошқӯрғон, Темур - корманди масъули кумитаи ҳизбии шаҳрии Тошқӯрғон, Саъдуллои Замир - донишманд ва олими маъруфи Чин мебошад. Тоҷикони Хитой дар кори сохтмони фарҳангии кишвар саҳми зиёд гузоштаанд. Дар айни ҳол дар соҳаҳои мухталифи илм таърихчиён Ширин Қурбон, Мадалихони Болун, филологҳо Саъдуллои Замир, Некзамон Иброҳим, санъатшинос Холиқ Хушдил, шоира Отиқаи Замир ва дигарон машғул мебошанд. Ҳамсари Саъдуллои Замир - Гулҷаҳони Хушдил мудири шуъбаи назди кумитаи корҳои миллӣ ва динии ноҳияи мухтори Синсзяну Уйғури ҶХХ мебошад. Шоира Отиқаи Замир девони калони худро ба забони уйғурӣ аз чоп баровард [1].

Тибқи маълумоти оморӣ дар шаҳри Урумчи 104 тоҷик иқомат дорад, ки 40-50 хонаводаро ташкил медиҳад. Дар Донишгоҳи олии Синсзян тақрибан 23 донишҷӯ таҳсил дорад. Тибқи маълумотҳо дар шаҳри Урумчи институти омӯзгории «Созмони рушди иҷтимоии тоҷикони Хитой» фаъолият мекунад [3]. Дар Тошқӯрғон ва гирду атрофи он асосан тоҷикони помиритабор иқомат доранд, ки пайравони мазҳаби исмоилия мебошанд. Ба ғайр аз онҳо дар он ҷо инчунин вахониҳо зиндагӣ доранд, ки як қисме аз қавми вахониҳои Помири Тоҷикистон ба шумор мераванд. Онҳо забони тоҷикиро намедонанд ва ба забони уйғурӣ ва хитоӣ суҳбат мекунанд. Дар хона бошад, байни худ ба лаҳҷаи сарикӯлии худ ҳарф мезананд, ки он, ба гуфти онҳо, ба гӯйиши шуғнонӣ шабеҳ аст. Бо вуҷуди он ки забони тоҷикиро намедонанд, тақрибан ҳамаи онҳо ба шунидани суруд ва мусиқии точикӣ таваҷҷуҳи беандоза доранд [8].

Дар Тошқӯрғон 26 ҷамоатхона (масҷидҳои исмоилӣ) ва ду масҷиди сунниҳо фаъолият дорад. Ба гуфти мувоини ҳокими Тошқӯрғон Ғолиби Мӯсо, дар ҶХХ беш аз 41

ҳазор тоҷик зиндагӣ доранд, ки тақрибан 27 ҳазори онҳо дар музофоти Тошқӯрғон истиқомат мекунанд. Боқимонда дар Қошғар, Ёрканду, Хутан ва дигар маҳаллоти ахолинишин - Қарғалик, Окту, Сараки, Пил, Барногул, Казгул, Туглоншо, Пасколдар, Ҷулфо, Пишан, Гума, Тезепу, Нашдам ва ғайра истиқомат доранд. Муаррихи барҷастаи тоҷик М. Бобохонов дар асари пурарзиши худ «Таърихи тоҷикони ҷаҳон» теъдоди феълии тоҷикони Чинро беш аз 40 ҳазор нафар рақам мезанад. Аммо олими тоҷиктабори Чин Замир Саъдуллозода теъдоди тоҷикони Чинро 56 ҳазор нафар рақам мезанад. Ба ғайр аз тоҷикон дар Тошқӯрғон қирғизҳо, уйғурҳо, хитоиҳо ва намояндагони халқҳои дигари Хитой зиндагӣ доранд. Дар 18 мактаб ва қариб 70 шуъбаи он беш аз 5000 шогирд дарс мехонанд. Таълим дар мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ ба забони уйғурӣ ва хитоӣ гузаронида мешавад, зеро тибқи дастури давлатӣ соли 1954 забони тоҷикӣ дар мактабҳои тоҷикӣ бекор карда шуд [1].

Дар маркази Тошқӯрғон 8 хиёбони калон вуҷуд дорад, ки дар онҳо мағозаҳо, дорухонаҳо, қаҳвахонаҳо, инчунин осорхонаи таърихӣ-этнографӣ вуҷуд дорад, ки дар он намунаҳои мухталифи инъикоскунандаи соҳаҳои ҳаёти тоҷикони Тошқӯрғон гирдоварӣ шудаанд. Пас аз бекор кардани таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои тоҷикӣ, ба забони тоҷикӣ эътиборе дода намешуд, ки бар асари он тоҷикони Хитой забони модарии худро аз даст доданд. Хурсандиовар аст, ки моҳи сентябри соли 2006 бо ташаббуси зиёиёну дастгирии ҳокимони маҳаллӣ ва шахсан котиби дуюми ҳизби коммунистии Тошқӯрғон Ванг Фу И дар маркази Тошқӯрғон даврахои омӯзишии забони тоҷикӣ - ҳаштмоҳа ва шашмоҳа ташкил шуд [8]. Дар ин даврахои омӯзишӣ 112 нафар ҷавонон ва духтарон аз ҷумлаи шогирдони мактабҳои маҳаллӣ таълим мегиранд. Омӯзгорони ин даврахои омӯзишӣ чаҳор нафар- Абдулҳасанхон, Афзал Шогул, Гулмир Мирзо ва Офият Давлат мебошанд, ки онҳо хатмкардагони таълими дусолаи забони тоҷикӣ дар Пекин мебошанд. Худи Ванг Фу И низ ба омӯзишӣ забони тоҷикӣ машғул аст [1]. Ба гуфтаи ӯ, пас аз хатми ин даврахои омӯзишӣ, хатмкунандагони нисбатан муваффақи он барои идомаи таҳсил ба Тоҷикистон ва Эрон фиристода хоҳанд шуд. Тибқи дастури ҳокимияти маҳаллӣ дар макотиби музофоти Тошқӯрғон дар ояндаи наздик ният доранд ба барномаи таълимӣ омӯзиши забон ва хатти форсӣ дохил кунанд, хатмкунандагони боқимондаи ин давраи омӯзишӣ барои таълими забони форсӣ дар макотиби миёнаи музофоти Тошқӯрғон сафарбар мешаванд. Тоҷикони Хитой асосан бо кишоварзӣ ва чорводорӣ машғул буда, ҳаёти нимкӯчманчигӣ ба сар мебаранд. Баҳорон онҳо чорвои худро ба чарогоҳҳои баландкӯҳ мебаранд ва тирамоҳ ба маҳалли зисти муқимии худ бармегарданд. Дар чарогоҳ онҳо дар хаймаҳо зиндагӣ мекунанд. Мувофиқи маълумотҳои баҳисобгирии соли 1990 дар Ҷумҳурии Халқии Чин дар музофоти мухтори тоҷикнишини Тошқӯрғони вилояти Синсзяну Уйғур 33538 нафар тоҷикон зиндагӣ мекунанд, ки аксарияти онҳо точикони сарикӯлӣ мебошанд [7].

Чунонки доктор Манучеҳри Сутуда баъди шиносӣ бо маҳалҳои тоҷикнишини Чин шаҳодат додааст, мардуми 50-60 - сола бо эшон ба забони тоҷикии "Гулистон"-и Саъдӣ сухан мегуфтанд. Ҷулол Волин тоҷик, ки дар даврони инқилоби фарҳангӣ волии Қошғар буд ва феълан нафақахӯр мебошад, низ ба тоҷикӣ сухан гуфта, аз "Гулистон" шеъре мехонад. Сайид Исо, шоҳзодаи мубаллиғи исмоилиёни ноҳияи Сарикӯл низ, ба тоҷикӣ равон суҳбат мекард. Вале насли ҷавон ба тоҷикӣ хуб балад нестанд, зеро дар мактабҳо, таълим ба забони уйғурӣ ва хитоӣ сурат мегирад. Дар воқеъ тоҷикони Чин дар масъалаи забони модарӣ проблемаҳои худро доранд [8]. Чунонки дар боло ишора намудем, «Таърихи тоҷикони Чин» аз тарафи олимони тоҷики Тошқӯрғон ба табъ расид, вале на ба забони тоҷикӣ, балки ба забони уйғурӣ. Илова ба ин, дар Чин намунаҳои осори шоирон ва мутафаккирони тоҷик Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз на ба забони асл, балки дар тарҷума ба забонҳои чиниву уйғурӣ ба табъ расидаанд. Ба гуфтаи Замир Саъдуллозода, забони тоҷикӣ дар Чин бепуштупаноҳ аст, яъне танҳо дар худуди хонаводагӣ мавриди истифода қарор дорад... Фарзандони тоҷик то ба ҳол дар кӯдакистону дабистонҳо ба забонҳои уйғуриву чинӣ таълим мегиранд. Ин нуктаро рӯшанфикрони тоҷики Чин ба хубӣ дарк намуда, борҳо масъалаи ба забони модарӣ омӯхтани ҳаммиллатонро ба миён гузоштанд [8]. Аммо ҳукумати кишвар танҳо дар сурате ризоят доданист, ки гузариш ба омӯзиши забони тоҷикӣ бе ягон хароҷоти зиёдатӣ амалӣ гардад. Чун мактаб мешавад, он бояд китоб, таҷҳизот ва боз чизҳои днгари зарурии таълимиро доро бошад, вале бе маблағ, бе мадади давлату ҳукумат ба он муваффақ гаштан ғайриимкон аст [9]. Аз душвориҳои дигар ин аст, ки мутахассисони забони тоҷикӣ ангуштшуморанд. Бояд қайд кард, ки баъзе олимони тоҷики Чин ин муамморо назди Ҳукумат борҳо гузоштаанд [6]. Аз ҷумла, олими номбурда соли 1988 ба воситаи мақолаи «Баъзе масъалаҳои рушди фарҳангии тоҷикони Чин» (ба забони чинӣ) проблемаҳои мавҷударо ба ҳукумат расонида буданд ва он аз ҷониби муассисаҳои дахлдори ҳукуматӣ ба дастури лозима дохил ҳам гашт. Олим бо супориши яке аз маҷаллаҳои маъруфи мамлакат мақолаеро бо унвони «Забон ва хатти тоҷикони Чин» ннтишор намуд, ки ҷавҳари он ин аст: «Тоҷикони Чин дар сурате ба комёбиҳои қобили мулоҳиза муваффақ гашта метавонанд, ки агар ба

забони модариашон таълим гиранд, тоҷикӣ андешанд ва тоҷикӣ нависанд». Дарвоқеъ, дар Чин барои чунин амал заминаҳо мавҷуданд. Ба ин аз қадим чун анъана мавқеи устувор доштани забони тоҷикӣ дар Чин мисол шуда метавонад. Албатта, бесабаб нест, ки дар тамоми гӯшаву канори кишвар дастхатҳои тоҷикӣ хеле фаровонанд [4]. Ниёгон ба наслҳои оянда китобҳои зиёдеро аз худ мерос гузоштаанд. Манучеҳри Сутуда ҳангоми сафари худ ба Чин ба хулосае омад, ки тоҷикони Тошқӯрғон ва деҳкадаҳои атроф пайрави оини исмоилӣ мебошанд ва дар ин ҷойҳо садои азон шунида намешавад ва онҳо побанди намоз ва рӯза намебошанд. Шаҳрванди тоҷики Чин, олим Замир Саъдуллозода мегӯяд, ки тоҷикони Чин ба мукаддасоти исломӣ таваҷҷуҳи хосса доранд, бо намояндагони миллатҳои дигар, аз ҷумла мусулмонон пайванди дӯстона дошта бошанд ҳам, муносибатҳои хешутаборӣ надоранд, аниқтараш аз миллатҳои дигар арӯс намеоранд ва домод низ интихоб намекунанд. Ба назарам, ин падидаро ба сифати бурди ҳаммилатон пазируфтан мебояд, зеро дар дарозои таърих, агар тоҷикони камшумори Чин бо миллатҳои дигар меомехтанд, ба гумон буд, ки то имрӯз ҳувияти миллӣ, забон, фарҳанг, урфу одат ва анъанаву суннатҳои аслии хешро ннгаҳбон бошанд [7].

Дар Чин ба таърих ва фарҳанги тоҷикон мароқи зиёде зоҳир мекунанд. Соли 1985 китоби Б. Ғафуров «Таърихи халқи тоҷик» ба забони хитоӣ аз чоп баромад. Худи ҳамон сол китоби «Очерки мухтасари забони тоҷикӣ» чоп шуд, ки муаллифи он ходими илмии Институти ақаллиятҳои миллии Пекин Гао Ариаян мебошад. Бо заҳмати беандозаи шоираи тоҷики Чин Отикаи Замир, устоди донишгоҳи Синсзян Ширин Қурбон ва мудири шуъбаи дин ва корҳои миллии ноҳияи Тошқӯрғон Мадалихон асари сеҷилдаи «Таърихи адабиёти тоҷик» бо ду забон - чинӣ ва уйғурӣ ба табъ расид. Тоҷикони Чин ба тоҷикони Тоҷикистон дилбастагии махсусе доранд. Ба қавли Замир Саъдуллозода, аз кӯдаки гавҳора то пири саду чанд сола Тоҷикистонро ба хубӣ медонанду мешиносанд [1]. Асарҳои адибони тоҷик С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва М. Қаноатро бо таваҷҷуҳи хосса мутолиа мекунанд. Онҳо тавассути садои Тоҷикистон бо кулли навигариҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангию адабии диёри аҷдодон шиносо гашта, мусиқии тоҷикиро бо меҳр мешунаванд, қариб тамоми ҳофизони Тоҷикистонро ғоибона мешиносанду мепарастанд. Махсусан садои ҳофизони шинохтаи тоҷик Ҷ. Муродов, З. Нозимов, М. Насриддин, Н. Раҳматова, М. Эргашева, Н. Рауфова ва бисёр дигарон дар байни тоҷикони Чин маҳбубияти бештаре дорад ва дар ҳар хонадон фитаҳо бо сабти овоз нигаҳдорӣ мешаванд [1]. Муносибатҳои байниҳамдигарии Тоҷикистону Чин густариш меёбанд. Робитаҳои дипломатии Тоҷикистону Чин 4 январи соли 1992 ба роҳ монда шуданд. Сафорати ҶМЧ дар Тоҷикистон 13 марти соли 1992 ва Сафорати Тоҷикистон дар ҶМЧ 7 апрели соли 1997 таъсис дода шуд [8]. Бояд тазаккур дод, ки ҶМЧ яке аз аввалинҳо шуда истиқлолияти Тоҷикистонро пазируфта, робитаҳояшро бо Тоҷикистон оғоз намуд. Махсусан сафари расмии Э. Раҳмон ба ҶМЧ моҳи марти соли 1993, самтҳои асосии равобити кишварҳоро муайян намуд. Ба Тоҷикистон борҳо намояндагони воломақоми ҶМЧ ташриф оварданд. Имрӯз Тоҷикистон дар симои ҶМЧ шарики стратегии хешро мебинад. Феълан дар донишгоҳу донишкадаҳои Тоҷикистон омӯзиши забони чинӣ ба роҳ монда шудааст, ки мутахассисон аз ҶМЧ дар ин муассисаҳои таълимӣ бо забони чинӣ тадрис медиҳанд. Инчунин барои ҷалби донишҷӯён квотаҳо ҷудо шудаанд, ки донишҷӯёни тоҷик ба Чин ва донишҷӯёни Чин ба Тоҷикистон омада, таълим мегиранд. Ҳамчунин, имрӯз Чин дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву илмӣ-техникӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок аз ҷумла таҷдиду тармими роҳҳо, бунёди нақбҳо, хатҳои баландшиддати барқ ва ғайра иштироки фаъолона дорад. Феълан дар ин кишвари бузурги ҷаҳон, ки зиёда аз 100 халқияту миллат бо аҳолии 1,5 миллиард зиндагӣ мекунанд, тоҷикон низ баробари дигар халқияту миллатҳо дар ободониву густариши ин сарзамин саҳми босазо гузошта истодаанд [1].

## АДАБИЁТ


1. Бобоханов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон / М. Бобоханов. -Душанбе, 2004. -365 с.
2. Гафуров Б.Г. Таджики / Б.Г. Гафуров. –Душанбе, 1989. -565 с.
3. Давыдов А.С. Этническая принадлежность коренного населения Горного Бадахшана / А.С. Давыдов. -Душанбе, 2005. -386 с.
4. Мухиддинов И. Земледелие памирских таджиков Вахана и Ишкашима / И.М. Мухиддинов. -М, 1975. –445 с.
5. Саидов А. Ишораҳое ба таърих ва оинҳои тоҷикони Хитой / А. Саидов. –Душанбе, 2006. -165 с.
6. Шарипов Ҳ. Тоҷикони бурунмарзӣ / Ҳ. Шарипов. –Хуҷанд, 1996. -222 с.
7. Яъқуббеки Бадавлат. Тоҷики гумгашта боз ояд…/ Б. Яъқуббек. –Хуҷанд, 2003. -243 с.
8. Шарифов Ш. Таджикистан-Китай. История дипломатических, торгово-экономических, научно-технических и культурных отношений в год независимости (1991-2008) / Ш. Шарифов. – Душанбе, 2015. -230 с.


## ТАЪРИХИ ТОҶИКОНИ ЧИН


**Information about authors:** ***Nurmatov Muzaffar Satorovich*** – Institute technology and innovation management in kulob city, the competitor of the humanitarian department. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob City, microdistrict Borbad. Tel.: **988-74-12-40**

***Kurbonov Bahrom Rakhmonovich*** – Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of the Department of the history of the Tajik people. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, Avenue Rudaki 17. Tel.: **934-44-41-52**

**УДК :327:930.85(575.3)**

# САҲМИ АВВАЛИН ЗИЁИЁНИ ВОДИИ ҲИСОР ДАР РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Собиров Ш.***

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фармудаанд, ки «…Ифтихори ватандорӣ аз донистани таърих, забон ва фарҳанги Ватан сарчашма мегирад…». Аз ин рӯ дар ҷумҳурӣ ба омӯзиши таърихи ватанамон аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Тибқи дастури Президенти кишвар ҷашнгирии 3000 – солагии Ҳисори Шодмон, ки моҳи сентябри соли 2015 таҷлил гардида буд, дар таърихи Ватанамон яке аз воқеаҳои муҳимми фарҳангӣ – илмӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ба шумор меравад. Президенти кишвар таъкид доштанд, ки «Ҳадафи асосӣ аз таҷлили ҷашни 3000 – солагии Ҳисори бостонӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангии ин диёри маъруфи қадима, ободу зебо намудани он ва ба шаҳри зебои муосир табдил додани маркази ноҳия аст» [1,с.1-2].

Оре, Ҳисор яке аз сарзаминҳои бостонии ҷаҳон маҳсуб ёфта, дар чорроҳаи бузурги Роҳи Абрешим маскан гирифта, тоҷирон бо корвонҳояшон аз ин мавқеи ҷуғрофӣ дар гузашта хуб истифода мекарданд. Дар қисми марказии Тоҷикистони кунунӣ Роҳи Абрешим бо ҳамин мулк расида, ба чор самт тақсим мешуд. Роҳи бузурги Абрешим на танҳо роҳи тиҷорат ва ҳунармандон, балки роҳи лашкаркашӣ буда, инчунин шаҳри Шумон (Ҳисор) таърихи пуршурерo аз сар гузаронида, таърихи сеҳазорсолааш ба сари он чи рӯзҳои мудҳишу сиёҳе, ки наовардааст. Борҳо ин гӯшаи зебою ҷаннатосои рӯйи замин ба ҳайати чандин давлатҳо дохил шуда, бо муборизаҳо ба мустақилият соҳиб гардида, шаҳри қадимаи он Шумон борҳо харобу валангор ва ба хокистар табдил дода шуда, ғановати онро ғорат намуда, мардумонашро қатл карда, ба ғуломӣ гирифтаанд.

Шаҳри Шумон дар асрҳои VI-VII пеш аз мелод низ машҳур буда, Алиқул Девонақулов навиштааст: «Калимаи Шумонро бо ғалати «Занд» ва «Позанд» ном асаре, ки ба Зардушти солҳои 600-уми пеш аз милод ҳаёт ба сар бурдааст нисбат медиҳанд, бо забони паҳлавӣ ба маънии «Пешоник», яъне «Пешона» (чун пешона намудор) истифода бурда шудааст [2,с.15].

Сайёҳи асри VII-и мелодӣ Чин Сюан Тезян дар «Сафарнома»-и хеш ин мавзеъро «Су - Ман» - арзёбӣ намудааст, ки бо забони мардуми таҳҷоӣ «Шумон» ном бурда шудааст. Дар китоби «Ҳудуд-ул-олам (соли 983-и мелодӣ) оварда шуда, ки «Шумон шаҳрест, устувор ва барокӯҳӣ ниҳода ва гирди ӯ борае кашида ва ӯро кухандизест бар сари кӯҳ ниҳода, андар миёни кухандиз чашмаи об аст, аз вай заъфарон хезад бузург».

Аз ин навиштаҷот ва иқтибос аз китоби Авасто овардашуда бармеояд, ки шаҳри Шумон – Ҳисор 3000 сол ҳам пештар ҳамчун давлати алоҳида инчунин шаҳри номдоре арзи вуҷуд карда будааст.

Ҷуғрофишиноси араб Ал – Муқаддасӣ Шумонро модаршаҳри ин қаламравномбар намуда, ёдрас шудааст, ки «Шумон аз умаҳот аст ва ниҳоят зебост», яъне ӯ Шумонро туфайли ободию бузургиаш модари шаҳрҳои дигари минтақа донистааст. Номи Ҳисори шодмон дар асари Шарофиддин Алии Яздӣ дар ибтидои асри XV низ зикр гардидааст, мегӯянд баъзе муаррихон. Вале бояд ёдрас шуд, ки муаллифи асари «Ҳафт иқлим» Амин ибни ар-Розӣ (асри XI) навиштааст, ки «Ҳисор кӯҳистони назифу ботароват ва фазокуҳу амсор (меваҳо) ангур ва анораш нек ва хусул мепайвандад (яъне ҳосили фаровон медиҳад) ва дорулмулкаш (пойтахташ) Ҳисори Шодмон аст ва наҳри Чангоб, ки аъозим (дарёи калонтарин аст) бо як тарафи он шаҳр ҷараён мепазирад» [3,с.4].

Яъне, суханони дар боло овардашуда далели онанд, ки Ҳисори Шодмон дорои таърихи оламшумуле буда, иқдоми пешгирифтаи Сарвари давлат роҷеъ ба пешвозгирии ҷашни 3000 – солагии он пиндори оқилонаю ватанпарварона мебошад. Баъдтар шаҳри бостонии Ҳисор ва вилоятҳои онро Бухорои Шарқӣ ном мебурданд. Ҷойи тааҷҷуб нест, ки Ҳокимияти Шӯроҳо дар ҳудуди ин минтақа ибтидо дар шаҳри Ҳисор дар Регистони он эълон гардид, сипас дар Душанбе созмон ёфта, аз як деҳаи начандон калон ба шаҳри ободу тараққикардаи саноатӣ мубаддал гардид. Ҳамаи ин ободию бунёдкорӣ ба хизмати шоёни меҳнаткашон, Сарвари давлат ва зиёиёни пешқадам вобастагӣ дорад, ки бе неруи пешбаранда ҷомеа тараққӣ нахоҳад кард.

Дар пешравии фарҳанги ҷомеа ҳиссаи зиёиёни пешқадами Водии Ҳисор дар ниҳоят назаррас мебошад. Мақсад аз ба қалам додани ин навиштаҷот он аст, ки мардуми мо таърихи ватани хешро ба қадри ҳол донанд ва ин падида ба эшон дарси хештаншиносӣ гардад.

Бояд ёдовар шуд, ки таърихи Водии Ҳисор пурғановат буда, оиди он бисёр олимони даврони Шӯравӣ, ба монанди Бобоҷон Ғафуров, Аҳрор Мухторов, Нӯъмон Неъматов, Ғолиб Ғоибов ва дигарон асарҳои таърихӣ таълиф намуда, қариб ҳамаи паҳлуҳои таърихии водиро пажӯуҳиш намудаанд. Вале роҷеъ ба саҳми зиёиёни аввалини ин водӣ дар баланд бардоштани фарҳанги ҷумҳурӣ касе ёдовар нагардидааст. Бояд хотирнишон кард, ки дар давраи аввал ба Ҳокимияти Шӯравӣ бунёди Ҳокимияти Шӯрави душвориҳои зиёд вуҷуд доштанд. Дар навбати аввал, маърифатнокии мардумро баланд бардоштан лозим меомад. Рушду тараққии ҷомеаро бе инкишофи соҳаи илму маориф тасаввур намудан ғайриимкон буд. Мардуми тоҷик аз қадимулайём маорифпарвар буд ва ҳазорсолаҳо мардумони гуногунзабон аз сарчашмаи илму фарҳанги он дониш омӯхта, маърифати хешро ба пояҳои баланд расонидаанд. Пас аз ба иҷро расонидани нақшаи эъзомиаи Ҳисор дар назди давлати навташкили Шӯроҳо созмони мактабҳои нав меистод. Барои мактабҳои нав омӯзгорон лозим буданд.

Дар он давра дар Бухорои Шарқӣ зарурияти ташкил намудани Комиссияи фавқулодаи диктатории Кумитаи Иҷроияи Марказии Бухоро оид ба Бухорои Шарқӣ ба миён омад. Комиссия моҳи марти соли 1922 дар айёми ҷӯшу хурӯши мубориза бар зидди

Анвар – пошшо ташкил ёфта буд. Комиссия дар ҳамкории зич бо Шӯрои Револютсионӣ – ҳарбӣ кор бурда, ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти мардум роҳбарӣ мекард. Комиссияи диктаторӣ то рӯзҳои охирини мавҷудияташ (июни соли 1924) ҳамчун Ҳокимияти ҳақиқии давраи гузариш дар пойдор гаштани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ нақши муҳим бозид. Он дар кенту туманҳо ва вилоятҳо Кумитаҳои револютсионӣ созмон дода, ба тайёр кардану гузаронидани Анҷумани шӯроҳои маҳаллию депутатҳои халқ роҳбарӣ кард. Раҳматулло Бобоҷонов сарварии ин комиссияро ба уҳда дошт. Вай зодаи деҳаи Сангмелаи вилояти Ҳисор, командири Эскадрони Қалъаи Ҳисор буд. Хатмнамудаи мадрасаҳои Қаратоғу Бухоро, Собиқ мударриси мадрасаи Ҳисор, маорифпарвар, тавофнамудаи хонаи Каъба, аз соли 1920 аъзои ВКП (б), ходими давлатӣ, иштирокчии Инқилоби Бухоро, роҳбаладӣ эъзомияи Ҳисор буд. Дар вақти ҳокимияти мирӣ дар Ҳисор вай ҳамчун инқилобчӣ аз шаҳри Ҳисор ронда шуд. Ба Бухоро фирор оварда, ба ҳайси боғҷдор ифои вазифа намуд, дар ҳамон ҷо низ ба таъқиб гирифтор гардида, ба ҳаҷ рафта, як сол дар Истамбул, шаш моҳ дар Боку монд ва соли 1918 ба Тошканд баргашт.

Чуноне ки зикр гардид, Раҳматулло Бобоҷонов раҳбаладӣ Эъзомияи Ҳисору сипас командири Эскадрони Қалъаи Ҳисор, сарвари Комиссияии диктаторӣ Бухорои Шарқиро иҷро менамуд. Хусусан дар масъалаи маърифатнокии мардум кӯшиш ба харҷ медод. «15 марти соли 1921 дар Душанбе нозири вилоятии маорифи Бухорои Шарқӣ барпо карда шуда буд, ки дар созмон додани таълимгоҳҳои аввалин ба воситаи ин шуъба таблиғоти қатъӣ бурда мешуд» [4,с.148].

Дар ҷараёни муқобилияти шадиди ашрофону руҳониён ба ҷойи мактабҳои куҳнаи динӣ дар миёнаи соли 1921 дар панҷ мактаби нави собиқ Бухорои Шарқӣ аллакай қариб 600 нафар бачагон таҳсил менамуданд. «Вобаста ба баъзе шароитҳо – (кӯҳҳо, парокандагии ҳудуди сарзамин, мавҷуд набудани синфи коргар, таъқиби хурофот, паст будани шуурнокӣ ва маърифати меҳнаткашон, қафомонии маданӣи аҳолӣ, хеле тӯл кашидани ҷанги шаҳрвандӣ) дар ин минтақа нигоҳ накарда, мардум нишондодҳои Ҳокимияти Шӯравиро бо дилгармӣ пазирои матлуб маҳсуб намуда, барои амалӣ гардидани нақшаю пешниҳодоти он аз сидқи дил амал менамуданд. Барои амалӣ гардонидани ин нақшаи хайрхоҳона, ҳатто ҷони худро дареғ надошта, дар деҳаҳои дурдасти вилоят мактабҳо бино намуда, ба таълими наврасон мепардохтанд» [5,с.97].

Тавассути ёрии Комиссияи туркистонӣ ва Бюрои Осиёи Миёнагии КМ РКП (б) аз ҷиҳати иқтисодӣ муттаҳидшавии се ҷумҳурӣ ба якдилии халқҳои Осиёи Миёна мусоидат намуд. Дар боби қафомонии маданӣ қадамҳои аввалин гузошта шуданд. Ҳизби Коммунистии Бухоро ва Ҳукумати Инқилобии ҷумҳурӣ дар боби ба ҷойи мактабҳои сирф динӣ кушодани мактабҳои нави маълумоти умумӣ кӯшиши ҷиддӣ ба харҷ медод. Баҳори соли 1923 раиси Шӯрои Комиссарони Ҷумҳурии Халқии Бухоро Файзулло Хоҷаев ба Бухорои Шарқӣ омад. Ӯ бо забони тоҷикӣ бо лаҳҷаи Бухороӣ маърӯза кард. Дар паҳлуи ӯ раис ва аъзоёни Комиссияи диктаторӣ ширкат меварзиданд. Дар саҳни мадрасаи Қаратоғ мардум ҷамъ омада буданд.

Вале рушди маорифу фарҳанг бе мушкилиҳо ба миён намеомад. Маорифчиёни аввалини Бухорои Шарқӣ бо чӣ азияту заҳмату мушкилиҳо бо умеди фардои дурахшон, ки ҳар дақиқа ба онҳо аз ҷониби босмачиёну риёкорони иртиҷоӣ марг таҳдид мекард, ҷони худро дареғ надошта, ҷомеаи озоди иҷтимоии ҳақиқатан халқие бунёд намуданд. Оре, чунин дастовардҳоро Раҳматулло Бобоҷонов барин сарсупурдаҳо бо ақлу заковати баланд поя гузоштанд, ки имрӯз чунин ашхоси комил фаромӯши ёдҳо гардидааст. Барои тарғибу рушди маорифу фарҳанги Тоҷикистон ин марди комил аз дасти қотилони миллат қурбон шуд. Бояд ёдовар шуд, ки баъди ба анҷом расидани нақшаи «Эъзомии Ҳисор» солҳои 1921-1922 Раҳматулло Бобоҷонов дар як вақт мудири се шуъбаи Кумитаи инқилобии вилояти Ҳисор: кишоварзӣ, маорифи Халқ ва суди маҳаллӣ (қозӣ) буд [6,с.3].

Соли 1921 ӯ ба курсҳои семоҳаи муаллимтайёркунӣ дар Душанбе 40 нафарро ҷалб намуд, ки дар мадраса ва мактабҳои динӣ маълумот гирифта буданд. Пас аз ин танҳо дар се моҳи аввал 35 нафар курсҳои шабонаи донишомӯзиро дар вилоят хатм намуданд [7,с.81].

Дар маҷлиси Шӯрои Инқилобӣ доир ба Бухорои Шарқӣ аз 28 июли соли 1922 дар бораи даъвати Қурултойи (анҷуман) мардуми тоҷик барои вилояти Душанбе дар шаҳри Қаратоғ қарор қабул карда шуд. Барои ташкили Қурултой дар Қаратоғ комиссия таъсис ёфт, ки Ҳоҷӣ Раҳматулло ба ҳайати он ворид гардид. Ба рӯзномаи Қурултой масъалаи «Ба ҷонибдории Ҳокимияти Шӯравӣ ҷалб намудани аҳолӣ ташкили мактабҳо, мубориза алайҳи босмачиён, ёрӣ ба косибону ҳунармандон, ташкили кооперативҳо ва ғайра» гузошта шуд [8,с.21].

«Дар Анҷумани вилояти Душанбе, ки дар Қаратоғ гузаронида шуд, қариб се ҳазор нафар вакил ҷамъ омаданд. Аз ҳафт масъалаи баррасӣ гардида, оид ба панҷ масъалааш коркунони маҳаллӣ маърӯзачӣ буданд. Анҷуман бо ёрии коркунони маҳаллӣ бо қувваи ташкилотҳои маҳаллӣ ва фаъолияти мақомоти маҳаллии Шӯравӣ такя намуда, дар байни аҳолии Бухорои Шарқӣ кори зиёди сиёсию таблиғотӣ мебурд, ки он суръати гузаришро ба ҳаёти осоишта метезонд» [9,с.19]. Дар ин Қурултой Ҳоҷӣ Раҳматулло Бобоҷонов дар раёсат интихоб гардида, дар бораи вазъи Маорифи халқи Бухорои Шарқӣ маърӯза кард.

Ӯ қайд намуд, ки дастаҳои босмачиён ба рушди маорифи халқ халал мерасонанд. Ғайр аз ин коркунони ботаҷрибаи соҳаи маориф намерасанд. Дар Бухорои Шарқӣ қариб аксарияти аҳолӣ савод надоранд. Аз ин рӯ, дар ҳар кент (ҷамоат) ташкили мактабҳои маълумоти ибтидоӣ вазифаи муҳимтарин ба шумор меравад.

Ӯ аз Ҳукумати ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро хоҳиш намуд, ки ба Бухорои Шарқӣ барои мактабҳо муаллимон ва дигар коркунони маорифи халқ, китобу воситаи таълим фиристанд. Дар ин Қурултой Ҳоҷӣ Раҳматулло инчунин оиди масъалаи иқтисодӣ, вусъати зироатчигию чорводорӣ тазаккур дода, махсус қайд кард, ки ба Бухорои Шарқӣ оиди асбобу олоти зарурии деҳқонӣ ёрии зарурӣ расонида шавад. Барои қарз гирифтани деҳқонон бонкҳо таъсис дода, деҳқон бо олоту асбобҳои фулузии кишту кор таъмин карда, ба оилаҳои дар асари тохтутози босмачиён зарардида, ки маҷбуран макони зисташонро тарк карда буданд, мадад бояд расонанд [10,с.38].

Ҳоҷӣ Раҳматуллоро нарасидани муаллимон бисёр ба ташвиш оварда буд. Вай, ки худ пеш аз инқилоб мударриси мадрасаи Ҳисор буд, шогирдони беҳтарини хатмкардаро аз гӯшаю канори Водии Ҳисор бо шумораи беш аз 100 нафар ҷамъ оварда, ба курси семоҳаи муаллимтайёркунӣ фиристода, ҳар якеро барои тадрис ба мактабҳои ҳудуди Бухорои Шарқӣ ба деҳаҳо мефиристод. Онҳо ба воситаи ҳашар мактаб бунёд намуда, дар он ҷо фарзандони камбағалонро ба таҳсил фаро мегирифтанд. Таҳсилро дар ду баст ташкил карда, рӯзона барои фарзандони меҳнаткашон, шабона барои барҳам додани бесаводии деҳқонону коргарон дарс гузаронида мешуд.

Дар маҷлиси Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 16 ноябри соли 1924 дар бораи Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон маърӯзаи ӯ шунида шуд.

Вай ҳамчун ҷонишини аввали раиси Кумитаи инқилобӣ алоқаашро бо меҳнаткашон пурзӯр намуда, ба масъалаи дар маҳалҳо ташкил додани мақомоти нави халқӣ диққати зиёд медод. Таъкид мекард, ки ҳангоми хоста гирифтани кадрҳои нави ҳокимияти халқӣ, коркунони бовиҷдону меҳнатдӯст пешбарӣ карда шаванд [11,с.2].

23 ноябри соли 1924 дар шаҳри Самарқанд дар назди намояндагии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон машварат баргузор гардид, ки дар он Ҳоҷӣ Раҳматулло Бобоҷонов ба сифати вакил аз округи Панҷакент ширкат варзид. Вай ба аъзоёни Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон, бахусус бо раиси он Файзулло Хоҷаев ва дигар сарварони ҷумҳурии бародарӣ робитаҳои дӯстона барқарор намуд.

«26 ноябри соли 1924 дар Бухорои Шарқӣ Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиолистии Тоҷикистон (ҶМШС)-нахустин Ҳукумати Тоҷикистони Шӯравӣ ташкил дода шуд. Нусратуллои Махсум Лутфуллоевр раис, Бутабой Дадабоев ва Раҳматулло Бобоҷонов ба сифати ҷонишини раиси Кумитаи инқилобӣ ба ҳайати раёсати Кумитаи инқилобӣ ворид гардиданд» [12,с.23].

То ин вақт ӯ аллакай дар тамоми қаламрави Бухорои Шарқӣ ҳамчун арбоби боистеъдоди давлатӣ эътироф гардида, заҳматкашони Тоҷикистон ӯро эҳтиром мекарданд. Суханони пурмазмуну таъсирбахши ӯ оммаи халқро ба ҳам меовард. Раҳматулло Бобоҷонов ҳамчун ҷонишини раиси Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистон бар зидди ҷоҳилону хурофотпарастон муборизаи беамон мебурд.

Дар маҷлиси Кумитаи инқилобии ҶМШМ Тоҷикистон аз 7 декабри соли 1924 масъалаи нуфузи аҳолии ҷумҳурӣ баррасӣ гардид. Дар қарори он қайд мешуд, ки бинобар ноаниқ ва зиддиятнок будани маълумотҳои мавҷуда чунин шуморида шавад: «Барои қисми Бухорои Шарқӣ аз маълумоти пешниҳодкардаи Раиси ЭКОСО-и Бухорои Шарқӣ рафиқ Ҳоҷӣ- Раҳматулло Бобоҷонов ва маълумоти Раёсати Марказии «Эҳсония» миёнаш қабул карда шавад». Яъне, нуфуси аҳолии Бухорои Шарқӣ, ки мансуби ҶМШС аст, 772 ҳазор нафар шуморида шавад» [12,с.4].

Дар маҷлиси Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1924 Ҳоҷӣ Раҳматулло Бобоҷонов ҷонишини раиси намояндагии ҶМШС Тоҷикистон дар назди Ҳукумати Узбекистон тасдиқ гардид. 24 декабри соли 1924 машварати коркунони масъули маориф бо якҷоягии шуъбаи ташвиқоту таблиғотии Бюрои ташкилии Кумитаи ҳизбии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар рӯзнома масъалаҳои зерин мавриди муҳокима қарор

дода шуданд:

1. Дар бораи Мурочиатномаи Комиссариати маориф ба аҳолии Тоҷикистон оиди масъалаи маориф.
2. Корҳои табъу нашри Тоҷикистон.
3. Корҳои ҷорӣ.

Доир ба ҳамаи ин масъалаҳо дар муҳокима Ҳоҷӣ Раҳматулло Бобоҷонов баромад карда, таклифҳои пурқимати хешро иброз доштанд.

Бо қарори Кумитаи Инқилобии Ҷумҳурии Худмухтори Сотсиалистии Шӯравии Тоҷикистон 14 декабри соли 1924 дар заминаи шуъбаи маорифи вилояти Бухорои Шарқӣ Комиссариати Халқӣ таъсис ёфт. Аббос Алиев комиссари халқии маориф таъйин гардид[13,с.83].

Моҳи феврали соли 1925 дар ҷумҳурӣ Комиссариати маориф пурра ба кор оғоз кард. Ба он 7 шуъбаи вилоятии маориф шомил буд. Сафарбар кардани бисёр хатмкардагони мадрасаҳои Ҳисору Қаратоғ, ки аксар шогирдонаш буданд, хоста гирифтани кадрҳои босавод ба кори маорифи халқи вилояти Ҳисор бо номи Раҳматулло Бобоҷонов вобастигӣ дорад. Чуноне ки ёдрас гардидем, вай ибтидои соли 1925 расман ҷонишини намояндаи доимии Ҳукумати ҶМШС Тоҷикистон дар ҳузури Ҳукумати Ӯзбекистон таъйин гашт. Дар ин вазифа то сентябри ҳамон сол кор кард [14,с.134].

Дар тӯли фаъолият ӯ ҳамчун арбоби барҷастаи давлатӣ маҳорату истеъдоди фавқулода зоҳир намуд. Раҳматулло Бобоҷонов бо дониши андӯхтааш қаноат ҳосил накарда, мунтазам худомӯзӣ мекард. Мувофиқи хоҳишаш моҳи августи соли 1925 ӯро барои таҳсил ба Донишгоҳи Коммунистии Меҳнаткашони Шарқ ба шаҳри Маскав фиристоданд. Баъди хатми курси дуюми донишгоҳи мазкур Ҳоҷӣ Раҳматулло ба таътили тобистона баромада ба зодгоҳаш меояд. Ҳангоми ба шаҳри Душанбе ба назди рафиқони ҳамкораш рафтан, дар назди деҳаи Чоряккорон ногоҳ дастаи ғоратгарони силоҳдоре ҳамла оварда, ба ҷониби ӯ оташ кушоданд. Баъди чанде Абрамов ном аскари сурх ба ҷойи воқеа омада, ӯро дар ҳолати вазнин ба табобатгоҳи ҳарбии шаҳри Душанбе бурда расонид. Аз ҷароҳаташ, ки хуни бисёр рафта буд, дили бузургу ҳассоси ин абармарди содиқи халқу ватан, маорифчии шуълавар дар беморхона абадан аз тапидан монд. Ҷасади шаҳиди ӯро дар оромгоҳи Сари Осиёи шаҳри Душанбе ба хок супориданд [15,с.38].

Шогирдони ба курсҳои муаллимтайёркунӣ фиристодаи Ҳоҷӣ Раҳматулло Бобоҷонов –Мулло Маҳмуд Шоев (аз деҳаи Чузии ноҳияи Шаҳринав), Мулло Ҳаким Каримов (аз деҳаи Ҳисор), Эгамбердӣ Мӯсохочаев, Маҷид Зокиров (аз рустои Қипчоқ), Исмоилзода аз деҳаи Мортеппа, Мирзомурод Содиқов ва Мелик Ашуров аз рустои Ҳисори Шодмон ва ғайраҳо буданд, ки чанде аз онҳо аз дасти босмачиёни кушта шуданд ва баъзеи онҳо то охири умр вазифаи пуршарафи омӯзгориро бо ифтихор ичро намуда, садҳо шогирдонро таълим дода, ба қуллаҳои баланди илму фарҳанг ҳидоят намуданд.

Таҳти ҳимояи Кумитаи Инқилобӣ бо роҳбарии Низомиддин Ғуломӣ, Насриддин Абдуллозода, Бухорӣ Мулло дар Қаратоғ курси шашмоҳаи муаллимтайёркунӣ ташкил гардид. Ғайр аз ин онҳо 18 нафар ҷавонони қобилиятнокро хоста гирифтанд. Таҳсилгарон ҳама саводи мактаби кӯҳна доштанд. Ҳар кадом дар мактаби нав бо баҳои аъло таҳсил менамуданд. Давлат Назарзода, Абдураҳмон Азизӣ, Раҷаб Болтазода, Мирзобарот Шарифӣ, Мирзошариф Ҳотамзода, Абдураҳмон Ғуломӣ, Иброҳим Юсуфӣ, Муҳиддин Шарифӣ, Хайрулло Ғуломӣ, Сироҷиддин Ниёзӣ ва дигарон аз ҷумлаи таҳсилкунандагони аввалин буданд.

Баъди хатми курси шашмоҳаи муаллимтайёркунӣ муаллимони дар Қаратоғ тайёркардашуда ба ноҳияҳои Душанбе, Ҳисор, Юрчӣ, Кӯлоб, Сариосиё, Ғарм, Саройкамар фиристода шуданд. Солҳои 1923 – 24 дар як қатор ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ, аз он ҷумла дар Душанбе, Ҳисор, Қаратоғ, Кӯлоб, Ғарм аввалин хонаҳои бачагон созмон ёфтанд. Хонандагон дар ин таълимгоҳҳои донишандӯзӣ ҳам тарбия ва ҳам илму дониш аз бар намуда, саводи хешро баланд бардошта, ба мактабҳои гуногуни техникӣ, омӯзгорӣ ва дигар соҳаҳо ба шаҳрҳои Иттиҳоди Шӯравӣ барои хондан фиристода мешуданд. Аввалин мактаб – интернати Қаратоғ соли 1924 ба кор оғоз кард. Дар он муаллимон Иброҳим Юсуфӣ, Шариф Куллии Бухороӣ, Саидҳасан Мирзоҳасани Эронӣ, Ализодаи Эронӣ дарс медоданду Мирзошариф Ҳотамзода мудири мактаб – интернат буд. Дарсҳои хонандагон дар собиқ мадрасаи Қаратоғ гузаронида мешуданд. Соли 1924 дар ин манотиқ аз санг сохтмони мактабро ба воситаи ҳашар оғоз намуда, болору сутунҳоро аз деҳаи Қади Ҷуйбор (аз соҳили нахре, ки аз дарёи Қаратоғ об мегирад) ба воситаи барзаговҳо кашонида буданд. Дар як муддати кӯтоҳ таҷҳизоти сохтмонӣ захира карда шуд. Аз ҷӯбу сафедорҳои маҳаллӣ устоҳои гулдаст асбобҳои хониш тайёр карданд. Ба ҳамаи ин корҳо

котиби ташкилоти ҳизбии тумани Қаратоғ А. Ғарифов, ноиби раиси Кумитаи Инқилобӣ Бобоалӣ Қараев ва нозири маориф, Аббос Алиев доимо назорат мебурданд. Мактаб пурра сохта шуд. Муаллимон 58 нафар хонандагонро ба қайд гирифтанд. Рӯзи 1 сентябри соли 1924 мактаб – интернат ба кор оғоз намуд.

Шогирдони нахустини ин мактаб – интернат Мирзо Турсунзода, Носирҷон Маъсумӣ, Ҳ. Обидӣ, Ҳ. Зарифӣ, Ҳ. Рофиев, Ҳ. Бобокалонзода, М. Шукурзода, М. Ғуломӣ, Халили Имом, К. Имомзода, Ғанӣ Бобоевич Воҳидов, инчунин аз минтақаи Ҳисор Файзӣ Исматӣ, Юсуф Ҳаёт, Бурӣ Давлат, Қосимбек Олимӣ ва чанде дигарон doниш аз бар буданд.

Дар солҳои аввал нуқтаи маъмурии вилояти Ҳисор дар Душанбе буда, ноҳияи Ҳисор ба тумани Қаратоғ шомил буд ва маркази маъмурии ноҳияҳои Ҳисор, Регар, Шаҳринав ва як қисми ноҳияҳое, ки баъдтар дар натиҷаи тақсимоти миллӣ – муъмурӣ ба ҷумҳурии Ӯзбекистон гирифтанд, ҳамон давра ба тумани Қаратоғ шомил буданд.

Баъди як сол дар ин таълимгоҳ бахши махсуси духтарона ташкил карда шуд, ки мудири он Рустам Давлатзода буд. Духтарони фаъоли ҷомеа, ба монанди Муборак Маҷидова, Хайринисо Ҳафизова, Бибиҳанифа Содиқова, Ҳамроҳой Рузиева, Давлатой Шукурова, Нусратой Раҷабова, Марзия Калонова, Бибикалон Шарифова, Сангиной Нозимова, Нусратой Ғуломова, Мукаррама Азизова ва бисёр дигарон бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, парваришгоҳро хатм карда, таълимгирандагони ҳарду бахш ба амсоли Файзӣ Исматӣ, Ҳикмат Рафиев, Юсуф Ҳаёт, Хайринисо Ҳафизова ва дигарон дар ноҳияҳои водии Ҳисор дар вазифаҳои ҳизбӣ – давлатӣ, бо ҳайси мудири маориф ва рӯзноманигор фаъолият намуда, то ба мартабаҳои баланд расиданд. Иддае аз хатмкунандагони ин парваришгоҳ, ба монанди адиби зиндаёд устод Мирзо Турсунзода олимону шоирон Носирҷон Маъсумӣ, Обидӣ ва дигарон ба шаҳри Самарқанд ба таҳсил фиристода шуданд. Шоири шинохтаи ҷаҳон Мирзо Турсунзода, адибони намоёни тоҷик Ҳомид Обидӣ, Мустафо Шарқӣ, Муродҷони Саъдулло, олимони намоёни тоҷик Носирҷон Асадович Маъсумӣ, чекистон Муродулло Саъдулло, Абдулҳамид Бобокалонов, А. Зарифӣ ва ғайраҳо, ки барои рушди Тоҷикистон саҳми сазоворе гузоштаанд, дастпарварони ҳамин таълимгоҳ буданд.

Ҳоҷӣ Раҳматулло Бобоҷонов ҳамчун сардори Комиссияи диктаторӣ дар минтақаи Бухорои Шарқӣ на танҳо дар соҳаи маориф, балки барои рушди санъати ин манотиқ низ ҳиссагузор буд. Аввалин дастаҳои санъаткоронро бо сарварии ҳофизи номии ҳисорӣ Мулло Ибодулло созмон дода, ба ривоҷи ин соҳаи муҳим диққати ҷиддӣ медод ва аз тарафи давлат маблағе низ ҷудо карда буд, ки чунин иқдом барои равнақи соҳаи санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд заминаи хубе фароҳам овард.

Боиси ифтихор аст, ки адиби ҷанговар Ҳаким Карим ба тумани Қаратоғи вилояти Ҳисор ба сифати омӯзгор ба кор фиристода шуда буд. Пас аз чанде эшон ба кори шӯроҳо ҷалб гардида, чанде вазифаи котибии тумани Қаратоғро ба уҳда дошт.

Тақсимоти ҳудуд-и-миллии Осиёи Миёна ва ташкил ёфтани Республикаи Мухтори Шӯрави Сотсиалистии Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1924 барои инкишофи маорифи халқи тоҷик роҳи нав кушод. 14 декабри соли 1924 дар асоси Қарори шуъбаи маорифи халқи Бухорои Шарқӣ Комиссариати халқии маорифи Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки он ҳамагӣ 3 мактаби ибтидоӣ ва 4 интернат бо 452 нафар хонанда, 31 нафар муаллимону хизматчиёнро дар бар мегирифт. Соли хониши 1925 тоҳ 57 мактаби ибтидоӣ ва 8 интернат амал мекард [15,с.35]. Биноҳои мактабҳоро халқ ба воситаи ҳашар бунёд мекарданд. Ҳатто мизу курсиҳоро аз чӯби худӣ устоёни маҳаллӣ месохтанд.

Ҳамин тариқ, дар давраҳои аввали бунёди ҷомеаи нави Шӯравӣ дар ҳудуди Тоҷикистони марказӣ зиёиён дар рушду пешрафти маориф ва фарҳанг саҳми беандоза гузоштаанд.

## АДАБИЁТ


1. Раҳмонов Э. Аз машварати корӣ дар ноҳияи Ҳисор аз 13 октябри соли 2013 оиди омодагӣ ба таҷлили 3000- солагии Ҳисор“ / Э. Раҳмонов // Ҳафтаномаи“Ҳисори Шодмон”аз 13 Октябри соли 2013. -С. 1-2.
2. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар / А.Девонақулов. -Душанбе: Ирфон, 1989. -270 с.
3. Собирӣ Ш. Таърихи ҷамоати Ҳисор. –Душанбе: Ватанпарвар, 2010. - 300 с.
4. Юсуфбеков Р. Аз бесаводии саросар ба қаъри қуллаҳои маърифат / Р. Юсуфбеков. –Душанбе: Ирфон,1964. -207 с.
5. Ҳайдаров Ғ. Таърихи ҲКТ Тоҷикистон / Ғ. Ҳайдаров. –Душанбе: Ирфон, 1991. -201 с.
6. Макашов А. Революцией призванные ”Коммунист Таджикистана”/ А. Макашов. 10 ноября 1978. -№108.
7. Раҷабов С.Р. Маорифи ҷумҳрии Тоҷикистон / С. Р. Раҷабов. –Душанбе: Ирфон, 1991. - 210 с.
8. Бойгонии Марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди 3, рӯйхати 1, дафтари 4, варақи 1.
9. Собирӣ Ш. ”Эҳёимаърифат”. – Душанбе, “Суҳайл” 2004. - 420 с.
10. Собирӣ Ш. Сарбози инқилоб. -Душанбе: Пайт, 1997. - 150 с.

11. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фонди 9, рӯйхати 1, дафтари 190, вараҷи 2.
12. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фонди 9, рӯйхати 1, дафтари 21, вараҷи 4.
13. Раҷабов С. Р. Маорифи халқи Тоҷикистон / С. Р. Раҷабов. –Душанбе: Ирфон, 2003. -210 с.
14. Собирӣ Ш. Сарбозиинқилоб. - Душанбе: Пайт, 1997. - 150 с.
15. Собирӣ Ш. Эҳёи маърифат. -Душанбе: Суҳайл, 2007. – 420 с.

**САҲМИ АВВАЛИН ЗИЁИЁНИ ВОДИИ ҲИСОР ДАР РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Моҳияти асосии тадқиқоти мақолаи мазкурро саҳми аввалин зиёиёни Водии Ҳисор дар рушди соҳаи маориф ва фарҳанги ҷумҳурӣ дар солҳои аввали таъсис ёфтани Ҳукумати Шӯравӣ барои саросар саводнок намудани мардуми Тоҷикистони Марказӣ ташкил медиҳад. Бо кумаки сокинони Водии Ҳисор бо роҳи ҳашар мактабҳо сохта мешуданд. Аз ҳисоби хатмкунандагони мадрасаҳои Ҳисору Қаратоғ хоҳишмандон ба курсҳои кӯтоҳмуддати муаллимтаёркунӣ фиристода мешуданд. Дар ташкилу сафарбар намудани омӯзгорону хонандагон саҳми револютсионери шуълавар Раҳматулло Furthermore Бобоҷонов ниҳоят бузург аст.

**Калидвожаҳо:** водии Ҳисор, зиёиён, шӯравӣ, Тоҷикистони Марказӣ, фарҳанг, Душанбе, Осиёи Миёна, мадраса, Комиссияи диктаторӣ, Бухоро.

**ВКЛАД ИНТЕЛЛИГЕНЦИИ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ В РАЗВИТИЕ КУЛЬТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Статья начальных интеллигенции Гиссарской долины в развитие культуры Республики Таджикистан заключается в том, что изучение данного материала даёт возможность выявить как общие законномерности данного процесса, так и специфические особенности его развития во время образования социалистического государства на территории Гиссарской долины. Тем самым, открываются новые возможности для глубокого понимания развития народного образования в условиях преобразования нового социалистического общества. Местный руководитель член Диктатурской комиссии Бухарской Народной Социалистической республики в Восточной Бухаре - Хочи Рахматулло Бобачонов из числа оканчивших Гиссарское и Каратагское медресе собирал желающих грамотных и отправлял на курсы по подготовке учителей начальных классов. В результате во многих населенных пунктах Восточный Бухары были подготовлены педагогические кадры. Эти учителя на местах путем хашара построили школу и обеспечили ее учебным материалом. Собирали учащихся. Днём проводили с учащимися, вечером занимались борьбой с неграмотностью, таким образом развивали народное образование на территории Восточной Бухары Таджикской молодой автономной Республики.

**Ключевые слова**: Гиссарская долина, интеллигенция, Революционный, Центральной Таджикистан, культура, Душанбе, Средняя Азии, медресе Диктатурская комиссия, Бухара.

**THE ROLE OF INTELLEGENCE OF HISSAR VAKKEY IN THE DEVELOPMENT OF CULTURE IN TAJIKISTAN**

The main meaning of the article is about the role of the first intellegence of Hissar Valley in the development of culture and the first intellegent of the first Soviet period tried to educate the people of Central Tajiristan. Dushanbe at that ntime became the capital of our republic. The honorable people of Hussar Valley and the others put the fundament to educate the people and played a big role and put all their energy, efforts in it. With the help of the people of Hissaar Valley were build many schools. The people who graduated from the madrasas in Hissar and Charatag were chosen and sent to the courses for preparing teachers and the teachers were prepared. A very big role in organizing and mobilization of the teachers and students played a member of the Commition of the Dictator of the People's Soviet Republic of Buchara a great revolutionier Rahmatullo Bobojonov.

**Key words:** Hissar Valley, intellegence, Soviet, the Central Tajikistan, culture, Duchanbe, the Central Asia, madras, the Dictator Commisssion, Buchara.

**Сведения об авторе:** ***Собиров Шодибек*** - Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзаде, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории и межкультурной коммуникации. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **Sobirov47@mail.ru**. Телефон: **(+992 37) 232-50-05; 919-58-28-91**

**Information about the author:** ***Sobirov Shodibek*** **-** Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulugzade, Ph.D. in History, Associate Professor of the Department of History and Intercultural Communication. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadiyev Street, 17/6. E-mail: **Sobirov47@mail.ru.** Phone: **(+992 37) 232-50-05; 919-58-28-91**

**УДК: 930.25 : 339.1(55)**

# АНДОЗҲО ВА ДИГАР МАҶБУРИЯТҲОИ ЗАҲМАТКАШОН ДАР ДАВЛАТИ САФАВИҲОИ ЭРОН

***Ҳомидова Қ., Мирзоалиева М.***
**Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон**

Дар охири асри XVI аввали асри XVII Эрон мамлакати феодалӣ буд, ки қабила ва халқҳои он дар зинаҳои гуногуни тараққиёти ҷамъиятӣ умр ба сар мебурданд. Дар ин ҷо дар баробари аҳолии муқимӣ қабилаҳои бешумори кӯчманчӣ низ зиндагонӣ мекарданд. Асоси иқтисоди мамлакатро хоҷагии қишлоқ ташкил медод. Қисми зиёди деҳқонон, ки

онҳоро раият мегуфтанд, безамин буда, иҷорагирони замини синфҳои ҳукмронро ташкил медоданд. Давлат расман ҳокими ягонаи замин ба ҳисоб мерафт, ки мавҷуд будани дигар соҳибони заминро рад мекард.

Дар аввали асри XVII таносуб дар байни ин навъҳои заминдорӣ хеле тағйир ёфта буд. Дар натиҷаи сиёсати марказонидаи давлатдории Сафавиён, ки ба барҳам додани хараҷу мараҷи феодалӣ равона карда шуда буд, шумораи заминҳои давлатӣ ва шоҳӣ хеле зиёд гашта буданд. Саркӯб кардани ин ва ё он заминдори калони саркаш ва ё феодали исёнгар ба он оварда мерасонид, ки замин ва молу мулки онҳо ба ихтиёри давлат мегузашт. Ба ғайр аз ин, заминҳои давлатӣ аз ҳисоби васеъшавии сарҳадҳои давлатӣ зиёд мешуд. Сиёсати дохилии давлати Сафавиён ба зиёд шудани заминҳои вақф низ оварда расонид. Эълон карда шудани равияи шиа ҳамчун наҳзати давлатии Сафавиён талаб мекард, ки асоси моддии муассисаҳои динии рӯҳониёни шиа пурқувват карда шавад.

Давлат ва муассисаҳои динӣ заминҳои хеле зиёдеро аз худ (вақф) намуда, онҳоро аз андоз озод (маоф) менамуданд. Ғайр аз ин, ба вақф корвонсароён, бозорҳо, хонаҳои истиқоматӣ, манбаъҳои об табдил дода мешуданд. Вақфҳои калонтарин ба чунин мақбараҳои муқаддас тааллуқ доштанд: мақбараи Имом Ризо дар Машҳад, мақбараи Фотима дар Қум ва мақбараи Шайх Сайфиддин дар Ардабил [2,с.258].

Заминҳои хусусӣ - мулк дар ин давра хеле кам буданд. Шоҳони Сафавӣ бисёр мулкҳои хусусиро мусодира карда, онҳоро давлатӣ эълон карда буданд. Мулкҳои худро он феодалоне нигоҳ дошта метавонистанд, ки сиёсати дохилӣ ва берунии давлати сафавиҳоро дастгирӣ мекарданд. Заминҳои ҷамъиятӣ дар ин давра хеле ҳам кам шуда буданд, ки дар он ҷо низ расман шоҳ соҳиби асосии замин ба ҳисоб мерафт. Аз ҳисоби заминҳои давлатӣ ба сардорони қабилаҳои қизилбош, шахсони олимартаба ва рӯҳониёни шиа замин туҳфа карда мешуд. Дар манбаъҳои таърихӣ заминҳои тӯҳфашударо ба тарзҳои гуногун номбар менамуданд: иқта, тиюл, улқо ва суюрғал. Шакли аз ҳам паҳнгаштаи заминҳои туҳфашударо тиюл меноманд. Аммо ба тиюл шарҳи пурра додан душвор аст. Зеро, муаллифони асарҳои таърихӣ истилоҳи иқта ва ё улқоро овардаанд.

Дар асри XVI иқтаи асрҳои XIII-XIV, ки он вақт меросӣ буд, тағйир ёфта, заминдории шартии муваққатӣ ба роҳ монда шуда буд. Тиюли давраи Сафавиҳо бошад, иқтои аввала буд. Дар асри XVI тиюл гуфта андози феодалиеро, ки қисман ва ё пурра ба шахсе дода мешуд, меномиданд. Заминҳои тиюл меросӣ набуданд. Дар давлати Сафавиҳо асосан ду навъи тиюлро нишон додан мумкин аст[1,с.165].

а) заминҳое, ки ба иҷрокунандаи ин ва ё он вазифа вобаста буд, яъне ҳар як шахси ба вазифаи давлатӣ ва ё ҳарбӣ дохилшуда, заминеро низ соҳиб мешуд, ки аз ҳисоби он рӯз мегузаронид;

б) заминҳое, ки ҳамчун туҳфа (мавоҷиб) ба шахсони хизматнишондода дода мешуд.

Тиюле, ки ба сардорони қабилаҳои кӯчманчӣ дода мешуд, иқта ва ё улқо номида шуда, аз чорогоҳ ва ё вилояти калон иборат буд. Шарти асосии замини тиюлшуда иҷро кардани вазифаи давлатӣ буд. Тиюлдор (соҳиби тиюл) бояд ба фармони шоҳ ба юриши ҳарбӣ ҳозир шуда, ҳамроҳи худ миқдори муайяни сарбозонро (розиёнро) меовард. Касе аз иштирок кардан ба юришҳо саркашӣ мекард, тиюлро аз даст медод.

Шакли дигари заминдории феодалӣ суюрғал буд. Шоҳони давлати Сафавӣ кӯшиш мекарданд, ки заминҳои давлатиро ҳарчи камтар ба суюрғал бидиҳанд. Дар охири асри XVI ва аввали асри XVII давлат суюрғалро бештар ба намояндагони ашрофони маҳаллӣ ва рӯҳониёни шиа медод. Зеро онҳо даъвоҳои ҳокимият надоштанд ва ба ҳокимияти марказӣ таҳдиде намекарданд. Искандарбеки Муншӣ менависад: «Суюрғал бештар ба сайидҳо дода мешуд» [4,с.167].

Ғайр аз ин давлат ба шахсони хосса, наздикони худ суюрғал медод. Дар давраи ҳукмронии Аббоси I дар Эрон гуруҳи махсуси одамони суюрғалдошта мавҷуд буд, ки онҳоро «асҳоби суюрғалот» меномиданд. Шахси суюрғалдошта метавонист, ягон вазифаи давлатиро иҷро кунад. Аммо, чи хеле ки набошад, дар давлати Сафавиҳо миқдори суюрғал хеле кам буд. То чӣ андоза кам будани суюрғалро аз шумораи тиюлҳо, аз маълумотҳои «Тазкират-ал-мулук» қиёс кардан мумкин аст. Мувофиқи он даромади солонаи заминҳои ба суюрғал додашуда ба 36777 туману 8800 динор ва даромади заминҳои ба тиюл додашуда ба 375366 туману 3000 динор баробар буд [9,с.73]. Яъне, шумораи суюрғалҳо нисбат ба тиюлҳо зиёда аз 10 маротиба камтар буд. Аксари деҳқонони Эрон иҷорагирони замин буданд ва ба феодал аз 4/3 ва ё аз 5/4 ҳиссаи ҳосилро медоданд. Бояд гуфт, ки шартҳои иҷораи замин дар ҳар қисмати Эрон гуногун буданд [2,с.351].

Дар охири асри XVI вазъияти сиёсии давлати Сафавиҳо ноустувор буд. Дар дохили синфҳои ҳукмрон нишонаҳои инқироз пайдо шуда буданд. Синфи ҳукмрон дар ин давра

ба 4 гурӯҳ тақсим шуда буд: а) ашрофони ҳарбии қабилаҳои кӯчманчӣ ва нимкӯчманчии қизилбош ва ғайри қизилбош; б) феодалони кухнаи маҳаллӣ; в) рӯҳониёни калони шиа; г) ашрофони маҳаллӣ, ки мавқеи ин гурӯҳҳо якхела набуданд. Дар давлати Сафавиҳо то охири асри XVII мавқеи ҳукмрониро намояндагони ҳафт қабилаи қизилбош, ки Сафавиҳоро ба сари ҳокимият оварда буданд, ишғол мекарданд. Ин қабилаҳо қабилаҳои шомлу, устоҷлу, текелу, аршор, қочор ва зулқадор буданд [7,с.93]. Дар охири асри XVI, аввали асри XVII ба сафи қабилаҳои ҳукмрони қизилбош қабилаҳои ғайритуркии курдӣ ва толишӣ низ дохил шуданд. Роҳбарони ин қабилаҳо худро вассали шоҳ ҳисобида, аз вай замин мегирифтанд. Шоҳи Сафавиҳо ҳокими феодалӣ буда, ҳамчун роҳбари динии мусулмонҳои шиа маъруф буд. Сафавиҳо авлодони халифаи чаҳорум Алӣ ва имоми ҳафтуми шиаҳо Мӯсои Козим будаанд [4,с.61]. Ин ба Сафавиҳо ҳуқуқ медод, ки пири (муршид) комили сафавия бошанд. Ҳамаи қабилаҳое, ки Сафавиҳоро дастгирӣ мекарданд, «сӯфӣ», «дарвеш» ва «мурид»-и Сафавиҳо ба ҳисоб мерафтанд.

Шоҳи Сафавиҳо мувофиқи анъанаҳои таърихӣ худашро «шоҳаншоҳ» меномид. Дар дасти вай ҳокимияти бемаҳдуди қонунбарор ва иҷроия буд [2,с.306]. Дар мансабдории давлатӣ баъди шоҳ гурӯҳи калони ашрофони ҳарбии қабилаҳои кучманчӣ қарор доштанд. Онҳоро бо номи суфӣ - дарвеши халифа, яъне ҷонишини муршиди бузург - шоҳ мехонданд. Халифаи қабилаҳо аксари вақти худро дар дарбор, назди шоҳ мегузарониданд. Сардори ҳамаи халифаҳоро халифат-ал-хулофат (яъне халифаи халифаҳо) меномиданд. Мансаби халифат-ал-хулофат дар давлати Сафавиҳо то аввали асри XVIII мавҷуд буд [2,с.296].

Ба мансаби халифат-ал-хулофат аз ҳама шахси обрӯманди қизилбошро таъйин мекарданд. Вай ҷонишини шоҳ буда, ягон кори муҳим бе маслиҳати ӯ ҳал намешуд. Халифа дар ихтиёри худ муҳри шоҳро нигоҳ медошт. Бо маслиҳати ӯ амалдорони давлатӣ ба мансаб таъйин ва тасдиқ мешуданд. Халифаҳо дар ҳамаи корҳои дарборӣ иштирок намуда, дар муайян кардани меросхӯри шоҳ дахл мекарданд.

Аз ҳисоби халифаҳои қаторӣ дар назди шоҳ гурӯҳи махсуси сӯфиҳо буданд, ки вазифаи ҳимояро иҷро менамуданд. Ин гурӯҳ аз 200-300 нафар иборат буд ва вазифаи ҷаллодии шоҳро адо менамуданд. Мувофиқи маълумотҳои таърихӣ гурӯҳи сӯфиҳо дар ҳузури шоҳ гунаҳкоронро пора - пора менамуданд [6,с.187].

Ба ҳайати қизилбошҳои ҳукмрон инчунин шайховандҳо дохил мешуданд. Шоҳзодагони Сафавиро шайхзода (яъне писари шайх) меҳисобиданд. Ҳамаи хешу табори шоҳро бошад, шайхованд мегуфтанд. Дар охири асри XVI шайховандон гуруҳи хурдеро иборат аз 2 ҳазор кас ташкил медоданд. Онҳо асосан дар Ардабил ва гирду атрофи он истиқомат мекарданд. Ашрофони шайхованд иззатманд буда, ба мансабҳои олӣ таъйин мешуданд. Аз ҳисоби онҳо ҳокимони вилоятҳо, нигоҳдорандагони муҳрҳои шоҳӣ ва давлатӣ, сардорони дастаҳои ҳарбӣ, сафирон ва дигарон таъйин карда мешуданд. Шайховандҳо низ ҳамчун халифаҳо бо ҳамаи корҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва молиявӣ хуб шинос буданд.

Вазири бузург ба корҳои маъмурӣ ва молиявӣ сардорӣ мекард. Дар зери дасти вай идораи марказӣ - дафтархонаи олӣ кор мекард. Дар ин ҷо роҳбари молияи мамлакат мустаувфӣ-амолик низ буд. Ба ваколатҳои васеи худ нигоҳ накарда, вазири бузург то охири асри XVI дар ҳаёти сиёсии давлати сафавиҳо мавқеи мухимро ишғол менамуд. Дар таъйин ва бекор кардани вазирҳои ашрофони қабоили қизилбош дахолат мекарданд. Қизилбошҳо вазиреро, ки хилофи майлу хоҳиши онҳо кор мекард, зуд аз мансаб дур мекарданд. Масалан, дар солҳои ҳукмронии Таҳмоси I (1524-1576) дар давлати Сафавиҳо 12 вазири бузург иваз шуданд. Кор то ба он ҷое расида буд, ки дар солҳои охири ҳукмронии Таҳмоси I мансаби вазири бузург холӣ буд [4,с.183].

То охири асри XVI Эронро намояндагони қабилаҳои қизилбош, ки онҳоро амир меномиданд, идора мекарданд. Аз манбаъҳои таърихӣ чунин бармеояд, ки амир гуфта, ҳар шахсеро меномиданд, ки ба идоракунии вилояте машғул буда, унвони хон ва ё султонро дорад. Ин унвонҳо меросӣ набуда, ба иҷро кардани мансабе вобаста буданд. Вобаста ба ин, ашрофони қабоили қизилбош ба амирони бузург (умарои бузург) ва амирони хурд (умарои хурд) тақсим мешуданд. Мувофиқи маълумотҳои «Тазкират-ал-мулук» амирҳо ду хел буданд:

а) амироне, ки дар дарбор буданд, умарои давлатхона номида мешуданд. Амирони дарбор аз олимансабони маҳаллӣ ва ҳарбӣ иборат буданд;

б) амирони музофотҳои сарҳадӣ умарои сарҳад номида мешуданд. Дар давраи шоҳ Аббоси I дар давлати Сафавиҳо 114 амир буд [9,с.118].

Давлати Сафавиҳо дар охири асри XVI ба вилоятҳои зиёди хурду миёна ва бузург тақсим мешуд. Сайёҳи итолиёвӣ де-Александри, ки дар солҳои 70-уми асри XVI ба Эрон омада буд, мегӯяд, ки мамлакат ба 50 қисм тақсим мешавад. Ҳар як қисми онро сардори

қабилае идора мекард, ки дар ихтиёри худ аз 500 то 3000 сарбоз дошт. Ин вазъият ба онҳо имкон медод, ки амалан мустақил бошанд.

Баъди ба тахт нишастани шоҳ Аббоси I (1587-1629) дар давлати Сафавиҳо як қатор чорабиниҳо гузаронида мешаванд, ки онҳо ба марказонидан ва пурқувват гардонидани ҳокимияти марказӣ равона карда шуда буданд. Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти ҳарбӣ дар муқобили қӯшуни феодалии қабилавӣ армияи низомие ташкил ёфт, ки он ба шоҳ имкон дод, ки ба муқобили худсарии ашрофони қизилбош ва харачу марачи дохилӣ мубориза барад. Дар дарбори Сафавиҳо ислоҳоти маъмурӣ низ гузаронида шуд, ки ба мустаҳкамшавии дастгоҳи марказӣ равона карда шуда буд [3,с.281].

Эътимодуддавла арзу хоҳишро аз тамоми кишвар худаш дида мебаромад. Барои ба назди вай даромадан амалдорони давлатӣ пора медоданд. Адам Олеарий дуруст қайд мекунад, ки эътимодуддавла бо ҳар роҳ мамлакатро ғорат намуда, ҳосили онро ба шоҳ медод. Дигар сарони қизилбош мисли пештара ба муқобили вазири бузург баромада наметавонистанд. Вазири бузург, пеш умуман ба масъалаҳои давлатӣ дахолат намекард. Акнун вай баъди шоҳ мавқеъ ва нуфузи баланд дошт. Баъди эътимодуддавла дар зинаи феодалӣ сардори гвардияи шахсии шоҳ қурчибошӣ меистод. То ба сари тахт омадани Аббоси 1 қурчибошӣ мақоми аз ҳама баландро ишғол мекард. Шоҳ Аббоси 1 қушуни низомӣ ташкил карда, нақши қурчиро, ки амалан қушуни қабилавӣ буд, маҳдуд намуд. Агар пеш ба ин вазифа фақат намояндагони қабилаҳои қизилбош таъйин мешуданд, акнун дар аввали асри XV11 ба ин вазифа қурбошӣ ва баъзан ғуломи мусалмоншуда низ таъйин карда мешуданд [3,с.281].

Дар зинаҳои дигари мақомоти давлатӣ шахсони зерин меистоданд: меҳтар (хизматгори шоҳ), воқеъанавис (котиб), девонбегӣ (суди олӣ, ки корҳои ҷиноятиро медид), қулароғосӣ (сардори гвардияи ғуломон) ва эшикоғозибошӣ (хизматгорони дарбор) [2,с.502]. Шахсони дар вазифаҳои боло қайдшуда аркони давлат ҳисобида мешуданд. Дар давраи ба Эрон омадани Адам Олеарий ин вазифаҳо ба намояндагони феодалони маҳаллии эронӣ ва ғуломони ба дини ислом гузашта тааллуқ доштанд.

Баъди амалдорони давлатӣ дар ҳаёти сиёсии мамлакат рӯҳониёни шиа меистоданд. Дар дасти онҳо ҳокимияти судӣ буд. Дар ҳар як вилоят шайхулислом буд, ки вай ба кори судҳои динӣ ба корҳои рӯҳониёни шиа сардорӣ мекард. Дар шаҳрҳо бошад, ҳокимияти судӣ дар дасти қозиҳо буд. Қозиҳо ба садр-ас-судури тамоми давлат итоат мекарданд. Ҳамаи корҳо дар асоси шариат ҳал карда мешуданд. Одатан, корҳои давлатиро судҳои ғайридинӣ медиданд. Аммо ин ҷо ҳам асос меъёрҳои шариат буд. Корҳои чунин судҳоро суди давлатӣ – девонбегӣ сардорӣ мекард.

Ҳамин тавр, дар аввали асри XVII шоҳ Аббоси I тавонист, ки ҳокимияти марказиро пурқувват намуда, мақомоти идоракуниро ба тартиб дарорад. Дар натиҷа нақши ашрофони қизилбош дар ҳаёти сиёсии мамлакат хеле ҳам кам карда шуд ва иштироки намояндагони феодалони маҳаллии эронӣ дар ҳаёти сиёсии мамлакат зиёдтар ба роҳ монда шуд. Давлати ниҳоят бузурги Сафавиҳоро хонҳо, калонтарҳо ва вазирҳо идора менамуданд. Ба ин вазифаҳо намояндагони қизилбошҳо, ғуломони мусулмоншуда ва намояндагони аҳолии маҳаллии эронӣ таъйин карда мешуданд. Аз ҳама дараҷаи баландро ҳокими вилоят дошт, ки ӯро «бегларбег» меномиданд, шоҳ ба ӯ унвони олӣ –хонро дода буд.

Дар аввали асри XVII давлати Сафавиҳо ба 13 вилояти калон тақсим мешуд, ки ҳокими ҳар яки он унвони хонӣ дошт. Ин вилоятҳо - Гелон, Мозандарон, Исфаҳон, Форс, Озарбойҷон, Хуросон, Ҳирот, Қандаҳор ва ғайраҳо буданд. Бегларбек баъди аз вазифа озод шуданаш номи хониро ба худ нигоҳ медошт. А.Олеарий мегӯяд, ки ҳокимияти хонӣ дар Эрон меросӣ набуд [2,с.508].

Бегларбекхон вилояти ба ӯ додашударо мустақилона идора менамуд. Вай сардори қӯшуни вилоятӣ буда, маҷбур буд, ки сарҳадҳои давлатро ҳимоя намояд. Умуман, дар дасти бегларбек ҳокимияти халқӣ ва ҳарбӣ ҷамъ карда шуда буд. Аммо бевосита ба корҳои маъмурии вилоят вазири хон машғул буд. Дар ҳамаи вилоятҳо ба вазифаи вазирӣ намояндаи феодалони эронӣ таъйин мешуданд. Вазир ба дастгоҳи маъмурии вилоят роҳбарӣ намуда, масъалаи ҷамъ кардани андозро назорат мекард.

Дар зери дасти вазири вилоят муставфӣ кор мекард. Муставфӣ молияи вилоятро назорат мекард ва руйхатҳои андозро тартиб медод. Вилоятҳо ба воҳидҳои хурди маъмурӣ тақсим мешуданд, ки ҳокими онро султон мегуфтанд. Шаҳрҳои калонро шахсоне идора мекарданд, ки онҳоро калонтар меномиданд. Калонтар ба аҳолии шаҳр андоз таъйин намуда, рӯёнидани онро таъмин менамуд. Аз ҳама воҳиди хурди маъмурӣ сардори деҳа буд, ки онро кадхудо мегуфтанд. Кадхудо ҷамъияти деҳро роҳбарӣ карда, намояндаи давлат ҳисоб мешуд. Хонҳо, султонҳо, калонтарҳо, вазирҳо ва дигар амалдорони

бешумори давлати Сафавиҳо аз ҳисоби даромади маҳаллӣ маош мегирифтанд. Шоҳ Аббоси I ба муқобили ҳар гуна худсарӣ ва ришвахурии амалдорони давлатӣ мубориза мебурд. Масалан, ӯ қозии Исфаҳонро барои ришва гирфтанаш ҷазои хеле сахт медиҳад. Қозиро рӯ ба қафо дар майдони марказии Исфаҳон мегардонанд. Ҷорчии шоҳ бошад, садо медод, ки: «Шоҳ ба ҳар касе ришва гирифта, ҳақиқатро рупӯш кунад, чунин рафтор хоҳад кард» [2,с.512].

Дар аввали асри XVII дар Эрон сиёсати андозгирии давлат қадре суст гардида буд. Ин маънои онро надорад, ки давлати Сафавиҳо ба манфиати оммаи меҳнаткашон сиёсат мебурда бошанд. Баръакс, шоҳ Аббоси I ва меросхӯри вай Сафии I (1629-1642) хуб мефаҳмиданд, ки асоси иқтидори давлат пур будани хазинаи давлатӣ аст. Хазинаи давлатӣ бошад, аз ҳисоби ситонидани андоз аз аҳолӣ пур карда мешуд. Мувофиқи қонуни иқтисодӣ, давлат барои муттасил ҷамъ кардани андоз бояд қобилияти андозсупории аҳолиро баланд бардорад. Дар натиҷа, давлати Сафавиҳо дар аввали асри XVII ба баъзе вилоятҳои дохилии Эрон сабукиҳои андозӣ медиҳанд: баъзе андозҳо кам карда шуда, баъзеи дигарҳояшон бошад, барои якчанд сол барҳам дода мешуданд [5,с.312].

Ин чорабиниҳои ҳукумат ба ҷоннокшавии иқтисодиёт ва нисбатан беҳтар шудани вазъияти меҳнаткашон оварда мерасонад. Беҳтаршавии вазъиятиро чунин фаҳмидан мумкин буд, ки дастгоҳи марказии давлатӣ миқдор ва андозаи андозҳоро қатъиян муайян карда, кӯшиш мекард, ки дар рӯёндани онҳо амалдорони молиявии давлатӣ худсарӣ накунанд. Бояд қайд кард, ки давлат пурра ба ин мақсади худ нарасид. Зеро худи шоҳ ва дигар амалдорони олимартабаи давлатӣ ба худсарӣ роҳ медоданд.

Шакли асосии истисмори феодалӣ дар ин давра аз меҳнаткашон гирифтани андоз аз замин буд. Чи тавре ки маълум аст, деҳқонони асримиёнагӣ ҳеҷ гоҳ соҳиби замин набуда, фақат иҷорагирандаи он ба ҳисоб мерафтанд.

Шартҳои иҷораи замин дар қисмҳои алоҳидаи Эрон гуногуни буд. Деҳқонон замини феодалро ба иҷора гирифта, ҳосили онро мувофиқи тартиби асримиёнагӣ тақсим менамуданд. Он барои қарзҳои замин, об, тухмӣ, ҳайвони корӣ ва қувваи корӣ ҳисоб карда мешуд. Дар заминҳои лалмӣ бошад, чор нишона ба эътибор гирифта мешуд. Ҳар тараф ҳаққи худашро аз рӯйи нишонаҳои муайян соҳиб мешуд. Аммо аксари мавридҳо деҳқон аз 4/1 ва ё аз 3/1 қисми ҳосилро мегирифт. Ҳосили дарахтҳои мевадиҳанда баробар тақсим карда мешуд. Аз ҳосили шолӣ, лубиё, пахта, арзан, харбуза, каду, юнучқа деҳқон аз 5/2 ҳисса мегирифт. Андоз бо ашё (натура) ва баъзан бо пули нақд гирифта мешуд. Дар заминҳои давлатӣ деҳқонон андози давлатӣ медоданд, аммо дар дигар намудҳои заминдорӣ рента- андоз гирифта мешуд.

Деҳқонони эронӣ дар аввали асри XVII андозҳо ва дигар уҳдадориҳои зиёди феодалиро иҷро мекарданд. Мувофиқи тадқиқоти И.П.Петрушевский, шумораи андозҳо ва уҳдадориҳои феодалӣ дар ин давра ба 35 адад мерасид [8,с.319].

1. Молу ҷиҳот – андози асосӣ аз замин, яъне қисми асосии рента - андоз. Молу ҷиҳот бо ашё гирифта мешуд ва 15-20 фоизи ҳосилро ташкил медод. Молу ҷиҳот аз тамоми намудҳои заминдорӣ гирифта мешуд.
2. Даҳяк – (ушр) – миқдори даҳяк аз молу ҷиҳот камтар буд. Ва аз 10/1 қисми ҳосилро ташкил медод.
3. Алафа ва улуфа – таъмин кардани қӯшун бо хӯрок ва хошок.
4. Коналга – деҳқонон маҷбур буданд, ки хонаҳои худро барои истифода ба сафирони давлатӣ, амалдорони давлатӣ ва дигарон бидиҳанд. Ин бисёр уҳдадории вазнин буд. Адам Олеарий овардааст, ки дар вақти истифодаи онҳо дар соҳили ҷануби баҳри Каспий сокинони деҳаи Низобод ба онҳо 2 асп, 2 барзагов, 12 гӯсфанд, 26 мурғ, 5 халта орд, 2 сабад себ, 3 хуми калони май ва оби нӯшокӣ оварданд [2,с.512].
5. Улоғ – аҳолӣ бояд ба амалдорони давлатӣ аспони худро медоданд, то ин ки онҳо аз як истгоҳ ба истгоҳи дигар бетаъхир ва тез бирасанд.
6. Улом (алом) – деҳқонон бояд як қисми хароҷоти шахсоне, ки супоришҳои (почтаи) давлатиро мебурданд, бидиҳанд.
7. Бакор – мувофиқи ин уҳдадорӣ аҳолӣ барои корҳои бепули ҷамъиятӣ ва давлатӣ (кандани ҷӯйҳо, сохтмони пулҳо ва биноҳо) сафарбар карда мешуд.
8. Шикор – деҳқонон барои пеш кардани ҳайвоноти ваҳшӣ дар вақти шикори шоҳ ва ё дигар амалдорони давлатӣ ҷалб карда мешуданд. Шикор баъзан 10-12 рӯз давом мекард.
9. Черик-аҳолӣ бояд ба қӯшуни феодалӣ сафарбар карда мешуд. Ин уҳдадориро асосан қабилаҳои кӯчманчӣ иҷро мекарданд.
10. Тарҳ – ин андоз аз давраи ҳукмронии муғулҳо (асрҳои XIII-XIV) боқӣ монда буд. Мувофиқи он шаҳриён ва деҳқонон ба дарбор моли худро бояд ба нархи хеле ҳам паст мефурӯхтанд.

11. Саргала – ин андоз аз саршумори ҳайвон (чорво) гирифта мешуд.

12. Дастандоз – туҳфа ба ҳоким ва ё дигар амалдори давлатӣ ба муносибати ба вазифа таъйин шуданаш.

13. Мулкона – аз ҳисоби деҳқонон барои шоҳзодаҳо андоз гирифта мешуд.

14. Идӣ – туҳфаҳои деҳқонон ба намояндагони синфҳои ҳукмрон ба муносибати идҳои бешумори динӣ.

15. Наврӯзӣ – туҳфаи деҳқонон ба феодалон ба муносибати иди Наврӯз.

16. Пешкаш – ин ҳам як навъи «туҳфаи ихтиёрӣ» ба феодалон буд.

17. Самадӣ – як навъи туҳфа ба ҳокимони давлатӣ.

18. Саломӣ – туҳфа ба шахсони олирутба ба муносибати ба ягон ҷой омаданашон.

19. Муҳосилона – ҷамъ кардани андоз барои харҷи амалдорони давлатӣ.

20. Ҳақ-ус-сайи- уъмол – андоз барои харҷи амалдорони молиявӣ.

21. Бадрака – дар хонаи деҳқонон қабул кардани амалдорони давлатӣ.

22. Расм-ас-садорат – андоз барои харҷи Садр – сардори рӯҳониёни шиа.

23. Расм- ал-вазорат – андоз барои вазир.

24. Рас- мат-таҳрир вал-масофат – андози мухсус барои таъмири роҳҳо ва пулҳо.

25. Расм- ал-истифоъ – андоз барои шахсони ба нафақа баромада.

26. Расми доруғагӣ – андоз ба фоидаи доруға – ҳокими шахр.

27. Ихроҷоти қулоъ (қалъа) – андоз барои таъмири қалъаҳо.

28. Саршумор ва ё сарона – андози сарикасӣ аз мардон.

29. Хонашумор – андозе, ки аз ҳар як хона гирифта мешуд.

30. Ҷизя – андоз аз ғайримусулмонон.

31. Вуҷуҳи савори муқаррарӣ – туҳфа ба феодалон ва дигар амалдорони давлатӣ.

32. Нузул ва нузули ҳол – як навъи андоз.

33. Тавоил (тавила) – андоз аз саршумори асп.

34. Садяк, садӣ, садчаҳор – андозе, ки барои харҷи корҳои давлатӣ гирифта мешуд.

35. Зартуфангчӣ – андози махсусе, ки барои таъминоти туфангчиёни шоҳӣ гирифта мешуд.

Андозҳоро мувофиқи дафтарҳои махсуси молиявӣ, ки дар онҳо миқдори андоз ва шахсони андоздиҳанда қайд шуда буданд, ҷамъ карда мешуданд. Нусхаи «дафтарҳои андоз» дар маҳалҳо низ мавҷуд буданд [1,с.515]. Амалдорони махсуси молиявии давлат арбобони таҳвил бояд, ки андозҳоро меғундоштанд. Онҳоро дар манбаъҳои таърихӣ бо номҳои таҳвилдор, муҳосил, мубошир, гиранда ва ғайраҳо номбар намудаанд.

Давлати Сафавиҳо дар ин давра назорати худро аз болои амалдорони андозғундор ва ҳокимони вилоятҳо пурзӯр намуда буд. Чунин сиёсат ба пурқувватшавии вазъияти иқтисодии мамлакат оварда мерасонад. Адам Олеарий менависад, ки даромади солонаи шоҳ хеле зиёд буда, ба маблағи 8 миллион рейхстайлер мерасид [2,с.531].

Даромади шоҳ на танҳо аз андоз, балки аз «туҳфаҳои» ҳокимони вилоятҳо ва боҷу хироҷи савдоӣ иборат буд. Як худи вилояти Қандаҳор соле ба хазинаи давлат қариб 1 млн. рейхстайлер медод. Маҳалла ва деҳоти гирду атрофи Исфаҳон бошад, ҳар сол 40000 рейхстайлер ба хазина месупорид. Боҷи савдоӣ аз молҳои савдогарон инчунин дар вақти аз пулу кӯпрукҳо ва роҳҳои дохилии мамлакат гузаштан низ гирифта мешуд. Ғайр аз ин, шоҳ аз ҳар як тӯб абрешими дар мамлакат истеҳсолшуда, 10 рейхсталер мегирифт, ки ин соле зиёда аз 200 000 рейхстайлерро ташкил медод.

Адам Олеарий менависад, ки ба сифати боҷ давлат аз фурӯши ҳар сар асп ё хачир 8 грош, аз фурӯши барзагов 6 грош, аз фурӯши ҳар сар гусфанд 1 казбекӣ мегирифт. Корвонсаройҳои Эрон ба хазинаи давлат 50 000 рейхстайлер боҷ медоданд. Дар як Исфаҳон 24 корвонсарой буд, ки соле ҳар кадоми он ба давлат 200-300 туман даромад медоданд. Хазинаи давлатӣ манбаъҳои дигари даромад низ дошт. Масалан, дарёи сермоҳии Гелон ба давлат 20 000, чоҳҳои нефт 4000 рейхстайлер медоданд. Ҳаммомҳо бошанд, соле ба давлат зиёда аз 13000 рейхстайлер медоданд. Аҳолии маҳаллӣ барои об додани боғҳои худ низ миқдори муайян пул медоданд. Масалан, дарёи Зояндарӯди Исфаҳон соле 16000 рейхсталер даромад медод. Арманҳои Ҷулфои нав бошад, ба сифати ҷизя ҳар кадомашон 2 рейхсталер медоданд [2,с.322].

Адам Олеарий менависад, ки шоҳ Аббоси I барои худ ба миқдори 3,600 фунт зарфҳои тиллоӣ ва нуқрагинро нигоҳ медошт. Т Херберг, ки дар аввали асри XVII ба Эрон омада буд, даромади солонаи давлати Сафавиёиро дар давраи ҳукмронии Аббоси I ба 9 млн пули тилло (1977780) ливр, ё ин ки ба 357 ҳ. туман муайян мекунад [4,с.39].

Манбаи муҳимми аввали асри XVIII «Тазкират-ал-мулук» бошад, даромади давлати Сафавиёнро ба 7856623 туману 8809 динор нишон додааст, ки ин ба ҳақиқат наздик ҳаст [9,с.167]. Ҳамин тавр, дар аввали асри XVII сиёсати андозситонии давлати Сафавиён ба

беҳтаршавии вазъияти иқтисодии Эрон оварда расонд. Аммо беҳтаршавии иқтисодиёт маънои беҳтаршавии аҳволи оммаи меҳнаткашонро надошт.

Андозҳои гуногун ва уҳдадориҳои зиёди феодалӣ ба он оварда расониданд, ки меҳнаткашон бар зидди истисмори аъёну ашроф шӯришҳои зиёди мебардоштанд, ки онҳо моҳияти иҷтимоӣ дошта, қувваи ҳаракатдиҳандаи онҳо оммаи меҳнаткашон буданд. Дар мамлакатҳои Шарқ низ ҳаракатҳои зиддифеодалии меҳнаткашон зери пардаи динӣ шуда мегузаштанд. Зиёдшавии андозҳо ва уҳдадориҳои феодалӣ ба саршавии хуруҷҳои калони деҳқонон оварда расониданд. Дар солҳои 70-80-уми асри XVII дар Гелон, Шервон, Хуросон, Мозандарон, Курдистон ва дигар вилоятҳои Эрон баромадҳои калони зиддифеодалии деҳқонон ба амал омаданд. Қариб дар ҳама ҷо роҳбарони шӯриш худро Қаландар меномиданд [2,с.542].

Соли 1577 дар Шервон шӯриши калоне сар зад. Шӯришро яке аз авлодони Шервоншоҳхони гузашта Ковус Мирзо сардорӣ мекард. Шӯришчиён барои мустақилияти Шервон мубориза мебурданд. Аммо шӯриш бераҳмона пахш карда шуд. Зиёда аз 400 сари буридаи шӯришгарон ба дарбори шоҳ фиристода шуд [2,с.545]. Дар солҳои 20-уми асри XVII ҳаракати милли-озодихоҳӣ хусусан дар вилоятҳои Кавказии Эрон авҷ гирифта буд. Соли 1625 дар Қаробоғ ва Арманистон шӯриши калоне сар шуд, ки ликои динӣ дошт. Шӯриш ба тезӣ дар Озарбойҷон низ паҳн гашт [8,с.231].

Шӯришҳои халқӣ, гарчанде шикаст хурда бошанд ҳам, аммо аҳамияти калони таърихӣ доштанд. Онҳо ба сохти мавҷудаи феодалӣ зарба зада, асосҳои истисморро ба ларза оварданд. Синфҳои ҳукмрон барои нигоҳ доштани мақоми худ маҷбур буданд, ки каме бошад ҳам, шиддати истисморро суст намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Али-заде А.А. К вопросу об институте «Икта» в Азер Байджене при ильханах (XIII-XIУ вв.) В кн.: Сб. ст. по истории Азарбайджана / А.А. Али-заде. -Баку, АН Аз. СССР, 1949, -Вып.1. -127 с.
2. А. Олеарий. Подробное путешествие Гольшинского посольства в Московию и в Персию в 1633, 1636 и 1639 годах / А. Олеарий. -М: Изд-во Московского университета, 1870.-598 с.
3. Бабаев К. Хассе (Личные земельные владения) шаха Аббоса I (1587-1629). –Вестник МГУ, серия востоковедения, №2 1973. -287 с.
4. Искандарбеки Муншӣ. Зайли таърихи оламорои Аббосӣ. -Теҳрон, 1317 ҳ . -280 с.
5. Миклухо-Маклай Н.Д. К вопросу о налоговой политике в Иране при шахе Аббосе I (1587-1629) / Н.Д.Миклухо-Маклай // Советское востоковедение», М., -Л., 1949, -Т. VI. -386 с.
6. Насруллоҳи Фалсафӣ. Зиндагонии шоҳ Аббоси аввал Теҳрон, 1334. -Ҷ. 1-4. 301 с.
7. Петрушевский И.П.Азербайджан в XVI-XVII веках. В кн.: Сб ст. по истории Азербайджана / И.П. Петрушевский. –Баку: АН Аз, АССР, -Вып. I, 1949. 343 с.
8. Петрушевский И.П. Очерки по истории феодальных отношений в Азербайджане и Армении в XVI- начале XIX вв / И.П. Петрушевский. -Л., Изд-во ЛГУ, 1949. -398 с.
9. «Тазкират – ул – мулук». -Теҳрон, 1332. -361 с.


**АНДОЗҲО ВА ДИГАР МАҶБУРИЯТҲОИ ЗАҲМАТКАШОН ДАР ДАВЛАТИ САФАВИҲОИ ЭРОН**


Омӯхтан ва тадқиқ намудани таърихи асри XVII-и Эрон хеле мураккаб аст, чунки дар ин давра ба Эрон сайёҳони зиёди аврупоӣ омада, маълумотҳои гуногуни таърихӣ пешниҳод намудаанд. Навиштаҷоти онҳо бо номи «Саёҳатнома» ба забонҳои гуногуни аврупоӣ чоп шудааст. Дар ин «Саёҳатнома»-ҳо сарфи назар аз камбудиҳо факту рақам ва хулосаҳои хеле муҳим оварда шудаанд. Аз ин рӯ, ба таърихи охири асри XVI аввали асри XVII-и Эрон бо чашмони бегонагон назар афкандан хеле аҷоиб аст, зеро нуктаи назари онҳо мустақил буда, аз маълумотҳои таърихнигории расмии эронии онвақта фарқ мекунад. Академик В.В. Бартолд роҷеъ ба таърихи асрҳои XIV- XV-и Эрон гуфта буд, ки омӯхтани ин давра на аз набудани маъхазҳои таърихӣ, балки аз сабаби зиёд будани онҳо душвор аст. Ин суханҳоро пурра ба таърихи асрҳои XVI – XVII-и Эрон нисбат додан мумкин аст. Дар охири асри XVI – аввали асри XVII пурқувватшавии давлати Сафавиҳо дар Эрон мушоҳида карда мешавад. Шоҳ Аббоси I (1587-1629) барои марказонидани давлат ва мустаҳкам кардани мавқеи синфҳои ҳукмрон як қатор ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маъмурӣ мегузаронад. Эрон дар аввали асри XVII ба яке аз давлатҳои пурқувваттарини Шарқи Наздик ва Миёна табдил ёфта буд. Ислоҳотҳои ҳарбӣ, маъмурӣ ва чорабиниҳои иқтисодии шоҳ Аббоси I ба дигаргуншавии сохти сиёсии давлати Сафавиён оварда расонид. Яъне, акнун дар ҳаёти сиёсии давлати Сафавиён намояндагони феодалони маҳаллии эронӣ низ иштирок мекарданд. Дар мақола вобаста бо тадқиқоти олимон, таърихнигорон ва сайёҳони аврупоӣ дар бораи давлатдории Эрони сафавӣ маълумотҳо оварда шудаанд. Шаклҳои заминдорӣ, маҷбуриятҳои заҳматкашон дар мавод хеле хуб ҳаллу фасл гардидаанд. Деҳқонон ва дигар мардуми заҳматкаш аз гаронии андозҳо азият мекашиданд. Шаклҳои бешумор ва гуногуни андозҳо, ки барои меҳнаткашон бори гарон буданд, сабаби қашшоқии онҳо гардида буданд.



**Калидвожаҳо:** андоз, Эрон, Сафавиён, шӯриш, сайёҳ, деҳқон, шароити вазнин, ислоҳот.


**НАЛОГИ И ДРУГИЕ ВИДЫ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ ТРУДЯЩИХСЯ В ГОСУДАРСТВЕ САФАВИДОВ ИРАНА**


Изучать и исследовать историю 17-го века Ирана очень сложно, так как в этот период много европейских туристов посетили Иран и предоставляют разную историческую информацию. Их письменное наследие под названием «Саёхатнаме» издано на разных европейских языках. В этих «Саёхатнаме», несмотря на многие недостатки, предоставлено много важных фактов и цифр. Поэтому очень интересно исследовать историю конца 16-го и начало 17-го века Ирана из иностранных источников. Так как их взгляды являются независимыми и

отличаются от традиционных иранских исторических источников. Академик В.В.Бартольд отмечает, что трудность изучения истории Ирана 14-15 веков не в том, что источников информации мало, а то что их слишком много. Эти слова можно применить и к истории Ирана 16-17 веков. В конце 16 и начале 17 века в Иране наблюдается усиление государства Сафавидов. Король Аббас 1 (1587-1629) для централизации власти и усиления роли правящего класса проводит ряд экономических, политических и административных мероприятий. В начале 17-го века Иран становится одним из сильнейших государств Ближнего и Среднего Востока. Военные, административные и экономические реформы короля Аббаса 1 изменили политическую систему государства Сафавидов. Теперь в политической жизни страны местные феодалы стали играть важную роль. В статье на основе исследований учёных, историков и европейских туристов приведена информация о правлении иранских Сафавидов. Обсуждены формы земледелия и обязательства трудящихся. Крестьяне и другие трудящиеся очень страдали от высоких налогов. Многочисленные налоги стали причиной их нищеты.

**Ключевые слова:** налог, Иран, Сафавиды, восстание, турист, крестьянин, трудное положение, реформа.

**TAXES AND OTHER TYPES OF OBLIGATIONS OF WORKERS IN THE STATE OF SAFAVA IRAN**

It is very difficult to study and explore the history of Iran's 17th century, since during this period many European tourists visited Iran and provide various historical information. Their written heritage, entitled "Saohatname", is published in various European languages. Despite these many flaws, many important facts and figures have been provided in these "Sahohatname". Therefore, it is very interesting to explore the history of the end of the 16th and the beginning of the 17th century of Iran from foreign sources. Since their views are independent and differ from traditional Iranian historical sources. Academician V.V.Bartold notes that the difficulty of studying the history of Iran of 14-15 centuries is not that there are few information sources, but the fact that there are too many of them. These words can be applied to the history of Iran of the 16-17 centuries. At the end of the 16th and the beginning of the 17th century, the state of Safavid is observed strengthening in Iran. King Abbas 1 (1587-1629) conducts a series of economic, political, and administrative measures to centralize power and strengthen the role of the ruling class. At the beginning of the 17th century, Iran is becoming one of the strongest states in the Near and Middle East. The military, administrative, and economic reforms of King Abbas 1 changed the political system of the Safavid state. Now in the political life of the country local feudal lords began to play an important role. The article based on the research of scientists, historians and European tourists provides information about the rule of Iranian safavids. The forms of farming and the obligations of workers are discussed. Peasants and other workers suffered greatly from high taxes. Numerous taxes caused their poverty.

**Key words:** tax, Iran, safavidy, uprising, tourist, peasant, difficult situation, reform.

**Сведения об авторах:** ***Хамидова Кутбия Халимхановна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Нахимова 64/14. Телефон: **935-67-20-10**

***Мирзоалиева Муборак Абдувалиевна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734067,Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Нахимова 64/14. Телефон: **900-13-50-51**

**Information about the authors:** ***Homidova Qutbiya Halimkhonovna*** - Tajik state finance of Economics University, candidate of historical sciences, docent of department of humanitarian subjects. **Adress:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov str., 64/14. Phone: **935-67-20-10**

***Mirzoalieva Muborak Abduvalievna*** - Tajik state finance of Economics University, assistant of department of humanitarian subjects. **Adress:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov str., 64/14. Phone: **900-13-50-51**

**УДК 9+9(581)**

# ТАМОИЛҲОИ УМУМИИ РАВАНДҲОИ НАВСОЗИИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ АФҒОНИСТОН ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ МУҲАММАД ЗОҲИРШОҲ

***Баҳодуров Б.Ф.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Давраи ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ (1933-1973) – давраи рушди босуботи Афғонистон ва ба амал омадан таҳаввули ҷиддӣ дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар ба шумор меравад. Ин давраи таърихи Афғонистонро аз лиҳози нақши доираҳои қудрат ва шаҳсиятҳои сиёсӣ дар таъйини сарнавишти кишвар, метавон ба чанд марҳила ҷудо намуд: давраи аввал, солҳои 1933-1951, ки дар таърихи муосир бо номи «иртиҷои бузург» ёд мешавад; давраи дувум, солҳои 1952-1963, давраи оғози таҳаввулоти демократӣ ва ташаккули иктисоди миллӣ; давраи сеюм солҳои (1964-1973) давраи «даҳаи Қонуни асосӣ» ном дорад. Ин давраҳо аз ҷиҳати вижагиҳои сиёсӣ, амалӣ намудани сиёсати давлат дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва пайомадҳои онҳо барои сарнавишти кишвар аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар ибтидои ҳукмронии Зоҳиршоҳ, бинобар надоштани таҷрибаи идораи давлат ва ҷавон будани роҳбари нав, дар идораи давлат амакҳои Зоҳиршоҳ – Муҳаммад Ҳошимхон ва Шоҳ Маҳмудхон, ки вазифаи сарвазирро иҷро менамуданд, нақши асосӣ доштанд. Пас аз кушта шудани Муҳаммад Нодиршоҳ дар моҳи ноябри соли 1933 дар интиқоли осоиштаи ҳокимият ба валиаҳди тоҷу тахт Муҳаммад

Зоҳир, писари Нодиршоҳ Шоҳ, Маҳмудхон нақши асосӣ дошт, зеро аксарияти ходимони давлатӣ ва намояндагони дарбор ақида доштанд, ки вазири мудофиа Шоҳ Маҳмудхон худро подшоҳ эълон менамояд. Бародари дигари Нодиршоҳ-Муҳаммад Ҳошимхон низ метавонист даъвои ҳокимият намояд, вале аз сабаби дар пойтахт ҳузур надоштанаш аз ин имтиёз маҳрум гардид.

«Шоҳ Маҳмудхон, - навишта буд М.С.Фарҳанг,- дар мансаби вазири мудофиа барои устувор намудани ҳокимияти сулолаи Яҳёхон ва таъмини амнияти кишвар корҳои зиёдро анҷом дод. Пас аз суиқасд ба ҷони Нодиршоҳ бо ибтикори Шоҳ Маҳмудхон дар Кобул ҷиргаи калонсолон ва рӯҳониён доир гардид, ки Муҳаммад Зоҳиршоҳро подшоҳ эълон дошт. Нахустин шуда ба Зоҳиршоҳ Шоҳ Маҳмудхон байъат намуда, ба ҳар гуна шубҳа дар масъалаи таъйини вористи тахт хотима бахшид. Муҳаммад Ҳошимхон дар он айём дар шимоли кишвар ҳузур дошт ва пас аз авдат ба Кобул маҷбур гардид ин тасмимро бипазирад» [1,с.630].

Муҳаммад Зоҳиршоҳ дар таърихи муосири Афғонистон ҳамчун сиёсатмадори воқеъбин ва бетараф шинохта шудааст, ки барои ҳифзи ягонагии кишвар, амалӣ намуданиислоҳоти тадриҷӣ, таҳаввули низоми сиёсии кишвар ва барқарор намудани робитаҳои хориҷӣ бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон фаъолият намуда буд. Натиҷаи асосии ҳукмронии 40-солаи Зоҳиршоҳ гузариш ба низоми мутлақияти конститутсионӣ буд, ки дар ќонуни асосии соли 1964 таҷассум ёфта бар усули тақсими қудрати сиёсӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ташкил ёфта, буд. Мақсади асосии Зоҳиршоҳ мустаҳкам намудани низоми мутлақияти подшоҳӣ, ҳимоя ва нигоҳ доштани имтиёзҳои сулолаи Муҳаммадзой буда, дар тамоми давраи салтанаташ мансабҳои муҳимми давлатӣ дар ихтиёри хешону пайвандонаш буданд.

Ба шиддат гирифтани вазъи сиёсии Афғонистон нигоҳ накарда, давраи салтанати Зоҳиршоҳ, бахусус дар солҳои 50-60-уми асри гузашта асосҳои иқтисоди миллӣ гузошта шуданд: лоиҳаҳои калидии хоҷагии халқ –шабакаи сартосарии роҳҳои автомобилии кишвар Кушка-Ҳирот-Қандаҳор-Кобул-Мазори Шариф бо кумаки ИҶШС ва ИМА сохта, ба истифода дода шуданд, НБО Нағлу, Суруби ва Гиришк ба кор даровaрда шуданд, шабакаи обёрии Ҷалолобод ва Ҳилманд ба истифода дода шуда, корхонаҳои хонасозӣ ва орд дар Кобул, Корхонаи нуриҳои азотӣ дар Мазори Шариф, ширкати истихроҷи гази табиӣ дар Шибирғон ба фаъолият оғоз намуданд ва дар Кобул, Қандаҳор, Ҷалолобод ва шаҳрҳои дигар майдонҳои ҳавоии замонавӣ сохта шуданд.

Дар арсаи ҷаҳонӣ дар ин давра ҳукумати Афғонистон сиёсати фаъоли бетарафӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии кишварҳои дигарро амалӣ менамуд. Бо амалӣ намудани чунин сиёсат низоми ҳукмрон мақсад дошт кишварро аз равандҳои буҳронӣ эмин нигоҳ дорад, вале дар зери таъсири омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ сабабгори рушди номутаносиби иқтисодию иҷтимоӣ гардид.

Яке аз иштибоҳи ҷиддии низоми ҳукмрони Зоҳиршоҳ аз он иборат буд, ки дар баробари мутамарказ намудани идораи кишвар дар дасти намояндагони сулолаи Муҳаммадзоӣ, таъмини ҳукмронии сиёсии паштунҳо дар ҳаёти сиёсии Афғонистон, имконият намедод, ки намояндагони дигар миллату қавмҳои кишвар дар идораи мамлакат саҳм гиранд. Дар натиҷа, дар солҳои 50-60 аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсӣ пайдо гардиданд, ки на танҳо барои аз байн бурдани мутлақият ва ҳимояи манфиатҳои миллатҳои ғайрипаштун муборизаро оғоз намуданд ва дар хориҷ аз кишвар пуштибон пайдо намуданд. Иштибоҳи дигари низоми шоҳӣ аз бархӯрди номуносиб бо равия ва мазҳабҳои гуногуни исломӣ буд, ки пайомади он ташкил ёфтани теъдоди зиёди аҳзоби исломи сиёсӣ дар кишвар гардид. Дар натиҷаи амалӣ намудани чунин сиёсати ноустувори дохилӣ тадриҷан заминаҳои бесуботиро ба вуҷуд оварда, буҳрони шадиди сиёсӣ дар ниҳоят низоми шоҳиро аз байн бурд.

Ноустувории сиёсати хориҷии Афғонистон дар он зоҳир мегардид, ки агар дар ибтидои солҳои 30-ум тамоюли наздикшавӣ бо Англия ба назар мерасид, дар нимаи дувуми солҳои 30 ва ибтидои солҳои 40 майлони олмонгароӣ боло рафта буд, дар солҳои 50-60 бошад, наздикшавӣ бо ду қутби қудрати ҷаҳонӣ - ИҶШС ва ИМА мушоҳида мешуд.

Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор дар бораи вижагии сиёсати хориҷии Афғонистон дар солҳои 30-ум таъкид карда буд: «Муҳаммад Ҳошимхон дар сиёсати хориҷӣ мутаввасил ба сиёсати якҷониба ва иттико бо давлати Англия буд ва маънан таҳти дикта ва машваратҳои он давлат қарор дошт» [2,с.178].

Соли 1934 Афғонистон ба узвияти Лигаи Миллатҳо пазируфта шуд, ки барои шинохтани кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат намуд. Пас аз ба сари ҳокимияти Олмон омадани Гитлер ҳукумати Афғонистон бо мақсади наздикшавӣ соли 1935 бо мақсади амалӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ аз Олмони гитлерӣ 150 мутахассиси соҳаҳои

саноати сабук, барқ, молия ва ғайраро даъват намуд.

Соли 1936 Созишнома байни Афғонистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ дар бораи бетарафӣ ва ба *ҳамдигар ҳуҷум накардан* тамдид карда шуд. Ҳамон сол ҳукумати Афғонистон бо ширкати нафткашии амрикоӣ дар бораи гузаронидани корҳои ҷустуҷӯйӣ ва истихроҷи нафт дар Афғонистон қарордод ба имзо расонд, вале дар вазъияти шиддат гирифтани авзои ҷаҳонӣ ва боло рафтани хатари ҷанг, ин созишнома иҷро нагардид.

Соли 1937 раванди наздикшавии Афғонистон бо Эрон ва Туркия оғоз ёфта, саранҷом дар мавриди ҳамкориҳои дуҷониба ҳукумати кишварҳо ба мувофиқа расиданд. Дар ин давра байни Афғонистон ва Бразилия, Маҷористон ва Чехословакия дар бораи барқарор гардидани робитаҳои дипломатӣ созишнома имзо гардид, ки барои мустаҳкам гардидан мавқеи байналмилалии кишвар мусоидат намуд. Ба ин нигоҳ накарда, дар сиёсати хориҷии Афғонистон тағйироти ҷиддӣ мушоҳида намешуд, зеро дар масъалаҳои байналмилалӣ бештар дунболи Англия мерафт, кишвар барои дигарон баста буд ва сиёсати инзивоҷӯӣ ҳукмрон буд.

Маҳз аз ҳамин сабаб ҳукумат наметавонист бо кишварҳои дигар, аз ҷумла Эрон ва Иттиҳоди Шӯравӣ муносибатҳои наздик дошта бошад. Дар натиҷа дар замони ба имзо расонидани Созишнома дар бораи истифодаи захираи дарёи Ҳилманд дар соли 1938, Афғонистон таҳти фишори англисҳо бо мақсади аз байн бурдани ихтилофот бо Эрон, бар зарари манфиатҳои миллии худ қарордодро имзо намуд.

Дар солҳои 50-60-ум дар сиёсати хориҷии Афғонистон таваҷҷуҳ ба бо ном «масъалаи Паштунистон» боло гирифт ва Афғонистон ба паштунҳои муқими Покистон дар муборизаашон барои худмуайянкунӣ кумаки моддӣ расонида, аз онҳо пуштибонӣ менамуд.

Дар солҳои 1953-1963 Муҳаммад Довудхон ба сифати сарвазири кишвар бо мақсади амалӣ намудани навсозии иқтисодӣ, бахусус навсозии артиши Афғонистон бештар ба ИМА умед баста буд, вале Амрико, ба ақидаи Муҳаммад Азиз Наим, расонидани кумаки иқтисодӣ ва низомиро бо масъалаи дохил шудани кишвар ба Паймони Бағдод вобаста карда буданд [3,с.277].

Рақиби минтақавии Афғонистон, кишвари ҳамсоя – Покистон ба ин паймони низомӣ шомил гардида, аз соли 1953 мутобиқи манфиатҳои Ғарб амал мекард. Сабаби асосии ба паймони низомӣ шомил гардидани Афғонистон аз он иборат буд, ки ин кишвар ҳанӯз аз асри XIX ба сифати минтақаи бетараф шинохта шуда, дар давраи шиддат гирифтани рақобати Ғарбу Шарқ бо мақсади таъмини мувозинати қувваҳо мавқеи бетарафиро гирифта буд ва дар натиҷа аз кумаки иқтисодию низомии ИМА бенасиб монд. Муроҷиати роҳбарони Афғонистон ба унвони ноиб-президенти ИМА Ричард Никсон ҳангоми сафараш ба Кобул дар соли 1954 беҷавоб монданд ва барои тағйир ёфтани самти сиёсати хориҷии Афғонистон замина гардиданд.

Ҳукумати Афғонистон бо сарварии Муҳаммад Довуд пас аз рад кардани ИМА аз расонидани кумак ба Иттиҳоди Шӯравӣ муроҷиат намуд. Соли 1955 роҳбари Шӯравӣ Булганин ва соли 1960 роҳбари Ҳизби коммунистии Шӯравӣ ба Кобул сафар намуда, ба ақидаи Саид Қосим Риштиё, аз сиёсати бетарафии хориҷӣ истиқбол намуданд ва барои ба амал баровардани навсозии кишвар омодагии худро барои расонидани кумаки молиявӣ дар ҳаҷми 100 млн. доллар изҳор намуданд.

Мақсади расонидани кумаки Шӯравӣ аз мустаҳкам намудани мавқеъ дар Афғонистон буд. Дар натиҷа дар давоми солҳои 50-70-ум ИҶШС ба Афғонистон ба маблағи 500 млн. доллар куманрасониданд. Бо ин роҳ Шӯравӣ мехост мавқеи худро дар Афғонистон мустаҳкам намояд. Дар давраи солҳои 1955-1978 ИМА ба Афғонистон ба маблағи бештар аз 500 млн. доллар кумаки техникӣ ва иқтисодӣ расонид.

Мавқеъгирии ҳукумати Афғонистонро дар масъалаи наздикшавӣ бо ИҶШС, муаррихи намоён Саид Қосим Риштиё аз зарурат бештар арзёбӣ намуда, таъкид менамояд: «Важнейшим было то, что мы представили возможность Советам принимать участие в воспитании молодого поколения афганцев, и в военных и в гражданских сферах. По этой причине им удалось прививать нашей молодежи своих взглядов и идеологии. Они затем вновь пришли в Афганистан, но события в нашей стране начались задолго до Саурской революции» [4,с.106-107].

Дар солҳои 60-ум дар ҳаёти сиёсии Афғонистон таҳаввулоти ҷиддӣ ба амал омад, ки марҳилаи тадриҷии навсозиро ҷамъбаст намуд. Конститутсияи соли 1964 низоми шоҳии машрутаро мустаҳкам намуда, ба шоҳ ваколатҳои васеи идоракуниро медод ва низоми давлатдориро бар асоси усули тақсими қудрат дар байни се шоха – мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ барпо намуд. Конститутсияи нав аз 128 модда иборат буда дар ҷаласаҳои мақоми олии намояндагии мардуми Афғонистон Луя Ҷирга баррасӣ гардида, 1 октябри

соли 1964 аз ҷониби шоҳи Афғонистон Муҳаммад Зоҳиршоҳ ба тасвиб расид. Конститутсия озодӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон ва салоҳиятҳои се шохаи ҳокимиятро муайян менамуд.

Дар моддаи якуми Конститутсия омада буд: «Афғонистон давлати подшоҳии машрута, мустақил, воҳид ва ғайри қобили таҷзия мебошад. Ҳокимияти миллӣ дар Афғонистон ба миллат тааллуқ дорад. Миллати Афғонистон иборат аст аз тамоми афроде, ки тобеияти Афғонистонро мутобиқ ба аҳкоми қонун доро бошанд. Бар ҳар фард аз афроди мазкур калимаи афғон итлоқ мешавад» [5].

Барои қиёс метавон қайд кард, ки Конститутсияи соли 1931 истиқлолияти миллӣ ба шоҳ тааллуқ медонист, вале дар Конститутсияи соли 1964 ба миллати афғон тааллуқ доштани истиқлолияти миллӣ таъкид мегардид.

Моддаи 2 Конститутсия исломро дини давлатии Афғонистон эълон намуда, ҳамзамон иҷрои маросимҳои диниро мутобиқ ба анъанаҳои мазҳаби ҳанафӣ тақозо менамуд. Шаҳрвандони пайрави ислом набуда, дар иҷрои маросими динии худ дар доираи талаботҳои қонун ва риояи тартиботи ҷамъиятӣ озод буданд. Бояд қайд намуд, ки дар тӯли тамоми асри XX мақомоти расмии Афғонистон бо мақсади нигоҳ доштани тартиботи низоми ҳукмрони шоҳӣ ва пешгирии майлонҳои озодихоҳии табақаҳои васеи аҳолӣ аз арзишҳои муқаддас, ба монанди дин, озодӣ, истиқлолият ва ғайра васеъ истифода мебурданд ва бо ҳамин роҳу восита шаҳрвандони одиро дар вазъи беҳуқуқӣ нигоҳ дошта, ҳуқуқ ва озодиҳои онҳоро поймол менамуданд.

Моддаҳои 6-8 мақоми шоҳи Афғонистонро ҳамчун инъикоскунандаи истиқлолияти миллӣ муайян менамуданд: «Дар Афғонистон шоҳ таҷассумкунандаи истиқлолияти миллӣ мебошад. Шоҳ муҳофизи муқаддасоти динӣ, посдори истиқлолият ва ягонагии кишвар, ҳомии Конститутсия ва ваҳдати миллии Афғонистон мебошад» [5]. Ҳамзамон таъкид мегардид, ки шоҳ бояд шаҳрванди Афғонистон, мусулмон ва пайрави мазҳаби ҳанафӣ бошад.

Ҳамин тариқ, таҳлили муқаррароти конститутсияҳои солҳои 1931 ва 1964 нишон медиҳад, ки новобаста аз таҳаввулоти амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии дар асри XX баамаломада, Афғонистони давраи ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ, ки соли 1933 пас аз ба қатл расонидани падараш – Муҳаммад Нодиршоҳ ба тахти мамлакат расида буд, ҳамоно давлати нимафеодалӣ ва низоми сиёсиаш мутлақияти конститутсионӣ боқӣ монда буд. Хусусияти дигари Афғонистони ин давра аз он иборат буд, ки то ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта, ҳокимияти воқеӣ дар мамлакат дар дасти ду амакаш – Муҳаммад Ҳошимхон ва Шоҳ Маҳмудхон буд. Онҳо ба сифати сарпарасти шоҳ монеаи ҳар гуна навсозӣ гардида, кишварро дар ҳолати ақибмондагӣ ва зулмоти асримиёнагӣ нигоҳ медоштанд ва бесабаб набуд, ки давраи ҳукмронии ду бародар дар таърихи муосири Афғонистон давраи «истибдоди бузург» ном гирифтааст [6,с.80].

Танҳо дар оғози солҳои 50-ум бо устувор гардидани мавқеи Зоҳиршоҳ дар миёни нухбагони сиёсии кишвар ва касб кардани таҷрибаи идоракунии давлат, ба ӯ муяссар гардид, ки хешовандони тавонои худро аз саҳнаи сиёсӣ ва идораи давлат дур созад, қудрати қонунгузор ва иҷроияи давлатро ба даст гирад.

Бояд таъкид намуд, ки Конститутсияи кишвар ба шоҳ салоҳиятҳои васеъ дар идораи давлат, таъйини самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва берунӣ ва амалисозии ҳокимияти давлатӣ медод, ки дар моддаи 9 омада буданд: сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ, эълони ҷанг ва бастани сулҳ, даъват ва кушодани Луя Ҷирга, ифтитоҳи сессияҳои парламент, пароканда намудани парламент ва содир намудани фармон дар бораи интихоботи парламент, тасдиқ намудани қонунҳо ва санаи эътибор пайдо намудани онҳо, бастан ва таъйид намудани қарордодҳои байналмилалӣ, таъйин ва аз вазифа озод намудани Сарвазир, таъйин намудани вазирон бар асоси пешниҳоди Сарвазир, қабули истеъфои вазирон, таъйин намудани аъзои Мишрони ҷирга (палатаи болоии парламент), таъйини раиси Мишрони ҷирга аз ҳисоби онҳо, таъйини раиси Маҳкамаи олӣ ва аъзои он, таъйин ва аз вазифа озод намудани судяҳо, таъйин ва аз вазифа озод намудани мансабдорони мулкӣ ва низомӣ, таъйини роҳбарони намояндагии Афғонистон дар кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, қабули бовариномаҳои намояндагиҳои хориҷии дипломатӣ, ҷорӣ намудани вазъияти фавқулода ва бекор намудани он, авфи маҳкумшудагон ва ғ.

Моддаи 15 Конститутсия дахолатнопазирии шоҳро кафолат медод: «Подшоҳ ғайримасъул ва воҷибулэҳтиром аст» [5]. Чунин модда дар ягон Конститутсияи кишвари дигар вуҷуд надошт, вале дар Афғонистон дар тамоми давраи мавҷудияти низоми шоҳӣ, доираҳои ҳукмрон бисёр талош менамуданд, ки дар қонунҳои кишвар дахолатнопазирии шоҳро таъмин намоянд. Ин моддаи қонун ба роҳбарияти олии кишвар имкон фароҳам меовард, ки дар ҳолати поймол кардани қонун – талаву тороҷ кардани боигарии кишвар,

дар замоне ки маблағҳои бузург ва сарватҳои миллӣ дар байни намояндагони сулолаи оли Яҳё тақсим мешуданд ва ё дар раванди ба минтақаҳои шимолии Афғонистон муҳоҷир намудани теъдоди зиёди қабилаҳои паштун масраф мешуданд, аз таъқиботи қонун эмин бошанд. Мардуми одии Афғонистон маҷбур буданд тамоми ин беадолатиҳоро таҳаммул намуда, дар вазъи беҳуқуқӣ ва сатҳи пасти зиндагӣ қарор дошта бошанд.

Аъзои хонадони шоҳӣ имтиёзҳои васеъ доштанд: тамоми масрафи зиндагии онҳо аз ҳисоби буҷаи давлат пардохт мешуд, танҳо наздикони шоҳ бо унвонҳои олӣ ва ифтихорӣ сарфароз гардида, то охири умр аз имтиёзи махсус истифода менамуданд. Гарчи мутобиқи талаботи Конститутсияи соли 1964 аъзои хонадони шоҳӣ ҳуқуқи ишғол намудани мансабҳои баландрутбаро надоштанд, вале таҷрибаи ҳаёти сиёсии кишвар дар солҳои 60-70-ум нишон дод, ки ходимони намоёни хонадони шоҳӣ, дар мадди аввал Муҳаммад Довудхон – писарамак ва домоди шоҳ аз даъвои ҳокимият даст накашиданд ва барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ фаъолияти пинҳонӣ мебурданд. Пайомади чунин фаъолияти пинҳонии аъзои хонадони шоҳӣ аз он иборат буд, ки моҳи июли соли 1973 ҳангоми сафари Муҳаммад Зоҳиршоҳ ба Аврупо дар натиҷаи табаддулоти низомӣ бо сарварии Муҳаммад Довудхон ба ҳукмронии 40-солаи Зоҳиршоҳ хотима гузошта шуд.

Ҳамин тариқ, таҳлили вазъи сиёсӣ ва иқтисодии Афғонистон дар қарни XX нишон медиҳад, ки ҳукмронии қариб нимасраи сулолаи Муҳаммадзай, ки аз соли 1929 то соли 1973 дар Афғонистон қудрати сиёсиро дар даст нигоҳ медошт, ба ҷуз аз зулму ситам, маҳрум сохтани табақаҳои васеи аҳолӣ аз ҳуқуқ ва озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар сарнавишти кишвар чизи дигар аз худ боқӣ нагузошт. Дар тӯли давраи 40-солаи ҳукмронии худ Муҳаммад Зоҳиршоҳ имконияти васеъ барои таъмини рушди босуботи кишварро дошт, вале ин фурсати бузурги таърихиро аз даст дода, дар қиёс бо дигар кишварҳо Афғонистон дар сатҳи поёни рушд боқӣ монда буд [7,с.47].

Агар Муҳаммад Зоҳиршоҳ рисолати таърихии худро иҷро намуда, барои навсозии кишвар дар соҳаи идораи давлат, рушди иқтисоди миллӣ, илму маориф ва тандурустӣ иқдоми муассир амалӣ менамуд, пас имрӯз дарвоқеъ аз ҷониби аксарияти мардуми Афғонистон ҳамчун «падари миллат» шинохта мешуд. Дар давраи солҳои 30-70-уми асри гузашта Афғонистон аз руйи даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сатҳи саводнокӣ, таъмини кадрҳои баландихтисоси тиббӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра ба қатори даҳ кишвари ақибмондаи ҷаҳон дохил мешуд.

Ба вазъи ниҳоят пасти иқтисодӣ-иҷтимоӣ нигоҳ накарда, доираҳои ҳукмрони кишвар маблағҳои бузурги молиявиро барои таҳмили забон ва фарҳанги пашту бар болои аҳолии ғайрипаштун, қабл аз ҳама тоҷикон, узбекҳо, ҳазораҳо, туркманҳо, муҳоҷир намудани садҳо ҳазор аҳолии паштузабон ба минтақаҳои сукунати дигар миллатҳои кишвар ва дастгирии қабилаҳои паштуни муқими Покистон ва рақобат дар «масъалаи Паштунистон» масраф менамуданд.

Пайомади мусбии равандҳои навсозии сиёсии Афғонистон дар солҳои 50-60-ум ташкил ва фаъолияти густурдаи аҳзоби гуногуни сиёсӣ буд, ки мутобиқи моддаи 32 Конститутсияи соли 1964 шаҳрвандон метавонистанд дар аҳзоб сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ шомил гардида, дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии кишвар саҳм дошта бошанд [5]. Дар натиҷа дар нимаи дувуми солҳои 60-ум дар саҳнаи сиёсии Афғонистон аҳзоби зиёди рост ва чап ба майдон баромаданд, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии кишвар саҳми фаъолона доштанд.

**АДАБИЁТ**


1. Мир Муҳаммад Сиддиқ Фарҳанг. Афғонистон дар панҷ қарни охир. -Кобул: Байҳақӣ, 1984.
2. Губор Мир Ғулом Муҳаммад. Афғонистон дар масири таърих.-Ҷилди 2.Теҳрон:Ҷумҳурӣ, 1378 (1999).
3. Современный Афганистан. М.: Восточная литература, 1960.
4. Зоҳир Танин. Афғонистон дар қарни бистум. -Кобул, 2005. -С. 106-107.
5. Матни комили Қонуни асосии Афғонистон соли 1964 [Захираи электронӣ] kankorafghanistan. Com /nub/ 1343. Дастрасӣ 3 маи соли 2019.
6. Князев А. Афганский кризис и безопасность Центральной Азии (XIX – начало XX в.) / А. Князев. -Душанбе: Дониш, 2004.
7. Демократическая Республика Афганистан. Справочник. -М.: Наука, 1981.


## ТАМОИЛҲОИ УМУМИИ РАВАНДҲОИ НАВСОЗИИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ АФҒОНИСТОН ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ МУҲАММАД ЗОҲИРШОҲ


Солҳои ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ (1933-1973) гарчи дар ҳаёти дохилии Афғонистон, бахусус дар бунёд ва рушди иқтисоди миллӣ, низоми муосири маориф, пайдо ва устувор гардидани нақши матбуоти озод дар кишвар тағйироти куллӣ ба амал омада бошад, вале аз лиҳози навсозии ҳаёти сиёсӣ дигаргунии қобили мулоҳиза мушоҳида нагардида буд. Доираҳои ҳукмрон барои мустаҳкам кардани низоми шоҳии мутлақ ва таъмини ҳокимияти шахсӣ ва номаҳдуди шоҳ кӯшиши зиёд намуданд, вале устувор гардидани низоми шоҳӣ барои ҳалли мушкилоти ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар мусоидат накард. То

солҳои 50-ум дар Афғонистон низоми сахти иртиҷоӣ устувор буда, дар ибтидои ин солҳо заминаи низоми парламентӣ ва фаъолияти матбуоти ғайридавлатӣ ба вуҷуд омад. Заминаҳои рушди равандҳои навсозӣ дар Афғонистон пас аз қабули Конститутсияи соли 1964 ба вуҷуд омаданд ва то соли 1973 дар кишвар раванди таҳаввулоти амиқи иҷтимоӣ-сиёсӣ идома дошт. Дар ибтидои солҳо 70-ум ҳамоно Афғонистон аз ҷиҳати нишондодҳои иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии мардум, дастрасии низоми тандурустӣ ва маорифи муосир ба қатори даҳ кишвари суст тараққикардаи ҷаҳон дохил мешуд. Муаллиф бар он ақида аст, ки навсозии иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар тӯли солҳои 1933-1973 сатҳи ва ноустувор буда, ба рушди чашмраси иқтисодӣ ва сиёсӣ мусоидат накарданд.
**Калидвожаҳо:** Афғонистон, навсозӣ, низоми шоҳӣ, парламентаризм, матбуоти озод, иқтисоди миллӣ, Конститутсияи соли 1964.

**ОБЩИЕ ТЕНДЕНЦИИ ПРОЦЕССОВ МОДЕРНИЗАЦИИ СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ АФГАНИСТАНА В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ МУХАММАД ЗАХИРШАХА**

Несмотря на то, что в годы правления Мухаммад Захиршаха (1933-1973) во внутренней жизни Афганистана, особенно в становлении и развитии национальной экономики, возникновении и возрастании роли свободной прессы произошли кардинальные изменения, но в модернизации политической жизни страны не наблюдались заметные изменения. Правящие круги страны направляли свою деятельность на обеспечение устойчивости шахского режима и укрепление его неограниченной личной власти, но укрепление власти не способствовало развитию и совершенствованию политической, социальной и культурной жизни страны. До начала 50-х годов в Афганистане господствовал жесткий реакционный режим, и только в эти годы были заложены основы парламентской системы и начала свою деятельность свободная пресса. Предпосылки развития модернизационных процессов в Афганистане были заложены после принятия Конституции 1964 года, и в результате до 1973 года в стране произошли глубокие социально-политические преобразования. К началу 70-х годов Афганистан по экономическим показателям, уровню жизни населения, доступности системы здравоохранения и просвещения входил в число десяти наименее развитых стран мира. Автор придерживается мнения о том, что модернизационные процессы в Афганистане в 1933-1973 годах были проведены поверхностно и не имели устойчивый характер и не способствовали заметному экономическому и политическому развитию страны.
**Ключевые слова:** Афганистан**,** модернизация, шахский режим, парламентаризм, свободная пресса, национальная экономика, Конституция 1964 года.

**GENERAL TRENDS OF MODERNIZATION PROCESSES OF AFGHANISTAN'S SOCIAL AND POLITICAL LIFE IN THE PERIOD OF MUHAMMAD ZOHIRSHOH'S RULING**

In spite of in ruling years of Muhammad Zohirshoh (1933-1973) in internal life of Afghanistan, particularly in becoming and development of the national economy, origin and increase the role of free press occurred important changes, and did not observe noticeable changes in modernization of country's political life. Ruling circles of the country directed their activity to provide stability of shakh regime and to strengthen his unlimited personal power, but power strength did not promote the development and perfection of the political, social and cultural life of the country/ before the beginning of 50-ies in Afghanistan dominated reactionary regim, and only in these years were established the bases of parliamentary system and free press had began its activity. The development background of the modernization processes in Afghanistan were established after the 1964 constitution adoption, and at the result till 1973 in the country happened deep social and political reorganization. At the beginning of 70-ies due to the economical indicators, the population standard of living, access to public health and education, Afghanistan had entered into ten least developed countries of the world. The author holds by an opinion that modernization processes in Afghanistan in 1933-1973 carried out superficially and did not have stable disposition, and did not promote notable economical and political development of the country.
**Key words:** Afghanistan, modernization, sharh regim, parliamentarism, free press, national economy, the constitution of 1964.

**Сведения об авторе:** ***Баходуров Бехруз Файзуллоевич*** **–** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры всеобщей истории. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 65. E-mail: **www.ktsu.edu.tj**. Телефон: **(+992) 918-99-44-64**

**Information about author: Bahodurov Behruz Faizulloevich -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrava, teacher of the Department of World History. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini Street, 65. E-mail: **www.ktsu.edu.tj.** Phone: **(+992) 918-99-44-64**

**УДК 930.85**

# ЗАРУРАТИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ АҲДИ БОСТОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

*Муродов Н.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзиш ва таҳқиқи таърихи қадимтарин ва қадими халқи тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад. Мубрамияти он, пеш аз ҳама, дар муайян намудани мақому ҷойгаҳи миллат дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон аст. Имрӯз ҳар як халқият мехоҳад худро ҳамчун офарандаи унсурҳои фарҳангию таърихӣ ва дар умум тамаддун нишон диҳад. Вале бе надоштани далел ва сарчашмаҳои қонеъкунанда наметавон ин аҳдофи хешро амалӣ сохт. Халқи тоҷик аз зумраи он халқиятҳое мебошад,

ки нисбат ба дигар халқҳои ҳамҷавор таърихи қадимтар дошта, дар ташаккулёбии тамаддун ва фарҳанги минтақа нақши бештарро соҳиб аст. Ин гуфтаҳоро бе сарчашмаҳои таърихӣ мисол овардан ҳеҷ суде надорад. Ҳарчанд ки ба омӯзиши таърихи аҳди қадимтарин ва қадими халқи тоҷик зиёда аз сад сол шудааст, вале то даврони соҳибистиқлолӣ он хусусияти идеологӣ ва субъективиро ба худ гирифта буд.

Бояд қайд намуд, ки бо шарофати ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ миллати тоҷик имконият пайдо намуд, ки бо таърихи асили гузаштаи хеш то ҷое шинос шавад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ, махсусан дар равнади эъмори давлати миллии ҳуқуқбунёду дунявӣ, бе ба инобат гирифтани таърихи гузаштаи хеш ва минталитети анъанавии аҷдодӣ муваффақ гардидан ғайримкон аст. Омӯзиши таърихи сиёсии аҳди қадимтарин ва қадими халқи тоҷик имконият медиҳад, ки, пеш аз ҳама, аз ҳақиқати таърихӣ ва аслияти гузаштаи хеш ба воситаи таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ дар ин самт огаҳӣ пайдо намуда, дар ин даврони пур аз зиддияту тазод, ки ҷаҳонишавӣ реша давонидааст, манфиатҳои миллати худро тавассути ҳақиқати таърихӣ ҳифз намоем. Таърих гувоҳи сипарӣ гардидани ҳаёти ҳар як халқ аст, вале омӯзиши ҳақиқии он низ яке аз шартҳои муваффақ гардидан дар ин роҳ аст. Имрӯз дар ҷомеаи соҳибистиқлол зарурат ба миён омадааст, ки таърихи қадимтарин ва қадими халқи хешро, ки норавшаниҳои зиёд дорад, аз нав бо диду нигоҳи навтарин, ки орӣ аз омилҳои субъективӣ бошад, мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор диҳем. Хушбахтона, бо мусоидати ҷомеаи соҳибистиқлол ва ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон муҳаққиқони тоҷик дар пайи омӯзиш ва таҳқиқи саҳифаҳои баҳсталабу норавшани таърихи аҳди бостони тоҷикон ба муваффақиятҳои бузург ноил гардида, нақши тоҷиконро дар оинаи таърих ба таври объективӣ нишон дода истодаанд. Махсусан як қатор масъалаҳои марбут ба таърихи сиёсии халқи тоҷик, ки солҳои зиёд баҳспазир буд оид, ба доираи таҳқиқи илмӣ кашида шуда, ҳамчун ҳақиқати таърих ифшо гардиданд. Вале ин ифшо тасодуфӣ не, балки дар натиҷаи таҳқиқотҳои зиёда аз 30 солаи бостоншиносон, ки ягона сарчашмаҳои марбут ба таърихи аҳди атиқаро кашф намудаанд, ба даст омадааст.

Мақсад аз омӯзиш ва таҳқиқи таърихи қадимтарин ва қадими халқи тоҷик, пеш аз ҳама, нишон додани саҳми муҳаққиқони ватанӣ дар равшан намудани ин саҳифаи таърихӣ ва фарқияти ин осор аз дигарон мебошад. Таҳқиқи мавзӯи мазкур ба мо имконият медиҳад, ки аслу насаб, ҷойгаҳ, роҳҳои муборизаҳои халқи тоҷик бо душманон, созиш ва ҳамгироӣ бо дӯстон ва роҳи тӯлонии тайкардаи халқро дар дарозои таърихи қадимтарин ва қадим равшан намоем. Ба ин восита дар баланд гардидани рӯҳияи миллию ватансолории насли наврас мусоидат намоем. Таърихи сиёсии аҳди қадимтарин ва қадим оинаест, ки метавонад, мавқеи миллатро дар тамоми самт, чи дар дохил ва чи дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян сохта, дар шакл гирифтани дурнамои давлатдории он нақшгузор бошад.

Дар самти зарурати таърихдонӣ ва омӯзиши таърихи аҳди қадимтарини гузаштаи хеш Эмомалӣ Раҳмон барҳақ қайд намудааст, ки "... таҳқиқи таърихи гузаштаи ҳар халқу миллат ҳеҷ вақт бо мақсади эҳсоси ғурур ва ифтихори ноҷо аз гузаштаи хеш набуда, он бояд бо мақсади нишон додани роҳи дароз ва пурпечутоби сипаринамудаи гузаштаи хеш, шинохти заминаҳои аслию унсурҳои асосӣ ва муайян намудани хусусияту тамоюлҳои фарҳанги аҳди қадим равона гардад ва такони таъсирбахше ҷиҳати рушду тараққиёти ҷомеаи муосир бошад" [6, саҳ. 3].

Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи таърихи аҳди қадимтарин ва қадими халқи тоҷик, саҳми ба худ хосси эшон ба ганҷинаи тамаддуни башарӣ бо омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тамоми халқҳои Осиёи Марказӣ, бо равшан намудани он омиле, ки онҳоро муттаҳид сохтааст, алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар асоси дақиқ намудану омӯзиши решаҳои таърихи амиқи халқи тоҷик метавон пайвастагии этникии минтақаро то ҷое равшан сохт.

Аз даврони шӯравӣ сар карда, таҳқиқу омӯзиши таърихи аҳди қадимтарин ва қадими халқи тоҷик аз ҷониби як қатор муҳаққиқон ва ихлосмандони таърихи аҳди бостон қарор гирифтааст. Махсусан дар ин самт саҳми як қатор олимони тоҷик, ба монанди академик Б. Ғафуров, Ю. Яъқубов, Н. Неъматов, М. Ҳазратқулов, Қ. Расулиён, Ҳ. Муминзода, М. Умарзода, П. Ҷамшедов ва дигаронро метавон баланд арзёбӣ намуд. Ҳамчунин дар омӯзиш ва равшан намудани таърихи аҳди атиқаи халқи тоҷик саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҷаста аст. Пас аз ба даст овардани истиқлолият ва ваҳдати миллӣ бо ибтикор ва талошҳои Сарвари давлат як қатор китобҳои нодир доир ба таърихи аҳди бостони халқи тоҷик аз чоп баромаданд, ки дар равшан намудани масъалаҳои мубрами баҳсовару норавшани баъзе аз саҳифаҳои таърихии халқи тамаддунофари тоҷик мусоидат намуда истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки таърих, анъана, урфу одат, адабиёт ва маданияти халқи тоҷик дар тӯли асрҳо диққати ҳазорон муҳаққиқону олимони хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.

Вале аз ҷониби худи муҳаққиқони тоҷик омӯхтани таърихи қадимтарини гузаштаи хеш самаранок ва мусбӣ арзёбӣ мешавад. Мо имрӯз наметавонем омӯзиши таърихи гузаштаи хешро аз ҷониби хориҷиён нодида гирем, чун онҳо аксар саҳифоти ба нестӣ расидаи таърихро барқарор сохтанд. Имрӯз низ, бо марказҳои илмии гӯшаву канори дунё ҷиҳати омӯзиш ва равшан намудани таърихи ақвоми гузашта робитаҳои дуҷонибаро ба роҳ мондан зарур аст. Имрӯз зарурати омӯзиш ва таҳқиқи таърихи аҳди бостон таъйиноти сиёсӣ, башардӯстӣ, меҳанрпарастӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва илмӣ пайдо намудааст.

Дар асоси далелҳои муътамади таърихӣ гуфтан ҷоиз аст, ки халқи тоҷик дар муддати ҳазорсолаҳо таърихи пурғановат, маданияти заминдорӣ, шаҳрдорӣ, шаҳрҳои азим ва осори бебаҳои меъморӣ, техника ва афкори техникӣ, санъати ороишӣ ва амалӣ, маданияти бойи маънавӣ, илм, адабиёт, афкори ҷамъиятию сиёсӣ ва назарияи давлати оммавӣ ва халқи озодро ба вуҷуд оварда, ташаккул дод. Он мероси бузургу гуногунмундариҷае, ки дар аҳди бостон аз ҷониби аҷдодони халқи тоҷик барпо шуд, тӯли асрҳои зиёд ҳамчун намунаи ибрат аз тарафи халқҳои ҳамҷавори он мавриди пазироӣ ва истифода қарор гирифт [2, саҳ. 5].

Тамоми падидаҳои мавҷудаи таърихиро ба назар гирифта, имрӯз зарурати таъхирнопазирии гузаронидани таҳқиқот вобаста ба самтҳои нави маданӣ – антропологиӣ, таърих ва назарияи маданияти моддӣ ва маънавӣ, дақиқ намудани марҳилаҳои асосӣ ва қонуниятҳои инкишоф ва даврабандии таърихии аҳди бостони халқи тоҷик пеш омадааст.

Қайд намудан зарур аст, ки имрӯз объекти омӯзиши таърихи аҳди атиқаи тоҷикон сарчашмаҳои бостоншиносӣ маҳсуб мeёбад. Дар асоси ин сарчашмаҳо муҳаққиқони тоҷик дар ҳамкорӣ бо ҳамкасбони хориҷии худ як қатор унсурҳои марбут ба масъалаҳои мубрами ин давраи таърихиро равшан намуданд.

Дар айни замон омӯзиш ва таҳлили чунин масъалаҳои марбут ба таърихи аҳди атиқаи халқи тоҷик зарур шуморида мешавад:

- таҳлили объективии аслу насаби аҷдодии тоҷикон ва ватани таърихии онҳо, мавқеи онҳо дар таърихи ташаккулёбии унсурҳои моддию маънавии минтақа ва ҷаҳон. Тавассути ин реша гирифтани халқи куҳанбунёди тоҷик аз қавмҳои бузурги тамаддунофари ориёӣ исбот шуда, нақши онҳо дар шакл гирифтани ҳаёти ҷамъиятии минтақа нишон дода шавад;

- ҷудо намудани асотиру ривоятҳо аз илми таърих ва нишон додани унсурҳои ҳақиқии тамаддуни гузаштагони тоҷикон. Махсусан он ривояту бофтаҳои хусусияти субъективӣ доштаи муаррихони аҳди атиқа марбут ба як қатор падидаҳои таърихии аҷдодони халқи тоҷик, ки дар даврони шӯравӣ вориди илм шудаанду имрӯз хонандаро ба духӯрагӣ бурда мерасонад, бояд ифшо карда шавад. Ба ибораи дигар, эътирофи давлатҳои асотирӣ будани Пешдодиёну Каёниён, кушта шудани асосгузори аввалин империяи бузурги ҷаҳонӣ ва муаллифи нахустин эъломияи ҳуқуқи башар - Куруши Кабир аз ҷониби сарвари як қавми бодиянишин ва монанди инҳо аз ҳақиқат ва принсипҳои илми таърих хеле дур аст;

- дар такя ба натоиҷи таҳқиқотҳои навтарини бостоншиносон ва таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, ки ягона омилони инъикоскунандаи таърихи аҳди бостон мебошад, омӯхтан ва нишон додани таърихи аслии худ. Аз таъсири идеология ва он омилҳои субъективии дар гузашта ба илми таърих воридшуда раҳонидани илм ва нишон додани ҳақиқати баъзе аз саҳифаҳои таърихии аҳди бостон.

Ба инобат гирифтани чунин принсипҳо ва тоза намудани илм аз баъзе маълумотҳои бофта имрӯз аз ҷониби аксар муҳаққиқони таърихи аҳди бостони халқи тоҷик ба назар мерасад, ки дар саргаҳи онҳо муҳаққиқони ватанӣ қарор доранд. Имрӯз масъалаҳоеро бобати таърихи аҳди қадим мавриди омӯзиш қарор додан лозим аст, ки омили муаррифии давлату миллат дар сатҳи байналхалқӣ гарданд. Равшан намудани ҳақиқати гузашта ва пешниҳоди он ба аҳли омма метавонад омилҳои хуруфотии ҷомеаро шикаста, роҳи ояндаи миллату давлатро бо дарназардошти аз гузашта дарси ибрат гирифтан ва ояндаро дар заминаи баланд бардоштани сатҳи худогоҳӣ ва худшиносии миллии насли наврас сохтан муайян намояд. Рисолати аслии ҳар як инъикоскунанда ва таҳқиқбарандаи таърих низ нишон додани гузаштаи хеш ва ба сифати оинаи дурнамо истифода бурдани таърих аст. Мо ин рисолати бузург ва хизмати шоистаро, хушбахтона, дар осори аксар инъиксокунандагони таърихи аҳди бостон мушоҳида карда метавонем. Таҷриба нишон дод, ки то ҳол аксарият таърихро аз рӯйи принсипи "омӯзиши таърих бе солу моҳ ғайриимкон аст" меомӯзанду онро ҳамчун саҳифаи сипаришуда мешуморанду халос. Принсипи омӯзиши таърих нишон додани солу моҳ не, балки ҳақиқати гузашта ва эъмори оянда аст. Мантиқи омӯзиш ва равшан намудани таърихи аҳди бостон дар шакли нав ва ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ будани он метавонад дурнамои халқу давлатро бо

дарназардошти ифтихор аз гузашта, пайравӣ ба арзишҳои бунёдкорона ва ватансолорӣ муайян созад. Таърихро имрӯз ҳамсоягони шарқии мо чун идеяи бузурги миллӣ ва таҷрибаи самаранок истифода бурда истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки дур шудан аз аслияти таърих ва арзишоти гузаштаи хеш хоҳу нохоҳ метавонад ба ҳастии миллат ва рукнҳои давлати миллӣ таъсири манфӣ расонида, омили заиф гардидани мавқеи он шавад. Махсусан эҳёи арзишҳои бузурги таърихии аҳди бостон роҳи наҷоти миллату давлат аз омилҳои манфии асри навин, ба монанди пайравии кӯр-кӯрона ба ин ё он фарҳанги бегона, бегонапарастӣ, роҳ ёфтани ақидаҳои хурофотӣ маҳсуб меёбад. Куҷо шуд фарҳангу забони бою тамаддунофари мардуми Шому Ироқ? Куҷо шуд миллату халқиятҳои ин давлатҳо? Куҷо шуд асолати миллӣ ва ватансолории халқҳои давлатҳои мазкур? Куҷо шуд миллату забони яке аз марказҳои бузурги тамаддуни ҷаҳонӣ – Миср, ки имрӯз ҳазорон сайёҳону олимон аз мавзеъҳои таърихии он дидан менамоянд?

Ин ҳама суолҳо тасодуфӣ набуда, аз аҳамияти омӯзиш ва мубрамияти эҳёи арзишҳои волои миллӣ дар такя ба суннатҳои қадимтарини гузаштаи пурифтихори хеш хабар медиҳад. Пешрафти давлатҳои тараққикарда, махсусан давлати ба мо ҳамсояи Чин заминаи ба инобат гирифтани арзишҳои бузурги гузашта ва эъмори давлати бузургу тавоно аст. Ин ақида ва таффаккури созандагӣ танҳо дар ҳоле дарк карда мешавад, ки эҳсоси миллӣ ва ватансолорӣ боло гирад. Эҳсоси волои ватансолорӣ аз худшиносии миллӣ сарчашма мегирад, на аз таъсири фарҳанги бегона ё пайравӣ намудан ба суннатҳои ба минталитети миллӣ бегона. Таҷрибаи таърихии сангини мардуми кишвари Чин рӯҳияи созандагии онҳоро боло бурда, сол то сол вобастагии онҳоро аз давлатҳои бузурги собиқ таъсиррасон аз байн бурда истодааст. Ин таҷриба беҳамто буда, дар давлатҳои дигар истифодаи он бо дарназардошти хусусиятҳои хосси маҳаллӣ имконпазир аст.

Бозгӯи ин ҳама мисолҳо равшан намудани зарурати омӯзиши таърихи аҳди бостон дар чунин раванди пуртазод мебошад. Ин ҷиҳатҳоро ба назар гирифта, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади нишон додани проблемаҳои мавҷудаи илми таърих, махсусан таърихи аҳди атиқа, як қатор китобҳоро, ки натиҷаи таҳқиқоти муҳаққиқон мебошанд, рӯйи чоп овард, ки барои омӯзиши таърихи қадимтарин ва қадими халқи тоҷик мусоидат менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, кадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров . – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
2. Неъматов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Неъматов, Ф. Носирова, С. Бобомуллоев, Д. Довутов, М. Исоматов. Китоби якум. -Душанбе: Сарпараст, 2003. - 368 с.
3. Расулиён Қ. Инъикоси ваҳдати ориёиҳои қадим дар осори таърихии Эмомалӣ Раҳмон. Осори мунтахаб. - Ҷ.2. -С. 399-403.
4. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 1999.-534 с.
5. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дувум. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002.-557 с.
6. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 2006. -374 с.
7. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 2006.-367 с.
8. Раҳмонов Э. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 1/ Э. Раҳмонов. -Душанбе: Андалеб-Р, 2015. -490 с.
9. Раҳмонов Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмонов.-Душанбе: Эр-граф, 2016.-361 с.
9. Умарзод И. Таърихи тамаддуни ориёӣ. -Душанбе, 2006.-558 с.
10. Ҳазратқулов М. Таърихи тамаддуни Ориён / М. Ҳазратқулов. –Душанбе, 2006. -577 с.


## ЗАРУРАТИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ АҲДИ БОСТОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ


Дар даврони соҳибистиқлолӣ, махсусан дар раванди эъмори давлати миллии ҳуқуқбунёду дунявӣ, бе ба инобат гирифтани таърихи гузаштаи хеш ва минталитети анъанавии аҷдодӣ муваффақ гардидан ғайриимкон аст. Омӯзиши таърихи сиёсии аҳди қадимтарин ва қадими халқи тоҷик имконият медиҳад, ки пеш аз ҳама, аз ҳақиқати таърихӣ ва аслияти гузаштаи хеш ба воситаи муҳаққиқони ватанӣ огаҳӣ пайдо намуда, дар ин даврони пур аз зиддияту тазод, ки ҷаҳонишавӣ ҳамаро фаро гирифтааст, манфиатҳои миллати худро тавассути ҳақиқати таърихӣ ҳифз намоем. Таърих гувоҳи сипарӣ гардидани ҳаёти ҳар як халқ аст, вале омӯзиши ҳақиқати таърихии он низ яке аз шартҳои муваффақ гардидан дар ин роҳ аст. Имрӯз дар ҷомеаи соҳибистиқлол зарурат ба миён омадааст, ки таърихи қадимтарин ва қадими халқи хешро, ки норавшаниҳои зиёд дорад, аз нав бо диду нигоҳи навтарин, ки орӣ аз омилҳои субъективӣ бошад, мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор диҳем.



**Калидвожаҳо:** таърих, тоҷикон, қадимтарин, қадим, муҳаққиқон, таҳқиқот, истиқлолият, худшиносии миллӣ.

**НЕОБХОДИМОСТЬ ИЗУЧЕНИИ ДРЕВНЕЙ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ**

В эпоху независимости, особенно в форме националистического правового и светского государства, достижение его исторического прошлого и традиционных ахеменидских традиций не имеет себе равных. Изучение древнейшего и древнего периодов истории таджикского народа позволяет признать исторические факты прошлого с помощью отечественного исследователей, в период глобализации с помощью исторического факта надо защищать национальную ценность. История является свидетельством щита жизни для каждой нации, но ее истинное обучение является также одним из лучших условий для достижения этой цели. Сегодня в независимом обществе существует необходимость с новых позиций исследовать древнейшую и древнюю историю своего народа в которой есть неизученный проблемы.

**Ключевые слова:** история, таджики, древний, древнейший периоды, исследователи, исследования, независимость, национальное самопознание.

**NEEDY OF STUDYING HISTORY OF ANTIQUE TAJIK PEOPLE IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE**

In the era of independence, especially in the form of a nationalist legal and secular state, the achievement of its historical past and traditional Ahemen traditions has no equal. The study of the ancient and ancient history of the Tajik people allows us to recognize the historical fact and the original past with the help of domestic researchers, in the period of globalization with the help of historical fact it is necessary to protect national value. History is evidence of the shield of life for every nation, but its true learning is also one of the best conditions for achieving this goal. Today in an independent society there is a need to explore the history of the most ancient and ancient of its people, which has unexplored problems, from the beginning with a new look so that it has subjective factors can be explored.

**Key words:** history, Tajiks, ancient, ancient, researchers, research, independence, national self-knowledge.

**Сведения об авторе:** ***Муродов Назирмат Сафарович*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **H.hnt.r@mail.ru.** Телефон. **901-66-00-03**

**Information about the author:** ***Murodov Nazirmat Safarovich*** - Tajik National University, Assistant of the Department of the history of the Tajik people. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **N.hnt.r@mail.ru**. Phone. **901-66-00-03**

**УДК: 891.550:82**

## МУҲАММАД ИБНИ ЗАКАРИЁ АР-РОЗӢ ВА ОСОРИ Ӯ (865-925)

***Нажотова Н.Б., Кахоров И.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ соли 865 дар шаҳри Рай ба дунё омада, аз зумраи олимон ва табибони маъруфи аҳди Сомонӣ буд. Арабҳо ӯро «табибу-л-муслимин» ва ба муносибати ба забони арабӣ будани китобҳояш (забони илмии олами ислом дар он рӯз) ӯро «Ҷолинусу-л-араб» номидаанд. Аз оғози ҷавонӣ ва таҳсилоти ӯ иттилои дақиқ ҷуз он чи тазкиранависон навиштаанд, дар даст нест. Дар бархе аз сарчашмаҳои асримиёнагӣ омада, ки Закариёи Розӣ гӯё Мансур ибни Нӯҳ ибни Насрро (961-976) табобат кардааст. Ин табиби машҳури форсу тоҷик дар қуруни вусто сазовори эътирофу эҳтироми табибону файласуфон ва кимиёдонони ғарбӣ гардида, дар рушду такомули илмҳои замонаш нақши боризе гузошта, на танҳо дар миёни олимони олами ислом, балки дар радифи донишмандони маъруфи ҷаҳонӣ мавқеи муҳимеро касб кардааст. Ӯ табиатан соҳибистеъдод буд, қариб ба ҳама паҳлуҳои илму дониш шуғл дошт. Асбоби мусиқии удро хуб менавохт, шеър мегуфт, суруд мехонд, илми адабро дӯст медошт, аммо ба иллати ин ки шуғли падараш заргарӣ буд, бештар ба заргарӣ завқ дошт. Бо вуҷуди ин ҳама то синни 30-солагиаш ҳама илмҳои замонаш, аз ҷумла фалсафа, илми кимиё, физика, ҳайат, рустанишиносиро фаро гирифт. Танҳо дар 30-солагиаш ба омӯзишу пажуҳиши илми тиб ҷиддӣ машғул шуда, то охири умри худ, то дараҷае шуҳрат касб кард, ки дар радифи пизишкони маъруфи он давр Буқрот (Гиппократ), Ҷолинус (Гален), Абӯалӣ ибни Сино қарор дошт [1,с.5]. Бояд гуфт, ки чунин баҳогузорӣ худ шаҳодати бузургии ӯст.

Ба иттифоқи тазкиранависон Закариёи Розӣ таҳсилоти худро анҷом дод ва ҳатто бархе тасреҳ кардаанд, ки ӯ пас аз чилсолагӣ ба кутуби тиббӣ ва фалсафӣ рӯй овард. Закариёи Розӣ барои фаро гирифтани нозукиҳои улуми тибб ва фалсафа ба Бағдод омад. Бағдод дар он рӯзгор маркази мутарҷимони забардасти осори илми юнонӣ ба сурёнӣ ва арабӣ буд. Вуҷуди бемористонҳо дар замони Ҳорунаррашид (786-809) ва Бармакиён боиси фароҳам омадани имконоти хубе барои мутолиоти Закариёи Розӣ гардид. Бархе аз сарчашмаҳо навиштаанд, ки Закариёи Розӣ бемористони Аздиро дар Бағдод идора мекард. Ба занни қавӣ, ин ҳамон бемористоне буда, ки Бадр-ғуломи Муътазид (892-902) дар асри

IX бунёд кардааст, ки баъдан бо номи «Бемористони Муътазидӣ» машҳур гардид, вале бо мурури замон ба «Аздӣ маъруф гаштааст».

Агарчи саҳми ӯро ҳамчун яке аз саромадони илмҳои тибу кимиё, файласуф ва физикдони воломақом эътироф кардаанд, аммо дигар паҳлуҳои фаъолияташ ҳануз ҳам ба таври комил мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Тадқиқоти аксари пажуҳишгарон ҳам бештар ба таҳлилу баррасии ҳамин соҳаҳои фаъолияти илмии ӯ бахшида шудаанд. Ҳарчанд ӯ дар таърихи кимиёву тиб бо лақаби "падари кимиё" ва табиби ҳозиқ шинохта шуда, дар фалсафа яке аз барҷастатарин намояндагони асҳоби ҳаюло эътироф гаштааст, аммо бояд гуфт, ки баъд аз омӯзиши ҳамаҷонибаи ду асари ӯ бо номҳои "Тибби рӯҳонӣ" ва "Сирати фалсафӣ", кас ба хулосае меояд, ки ӯро "муаллими ахлоқ" низ бояд номид. Зеро Муҳаммад Закариёи Розӣ дар асарҳои мазкур, ки саршори масъалаҳои ахлоқиву равоншиносӣ мебошанд, тамоми хислатҳои инсонӣ фазилатҳои хуб (некӣ, ростгӯӣ, инсондӯстӣ, адолат, ҳаё, иффат, раҳм, саховат, покизагӣ ва ғ.) ва аз сифатҳои бад (разолат, мутакаббирӣ, худписандӣ, мумсикӣ, майпарастӣ, дуруғгӯӣ ва дигар сифатҳо)-и одамиро ҷолибона ва возеҳона мавриди баррасӣ қарор додааст. Бахусус рисолаи "Тибби рӯҳонӣ"-и ӯро месазад, ки "Доират-ул-маорифи ахлоқи башар" бихонем. Бинобар маълумоти Забеҳулло Сафо, "Розӣ дар ахлоқ муътақид ба зуҳду тарки дунё нест ва мутаваҷҷеҳ ба ширкат дар умури иҷтимоӣ бо покдоманиву иффат аст. Муътақид аст, ки истифода аз лазоиз бояд фақат ба қадри ҳолати ҷисми буда ва аз зиёдаш чашм пӯшад ва ба ҷустуҷӯи камоли нафсонӣ, ки натиҷаи он ташаббуҳ ба Худованд аз тариқи илму адл ва таҳорат (покӣ) аст, пардохт" [2,с.69]. Муҳаммад Закариёи Розӣ ақлро беҳтарин туҳфаи Парвардигор барои инсон ва бунёди шинохт аз ҷаҳони ҳастӣ дониста, ба қавли ӯ, инсон маҳз тавассути ақл аз ҳайвон фарқ карда, зиндагии худро хубу беҳтар месозад, инчунин марому мартабаи хешро нисбат ба ҳар чизи олам баланд мебардорад. Дар ҳамин бобат ӯ дар фасли аввали "Тибби рӯҳонӣ"-аш, ки "Ситоиши фазилати ақл ном дорад", чунин мефармояд: "...ақл чизест, ки агар он намебуд, аҳволи мо тибқи аҳволи ҳайвон мешуд ё мисли кӯдакону девонаҳо дар вартаи парешонӣ мемондем" [3,с.46]. Дар идомаи фикри худ дар ҳамин фасл ӯ нафсро фармонбардори ақл номида, таъкид мекунад, ки инсон бояд ҳамеша аз пайи тарбияи нафси худ бошад ва кӯшиш намояд, ки нафси саркашаш ҳамеша тобеи ақл бошад ва маҳз тавассути ақл инсон ба марому мақсади худ мерасад. Муҳаммад Закариёи Розӣ дӯстию рафоқат, ҳурмату эҳтиром ва некию накукориро яке аз аломатҳои асосии иқболу давлат медонад ва соҳиб шудан ба ин сифатҳоро амри як қуввае медонад, ки он бо нафси шахс алоқаманд аст: "Аломати дигари иқболу давлат вобаста ба майл кардани шахс ба рафиқон, ҳамроҳон ва ёрони мувофиқ буда, онҳо ҳамеша толиби салоҳияти корҳои ҳамдигар ва дар ҳар гуна вазъият тақозои дӯстии якдигарро дошта бошанд. Ғайр аз ин, онҳо ба якдигар ихлосманд бошанд. Барои амалӣ шудани ин амрҳо қувваеро дошта бошанд, ки он давомдиҳандаи сифатҳои нек аст. Чунин қувва бо нафси шахс алоқаманд буда, аз вай ҷудонопазир аст. Ва он қувва хеҷ бадие ба шахсияти ӯ раво намебинад. Онҳо бе якдигар зиндагиро ҳам тасаввур карда наметавонанд. Амалӣ шудани ин амрҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба натиҷаи дурусти мубориза онҳо бо қувваҳои рақибангез аст" [4,с.121].

Ба гуфтаи Муҳаммад Закариёи Розӣ, устод-мураббӣ дар паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ барои шогирд шахси носеҳ, ғамхорест, зеро ӯ ба шогирдон хислатҳои ҳамидаи инсонӣ - поксириштӣ, накукорӣ, иффат, инсондӯстӣ ва ғайраро тарғиб менамояд. Ӯ ба масъалаҳои тарбияи ахлоқию маънавӣ аҳамияти махсус дода, барои бартарафсозии душвориҳои ҳаёти одамон панду маслиҳатҳои муфиду ҷолиберо баён кардааст. Дар ҷараёни таълиму тарбия мутафаккир дар ҷойи аввал ақли солимро мегузорад ва баъдан тамоми рафтори инсониро дар асоси ақлу хиради ӯ баҳогузорӣ мекунад. Барои омӯзгорону мураббиён тавсияҳо медиҳад, ки онҳо дар роҳи тарбия аз толибилм ё донишҷӯ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд озурда гарданд. Мутафаккир таъкид менамояд, ки таълиму тарбияи насли наврас яке аз муҳимтарин вазифаи носеҳону омӯзгорон ба шумор меравад. Омӯзгор бояд дар таълим ва тарбияи шогирд тамоми дониш ва маҳорати хешро сарф намояд. Ӯ бо шогирдон сидқан суҳбат намуда, камбудиҳо ва он хислатҳои ношоиста, ки дар онҳо ҳувайдо мегардад, ошкор созад ва роҳи ҳалли онро нишон диҳад. Ба қавли мутафаккир устод бояд аз донишу маърифати кофӣ бархурдор бошад ва дар умури таълиму тарбия ба саҳланкорӣ роҳ надиҳад, балки ҳамеша ҷихатҳои равоншиносии шогирдро ба назар гирифта, бо ӯ муомилаи хуш намояд. Омӯзгор ҳамчун шахси наздик ва роздону меҳрубон мунтазам аз ҳолу аҳволи зиндагии шогирд бохабар бошад.

Бинобар ақидаву тавсияҳои ӯ мардум бояд бо якдигар меҳрубон бошанд ва лутфу марҳамати хосса дошта бошанд. Муҳаммад Закариёи Розӣ расидан ба ҳар гуна мартабаро низ тавассути ақлу хиради солим ва рафтори хубу муомилаи нек медонист ва панд медод,

ки соҳибмартаба бояд чунон рафтор кунад, ки аз нафрати халқ эмин бимонад. Маълум аст, ки чунин обрӯву эътиборро танҳо тавассути хулқи хубу рафтори шоистаи таҳсин сазовор гаштан мумкин аст. Воқеан ҳам, ранҷиш ва кинагирии омӯзгор ва ё мураббӣ аз шогирдон аз камоли хирад берун буда, обрӯи ӯро дар байни шогирдону ҷомеа коста мегардонад. Омӯзгор, бояд қабл аз ҳама, бо рафтору амали худ ва баъдан бо гуфтору таълими худ намунаи ибрат бошад. Як амри воқеист, ки дар ҳама давру замон шогирдон ба таври худ ба устодонашон баҳо медиҳанд ва роҳҳои сазовори баҳои баланд ва соҳиби обрӯю эътибори хосса гардидани омӯзгорон, дар маҷмӯъ ба нафъи шогирдон ҳам бояд бошад. Муҳаммад Закариёи Розӣ ин нуқтаи муҳимми тарбиявиро хеле ҷолиб таҳлил кардааст.

Дар фасли нуздаҳуми "Тибби рӯҳонӣ", ки "Рафтори бофазилат" ном дорад, Розӣ рафтори донишмандону файласуфонро таҳлил намуда, дар бораи амали онҳо ибрози ақида менамояд, ки онҳо набояд аз чаҳорчӯбаи адлу инсоф пой берун ниҳанд. Онҳо ба ҳамаи мардум насиҳат мекарданд, ки барои нафъи умум кӯшиш намоянд. Аммо он касоне, ки ҷабру зулм ва сиёсати фосидро пешаи худ менамуданд, ба хараҷу марач ва сиёсати абаскорӣ роҳ медоданд, аз гунаи одамон намеҳисобиданд. Аммо одамони зиёде ҳастанд, ки шариату қонун онҳоро водор мекунад, ки бе ҳукми зулм рафтор кунанд. Аммо намояндагони диние, ки ба зулмат мегаравиданд, ба ин гуна муҳиммот риоя намекарданд. Онҳо мухолифи худро бо дурӯғ фиреб медоданд... Инсон агар сират дуруст кунад ва рафторашро нек созад, аз зарари мардум наҷот меёбад ва соҳиби ҳурмат мегардад. Инсон ба шарофати покӣ аз шарру ногуворӣ эмин мемонад. Агар кас ба мардум насиҳат кунад, ба онҳо раҳму лутф намояд, обрӯяш баланд мешавад" [5,с.114]. Бояд гуфт, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ чи дар таълифоти тиббӣ, чӣ дар таълифоти фалсафӣ ва чи дар таълифоти табиатшиносиаш ҳамеша аз риояи ақл, одоб, андоза ва хушмуомилагӣ суҳбат мекунад. Дар ҳамин мазмун ҷавоби ҳикматбору муаддабонаи ӯро нисбати ҳасудонаш, ки вақти дар пирӣ нобино шуданаш ӯро таъна мезаданд, ба ёд меорем. Азбаски ӯ донишманди тирози аввали замона ва дар баробари он дар роҳи дарку баёни ҳақиқати илмӣ аз ҳар гуна мусолиҳаву созиш орӣ буд, муқарризони ҳасудаш ба ӯ таъна мезананд, ки ин нобиноии ӯ гӯё ҷазои нодурустии ақидаҳои илмиаш будааст, ӯ дар ҷавоб чунин муаддабона ва файласуфона ва омӯзгорона ҷавоб медиҳад, ки чашмони ӯ кӯр нашудаанд, балки аз дидани муқарризони камсаводаш хаста шуда, намехоҳанд дигарбора дидори нодононро бубинанд. Чӣ ҷавоби кӯтоҳу мушаххасе дар чаҳорчубаи илму адаб, ки дар худ маънии зиёдеро дар бар гирифтааст. Худи ҳамин гуна ҷавоб бар душманону ҳасудон худ як сабабест барои наслҳои оянда ва дарсест, ки омӯзгоронро месазад дар ҷараёни тарбияи шогирдони ҳикматомӯз аз он бахрабардор бошанд, ки ба ҷойи тундию моҷаробарангезӣ мумкин аст бо нармию оҳистагӣ чунон ҷавоб гардонид, ки рақиб ҳам тавонад ангушти ҳайрат ба дандони тафаккур бигазад ва шояд, ки бад-ин васила ба роҳи рост раҳнамун гардад. Тавре ки маълум аст, Муҳаммад Закариёи Розӣ дар баробари файласуфи бузургу табиби ҳозиқ ва кимиёдони овозадору физикдони барҷастаи замони худ будан, боз бисёре аз масъалаҳои тарбияи ақлию ахлоқӣ, роҳу воситаҳои таъмини хайрияи умум ва саодати одамӣ, адлу инсоф, мақсаду мароми инсонро мавриди тадқиқу омӯзиш қарор дода, муаллими тарбияту ахлоқи замонааш низ ба шумор мерафтааст.

Дар мавриди осори гаронбаҳои Муҳаммад Закариёи Розӣ метавон гуфт, ки таълифоту таснифоти ӯ ғайр аз такмилу пешрафти соҳаҳои тиббу фалсафа ва физикаву химия, инчунин дар омӯзиши рафтору гуфтору кирдори инсонӣ нақши муҳим бозидаанд. Пажӯҳишгарони ҷавон ва Розишиносони ояндаро месазад, ки ҳар як фасли "Тибби рӯҳонӣ"-ро ба таври сазовор, ҳамаҷонибаву амиқ дар партави "Консепсияи миллии тарбия" бо муқобалаву муқоисагузории дастовардҳои педагогикаи муосир мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Бовар бар он дорем, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи осори гаронбаҳои Муҳаммад Закариёи Розӣ, саҳм ва нақши ӯро на танҳо дар таърихи илму фарҳанги тоҷикон, балки дар таърихи тамаддуни башарӣ бештар маълум месозад.

**АДАБИЁТ**


1. Забеҳуллои Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. - Душанбе: Ал-худо, 2001.-269 с., Диноршоев, М. Плюралистическая философия Абу Бакра ар-Рази / М. Диноршоев. -Душанбе: Дониш, 2013. - 300 с.
2. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. - Душанбе: Адиб, 1989. - 160 с; Каримов У.И. Неизвестное сочинение ар-Рази "Книга тайны тайн" / У.И.Каримов. -Ташкент: Фан, 1957. - 241 с.
3. Комили, А.Ш. Физика Абубакра ар-Рази. - М.: МБА, 2014. - 104 с; 4. Комилов, А.Ш. Физика ар-Рази и Ибн Сины / А.Ш. Комилов. - М.: МГУ, 1999. - 160 с.
4. Курбонов, Б.Р. Мухаммад Закариё ар-Рази - химик и философ / Б.Р.Курбонов, З.Н. Юсуфов // Известия Академии наук Республики Таджикистан - Душанбе, 2004.- С. 91-97.

**МУҲАММАД ИБНИ ЗАКАРИЁ АР-РОЗӢ ВА ОСОРИ Ӯ (865-925)**

Дар мақола масъалаҳои тарбияи маънавии олим ва донишманди асримиёнагии форсу тоҷик Муҳаммад Закариёи Розӣ (865-925) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки баъд аз худ осори калони илмӣ боқӣ монда, ба рушди илм ва тибби замони худ саҳми босазо гузоштааст. Абубакр ар-Розӣ дар ҷаҳон асосан ҳамчун файласуф, табиб ва кимиёшинос машҳур аст, ӯро яке аз асосгузорони кимиё, табиби машҳури замони худ, Галени ҷаҳони ислом, файласуфи бузург, тарафдори рушди материалистии табиат меҳисобанд. Лекин осори педагогии ӯ то имрӯз пурра омӯхта нашудааст. Дар мақолаи мазкур баъзе аз масъалаҳои то имрӯз мубрами тарбияи маънавии насли наврас дар ҳошияи ақидаҳои файласуфонаи олим баррасӣ гардидаанд. Ақидаҳои динӣ – маънавӣ ва инсондӯстонаи Абубакр ар-Розӣ дар асоси рисолаи ӯ бо номи"Тибби руҳонӣ" таҳлили гардидааст.

**Калидвожаҳо**: Абӯбакри Розӣ, донишманди форсу тоҷик, тиб, кимиё, табииёт, педагогика, ахлоқ, гуманизм.

**МУХАММЕД ИБН ЗАКАРИЯ АЛ-РАЗИ И ЕГО СОЧИНЕНИЯ**

В статье раскрываются вопросы нравственного воспитания средневекового персидско-таджикского ученого-энциклопедиста Абубакра Мухаммада ибн Закарийа ибн Яхйа ар-Рази (865-925), который оставил после себя большое научное наследие и внес заметный вклад в развитие науки и медицины своего времени. Абубакр ар-Рази известен в мире в основном как философ, медик и химик, его считают одним из основателей химии, известным медиком-врачевателем, Галеном мусульманского мира, великим философом, сторонником материалистического развития природы. Однако его педагогическое наследие до сих пор не изучено полностью. В данной статье вкратце рассматриваются некоторые актуальные на сегодняшний день проблемы нравственного воспитания молодого поколения в контексте философских воззрений ученого. А именно: анализируются религиозно-нравственные и гуманистические воззрения Абубакра ар-Рази на основе его трактата "Духовная медицина" ("Тибби руњонї").

**Ключевые слова:** Абубакр ар-Рази, персидско-таджикский ученый, медицина, химия, физика, педагогика, гуманизм, нравственность.

**QUESTIONS OF MORAL AND HUMANISTIC EDUCATION IN THE WRITINGS OF ABU BAKR AR-RAZI**

The article deals with questions of moral education of the medieval Persian-Tajik scholar-scientist Abu Bakr Muhammad ibn Zakariya ibn Yahya ar-Razi (865-925), who left behind a great scientific heritage, and made a significant contribution to the development of science and medicine of his time. Abu Bakr ar-Razi, known in the world mainly as a philosopher, physician and chemist, he is considered one of the founders of chemistry, a famous physician-healer, Galen Muslim world, a great philosopher, a supporter of the materialist nature. However, his pedagogical heritage is still not fully understood. This article briefly discusses some relevant today problems of moral education of the young generation in the context of the philosophical views of the scientist. Namely analyzes religious and moral and humanistic views Abu Bakr ar-Razi on the basis of his treatise "The Spiritual Medicine" ("Tibby ruhoni").

**Key words:** Abu Bakr ar-Razi, Persian-Tajik scientist, medicine, chemistry, physics, pedagogy, humanism, morality.

**Сведения об авторах*:* *Нажотова Нигина Баротовна*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории древнего мира, средних веков и археологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **nachotova@bk.ru**. Телефон: **987-44-40-80**

***Кахоров Имомиддин Мирзорахмонович*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры истории древнего мира, средних веков и археологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **915-05-75-63**

**Information about the authors:** ***Nazhotova Nigina Barotovna*** **-** Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of the History of the Ancient World, Middle Ages and Archeology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **nachotova@bk.ru.** Phone**: 987-44-40-80**

**Imomiddin Mirzorahmonovich Kakhorov -** Tajik National University, Master of the second course of the Department of Ancient History, Middle Ages and Archeology**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **915-05-75-63**

**УДК:930.85 (581)**

# БАРРАСИИ ТАЪРИХИ ҲУНАРИ АСРИ САНГ ДАР АФҒОНИСТОН

***Шарифа Шарифӣ Бадахш***

**Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон**

Кишвари мо дорои арзиши таърихии зиёде буда, ки агар ба таври жарф мавриди таҳқиқ қарор бигирад, аз ҷумлаи кишварҳои бостонии минтақа ба ҳисоб меояд. Дар ҳар давра аз таърих Афғонистон дорои ҳунар, фарҳанг ва маданияти олӣ буда ва монанди ҳар мамлакате дар давраҳои тӯлонии таърихи худ шоҳиди ҷазру мадди кӯчак ва бузург будааст. Асри санг яке аз қадимитарин асрҳои зиндагии башар аст. Дар кӯҳпояҳои шимоли Ҳиндукуш нишонаҳои мабнӣ бар зиндагии башар дар асри санг ҳудуди сад ҳазор сол гувоҳ бар қидмати ин марзу бум аст. Мардумони ин сарзамин аз ҳамон оғоз дорои ҳунар ва фарҳанги олӣ будаанд ва ҳунармандони боистеъдод дар тамоми давраҳои

таърихӣ осори ҳунарии беназире аз худ ба ёдгор гузоштаанд, чи дар маданиятҳои қаблалтаърих ва чи дар маданиятҳои бостон ва баъд аз он. Асри санг марбут ба давраи қаблалтаърих аст, даврае, ки хат ва китобат вуҷуд надошт ва тамоми доштаҳои мардум аз тариқи ҳунарашон ба мо расидааст. Ҳоло ин ҳунар чи шакле буда, баҳсе аст, ки дар мақолаи ҳозир ба он пардохта шудааст. Гарчанде таҳқиқот ва ковишҳои дуруст ва саросарӣ мабнӣ бар асри санг дар Афғонистон сурат нагирифтааст, вале бо он ҳам маконҳое мисли дашти Новар Ғазнӣ, Ҳазорсум, Самангон, Қара Камар, дараи Каври Бадахшон ва Оқ Кӯпруки Балх кашф гардида, ки нишондиҳандаи асри санг дар Афғонистон аст.

**Баёни масоили таҳқиқ**. Даврони пеш аз таърих дорои аҳамияти зиёд аст. Гарчанд ҷиҳати набудани хат ва китобат аз он маълумоти зиёде дар дастрас нест, аммо нишонаҳо ва осори бадастомада аз манотиқи бостонӣ, гувоҳи онанд, ки инсонҳо ҳудуди сад ҳазор сол пеш аз мелод зиндагӣ мекарданд. Шавоҳиди бадастомада нишон медиҳанд, ки инсонҳо давраҳои мухталифи зиндагиро то даврони бостон, ки ҳамоно пайдоиши хат ва китобат аст, сипарӣ намудаанд. Ин адвор ба давраҳои санг ва фулуз машҳур аст. Асри санг, ки ибтидоитарин асри зиндагии башар аст ба давраҳои мухталифе тақсим шуда, ки дар таҳқиқи ҳозир ба таври муфассал аз он баҳс сурат гирифтааст.

**Аҳамияти таҳқиқ**. Афғонистон аз лиҳози қидмоти таърихӣ дорои аҳамияти қобили мулоҳиза аст, ки ҳар таҳқиқе роҷеъ ба қаблалтаърих ва маконҳои таърихӣ ва осори ҳунарии бадастомада аз ҷойҳои бостонӣ, қобили арзиш аст.

**Ҳадафи таҳқиқ**. Ҳадаф аз таҳқиқи ҳозир арзишдиҳӣ ва шиносоии осори ҳунарӣ аз манотиқи бостонии асри санг дар Афғонистон мебошад. Чун дар Афғонистон маконҳои қаблалтаърихии зиёде вуҷуд доранд, аммо теъдоде каме аз ин маконҳо кашф ва мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Саволоти таҳқиқ**:

1. Савол аслӣ:

- ҳунари асри санг дар Афғонистон чӣ гуна аст?

2. Саволоти фаръӣ:

- Оё дар Афғонистон шавоҳид ва осори асри санг вуҷуд доранд?
- Чаро инсони аввалия даст ба халқи осор ҳунарӣ зад?
- Оё осори бадастомада аз давраи санг арзиши ҳунарӣ доранд?

Дар таҳқиқи ҳозир аз китобҳо ва манобеъ, ки роҷеъ ба асри санг дар Афғонистон навишта шудаанд, истифода шуда ва нукоте, ки аз диди ҳунарӣ қобили таваҷҷуҳ ва арзиш буда, зиёдтар мавриди таҷассус қарор гирифтааст.

**Фарзияи таҳқиқ**. Маконҳое, ки аз лиҳози таърихӣ дорои арзиш ва аҳамият аст, шояд далели умдаашон ҳамин осор ва мадорик бошад, ки бар мабнои он таърих ҳамон макон тасбит ва мушаххас гардидааст. Ин осори бадастомада шояд дар замоне, ки сохта шуда буданд, чандон дорои арзиши ҳунарӣ набуда, вале гузари замон арзиши таърихӣ ва ҳунарӣ ба он афзудааст.

**Равиши таҳқиқ**. Равиши таҳқиқи ҳозир комилан таҳлилӣ ва тавсифӣ буда, ки ба шакли китобхонаӣ сурат гирифтааст.

**Нигоҳе ба давраҳои қаблалтаърих.** Зиндагонии башар дар давраҳои қаблалтаърих тақрибан ҳама ҷо як шакл буда ва бо ихтилофи хок ва нажод фарқи зиёд намекунад. Шарқиҳо, ғарбиҳо, аҳолии Африқои Марказӣ, бошандагони Ориёно ва Ҳинд, Чин, Байнаннаҳрайн, Миср ва Форс ҳама тақрибан яксон таҳаввул намуда, маводе, ки барои сохтани адавоти аввалия ва қадимаи онҳо ба кор рафта, ҳама ҷо иборат аз санги чақмоқи табиӣ, санги тарошёфта сайқалшуда ва устухон аст [8, 5-4].

**Давраҳои қаблалтаърих дар Афғонистон**. Дар Афғонистон ковишҳои осори қаблалтаърих аз санаи 1936 мелодӣ ба василаи ҳайатҳои илмии Аврупоӣ оғоз шуд ва дар натиҷа осори давраҳои қаблалтаърихи асри санг ба даст омад, ки дар ҳудуди 6000 сол қабл дар хокҳои Афғонистон ва сарзаминҳои муҷовири он инсонҳо маданияте доштанд [2, 1].

1) *Даврони поринаи сангии Афғонистон.* Афғонистон назар ба мавқеияти ҷуғрофиёие ки дорад, аз ҳамон оғоз маҳалли зистгоҳҳои инсони нахуст будааст. Нахустин мардумони Афғонистон ё дар мағораҳо ё дар канори рӯдхонаҳо ва ҷилгаҳо зистгоҳҳо доштанд ва мадорике, мисли садҳо абзори сангӣ дар соҳоти мутааддид кашф шудаанд.

Ковишҳои бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки шимоли Афғонистон шояд минтақае бошад, ки ҳомосапинсҳои имрӯзӣ, ё дасти кам гунаи инсони имрӯзӣ аз назари ҷисмонӣ ва

физикӣ таҳаввул пайдо карда ва шурӯъ ба мутаҳаввил кардани фановарии асри санг карданд [3, 11].

2) *Давраи поринаи сангии зерин ё қадими Афғонистон.* Давраи санги қадим аз лиҳози замонӣ фосилаи зиёдеро нисбат ба соир давраҳои асри санг дар бар гирифта, ки дашти Новари Ғазнӣ намунаи муҳимми осори давраи санги қадим дар Афғонистон ба ҳисоб меояд. Ин соҳа аввалин бор тавассути Луи Допри дар соли 1974 мелодӣ таҳқиқ шуд. Аз соҳаи мазкур теъдоди зиёде абзор ва васоили асри санги қадим ба даст омада, ки таърихи тақрибии ин осор ба яксаду панҷоҳ ило сад ҳазор қабл мерасад [1, 19-20].

*3) Давраи поринаи сангии миёнаи Афғонистон.* Давраи поринаи сангии миёна ё давраи сангии миёна бо татаввури санъат ва афзор пас аз поёни охирин давраи санги қадим оғоз мешавад ва тӯл ин даврон нисбат ба адвори санги қадим камтар аст, ки шавоҳид ва мадорик ин давра дар дараи Каври Бадахшон ва Начка, дар қисмати шимолии вулусволии Давлатободи вилояти Балх ба даст омадааст.

4*) Давраи поринаи сангии фавқони Афғонистон.* Ин давра давраест, ки инсон по аз маҳдудаи худ фаро гузошта ва ба кишт ва зироат ва аҳлӣ сохтани ҳайвонот рӯ меоварад, ки ин давра яке аз пуртаъсиртарин давра дар такомули башар аст.

Осори ин давра аз Оқ Кӯпруки вилояти Балх ва Ҳазорсами вилояти Самангон ба даст омадаанд. Албатта, бояд ёдовар шуд, ки дар баъзе манобеъ давраи поринаи сангии фавқониро ба давраи навсангӣ ё санги ҷадид низ таъбир кардаанд, ки ба назари нависанда, бояд тафовутеро байн ин ду давра қоил шуд, чун давраи поринаи сангии фавқонии инсон бо кишт ва зироат ва аҳлӣ сохтани ҳайвонот рӯ меоварад, вале ҳазорон сол мегузард, ки инсон ба давра нави сангӣ ё санги ҷадид мерасад.

5) *Давраи нави сангӣ дар Афғонистон.* Давраи нави сангӣ вопасин давраи асри санг аст. Ин давра қабл аз и филизот, яъне асри мис, асри биринҷӣ ва асри оҳан оғоз мегардад. Дар ин давра инсон аз абзори аввалияи филизот ва абзори пешрафтаи санг барои кишти зироат ва шикор истифода мекарданд.

Дар соли 1965 Луи Допри дар натиҷаи ковишҳои худ дар Оқ Кӯпруки вилояти Балх осореро ба даст овард, ки бар асоси шавоҳид, аҳлӣ сохтани ҳайвонот дар ин давра мутааллиқ ба давраи нави сангӣ аст. Ба ҳамин тартиб, осори даврони асри биринҷӣ мабни бар зиндагии деҳқонон ва чӯпононе, ки дар ҷилгаҳои ҳосилхез перомуни Ҳиндукуш зиндагӣ мекарданд, низ кашф шудааст, ки мардумон ин минтақа санъати ибтидоии хонасозӣ бо хишти хом ва сафолро бо худ ба ҳамроҳ доштанд [3, 15].

*Аввалин сукунатгоҳҳо дар Афғонистон.* Зиндагонии қаблалтаърих ба забони сода ва орӣ аз истилоҳоти илмӣ ду марҳалаи бузург дошт: яке ҳаёти мағорнишинӣ ва дигаре зиндагонӣ дар ҳавзаи рӯдхонаҳои бузург, ки аввалиро рӯй ҳам рафта давраи шикор ва дувумиро оғози давраи заминдорӣ метавон хонд.

Хоки Афғонистон шароити табиии иқлими маротиби дугонаи зиндагонии қаблалтаърихро ба беҳтарин ваҷҳ ҳоиз буд. Кӯҳҳои сар ба фалак кашида бо мағораҳои табиӣ беҳтарин паноҳгоҳ барои башари аввалия ба шумор мерафтанд. Силсилаи Ҳиндукуш, ки дар фалоти Помир бо ҷиболи Ҳимолой ба ҳам пайванд хӯрдааст, мағораҳои табиӣ дорад, ки маротиби аввали зиндагонии башарро дидааст.

Ҳамин қисм барои давраи дувуми зиндагонии башар, даврае, ки инсон аз мағора ба ҷилга фуруд омада, аз шикори ҳайвоноти ваҳшӣ ба тарбия ва аҳлӣ сохтани онҳо гароида ва бо истиқрор дар ҷилга ва канори рӯдхонаҳо тоза ба сохтани манзил ва зироат шурӯъ кардааст, боз хоки Афғонистон мусоид буда, зеро дар шимолу ҷануб ва ҷанубу ғарб ва дар ҳавошии ғарбӣ ва шимолу ғарбии мамлакат рӯдхонаҳое, чун Уксус ва Андус, Ҳирманд ва Ҳарирруд ҷараён дошта ва арозии ботлоқӣ ва ҳавои гарм ҳавзаҳои мазкур тамоми шароити зиндагонии қаблалтаърихиро пурра мекард ва барои исботи амалии ду марҳалаи зиндагонии башар дар адвори дурафтодаи қаблалтаърихӣ дар Афғонистон аз ду нуқтаи мумайиз аз мағораи Қара Камари Самангон ва теппаи Мандигаги Қандаҳор ёдовар мешавем [9, 4].

*Сукунат дар мағораҳо.* Тавре ки дар боло зикр гардид, яке аз мароҳили зиндагонии давраҳои куҳани асри санг, зиндагӣ дар мағораҳост, ки вазъияти ҷуғрофиёии Афғонистон барои зиндагонии ғорнишинӣ бисёр муносиб будааст. Ғори Қара Камар дар шимоли вилояти Самангон (байни Пулихамрӣ ва Тошқурғон) зиндагонии ғорнишинӣ дар иртифооти ин кишварро ба намоиш мегузорад. Тибқи мутолиоти суратгирифта Қара

Камар дар давраҳои филиз низ маскун буда, ки бошандагони он дар ин давраҳо ба рамадорӣ ва нигаҳдории ҳайвоноти аҳлӣ машғул будаанд, ки сатҳи сайқали ин мағора, ки пур аз наққошиҳост, ба ин амр далолат мекунад. Сатҳи мағораи Қара Камар аз қишрҳои мутанаввеи пӯшида ва аз тамоми табақоти ин ғор осори зиндагонӣ машҳуд аст. Устухони ҳайвонот ва абзори санги чақмоқӣ, ки ин осор марбут ба давраи қадими аср мебошад, аз ин маҳал кашф шудааст.

Мағораҳои дигаре, ки осори зистгоҳҳои инсони аввалияро бо худ доранд, иборат аз Шамшерғор дар вулусволии Қандаҳор, Ҳазорсами вилояти Самангон, мағораи Чиҳилсутуни дараи Бомён ва ҷойҳои дигар, ки зикри он дар ин мақола гунҷоиш надорад [5, 27-28].

*Сукунат дар канори рӯдхона ва ҷилгаҳо.* Дар хокҳои Афғонистон соҳае, ки барои зиндагонии баъд аз мағоранишинӣ ва шикор мусоид бошад ва инсон дар муҷовирати масири рӯдхонаҳо аз обу ҳаво ва хоки мусоид истифода битавонад, чандин ҷойҳо аст, ки дар ин баҳс танҳо соҳаи рӯдхонаи Ҳирманд ва маонини он ки теппаи Мандигаг қарор дорад, ишора шудааст [9, 8].

Албатта, оқои Кӯҳзод дар китоби «Афғонистон дар партави таърих» ин силсила ободӣ ва вайрониҳои теппаи Мандигагро, понздаҳ мартаба мутазаккир шудааст, ки аз ду ҳазор сол ба ин тараф матрук мондааст. Аввалин ишғоли теппаи Мандигаг, ки аз он панҷ ҳазор соли комил мегузарад, шавоҳиди бисёр ибтидое, ки иборат аз баъзе адавоти бисёр басити сангӣ ва устухонҳои ҳайвонот аст, чизи дигаре ба даст наомадааст. Ва ҳамчунон ҷойҳои дигаре мисли дашти Новари Ғазнӣ низ қобили ёдоварӣ аст.

Ва рустоҳои зироатӣ, бо қидмати 7000 то 5000 сол пеш аз мелод низ дар наздикии теппаи Даҳмароси дар вилояти Қандаҳор давраи таҳаввули инсонро нишон медиҳанд.

*Ҳунари асри санг дар Афғонистон.* Агар ҳунарро аз лиҳози таърихӣ мавриди мутолиа қарор диҳем, ба саволоти бешумор дар робита ба ҳунари инсони аввалия бархоҳем хӯрд. Шаклгирии назарияҳои таърихии ҳунар аз нахустин рӯзҳои шаклгирии зиндагии башар оғоз мегардад, ҳарчанд назарияҳои бешуморе аз донишмандон вуҷуд дорад, аммо мавзӯъ он қадар печида аст, ки ҳар пажӯҳиши ҷадид назарияи ҷадид дар пай дорад ва саволҳои ҷадиде дар замина матраҳ мегардад, ки оё ҳунар аз чӣ замоне офарида шудааст ва чӣ касоне аввалин бор даст ба ҳунарофаринӣ задаанд. Ангезаи ҳунарофарини дар инсон аввалия чӣ буда ва саволоти дигаре мисли инҳо [5, 4].

Бостоншиносон мағораҳоеро кашф намуданд, ки аввалин зистгоҳҳои инсони аввалия дар он ҷо буданд. Наққошиҳое, ки дар мағораҳо сурат гирифтааст, маъмулан тасовири ҷонвароне аст, ки онро шикор мекарданд, ё ҳатто парастиш мекарданд. Чун дар ин баҳс таъкид рӯйи ҳунари асри санг дар Афғонистон аст, танҳо ба ин басанда мекунем ва зайлан ба ҳунари асри санг дар Афғонистон мепардозем:

*Ҳунари инсон дар мағораҳо.* Инсони ибтидоӣ, ки аз нахустин рӯзҳои зиндагиаш бо табиати ҳавлнок ва тарсовар дасту панҷа нарм мекард, барои наҷот аз офатҳои табиӣ ва ҳифзи ҷонаш ба мағораҳо паноҳ мебурд. Ин мағораҳо ё табиӣ буданд ва ё худашон сохтанд. Ба ҳар ҳол, ин мағораҳо маҳалли зисташон қарор гирифтанд ва зиндагӣ шакл доданд.

Шакке нест, ки шакл гирифтани зиндагии хонаводагӣ аз ҳамин мағораҳо сарчашма гирифта бошад ва ҷиҳати таъмини зиндагӣ ба шикор мепардохтанд. Ва ҳамин саҳнаи шикорашонро дар девори мағораҳо нақш мекарданд, ки имрӯз ҳамин наққошиҳо сабаб шуда, то ба шинохти инсонҳои аввалия пай бурда шавад. Мағораи Ҳазорсум дар вилояти Самангон яке аз ин мағораҳост, ки дар он наққошӣ шудааст.

Ҳазорсум дар 25 километрии шимолу ғарби шаҳри Ибак, дар канори ҷодаи Ибак-Мазори Шариф қарор гирифтааст, ки ҳудуди садҳазор сол қабл яке аз манотиқи маскуни инсонҳои неандортал ва аз қадимитарин сукунатгоҳҳои инсон дар ҷаҳон ба шумор меравад [5, 51]. Дар ин мағора илова бар наққошиҳо, анвои абзорҳои нӯгтез ва кӯчаки нисбатан мудаввари дандонадор низ кашф шудааст. Дар деворахои ин мағора ашколи инсон, бузи кӯҳӣ, гавазн, оҳу, гузаргоҳ, дом ва ғайра ҳак шуда, ки ҳикояти китоби бо сурати хатти тасвириро дорад.

Оқ Кӯпрук дар вилояти Балх низ яке аз маконҳое аст, ки беҳтарин осори ҳунарӣ аз он ба даст омадааст. Оқ Кӯпрук яке аз паноҳгоҳҳои сангӣ аст, ки бо қидмати дуҳазорсола,

ашё ва осори зиёди ҳунарии муътабари таърихи башарро дар худ ҷо додааст. Дар ин макон бар иловаи ашёи монанди теғаҳои буранда, сангҳои чақмоқӣ, теғаҳо аз устухонҳои ҳайвонот ва инсонҳо ва наққошиҳои бузи кӯҳӣ дар деворахо ва аз ҳама муҳимтар, нахустин тарсими чеҳраи инсон дар Афғонистон аст, кашф шудааст.

Дусад ҳазор абзори сангии бадастомада аз Оқ Кӯпрук, ончунон моҳирона сохта шудаанд, ки бостоншиносон ағлаб созандагони ин абзорро ба унвони Микел Анжелои давраи поринаи сангиии фавқонӣ ёд мекунанд. Осори бадастомада аз Оқ Кӯпрук мутааллиқ ба як давраи фарҳангӣ аст, ки панҷ ҳазор сол аз ҳудуди 20000 то 15000 сол пеш тӯл кашидааст. Дар даврае, ки ҳунарманди ношинос чеҳрае як мард ё як зан бар рӯйи санги оҳаки кӯчаке тарошида ва яке аз нахустин тарсими чеҳраи инсони сохти даст аст, ки ба мо расидааст [3, 13].

Аз ин таҳқиқ чунин натиҷа ба даст меояд, ки ҳунари инсони аср санг дар Афғонистон ба вуфур пайдо мешавад. Гарчанд ковишҳои асосӣ дар ин замина сурат нагирифтаанд, аммо боз ҳам аз ҳамин маконҳое, ки феълан кашф шудаанд, теъдоди зиёди осори ҳунарӣ ба даст омадаанд, ки намоёнгари ҳунари инсони асри санг дар Афғонистон аст. Аз ҳамин лиҳоз кишвари мо қобили таваҷҷуҳи аксари ҷаҳон буда ва ҳаст.

## АДАБИЁТ


1. Боварӣ Муҳаммад Расул ва дигарон. Бостоншиносии Афғонистон. – Кобул: Интишороти Юсуфзода, 1395.
2. Ҳабибӣ Абдуллоҳӣ. Афғонистон қабл аз таърих. Кобул: Бено, 1346.
3. Ҳусайнӣ Сайидризо. Муқаддимае бар таърихи меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар Афғонистон. – Кобул: Хуросон, 1392.
4. Усмонӣ Исматуллоҳ ва дигарон. Бостоншиносии умумии Афғонистон. – Кобул: Лоҷувард, 1393.
5. Азимӣ Муҳаммадазим. Ошноӣ бо биноҳои таърихии Афғонистон. – Кобул: Фарҳанг, 1389.
6. Фарҳод Муҳаммадолим. Ҳунари Афғонистон: давраҳои қабл аз ислом. – Кобул: Интишороти пуҳунтуни Кобул, 1390.
7. Фарҳод Муҳаммадолим. Таърихи ҳунар. – Кобул: Интишороти пуҳунтуни Кобул, 1390.
8. Кӯҳзод Аҳмад Алӣ. Таърихи Афғонистон.– Кобул: Майванд, 1391. – Ҷ.1.
9. Кӯҳзод Аҳмад Алӣ. Қара Камар ва Мандигаг (ду соҳаи қаблалтаърих дар Афғонистон). – Кобул: Бено, 1333.


## БАРРАСИИ ТАЪРИХИ ҲУНАРИ АСРИ САНГ ДАР АФҒОНИСТОН


Мақолаи ҳозир саъй шуда ба таври мушаххас ба ҳунари инсон дар асри санг дар Афғонистон пардохта шавад. Дар ибтидо давраи моқаблалтаърих мавриди баҳс қарор гирифтааст. Асри санги куҳан, нахустин ва тӯлонитарин аср зиндагии башар ба шумор меравад. Ин давра ба се давраи дигар тақсим мешавад, ки дар мақола ба таври муфассал ба он пардохта шудааст. Бахши аввал шомили дидгоҳҳои таърихӣ аст. Ҳар давраи санг назар ба қидмати таърихии он тартиб гардидааст. Дар бахши дувум шарҳи аввалин сукунатгоҳҳо дар Афғонистон оварда шудааст. Манотиқ ва маконҳое, ки инсонҳои аввалия дар он зиндагӣ мекарданд, ба шароити зиндагонӣ дар он замон мусоид буд. Инсонҳои ибтидоӣ аслан дар мағораҳо ё дар канори рӯдхонаҳо ва даштҳо умр ба сар мебурданд. Дар бахши севуми мабоҳис ҳунари Афғонистон дар асри санг, чигунагии осори ҳунарӣ ва маконҳое, ки ин осор ба даст омадааст ва ангезаи ҳунарофаринӣ дар инсони нахустро мавриди баррасӣ қарор додааст.



**Калидвожаҳо**: Афғонистон, ҳунари инсон дар асри санг, давраи санг, инсонҳои аввалия, осори ҳунарӣ.


## ИЗУЧЕНИЕ ИСТОРИИ РАЗВИТИЯ РЕМЕСЕЛ КАМЕННОГО ВЕКА АФГАНИСТАНА


Афганистан является страной с древнейшей историей.В данной статье автор предпринял попытку изучения процееса развития ремесел в каменном веке Афганистана. Каменный век считается одним из самых первых и длительных периодов в истории человечеств. Начался около 2,5 млн. лет назад и закончился в III тысячелетии до нашей эры и охватывает более 2 млн. лет. Делится на три периода: древний — палеолит, средний — мезолит, новый — неолит. Следы первого человека, найденного на территории Афганистана относятся к древнекаменному веку (нижнему или раннему палеолиту). В среднем палеолите у людей сложились большие общины и причиной данного объединения стали совместная загонная охота и защита. У людей позднего палеолита получило развитие искусство. В эпоху неолита хозяйственное единообразие в развитии древних общин на территории Афганистана постепенно нарушается. Появление производящего труда является главной особенностью эпохи неолита. Появлись орудия труда и люди научились шлифовать, пилить и сверлить камень. Данный период отличается значительной оседлостьб, обусловленной производящими формами хозяйства и развитыми домашними промыслами.



**Ключевые слова:** Афганистан, мастерство человека в каменном веке, каменный век, каменный период, первобытные люди, ремесленное наследие.


## STUDYING THE HISTORY OF DEVELOPMENT OF THE CRAFTS OF THE STONE AGE OF AFGHANISTAN


Afghanistan is a country with an ancient history .. In this article, the author attempted to study the development of crafts in the Stone Age of Afghanistan. The Stone Age is considered one of the very first and longest periods in the history

of mankind. It began about 2.5 million years ago and ended in the III millennium BC and covers more than 2 million years. It is divided into three periods: the ancient - the Paleolithic, the middle - the Mesolithic, the new - the Neolithic. Traces of the first man found in Afghanistan belong to the ancient stone age (lower or early Paleolithic). On average, the Paleolithic people formed large communities and the cause of this association was the joint driven hunting and protection. The people of the late Paleolithic received the development of art. In the Neolithic era, economic uniformity in the development of ancient communities on the territory of Afghanistan is gradually disturbed. The emergence of productive labor is the main feature of the Neolithic era. Labor tools appeared and people learned to grind, cut and drill a stone. This period is characterized by significant sedentity due to the producing forms of the economy and developed domestic crafts.

**Key words:** Afghanistan, human skill in the stone age, stone age, stone period, primitive people, handicraft heritage.

**Сведения об авторе:** ***Шарифа Шарифи Бадахш*** - Университет Балх Исламской Республики Афганистан, ассистент исторического факультета

**Information about the author:** ***Sharif Sharifi Badakhsh*** - Balkh University of the Islamic Republic of Afghanistan, Assistant Faculty of History

**УДК:94 (3) (55)**

# ИСТИФОДАИ ЧАРМ ВА МАҲСУЛОТИ ЧАРМӢ ДАР ҶОМЕАИ ИБТИДОӢ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР АСОТИРИ ХАЛҚҲОИ ЭРОНӢ

***Самадов С.Б.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Касбу ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла чармгарӣ, ҳамқадам бо таърихи гузаштаи пурғановати миллат мебошанд. Мавзӯи мақола, ки истифодаи чарм ва маҳсулоти чармӣ аз тарафи одамони ибтидоӣ мебошад, замони пайдоиш ва рушди минбаъдаи ҳунари чармгариро дар робита бо таърихи ҷомеаи инсонӣ баррасӣ мекунад.Илми таърих воситаи муҳимтарини омӯзиши замони зуҳур ва равнақи ҳар як касбу ҳунар дар давраҳои гуногуни таърихӣ мебошад. Аз ибтидои асри гузашта бо баробари инкишофи саноат истеҳсолоти ҳунармандӣ дар Тоҷикистон тадриҷан ру ба таназзул овард ва саҳми он дар таъмини аҳолӣ бо ин гуна маҳсулот кам гардид. Имрӯз бо баробари эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” зарурат ба эҳёи ҳамаҷонибаи касбу ҳунарҳои мардумӣ пеш омадааст. Зеро маҳсулоти бо ин восита бадастомада ифодагари таъриху фарҳанги бою қадимаи халқамон буда, бо як ҷаззобияти хосси хеш метавонад диққати сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб созад.

Таърихи пайдоиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи гузаштаи миллат буда, онро боз ҳам зебою рангин ҷилва месозад.Дар замони истиқлол олимони тоҷик Юсуфшоҳ Ёқубов, Раҳим Масов, Муродалӣ Иброҳимов, Дилшод Раҳимов ва дигарон дар масъалаи таърихи пайдоиши касбу ҳунарҳои мардумӣ таҳқиқоти зиёди илмӣ анҷом додаанд. Ҳамин заҳматҳои шабонарӯзии эшон буд, ки аҳли ҷомеа аз он огоҳ гардида, зарурати равнақ додани онҳоро дарк намуданд. Ҳанӯз аз оғози таърих истифодаи маҳсулоти дастсоз аз тарафи инсон ба таври васеъ сурат гирифта,талаботи рӯзафзун ба он боиси рушду нумӯи бемайлони чунин маҳсулотҳо мегардид. Ва дар оянда ба намуди муайяни санъат табдил меёфт, ки бозгӯи ҳаёти гузаштаи инсон мебошад. Дар адабиёти динӣ ва асотири халқҳои ҷаҳон, аз ҷумла халқҳои эронӣ, оид ба давраи аввали зиндагии инсон қиссаву афсонаҳои зиёде ҳастанд, ки ҳама аз як ҳаёти хушу хуррам дар фазои биҳиштосо бе меҳнату заҳмат нақл мекунанд. Аз он замони дур аҷдодон ба мо чизе боқӣ нагузоштаанд, ки асрори ҳаёти онҳоро бозгу намояд. Зеро эшон ҳанӯз офарандаи ашё ва истеҳсолкунандаи маҳсулот набуданд ва ҳама чизро аз табиат дар шакли тайёр мегирифтанд. Аз ин рӯ, аз аҳди қадим боз мутафаккирон ва файласуфон кӯшишҳо ба харҷ додаанд,ки то ҳадди имкон як тасаввуроти умумие дар бораи ҳаёти одамони ибтидоӣ ҳосил намоянд. Масалан, файласуфи Юнони қадим Демокрит чунин мешуморид,ки одамони нахустин дар рӯйи замин аз ҷое ба ҷое кӯчида, аз хӯроки табиӣ ва меваҳои дарахтони худрӯй таъмин буданд” ӯ таъкид карда буд, ки “Мубориза бахри ҳаёт, ба одамон ҳама чизро ёд додааст”. Файласуф ва шоири румӣ Лукретсий Кар бошад, дар достони “Дар бораи табиати ашёҳо” тасвири тараққиёти қадимтарини инсониятро аз ҳолати ибтидоӣ ба ихтирои оташ, сару либос, манзилгоҳ ва ғайра ба қалам додааст.Таъкид мекард, ки одамон ҳама гуна кашфиётро танҳо дар зери фишори мухтоҷӣ ба даст овардаанд.

Академик Ю.Ёқубов тарафдори чунин ақидае ҳаст, ки нахустин одамон дар замини ҳамешабаҳор ва гарму нарм бо меваю набототи фаровон, бе мушкилӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Аммо баъдтар дар табиат зимистони тӯлонӣ ҳукмрон гардид (дар таърих 4

яхбандии бузург маълум аст, ки ҳар яке ҳазорсолаҳо давом кардааст). Ҳама мавҷудот талош мекарданд бо ҳар роҳе худро ба шароити нав мутобиқ сохта, зинда монанд. Дар ин шароити мушкил одамон ва ҳайвоноти зиёде талаф ёфтанд, хусусан ҳайвоноти камҳаракат ва кампашм. Зеро бостоншиносони тоҷик бо роҳбарии В.А.Ранов дар Кӯлдара ном ҷой дар наздикии Балҷувон бошишгоҳи одамони ибтидоиро кашф намуданд, ки он 800000 солро дар бар мегирад (яъне то давраи яхбандӣ- С.С.) ва дар он ҷо устухонҳои ҳайвонҳое, ба мисли фил, каркадан, уштур, юз, кафтор ва ғайра пайдо гардидааст (аммо имрӯз мебинем, ки аз он ҳайвонот дар ин мавзеъ ягон нишоне нест С.С.). Инсон, ки дорои ақл буд, акнун маҷбур гардид барои ҳифзи ҷони хеш дар ин шароити душвор аз он ба хубӣ истифода барад. Одамон ба хотири эмин будан аз сармо калп, камари кӯҳҳо ва баъд ғорҳоро интихоб карданд. Барои соҳиб шудан ба он миёни инсонҳо ва ҳайвоноти дарранда муборизаи беамон оғоз ёфт. Дар ин гирудорҳои азим инсон аз яроқи даҳшатнок-оташ, ки ба тозагӣ ба даст оварда буд, истифода кард ва он ғалабаи пурраи ӯро таъмин намуд

Дар масъалаи истифодаи оташ аз тарафи инсон миёни муҳаққиқон назарияҳои гуногун вуҷуд доранд". Архантропҳо аввалин шуда аз яке аз қувваҳои табиат - оташ истифода карданд.Оташдонҳо ва дигар нишонаи истифодаи оташ дар ғори Эскал (Фаронса) ёфт шуданд. Синни он ба 700 ҳаз.сол мерасад"(11-182). (аз ин бармеояд, ки одамони ибтидоӣ аз лаҳзаҳои аввали ба вуқӯъ омадани яхбандиҳо оташро аз худ намуда будаанд С.С.). Баъзе аз муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки одамон аз истифодаи оташи бо роҳи табиӣ пайдошуда сар кардаанд, (фавворазании вулқонҳо, дурахши барқ ва ғ). Аввал онҳо фақат метавонистанд оташи бо ин тариқ бадастовардаро нигаҳдорӣ кунанд" [12,с.81-82]. Дигар муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки одамон аз рӯйи зарурат бояд ҳангоми тайёр намудани олоти сангӣ бо оташ шинос шуда бошанд. Яъне, ҳолати зарба задани як санг ба санги дигар шуъла ба вуҷуд меояд. Дар вақти пайи ҳам такрор ёфтани ин ҳолат аланга гирифта, дар охир ба он оварда расонд, ки инсон бо оташ шинос гардид [13,с.267-268]. Дар хусуси муҳиммияти истифодаи пӯсти ҳайвонот дар баробари оташ дар ҳаёти одами ибтидоӣ Ю. Ёқубов менигорад, ки оташ одамонро аз таъсири сармо ва ҳайвонҳои ваҳшӣ ҳимоя мекард. Аммо онҳо ҳамеша дар дохили ғор, гирди оташ нишаста наметавонистанд, барои пайдо намудани ғизо аз макони худ берун баромадан лозим меомад. Акнун инсон маҷбур гардид, ки аз пӯсти ҳайвонҳои шикоршуда барои худ либос таҳия созад. Тамоми ин равандро Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" дар мисоли Каюмарс ва ҳамроҳонаш чунин тасвир намудааст:

*Каюмарс шуд бар ҷаҳон кадхудой,*
*Нахустин ба кӯҳ андарун сохт ҷой.*
*Сари тахту бахташ баромад зи кӯҳ,*
*Палангина пӯшид худ бо гурӯҳ [1,с.46].*

Дар ин маврид Ю.Ёқубов бар он назар аст, ки дар аввал одамон либос дӯхтанро намедонистанд ва пӯстро фақат дар гирди баданашон мебастанд, ки он баданро ба пуррагӣ аз сармо ҳифз карда наметавонист. Тадриҷан одамон порчаҳои муайяни пӯстро бурида ба ҷойҳои лозим пайваст карданро омӯхтанд. Риштаро бошад, аз худи пӯст тайёр мекарданд. Яъне, аз гушаҳои он қисмҳоеро борик бурида, мегирифтанд ва бо онҳо ҷойҳои муайяни ба воситаи даравшсангҳо сӯрохкардашударо медӯхтанд.Чунин усул то ҳол дар халқҳои қафомондаи Африқо ва Австралия боқӣ мондааст. Мардумшиносон дар ин мавзӯъ маълумоти бисёре гирд овардаанд. Масалан, дар кӯҳҳои Алп дар зери тарма ҷасади шикорчии давраи неолитро ёфтаанд, ки либосу пойафзоли ӯ бо риштаи чармӣ дӯхта шудааст. Ҳанӯз ҳам дар мардуми Бадахшон чомус (чоруқ)-ро бо риштаи чармӣ медӯзанд.

Дар кӯҳистон одамон дар калп ва ғорҳои табиӣ мезистанд. Пас дар ҳамвориҳо чӣ тавр худро аз сармо ҳифз мекарданд? Онҳо дар ҷойҳои ҳамвор ва бедарахт аз устухонҳои ҳайвоноти азимҷусса, каппа сохта, болои онро бо пӯсти онҳо мепӯшониданд. Дар ҷойҳои сердарахт каппаро аз чуб ва шохаҳои дарахтон сохта, ба болои он пӯсти ҳайвонот,най ва дигар алафҳои нарм мепартофтанд.

Тибқи маълумоти Авасто ва "Шоҳнома" замони подшоҳии Ҳушанг одамон дар баробари ихтирои оташ, инчунин пӯхтани хӯрок, сохтани бошишгоҳ ва истифодаи пӯсти ҳайвонотро ҳамчун либос омӯхтанд.Чунончи Фирдавсӣ мегӯяд.

*Зи пӯяндагон ҳар кӣ мӯяш накуст,*
*Бикушту зи эшон бароҳехт пӯст.*
*Чу санҷобу қоқум,чу рӯбоҳ гарм,*
*Чаҳорум самур, к-аш мӯй нарм.*
*Бад-ин гуна аз чарми пӯяндагон,*

*Бипӯшид болои гӯяндагон [1,с.55].*

Тамоми кашфиётҳои одамони ибтидоӣ ба замони яхбандӣ ва баъд аз он (плейтотсен) рост меоянд, аз он ҷумла ихтирои либос аз пӯсти ҳайвонот. Масалан, давраи неолит, ки замони таҳаввулоти бузург дар ҷомеаи ибтидоӣ ба шумор меравад, замоне буд, ки аллакай яхбандиҳо хотима ёфта буданд. Либосе, ки замони қабл аз давраҳои яхбандӣ инсон истифода мекард, аз барги дарахтон буд ва танҳо вазифаи пӯшидани шармгоҳро иҷро мекард. Фирдавсӣ мегӯяд:

*Аз ин пеш,к-ин корҳо шуд басич,*
*Набуд хурданиҳо ҷуз аз мева ҳич,*
*Ҳама кори мардум набудӣ ба барг,*
*Ки пӯшиданишон ҳама буд барг [1,с.53].*

Ю. Ёқубов дар зимни ин гуфтаҳо меоварад, ки дар мамлакатҳои наздик ба хатти устуво (экватор), тараққиёт хеле ба сустӣ даст медиҳад ва баъзе қабилаҳо то ҳол дар сохти ҷомеаи ибтидоӣ зиндагонӣ доранд.

Дар Авасто қиссае ҳаст доир ба шоҳ Ҷамшед, ки ифодагари ҳаёти қавми ӯ дар замони қабл аз яхбандӣ ва хусусан давраи яхбандӣ мебошад. Дар даврони аввали подшоҳии ӯ табиат хеле гарму нарм буда, мардумон гӯё зиндагонии ҷовидона доштаанд... Баъдан дар кишвари Ориёно борону барф ва хунукиҳои шадид оғоз меёбанд.” Он гоҳ Аҳура Маздо ба Ҷам гуфт: Эй Ҷами ҳурчеҳр, писари Вивангаҳон! Бадтарин зимистон бар ҷаҳони астуманд фароз ояд, ки он зимистоне сахт марговар аст. Он бадтарин зимистон бар ҷаҳони астуманд фуруд ояд, ки пурбарф аст. Барфҳо боранд бар баландтарин кӯҳҳо ба баландии Аредви” [2,с.78]. Ҷам барои наҷоти мардум бо фармони Аҳурамаздо хона сохта, хӯрок захира мекунад. Аз ин мебарояд, ки бо оғоз ёфтани яхбандиҳо инсон дар баробари сохтани манзил боз маҷбур мешавад хӯрок низ захира кунад. Ва ин захираи хӯрокро асосан дар ҷуволҳои чармӣ ҷой мекарданд, ки Фирдавсӣ онро дар “Шоҳнома” говпӯст номидааст:

*Дигар ҳарҷӣ дар подшоҳии ӯст,*
*Зи ганҷу гуҳар пур кунад говпӯст [4,с.27].*

Агар пӯсти ҳайвоноти шикориро ҳамчун либос истифода мекарданд,то замони ихтирои фулузот чарми ҳайвоноти даррандаро ба сифати ҷавшан истифода мебурдаанд.Зеро пӯсти онҳо нисбат ба пӯсти ҳайвонҳои шикорӣ хеле бадошт буда, танро ба хубӣ аз зарби яроқҳои буранда ҳифз мекард.

*Дили шоҳбачча баромад ба ҷӯш,*
*Сипоҳ анҷуман карду бикшод гӯш.*
*Бипӯшид танро ба чарми паланг,*
*Ки ҷавшан набуд он гаҳ оини ҷанг [1,с.48].*

Аҳди биринҷӣ, ки ҳамчун замони қаҳрамониҳои бузург ёдовар мешавад, бо вуҷуди ба таври васеъ истифода гардидани ҷавшан ва зиреҳи филизӣ гурдону паҳлавонон ба тан чарми ҳайвоноти даррандаро низ мепӯшиданд, ки ин аз ҷасорат ва корномаҳои қаблии ҷанговар шаҳодат медод. Масалан, паҳлавони маъруфи достонҳои асотирӣ таҳамтан Рустами Достонро “Палангинапӯш”ном мебурданд.

Чарми пурқуввати даррандагонро инчунин оҳангарон барои муҳофизат аз пораҳои оҳани тасфон ба тан мебастанд. Фирдавсӣ дар ин хусус мегӯяд:

Аз он чарм, к-охангарон пушти пой,
Бипӯшанд ҳангоми захми дарой [1,с.99].

Аввалин парчами давлатдории аҷдодони мо ҳам аз ҳамин гуна чарм сохта мешавад: “Ва он чарме буд аз паланг, ки Кова ба вақти кор кардан бар миён мебаст. Фаридун ба ҷанги Заҳҳок онро бар алам баста буд. Баъд аз фатҳ онро ба ҷавоҳир мурассаъ карда (аз Бурҳон ва Сироҷ) [6,с.153]. Коваи оҳангар мардумро ба зери он парчами чармин гирд оварда, ба назди Фаридун мебарад

Ҳамон Кова он бар сари найза кард,
Ҳамон гаҳ зи бозор бархост гард [1,с.99].

Эшон бо роҳбарии Фаридун дар даст парчами Кова ба ҷанги Заҳҳоки Морон мераванд. Дар мавриди тақдири минбаъдаи ин парчам А.Фирдавсӣ чунин менигорад:

Яке аз бахшҳои муҳимми кори иҷтимоӣ бо маъюбон ин офиятбахшии иҷтимоӣ мебошад. Офиятбахшӣ маҷмӯи чорабиниҳои тиббӣ, психологӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ, касбӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки барои барқарорнамоӣ ва ҷуброннамоии муносибатҳо ва робитаҳои вайроншуда ва ё аздастрафтаи шахс, ки натиҷаи он ба тағйир ёфтани вазъи саломатӣ ва мавқеи иҷтимоӣ, аз даст додани шахсони наздик, маҳорати фаъолияти мушаххас, гум шудани қобилияти мутобиқгардии иҷтимоӣ ва дар баробарии он ба хароб гаштани кори организм (маъюбӣ), бемории майхорагӣ, нашъамандӣ, аз даст додани мавқеъ, ҷойи кор, манзили зист, аз даст додани шахсони наздик ва ранҷи зиёд кашидан барои ин талафот, содир намудани ҷиноят ва ғ. оварда расонидааст, равона гаштааст. Зери мафҳуми «офиятбахшӣ» ҳарчи зудтар ва то дараҷае барқарор намудани амалу фаъолияти фард дар назар дошта мешавад. Офиятбахшӣ яке аз равияҳои асосии кори иҷтимоӣ аст. Офиятбахшӣ дар дастгирии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони эҳтиёҷманд ҳувайдо мегардад. Офиятбахшӣ дар муассисаҳои махсусгардонидашуда (марказҳои психологӣ - офиятбахшӣ, марказҳои буҳронӣ, марказҳои табобатӣ ва таълимии махсус) ва дар мавридҳои зарурӣ дар ҷойи истиқомати мизоҷ ба амал бароварда мешавад. Ба намудҳои гуногуни чорабиниҳои офиятбахшӣ мувофиқ ба мушкилоти мизоҷ мутахассисони соҳибтахассус (баъзан вакт - ихтиёриён) ҷалб карда мешаванд [9,с.310-311]. Офиятбахшӣ дар дастгирии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони эҳтиёҷманд зуҳур меёбад. Ба сифати *офиятбахшии тиббӣ* чорабиниҳои табобатӣ-ташхисӣ, ҷуброннамоӣ ва хусусияти барқарорнамоидошта (аз ҷумла, пас аз ҷароҳат бардоштан, фишори хун, сактаи майна, ҷарроҳӣ, табобати майхорагӣ ва нашъамандӣ) баромад менамоянд.Шахсе, ки маъюб гаштааст, пеш аз ҳама, ба офиятбахшии тиббӣ ниёз дорад. *Офиятбахшии психологӣ* ба барқарор намудани ҳолате, ки дар натиҷаи таъсири садамавии омилҳои гуногун хароб гардидааст, нигаронида шудааст. Ин, пеш аз ҳама, таъсир расонидан ба психикаи бемор, иваз намудани тасаввуроташ оиди табобатнашавандагии ягон узви бемори бадан аст.

Офиятбахшии иҷтимоӣ барқарор намудани таҷрибаи иҷтимоӣ, робитаҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои рафтор, муошират, устувории эмотсионалӣ, ҳаёти фаъоли иҷтимоӣ, барқарор намудани мавқеи иҷтимоиро ба амал мебарорад. *Офиятбахшии педагогӣ* бошад, пеш аз ҳама, ба барқарорнамоии малакаҳои аздастрафтаи таълимӣ, худтарбиянамоӣ, худхизматрасонӣ ва худтакмилдиҳӣ равона шудааст. *Офиятбахшии касбӣ* ба барқарорнамоии сифатҳо ва малакаҳои касбии барои бозгашт ба фаъолияти меҳнатӣ нигаронида шудааст.Ҷумҳурии Тоҷикистон офиятбахшии иҷтимоӣ, тиббӣ ва касбии маъюбонро ташкил намуда, барои амалигардии он мусоидат менамояд. Дар моддаи 10-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавриди вазифаҳои офиятбахшии иҷтимоӣ, тиббӣ ва касбии маъюбон омадааст: «Ҷумҳурӣ барои барқароршавӣ низоми офиятбахшии иҷтимоӣ, тиббӣ ва касбии маъюбон, ки аз маҷмӯи тадбирҳои барои барқарорнамоӣ ва ҷуброни функсияҳои харобгашта ё аздастрафтаи организм, қобилияти худхизматрасонӣ, намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ, инчунин пешбурди зиндагии солим ва амалигардонии ҳуқуқҳо ва имкониятҳои потенсиалии маъюбон нигаронида шудааст, ташкил намуда, мусоидат менамояд. Ҷумҳурӣ гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва омодасозии мутахассисони соҳаи офиятбахшии иҷтимоӣ, тиббӣ ва касбӣ, пешгирии маъюбиро ташкил ва маблағгузорӣ менамояд, ҳисоботи омории ягонаи давлатиро, ки ҳолати маъюбии гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро инъикос менамояд, пешниҳод мегардонад». Офиятбахшии иҷтимоӣ, тиббӣ ва касбии маъюбон дар асоси барномаи фардии аз ҷониби мақомоти давлатии экспертизаи тиббӣ-иҷтимоӣ муқарраршуда амалӣ мегардад. Дар барномаи фардии офиятбахшии барои маъюбон таҳияшуда ҳаҷм, намудҳо, вақти гузаронидани офиятбахшӣ ва намудҳои ёрии иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Иҷрои ин барнома аз тарафи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки офиятбахшии маъюбонро ба амал мебароранд, характери ҳатмӣ дорад.

Барои маъюбон ва шахсони қобилияти амалкуниашон маҳдуд намудҳои гуногуни ёрии иҷтимоӣ муқаррар гардидааст. Мутобиқи моддаи 40-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ёрии иҷтимоӣ ба маъюбон дар намуди пардохтҳои пулӣ ва молу маҳсулот, таъминоти воситаҳои техникӣ, мисли автомобил, аробачаҳои маъюбӣ, маснуоти протезӣ-ортопедӣ, нашриёти чопӣ бо ҳуруфоти махсус, дастгоҳҳои баландшунавоӣ, офиятбахшии тиббӣ, касбӣ, иҷтимоӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ расонида мешаванд. Тартиби бо нафақа ва кумакпулиҳо таъмин намуданро қонунгузорӣ дар бораи нафақа ва мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муайян менамояд. Таъминоти тиббии маъюбон, расонидани кумаки техникӣ ва пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ ба таври ройгон ё дар шакли имтиёз тавассути қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Маъюбон мисли дигар шаҳрвандони ҷумҳуриамон ҳуқуқи дастрас намудани ҳама гуна намудҳои кумакпулӣ, аз ҷумла илова ба нафақапулӣ барои маъюбӣ ҳуқуқ ба кумакпулӣ ҳангоми муваққатан ғайриқобили амал буданро доранд. Маъюбоне, ки кор намекунанд, барои табобат, офиятбахшӣ, таълим ва протезкунӣ кумакпулӣ мегиранд. Илова ба ин, маъюбон ҳуқуқи ба табобати бепули санаторӣ, гирифтани роҳхати бепули осоишгоҳҳо ва бепул сафар намудан ба ҷойи табобатиро доранд. Ба маъюбони бекор ё дар табобати санаторӣ-курортӣ қарордошта аз тарафи ташкилоти дахлдор нафақапулӣ, кумакпулӣ ва ҷубронпулӣ барои расонидани зарар пардохт карда мешавад. Маъюбони бо ҷойи кор таъмин ҳуқуқи аз ҷойи кор ройгон ё бо маблағи 30%-и арзиши доштаашон гирифтани роҳхат барои табобати санаторӣ-курортӣ доранд.

Маъюб ҳуқуқ дорад бепул ба нақлиёти мусофирбарӣ (ба истиснои таксӣ ва нақлиёти хурди мусофирбарии шахсӣ) савор шавад, бенавбат аз хизмати муассисаҳои хизматрасонӣ истифода барад. Маъюбоне, ки ба нигоҳубин ва ёрии доимӣ ниёз доранд, мақомоти ёрии иҷтимоӣ, хизмати тиббӣ ва маишиашонро дар хонаашон мерасонанд. Ҳар як мақомоти ҳифзи иҷтимоии шаҳрӣ ва маҳаллӣ, шуъбаи ёрии иҷтимоӣ дар хонаро доранд ва кормандони он дар мавриди зарурӣ ба маъюбон дар хонаашон хизмат мерасонанд. Дар ин маврид кормандони иҷтимоӣ шаклҳои гуногуни фаъолиятро, мисли ошкор ва ташкили хизматҳои иҷтимоӣ ба маъюбон, амалигардонии имтиёзҳо ва дигар ҳуқуқҳои маъюбон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои маъюбон, барқарор намудани робитаю алоқҳои аздастрафтаи маъюбон бо атрофиён, бартараф намудани низоъҳои дохилиоилавии маъюбон, ёрии иҷтимоӣ расонидан барои таъмини хизматрасонии тиббӣ (даъвати духтури минтақавӣ, мутахассисони зарурӣ), ба шахсони маъюб ёрии иҷтимоӣ-маишӣ расонидан (рӯбучини хона, пухтани хӯрок, хариди маводи аввалаи зиндагӣ аз мағоза, гирифтани нафақапулиҳо, дастрас намудани доруворӣҳо ва амсоли ин). Маъюбонеро, ки дар хона-интернатҳо ва дигар марказҳои доимии ёрии иҷтимоӣ қарор доранд, бояд шароитҳои амалигардонии

ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо таъмин карда шаванд. Кӯдакони маъюбе, ки дар муассисаҳои статсионарӣ ҷой гирифтаанд ва сағир (ятим) ё бепарастор мебошанд, пас аз расидан ба балоғат ҳуқуқи бенавбат гирифтани ҳавлии истиқоматӣ доранд. Маъюбоне, ки ба муассисаҳои статсионарӣ (ғайрисайёр, доимӣ) дохил шудаанд, то гузаштани муҳлати амалигардии барномаи фардии офиятбахшӣ манзили зисташон нигоҳ дошта мешавад.

Мутобиқи моддаи 52-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маъюбони гурӯҳи 1-ум ва 2-ум ҳуқуқи имтиёзи пардохти манзил, хизмати коммуналӣ (ба истисноиi пардохтҳо барои газ ва неруи барқ) ва телефонро доранд. Ҳангоми харидани манзили зист панҷоҳ фоизи пули онро медиҳад. Барои маъюбони гурӯҳи аввал бенавбат хатти телефон гузаронида мешавад.

Ёрии иҷтимоӣ ба маъюбон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони ҳалқ, мақомоти иҷроия, мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, тандурустӣ, таълимоти ҳалқӣ, фарҳанг, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дигар мақомоти давлатӣ дар асоси хулосаи тиббӣ-иҷтимоӣ (Хадамоти давлатии ташхиси тиббӣ-иҷтимоӣ, хадамоти махсусгардонидашудаи экспертӣ, комиссияи тиббӣ-машваратӣ) мувофиқ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешавад. Ёрии иҷтимоӣ ба маъюбон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва кумаки пулии ихтиёронаи ташкилотҳо ва шахсони алоҳида пешниҳод мегардад. Муассиса, ташкилотҳо ва корхонаҳое, ки ба расониданӣ ёрии иҷтимоӣ ба маъюбон алоқамандӣ доранд, ҳангоми андозбандӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имтиёзҳо бархурдор мегарданд.

Ҳангоми бо маъюб кор кардан корманди иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, бояд сабаби маъюбӣ ва хусусиятҳои психологии ӯро донад. Нисбати маъюбони калонсол маъюбони ҷавон барои маълумотгирӣ, ихтисос, дарёфти ҷойи кор, ташкили оила, фароғат ва варзиш майли зиёд доранд. Дар баробари ин маъюбон нисбати одамони солим мақсади равшан, тамоюл ба гурӯҳ, иттилооти зиёд ва алоқаю робитаҳои васеъ надоранд. Барои ин корманди иҷтимоиро лозим меояд, ки ҳангоми кор бо ин гурӯҳи аҳолӣ аз роҳу усулҳои гуногун истифода барад. Ба ин усулҳо, қабл аз ҳама, ташкили шароитҳои мусоиди ҳаётӣ дар хона-интернатҳо, гузаронидани чорабиниҳои солимгардонӣ, ҷалби ҷавонони маъюб ба таҳсил, касбомӯзӣ, варзиш ва амсоли ин, тавассути анкета, мусоҳиба, суҳбатҳо муайян намудани манфиатҳо, талаботҳо, хоҳишу орзуҳои ҷавонони маъюб тартиб додани нақшаи чорабиниҳо аз ҷониби корманди иҷтимоӣ дохил мешаванд. Пас аз гузаронидани чорабиниҳо корманди иҷтимоиро лозим меояд, ки таъсири он, натиҷаи онҳоро ба рафтор, фаъолият ва ҷаҳонбинии маъюбон мушоҳида намояд. Бо мақсади инкишофи қобилияти коммуникативии ҷавонони маъюб дар байни гурӯҳ сарвари онҳоро ошкор намудан лозим аст, то тавассути ӯ ба дигар гурӯҳи маъюбон таъсири назаррас расонида шавад. Ҳангоми бемориҳои психикӣ офиятбахшӣ аз ресотсиализатсия (иҷтимоигардонии такрорӣ) оғоз мегардад.

Умуман, корманди иҷтимоиро лозим меояд, ки барои ба маъюб расонидани ёрии иҷтимоӣ дар масъалаҳои ҳуқуқӣ, психологӣ, педагогӣ, тиббӣ-иҷтимоӣ, маишӣ ва амсоли ин ҳамеша омода бошад. Махсусан, ҳангоми сарпарастии оилаҳои дорои кӯдакони маъюббуда кори корманди иҷтимоӣ ба маротиб ҷиддӣ ва масъулиятнок мегардад. Дар ин маврид корманди иҷтимоиро лозим меояд, ки ҳатто вазъ ва фазои иҷтимоии оиларо таҳлил намояд ва барои қонеъ гардонидани талаботҳои ниҳоят зиёди кӯдакон на танҳо кумакҳои мухталиф расонад, балки ба аъзоёни оила ва волидони кӯдаки маъюб тавсия ва маслиҳатҳои дуруст ва саривақтӣ диҳад, барои дастгирии саломатӣ ва ҳолати рӯҳии кӯдаки маъюб, новобаста аз он ки шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии оилаи ӯ чӣ гуна аст, шароитҳои зарурироро таъмин намояд.

Ҳамасола дар ҷумҳуриамон 8 июл ҳамчун Рӯзи маъюбон ва пиронсолон ҷашн гирифта мешавад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ 553 ҳазор нафар нафақахӯр, аз ҷумла 152 ҳазор маъюбон ва 19 ҳазор кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудааст. Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани вазъи моддии иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, ҳамсарони бесаробонмондаи ҷанговарони дар ин ҷанг ҳалокгардида ва шахсоне, ки дар ин солҳо на камтар аз 6-моҳ дар ақибгоҳ меҳнат кардаанд ё дар хизмати ҳарбӣ буданд» нафақапулӣ зиёд карда шуд ва инчунин иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ҷубронпулии нақлиётӣ муқаррар гардид. Бо мақсади дастгирии аҳолии ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд Фонди ҷамъиятии хайрияи Тоҷикистон таъсис дода шудааст, аз тарафи Вазорату идораҳои давлатӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ ба сарпарастӣ гирифта шудааст, дар арафаи иду ҷашнҳои миллию давлатӣ ба маъюбон ва оилаҳои камбизоат кумаки моддию молиявӣ расонида мешавад [5,с.24-26].

**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», 29 декабри соли 2010, таҳти №675.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», 5 январи соли 2008, таҳти №359.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», 29 декабри соли 2010, таҳти №675.
4. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Ташаккули кори иҷтимоӣ ҳамчун касб дар Тоҷикистон: вазъи имрӯза, дастовардҳо ва дурнамои соҳа» бахшида ба «10– солагии ихтисоси кори иҷтимоӣ дар Тоҷикистон».- Душанбе, 2018.
5. Муҳаббатова С. Дастовардҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2008 - 2010 // Меҳнат ва рушди иҷтимоӣ // Нашрияи илмӣ- оммавии Муассисаи давлатии «пажуҳишгоҳи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон». 2010. -№2. – С. 212
6. Социальная работа. Введение в профессиональную деятельность. Учебное пособие. –М., 2005. – С. 368
7. Социальная работа: Введение в профессиональнуюдеятельность: Учебное пособие / Отв. ред. проф. А.А. Козлов. - М.: КНОРУС, 2005. – С. 301.
8. Социальная работа: теория и практика. Учебное пособие; Отв. Ред.д.и.н.,проф. Е.И. Холостова. -М.:ИНФРА-М, 2001. – С. 427.
9. Фарҳанги энсиклопедии кори иҷтимоӣ.- Душанбе, 2010. – 566 с.

## САМТҲОИ АСОСИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ МАЪЮБОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар самтҳои гуногун амалӣ мегардад. Яке аз самтҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳифзи иҷтимоии маъюбон ба ҳисоб меравад. Маъюбӣ ва ҷалби маъюбон ба меҳнати иҷтимоӣ, ҳамгироии онҳо ба ҷомеа, муносибати гуманистона ва офиятбахшии маъюбон яке аз масъалаҳои марказии кори иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Илова ба ин, маъюбӣ мушкилоти як шахс ё як қисми ҷомеа набуда, балки мушкилоти давлат ва умуман ҷомеа аст. Барои амалӣ гардонидани сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоии маъюбон, таъмини шароитҳои мусоиди зиндагӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзҳои иҷтимоии маъюбон, таъмини шароитҳои мусоид барои иштироки онҳо дар ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидааст. Ҳамасола дар ҷумҳуриамон 8 июл ҳамчун Рӯзи маъюбон ва пиронсолон ҷашн гирифта мешавад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ 553 ҳазор нафар нафақахӯр, аз ҷумла 152 ҳазор маъюбон ва 19 ҳазор кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудааст.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, ҳифзи иҷтимоии маъюбон, ҷалби маъюбон ба меҳнати иҷтимоӣ, маъюбӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзҳои иҷтимоии маъюбон, таъмини шароитҳои мусоид.

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ ИНВАЛИДОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье автор рассматривает основные направления социальной защиты инвалидов в Республике Таджикистан. Социальная защита населения осуществляется в различных направлениях. Одним из направлений социальной защиты населения является социальная защита инвалидов. Инвалидность и привлечение инвалидов к социальной работе, их интеграция с обществом, гуманистическое отношение и реабилитация инвалидов являертся одной из центральних задач социальной работы. К тому же, инвалидность не является проблемой одного человека или части общества, а проблемой государства и всего общества. Для осуществления государственной политики по социальной защите населения, обеспечения благоприятных условий жизни, прав и свобод и социальных льгот инвалидов, обеспечения благоприятных условий в деле их участия в экономической и политической жизни был принят Закон Республики Тджикистан «О социальной защите инвалидов в Республике Таджикистан». Ежегодно в республике 8 июля празднуется как День инвалидов и престарелых. Сегодня в республике зарегистрированы 553 тысяи пенсионеров, из их числа 152 тысячи инвалидов и 19 тысяч детей – инвалидов..

**Ключевые слова:** Таджикистан, социальная защита населения, привлечение инвалидов к социальному труду, инвалидность, права и социальные льготы инвалидов, обеспечение благоприятных русловий.

## MAJOR DIRECTIONS OF SOCIAL PROTECTION OF DISABLED PEOPLE IN TAJIKISTAN

In this article, the author examines the main directions of social protection of persons with disabilities in the Republic of Tajikistan. Social protection of the population is carried out in various directions. One of the areas of social protection of the population is the social protection of persons with disabilities. Disability and the involvement of persons with disabilities in social work, their integration with society, the humanistic attitude and rehabilitation of people with disabilities is one of the central tasks of social work. In addition, disability is not a problem of one person or part of society, but a problem of the state and the whole society. To implement state policy on social protection of the population, ensuring favorable living conditions, rights and freedoms and social benefits of persons with disabilities, ensuring favorable conditions for their participation in economic and political life, the Law of the Republic of Tajikistan “On the social protection of persons with disabilities in the Republic of Tajikistan” was adopted. Every year in the republic July 8 is celebrated as the Day of the Disabled and Elderly. Today, 553 thousand pensioners are registered in the republic, of which 152 thousand are disabled and 19 thousand disabled children.

**Keywords:** Tajikistan, social protection of the population, involvement of disabled people in social work, disability, rights and social benefits of disabled people, provision of favorable conditions.

**Сведения об авторе:** ***Муродзода Аббос Ёрмахмад*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры социальной работы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр.Рудаки, 17.Телефон: **93-555-85-88**

**Information about the author: Murodzoda Abbos Yermahmad** - Tajik National University, Ph.D. of the Department of Social Work. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17. Telephone: **935-55-85-88**

УДК: 1(091)

# НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ФУНДАМЕНТАЛИЗМИ ИСЛОМӢ

*Манғитов М.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҳаракати муосири исломӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимми замони муосир буда, бо сабабҳои гуногуни объективӣ характери глобалӣ гирифтааст. Гарчанде ки он проблемаи нав нест, вале имрӯз дар саҳнаи сиёсат ва муборизаҳои сиёсӣ нақши муҳим мебозад ва ба ин восита ба равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ - сиёсии мамолики Шарқ ва инчунин Ғарб таъсир мерасонад. Мисоли онро дар як қатор давлатҳои Араб дидан мумкин аст, ки боиси задухӯрдҳои сиёсӣ ва даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ шуд. Чунин ҳолат олимон ва сиёсатмадоронро водор мекунад, ки ба проблемаи ҳаракати муосири исломӣ аз мавқеи дигар нигоҳ кунанд, то ки тавонанд ҷараёни ташаккул ва тағйирёбии онро муайян созанд. Барои он ки ин ҳаракат дар як вақт ва дар як ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ ҷараён нагирифта, балки аз доираи мамолики исломӣ берун баромадааст. Ин ва дигар ҷиҳатҳои проблемаи мазкурро ба инобат гирифта, онро дар масири таърих дидан лозим аст, зеро имконият медиҳад, ки сабабҳои пайдоиш ва ташаккули он муайян карда шавад. Аз тарафи дигар, метавон хусусиятҳои хосси онро дар шароити нави таърихӣ дида баромад, ки ҳамчун феномени иҷтимоӣ зоҳир мешаванд. Ҳамин тавр, бо вуҷуди проблемаи нав набудани ҳаракати муосири исломӣ, он тавонист проблемаҳои навро пеш биорад, ки ҳалли бетаъхири худро талаб мекунанд.

Дар контексти проблемаи мазкур, асосан фундаментализми мазҳаби суннӣ дида баромада мешавад, зеро фундаментализми шиа аз ҷиҳати идеологӣ бо хомейнизм ва аз ҷиҳати ташкилӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон алоқаманд аст, ки аз доираи мавзӯъ берун мемонад. Аз тарафи дигар, ҳудуди дарбаргирии проблема васеъ аст, вале он бештар ба мамолики Араб нигаронида шудааст, чунки сарчашмаҳои назариявию амалии он аввал дар ин сарзамин пайдо шуда, баъдан ба дигар мамолики исломӣ гузаштаанд.

Категорияҳои марказии мавзӯъ назария ва амалияи фундаментализми исломӣ мебошад, аз ин рӯ ҳаракати муосири исломӣ ба воситаи ҳамин категорияҳо дида баромада мешавад. Инчунин, моҳияти категорияҳои экстремизм, фанатизм ва радикализми исломӣ, ки бевосита ба мавзӯъ алоқаманд мебошанд, кушода дода мешаванд. Барои ин, бояд аввал муносибати ҷараёнҳои гуногуни идеявиро оид ба масъалаи эътиқод, тарзи ҳаёт ва сиёсату муносибатҳои сиёсӣ дар ислом дида бароем. Асосан муҳаққиқони Шарқ ва Ғарб ин ҷараёнҳои идеявиро бо баъзе фарқиятҳои ҷузъӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунанд: традитсионализм, модернизм ва фундаментализм (бунёдгароӣ).

Традитсионализм, ки характери консервативӣ дорад, асосан исломро ба сиёсат алоқаманд накарда, онро ҳамчун сарчашмаи эътиқод ва ҷузъи таркибии ҳаёти маънавӣ меҳисобад ва дар ин асос онро дар шакли анъанавӣ қабул дорад. Аммо модернизм бошад, ин идеологияи буржуазияи хурд аст, ки доимо дар ҷустуҷӯи ба шароити нави таърихӣ мувофиқ гардонидани ислом буда, ба он хусусиятҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии замони муосирро медиҳад.

Фундаментализми исломӣ ҳаракати динӣ-сиёсие мебошад, ки мақсади бунёди ҷомеаи исломиро дар шароити нави таърихӣ дорад, ки ҳамчун утопияи иҷтимоӣ зоҳир мешавад. Он аз системаи ягонаи назариявӣ ва амалӣ иборат набуда, балки аз маҷмӯи ақидаҳои гуногуне иборат аст, ки аз бисёр ҷиҳат монанд мебошанд. Аз ин рӯ, дар охири солҳои 60-уми асри гузашта дар натиҷаи ихтилофот оид ба роҳҳои муборизаи сиёсӣ дар байни фундаменталистон ҷудоӣ ба амал омад, ки ин боиси ба ду гурӯҳ тақсим шудани онҳо гашт: ба фундаменталистони эътидолӣ ва ифротгаро. Бо вуҷуди ин ҷудоӣ, стратегияи муборизаи сиёсии онҳо дигар нашуд, зеро мақсади ягонаи фундаменталистон бунёди ҷомеаи исломӣ мебошад.

Фундаменталистони эътидолӣ роҳи асосӣ ва муҳимми муборизаи худро барои гирифтани ҳокимияти сиёсӣ ва бунёди ҷомеаи исломӣ дар таблиғ (пропаганда) ва тарбияи аҳли ҷомеа дар рӯҳияи исломӣ мебинанд. Дар чунин мавқеъ асосгузор ва раҳбари ташкилоти “Ихвон-ул-муслимин” (“Бародарони мусулмон”) Ҳасан ал-Банно меистад, ки мисоли равшани онро дар 50 пешниҳодиислоҳотхоҳонаи ӯ оид ба дигар кардани низоми сиёсии ҷомеаи муосир дидан мумкин аст. Ин пешниҳодот масъалаҳои гуногуни сиёсию қазоӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеаро дар бар мегиранд. Ӯ ба ин восита мехоҳад, ки ҷомеаи муосирро то асосҳояш нест накарда, дар заминаи он ҷомеаи идеалӣ, яъне ҷомеаи исломиро созад.

Ба қавли Ҳасан ал-Банно, ин амалро дар асоси гузаронидани ислоҳот дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ анҷом додан мумкин аст. Бинобар ин, муносибати ӯ ва пайравонаш дар ҳалли масъалаҳои дигари бунёди ҷомеаи исломӣ низ дар ҳамин асос сурат мегирад. Масалан, Ҳасан ал- Банно бар зидди ақидаи он ки тамоми сарони давлатҳо ва аҳли ҷомеа мусулмон нестанд, баромада истода, онҳоро ба бехудоӣ гунаҳкор намекунад, балки мусулмони ғайриҳақиқӣ меҳисобад. Дар ҳамин асос, муборизаи худро ҳамчун муборизаи байни мусулмони ҳақиқӣ ва ғайриҳақиқӣ мебинад, чунки масъалаи такфир (яъне, ба бехудоӣ гунаҳкор кардан) яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимми бунёди ҷомеаи исломӣ мебошад. Умуман, нуктаҳои асосии таълимоти Ҳасан ал- Банно характери ифротгароӣ надоранд.

Фундаменталистони ифротгаро чунин тарзи муборизаи сиёсиро қабул надоранд ва онро кори бефоида ва роҳи дурудароз меҳисобанд. Барои ҳамин, роҳи ягонаро дар муборизаи мусаллаҳона ҳамчун воситаи гирифтани ҳокимияти сиёсӣ ва дигар кардани сохти ҷамъиятӣ мебинанд. Аз ин рӯ, барои амалисозии ҳадафҳои сиёсии худ аз тамоми воситаҳо истифода мебаранд, ҳатто то ба дараҷаи даст задан ба амалҳои террористӣ ва барангехтани ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷомеа. Чунин хусусияти муборизаи сиёсии онҳо муҳаққиқонро водор мекунад, ки онҳоро ҳамчун барандагони афкор ва аъмоли экстремистӣ (ифротгароӣ) ҳисоб кунанд.

Дар саромади экстремизми муосири исломӣ яке аз назариячиён ва идеологҳои машҳури фундаментализм Сайид Қутб меистад ва аз ин рӯ, пайдоиши экстремизми исломиро бо номи ӯ алоқаманд мекунанд.

Албатта, таълимоти Сайид Қутб дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомадааст, балки он синтези ақидаҳои мутафаккирони гуногуни ислом ва ҳаракати муосири исломӣ мебошад, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ ҳаёт ба сар бурдаанд. Пеш аз ҳама, ба ташаккули ҷаҳонбинии ӯ идеяҳои Ҳасан ал-Банно таъсир расонидаанд, ки он боиси ба ҳаракати "ихвонҳо" пайвастани Сайид Қутб гашт. Инчунин, алоқамандии таълимоти Сайид Қутбро бо афкори Абӯ Ало Маудудӣ, маорифпарварони охири асри XIX ва ибтидои асри XX Ҷамолуддин ал-Афғонӣ, Муҳаммад Абдо, Рашид Ризо ва дигарон дидан мумкин аст. Бо вуҷуди ин алоқамандӣ афкори ин мутафаккирон хусусияти ифротгароӣ надорад, вале бо сабабҳои гуногун дар таълимоти Сайид Қутб чунин тобишро гирифт.

Гарчанде ки Сайид Қутбро асосгузори назарияи экстремизми муосири исломӣ ҳисоб кунанд ҳам, вале пайдоиши асосҳои идеявии он ба асрҳои миёна рост меояд, ки дар ин бора ақидаҳои имом Аҳмад ибни Ҳанбал (асри IX), илоҳиётшиноси асри XIV Тақаддин ибни Таймия ва инчунин, таълимоти ваҳҳобия (асри XVIII) шаҳодат медиҳад. Албатта, Сайид Қутб ақидаҳои Ибни Ҳанбал ва дигар мутафаккирони исломро бевосита нагирифтааст ва ҳатто дар асарҳояш аз онҳо ишорае ҳам намекунад, балки дар зери таъсири онҳо ақидаҳои хосси худро ба вуҷуд овардааст, ки сифатан фарқ мекунанд. Масалан, дар таълимоти ҳанбалия яке аз масъалаҳои асосӣ ин масъалаи муносибати байни ҳоким ва аъзоёни ҷамоаи мусулмонон мебошад, ки он дар доираи таълимоти исломи расмӣ ҳалли худро ёфтааст, яъне ба қавли Ибни Ҳанбал "мо ба муқобили ҳокимон бо ярок мубориза бурда наметавонем, ҳатто вақте ки онҳо беадолатӣ зоҳир мекунанд" [1,с.184]. Мақсад аз чунин мавқеъгирӣ нигоҳ доштани ягонагии ҷамоаи мусулмонон мебошад. Ҳоло он ки Ибни Ҳанбал дар шакли дигар муборизаро (ҷиҳодро) ба муқобили ҳама гуна ҳокиме, ки хайрхоҳ ва ё гунаҳкор аст, зарур медонад. Албатта, ӯ дар ин ҷо дар зери мафҳуми ҷиҳод муборизаи мусаллаҳона не, балки бо сухан ифода кардани муносибати худро нисбат ба афкор ва аъмоли ҳокимон мебинад. Масъалаи дигаре, ки дар таълимоти ҳанбалия омадааст, ин масъалаи такфир мебошад, ки мувофиқи он "мо набояд мусулмононро ба бехудоӣ гунаҳкор кунем, ҳатто вақте ки онҳо гуноҳи азим содир мекунанд" [1,с.184]. Масъалаи имон низ яке аз масъалаҳои асосии таълимоти ҳанбалия мебошад. Ба қавли Ибни Ҳанбал, "имон ба забон оварда шуда, бо амал тасдиқ карда мешавад" [1,с.184]. Аммо ин ақида баъдтар дар байни илоҳиётшиносон ва фақеҳони ислом баҳсу мунозираҳои зиёдеро ба вуҷуд овард, ки мисоли равшани онро дар баҳси ҳанбалиён ва рақибони идеявии онҳо мурҷииҳо дидан мумкин аст, зеро мурҷииҳо тасдиқпазирии имонро фақат ба воситаи забон қабул доранд. Ин ва дигар мисолҳо нишон медиҳанд, ки то кадом андоза ҳанбалия дар доираи таълимоти худ масъалаҳои асосии исломро ҳал намудааст, ки то дараҷае характери оштинопазирии онро нишон медиҳад.

Ташаккули таълимоти ҳанбалияро дар афкори яке аз илоҳиётшиносони асри XIV Тақаддин Ибни Таймия дидан мумкин аст, ки худ пайрави ҳанбалия буд. Албатта, Ибни Таймия дар ҳалли масъалаҳои асосии ислом ягон дигаргунии куллиеро ба вуҷуд наовардааст, вале баъзе масъалаҳои онро ба таври худ ҳал намудааст, ки характери радикалӣ дорад. Чунин хусусият гирифтани таълимоти Ибни Таймия сабабҳои гуногун

дорад ва яке аз ин гуна сабабҳо ин дар охири асри XIII дар зери тасарруфи муғулҳо мондани аксари мамолики исломӣ буд, ки масъалаи такфир ва муносибатро бо ҳокимон пеш овард. Зеро дар ин давра муғулҳо талаботи дини исломро ба ҷо меоварданд, вале дар асоси шариати исломӣ зиндагӣ намекарданд. Барои ҳамин, ба саволи "оё шахсеро, ки талаботи исломро иҷро мекунад, вале дар асоси шариати исломӣ зиндагӣ намекунад, мусулмон гуфтан мумкин аст", ҷавобҳои гуногун дода шуд ва ба яке аз масъалаҳои баҳсноки илоҳиётшиносон ва фақеҳони ислом табдил ёфт. Дар ин бора Ибни Таймия мегӯяд, ки "дар асоси Қуръон, суннат ва фикри ягонаи уммат қарор карда шуда буд, ки ба муқобили он шахсе, ки қонунҳои исломро риоя намекунад, мубориза бурдан зарур аст, ҳатто агар ӯ ягон вақт ҳам калимаи шаҳодатро ба забон оварда бошад" [4,с.35]. Масъалаи дигаре, ки диққати Ибни Таймияро ба худ кашидааст, ин масъалаи муносибат ба ҳоким мебошад, яъне он ҳокиме, ки талаботи исломро риоя ва иҷро намекунад ва ба иҷроиши он монеъ мешавад, мусулмон нест. Барои ҳамин, ин гуна ҳоким набояд умматро (ҷамоаро) роҳбарӣ кунад ва ба муқобили ӯ ҷиҳод эълон карда, ӯро бояд сарнагун кард, мегӯяд ибн Таймия [4,с.36].

Сарчашмаи дигари идеявие, ки боиси ташаккули назария ва амалияи фундаментализми исломӣ ва аз ҷумла Сайид Қутб гашт, ин таълимоти ваҳҳобия аст. Муҳаммад ибн Абдул-аҳҳоб (асосгузори ваҳҳобизм) иҷроиши сахти талаботи яккахудоиро (тавҳидро) нишон дода, ба муқобили тамоми навовариҳо дар ислом баромад мекунад. Зиёда аз он, ваҳҳобия ба муқобили ҳамагуна парастиши ҷойҳои муқаддас баромада, онро як шакли бехудоӣ (ширк) меҳисобад. Дар ин ҷо фундаментализми исломӣ аз ваҳҳобия ақидаи қабул накардани навовариро (бида) дар ислом гирифтааст. Ин ва дигар мисолҳо нишон медиҳанд, ки то кадом андоза масъалаҳои мазкур дар давраҳои гуногуни таърихӣ барои ислом ҳассос ва муҳим буданд.

Дар ин ҷо ақида ва таълимоти баъзе мутафаккирони ислом ба таври мухтасар дида баромада шуд, ки сарчашмаи идеявию назариявии пайдоиши фундаментализми муосири исломӣ маҳсуб меёбанд.

Асосан, сарчашмаҳои динӣ-сиёсии назарияи фундаментализми исломӣ Қуръон, суннат ва шариат мебошад, ки онро "сарчашмаи ҳаётбахш"-и ислом меноманд. Идеологҳои фундаментализми исломӣ ва аз ҷумла Сайид Қутб, чи дар асарҳояшон ва чи дар гуфторҳояшон, асосан аз Қуръон ва сарчашмаҳои дигари ислом иқтибос меоранд, ки шаҳодати ин аст. Аз ин рӯ, аксари он асарҳое, ки Сайид Қутб оид ба масъалаҳои ислом навиштааст, асосан дар заминаи масоил ва мабоҳиси қуръонӣ ва исломшиносӣ ҷараён гирифтаанд, ки характери фундменталӣ доранд. Масалан, яке аз асарҳои калонҳаҷми ӯ "Фи зилал ал - Қуръон" ("Дар сояи Қуръон") мебошад, ки аз 30 ҷилд иборат буда, тафсири фундаменталистии Қуръон аст.

Сайид Қутб ҳамчун идеологи фундаментализми муосири исломӣ ба ҳалли масъалаҳои асосии ислом ва бунёди ҷомеаи исломӣ аз мавқеи радикализми исломӣ нигоҳ мекунад. Нигоҳи ӯ характери максималистӣ дошта, ҳалли проблемаҳои бунёди ҷомеаи исломӣ хусусияти ифротгароӣ дорад. Ҳоло он ки Сайид Қутб дар ибтидои фаъолияти сиёсии худ дар мавқеи фундаментализми эътидолӣ меистод ва дар ҷараёни фаъолияти умумии "ихвонҳо " амал мекард. Вале бо мурури замон дар зери таъсири омилҳои гуногун мавқеи худро дигар кард ва ба мавқеи радикализми исломӣ гузашт. Ба характери радикалӣ гирифтани афкори ӯ, пеш аз ҳама, вазъи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии онрӯзаи Миср таъсири калон расонид, бахусус қашшоқии моддӣ ва маънавии мисриён, ки баъди ба даст овардани истиқлолият беҳ нашуд. Бесабаб нест, ки Сайид Қутб муносибати худро ба сохтҳои гуногуни ҷамъиятӣ дар асоси баҳо додан ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии онҳо муайян мекунад. Ба қавли ӯ, сабаби асосии ба чунин ҳолат гирифтор шудани ҷомеаи муосир, аз ҷумла Миср, дур шудан аз таълимоти ислом мебошад. "Тамоми олам, чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб, чи исломӣ ва чи ғайриисломӣ, чи диндор ва чи бедин ба ҷоҳилия* баргаштанд. Ҷаҳолате, ки ба он олами муосир ғӯтидааст, аз ҷаҳолати тоисломӣ дида манфуртар аст"- мегӯяд С. Қутб [6,с.67]. Чунин тарзи баҳодиҳӣ, ки характери максималистӣ дорад, Сайид Қутбро ба сӯйи ақидаи дигар кардани сохти ҷамъиятӣ меорад. Ӯ мегӯяд, ки барои баромадан аз ин ҳолати ногувор, яъне кризиси иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ бояд ҷомеа дар асоси таълимоти ислом бунёд гардад, зеро фақат ислом метавонад ҷомеаи имрӯзаро аз ин вартаи ҷаҳолат берун созад. Барои ҳамин, ислом фақат ду шакли сохти ҷамъиятиро эътироф мекунад: ҷомеаи исломӣ ва ғайриисломиро. Дар зери мафҳуми ҷомеаи ғайриисломӣ сохти ҷамъиятие фаҳмида мешаванд, ки дар он на танҳо ба Худои яккаву ягона ибодат намекунанд, балки инчунин,

* ҷоҳилия – давраи тоисломии ҳаёти арабҳо

тамоми ҳаёти ҷамъиятии он дар асоси талаботи ислом бунёд нашудааст. Дар ҳамин асос ба ин гуна сохти ҷамъиятӣ на танҳо давлатҳои ғайриисломӣ, балки инчунин, тамоми давлатҳои исломӣ низ дохил карда мешавад. Ин ва дигар ҷиҳатҳоро ба инобат гирифта, Сайид Қутб мегӯяд, ки "аз ҳаёти ҷамъиятии имрӯзаи мо дида, ягон чизи дигар аз рӯҳи ислом дуртар нест" [6,с.13]. Ӯ фикри худро тақвият дода, қайд мекунад, ки ҷомеае, ки чунин хусусият дорад, набояд арзи вуҷуд кунад ва биное, ки асосаш ҷабру ситам ва нобаробарӣ аст, бояд аз байн бурда шавад.

Сайид Қутб ва пайравонаш бар ин ақида ҳастанд, ки роҳи ягонаи нест кардани ҷомеаи муосир ва дар вайронаҳои он сохтани ҷомеаи исломӣ ин муборизаи мусаллаҳона (ҷиҳод) мебошад. Муборизаи онҳо дар роҳи ислом, муборизаи хориҷиҳоро (ҳаруриёнро) ба ёд меорад, ки бесабаб баъзе муҳаққиқон онҳоро хориҷӣ наномидаанд. Аз тарафи дигар, хориҷӣ номидани онҳо ин маънои ба бехудоӣ гунаҳкор кардани онҳост. Зеро хориҷиҳо соли 657 аз сафи қӯшунҳои халифаи чорум - Алӣ баромада, на танҳо ба муқобили халифаҳои уммавӣ мубориза бурданд, балки ба муқобили Алӣ низ муборизаро давом доданд. Фундаменталистони муосири исломӣ аз хориҷиҳо ақидаро дар бораи "мусулмонро бояд аз рӯйи амалаш баҳо дод" гирифтаанд ва инчунин, ақидаи "нест кардани роҳбаре, ки хилофи ислом аст" аз онҳо низ гирифта шудааст. Барои мисол, асари Абдассалом Фарадҷа "ал- Фариза ал- ғаиба"("Қарзи фаромӯшшуда")-ро ки роҳбари гурӯҳи "ал- Ҷиҳод" мебошад, овардан мумкин аст. Ӯ мегӯяд, ки сари инсон ҷузъи асосии бадан аст, он гоҳ роҳбар низ бо қонунҳои худ қисми асосии ҷамъият мебошад, аз ин рӯ, "фақат ғалаба ва гирифтани ҳокимият имконият медиҳад, ки халқ аз паси мо равад" [4,с.69]. Гарчанде ки фудаменталистони муосири исломӣ стратегияи ягонаи муборизаро барои бунёди ҷомеаи исломӣ дошта бошанд ҳам, вале тактикаи амалисозии он як хел нест. Барои ҳамин, гурӯҳҳои гуногуни он ба таври автономӣ (худмухтор) амал мекунанд, ки характери парокандагии онҳоро нишон медиҳад. Ҳатто дар дараҷаи идеологӣ низ онҳо аз якдигар фарқ мекунанд, ки ин хусусияти хосси ҳар гурӯҳро нишон медиҳад. Умуман, назария ва амалияи гурӯҳҳои гуногуни фундаменталистиро дида баромада истода, дар асоси монандӣ ва фарқият метавон ду стратегияи асосиро дар муборизаи онҳо нишон дод:

Стратегияи якум дар асоси идеяҳои Ҳасан ал-Банно ба вуҷуд омадааст, ки характери эътидолӣ дошта, онро бештар "ихвонҳо"-и Сурия ҳамчун асоси муборизаи худ истифода мебурданд. Ҳоло бошад, он характери экстремистию радикалӣ гирифта, як қисми таркибии ҷанги шаҳрвандӣ дар Сурия мебошад. Умуман, муборизаи фундаменталистони эътидолӣ се давраро дар бар мегирад, ки он давраи маърифатӣ, ташкилӣ ва зӯроварӣ (ҷиҳод) мебошад.

Давраи якум, раванди маърифатноккунии оммаро дар асоси таълимоти ислом ва даъват ба ислом дар бар мегирад, ки ба ин восита идеяҳои асосӣ ва муҳимми он дар шуури омма ҷо карда мешавад.

Давраи дуюм, давраи ташкилӣ аст, ки дар он ташкилоти "ихвонҳо" васеъ ва мустаҳкам шуда, аъзоёни он бо машқ ва тарбия фаро гирифта мешаванд, яъне ба ин восита муҷоҳидони оянда аз ҷиҳати психологӣ ва ҷисмонӣ тайёр карда мешаванд.

Давраи сеюм бошад, давраи зӯроварӣ буда, дар он даъват ба ҷиҳод аст, ки он бо муборизаи мусаллаҳона сар шуда, бо гирифтани ҳокимияти сиёсӣ ва барқарор кардани "ҳокимияти илоҳӣ" ба охир мерасад.

Стратегияи дуюми мубориза барои бунёди ҷомеаи исломӣ аз тарафи Сайид Қутб пешниҳод шудааст, ки он аз ду давр иборат мебошад, яъне давраи аввал ва ё суст (истидаф) ва давраи фаъол ва ё худ ҷиҳод.

Дар давраи аввал, ҷамоаи мусулмонони ҳақиқӣ ва ё худ "пешоҳангон" (ат-талиъа) қудрати дар муқобили ҷомеаи ҷоҳилия истодагарӣ кардан надоранд. Аз ин рӯ, барои нигоҳ доштани худ онҳо аз ҷомеаи ҷоҳилия дур шуда, то муддати муайян ҷудо ҳаёт ба сар мебаранд, яъне то он даме, ки ҷамоа мустаҳкам ва пурзӯр намешавад. Дар ин ҷо се мақсади асосӣ пайгирӣ мешавад: а) тоза нигоҳ доштани имони мусулмонони ҳақиқӣ аз таъсири ҷомеаи ҷоҳилия; б) таъмини бехатарии аъзоёни он, то ки дар ибтидои ташаккулёбиашон несту нобуд карда нашаванд; в) ба вуҷуд овардани ҷомеаи исломӣ дар шакли хурди он (миниатюра), ки бояд тамоми нишонаҳои ҷомеаи ҳақиқиро дошта бошад.

Давраи дуюм, давраи амали фаъолона, яъне ҷиҳод аст. "Пешоҳангон" барои ба муқобили ҷоҳилия мубориза бурдан тайёр шуда, бевосита амали худро сар мекунанд. Ба қавли Сайид Қутб, дар ин давра дар байни ҷомеаи исломӣ ва ҷоҳилия ягон хел муносибат ва созиш вуҷуд надорад ва ягона шакли муносибати байни онҳо ин задухӯрд ва ҷиҳод аст.

Бояд қайд кард, ки баъзе муҳаққиқон стратегияи сеюми муборизаи фундаментализми исломро низ нишон медиҳанд, ки он асосан муборизаи гурӯҳҳои ҷудогонаи ифротгаро, ба монанди "ат-Такфир вал-ҳиҷра", "ал-Ҷиҳод" ва "Муназзамат ат-таҳрир ал-исламия"

мебошад. Чунин фикр то дараҷае дуруст аст, зеро мубориза ин гурӯҳҳо фарқияти ҷузъӣ дошта, асосан дар масири умумии муборизаи фундаментализми ифротгаро ҷараён мегирад, ки иртиботи онҳоро ба стратегияи дуюм нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, дар асоси дида баромадани ду стратегияи мубориза ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо аз кадом ҷиҳат монанд ва аз кадом ҷиҳат фарқ мекунанд. Монандӣ ва ё худ ягонагии онҳо, пеш аз ҳама, дар мақсади онҳо зоҳир мешавад, яъне дар бунёди ҷомеаи исломӣ. Фарқияташон бошад, дар тарз ва усулҳои гуногуни муборизаашон барои гирифтани ҳокимияти сиёсӣ дида мешавад. Агар мувофиқи стратегияи якум роҳи ягонаи ба сари ҳокимият омадан шӯриши оммаи халқ бошад, он гоҳ мувофиқи стратегияи дуюм, ин задухӯрд ва ҷанг дар байни ҷомеаи исломӣ ва ҷоҳилия мебошад. Илова бар ин, стратегияи якум оммаи халқро иттифоқчии худ меҳисобад, аммо стратегияи дуюм бошад, дар симои халқ қувваи бисёр суст ва пассивро мебинад. Барои ҳамин, дар стратегияи якум ба пропаганда (таблиғ) диққати асосӣ дода мешавад, аммо дар стратегияи дуюм бошад, ба он на он қадар аҳамият медиҳанд.

Новобаста аз фарқияти ҷудогонае, ки дар стратегияи умумии мубориза дида мешавад, қариб тамоми гурӯҳҳои фундаменталистӣ ду методи асосиро эътироф мекунанд, яъне пропаганда (таблиғ) ва муборизаи мусаллаҳонаро (ҷиҳод). Аммо дар бораи таносуби ин ду метод дар байни фундаменталистон фикри ягона вуҷуд надорад, зеро муносибати онҳо дар бораи ҷиҳод бисёр ҳассос ва муайянкунанда буда, натиҷаи муборизаи онҳо аз амалисозии он вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, фундаменталистони исломӣ доимо ба масъалаи мазкур баргашта истода, моҳияти онро дар контексти муборизаашон нишон медиҳанд. Масалан, Сайид Қутб дар асараш “Маалим фит-тариқ” (“Марҳилаҳои роҳ”) се давраи ҷиҳодро овардааст, ки мувофиқи он дар давраи якум, яъне давраи маккагӣ Оллоҳ мусулмононро аз ҷиҳод кардан нигоҳ дошт ва дар давраи дуюм бошад, баъди ҳиҷрат ба Мадина ба ҷиҳод кардан иҷозат дод ва ахиран дар давраи сеюм ҷиҳодро қарзи ҳар як мусулмон донист [6,с.98]. Зиёда аз он, Сайид Қутб се хусусияти ҷиҳодро қайд карда мегузарад, ки ҷиҳод ҳудуди муайяни замонӣ надорад, балки он ҳолати доимӣ буда, то рӯзи қиёмат давом мекунад ва инчунин, ҷиҳод ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ надорад, зеро ислом барои тамоми аҳли олам ба вуҷуд омадааст ва ахиран, ҷиҳод хусусияти мудофиавӣ надошта, балки хусусияти ҳуҷумкунанда дорад [6,с.77].

Умуман, қариб аксари гурӯҳҳои фундаменталистӣ ба ин фикри Сайид Қутб оид ба ҷиҳод розӣ ҳастанд ва онро дастгирӣ мекунанд. Бахусус фундаменталистони ифротгаро, ки зӯроварӣ ва муборизаи мусаллаҳонаро роҳи ягонаи барқарор кардани қувва ва шуҳрати ислом медонанд.

Хуллас, назария ва амалияи фундаментализми исломӣ як шакли утопияи иҷтимоист, ки хусусияти максималистӣ ва радикалӣ дорад. Он ба амали зӯроварӣ асос ёфта, бисёр вақт хусусияти мусаллаҳона дорад. Аз ин рӯ, амалияи фундаментализми исломӣ ба сӯйи вайронкорӣ нигаронида шудааст, на созандагӣ, яъне он барои нест кардани ҷомеаи муосир равона карда шудааст, на бунёди он. Ба ин восита онҳо мехоҳанд, ки дар вайронаҳои ҷомеаи муосир, ҷомеаи идеалии худ, яъне ҷомеаи исломиро созанд.

**АДАБИЁТ**


1. Ермаков Д.В. Ибн Ханбала и начало ханбалитства // Религии мира. История и современность. Ежегодник / Д.В. Ермаков.- М.: Наука, 1984.-276 с.
2. Игнатенко А.А. Халифы без халифата / А.А. Игнатенко.- М.: Наука,1988.- 207 с.
3. Ислом. Маълумоти мухтасар/ [Иванов Н.А., Комилов С.Х. в.ѓ.].Нашри дуюм, бо иловањо, тарљ. аз русї.- Душанбе, Ирфон,1990.- 144 с.
4. Коровиков А.В. Исламский экстремизм в арабских странах/ А.В.Коровиков.- М.: Наука, 1990.- 168 с.
5. Кутб Сайид ал-Адала ал-иджтимаийя фил-ислам / С. Кутб // Ал-Кахира,1969.- 294 с.
6. Кутб Сайид Маалим фит-тарик/ С. Кутб. -ал-Кахира, 1965.- 167 с.
7. Кутб Сайид Мо чї мегуем?/ С. Кутб. -Кум, 1969.- 133 с.
8. М.Мангитов.- Душанбе, Матбуот., 2004.- 102 с.
9. Полонская Л.Р. Современные мусульманские идейные течения.// Ислам: проблемы идеологии, права, политики и экономик / Л.Р. Полонская // Сборник статей- М.: Наука,1985.- 279 с.
10. Сагадеев А.В. Религия и философия в арабских странах // Философия и религия на зарубежном Востоке: XX век / А.В. Сагадеев.- М.: Наука, 1985.- 272 с.


## НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ ФУНДАМЕНТАЛИЗМИ ИСЛОМӢ


Дар мақола масъалаҳои асосӣ ва муҳимми назария ва амалияи фундаментализми муосири исломӣ дида баромада шудаанд. Бахусус консепсияи бунёди ҷомеаи исломӣ ва роҳҳои амалисозии он, ки асоси назариявии таълимоти мазкурро ташкил медиҳад. Дар байни фундаменталистони исломӣ оид ба стратегия ва тактикаи муборизаи сиёсӣ барои бунёди ҷомеаи исломӣ фикри ягона вуҷуд надорад, ки ин характери парокандагии онҳоро нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин парокандагӣ, онҳо мехоҳанд, ки бо роҳу усулҳои гуногун утопияи иҷтимоии худро, ки он бунёди ҷомеаи исломӣ аст, амалӣ созанд. Дар роҳи амалисозии он

фундаменталистони исломӣ аз тамоми воситаҳо истифода мебаранд ва ҳатто то ба дараҷаи даст задан ба амалҳои террористӣ, ки хусусияти ифротгароии баъзе гурӯҳҳои исломиро нишон медиҳад. Инчунин, дар мақола баъзе ақоид ва афкори исломӣ дида баромада шудаанд, ки дар тӯли таърихи инкишофи ислом пайдо шуда, бо сабабҳои гуногун характери радикалӣ гирифтаанд. Ин афкор баъдтар сарчашмаи пайдоиш ва ташаккули фундаментализми муосири исломӣ шудаанд, ки хусусияти ифротгароӣ надоранд. Ҳамин тавр, фундаментализми муосири исломӣ дар шароити нави таърихӣ нақши муайянеро мебозад, ки дар саҳнаи сиёсат ва муборизаҳои сиёсӣ хусусияти хос дорад.

**Калидвожаҳо:** фундаментализм, радикализм, экстремизм, терроризм, стратегия, тактика, суннат, шиа, тавҳид, ҷомеаи исломӣ, ҷоҳилия, ҷиҳод.

**ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА ИСЛАМСКОГО ФУНДАМЕНТАЛИЗМА**

В статье рассматриваются основные вопросы теории и практики современного исламского фундаментализма, особенно концепция создания исламского общества и пути её реализации, которая создает теоретическую основу данного учения. Среди исламских фундаменталистов нет единого мнения о стратегии и тактике политической борьбы за создание исламского общества, и это характеризует их разобщенность. Несмотря на эту разобщенность, они хотят разными путями реализовать свою социальную утопию, то есть создание исламского общества. В процессе ее реализации исламские фундаменталисты используют все средства, включая террористические акты, и это указывает на экстремистский характер некоторых исламских групп. Также в статье рассматриваются некоторые исламские идеи, которые возникли в процессе исторического развития ислама и по разным причинам приобрели радикальный характер. Впоследствии, эти идеи стали источником возникновения и развития современного исламского фундаментализма, однако они не имеют экстремистский характер. Таким образом, современный исламский фундаментализм в новых исторических условиях играет определенную роль, имеет свойособый характер на политической сцене и в борьбе.

**Ключевые слова:** фундаментализм, радикализм, экстремизм, терроризм, стратегия, тактика, сунниты, шииты, таухид, исламское общество, джахилия, джихад.

**THEORY AND PRACTICE OF ISLAMIC FUNDAMENTALISM**

The article discusses the main issues of the theory and practice of modern Islamic fundamentalism. Especially the concept of creating an Islamic society and the way to implement it, which creates the theoretical basis for this teaching. Among Islamic fundamentalists there is no consensus about the strategy and tactics of the political struggle for the creation of an Islamic society, and this characterizes their disunity. Despite this disunity, they want to realize their social utopia in different ways, that is, the creation of an Islamic society. In the process of its implementation, Islamic fundamentalists use all means, including terrorist acts, and this indicates the extremist nature of some Islamic groups. And also, the article discusses some Islamic ideas that emerged in the process of the historical development of Islam and for various reasons acquired a radical character. Subsequently, these ideas became the source of the emergence and development of modern Islamic fundamentalism, but they are not extremist. Thus, modern Islamic fundamentalism in the new historical conditions plays a certain role, which has a special character on the political scene and struggle.

**Key words:** fundamentalism, radicalism, extremism, terrorism, strategy, tactics, Sunnis, Shiites, tawhid, Islamic society, jahiliy, jihad.

**Сведения об авторе:** ***Мангитов Машраб*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат философских наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 933-66-91-31**

**Information about the author**: ***Mangitov Mashrab*** – Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D., Associate Professor of the Department of Humanities. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov str. 64/14. Telephone: **(+992) 933-66-91-31**

**УДК: 18.49.07**

# ФАЛСАФАИ РАҚСИ МИЛЛӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ОН

***Файзалиева С. А.***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаёт дар асоси илм маънидод гардидааст ва танҳо хиради волои инсонӣ ин ҳақиқатро дарк намуда, ҳар як падидаи онро бо шукргузорӣ қабул менамояд. Агар ба маънӣ ва мазмуни ҳаёти инсон, ки бештар хусусияти ҷамъиятӣ дорад, назар андозем, ҷанбаҳои гуногуни онро ҳамчун шаклҳои фаъолияти ӯ мушоҳида менамоем.

Дар ин раванд дар қатори дигар шаклҳои фаъолияти инсон «санъатро ҳамчун падидаи махсус, ки дар пешрафт ва ташаккули тафаккури ҷомеаи инсонӣ, форматсияҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим дошта, ба зебову рангин гардидани равандҳои фаъолияти шахс, яъне дар сиёсату иқтисодиёт ва фарҳанг мусоидат мекунад, ном бурдан мумкин аст [4,с.113].

Бояд тазаккур дод, ки санъат яке аз қадимтарин шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ба шумор рафта, бо шакли махсуси инъикоси атроф, забон ва рангорангии худ инсонро ба моҳияти ҳодисоти табиату наботот ворид намуда, барои пайваст шудан ба онҳо кумак мекунад ва

муҳаббату эҳтироми одамонро нисбат ба ҳаёт ва муҳити зист зиёд намуда, барои офаридани асарҳои безаволи бадеӣ водор менамояд. Бешубҳа, санъат падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи фарҳанги маънавӣ ба шумор рафта, шаклҳои зиёдеро дар бар мегирад ва рақс як ҷузъи санъати зебоӣ мебошад, ки он дар ҳаёти инсон тасодуфан ворид нашудааст.

Рақс низ асоси илмӣ дошта, баҳри солимии рӯҳу равон, тарбияи ҷисмонии инсон нақши муҳимеро мебозад. Агар аз нигоҳи фалсафӣ ба ин шакли санъат назар андозем, пас мушоҳида кардан мумкин аст, ки «... рақс ба инсон имконият медиҳад бо мавҷҳои созандаи муҳити табиат, чор унсури созандаи ҳаёт - об, хок, боду оташ ва дар умум ӯро бо коинот пайвандад» [8,с.93]. Дар сурати ба воситаи рақс ба мавҷҳои созанда пайвастан, инсон қувваи некиро на танҳо барои худ меофарад, балки ба атрофиён таъсири мусбӣ низ мерасонад. Рақс, ки ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳии инсонро инъикос менамояд, бевосита ба нияту нигоҳи иҷрокунанда ва басаҳнагузоранда пайвастагии амиқ дорад. Яъне, ин шакли санъат, дар қатори дигар сифатҳои худ, ҷанбаи равонӣ (психологӣ) низ дорад.

Вобаста ба ин қайд намудан бамаврид аст, ки рақс яке аз шаклҳои аввалини санъат дар таърихи башарият буда, пайдоиши он ба талаботҳои эҳсосотии худи инсон вобастагӣ дорад ва бевосита эҳсososoти ӯро, ба мисли шодӣ, ғам, орзую омол, зебоӣ, ишқ, нозу карашма, ҷасурӣ, ғаюрӣ, ғазабу норозигӣ ва ғайра ба тарзи махсус таҷассум менамояд. Зиёда аз ин, тавассути рақс бисёр аз ҳолатҳои ҳаёти инсон, аз қабили таваллуд, марг, табобати беморон, ибодат барои ҳосили фаровон, барои шикор, ҷанг ва ғайра ифода мегарданд.

Аз ин рӯ, дар назарияи санъат муҳаққиқон рақсҳоро ба ҷашнӣ, динӣ ва ҷамъиятӣ ҷудо менамоянд [7]. Таҷрибаи ҳаёти ҷомеа нишон медиҳад, ки санъати рақсӣ дар фарҳанги тамому қавму миллатҳои кураи Замин ҷой дошта, он ба таври муназзам инкишоф меёбад. Дар қатори дигар халқу миллатҳо тоҷикон низ ҳамчун миллати тамаддунофар санъати рақсии худро доро буда, бо он дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар давоми ҳазорсолаҳо халқи тоҷик санъати рақсии худро офаридаву ташаккул дода, нозукиҳои онро аз насл ба насл омӯзонида, то ба имрӯз оварда расонидааст.

Қобили қайд аст, ки рақс, аз ҷумла рақси тоҷикӣ, моҳияти тарбиявӣ дорад ва дар баробари дигар усулу воситаҳо табъи эстетикии инсонро рушду такомул мебахшад. Рақси миллии тоҷикӣ, чуноне ки дар боло қайд намудем, тамоми равандҳои ҳаёти халқ, чи шодӣ ва чи ғамро таҷассум менамояд. Ҳар як ҳаракат, нигоҳ, ифодакунандаи нияту эҳсоси иҷрокунанда буда, тамошобинро, ки узви ҷомеа мебошад, ба самти муайяни тарбия ҷалб менамояд.

Дар тӯли садсолаҳо миллати боистеъдоди тоҷик санъати рақсии худро батадриҷ инкишофу такмил дода, онро дар шаклҳои маъмул: раксҳои ҷуфтӣ, умумӣ, якка бо ребу рангҳои гуногун ва либосҳои хосса офарида, ба ҳамватанони худ ва ҷаҳониён пешкаш намуд. Тоҷикистон, ки аслан, табиати кӯҳсор дорад, вобаста ба шароит ва ҷойгиршавии аҳолии ҳар минтақа санъати рақсии хоссаи худро дорад. Дар замонҳои пеш ва айни ҳол дар кишвари мо санъаткорони минтақаҳои гуногуни он бо зарбҳои гуногун мерақсанд. Дар илми муосири санъатшиносии тоҷик зарбҳои гуногуни рақсӣ, ба мисли бадахшонӣ, кӯлобӣ, суғдӣ, хуҷандӣ ва дигар намудҳои он номбар ва омӯхта шудаанд. Ин зарбҳои рақсӣ ҳарчанд бо хусусиятҳои хоссаи худ аз ҳам тафовут доранд, аммо аз лиҳози ҳикмат ва созандагиашон умумияти зич доранд, зеро дар ҳолате ки набошад, онҳо ифодакунандаи эҳсосот, ҳувият ва равони миллати ягонаи тоҷик буда, нозукиҳои шароити табиии зист ва моҳияти фаъолияти маънавии ин қавмро ифода мекунанд.

Чун Тоҷикистон диёр кӯҳистон аст, рақси бадахшонӣ, ки мардуми он дар шароити кӯҳсор зиндагӣ ва фаъолият мекунанд, яке аз равияҳои қадимтарини санъати тоҷик ба шумор меравад. Ҳаракат ва зарбҳои ин рақс аз дигар минтақаҳои сарзамини тоҷикон ба куллӣ фарқ мекунад. Рақси бадахшонӣ, чун дигар намудҳои рақси миллии тоҷикӣ, ҳодисот ва равандҳои ҳаёти мардуми ин минтақаро ифода намуда, хусусияти хоссаи худро дорост. Зарб ва ҳаракатҳои рақси бадахшонӣ, агар он дуруст ва пайдарҳам ичро шавад, иҷрокунандаро дар ҳолати ғайриодии рӯҳӣ қарор дода, метавонад ӯро ба коинот пайвандад.

Мутобиқи гуфтаҳои олимони рақсшинос, «зарбҳои дафи бадахшонӣ зарби коинотро ифода мекунад ва рақсидан дар ҳавои ин зарб ба коинот пайваст шудан аст ва ин зарб барои солимии рӯҳу равон ва ҷисму маънавиёти инсон аҳамияти зиёд дорад. Бидуни баҳс, воқеияти садсолаҳои зиёд дар иқлими баландкӯҳу сардии тоқатфарсо зистани тоҷикони ин минтақа худ муъҷиза аст» [4,с.85]. Чархи рақси бадахшонӣ чарх задани сӯфиён, рақси Саморо ба хотир меорад, ки ба воситаи он пайравони ин ҷараёни динӣ-фалсафӣ ба олами

ғайризаминӣ худро мепайванданд. Пайваст гардидани инсон ба мавҷу зарби коинот яке аз хусусиятҳои хосси рақси бадахшонӣ маҳсуб меёбад.

Рақсҳои мардуми дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ моҳияти тарбиявӣ доранд ва инсонро аз ҷиҳати рӯҳию равонӣ ва ҷисмонӣ тарбия намуда, ифтихори миллиро дар шахс бедор месозад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо рақси тоҷикони минтақаи Кӯлобро, ки ба монанди рақси бадахшонӣ, яке аз санъатҳои қадимии миллатамон ба ҳисоб меравад, мисол овардан бамаврид аст. Дар рақси кӯлобӣ бисёре аз ҳолатҳои ҳаёти иҷтимоии мардум ифода ёфтааст. Хусусияти хосси рақси кӯлобӣ дар он зоҳир мегардад, ки он инсонро ба мавҷҳои созанда ва зарби неки табиат мепайвандад. Барои муваффақ шудан ба чунин ҳадаф зарур аст, ки ҳам басаҳнагузоранда ва ҳам иҷроркунанда дар раванди пешбинӣ ва иҷрои он бояд назари созанда ва нияти нек дошта бошанд.

Куртаи чаканро, ки ҳунармандон-занон ҳангоми иҷрои рақси кӯлобӣ ба бар мекунанд, ҳикмат ва ё фалсафаи чуқур дорад. Чуноне ки маълум аст, куртаи чакани кӯлобӣ бештар аз матои сурх ё зард дӯхта мешавад ва ин рангҳо рамзҳои хос мебошанд. Ранги сурх маънои рӯшноиро дорад ва ҳамсони матоъ дар рагҳои инсон низ хуни сурх ҷорист, ки рамзи ҳастӣ ва солимии инсонро ифода мекунад. Ҳамчунон ранги зард низ ба маънии хуршеди тобону ҳастии ҳаёт нисбат дода мешавад, ки ин дар сарзамину табиати офтобӣ ҳаёт ба сар бурдани тоҷиконро таҷассум менамояд.

Дар илми фалсафа ва тибби қадимаи Шарқ инсон ҳафт чакр дорад ва барои шахси солим ҳафт чакраш ҳамеша кушода аст. Куртаи чакани раққосаҳо низ аз гулҳои шукуфтаи ботартиб аз боло ба поён духташуда, иборат аст, ки аз солимии чакрҳои инсонӣ дарак медиҳад.

Рақси кӯлобӣ бо куртаи чакани гулпӯш яке аз рамзҳои солимии инсон мебошад. Зарбҳои китфу пой иҷрокунандаро ба мавҷу зарбҳои табиат пайванд намуда, аз эҳсосоти ҳаётбахши нуру маърифати табиат бархурдор месозад. Ба ақидаи муҳаққиқон, «...ҷойгиршавӣ ё худ мутобиқати гулҳои чакан ба нуқтаҳои солимгардонии ҷисми занон худ як ҳикмати аҷиб аст. Дар тибби Ҳинди қадим ин нуқтаҳоро чакр мегӯянд ва ин эҳтимолияти наздик будани семантикаи мафҳумҳои «чакр» ва «чакан»-ро хело зиёд менамояд» [4,с.68]. Ҳоло ҳарчанд барои тасдиқи чунин ақида далелҳои амиқ вуҷуд надоранд, аммо барои мо муҳим он аст, ки ҳам мафҳуми «чакр» ва ҳам калимаи «чакан» ҳикмати якхела доранд ва онҳо солимии инсонро ифода мекунанд.

Хулоса, агар ба ҳикмат ва ё фалсафаи рақс дар маҷмӯъ ва рақси миллии тоҷикӣ дар ҷузъ назар андозем, ба шароити воқеии табиӣ ва иҷтимоии ҳаёти одамон робита доштани ин шакли санъатро баръало мушоҳида менамоем.

## АДАБИЁТ


1. Бекина С.И. Музыка и движение / С.И. Бекина. – М., 1983. – 215 с.
2. Валукин Е.П. Проблемы наследия в хореографическом искусстве / Е.П. Валукин. – М., 1992. – 315 с.
3. Гоголь Н.В. Полное собрание сочинений / Н.В. Гоголь. – М., 1987. – 124 с.
4. Нурчонов Н. Олами беканори ракси точик (очерки таърихї-назарї) / Н. Нурчонов. – Душанбе, 2004.
5. Классики хореографии. – М., 1937. – 106 с.
6. Красовская В.М. О классическом танце. Азбука классического танца / В.М. Красовская, Н. Базарова, В. Мей. - Л., 1983. – 316 с.
7. Мессерер А.М. Танец. Мысль. Время / А.М. Мессерер. – М., 1990. – 236 с.
8. Слонимский Ю. В честь танца / Ю.Слонимский. – М., 1988. – 185 с.
9. Тарасов Н.И. Классический танец / Н.И. Тарасов. – М., 1981. – 256 с.
10. Холфина С. Воспоминания мастеров московского балета / С. Холфина. – М., 1990. –75 с.


## ФАЛСАФАИ РАҚСИ МИЛЛӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ОН


Мақолаи мазкур ба яке аз мавзӯъҳои муҳим бахшида шудааст. Дар мақола рақс шакли махсуси санъат аз лиҳози илмӣ-фалсафӣ маъдидод гардидааст. Ҳамчун падидаи мураккаби фарҳангӣ намудҳои рақси миллии тоҷикӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, моҳияти тарбиявии он нишон дода шудааст. Дар қатори дигар халқу миллатҳо тоҷикон низ ҳамчун миллати тамаддунофар санъати рақсии худро доро буда, бо он дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Рақси миллии тоҷикӣ, чуноне ки ишора мегардад, тамоми равандҳои ҳаёти халқ, чи шодӣ ва чи ғамро таҷассум менамояд. Ҳар як ҳаракат, нигоҳ, ифодакунандаи нияту эҳсоси иҷрокунанда буда, тамошобинро, ки узви ҷомеа мебошад, ба самти муайяни тарбия ҷалб менамояд. Дар давоми ҳазорсолаҳо халқи тоҷик санъати рақсии худро офаридаву ташаккул дода, нозукиҳои онро аз насл ба насл омӯзонида, то ба имрӯз оварда расонидааст. Инчунин, рамзҳои либосҳои рақсӣ низ ба таври мухтасар шарҳи худро ёфтаанд.



**Калидвожаҳо**: ҳикмат, рақс, санъат, фарҳанг, илм, фалсафа, инсон, ҷомеа, Тоҷикистон, табиат.


## ФИЛОСОФИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ТАНЦА И ЕГО ОСОБЕННОСТИ


В статье осуществлена научно-философская интерпретация национального танца как одного из специфических видов искусства. Национальный таджикский танец рассмотрен как сложный культурный феномен и показана его воспитательная сущность. Также в краткой форме разъяснены содержание символов, которые

изображены на танцевальной одежде. А также автор дает интересный материал о сущности таджикского танца. В статье показана его воспитательная сущность танцы в современных условиях и глобализационные тенденции.

**Ключевые слова**: сущность, танец, искусство, культура, наука, философия, человек, общество, Таджикистан, природа и др.

**PHILOSOPHY OF NATIONAL DANCE AND ITS FEATURES**

The article carried out the scientific and philosophical interpretation of dance, as one of a specific art form. The national Tajik dance is considered as a complex cultural phenomenon and its educational essence is shown. Also, the content of the symbols depicted on the dance clothes are explained in a brief form. And also the author gives an interesting material about the essence of Tajik dance. The article considers the national Tajik dance as a complex cultural phenomenon and shows its educational essence in the condition of modernity and globalization trends. Also, the content of the symbols depicted on the dance clothes are explained in a brief form. And also the author gives an interesting material about the essence of Tajik dance. The article considers the national Tajik dance as a complex cultural phenomenon and shows its educational essence in the condition of modernity and globalization trends.

**Key words:** essence, dance, art, culture, science, philosophy, man, society, Tajikistan, nature.

**Сведения об авторе:** ***Файзалиева С.А.*** **–** Таджикский государственный институт искусств и культуры имени М.Турсунзаде, соискатель отдела философии культуры Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. Телефон: **907-22-18-46**

**Information about the author:** ***Faizalieva S.A***. – The Tajik State Institute of Art and Culture named after M.Tursunzade, the applicant of the Department of Philosophy of Culture of the Institute of Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: **907-22-18-46**

**УДК:159.9.(575.3)**

# ТРАНСГУМАНИЗМ И БУДУЩЕЕ ЧЕЛОВЕЧЕСТВА

***Рахимов М. Х., Тураев Ф.Р.***
**Таджикский технический университет им.М.С.Осими**

В настоящее время в широких научных и финансовых кругах Запада широкое распространение получила идея трансгуманизма и трансчеловека. Причем, сценарий будущего развития человечества описывается не как результат его эволюционного развития, а как сценарий, разработчиками которого выступают крупные государственные структуры и финансовые компании, а также международные корпорации, такие как PayPal, а также флагман технологического прогресса – IT сектор экономики. С их точки зрения, в рамках существующей модели развития капитализма остановка научно-технического прогресса неизбежна, так же как неизбежен «тупик глобализации». Поэтому необходима разработка новой модели по трансформации человека и общества, отвечающего интересам крупного капитала и мирового истеблишмента, прежде всего американского.

Один из идеологов концепции трансгуманизма Питр Тиль – руководитель программного комплекса Palantir, в 2011 г. написал статью «Конец будущего», в котором изложил основы трансформационной модели развития, опираясь на молодую американскую восходящую элиту, так называемых «кремниевых мальчиков» или «гикономиксов». Все они работают под «зонтиком» «мафии PayPal», куда входят бизнесмен Илон Маск – создатель проектов “SpaesX”, занимающийся коммерческим освоением космического пространства, TeslaMotors – разработка электромобилей,” Neirolink – это проект, направленный на синхронизацию человеческого мозга и компьютера. Сотрудники и учредители компании «PayPal» выступают в роли технических исполнителей, где заказчиками являются правящие круги истеблишмента. Участвуя в рамках трансгуманистического проекта, свою главную цель они видят в трансформации человека, формирование нового общества и человека. Некоторые из этих идей продвинутая элита с крупными финансовыми кругами начала осуществлять практически. Стратегические их задачи осуществляются на нескольких уровнях:

1) Разработка неолиберальных концепций, создающих для транснационального бизнеса наиболее благоприятные условия. Создание научных школ, переформатирование университетов, продавливание безальтернативной неолиберальной экономической теории, политологии и социологии.

2) Формирование и работа с группами интересов в странах периферии капитализма, завязывание периферийных властных группировок на мировые финансовые институты. Данные властные группы связаны гораздо больше с транснациональным бизнесом, чем с собственной

страной. Вот что по этому поводу сказал Збигнев Бжезинский: «Россия может иметь сколько угодно ядерных чемоданчиков и ядерных кнопок, но поскольку 500 миллиардов долларов российской элиты лежат в наших банках, вы ещё разберитесь: это ваша элита или уже наша? Я не вижу ни одной ситуации, при которой Россия воспользуется своим ядерным потенциалом».

3) Проведение политики «элитой», уже скрепленной тысячами нитей с глобальным капиталом, соответствует интересам своих хозяев [4,с.2].

В отстаивании своих идей сторонники трансгуманизма прикрываются общечеловеческими ценностями, такими как завоевания либерализма, под которыми подразумевается низкопробная массовая культура и экспортные товары США. Символом этих ценностей выступают Голливуд – поставщик духовной пищи для ума в виде низкопробных, ковбойских кино-продуктов и Макдональдс – экспортирующий пищу для тела. Все эти «кибератаки» на сознание людей направлены на девальвацию и, в конечном счете, уничтожение национально-этнических черт культуры и традиционных ценностей. «Смешать эти цвета означает уничтожить их, растворить тонкие структуры культурных кодов в гигантском плавильном котле.

Либерализм как идея о том, что человек выбирает самостоятельно систему ценностей, на деле ведет к утрате ценностных ориентиров, примитивизации сознания, погружая человечество в футуро-архаику, общество, где все более совершенная техническая составляющая сосуществует с все более дичающей массой населения», [4,с.2] где человеку отводится роль «квалифицированного потребителя». С совершенствованием информационных технологий и робототехники человечество ожидает киборгизация, подчинение его машине.

По сути «трансгуманизм - это последняя стадия гуманизма, которая утверждает, что человек имеет право на изменение своей человеческой природы, на преодоление этой природы и на формирование некого сверхсущества, после которого человек будет обладать бессмертием, станет бесполым. Предполагается создание «сверхразумного», сверхчеловеческого существа, которое по задумке трансгуманистов будет управлять миром»[4,с.34].

Сторонники идеи трансгуманизма из числа, так называемого западного истеблишмента, рисуют образ будущего как перерождение человечества и пытаются это внедрить в массовое сознание посредством массовых средств коммуникаций. Особенно преуспели в этом мастера кино - бравые парни из Голливуда, на сценических площадках которого воплощаются идеи трансгуманизма. Наибольшей популярностью среди молодёжи пользуются такие фильмы, как «Восхождение Юпитера», «Призрак в доспехах», «Превосходство и др.», где образ будущего человечества и человек становится объектом манипуляций и генетических экспериментов.

Образ будущего трансгуманного общества как «абстрактного общества», следующий за «открытым обществом», с научной точки зрения, описал австрийский философ, автор социальной инженерии К. Поппер. «Мы можем вообразить общество, - отмечает он, - в котором люди практически никогда не встречаются лицом к лицу. В таком обществе все дела совершаются индивидуумами в полной изоляции, и эти индивидуумы связываются друг с другом при помощи писем или телеграмм и разъезжают в закрытых автомобилях. Искусственное осеменение позволило бы даже размножаться без личных контактов» [7,с.242].

Илон Маск – один из членов уже упомянутой международной платежной системы PayPal и корпорация Kernel под руководством Брайана Джонсона работают над проектом, в основе которого лежит связь мозга человека и компьютера. По сути, разрабатывается технология, которая позволит получить информацию с мозга человека и записывать их на цифровые носители. Этот же процесс можно осуществить и в обратном направлении – с компьютера на мозг.

«Речь идет о создании сети электродов, которые имплантируются в голову, для того чтобы собирать данные, генерируемые мозгом человека, или наоборот, загружать их туда. В широком смысле Маск решил заняться нейронными интерфейсами или нейрокомпьютерными интерфейсами - технологиями «мозг - компьютер», которые обеспечивают передачу данных между человеческим мозгом и внешним устройством (например, компьютером).

Работа по достижению поставленной цели ведется сразу по нескольким направлениям. Создание «нейропыли» - плавающих в крови датчиков размером с эритроцит (кровяное тельце, переносящее кислород, его диаметр в крови человека - 6,2-8,2 мкм, толщина - 2 мкм, объем – 76-110 мкм$^3$), которые покрыты искусственной мембраной» [6,с.242].

Идея о сверхчеловеке в той или иной степени присутствует в творчестве выдающихся ученых и философов, поэтах и писателей, в величественных эпосах, поэмах, мифах, сказках и в устном народном творчестве. Наглядной иллюстрацией может послужить образ Рустама из

поэмы Фирдоуси «Шахнаме», прославившись своими подвигами в ниспровержении врагов Ирана или народный герой из эпоса «Гуругли».

На теоретическо-философском уровне идею сверхчеловека описал и обосновал немецкий философ Ницше. В качестве идеала сверхчеловека у него служит персидский пророк, основатель зороастризма – Заратустра. В понимании Ницше, «Сверхчеловек – воплощённая воля к становлению, к творчеству, которая предполагает и факт собственной конечности: он, сверхчеловек, потому и сверхчеловек, что пытается преодолеть в себе человеческое, свою ограниченность во всех ее аспектах – ограниченность срока жизни, ограниченность силы, ограниченность знания. Он говорит «да» становлению» [3,с.242].

В основе деяний и поступков человека лежит животворящая сила, именуемая как «воля к власти». Ницшеанский образ «сверхчеловека» – это культ «сильной личности», одержимой жаждой власти. «Все критерии морали носят чисто произвольный характер, а все формы человеческого поведения маскируют «волю к власти». У людей слабых она проявляется как воля к «свободе», у людей сильных – как воля к большей власти или, если это не приводит к успеху, как воля к «справедливости», у самых сильных – как любовь к человечеству, чем маскируется стремление к подавлению чужой воли» [6,с.42].

В современную эпоху техногенной цивилизации идея сверхчеловека выступает в виде «постчеловека». Правда, это уже не футурологический идеал, а реальность, реализуемая на практике со стороны ученых, на базе использования высокотехнологических информационных технологий (IT). Причем речь идет не просто о конструировании «мыслящих роботов», удачно заменяющих и вытесняющих человека из традиционных сфер производства и интеллектуально-умственного труда. Здесь вопрос ставится о том, чтобы сконструировать человеко-машинное существо, которое, подобно роботам, будет способно выполнять сверхточные технологические операции. Очевидно, что обладателями таких «золотых» способностей будут в первую очередь те, кто обладает значительным состоянием. Как отмечает российский ученый Кутырев, «причина появления феномена постчеловека в том, что нынешний исторический человек все труднее вписывается в социотехническую систему, какой становится общество. Он перестает быть собственно (исключительно) человеческим существоми преобразуется в человеко-машинное. Человеко-машинным, «социальной машиной» его можно считать с момента, когда техника начинает заменять не только физическую, но и умственную силу человека. Массово это происходит в компьютерно-информационном обществе, вернее, уже не в обществе, а Системе, Техносе, где человек действует и живет по логике технологии»[4,с.62].

Сторонники идеи трансформации человека в постчеловека полагают, что современный человек исчерпал себя как вид HomoSapience, и что его трансформация может наступить в ближайшие столетия, если не десятилетия. «Вместе с пришествием постчеловека наступит гибель человеческого мира и замена его на постчеловеческий, на «анторопогеосферу», полностью техническую среду как основу бытия новой, исключительно техногенной цивилизации»[3,с.90].

За последнее время достижения генетики свидетельствуют о том. что возможности науки могут не только служить на благо человечества (в плане излечение и избавление людей от наследственных болезней уже на стадии формирования эмбриона в утробе матери или «выращивать» для него необходимые органы), но и воскрешать из клеток умерших людей их двойников – так называемых клонов. Подобное манипулирование с генетическим кодом человека угрожает самому существованию человека как виду Homosapience. Эксперименты с овечкой «Доли» свидетельствуют о том, что ученые готовы вмешаться в дела Бога и «вылепить» человекоподобное существо «во плоти», но лишенное души.

Современная наука проникает в те области, за гранью которых может наступить процесс вымирания человеческого рода. Даже распространенное в настоящее время искусственное оплодотворение яйцеклеток супругов (так называемого ЭКО) или использование спермы мужчины в утробе чужой женщины, которую используют в качестве инкубатора, выполняющая эту оплачиваемую процедуру на «заказ», таят в себе определенную угрозу вырождения человечества. Все это признаки наступления виртуальной эпохи, где люди могут на бесконтактной основе рожать детей, не общаясь друг с другом, не зная друг друга, не любя друг друга. Бесспорно, что медицинская наука делает ошеломляющие успехи в лечении некоторых болезней, в пересадке органов (сердца, почки, печени и др.), а также разрабатывает искусственные органы в виде стволовых клеток для замены поврежденных органов человеческого тела, способствующих продлению жизни людей. Но это не дает право ученым пересекать красную черту, вмешиваться в дела Бога и словно на принтере распечатывать «человеческие копии» бездушных существ.

Вмешательство генетики в человеческий плод на стадии его формирования в утробе матери с целью исправления «ошибок» природы, т.е. лечение врожденных наследственных травм, является оправданным и большим достижением медицины в плане появления на свет полноценного здорового поколения. Однако вызывает опасение использования возможностей медицины, в частности, генетики, для корректировки плода для рождения идеального совершенного индивида. Такого рода манипуляции с формирующимся эмбрионом, когда родители могут «на заказ» вмешаться в генетический код и изменить, например, цвет лица и волос, подкорректировать срезы глаз, подобрать форму носа, губ, бровей и ушей и т.д., могут иметь негативные моральные, психические и социальные последствия.

Об этом напоминает выдающийся физик современности Стивенс Хокинг. В своей книге С. Хокинг пишет, что «в недалеком будущем станет возможным изменить личные ДНК или ДНК своих детей и близких. Это позволит иметь более хорошую память, интеллект, иммунитет и продолжительность жизни. Изменения подобного характера будут доступны только богатым людям. По сути, обеспеченные родители смогут самостоятельно предначертать жизнь ребенку еще до его рождения, путем модификаций ДНК.

Возможно, против генной инженерии на людях примут определенные законы, но некоторые не смогут побороть искушение"[8,с.21]. Физик-теоретик предполагает, что "суперлюди" вытеснят обычных, что приведет к тому, что последние станут либо "низшей кастой", либо вымрут»[8,с.76].

Генетическая наука имеет в своем распоряжении средства, позволяющие по желанию родителей выбрать пол будущего своего ребенка. В отдельных случаях, речь идет о сложных формах заболеваний, если это угрожает жизни ребенка, например, связанные с врожденными пороками сердца и других заболеваний. Уже сейчас над болезнями такого рода проводятся сложнейшие операции со сформировавшимся плодом в утробе матери. Однако использование «услуг» современной медицины для исправления соматических органов здорового плода вызывает опасения, и, с этической точки зрения, не является оправданным. Ребенок в утробе матери – это не косметический салон, где можно красить губы помадой, наложить на лицо ароматные кремы, подкрасить ногти или подтянуть себе кожу лица для ее омоложения. Это «божественный алтарь», где воссоединяется душа и тело человека и рождается жизнь.

Человечество находится у опасной красной линии, и оно не должно позволить ученым пересекать ее. Человек не должен быть иным существом, кроме как человеком, потому что человек - это тайна Вселенной.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Зотов А.Ф. Современная западная философия / А.Ф. Зотов. –М: Мысль, 2005. – 781 с.
2. Золкин А.Л. Философия /А. Л. Золкин. -М.: Дана, 2005. -563 с.
3. Ильенков Э.В. Философия и культура / Э.В. Ильенков. -М.: Политиздат, 1991. - 464 с.
4. Кутырев В.А. Обретение и утрата человека в контексте философской антропологии / В.А. Кутырев Личность. Культура. Общество. -М: Мысль, 2001. -С.169.
5. Learningtobehuman. The XXIV world Congressof Philosophy. Beijing. China, 2018. – 305 с.
6. Поппер К. Открытое общество и его враги. В 2-х т / К. Поппер. -М., 1992. -361 с.
7. Спиркин А.Г. Философия. Гардарики, М / А. Г. Спиркин М Гардарики. -М.: Мысль, 2000. -320 с.
8. Хокинг Стивен. Краткая история времени / С. Хокинг. -М., 2000. - 260 с.
9. Кемеров В.Е. Проблема личности: методология исследования и жизненный смысл / В.Е. Кемеров. -М.: Политиздат, 1977. – 256 с.


## ТРАНСГУМАНИЗМ ВА ОЯНДАИ ИНСОНИЯТ


Дар мақола муаллифон масъалаҳои трансгуманизм ва шахсияти абармард ва навъҳои гуногуни онро матраҳ намудаанд. Муаллифон бар он назаранд, ки тарафдорони таълимотҳои зикршуда чунин андеша доранд: “трансгуманизм ва шахсияти абармард самараи тамаддуни техногении замони муосир” буда ва дар ин робита сенарияҳои гуногуни таҳаввулоти ояндаи инсониятро тарҳрезӣ менамоянд. Муаллифон қайд менамоянд, ки иштирокчӣ ва созмондиҳандаи он ширкатҳои азими молиявӣ, тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ, ба мисли “Pay Pal», “Spaes X”, “Tesla Motors”, “Neirolink” баромад мекунанд ва фаъолияти онон ба ҳамҷурӣ ва ҳамоҳангкунии мағзи сари инсон ва компютер равона шудааст. Муаллифон нуқтаи назари К. Попперро ҷонибдорӣ намуда, бар он назаранд, ки ҷомеаи “трансгуманистӣ” бояд дар оянда ҷомеаи кушодаи либералии Ғарбро иваз намояд. Дар айни ҳол бояд таъкид намуд, ки аз самараи ҷомеаи зикршуда, пеш аз ҳама, “тифлакони тиллоӣ”-и доираҳои молиявӣ, трансмиллӣ ва ашрофони сиёсии ҷомеаи америкоӣ истифода хоҳанд намуд.



**Калидвожаҳо:** трансгуманизм, постгуманизм, трансинсон, тамаддуни техногенӣ, киборгизатсия, интерфейс, истеъмолкунандаи тамаддунӣ, гикономикс, human – mashin.


## ТРАНСГУМАНИЗМ И БУДУЩЕЕ ЧЕЛОВЕЧЕСТВА


В данной статье освещается проблема трансгуманизма и различные ее модификации, такие, в частности, как трансчеловек, постчеловек и сверхчеловек. Авторы приходят к выводу, что сторонники данных концепций пытаются обосновать свою точку зрения, основываясь на том, что трансгуманизм, или постгуманизм, является

плодом современной техногенной цивилизации и разрабатывает в связи с этим различные сценарии будущей «эволюции» человека. Причем активными участниками и разработчиками выступают крупнейшие коммерческие, финансовые и транснациональные компании, такие как PayPal», "SpaesX", TeslaMotors, Neirolink, деятельность которых направлена на синхронизацию человеческого мозга и компьютера. Авторы подчеркивают мнение К. Поппера: трансгуманное общество должно сменить в будущем либерально открытое общество на Западе. При этом плодами указанного общества в первую очередь будут пользоваться «золотые мальчики» истеблишмента, финансовые и транснациональные круги американского общества.

**Ключевые слова:** трансгуманизм, постгуманизм, трансчеловек, техногенная цивилизация, киборгизация, интерфейс, гикономикс, нейропыль, квалифицированный потребитель, человеко-машина, тестостеро

**TRANSHUMANISM AND A FUTURE OF HUMANITY**

In this article is lighted the problem of trance humanism and his different modification such as for example trancehuman, Posthuman and so on. Adherents that doctrines try to found their point of view based on that trunshumanizm or posthumanizm are product of the modern technic civilization and is work out in connect with that different scenarios of Future of evolution of human. At that an active participators and inventers are big commercial, finances and transnational companies and corporates such as Pay Pal», "Spaes X", Tesla Motors, Neirolink activity that is directed to the synchronization of a human brain and computer. In C. Popper opinion transhuman society must to change in the future a liberal open society in west. First of all the products of mentioned of society will be used by "golden boys" of establishment, financial and transnational companies of American society.

**Key words:** trancehumanism, trancehuman, Posthuman, interfacecvalification, consumer, riborgization, giconomix, testosterone, human – mashin.

**Сведения об авторах*:* *Рахимов Мухсин Хусейнович*** - Таджикский технический университет им. М.С. Осими. доктор философских наук, профессор кафедры общественных наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Раджабовых, 10. E-mail: **Rakhimov55@mail.ru**

***Тураев Файзали Раджабалиевич*** - Таджикский технический университет имени М.С. Осими, преподаватель кафедры общественных наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Раджабовых, 10. E-mail: **Rajabalievich-83@mail.ru.** Телефон: **907-75-43-60**

**Information about the author:** ***Rakhimov Mukhsin Khuseynovich*** - Tajik Technical University. M.S. Osimi Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Social Sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Radzhabov Avenue, 10. E-mail: **Rakhimov55@mail.ru**

***Turaev Faizali Radjabalievich*** - Tajik Technical University named after MS. Osimi, Lecturer, Department of Social Sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Radzhabov Avenue, 10. E-mail: **Rajabalievich-83@mail.ru.** Phone: **907-75-43-60**

**УДК:372.8 (575.3)**

# НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ МАРГИНАЛИЯТ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

***Шоев Н.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маргиналият ҳамчун зухуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ ба масъалаи муҳимми ҷомеаҳои муосир ва тағйирёбанда табдил меёбад. Омӯзиши масъалаи маргиналият аҳамияти зиёди илмӣ-таърихӣ ва иҷтимоӣ дорад, зеро дар Тоҷикистон мафҳуми "маргиналият" танҳо дар даҳсолаи охир ба илм ворид шудааст. Дар баъзе аз доираҳои илмӣ оиди ин мафҳум ҳатто маълумоти кофӣ надоранд. Ҷойивазнамоии иҷтимоӣ, урбанизатсия, глобализатсия, низоъҳои иҷтимоӣ, ислоҳотҳои иҷтимоӣ, бекорию камбизоатӣ ва мушкилоти дигари иҷтимоӣ боиси пайдоиши мафҳумҳои нави илмие, мисли "маргиналият", "маргиналӣ будан" ва "шахси маргиналӣ" гардид.

Умуман мафҳуми "маргиналият" солҳои 1980-уми асри гузашта ба гардиши илмӣ ворид гардида, асосан нисбати табақаи поёнии аҳолӣ истифода мешавад. Масъалаи маргиналият дар ин ё он дараҷа ҳамеша вуҷуд дошт. Омӯзиши ин падида, хусусан дар солҳои 50-90-уми асри XX ва дар замони муосир бештар авҷ гирифт.

Маргиналияти аҳолӣ яке аз зуҳуроти навини ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад, ки ба сохтори иҷтимоии ҷомеа ботадриҷ таъсири худро расонида истодааст. Нишон додани хусусиятҳои хосси ташаккулёбии навъи маргиналии шахс ва ба инобат гирифтани он омили муҳимми ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад [5,с.51-52].

Дар илми сотсиология зери мафҳуми "маргинал" одамон ва умумиятҳои иҷтимоие дар назар дошта мешавад, ки арзишҳои ин ё он гурӯҳи ба он тааллуқдоштаи худро аз даст додаанд ва арзишҳои гурӯҳи дигарро ҳанӯз аз худ накардаанд ва ё тарзи рафтор ва низоми арзишҳояшон аз рафтор ва арзишҳои қабулшуда ва маъмулии ҷомеа фарқ мекунанд. Зери мафҳуми маргинал одамони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоиеро дар назар доранд, ки соҳиби касб, сарчашмаи даромад ва мақоми иҷтимоӣ нестанд. Маргинал шахсест, ки аз як синфу

табақа ва маданият маҳрум шуда, ба дигараш ворид шуда наметавонад ё ба ибораи дигар «дар ду дунё» зиндагӣ менамояд. Рафтори шахси маргинал дар доираи низоми арзишҳои иҷтимоӣ намеғунҷад ва ҳатто ба низоми нави ташаккулёбанда созгор нест. Ин шахс якбора дар ду ҷаҳон зиндагӣ мекунад, аммо дар ҳеҷ кадоме аз онҳо пурра мутобиқ шуда наметавонад.

Мафҳуми “маргиналият” табиати “дугона” дорад, яъне ҳам ба маънои мусбӣ ва ҳам ба маънои манфӣ фаҳмида мешавад. Ба маънои манфӣ - ин мафҳум нисбати люпедҳо, бехонаю беҷой, одамони шахсияташонро аздастдода, оворагарду гадо ва вобастаи маводҳои мадҳушкунанда истифода мешавад. Ба маънои мусбӣ мафҳуми “маргинал” нисбати одамони эҷодкору аз ҳамасрони худ пешрафта истифода мешавад, ки онҳо дар байни дигарон ҷойи худро намеёбанд ва қолабҳои мавҷудаи муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро риоя намекунанд.

Марғиналият зуҳуроти табиӣ аст, аммо зиёд шудани намояндагони он ва ба ворисият табдил ёфтани арзишҳои он барои ҷомеа хатар дорад, зеро гурӯҳҳои маргиналӣ тартибот ва арзишҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаро намепазиранд. Аксарияти намояндагони гурӯҳҳои маргиналӣ сафи гурӯҳҳои ҷинояткор, бе касбу ихтисос, камбизоат, бекор ва амсоли инро пурра менамоянд.

Дар аввал ин мафҳум нисбати коргарони аз ҳад камбизоат истифода мешуд, минбаъд ба ин қатор маргиналҳои нав, мисли одамони аз истеҳсолот дарканормонда илова шуданд. Гарчанде ин одамон мутахассис ва соҳиби қобилияти касбӣ ҳастанд. Ба маргиналҳо табақаи камбизоати аҳолӣ, бекорон, бепарасторону шахсони ба ҷойи зисти муайян ва оворагардон, гурезагон, шахсони аз деҳот ба шаҳр ҳиҷратнамуда, вале ба шароити шаҳр мутобиқнашуда, одамони аз маҳбас озодшуда, шахсони аз хизмати ҳарбӣ баргашта ва амсоли инҳоро низ дохил мекунанд. Баъзе аз маргиналҳо дар натиҷаи прогресси илмӣ - техникии нимаи дуюми асри XX пайдо шуданд. Бисёре аз коргарон, ки ба меҳнати дастии анъанавӣ одат карда буданд, ба рақобати шаддиди компютеризатсияи ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот тоб оварда натавонистанд.

Аҳамияти омӯзиши масъалаи мазкур дар он аст, ки то ҳол аз тарафи олимони тоҷик ин зуҳуроти иҷтимоӣ комилан омӯхта нашудааст ва ягон тадқиқоти васеи илмие дар ин самт вуҷуд надорад. Ҳоло он ки омӯзиши ин масъала ҳанӯз аз ҷониби донишмандони асри XIX-XX-и Ғарб оғоз гардида, дар охири асри XX ва аввали асри XXI аз тарафи олимони рус мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифт. Баъд аз асосгузори ин мафҳум Роберт Парк ҷанбаҳои гуногуни масъалаи маргиналият аз ҷониби А. Антоновский, М. Вуд, Р. Глас, М. Гордон, Я. Краусса, В. Манчини, Т. Уиттерман, Т. Шибутани, Э. Хюгз, Н. Смелзер, Л. Васкович, Ж. Леви-Сфенже, С. Рабан, П. Розанваллон, А. Атонян, А. Галкин, В. Радаев, Е. Рашковский, З.Т. Голенков, В.И. Добренков, М.И. Еникеев, Т.И. Заславский, Е.Д. Игинханян, В.В. Лунев, И.П. Попов, Н.М. Римашевский, Е. Стариков, К.А. Феофанов ва дигарон омӯхта шудаанд.

Мафҳуми «маргиналият»-ро аввалин шуда охири солҳои 20-уми асри XX сотсиологи амрикоӣ Р. Парк (1864-1944) дар рисолааш "Муҳоҷирати инсонӣ ва шахси маргинал"[13,с.45] бо мақсади ошкор кардани оқибатҳои иҷтимоию равонии мутобиқ нашудани муҳоҷирон ба шароити шаҳр истифода карда буд. Р. Парк асосан дар бораи маргиналияти фарҳангӣ ақида ронда, онро ҳолати дар ду гурӯҳи гуногуни фарҳангӣ зистани шахс арзёбӣ намудааст. Аз нуқтаи назари Р. Парк сабаби ба вуҷуд омадани маргиналият ин ҷойивазкунии иҷтимоии шахс ва муҳоҷират мебошад [7,с.34]. Ӯ чунин андеша дошт: «Шахсони маргиналӣ дар ду синф зиндагӣ мекунанд ва дар ҳар дуи ин синф худро бегона ҳис мекунанд” [13,с.45].

Гузориши бештарро оиди маргиналият сотсиологи олмонӣ Г. Зиммел додааст. Ӯ бори нахуст навъи бегонашавии иҷтимоиро чун универсалияти иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, маргиналиятро гуногунандешаии одамон, неруи мушоҳидакунандаи инкишофи ҷамъият номидааст [2, с. 237].

Тадқиқотҳои минбаъда (У.Г. Самнер, Э. Стоуквист, Р., Э. Дюркгейм) нишон доданд, ки маргиналияти фарҳангӣ танҳо як навъи маргиналият аст. Масалан, Э. Дюркгейм чунин мешуморид, ки дар шароити тақсимоти меҳнат одамон кӯшиш мекарданд, он ҷоеро дар сохтори иҷтимоӣ ишғол намоянд, ки ба қобилият ва истеъдоди касбии онҳо мувофиқ бошад. Тақсимоти меҳнат барои ҷойивазкунии амудии аъзоёни ҷамъият имконияти баробар таъмин мекунад ва сабабҳои низои иҷтимоиро ба роҳи созмон додани ҳамфикрии табиӣ аз байн мебарад. Дар натиҷаи тақсимоти меҳнат, давраи гузариш ва аномия шахсони маргинал пайдо мешаванд. Гузариш аз як сохтор ба сохтори дигари иҷтимоӣ, тағйирёбии босуръати ҷомеа дар баробари мушкилоти иқисодӣ буҳрони ҳуқуқию ахлоқӣ, аномия ва ё «хаоси фарҳангӣ»- ро низ ба бор меорад. Тағйироти куллии иҷтимоӣ ногаҳон

рӯй медиҳад, ки аксарияти аҳолӣ ба таъсири он омода нестанд. Дар зери таъсири ин раванд фардҳои иҷтимоӣ таҷрибаи ҳаётии худро аз даст дода, «муфлисшавии доимӣ» пайваста онҳоро таҳдид менамояд. Ғояи "аномия" ба сотсиологи француз Э.Дюркгейм тааллуқ дорад. Аномия ҳолати иҷтимоиест, ки бо тағйир ёфтани сохтори ҷомеа ва вазъи буҳрони низоми арзишҳо ва меъёрҳои ҷомеа аҳамияташонро гум намуда, заиф ва корношоям шуда мемонанд. Дисфунксияи институтҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин ҳолат одамон намедонанд рафтору амалашонро ба кадом меъёрҳо ва арзишҳо созгор намоянд, аз ин рӯ тадриҷан ба маргинал табдил меёбанд. Дар натиҷаи "аномия" қисме аз аҳолӣ даст ба қонуншиканӣ ва ҷиноят зада, бо роҳҳои «номақбул» зиндагии худро пеш мебаранд. Шаҳрвандоне, ки рӯҳияи пессимистона доранд, роҳи наҷотро наёфта, ба гӯшанишинӣ, оворагардӣ, гадоӣ, нашъамандӣ, майхорагӣ ва дигар аъмоли ношоиста рӯ меоранд.

Э. Дюркгейм аномияро шакли патологияи иҷтимоӣ меномад. Ҳамин тавр дар ҷомеа ҳолати беқонунӣ, амал накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ, пайдоиши намудҳои гуногуни каҷрафторӣ ва патология сар мезанад. Аномия ҳолати ҷомеа мебошад, ки аз сабаби набудани муқаррароти ҷиддии коллективӣ ва арзишу меъёрҳои ҳуқуқӣ вазъи ногуворено аз сар мегузаронад [3]. Мувозинати ҷамъиятӣ вайрон мегардад, як қисми одамон зуд ҳолати хуби ҳаётиро соҳиб мешаванд, аксарият мақоми иҷтимоии худро аз даст медиҳанд. Маҳдуд будани имкониятҳои қонеъгардонии талаботҳои инсонӣ, набудани меъёрҳои самараноки танзимкунандаи ин талаботҳо одамони зиёдеро бадбахт мегардонад, ба каҷрафтории иҷтимоӣ водор менамояд, ҳатто то худкушӣ оварда мерасонад.

М. Вебер дар хусуси ҳаракати ҷамъиятӣ андешаҳояшро баён намуда, чунин хулоса мекунад, ки инқилоб ва ислоҳот боиси пайдошавии гурӯҳҳои иҷтимоӣ мешаванд. Амали иҷтимоӣ воҳиди содатарин ва одитарини амалиёти иҷтимоӣ мебошад, ки вазъи шахсро дар сохтори иҷтимоии ҷомеа муайян менамояд. Ин мафҳумро М. Вебер барои ифода кардани амали инсон, ки аз рафтори гузашта, ҳозира ва ояндаи одамони дигар бошуурона хабардор аст, кор карда баровардааст. Моҳияти ҳаёти ҷамъиятӣ ба фаъолияти амали инсон асос меёбад. Инсон фаъолияти худро дар асоси муносибат бо дигар одамон, ки шаклҳо, навъҳои онҳо дар тӯли таърих ташаккул ёфтаанд, амалӣ мекунад. Сотсиологи немис М. Вебер ба масъалаи маргиналҳои зеҳнӣ аҳамият дода, қайд мекунад, ки баъзе аз интеллектуалҳо идеяҳои худро дар амал татбиқ карда натавониста, ба маргинал табдил меёбанд [1,с.159-160].

Файласуф М. Фуко маргиналро интеллектуал, навовар, эҷодкор ва намояндаи зиёӣ номидааст [14,с.213]. Ба ақидаи М. Фуко, ҷаҳони ботинии шахси маргинал нисбатан бой буда, онро аз нуқтаи назари танқидӣ нигаристан лозим нест [11,с.56]. Маргиналҳо мехоҳанд қобилияти худро амалӣ намоянд ва тарзи зиндагии худро месозанд ва ба ин васила аз дигарон фарқ кардан мехоҳанд. Сотсиологи амрикоӣ Э. Стоунквист ба маргиналҳо чунин эҳсосотро хос медонад: эҳсоси мутобиқ шуда натавонистан, шиддати ботинӣ, ноороми, бегонашавӣ, ҷудоӣ аз дигарон, ҳаяҷону безобитагӣ, ғазабу танҳоӣ, ростгӯӣ ва ҳақиқатҷӯйӣ. Дар натиҷаи ғаму андӯҳи зиёд ва эҳсоси бечорагию нотавонӣ шахс ба маргинал табдил меёбад [20,с.100].

Сотсиологи дигари амрикоӣ Т. Веблен маргиналро шахси аз ҷиҳати маънавӣ пешрафта меҳисобад. Ба ақидаи ӯ, маргиналҳо як қатор хусусиятҳои маданиятҳои гуногунро аз худ кардаанд ва таҷрибаи бою ғанӣ доранд. Ба ақидаи Т. Веблен, маргинал шахси эҷодкору навоварест, ки дар натиҷаи фаъолияти худ ба ҷомеа арзишу идеяҳо ва идеалҳои навро ворид менамояд. Маргиналҳо ҷаҳонбинии васеъ, нуқтаи назари дақиқ ва неруи эҷодкорӣ доранд.

Р. Мертон дар навбати худ, маргиналиятро дар назарияи гуруҳи референтӣ дида баромадааст. Ба ақидаи Р. Мертон, маргинал дар ҳолате пайдо мешавад, ки агар шахс тавассути сотсиализатсия барои гурӯҳе тайёр шавад, ки дар асл худаш ба ин гурӯҳ ворид шудан намехоҳад.

Яке аз назариётчиёни назарияи функсионализми сохторӣ дар илми сотсиология Р. Мертон аномияи иҷтимоиро ҳамчун мувофиқат накардан ё низои байни ду унсури сохтори меъёрӣ-арзишии ҷомеа: манфиатҳо ва мақсадҳо аз рӯйи нишондоди одамон ва роҳҳои тасвибу иҷозати иҷтимоӣ бо воситаҳои амалӣ намудани онҳо номидааст [10]. Мувофиқи назари Р. Мертон, ҳамаи зуҳуроти иҷтимоӣ дар ҷомеа функсияҳои худро доранд. Предмети таҳлили махсуси Р. Мертон мувофиқат кардан ё накардани мақсадҳои фарҳангии мақбули умум ва меъёрҳои институтсионалӣ қарор гирифтааст.

Ба андешаи Р. Мертон, дар байни унсурҳои сохтори иҷтимоӣ ду унсур махсусан муҳим мебошанд:

- Унсури аввал аз мақсаду ниятҳо ва манфиатҳои аз тарафи маданияти ҳукмрони ҷомеа муайянкардашуда таркиб ёфтааст.
- Унсури дувум тарзу роҳҳои эътирофшудаи расидан ба ин мақсаду манфиатҳо мебошад. Меъёрҳои иҷтимоӣ тарзу роҳҳои расидан ба мақсадҳоро муайян, танзим ва назорат кардан аст.

Мувофиқи назарияи Р. Мертон, ҳангоме маргиналҳо мехоҳанд, ки ба муваффақият ноил гарданд, аммо боварӣ дошта бошанд, ки ба ин муваффақият бо воситаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ эътирофгардида расида наметавонанд, онҳо ба роҳҳои ғайриқонунии расидан ба ин мақсад, ҳатто ҷиноят рӯй меоранд. Умуман, вайроншавии мувозинати байни мақсадҳо ва воситаҳо ба аномия оварда мерасонад.

Р. Мертон дар асоси муносибат ба мақсадҳои одамон ва воситаҳои қонеъгардонии онҳо чунин навъҳои шахсро ҷудо намудааст:

1. Конформист - мақсадҳои фарҳангӣ ва воситаҳои дастраснамоии онҳоро, ки ҷомеа эътироф менамояд, қабул намудааст.
2. Нававар - кӯшиш менамояд, мақсадҳои фарҳангиро тавассути роҳҳои ғайриқобили қабул ба даст биорад.
3. Анъанагаро - воситаҳои институтсионалиро қабул дорад, аммо мақсадҳои фарҳангиро рад менамояд.
4. Ҷудошуда - аз анъанаҳои фарҳангӣ ва алоқаҳои институтсионалӣ берун мондааст.
5. Исёнгар – аз мақсад ва воситаҳои қабулшуда берун мебарояд, меъёру арзишҳо ва воситаҳои нави бадастоварии онҳоро кор карда мебарояд [21,с.217].

Дар таълимоти марксистӣ мафҳуми "маргинал" истифода намешавад, аммо хусусиятҳои шахси маргиналро дар он мушоҳида намудан мумкин аст. Коргароне, ки аз воситаҳои истеҳсолот маҳруманду барои сармоядорон кор мекунанд ва аз маҳсули меҳнаташон бенасибанд, айнан табақаи маргиналро ифода менамояд. Ба ақидаи К. Маркс, дар ҳар як ҷомеа нобаробарии иҷтимоӣ ҳатман вуҷуд дорад. Таълимоти марксистӣ, нобаробарӣ ва фарқияти иҷтимоии одамонро бо мафҳуми «синф» ва таълимоти ғайримарксистии сотсиологияи Ғарб бо мафҳуми «табақа» ифода намудаанд. К. Маркс ба чунин паҳлуҳои манфии капитализм, ба монанди истисмори инсон аз тарафи инсони дигар, қашшоқшавии оммаи халқ ва зиёдшавии ҷинояткорӣ диққати махсус медод. Ба андешаи ӯ, дар доираи капитализм ин зуҳуротро аз байн бурдан номумкин аст, чунки капитализм ба монанди ғуломдорӣ ва феодализм сохти антагонистӣ[†] дорад. Дар он ҷомеаҳое, ки синфҳо вуҷуд доранд, антагонизм вуҷуд дорад, яъне як синф ҳамеша синфи дигарро истисмор мекунад, аз ҳисоби қувваи кории онҳо зиндагӣ мекунад. Дар натиҷаи истисмор истисморшавандагон аз маҳсули меҳнати худ бегона мегарданд [6].

Дар сохти капитализм маблағе, ки ба сифати қувваи корӣ дода мешавад, аз арзиши қувваи кории сарфшуда чанд маротиба кам аст, бинобар ин зиддиятро миёни синфи истисморкунанда ва истисморшаванда дар доираи ин сохт аз байн бурдан номумкин мебошад. Синфе, ки соҳиби сарват аст, ҳеҷ гоҳ намехоҳад сарвати ҷамъкардаи худро аз даст диҳад. Синфе, ки ин гуна сарватро надорад, кӯшиш мекунад соҳиби сарват шавад. Муборизаи миёни синфҳоро омӯхта, Маркс ба чунин хулоса омад, ки истисморро ба воситаи ислоҳоти ҷомеа аз байн бурдан номумкин аст. Истисморро танҳо ба воситаи барҳам додани ҷомеаи синфӣ ва ба ҷойи он ташкил кардани ҷомеаи бесинф, ки дар он ҳамаи аъзоёни ҷомеа баробар-ҳуқуқанд, бартараф намудан мумкин аст.

Аз олимони рус дар солҳои 80-уми асри гузашта масъалаи маргиналиятро Е. Стариков [16;17;18;19;20] мавриди омӯзиш қарор додааст. Ба ақидаи ӯ, маргиналият ба сифати зуҳуроти иҷтимоӣ натиҷаи муҳоҷират ва парадигмаи рушди осиёгии ҷомеа мебошад. Аз тадқиқотҳои навини соҳаи маргиналият кори В. Каганскийро номбар намудан мумкин аст. Ба ақидаи В. Каганский, маргиналиятшавии аҳолӣ асосан натиҷаи раванди гузариши ҷомеа мебошад [4,с.25]. Ӯ қайд мекунад, ки давраи гузариш дар ҷомеа ҳолати буҳронӣ, мушкил ва зиддиятнокест, ки интихоби роҳи минбаъдаи рушд гум мегардад. Давраи гузариш бештари ҳолат аз худ буҳрони иҷтимоиро рӯйи кор меорад. Давраи гузариш дар ҳолате рӯй медиҳад, ки давлат ё сохтори ҷомеаи мушаххас бо ягон сабаб зуд дигаргун мегардад ва як давраи муайян муносибатҳои нави иҷтимоӣ пайдо шуда, ташаккул меёбанд. Ҷомеашиноси Г.В. Осипов маргиналиятро на танҳо натиҷаи низои байнимаданӣ ва этникӣ мефаҳмид, инчунин онро оқибати раванди сиёсати иҷтимоӣ маънидод мекунад [15,с.121]. Ба андешаи ҷомеашиноси дигари рус Т.Ф. Маслова, муҳоҷирати меҳнатӣ сафи маргиналҳоро зиёд менамояд. Ба ақидаи ӯ, муҳоҷирон ба шароити нав мутобиқ шуда наметавонанд, вобаста ба ихтисоси худ кор намеёбанд ва

[†] Зиддияти оштинопазир миёни синфҳои асосии ҷомеа.

маҷбур касбашонро иваз менамоянд. Дар натиҷа онҳо маҷбуранд, ки дар касби нав кор кунанд ва қобилияти худро пурра ба амал баровarda натавонанд. Бо мурури замон таҷриба ва малакаи касбии худро батадриҷ гум карда, ба маргинал табдил меёбанд [8,с.77-79].

Хулоса, ба ақидаи ҳамаи тадқиқотчиён маргиналият падидаи иҷтимоиест, ки дар натиҷаи тағйирёбии сохтори иҷтимоии ҷомеа ба вуҷуд меояд. Гузариш аз як сохтор ба сохтори дигари иҷтимоӣ, тағйирёбии босуръати ҷомеа дар баробари мушкилоти иқтисодӣ, бухрони ҳуқуқию ахлоқӣ, аномия ва маргинализатсияи шаҳрвандонро ба бор меорад. Тағйироти куллии иҷтимоӣ ногаҳон рӯй медиҳад, ки аксарияти аҳолӣ ба таъсири он омода нестанд. Муҳаққиқон пайдоиши гурӯҳҳои маргиналиро ба дигар омилҳои объективӣ, мисли урбанизатсия (шаҳришавӣ), суръати баланди инкишофи илму техника, глобализатсия, якбора дигаршавии тамоюли мудҳо ва тағйироти соҳаи санъат, инкишофи маданияти омма, афзудани бекорӣ, сатҳи пасти зиндагӣ (даромад ва хароҷот барои дастрасии таълимот, тандурустӣ ва ғайра), ҷойивазнамоии иҷтимоӣ ва ғайраҳо марбут медонанд. Мутобиқшавӣ ба шароити нав, аксар маврид ба таври куллӣ самти зиндагии шахсро тағйир медиҳад. Шахс баъзан муҳити иҷтимоӣ - маънавии худро аз даст дода, ба дигар муҳит мутобиқ шуда наметавонад ва байни ду маданият дармемонад.

Дар Тоҷикистони муосир табақаи маргинали ҷомеа “ҷавон” мешавад. Донишгоҳҳо ба таври оммавӣ ҷавононро ба таҳсилоти олӣ таъмин намуда, аммо онҳо ҷойи кор намеёбанд ва ба табақаи маргинал мепайванданд. Намояндагони табақаи маргинал дар ҳазораи нав ба такягоҳи оламии ҷиноӣ табдил ёфтаанд. Фаъолии онҳо, махсусан, дар замони корпартоиҳои оммавӣ, намоишу гирдиҳамоиҳо, терроризму ҷудоихоҳӣ, ғорату вандализм ва инқилобҳои сиёсӣ зоҳир мегардад.

Имрӯз мо ки ҷомеаи демократӣ ва соҳибистиқлолро бунёд намудаем ва низоми сиёсии идоракунии худро доро ҳастем, бо боварӣ гуфта метавонем, ки дар низоми ҷамъиятии мо барои ҷойивазкунии иҷтимоӣ ҳама гуна воситаҳо амал мекунанд ва раванди маргиналияти иҷтимоии сартосариро пешгирӣ менамояд. Ғайр аз ин, нақши ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва дигар созмонҳоро ҳам дар пешгирӣ намудани раванди маргиналишавии ҷомеа ба инобат гирифтан зарур аст. Сокинони ҷомеаи Тоҷикистон фаъолияти ТҒД-ро дар маҳалҳо самарабахш меҳисобанд ва дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ асоси бунёдӣ доштани онро таъкид мекунанд.

**АДАБИЁТ**


1. Вебер М. Избранное. Образ общества / М. Вебер. – М.: Юрист, 1994.
2. Волков Ю.Г., Добреньков В.И. Социология. Учебник для вузов / Ю.Г.Волков, В.И. Добреньков. – М., 2004.
3. Дюркгейм Э. Самоубийство: социологический этюд / Э.Дюркгейм. – М., 1994.
4. Каганский В.В. Вопросы о пространстве маргинальности / В.В. Каганский // Новое литературное обозрение. – 1999. – № 37 (3). – 97-99.
5. Кемалова Л.И. Маргинальная личность в поисках гражданского согласия / Л.И. Кемалова // Философия. Социология. – 2008. –№1(60). –С. 9-11.
6. Кравченко А.И., Анурин В.Ф. Социология: Учебник для вузов / А.И.Кравченко, В.Ф. Анурин. -СПб.: Питер, 2010.
7. Лысенко Е.Г. Маргинальность и маргиналы западноевропейского средневекового общества в отечественной историографии конца XIX - начала XXI вв.: автореф. дис. ... канд. историч. наук: 07.00.09 / Е.Г. Лысенко. – М., 2011.
8. Маслова Т.Ф. Исследование маргинализации / Т.Ф. Маслова. – Мат. IV ВСК. – М., РОС, 2012.
9. Мельник С.Н. Социологический анализ маргинальности в социальной структуре современного российского общества на примере Приморского края: дисс… канд. социол. наук: 22.00.04 / С. Н. Мельник. – Владивосток, 2003.
10. Мертон Р. Социальная структура и аномия / Р.Мертон // Социологические исследования. – 1992. – №3. – С. 18-29.
11. Могдалева И.В. Роль маргинала-интеллектуала в развитии общества / И.В. Могдалева // Современные исследования социальных проблем (электронный научный журнал). – 2013. - №1(21). – С. 56-59.
12. Паёми Президенти Тоъикистн Эмомалї Раъмон ба Маълиси Олии Љумњурии Тоъикистон. 23.01.2015. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.president.tj/node/7366.
13. Парк Р.Э. Культурный конфликт и маргинальный человек / Р.Э. Парк // Социальные и гуманитарные науки. – 1998. – №2. – С. 45-52.
14. Подорога В. А. Власть и познание (археологический поиск М. Фуко) / В. А. Подорога // Власть: Очерки современной политической философии Запада. – М.: Наука, 1989.
15. Попов И. П. Маргиналность в российском обществе. Монография / И. П. Попов. – М., 2001.
16. Стариков Е. Маргиналы. В человеческом измерении. Монография / Е.Стариков. – М., 1989.
17. Стариков Е. Маргиналы и маргинальность в советском обществе / Е. Стариков // Рабочий класс и соврем. мир. – 1989. – №4. – С. 145.
18. Стариков Е. Маргиналы и маргинальность в советском обществе / Е. Стариков // Рабочий класс и соврем. мир. – 1989. – № 4. – С. 142-155.

19. Стариков Е. Маргиналы, или размышления на старую тему: "Что с нами происходит" / Е.Стариков // Знамя. – 1989. – № 10. – С. 133-162.
20. Стоунквист Э. В. Маргинальный человек. Исследование личности и культурного конфликта / Э. В. Стоунквист // Современная зарубежная этнопсихология: реферат. сб. – М., 1979.
21. Фролов С.С. Социология. Учебник. Для высших учебных заведений / С.С. Фролов. – М.: Наука, 1994.

## НАЗАРИЯ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ МАРГИНАЛИЯТ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

Дар мақола маргиналият ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф масъалаи маргиналиятро аз нуқтаи назари тадқиқотчиёни илмҳои ҷомеашиносӣ таҳлил намуда, ҷойивазнамоии иҷтимоӣ, урбанизатсия, глобализатсия, низоъҳои иҷтимоӣ, ислоҳотҳои иҷтимоӣ, бекорию камбизоатӣ ва мушкилоти дигари иҷтимоиро боиси пайдоиши маргиналият меҳисобад. Ба ақидаи муаллиф мафҳуми “маргиналият” солҳои 80-уми асри гузашта ба гардиши илмӣ ворид гардида, асосан нисбати табақаи поёнии аҳолӣ истифода мешавад. Муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи маргиналият дар ин ё он дараҷа ҳамеша вуҷуд дошт ва яке аз зуҳуроти навини ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад, ки ба сохтори иҷтимоии ҷомеа батадриҷ таъсири худро расонида истодааст. Дар илми сотсиология зери мафҳуми “маргинал” одамон ва умумиятҳои иҷтимоие дар назар дошта мешаванд, ки нишонаҳои ин ё он гурӯҳи ба он тааллуқдоштаи худро аз даст додааст ва нишонаҳои гурӯҳи дигарро ҳанӯз аз худ накардааст ва ё тарзи рафтор ва низоми арзишҳояшон аз рафтор ва арзишҳои қабулшуда ва маъмули ҷомеа фарқ мекунанд. Дар мақола масъалаҳои маргиналият дар таълимоти Р. Парк, Г. Зиммел, У.Г. Самнер, Э. Стоуквист, Р., Э. Дюркгейм, Е. Стариков, К. Маркс, В. Каганский, Т.Ф. Маслова, Г.В. Осипов ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** маргиналият, одами маргиналӣ, гурӯҳҳои маргиналӣ, арзишҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ, бекорӣ, талаботи иҷтимоӣ, қашшоқӣ, аномия, ҷойивазнамоии иҷтимоӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, урбанизатсия, глобализатсия, низоъҳои иҷтимоӣ, ислоҳоти иҷтимоӣ.

## ТЕОРИЯ И МЕТОДОЛОГИЯ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМЫ МАРГИНАЛЬНОСТИ КАК СОЦИАЛЬНОГО ЯВЛЕНИЯ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Публичные выступления (сначала в аудитории) - подготовленные отчеты (о работе группы, сообщение на групповом собрании, доклады (на занятии или в кружке) на литературные, моральные, политические темы, рефераты. Отчеты, доклады и рефераты могут быть вначале написаны, а сообщение должно быть сделано в устной форме.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Рождественский Н.С. Методика грамматики и орфографии в начальных классах (методы обучения). –М.: Просвещение, 1979. –С. 54.
2. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. –М.: Просвещение, 1980. –С.195.
3. Алексюк А.М. Общие методы обучения в школе. –Киев: Сов.школа, 1981. –С. 25.
4. Федоренко Л.П. Закономерности усвоения родной речи. –М., 1984. –С.15–16.
5. Методика преподавания родного языка в средних учебных заведениях / под ред. М.И. Пентилюк: учеб. для студентов филологов. –Киев: Ленвит, 2000. –С.69–70.
6. Хуторской А. Современная дидактика: учебник для вузов. –СПб.: Питер, 2001. –544 с.
7. Практикум по методике обучения украинскому языку / Коллектив авторов; под ред. М.И. Пентилюк. –Киев: Ленвит, 2003. –С. 170.
8. Яворская С.Т. Новый взгляд на старые проблемы // Педагогика и психология. –2004. –№1. –С.105–143.


## ТАКМИЛИ МЕТОДИКАИ ИНКИШОФИ НУТҚИ ШИФОҲИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МАШҒУЛИЯТҲО АЗ ФАННИ ЗАБОНИ РУСӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф мавзӯеро коркард намудааст, ки омӯзиши намудҳои гуногуни фаъолияти нутқиро пешбинӣ менамояд. Машғулиятҳо оиди инкишофи нутқи донишҷӯён бо маводҳои мавҷудбуда роҳандозӣ карда шудаанд, ки дар таълими грамматика, фонетика, лексика алоқамандии курсҳои забонро таъмин менамоянд ва ба инкишофи нутқ иртибот доранд. Муаллиф аз таҷрибаи худ ишора менамояд, ки нақли хаттиро ба нақли шифоҳӣ ва иншои хаттиро ба иншои шифоҳӣ ҷойгузин намудан аз манфиат холӣ нест.

**Калидвожаҳо:** маданияти нутқ, фаъолияти нутқӣ, алоқаи мантиқӣ, асос, нақли хаттӣ, маълумот, раванд.


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕТОДИКИ РАЗВИТИЯ УСТНОЙ РЕЧИ СТУДЕНТОВ НА ЗАНЯТИЯХ РУССКОГО ЯЗЫКА


В данной статье автор разработал тему, которая предусматривает обучение различным видам речевой деятельности. Занятия по развитию речи студентов связываются с текущим материалом, изучаемым на занятиях по грамматике, фонетике, лексике, и на них осуществляется связь языкового курса, который тесно связан с развитием речи. В работе автор из своего опыта очень интересно указывает на то, что письменному изложению должно предшествовать устное изложение, а письменному сочинению может предшествовать устное сочинение.

**Ключевые слова:** культура речи, речевая деятельность, логическая связь, основа, изложение, информация.


## IMPROVING THE DEVELOPMENT METHODOLOGY OF THE ORAL SPEECH OF STUDENTS IN THE RUSSIAN LANGUAGE CLASSES


In this article the author prepared the theme which considered teaching different kinds of speech activities. The classes for developing speech of students connects with current materials, learning in classes phonetics, grammar, lecsics and realizing connection language course which closely connects with development of speech. In this work the author pants from her own experients very interesting things that the written account have to change orally account, but the written compositions may change orally compositions. In whole, this work is very interesting.

**Key words:** culture of speech, speech activity, logical connection, a base, accounts information, to realize, changing, process, to rely.



**Сведения об авторе:** ***Хакимова Шахло*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры русского языка. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14

**Information about the author:** ***Khakimova Shakhlo*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Russian Language Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

УДК 378:796

# НИЗОМИ ТАШХИСИ САЛОҲИЯТНОКИИ ИДОРАКУНИИ РОҲБАРИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МАКОТИБИ ОЛӢ

*Шарипов Ф.Ф., Наҷимиддинов А.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи. С. Айнӣ**

Имрӯз чанде аз муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш намуда истодаанд, ки оид ба тайёркунии мутахассисон дар самти «Роҳбари муассисаи таълимӣ» шуъбаҳои дахлдор кушоянд. Таҳлили мундариҷаи стандартҳои таҳсилоти олӣ дар самтҳои педагогӣ нишон дод, ки ба масъалаҳои идоракунии низомҳои таҳсилот диққати махсус дода мешавад, вале онҳо танҳо тавассути миқдори маҳдуди ками курсҳои назариявӣ, ё ин ки предметҳо ва курсҳо дар бораи интихоби донишҷӯ, ки аз ҷониби мактаби олӣ муқаррар гардидааст, амалӣ карда мешаванд.

Мисол, дар давраи гузаштани таҷрибаи педагогӣ донишҷӯёни мактаби олӣ ҳеҷ вақт ба сифати субъекти идоракунии муассисаи таълимӣ баромад намекунанд. Идоракунӣ бо сатҳи коллективи аввалини кӯдакӣ (гурӯҳи боғчаи бачагона, отряди кӯдакон дар лагери томактабӣ ва ғ.) маҳдуд мегардад. Аз ин рӯ, сатҳи масъулиятнокии таҷрибаомӯзон тибқи талаботҳои таҷрибаи истеҳсолӣ, на ин ки дар асоси тамоми масъулияти муассисаи таълимӣ, аз ҷумла натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ муайян мегардад.

Барои ташхиси шаклгирии салоҳиятҳои базавӣ, ки онҳо асоси салоҳияти идоракуниро ташкил медиҳанд, аз ҷониби мо ҷанбаҳои мухталифи ташхиси психологӣ-педагогии хатмкунандагони макотиби олӣ, ки дар корҳои илмии Б.П. Битинас, А.К. Биков, И.Ю. Гутник, В.П. Давидов, П.П. Дерюгин, О.Ю. Ефремов, Е.Н. Михайличев, В.Н. Новиков, В.П. Симонов, В.А. Сластенин инъикоси худро ёфтаанд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Таҳлили ҳамаҷониба ва омӯзиши натиҷаҳои таҳқиқоти олимон нишон доданд, ки салоҳияти идоракунии роҳбари муассисаи таълимӣ барои хатмкунандагони макотиби олӣ мавзӯи нав буда, ба таври алоҳида омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, ҷиҳати таҳлили шаклгирии салоҳият баҳогузории комплексии он дар асоси намунаҳои салоҳияти идоракунии роҳбари муассисаи таҳсилоти умумӣ зарур аст, ки дар он имконияти таҳсилоти касбӣ ва натиҷаи ташаккули он ба ҳисоб гирифта шаванд [5].

Бо ин мақсад аз ҷониби мо низоми ташхис дар асоси чунин методҳои ташхисӣ, аз ҷумла пурсишнома, мушоҳида, суҳбати илмӣ, тест гирифтан, худбаҳогузорӣ, ҳолатҳои ташхисӣ, методҳои тарҷумаҳолӣ ва ғайраҳо омода карда шуданд.

Таҳқиқот дар асоси маълумотҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ гузаронида шудааст. Дар таҳқиқот 248 хатмкунандаи донишгоҳ иштирок намуданд (с.2017-2018).

Ба сифати намунаи базавии салоҳияти роҳбари муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ, намунаи салоҳият, ки аз ҷониби И.А. Колесникова ва О.Г. Прикот пешниҳод гардидааст, истифода бурда шудааст [4,с.12]. Он сохтори мураккаби қисматҳо ва нишондиҳандаҳоро дошта, бештар таҳлили падидаҳои иҷтимоӣ-педагогиро пешниҳод мекунад:

1. Қобилият барои баҳогузории танқидӣ ва ҳамгироии шахсӣ ва дигар (ватанӣ, хориҷӣ, таърихӣ, пешгӯикардашаванда) таҷрибаи фаъолияти педагогӣ.
2. Кӯшиш барои инкишоф ва (ё ин ки) ташаккули сифатҳои эҷодӣ, ки онҳо имконият медиҳанд, ақидаҳои ягона ҳосил гарданд ва натиҷаҳои инноватсионии педагогӣ ба даст оварда шаванд.
3. Мавҷуд будани фарҳанги рефлексивӣ, шаклгирии талаботҳо дар худрефлексия ва дар рефлексияи муштарак бо дигар субъектҳои раванди педагогӣ.
4. Мавҷуд будани сатҳи баланди фарҳанги муоширатии умумӣ, тасаввуротҳо ва таҷрибаҳои ташкили муошират фарҳангӣ (мураккаб), ки бо қоидаи муколама амалӣ карда мешавад.
5. Мавҷуд будани фарҳанги методологӣ, малакаву маҳорати тафаккури консептуалӣ, намунасозии раванди педагогӣ ва пешгӯӣ кардани натиҷаҳои фаъолиятҳои шахсӣ.
6. Омодагии муштарак бо ҳамаи дигар субъектҳои раванди педагогӣ ҷиҳати аз худ кардани таҷрибаи иҷтимоӣ.
7. Аз худ кардани фарҳанги қабул, интихоб, нигоҳдорӣ, аз нав ба вуҷуд овардан (таҷдид), коркард ва шарҳи иттилоот дар шароитҳои ташаккул додани муносибатҳои бозорӣ дар таҳсилот.
8. Қабул кардани фалсафаи маркетинг ба сифати яке аз ғояҳои асосии фаъолияти

педагог дар шароитҳои ташаккул додани муносибатҳои бозорӣ дар таҳсилот.

9. Қабул кардани мафҳуми рақобатпазирии касбӣ ҳамчун яке аз ғояҳои пешбарандаи рушди шахсияти роҳбар.

10. Мавҷуд будани фарҳанги волои менеҷменти педагогӣ, яъне кӯшиш барои худмуайянкунӣ дар ҳолатҳои интихоби пурарзиш ва қабули ҷавобгарӣ барои натиҷаи охирони раванди педагогӣ, ки он бомуваффақият буданро дар шароитҳои рақобат муайян мекунад.

11. Шаклгирии тасаввуротҳои назариявӣ оид ба тафаккури педагогии системавӣ ва мавҷуд будани таҷрибаи таҳқиқи системавии фаъолияти педагогӣ.

12. Дарки фаъолияти педагогӣ ҳамчун яке аз арзишҳои волои касбии педагог.

13. Қобилият барои коркарди усули фардии рафтори педагогӣ.

14. Қобилият барои қабули арзишҳои инсондӯстонаи педагогикаи муосир, яъне ғояҳои баробарии арзишнокӣ-маъноии субъектҳои фаъолият.

6 самти асосии ташхиси баҳоҳои ба шакли муайян дароварда шудани салоҳияти идоракунии роҳбари ояндаи муассисаи таълимӣ ҷудо карда шудаанд [13]. Аз ин лиҳоз, дар ҳар самти ташхиси фаъолият якбора якчанд усул истифода мешавад, ки онҳо имконият фароҳам оварданд шаклгирии якчанд қисматҳои салоҳияти идоракунии роҳбари ояндаи муассисаи таълимӣ баҳогузорӣ карда шаванд (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Мутобиқати қисматҳои салоҳияти идоракунии роҳбари муассисаи таълимӣ ба самтҳои ташхисӣ мувофиқи ақидаи И.А. Колесникова ва О.Г. Прикот**

| № т/б | Қисматҳои салоҳияти идоракунии роҳбари муассисаи таълимӣ мувофиқи ақидаи И.А. Колесникова ва О.Г. Прикот | Самтҳои ташхис |
|---|---|---|
| 1. | Қобилият барои баҳогузории танқидӣ ва ҳамгироии таҷрибаи шахсӣ ва дигар таҷрибаи фаъолияти педагогӣ (ватанӣ, хориҷӣ, таърихӣ, пешгӯикунанда) | 1. Таҳқиқи соҳаи арзишӣ-маъноии роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 2. | Кӯшиш барои инкишоф ва (ё ин ки) ташаккули сифатҳои эҷодӣ, ки онҳо имконият медиҳанд, ақидаҳои ягона ҳосил гарданд ва натиҷаҳои инноватсионии педагогӣ ба даст оварда шаванд | 2. Таҳқиқи тасвири ҳаёти касбии роҳбарони навкор -хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 3. | Мавҷуд будани фарҳанги рефлексивӣ, шаклгирии талаботҳо дар худрефлексия ва дар рефлексияи муштарак бо дигар субъектҳои раванди педагогӣ | 3. Таҳқиқи омодагӣ ба худинкишофёбии роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 4. | Мавҷуд будани сатҳи баланди фарҳанги муоширатии умумӣ, тасаввуротҳо ва таҷрибаҳои ташкили муошират фарҳангӣ (мураккаб), ки бо қоидаи муколама амалӣ карда мешавад | 4. Таҳқиқи қобилият барои муошират роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 5. | Мавҷуд будани фарҳанги методологӣ, малакаву маҳорати тафаккури консептуалӣ, намунасозии раванди педагогӣ ва пешгӯӣ кардани натиҷаҳои фаъолиятҳои шахсӣ | 5. Таҳқиқи маҳорати ба тарзи стратегӣ фикр рондан ва амал кардан дар роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 6. | Омодагии муштарак бо ҳамаи дигар субъектҳои раванди педагогӣ ҷиҳати аз худ кардани таҷрибаи иҷтимоӣ | 6. Таҳқиқи қобилият барои муошират роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 7. | Аз худ кардани фарҳанги қабул, интихоб, нигоҳдорӣ, аз нав ба вуҷуд овардан (таҷдид), коркард ва шарҳи иттилоот дар шароитҳои ташаккул додани муносибатҳои бозорӣ дар таҳсилот | 7. Таҳқиқи қобилият барои муошират роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 8. | Қабул кардани фалсафаи маркетинг ба сифати яке аз ғояҳои асосии фаъолияти педагог дар шароитҳои ташаккул додани муносибатҳои бозорӣ дар таҳсилот | 8. Таҳқиқи маҳорати ба тарзи стратегӣ фикр рондан ва амал кардан дар роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 9. | Қабул кардани мафҳуми рақобатпазирии касбӣ ҳамчун яке аз ғояҳои пешбарандаи рушди шахсияти роҳбар | 9. Таҳқиқи омодагӣ ба худинкишофёбии роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |

| | | |
|---|---|---|
| 10. | Мавҷуд будани фарҳанги волои менеҷменти педагогӣ, яъне кӯшиш барои худмуайянкунӣ дар ҳолатҳои интихоби пурарзиш ва қабули ҷавобгарӣ барои натиҷаи охирони раванди педагогӣ, ки он бомуваффақият буданро дар шароитҳои рақобат муайян мекунад | 10. Таҳқиқи ҷиҳатгирии муваффақияти роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 11. | Шаклгирии тасаввуротҳои назариявӣ оид ба тафаккури педагогии системавӣ ва мавҷуд будани таҷрибаи таҳқиқи системавии фаъолияти педагогӣ | 11. Таҳқиқи маҳорати ба таври стратегӣ фикр рондан ва амал кардан дар роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 12. | Дарки фаъолияти педагогӣ ҳамчун яке аз арзишҳои волои касбии педагог | 12. Таҳқиқи ҷиҳатгирии муваффақияти роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 13. | Қобилият барои коркарди усули фардии рафтори педагогӣ | 13. Таҳқиқи омодагӣ ба худинкишофёбии роҳбарони навкор - хатмкунандагони макотиби олӣ |
| 14. | Қобилият барои қабули арзишҳои инсондӯстонаи (инсонпарваронаи) педагогикаи муосир (яъне, ғояҳои баробарии арзишнокӣ-маънонии субъектҳои фаъолият) | 14. Таҳқиқи соҳаи арзишӣ-маънонии роҳбарони навкор -хатмкунандагони макотиби олӣ |

Дар зер ба таври муфассал самтҳо ва методҳои ташхисиро, ки имконият фароҳам меоранд, шаклгирии қисматҳои салоҳияти идоракунии роҳбари ояндаи муассисаи таълимӣ баҳогузорӣ карда шавад, дида мебароем:

1. **Таҳқиқи соҳаи арзишӣ-маънонии хатмкунандагони мактаби олӣ ҳамчун роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Оид ба самти фаъолияти ташхиси мазкур методҳои лоиҳавии зерин истифода бурда шуданд: бунёди портретҳо-образҳо «Ман-педагог», «Ман-роҳбар», «Ман аз нигоҳи... (педагогҳо, донишҷӯён, волидайн, маъмурият, шарикони иҷтимоӣ...)». Лоиҳаҳои намунавии «Мактаби оянда», «Маснади ман», «Ман – роҳбари асри 21» ва ғ.

Тавсифи портретҳои офаридашуда имконият доданд, ки идеалҳои хатмкунандагон (аз 248 нафари пурсидашуда) ба таври зерин баён карда шавад:

– «одами кордони боғайрат, менеҷери хизматрасонии таълимӣ» - 39%;
– «хоҷагидори хуб, ки амалиёти ӯ ба ободии мактаб равона карда шудааст» - 28%;
– «педагоги хело хуб, ҳамаи зинаҳои «унвони педагогӣ»-ро ба даст овардааст» - 17%;
– «дӯст-ҳамкор ва машваратчии волидайн» - 16%;
– «уҳдадори маъмур» - 0%.

Чунин муносибат имконият медиҳад, оид ба афзалиятҳои касбии хатмкунандагони макотиби олӣ ҳарф занем.

Илова бар он, дар ҷараёни ташхис муайян карда шуд, ки хатмкунандагон арзишҳои педагогии зеринро баррасӣ нанамудаанд:

– рушди шахсияти кӯдак дар ҷараёни таҳсил - 59%;
– рушди коллективи педагогӣ дар фаъолияти педагогии инноватсионӣ - 68%;
– рушди шахсияти худи роҳбар дар ҷараёни фаъолияти идоракунӣ - 74%.

Ин нишон медиҳад, ки шуури роҳбарони ояндаи муассисаҳои таълимии гурӯҳи таҳқиқшаванда бештар на ба проблемаҳои иҷтимоӣ ва ҳалли онҳо равона карда шудааст, балки ба мавқеи фаъоли корӣ, ки ба арзишҳои инсонпарварӣ тааллуқ надорад ва афзалиятнок (аввалиндараҷа) ба шумор меравад, яъне сатҳи салоҳияти идоракуниро метавон «қаноатбахш» номид.

Барои баҳогузории малакаву маҳорати сарфаҳм рафтани таҷрибаи идоракунии худ ва бартараф кардани одатҳои шахсии рафтор ҷиҳати ҷалби фаъолияти инноватсионии коллективи педагогӣ методи лоиҳавии «тасвири ҳаёт» истифода бурда шуд (О.М. Краснорядсева). Дар ҳолати мазкур ҳангоми лоиҳакашии «Ҷаҳони оянда» хатмкунандагони макотиби олӣ чусту чолокии ниҳоят зиёди идроки иҷтимоӣ ва тафаккури эҷодкоронаро нишон доданд [6]. Кӯшиши «бозӣ кардан дар ҳаёт», ки ба насли муосир хос аст, имконият дод 98% -и мусоҳибон одатҳоро рад кунанд ва лоиҳаҳои шахсии рушди ояндаро таҳия намоянд.

Барои муайян кардани тамоюли арзишноки хатмкунандагони макотиби олӣ аз ҷониби мо «Методикаи омӯзиши тамоюлҳои арзишнок»-и М. Рокич истифода бурда шуд, ки он бар гурӯҳбандии рӯирости ду рӯйхати арзишҳо асос ёфтааст: арзишҳо - мақсадҳои терминалӣ; арзишҳо - воситаҳои обзорӣ [11]. Дар ҷараёни ташхиси мусоҳибон арзишҳои

базавӣ барои амалӣ кардани фаъолияти касбии роҳбари муассисаи таълимӣ интихоб карда шуданд. Дар натиҷаи мувофиқ кардани ҳамаи рӯйхатҳо намунаи ҷамъи фазои арзишноки хатмкунандаи макотиби олӣ, ки ба арзишҳои базавии зерин асос ёфтааст, таҳия карда шуд.

*Арзишҳои терминалӣ:*

– озодӣ (мустақилӣ, соҳибихтиёрӣ дар ҳукмҳо ва амалиёт) (46%);
– боварӣ ба худ (мутобиқати дохилӣ, озодӣ аз ихтилофоти дохилӣ, шубҳаҳо) (32%);
– эҷодиёт (имконияти фаъолияти эҷодӣ) (27%);
– ҳаёти пурмаҳсул (ба таври ҳадди аксар истифода бурдани имкониятҳои худ, қувва ва қобилиятҳо) (12%);
– ҳаёти фаъоли эҷодӣ (пуррагӣ ва аз лиҳози эҳсосӣ пурмазмун будани ҳаёт) (11%).

*Арзишҳои инструменталӣ:*

– ҷасорат дар ҳимоя кардани нуқтаи назари худ (54%);
– самаранокӣ дар корҳо (меҳнатдӯстӣ, натиҷабахшӣ дар кор) (26%);
– бовиҷдонӣ (росткорӣ, садоқат) (25%);
– талаботи зиёд (талаботи зиёд нисбат ба ҳаёт ва даъвои зиёд) (11%);
– ҷавобгарӣ (ҳисси қарз, қобилияти ба ваъдаи худ вафо кардан) (6%).

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки дар вазифаи хатмкунандагони макотиби олӣ ба сифати арзишҳои афзалиятнок он арзишҳое мебошанд, ки онҳо фаъолияти асосии идоракунии роҳбар ба шумор мераванд. Илова бар он, тамоюл дар арзишҳо-мақсадҳои интихобгардида онро мефаҳмонад, ки хатмкунандагони мазкур индивидуалистон маҳсуб меёбанд, ки онҳо ба ояндаи бомуваффақият нигаронида шудаанд ва онҳо дар он қобилияти бар дӯш гирифтани ҷавобгариро доранд.

Қобили зикр аст, ки арзишҳо, ки бевосита ба ҷанбаҳои фаъолияти касбӣ тааллуқ доранд, вуҷуд надоранд, ки онҳо чунин мебошанд:

– дарк намудан (имконияти маълумот, савияи дониш, фарҳанги умумӣ, инкишофи ақлонии худро васеъ намудан);
– хурсандии дигарон (некуаҳволӣ, рушд ва такмил додани дигар одамон, тамоми халқ ва дар умум инсоният);
– маълумотнокӣ (васеъ будани дониш ва фарҳанги умумӣ) ва ғайраҳо.

Ин аз он башорат медиҳад, ки ташаккул додани салоҳияти идоракунии роҳбарони навкори муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бояд ба таври системавӣ амалӣ карда шавад.

2. **Таҳқиқи тасвири олами касбии хатмкунандагони макотиби олӣ.** Мақсади ташхисро корҳои соҳаи психологияи меҳнат ва фаъолияти касбии Е.А. Климов [3], А.К. Маркова [8], Е.Ю. Артемева [2], О.К. Стрелков [14] ва дигарон муайян намудаад.

Қисмати ташхиси мазкур корро дар гурӯҳҳои тамаркуз ва бозиҳои амалӣ, ки ба фаъол гардонидани татбиқи ҳирфаӣ дар фаъолияти ҳаётии воқеӣ равона карда шудааст, дар бар мегирад. Тавре ки натиҷаҳои ташхиси пешина нишон доданд, афзалияти арзишҳои идоракунии хатмкунандагони муассисаҳои хизматрасонии таълимӣ ва норасоии татбиқи педагогӣ буда, вазифаи қисмати пажӯҳиши мазкур аз ислоҳи татбиқ дар фаъолияти касбии оянда иборат мебошад.

Кор дар гурӯҳҳои тамаркуз имконият доданд, ки тасаввуроти ҷамъбастӣ оид ба тасвири ҷаҳони касбии ташаккулдодашавандаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ – хатмкунандагони муассисаи таълимӣ ошкор гардад. Ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ рӯйхатҳо аз 24 тасдиқот пешниҳод карда шуд, ки дар худ номгӯйи маъниҳои ҳаётиро инъикос месохтанд ва одамон метавонанд дар ҳаёти худ ба онҳо самтгирӣ намоянд. Баъдан баҳогузории раддабандии сабуки маъниҳои пешниҳодшуда аз дидгоҳи роҳбар ва шахсӣ сурат гирифт. Раддабандиҳо чунин сурат гирифтанд:

1) Аз нуқтаи назари пурсидашудаҳо (мусоҳибон) барои роҳбар маънии пешбари фаъолият маъниҳои зайл гардиданд:

– ба дигар одамон кумак расондан - 46%;
– худро амалӣ намудан - 39%;
– ба муваффақият ноил шудан -32 %;
– имкониятҳои худро амалӣ сохтан - 28%;
– ҷаҳонро беҳтар сохтан - 14%.

2) Аз нуқтаи назари маъниҳои шахсии ҳаётии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ раддабандӣ чунин сурат гирифтааст:

– то ки худро беҳтар фаҳмам - 35%;

– то ки кори хубе анҷом диҳам - 26%;
– то ки эҳсос намоям, ки ба касе лозим ҳастам - 22%;
– то ки ба хешовандон ва наздикон кумак расонам - 20%;
– то ки мавқеи арзандаро дар ҷомеа пайдо намоям - 17%.

Таҳлили натиҷаҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ба чунин хулосаҳо расем:

1. Аз нуқтаи назари хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ самтгирии арзишӣ ва маъниҳои ҳаётии роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маъниҳои дӯстона, маъниҳои худамалисозӣ ва мақом дар касбу кор мебошад.
2. Аз нуқтаи назари маъниҳои ҳаётии шахсӣ хатмкунандагон чунин маъниҳои ҳаётиро ҷудо намуданд – маърифатӣ, дӯстона, пайвандӣ, худамалисозӣ ва мақомӣ.
3. Муқоисаи раддабандиҳои арзишҳо ва маъниҳои ҳаётӣ ва касбии овардашуда қариб ки номувофиқатияти пурраи онҳоро нишон дод, яъне хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар фаъолияти касбии худ мавқеи шахсии арзиширо намебинанд.
4. Аксарияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дорои хосияти одии тасаввури маънӣ оид ба фаъолияти идорӣ ва касби омӯзгорӣ мебошанд.
5. Номувофиқии самтгирии арзишӣ дар сатҳҳои хусусӣ ва касбӣ метавонад ба моҷарои амиқи арзишӣ дар касби аксарияти хатмкунандагон – роҳбарониояндаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ орад.

Танҳо дар 5%-и хатмкунандагон мувофиқати инъикоси арзишҳо ва маъниҳои касбӣ ва шахсӣ мушоҳида гардид, ки аз ҷустуҷӯи маънии шахсӣ дар фаъолиятиояндаи худ чун роҳбари муассисаи таҳсилоти умумӣ дарак медод.

6. Ғайр аз ин, 5%-и хатмкунандагон фаъолиятиояндаи касбии худро на бо кори роҳбарӣ ва на ба фаъолияти омӯзгорӣ пайванд намедонанд.

Ин қисмати ташхис ҳамчунин баҳогузории ташаккули арзишҳои заминавии фаъолияти омӯзгориро фарогир буд. Аз хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дархост намуда шуд, то оид ба роҳбари идеалии худ эссе (кори хаттӣ) нависанд. Таҳлили корҳо дар мувофиқа бо меъёрҳои пуррагии тасвири идеали интихобшуда ва ҳамчунин хосиятҳои сифатии роҳбари идеалӣ амалӣ гардид. Чор сатҳи зухури ин нишондод ҷудо карда шуданд. Дар сатҳи аввал 38%-и хатмкунандагон тасаввуроти қисм-қисм оид ба роҳбари идеалӣ доштанд. Тасвирҳо ба шумори сифатҳои шахсият нигаронида шуда буданд ва дар баъзе ҳолатҳо хусусиятҳои умумӣ ироа шуда буданд. Ба сатҳи дуюм (45%) мо он мусоҳибонеро ворид намудем, ки иншои онҳо аз дигарон бо мушаххасият ва самтгирии худ ба хосиятҳои шахсӣ ва касбии роҳбари идеалӣ фарқ менамуд. Аммо роҳбари идеалӣ дар тасаввури онҳо омӯзгори функсионер (амалгаро) мебошад, ки вазифа ва масъулияти касбии худро ба хубӣ ба анҷом мерасонад. Ба сатҳи сеюм (11%) хатмкунандагон тасаввуроти пурра оид ба роҳбари идеалӣ доштанд, ки ба муносибатҳои субъект-субъект дар фаъолияти касбии худ самтгирӣ дошт. Ба сатҳи чорум ташаккули тасаввурот оид ба роҳбари идеалӣ-инсондӯст он хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ гаштанд (6%), ки навиштаҳои онҳо хосияти инъикосӣ доштанд. Онҳо роҳбари идеалиро дар муқоиса бо худ баррасӣ намуданд, ки навиштаи онҳо хосияти мақсаднок дошт, яъне хосияти барномаи рушди худ. Ғайр аз ин, сатҳи баланди пуррагии тасаввуроти роҳбарониояндаи муассисаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба идеали онҳо қайд карда шуд.

Барои сохтани симои касбии олами хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз ҷониби мо дарси омӯзишии (тренинг) психологӣ-педагогии «Ман дар касбу кор» баргузор карда шуд, ки дар раванди он иштирокчиён худро дар фазои корӣ тасаввур намуданд ва фаъолияти худро бо шарҳи ҳикояҳо ва расмҳо тасаввур намуданд. Онҳо ба чунин саволҳо ҷавоб гуфтанд: Ҷойи шумо дар ин фазо куҷост? Шумо кӣ ҳастед? Ба чӣ кор машғулед? Ҳамроҳи шумо кист? Ба куҷо меравед? Барои чӣ ба он ҷо меравед? Шумо чиро меҷӯед?

Пас аз он иштирокчиён ҷойҳоеро қайд намуданд, ки дар он ҷо кор кардаанд, хондаанд ва зиндагӣ намудаанд. Дар қисмати хотимавӣ мусоҳибон андешаи худро дар мавриди фаъолияти касбии худашон баён намуданд ва нақши онро дар олами воқеӣ ҷустуҷӯ карданд.

3. **Таҳқиқоти имкониятҳо ба коммуникатсияи роҳбарони навкор - хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ.** Имконият ба коммуникатсия дар хатмкунандагони муассисаҳои олии таълимӣ чун роҳбарони оянда аз ҷониби мо дар се ҷиҳат баррасӣ гардид: вобаста ба малакаҳои худмуаррифӣ, тавон ва малакаҳои худташхисӣ ва худро нишон додан, ҳамчунин баргирифта аз омодагӣ ба амалӣ намудани шартнома аз ҷониби иштирокчиён.

Баҳогузории малакаҳои худмуаррифии хатмкунандагони муассисаҳои тахсилоти олӣ аз ҷониби коршиносон ҳангоми ҳимояи корҳои дипломӣ ва суҳбат баргузор карда шуд. Аз нуқтаи назари мо, тавони муаррифӣ намудани худ ин тавони боэътимодона нишон додани мақсадҳо ва имкониятҳои салоҳияти шахсӣ мебошад. Аз нуқтаи назари баҳогузории коршиносон донишҷӯёни таҳқиқшаванда вобаста ба тавони муаррифии худ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

Гурӯҳи 1-ум, 12% - худмуаррифӣ бомувафақият гузашт.

Гурӯҳи 2-юм, 34% - метавон худмуаррифиро чун ба таври зарурӣ эътимодбахш набуда баҳогузорӣ кард.

Гурӯҳи 3-юм, 48% - метавон худмуаррифиро чун ғайриэътимодбахш баҳогузорӣ намуд.

Гурӯҳи 4-ум, 6% - худмуаррифӣ бемуваффақият гузашт.

Баҳогузории тавон ва малакаҳои худташхисгарӣ ва инъикос (рефлексия) аз рӯйи пурсишномаи дигар сурат гирифт. Ба хатмкунандагон рӯйхати тасдиқот пешниҳод карда шуд, ки метавонанд боиси норизоият, алам намудан ва ё ранҷиш ҳангоми суҳбат гардад.

Иштирокчиёни ташхисгар бояд он ҳолатҳоеро қайд менамуданд, ки онҳо ба он ба таври манфӣ вокуниш нишон медиҳанд. Дар натиҷаи таҳқиқот чунин натиҷаҳо гирифта шуданд:

1) 18 ва зиёда аз ин тасдиқоти мусбатро 36%-и мусоҳибон нишон доданд. Ин чунин маънӣ дорад, ки гурӯҳи мазкурро зарур аст аз болои худ корбарӣ намояд ва гӯш намуданро омӯзад;

2) 10-17 тасдиқоти мусбатро 29%-и мусоҳибон қайд намудаанд, ки ба онҳо баъзе аз бартариҳои гӯшдиҳандаи хуб намерасад, барои мисол кӯшиш намудан барои хулосаи саросема накардан, ҷалб накардани таваҷҷуҳ ба тарзи гуфтан, вонамуд накардан, ҷустани маънии ниҳонии гуфта, инҳисор накардани суҳбат;

3) 4-9 тасдиқоти мусбатро 27%-и мусоҳибон қайд намудаанд, ки ҳамсуҳбати хуб мебошанд, танҳо баъзе ҳолат ба шарики худ барои дарки пурра ризоият намедиҳанд;

4) то ба 3 гуфтаро 8%-и мусоҳибон қайд намудаанд, ки худро ҳамчун ҳамсуҳбати фаъол ва аъло нишон додаанд, онҳо метавонанд тарзи муоширатро фаҳманд ва он барои атрофиён намуна аст.

4. **Таҳқиқоти омодагӣ ба худинкишофёбӣ миёни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ чун роҳбарони ояндаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.** Омодагӣ ба худинкишофёбӣ аз ҷониби мо бар асоси чунин категорияҳои фалсафӣ чун «озодӣ» ва «масъулиятшиносӣ» баҳогузорӣ гардид. Мо омодагӣ ба худинкишофёбиро чун ҷустуҷӯи ҳувияти (худшиносии) худ, ҷустуҷӯи баробарӣ дар ёфтан ва амалӣ намудани маъниҳо дар ҷаҳони моддӣ, иҷтимоӣ, рӯҳонӣ ва амалӣ намудани мантиқи интихоби озод баррасӣ намудем.

Ҳангоми таҳқиқоти омодагӣ ба худинкишофёбии роҳбарони оянда мо методҳои суҳбат, мушоҳида, гузаронидани тестро истифода намудем (дар асоси методи ташхиси муқаррароти иҷтимоию равонии шахсият дар соҳаи ангезавӣ-талаботии О.Ф. Потемкин [10]).

Аз рӯйи методи О.Ф. Потемкин чор муқаррароти шахсият дар фаъолият ҷудо намуда мешаванд: дар раванд, дар натиҷа, дар муносибати дӯстона ва дар эгоизм (худхоҳӣ). Сатҳи баланди худамалисозӣ дар фаъолияти касбӣ аз тарафи 44%-и мусоҳибон гирифта шуд. Мавқеи дӯстона дар ин ҳолат ба муқаррароти шахсият ба натиҷаҳои фаъолият мувофиқ меояд.

Дар натиҷаи мушоҳидаҳои ҷамънамуда ва суҳбатҳо мо чор гурӯҳи хатмкунандагонро мувофиқ ба сатҳи ташаккули омодагии онҳо ба худинкишофёбӣ ҷудо намудем. Ҳамин тариқ, 6,5%-и донишҷӯён аз ҷониби мо ба сатҳи паст мутааллиқ дониста шуданд, зеро вобаста ба натиҷаҳои ташхис онҳо ба худшиносӣ кӯшиш намекунанд ва тағйир ёфтан намехоҳанд, ки мавқеи онҳоро чун манфию исто нишон медиҳад ва барои рушд равона нашудааст. Гурӯҳи дуюми хатмкунандагон аз ҷониби мо ба сатҳи миёнаи омодагӣ ва худинкишофёбӣ хос дониста шуд, ки 12%-ро ташкил медиҳад. Дар ин гурӯҳ мусоҳибон мехоҳанд дар мавриди худ зиёд донанд, аммо то ба ҳол малакаи худамалисозӣ (худтақвиятбахшӣ) ва рефлексияро надоранд. Сатҳи баланд ба гурӯҳи донишҷӯёне хос аст (37,5%), ки самтгирӣ ба худинкишофёбӣ ба таври равшан инъикос шудааст, аммо кӯшиши дарки худ дар баробари машғул будан ва набудани фурсатҳо зиёд намебошад. Сатҳи олии омодагӣ ба 44%-и хатмкунандагон дахл дорад. Ин гурӯҳ аз рӯйи мувофиқати коройӣ, самтгирӣ ба худшиносӣ ва тавони худамалисозӣ чун гурӯҳи сатҳи олӣ бартарӣ дорад. Аз он рӯ, ки роҳбари масъулиятшинос ҳамеша барои шинохти худ равона шудааст ин метавонад неруи ҳаракатдиҳандаи рушди касбӣ гардад.

5. **Таҳқиқоти самтгирӣ барои муваффақият дар роҳбарони оянда.** Самтгирӣ барои муваффақият аз ҷониби мо бо ёрии чунин методҳое чун тестҳо-пурсишномаҳои Т. Элерс «Ангеза ба муваффақият», «Ангеза барои гурез аз номуваффақӣ» ва «Методикаи ташхиси сатҳи омодагӣ ба хатари Шуберт» муайян карда шуд[9].

Ташхиси хатмкунандагон имкон дод, ки ба таври шартӣ онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намоем:

1) гурӯҳи аввал (12%) дорои интеллекти иҷтимоӣ, боварӣ ба худ, тавони таваккал намудан. Ба ин гурӯҳ дар ҳолатҳои таваккал намудан фаъолгардии баҳампайвандии иҷтимоӣ, таҳлили пешбинонаи ҳолат ва дар як вақт баланд шудани ангеза барои муваффақ шудан ва ангезаи гурез аз номуваффақӣ зуҳур намудааст;

2) гурӯҳи дуюм (58%) дорои сифати ба мақсад расидан мебошад, ки дар сифатҳои роҳбарӣ, зарфияти баланди интеллектуалӣ инъикос шудаанд, аммо дар як вақт нокифоятии таҷриба ошкор шудааст. Ин навъи ангеза ба муваффақият ва омодагӣ ба таваккал намудан ба роҳбарони ҷавон хос аст, ки дорои чунин сифатҳое чун зиёдахоҳӣ, созиш накардан, худдӯстдорӣ, баҳодурӣ ва якравӣ мебошанд;

3) гурӯҳи сеюм (30%) дорои стратегияи гурез намудан аз таваккал кардан аст. Дар ин гурӯҳ дар ҳолатҳои баҳамалоқамандии иҷтимоӣ ҳар чи қадар уҳдадориро роҳбарони бо стратегияи гурез аз хатар (таваккал) дар худ дошта бошанд, ҳамон андоза кӯшиш барои мустақилият дар муносибат, самтгирӣ ба мустақилона қабул намудани қарор боло меравад, ки метавонад ҳамчунин боиси паст рафтани муошират гардад. Дар ин ҳолат қабули қарори мустақилона низ бо нобоварӣ дар имкони расидан ба муваффақият пайванд мегардад.

6. **Таҳқиқи тавони ба таври стратегӣ андешидан ва амал намудани роҳбарони навфаъолият – хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ.** Дар оғози ташхис методикаи тести худмуҳимсозӣ, ки аз ҷониби Ю.Е. Алешина, Л.Я. Гозман, М.В. Загика ва М.В. Кроз [1] қабул шудааст, истифода гардид. Ин намунаи методи классикии POI – Пурсишномаи самтгирии шахсидошта мебошад, ки аз ҷониби Э. Шостром таҳия шудааст [15].

Чунин натиҷаҳо ба даст омадаанд: 66% мусоҳибон одамони атрофро дар умум чун одамони меҳрубон дар табиати худ донистаанд. Фикрронии онҳо аз фикрронии сатҳӣ оид ба моҳияти табиати инсон ва дахл доштани худ ба он бармеояд. Дар сатҳи баланди дарки табиати инсон 34% хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ошкор карда шуданд, ки боҳушона, мақсаднок ва ба таври умум зиддиятҳои дарунии шахсияти инсонро, ки кӯшиши худро барои дастгирӣ ва кумак расонидан барои рафъи он равона месозад қабул доранд.

Ин қисмати ташхис ҳамчунин дар худ баҳогузории фаҳмиши моҳияти касби омӯзгориро фарогир аст. Дар раванди суҳбат бо хатмкунандагон ошкор шуд, ки аҳамияти фаъолияти омӯзгорӣ, самтгирии дӯстона ва инсондӯстонаи он аз ҷониби 100%-и мусоҳибон баҳогузорӣ шудааст.

Дар хулосаи ташхис бозиҳои корӣ, ки имкон медиҳанд сатҳи фикрронии стратегии роҳбарони навфаъолият баҳогузорӣ шавад, баргузор мегарданд. Аз рӯйи меъёрҳои муқаррашуда аз ҷониби мо чунин натиҷаҳо гирифта шуданд:

– тавони пешбинӣ намудани сенарияҳои рушди ҳодиса 73% санҷишҳоро нишон додааст;

– тавони сохтани намунаҳои лоиҳаҳо, ки эҳтимолияти тағйири ҳолатро ба ҳисоб мегиранд, 45% нишон додааст;

– тавони баҳогузории эҳтимолият ва хатарҳои фаро расидани ҳодисаи пешбинишаванда - 23%;

– омодагӣ ба тағйири тарзи расидан ба мақсад вобаста аз гузинаи эҳтимолии рушди ҳолат - 56%;

– тавони сохтани симоиояндаи дилхоста; имконияти ба таври фаъол ташкил додани оянда, аз атрофиён қадаме дар пеш будан - 21%;

– имконияти иваз намудани мақсад вобаста аз шароитҳои тағйирёбанда - 6%.

Ба сифати хулосаҳои пешакӣ вобаста ба маводҳои ташхиси мазкур метавон чунин нуктаҳоро қайд намуд:

1. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар фаъолияти коммуникативӣ, ташкилию методӣ нисбат ба дигар хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олӣ беҳтар омода шудаанд.
2. Мусоҳибон фаъолияти омӯзгориро чун самти инсондӯстӣ дошта ва фаъолияти барои ҷомеа муҳим донистаанд. Дар як вақт ҷудоӣ миёни маъниҳои шахсӣ ва касбии фаъолият дар аксари хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ошкор карда шуд.

3. Ҷанбаи идорӣ дар фикрронии стратегӣ, тавоноии ташкил намудан, кӯшиш барои муваффақият ва тавони биниши стратегӣ дар камтар аз 10%-и таҳқиқшавандагон ошкор карда шуд.

Номувофиқатии ошкоршудаи мақсади омода намудани роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва арзишҳову маъниҳои аҳамияти шахсидошта аз ҷониби мо чун натиҷаи таваҷҷуҳи нокифоя ба аҳамияти масъулиятшиносии педагогӣ дар раванди омода намудани роҳбарони муосир дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, ташаккули масъулиятшиносии идории роҳбарони нав фаъолиятбарандаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бояд ҳам дар муассисаи таҳсилоти олӣ, ҳамчунин дар марҳилаи баланд бардоштани тахассус тавассути низоми омодагии гурӯҳиву корпоративӣ амалӣ карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Алешина Ю.Е. «Самоактуализационный тест» (САТ) / Ю.Е. Алешина, Л.Я.Гозман, М.В.Загика, М.В. Кроз // Psyperm.narod.ru: «Психология. Пермь» научно-познавательный журнал для психологов и педагогов. Пермь, 2003-2011. [Электроный ресурс] URL: http://www.psyperm.narod.ru/T40.htm (дата обращения: 30.06.2011).
2. Артемьева Е.Ю. Основы психологии субъективной семантики / Е. Ю. Артемьева; под ред. И. Б. Ханиной / Е.Ю. Артемьева. - М.: Наука: Смысл, 1999. - 349 с.
3. Климов Е.А. Психология профессионального самоопределения: Учебное пособие для студ. высш. пед. учеб. Заведений / Е.А. Климов. - М.: Академия, 2004. - 304 с.
4. Колесникова И.А. Педагогическая реальность в зеркале межпарадигмальной рефлексии / И.А. Колесникова. - СПб.: Детство-Пресс, 2001. - 288 с.
5. Компетентностный подход в педагогическом образовании: коллективная монография / [Доктора пед. наук В. А. Козырев, Н.Ф. Радионова, А.П. Тряпицына и др.]; под ред. проф. В. А. Козырева и проф. Н. Ф. Радионовой. - СПб.: Изд-во РГПУ, 2004. - 391 с.
6. Краснорядцева О.М. Методологические основания исследования мышления в реальной (профессиональной) деятельности / О.М. Краснорядцева // Сибирский псих. журн. (Томск). 1997. -Вып. 5. -С.33–38.
7. Леонтьев Д.А. Методика предельных смыслов (МПС): Методическое руководство / Д.А. Леонтьев. - М.: Смысл, 1999. - 36 с.
8. Маркова А.К. Психология профессионализма / А.К. Маркова. -М.: Международный гуманитарный фонд «Знание», 1996. - 312 с
9. Методика диагностики мотивации к достижению успеха Т. Элерса / Розанова В.А. Психология управления - М., 1999. -С.105-106.
10. Методика диагностики социально-психологических установок личности в мотивационно-потребностной сфере О.Ф. Потемкиной // Практическая психодиагностика. Методики и тесты. Учебное пособие. Ред. и сост. Райгородский Д.Я. – Самара, 2001. - С. 641-648.
11. Педагогическая аксиология: учебное пособие для студентов высших учебных заведений, обучающихся по направлению подготовки 44.03.01 «Педагогическое образование» (квалификация (степень) «бакалавр») / А. В. Кирьякова [и др.]. - М.: ИНФРА-М, 2016. - 281 с.
12. Прикот О.Г Методологические основания педагогической системологии: дис. д-ра пед. Н / О.Г. Прикот. - СПб.: СПбГУГПМ, 1997. - 303 с.
13. Розанова В.А. Психология управления. Учебное пособие / В.А. Розанова. - М.: ЗАО "Бизнес-школа "Интел-Синтез", 1999. - 352 с.
14. Стрелков Ю.К. Временные структуры профессионального опыта / Ю.К. Стрелков // Профессиональная пригодность: субъектно-деятельностный подход / Под ред. В.А. Бодрова. - М., 2004. -С. 97-113.
15. Шостром Э. Человек-манипулятор. Внутреннее путешествие от манипуляции к актуализации / Э. Шостром. - М., 2008.


## НИЗОМИ ТАШХИСИ САЛОҲИЯТНОКИИ ИДОРАКУНИИ РОҲБАРИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ ХАТМКУНАНДАГОНИ МАКОТИБИ ОЛӢ


Дар мақолаи мазкур назария ва амалияи ташаккулёбӣ ва баҳогузории салоҳиятнокии идоракунии хатмкунандагони ихтисосҳои омӯзгории мактабҳои олӣ ҳамаҷониба таҳлил гардидааст. Дар асоси модели салоҳиятнокӣ технологияи тадриҷии ташаккулдиҳии салоҳиятнокии идоракунии роҳбари ояндаи муассисаи таълимӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон, таҳлили таҳқиқоти олимон оид ба масъалаҳои салоҳиятнокии идоракунӣ нишон дод, ки ин падидаи нав дар муносибат бо хатмкунандагони мактабҳои олӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, барои таҳлили ташаккулёбии салоҳиятнокии идоракунӣ дар асоси моделе, ки дар он имкониятҳои таҳсилоти касбӣ ҷойгир карда шудаанд, баҳогузории комплексӣ амалӣ карда шудааст. Чунин муносибат имкон дод, ки дар асоси як қатор методҳои диагностикӣ (пурсишномаҳо, мушоҳида, мусоҳибаи илмӣ, саволномаҳои тестӣ, худбаҳогузорӣ, вазъияти ташхисӣ, методҳои биографӣ ва ғ.) низоми ташхиси салоҳиятнокии идоракунӣ ба вуҷуд оварда шавад.



**Калидвожаҳо:** салоҳиятнокии идоракунӣ, модели салоҳиятнокӣ, маълумоти олӣ, муассисаи таълимӣ, низоми ташхисӣ, арзишҳои касбӣ.


## СИСТЕМА ДИАГНОСТИКИ УПРАВЛЕНЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ РУКОВОДИТЕЛЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ ВЫПУСКНИКОВ ВУЗА


В статье проведен всесторонний анализ теории и практики формирования и оценки управленческой компетентности выпускников педагогических специальностей вузов. На основе компетентностной модели предложена поэтапная технология формирования управленческой компетентности будущего руководителя образовательного учреждения. При этом анализ результатов исследований ученых по проблемам управленческой

компетентности показал, что это «новообразование» у выпускников вуза специально не изучалось. Поэтому для анализа сформированности управленческой компетентности осуществлена ее комплексная оценка на основе модели, в которой учтены возможности профессионального образования по её формированию. Это позволило разработать систему диагностики управленческой компетентности на основе таких диагностических методов, как анкетирование, наблюдения, научная беседа, тестирование, самооценка, диагностические ситуации, биографические методы и т.д.

**Ключевые слова:** управленческая компетентность, компетентностная модель, высшее образование, образовательное учреждение, система диагностики, профессиональные ценности.

**THE SYSTEM OF DIAGNOSTICS OF ADMINISTRATIVE COMPETENCE OF THE HEAD OF EDUCATIONAL INSTITUTION AT UNIVERSITY GRADUATES**

In article the comprehensive analysis of the theory and practice of formation and assessment of administrative competence of graduates of pedagogical specialties of higher education institutions is carried out. On the basis of competence-based model the stage-by-stage technology of formation of administrative competence of future head of educational institution is offered. At the same time the analysis of results of researches of scientists on problems of administrative competence showed that this "new growth" at university graduates specially was not studied. Therefore, for the analysis of formation of administrative competence its complex assessment on the basis of model in which possibilities of professional education on its formation are considered is carried out. It allowed to develop the system of diagnostics of administrative competence on the basis of such diagnostic methods as questioning, observations, a scientific conversation, testing, a self-assessment, diagnostic situations, biographic methods etc.

**Key words:** administrative competence, competence-based model, the higher education, educational institution, system of diagnostics, professional values.

**Сведения об авторах:** ***Шарипов Фаридун Файзуллаевич*** - Таджикский национальный университет, доктор педагогических наук, заведующий общеуниверситетской кафедрой педагогики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 900-02-10-28**. E-mail: **faridun61@ mail.ru**
***Нажмиддинов Абдугафор Мирзоевич*** - Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, соискатель кафедры общей педагогики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 937-38-09-09.** E-mail: **gaffor.78@mail.ru**

**Information about authors:** ***Sharipov Faridun Fayzullayevich*** - Tajik National University, doctor of pedagogical sciences, head of the university department of pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 900-02-10-28.** E-mail: **faridun61 @ mail.ru**
***Najmiddinov Abdugafor Mirzoevich*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, applicant for the department of general pedagogy. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 937-38-09-09**. E-mail: **gaffor.78@mail.ru**

**УДК:372.800.2 (575.3)**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ИНФОРМАТИЗАТСИЯИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ

***Фурқати Сикандарӣ***
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии ш. Кӯлоб**

Аз таҳлил ва омӯзиши адабиёт маълум мешавад, ки низоми таълими компютерӣ-иттилоотӣ метавонад аз як ҷониб, ҳамчун маҷмӯи барномаҳои компютерӣ ва аз ҷониби дигар, ҳамчун маҷмӯи таъминоти таълимӣ-методӣ баррасӣ ва арзёбӣ гардад.

Низоми автоматишудаи таълимӣ (НАТ) низомест, ки маҷмӯи маводи таълимӣ-методиро фаро гирифта (намоишӣ, назариявӣ, амалӣ, назоратӣ ва барномаҳои компютерӣ), раванди таълимро идора мекунанд. Чунин таъйинотро муҳаққиқон В.И. Загвязинский [6,с.118], И.Г. Захаров [7,с.182], В. А.Трайнев [14,с.53] ва чанде дигарон додаанд. Аммо, низоми таълими компютерӣ-иттилотии коркард ва пешниҳоднамудаи мо на фақат маҷмӯи маводи таълимӣ-методӣ ва барномаҳои компютерӣ мебошад. Маҷмӯи маводи таълимӣ-методиро метавон бидуни барномаҳои компютерӣ ҳам истифода кард. Дар таъйиноти мазкур дараҷаи алоқамандии ин маҷмӯъҳо нишон дода нашудааст. Аз ин мавқеъ ва нуқтаи назар таъйиноти мушаххастари ифодагари моҳияти худи НАТ-ро мо дар таълифоти Г.М. Коджаспирова ва К.В. Петрова пайдо мекунем: «Маҷмӯи таъминоти барномавии машинаҳои ҳисоббарори электронӣ, ки барои коркард ва эҷоди барномаҳои таълимӣ, идоракунии раванди таълим дар реҷаи муколамавӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди натиҷаҳои таълим коркард гаштаанд» [9,с.228]. Ин таъйинот, ба андешаи мо, НАТ-ро ҳамчун маҷмӯи таъминоти барномавӣ баррасӣ менамояд, ки дар заминаи он маводи таълимӣ-методӣ эҷод мешавад, аммо дар он таъминоти ташкилӣ ва техникӣ дахл карда намешавад.

Ба андешаи мо, таъйиноти ҳаҷман пурратари НАТ-ро муҳаққиқ А.Я. Найн [12,с.3] шарҳ додааст: «маҷмӯи ба ҳам алоқаманди таъминоти техникӣ, таълимӣ-методӣ, лингвистӣ, барномавӣ ва ташкилӣ дар заминаи ЭВМ, ки барои инфиродигардонии таълим

нигаронида шудааст». Маҷмӯи таъминоти иттилоотӣ-таълимӣ яке аз навъҳои воситаҳои маҷмӯии технологияҳои иттилоотӣ аст, ки дар муносибати муайян нисбати дигар васоити электронии таълим қарор дорад (аз қабили китобҳои таълимии электронӣ ва тренажёрҳо).

Дар ин робита баррасии «технологияҳои иттилоотӣ» бамаврид аст.

Таъйиноти мафҳуми «технологияи иттилоотӣ»-ро муҳаққиқон аз мавқеъҳои гуногуни назариявӣ баррасӣ кардаанд. Муаллифон Л.И. Григорев, Ю.И. Лобанов, Т.А. Тартарашвили ва О.П. Крюкова чунин меҳисобанд, ки ин воситаи ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли иттилоот барои дастрасӣ ба маълумотҳои нав оид ба объекти омӯхташаванда мебошад. Дар ташреҳи мазкури муаллифон сухан дар бораи кор бо иттилоот дар қаринаи умуман васеъ меравад.

Баъзе муаллифон технологияи иттилотиро ҳамчун маҷмӯи методҳо, равандҳои истеҳсолӣ ва васоити барномавӣ-техникӣ арзёбӣ мекунанд, ки дар занҷири технологӣ муттаҳид гаштаанд ва ҷамъоварӣ, коркард, ҳифзу нигоҳдошт, густариш ва инъикоси иттилоотро бо мақсади коҳиши ҳаҷмнокии раванди истифодаи захираи иттилоотӣ таъмин мекунанд, ҳамчунин барои афзоиши эътимоднокӣ ва фавријати онҳо муфид мебошад. Ҷонибдорони бархӯрди мазкур технологияҳои иттилоотиро ҳамчун васоити компютерӣ бо иттилоот баррасӣ менамоянд.

Мо чунин мешуморем, ки бархӯрди дувум нисбатан замонавӣ ва муосиртар мебошад, зеро мутобиқи он технологияҳои иттилоотӣ на танҳо кор бо иттилоот, балки мавҷудияти васоити барномавӣ-техникиро ҳам фаро мегирад. Чунин бархӯрд истифодаи навъҳои гуногуни васоити электрониро пешбинӣ мекунад, ки яке аз онҳо КИОС мебошад.

Омӯзгор раванди таълими донишҷӯён ва кори мустақилонаро бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ (аз ҷумла ТИК) ба роҳ мемонад. ТИК имкон медиҳад чунин амалу марҳилаҳо автоматӣ карда шаванд [2,с.46]: ҷамъоварӣ ва қайду сабти маълумотҳо оид ба амалҳои истифодабарандагони ТИК (маълумотҳои оморӣ); таҳияи маводи таълимӣ барои илова кардан ба низоми таълимӣ; коркард, афзоиш ва ҳифзу нигоҳдошти маълумотҳои назорати педагогӣ (натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои маъмулӣ, тестҳо); интиқоли маълумотҳо аз сарчашмаҳои пайдоиш ба бахши коркард ва натиҷаҳои коркард ба омӯзгор барои қабули қарор оид ба тасҳеҳи раванди таълим.

Дар нақшаи зикршуда нишон дода шудаанд: омӯзгор ҳамчун объекти идоракунии раванди таълим, донишҷӯ ҳамчун субъекти идоракунӣ, иттилооти таълимӣ ва васоити коркарди он. ТИК ба тариқи автоматӣ маълумотҳоро коркард намуда, ҳамчун низоми инсон-мошина, ки дар доираи он тамсилаи иттилоотӣ татбиқ мегардад, мубодилаи иттилоотро байни донишҷӯ ва омӯзгор ба роҳ мемонад.

Омӯзгор ҳадаф ва шаклҳои машғулиятро муайян карда, кори донишҷӯро бо васоити таълимӣ-методии ТИК ташкил мекунад, кори донишҷӯро аз ҷойи нишасту кори худ назорат мекунад. Зимни зарурат ба раванди амалкарди мутақобилаи донишҷӯ бо маводи таълимӣ дахолат мекунад. Таълимгиранда (донишҷӯ) истифодабарандаи асосии ТИК мебошад. Низоми автоматиро истифода карда, ӯ метавонад чунин амалҳоро анҷом диҳад: ба монитор баровардани порчаи зарурии иттилооти таълимӣ, дар ҳалли вазифа иштирок кардан, гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳо, тамсиласозии объектҳои тадқиқот, назорати донишҳои худ.

Асосу заминаи ТИК васоити компютерии таълим (ВКТ) аст. Бино ба андешаи муҳаққиқ А.И. Башмаков [1,с.20], васоити компютерии таълим - ин воситаи барномавӣ ва ё маҷмӯи барномавӣ-техникӣ мебошад, ки барои ҳалли вазифаҳои муайяни педагогӣ пешбинӣ шудаанд, мазмуну муҳтавои предметӣ дошта, ба амалкарди мутақобила бо таълимгиранда нигаронида шудаанд. Муаллиф таваҷҷуҳро ба он равона мекунад, ки ВКТ воситае мебошад, ки махсус барои ҳалли вазифаҳои педагогӣ эҷод шудааст. Истифода дар раванди таълим - таъйиноти муҳимтарини ВКТ мебошад. Дар фаҳмиши муосир низоми компютерӣ-иттилоотии таълим яке аз воситаҳои компютерии таҳсилот ба ҳисоб меравад [2,с.13]. Барои муайян кардани мақому ҷойгоҳи он дар байни васоити компютерии таълим таснифоти ВКТ зарур аст. Азбаски чунин таснифот хеле бисёр аст, дар ҷадвали 1 таснифоти мувофиқтаринро меорем, ки тавассути муҳаққиқ А.И. Башмаков [1,с.20-21] пешниҳод шудааст. Дар қисми рости ҷадвали 1 унсурҳои таснифот муайян гаштаанд, ки мутобиқ ба нақшаи пешниҳодшудаи сохторӣ-вазифавии раванди педагогӣ бо истифодаи КИОС мебошад (расми 1).

Мунтаҳо, таснифоти мазкур ба тариқи нокифоя вазифаҳои барномаҳои таълимиро инъикос мекунад. Мо мувофиқи тавсияи муҳаққиқ И.Г. Захаров корро пеш бурдем, ки чунин меҳисобад: коркарди васоити компютерии таълим «ба риояи талаботи асосӣ асоснок гаштааст: низом бояд нисбати мазмуну муҳтаво, дараҷаи мураккабӣ, мавзӯъ, навъ ва самтнокии предметии маводи таълимӣ ва вазифаҳои тестӣ буда, қодир барои кор

кардан дар компютерҳои алоҳида, шабакаи маҳаллӣ ва шабакаи Internet бояд бошад». Ба андешаи ӯ, риояи ин талабот ба омӯзгор имкон медиҳад, ки барои эҷоди барномаи таълимӣ аз рӯйи фанни алоҳида ба хизмати барномасозон эҳтиёҷ надошта бошад, балки низоми Web-барномасозиро омӯхта, худ онро бо мазмуни предметӣ пурра гардонад [7,с.26-27].

**Ҷадвали 1. Таснифоти васоити компютерии таълим**

| **Васоити компютерии таълим** | |
|---|---|
| Аз рӯйи ҷанбаи мазмуни предметии фан | Мазмуни табиӣ-илмӣ |
| | Мазмуни гуманитарӣ |
| | Мазмуни техникӣ |
| Аз рӯйи вазифаҳои педагогии ҳалшаванда | Васоити омодагии назариявӣ ва технологӣ:<br>-китобҳои дарсии компютерӣ;<br>-низомҳои компютерии таълимӣ.<br>-Низомҳои компютерии назорати донишҳо |
| | Васоити омодагии амалӣ:<br>-маҷмӯи вазифаҳои компютерӣ;<br>-тренажёрҳои компютерӣ. |
| | Васоити ёрирасон:<br>-практикумҳои компютерии лабораторӣ<br>-маълумотномаҳои компютерӣ<br>-машғулиятҳои таълимии мултимедӣ |
| | Васоити маҷмӯӣ:<br>-курсҳои компютерии таълимӣ;<br>-курсҳои компютерии барқарорсозӣ. |
| Аз рӯйи вусъати фарогирии маводи таълимӣ | интегралӣ<br>ғайриинтегралӣ |
| Аз рӯйи дараҷаи таҳсилот | Барои таҳсилоти мактабӣ |
| | Барои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ |
| | Барои таҳсилоти олии касбӣ |
| | Барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар низомҳои таҳсилотии соҳавӣ |
| Аз рӯйи истифодаи технологияҳои телекоммуникатсионӣ | Маҳаллӣ |
| | шабакавӣ<br>-вобаста ба синфи шабакаҳои ҳисоббаробаркуниҳо:<br>-ба шабакаҳои маҳаллӣ нигаронидашуда;<br>-ба шабакаҳои ҷаҳонӣ нигаронидашуда;<br>-Вобаста ба имконоти амалкарди мутақобилаи муҳассилин дар доираи раванди таълим:<br>-Амалкарди мутақобилаи таълимгиронро |
| | - пешбининамуда;<br>-Амалкарди мутақобилаи таълимгиронро пешбининакунанда |
| Аз рӯйи шаклҳои пешниҳоди маълумот | Мултимедӣ |
| | Ғайримултимедӣ |
| Аз рӯйи ҷанбаи тамсилаи объект ва ё раванди омӯхташаванда | - Истифодакунандагони тамсилаҳои математикӣ |
| | -Истифодакунандагони тамсилаҳои физикӣ |
| | Бархӯрдҳо бо объектҳои воқеӣ |

Ба таснифоти мазкур мо ҳамчунин боз як асосро илова кардем - тарзи такмили мазмуни иттилоотӣ. Дар ҳамин асос васоити иттилоотӣ-коммуникатсионии таълим чунин баррасӣ мегарданд:

1. Статӣ - барои таълими фанни мушаххас эҷодшуда, масалан, барномаи таълимии автоматии «Таълими автоматикунонидашудаи гузориши ташхиси психологӣ» [11]. Дар чунин барномаҳои таълимӣ имкони таҳрир ва иловаи иттилоот мавҷуд намебошад.
2. Динамикӣ- барои таҳрир ва такмили васоити компютерии таълим бо маводи дидактикӣ тавассути дигар васоити барномавӣ.

Баррасии масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар низоми таҳсилоти олии касбӣ идома дода, ба натиҷае мерасем, ки муҳиммияти васоити автоматишудаи таҳсилотро бо чунин ҳолатҳо муайян мекунанд:

- зимни хеле пурра будани гурӯҳ омӯзгор қисман наметавонад усули инфиродии таълимро байни ҳар як донишҷӯ амалан ба роҳ монад, зимнан ҳар як донишҷӯ ба таваҷҷуҳи доимӣ барои ташаккули малакаҳои мукаммали интеллектуалӣ ва касбӣ эҳтиёҷ дорад;

- ҳаҷму андозаи донишҳои зарурӣ чунин меъёрҳоеро фаро мегирад, ки методҳои маъмулии таълим ба бори зиёдатии донишҷӯ мубаддал гашта, азхудкуниҳо сатҳӣ мегарданд, шавқу завқ ба таълим ва сифати он якбора коҳиш мeёбад;

-ҳамзамон, бо афзоиши ҳаҷму андозаҳои иттилоот сохтор ва сифати он тағйир меёбад, натиҷагириҳо ва тавсифҳо бештар мегарданд;

- омӯзгор на ҳама вақт имкон дорад, ки технологияҳои муосир ва методикаи таълимро истифода барад ва яке аз сабабҳо нокифоятии вақт буда метавонад;

- зарурати автоматикунонии меҳнат оид ба назорати омодагии донишҷӯён нисбати машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ (корҳои лабораторӣ, амалӣ ва ғайра), оид ба бандубасти маводи тестӣ, коркарди омории маълумотҳои назорати педагогӣ.

Заминаи асосии назариявии васоити иттилоотӣ-коммуникатсионии таҳсилот таълими барномавӣ аст, ки дар ин бора таълифоти муҳаққиқон В.П. Беспалко, Т.А. Илина, Ю.В. Павлов, Л.Н. Линд, У.К. Ричмонд, Н.Ф. Тализина ва чанде дигарон шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тариқ, таҳти мафҳуми таълими барномавӣ азхудкунии идорашавандаи маводи таълимии барномавӣ бо ёрии васоиту таҷҳизот (ЭВМ, китоби дарсии барномавӣ ва ғайра) фаҳмида мешавад. Маводи барномавии таълимӣ силсилаи дар муқоиса порчаҳои хурд («кадрҳо», «файлҳо», «қадамҳо»)-ро фаро мегирад, ки барои муҳассилин дар доираи пайгиронаи мантиқӣ пешкаш мегарданд.

**АДАБИЁТ**


1. Башмаков А.И. Разработка компьютерных учебников и обучающих систем / А.И.Башмаков, И.А. Башмаков.- М.: Информационно-издательский дом "Филинъ", 2003. - 616 с.
2. Беспалько В.П. Основы теории педагогических систем / В.П. Беспалько. - Воронеж, 1977. -292 с.
3. Беспалько В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения / В.П. Беспалько. - М.: ИРГ10, 1995. -332 с.
4. Гузеев В.В. Лекции по педагогической технологии / В.В. Гузеев. - М.: Наука, 1992. -134 с.
5. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения / В.В. Давыдов. - М.: ИНТОР, 1996, 544с.
6. Загвязинский В. И. Теория обучения: Современная интерпретация: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб, заведений / В. И. Загвязинский. -М.: Академия, 2001. - 192 с
7. Захаров, И. Г. Информационные технологии в образовании: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб, заведений / И. Г. Захаров. - М.: Академия, 2003. - 192 с.
8. Ильина Н.В. Поволжский межрегиональный учебный центр / Н.В. Ильина. –Саратов. [Электронный ресурс] metodist@muc.renet.ru
9. Коджаспирова Г.М. Технические средства обучения и методика их использования. Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб, заведений / Г.М.Коджаспирова, К. В. Петров. - М : Академия, 2001. - 256 с.
10. Котряков Н.В. Теория и практика трудовой школы в России (1917-1932) / Н.В. Котряков. - Киров, 1993. - 234 с.
11. Майерс Г. Надежность программного обеспечения / Пер. с англ. Галимова Ю.Ю.: Под ред. Кауфмана В.Ш / Г. Майерс. - М.: Мир, 19S0, 268 с.
12. Найн А.Я. Педагогические основы профессионального обучения молодых рабочих / А.Я. Найн. -Москва: Высшая школа, 1987. - 128 с.
13. Талызина Н.Ф. Теоретические проблемы программированного обучения / Н.Ф.Талызина. Московского университета, 1969. -134 с.
14. Трайнев, В.А. Трайнев И.В. Информационные коммуникационные педагогические технологии. Учебное пособие / В.А. Трайнев, И.В. Трайнев. – 4-е изд. - М.: Издательско-торговая корпорация "Дашков и Ко", 2009. - 280 с.


**БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ИНФОРМАТИЗАТСИЯИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ**


Дар мақола масъалаҳои вобаста ба информатизатсияи муассисаҳои таҳсилотӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, аз таҳлил ва омӯзиши адабиёт маълум мешавад, ки низоми таълими компютерӣ-иттилоотӣ метавонад, аз як ҷониб, ҳамчун маҷмӯи барномаҳои компютерӣ ва аз ҷониби дигар, ҳамчун маҷмӯи таъминоти таълимӣ-методӣ баррасӣ ва арзёбӣ гардад. Таълимгиранда (донишҷӯ) истифодабарандаи асосии КИОС мебошад. Бо истифода аз низоми автоматӣ ӯ метавонад ба монитор баровардани порчаи зарурии иттилооти таълимӣ, дар ҳалли вазифа иштирок кардан, гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳо, амсиласозии объектҳои тадқиқот, назорати донишҳои худро анҷом диҳад. Заминаи асосии назариявии ТИК таълими барномавӣ аст. Чуноне муаллиф зикр мекунад, баъзе муаллифон технологияҳои иттилотиро ҳамчун маҷмӯи методҳо, равандҳои истеҳсолӣ ва васоити барномавӣ-техникӣ арзёбӣ мекунанд, ки дар занҷири технологӣ муттаҳид гаштаанд ва ҷамъоварӣ, коркард, ҳифзу нигоҳдошт, густариш ва инъикоси иттилоотро бо мақсади коҳиш додани ҳаҷми меҳатталабии раванди истифодаи захираҳои иттилоотӣ таъмин мекунанд, ҳамчунин барои афзоиши эътимоднокӣ ва фаврияти онҳо муфид мебошад. Ҷонибдорони бархӯрди мазкур технологияҳои иттилоотиро ҳамчун васоити компютерӣ бо иттилоот баррасӣ менамоянд. Мо чунин мешуморем, ки бархӯрди дувум нисбатан замонавӣ ва муосиртар мебошад, зеро мутобиқи он технологияҳои иттилоотӣ на танҳо кор бо иттилоот, балки мавҷудияти васоити барномавӣ-техникиро ҳам фаро мегиранд. Чунин бархӯрд истифодаи навъҳои гуногуни васоити электрониро пешбинӣ мекунад, ки яке аз онҳо ТИК мебошад. Мулоҳизаҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф таъйид мекунад, ки таҳти таълими барномавӣ азхудкунии идорашавандаи маводи таълимии барномавӣ бо ёрии васоиту таҷҳизот (ЭВМ, китоби дарсии барномавӣ ва ғайра) фаҳмида мешавад. Маводи барномавии таълимӣ силсилаи дар муқоиса порчаҳои хурд («кадрҳо», «файлҳо», «қадамҳо»)-ро фаро мегирад, ки барои муҳассилин дар доираи пайгиронаи мантиқӣ пешкаш мегарданд.



**Калидвожаҳо:** информатизатсия, масъала, предмет, маҷмӯъ, донишҷӯён, компютер, тамсиласозӣ, тамсила, барнома, барномасозӣ, замони муосир.

**НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ ИНФОРМАТИЗАЦИИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ**

В статье рассматриваются вопросы, связанные с информатизацией образовательных учреждений. Из анализа научной литературы следует, что компьютерно-информационная обучающая система может трактоваться, с одной стороны, как комплекс компьютерных программ, а с другой - как комплекс учебно-методического обеспечения. Обучающийся (студент) - основной пользователь КИОС. Используя автоматизированную систему, он может: вывести на монитор необходимый фрагмент учебной информации, практиковаться в решении задач, производить вычисления, моделировать исследуемые объекты, контролировать свои знания. Основой КИОС является компьютерное средство обучения (КСО). Как подчеркивает автор, некоторые авторы определяют информационные технологии как совокупность методов, производственных процессов и программно-технических средств, объединенных в технологическую цепочку, обеспечивающую сбор, обработку, хранение, распространение и отображение информации с целью снижения трудоемкости процессов использования информационного ресурса, а также для повышения их надежности и оперативности. Сторонники данного подхода рассматривают информационные технологии как компьютерные средства работы с информацией. Мы считаем, что второй подход является более современным, так как в соответствии с ним информационные технологии включают не только работу с информацией, но и наличие программно-технических средств. Такой подход предполагает использование различного рода электронных средств обучения, одним из которых является КИОС. Подводя итоги, автор констатирует, что под понятием программированное обучение понимается управляемое освоение программированного учебного материала с помощью средств и оборудований (ЭВМ, программированный учебник и др). Программированный учебный материал охватывает сравнительно меньшие порции («кадры», «файлы», «шаги»), представляемые студентам в рамках логической последовательности.



**Ключевые слова:** информатизация, проблема, предмет, студенты, комплекс, моделирование, модель, программа, программирование, современное время.



**SOME PROBLEMS OF INFORMATIZATION OF EDUCATIONAL INSTITUTIONS**

The article deals with issues related to the informatization of educational institutions. From the analysis of literature it follows that the computer-information training system can be interpreted on the one hand as a complex of computer programs, and on the other - as a set of educational and methodological support. The student (student) is the main user of the KIOS. Using an automated system, it can: display on the monitor the necessary fragment of educational information, practice in solving problems, perform calculations, simulate the objects under study, control their knowledge. The basis of the KIOS is a computer-based learning tool (CSR). As the author points out, some authors define information technologies as a set of methods, production processes and software and hardware that are integrated into the technological chain, which collects, processes, stores, distributes and displays information in order to reduce the laboriousness of information resource use processes, and to increase their reliability and efficiency. Supporters of this approach consider information technologies as computer tools for working with information. We believe that the second approach is more modern, because according to it, information technologies include not only work with information, but also the availability of software and hardware. This approach involves the use of various types of electronic training tools, one of which is the CCD. Summing up, the author states that the term programmed learning is understood as the controlled development of a programmed educational material with the help of tools and equipment (a computer, a programmed textbook, etc.). Programmed educational material covers relatively smaller portions ("frames", "files", "steps"), presented to students in the logical sequence.



**Key words:** informatization, problem, subject, students, complex, modeling, model, program, programming, modern time.



**Сведения об авторе:** ***Фуркати Сикандари*** - Институт технологии и инновационного менеджмента г.Куляб, ассистент кафедры технологии программирования и компьютерной техники. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. Борбад. Тел.: **987-90-01-54**. E-mail: **furkat.8924@mail.ru**

**Information about the author:** ***Furkati Sikandari*** - Institute of Technology and Innovation Management, Kulob, assistant of the Department of Computer Science. **Address:** 735360, RT, Kulob, Borbad str. Phone: **987-90-01-54.** Email: **furkat.8924@mail.ru**



**УДК: 372.8 (575.3)**


# САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САЛОҲИЯТИ КАСБӢ ВА ХУДТАКМИЛДИҲИИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


***Каримова Ш.А.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров**


Дар замони муосир ҷомеа ниёз ба дониш, маҳорат, малака, маданият ва шахсият, ҳамҷоя бо омодагии касбӣ, равонӣ ва педагогии муаллими синфҳои ибтидоӣ дорад. Баҳри самаранокгардонии таълими синфҳои ибтидоӣ, ки сарчашмаи ҳамаи донишҳост, ҳамасола аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ як қатор дастуру ҳидоятҳо пешниҳод мегарданд, мутобиқи қарорҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллимони синфҳои ибтидоӣ ҳамасола аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида мешаванд, ки ин баҳри рушду такомули таълими босифати толибилмони хурдсол равона карда мешавад.

Ин буд, ки баҳри баландбардории сифати таълим дар синфҳои ибтидоӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёму

баромадҳои худ таъкид бар такмили ихтисоси мутахассисони мактабу маориф доранд ва чунин дастур додаанд, ки дар се сол як маротиба муаллимони синфҳои ибтидоӣ донишҳои худро такмил дода, салоҳияти касбии худро баланд бардоранд. Яке аз муаммоҳои муосири мактабу маориф маҳз такмили салоҳияти касбии мутахассисон мебошад.

Дар моддаи 50 Қонун "Дар бораи маориф" қайд гардидааст, ки омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф ҳуқуқ доранд: шаъну шарафи касбии худро ҳифз намоянд; фаъолияти касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии худро таҳким бахшанд; барои мутолиа ва рушди маҳорати касбии худ шароит муҳайё намоянд; ташаббус ва таҷрибаи пешқадами худро дар амал татбиқ намоянд; шаклу усулҳои самарабахши таълимро интихоб ва татбиқ кунанд [6].

Маълум аст, ки нақши асосиро дар синфҳои ибтидоӣ муаллим мебозад, зеро маҳз муаллими аввалин ба кӯдак роҳи дониш ва олами иҳотакардаро роҳнамоӣ менамояд. Мактабиёни хурдсол муаллимони худро шахси обрӯманду муътабар меҳисобанд [3,с.3]. Зеро муаллим омили асосии ташаккули ҳаматарафаи кӯдак мебошад. Маҳз омӯзгори синфҳои ибтидоӣ барои ташаккули бомуваффақияту пешравии кӯдак ва омодагии ӯ ба ҳаёти оянда мусоидат мекунад. Ин дар он ҳолат ба даст оварда мешавад, ки агар омӯзгор ҳаматарафа омодагии касбӣ дошта бошаду сифатҳои касбиву ахлоқӣ, донишу маҳорати ӯ бо ҳам тавъам бошанд.

Собит гардидааст, ки сатҳи омодагии муаллими синфҳои ибтидоӣ ба пуррагӣ аз худтакмилдиҳӣ ва такмили ихтисоси ӯ вобаста аст. Касби омӯзгорӣ аз муаллим такмили ҳамешагии донишҳо, маҳорату малакаи амалии ӯро талаб мекунад [3,с.154]. Тадқиқот ва мушоҳидаҳои педагогӣ нишон додаанд, ки бештари муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба такмили дониши худ диққати ҷиддӣ намедиҳанд, ба имконоти фаъолияти худ баҳои нокифоя медиҳанд. Дар ин ҳолат тартиби такмили ихтисосе, ки ҳамчун омили асосиву анъанавии омодагии касбии муаллими синфҳои ибтидоӣ баромад менамояд, аҳамияти бузурге дорад. Бо мақсади баландбардории самараи он, ба фикри мо, амсилаи мавҷудаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро бо назардошти истифодабарии имконоти якҷоякунии муносибати босалоҳият ва арзишманд дар доираи ягонагии муносибати якҷоя таҷаддуд намудан зарур аст. Маҳз муносибати якҷоя дар ин мафҳум метавонад, мундариҷаи раванди баландбардории такмили ихтисоси муносиби маънавӣ-арзиширо таъмин намуда, ба инкишофи сифатҳои касбиву ахлоқии муаллим наздик намояд.

Дар чорчӯбаи чунин муносибат раванди муаммогузории модели ҳамҷояи инкишофи шавқи ахлоқии муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва ташкили он дар асоси раванди мутақобилаи такмили ихтисос фаъолияти махсусро касб намуда истодааст.

Муаммои ташаккул ва инкишофи касбиву иҷтимоии шахсияти омӯзгор предмети омӯзиши олимони, чи ватаниву чи хориҷии соҳа гардидааст, ба монанди: Г. Ананев, В.И. Андреев, Г.С. Батишев, Р.Х. Гилмеева, Г.И. Ибрагимов, А.А. Кирсанов, С.М. Ковалев, Д.А. Леонтев, Б.Т.Лихачев, А. Маслоу, В.А. Малтсев, В.Ш. Масленникова, В.А. Сластенин, В.В. Сериков, Т.Т. Терехов, Р.Х. Шакуров, И.Х. Каримова, Лутфуллозода М., Шарифзода Ф., Шарипов Ф.Ф ва дигарон.

Вале муаммои рафтори ваҷҳнокӣ дар баландбардории касбияти муаллими синфҳои ибтидоӣ предмети тадқиқоти алоҳида нагардидааст. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми муайяну дақиқи хориқаи додашуда мавҷуд нест. Махсусиятҳо ва шароитҳои педагогии самтҳои самараноки баландбардории салоҳияти ахлоқии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисос бо муносибати ҳамҷоя мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст. Баландбардории касбияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ яке аз қисматҳои ҷудонопазирӣ омодагии касбии муаллимони синфҳои ибтидоӣ мебошад, ки дар он тамоюли муосири инкишофи касбият (педагогӣ-касбӣ), шавқмандии муаллим ҳамчун мафҳуми иҷтимоӣ-педагогӣ (Н.В. Кузмин, А.К. Марков, А.И. Пискунов, В.А. Сластенин, О.М. Шиянов ва дигарон) ба ҳисоб меравад.

Таҳлили мазмунӣ ва вазифавӣ-тартибии такомули дониши омӯзгорон мафҳуме мебошад, ки моро ба дарки маънои омодагии касбии муаллими синфҳои ибтидоӣ ҳамчун иҷроиши омодагии фаъолияти маҳсулнокӣ мутобиқи сифатҳои арзишноки касбӣ ва тамоюли арзишманд бурда мерасонад.Дар асоси таҳлили такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ чунин қисматҳо ба назар гирифта шуда буданд: ваҷҳнокӣ-арзишӣ, дарккунӣ, фаъолиятӣ, ки дар ҷадвали зер мо онро ба таври пурра тавсиф медиҳем, ки кадом қисмат ба кадом мақсади касбияти муаллим бурда мерасонад.

**Ҷадвали 1 Қисматҳо ва нишондодҳои асосӣ**

| Қисматҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| Ваҷҳнокӣ-арзишӣ | Фикркунии зарурияти такмилдиҳии дониши муаллим ва аҳамияти он дар |

| | |
|---|---|
| | фаъолияти касбӣ: муносибатҳои арзишманд нисбат ба касби педагогӣ, ба одамон, ба худ, самти гуманистии фаъолияти омӯзгор ва монанди инҳо. |
| Дарккунӣ | Донистани асосҳои назариявии этикаи педагогӣ, донистани асосҳои педагогӣ-психологии таълими муосир |
| Фаъолият | Қобилияти омӯзгор танҳо донистан ва ё эҳсос намудан нест, балки мувофиқи дониш ва ақидаҳои худ амал намудан, маҳорати интихоб намудани рафтори хуб мутобиқ ба меъёри педагогӣ, омодагӣ ба худтакмилдиҳии касбӣ ва монанди инҳо. |

Вале дар амалия қисматҳои номбаргардида ба воситаи сифатҳои касбии омӯзгор, ки ба он имконият ва салоҳияти омӯзгор дохил мешавад, шавқ нисбат ба касби дӯстдошта, кӯшиши пешниҳоди ғояҳои нав ва муносибати мактабиёни хурдсол ба таълим, дастрасӣ ба қабули вазъиятҳои дигарон, ақидаи умумии маданият ва тамоюли арзишмандӣ, эҳсосҳои устувор, самтҳои мусбӣ ба фаъолияти педагогӣ амалӣ карда мешаванд.

Эҳтимол, дар раванди такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ, ки бо мақсади инкишофи сифатҳои касбӣ роҳандозӣ карда мешавад, бояд хусусияти ҳамҷоягӣ дошта бошад, ки фаъолияти касбиву ахлоқии омӯзгорро инъикос менамояд. Дар ин раванд, ба сифати муносибати методологии пешбар, муносибати ҳамҷоягӣ ҳамчун муносибатҳои аксиологӣ ва салоҳиятҳо интихоб карда шуданд, ки дар асоси он принсипҳои дидактикии мувофиқ, принсипҳои методӣ, муносибатҳои индивидуалӣ, коркарди ғояҳои нав ва роҳҳои кор бо хонандагони хурдсол, имконияти арзишӣ-тахминӣ, фаъолнокӣ, ҷудо карда мешаванд.

Пайдарҳамии ин гуна принсипҳо ба мо имконият дод, ки модели роҳҳои ваҷҳнокии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисосро коркард намоем.

Маҳаки ин модел маҷмӯи ҳамкории мутақобилаи байниҳамдигарии модули мустақилонаи таълимиро ташкилмедиҳад, ки ҳар яки он ба ҳалли вазифаҳои махсус-ба ташаккул ва такмили раванди баландбардории касбият, сифатҳои касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ равона карда мешаванд (ниг. ҷад.2).

**Ҷадвали 2. Комплекси модулҳои таълимии такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ**

| Модулҳои таълимӣ | Мақсади асосӣ |
|---|---|
| Модули 1: (Машғулият) « Тартиби ахлоқӣ-маънавии фаъолияти педагогии муаллимони синфҳои ибтидоӣ» (то 6 соат) | Фаъолгардонии ваҷҳи инкишофи касбӣ-ахлоқии омӯзгор |
| Модули 2: (курси махсус) «Такмили ҳавасмандии касбӣ-ахлоқии муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосир» (108 соат) | Фаъолгардонии инкишофи пурмазмуни ҳавасмандии касбӣ-ахлоқии омӯзгор |
| Модули 3: (семинари муаммовӣ) «Лабораторияи касбӣ-ахлоқии муаллими синфҳои ибтидоӣ» (12 соат) | Ғани гардонидани таҷрибаи касбӣ-ахлоқии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ |
| Модули 4: Худтакмилдиҳанда (дар марҳилаи байникурсӣ) | Худтакмилдиҳии сифатҳои касбӣ-ахлоқӣ |

Мазмун ва мундариҷаи ҳар як модули таълимие, ки хусусиятҳои худро дорад, дар асоси талаботҳои умумии зерин тартиб додан аз фоида холӣ нест:

- гуногунии мазмун ва мундариҷаи омодагии касбӣ;
- муҳайё намудани имконоти бештар барои ошкор намудани шахсияти эҷодии омӯзгор (мутобиқ ба соли 2018 дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон атрофи 3 млрд. 863 миллиону 64 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст, аз маблағи сарфгардида бармеояд, ки соҳаи маориф барои ҷумҳурӣ яке аз соҳаҳои асоситарини ҷомеаи муосир маҳсуб меёбад, бинобар он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушд ва инкишофи он ҳамаи чораҳои заруриро меандешад).
- мавҷуд будани захираи донишҳои ахлоқӣ ва педагогӣ-психологие, ки дар вазъияти доимотағйирёбандаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои қабул намудани қароре зарур аст;
- имконоти воқеии баҳогузорӣ намудани иқтидори ахлоқӣ, ки дар умум чи вазифаи ислоҳӣ ва чи вазифаи ташаккулдиҳии такмили ихтисосро амалӣ карда метавонад.

Мундариҷа ва роҳандозӣ намудани ҳар як модул омӯзгорро ба фаъолгардонии муаммо, шароитҳои гуногуни амаликунии онҳо дар доираи баландбардории касбият, чи дар ҳаҷми маводи пешниҳодгардида ва чи дар ҳалли муаммоҳо равона менамояд.

Бо ин мақсад шакли фаъоли ҳамҷояи ташкил ва гузаронидани курсҳои мақсадноки баландбардории касбият, ки вазифаи ислоҳии таълимро таъмин менамоянд, истифода бурда мешавад. Дар мундариҷаи нақшаи таълимӣ ба блоки ташкилӣ ва инноватсионӣ, ки дар он муносибати равандҳои нави таълим, чун бозиҳои расмӣ, машғулияти амалӣ,

«ҳуҷуми фикрӣ», методҳои Венн, таҳлили вазъиятҳои аниқ мавриди омӯзиш қарор мегирад, мавқеи камтар дода шудааст. Ҳамчунин, дар ин курсҳо шакли номунтазами таълим (дифференсиалӣ) амалӣ карда мешавад. Дар нақшаҳои таълимӣ-мавзӯии дахлдори такмили ихтисос дар қатори қисматҳои базавӣ мундариҷаи баландбардории касбият қисмати вариативӣ, ки дар шакли машваратҳои гурӯҳӣ ва индивидуалӣ мутобиқ ба шавқ ва мақоми касбӣ-ахлоқии шунавандагон гузаронида мешавад ва ё дар шакли модули блоки алоҳида иҷро мегардад.

Ҳамин тавр, қисматҳои асосии ташкил ва гузаронидани раванди баландбардории касбият ва худтакмилдиҳии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи муаммои инкишофи салоҳияти касбӣ, ҳамчунин аз рӯйи ташаккули умумитаълимии мактабиён бояд маҳоратҳои зеринро дар бар гиранд:

1) мундариҷаи таркибии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон;
2) ташкили раванди таълим дар асоси тартиботи рейтингӣ;
3) мубодилоти курсҳои таълимӣ баҳри такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар асоси технологияҳои муосири таълимӣ;
4) ташкили курсҳои такмили ихтисос, ки зарурияти ба даст овардани таҷрибаи салоҳияти касбии фаъолият ва ташаккули салоҳиятҳои лозима дар шароити фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб гирифта мешавад;
5) иҷро намудани корҳои тахассусии хатм бо назардошти қисматҳои интиқодии салоҳияти муаллимони синфҳои ибтидоӣ.


### АДАБИЁТ

1. Бабанский, Ю.К. Оптимизация процесса обучения. Общедидактический аспект / Ю.К. Бабанский. -М.: Педагогика, 1982. - 198 с.
2. Бермус, А.Г. Проблемы и перспективы реализации компетентностного подхода в образовании / А.Г. Бермус // Интернет-журнал «Эйдос». 2005. -10 сентября. [Захираи электронї]- http://www.eidos.ru/journal/2005/0910-12.htm.
3. Каримова И. Учитель – творец добра и прогресса. Учебник / И.Каримова, Ф.Шарифзода – Душанбе: Ирфон, 2010. -180 с.
4. Корнилова М.В. Формирование информационной культуры учителя в системе повышения квалификации: автореферат дисс. канд. пед. наук: 13.00.08 / М.В. Корнилова. -Кемерово, 2003. - 19 с.
5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. –Душанбе, 2016. –127 с.
6. Закон Республики Таджикистан об образовании. Действующий закон. Дата принятия: 22.07.2013 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2013 г., №7, ст.532; 2014г., №3, ст.156; Закон РТ от 26.07.2014 г., №1125.


## САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА ХУДТАКМИЛДИҲИИ МУАЛЛИМОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


Мақолаи мазкур ба яке аз муаммоҳои актуалии мактабу маориф, такмили ихтисос ва худтакмилдиҳии муаллимони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Муаллиф изҳор медорад, ки дар замони муосир талабот нисбат ба шахсияти муаллимони синфҳои ибтидоӣ, ба дониши онҳо, маданияту фарҳанг ва талаботҳои маънавӣ, дар ҳамҷоягӣ ба талаботи касбияти онҳо, омодагии педагогӣ ва психологии онҳо зиёд гардида, муаллимонро водор мекунад, баҳри пешравии ҷомеа ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас мунтазам касбияти худро такмил диҳанд. Ҳамчунин, муаллиф собит месозад, ки маҳз муаллими синфҳои ибтидоӣ дар ташаккул ва камолоти шогирди худ, баҳри дар оянда ба дастовардҳои бузурги илмиву инсонӣ ноил гардидани ӯ мусоидат хоҳад кард. Муаллиф кӯшиш намудааст, аз рӯйи такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ таҳлил гузаронад. Дар ин таҳлил муаллиф ҷузъҳои зеринро рӯйи кор овардааст, ба монанди: арзёбии арзиш, оммавият, фаъолиятро ба таври муфассал тасвир кардааст ва чунин меҳисобад, ки нишондиҳандаҳои мазкур ва ҷузъҳои он касбият ва соҳибмаърифатии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро муайян мекунанд. Ҳамчунин, муаллиф кӯшидааст модели арзёбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди такмили ихтисосро тартиб дода бошад. Муаллиф чунин мешуморад, ки асли модел дар маҷмӯи иртиботи мутақобилаи модулҳо, ки мундариҷа ва мазмуни асосии курсҳои такмили ихтисос аст, хусусияти хосси худро дошта, дар асоси талаботҳои асосӣ гузаронида мешавад. Муаллиф инчунин ҷузъҳои асосии ташкил ва гузаронидани раванди такмили ихтисос ва худтакмилдиҳии муаллимони синфҳои ибтидоӣ оид ба масъалаи рушди салоҳияти касбиро номбар намудааст.



**Калидвожаҳо:** такмили ихтисос, муаллими синфҳои ибтидоӣ, омодагии педагогӣ, такмилдиҳӣ, худтакмилдиҳӣ.


## ОСНОВНЫЕ ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ И САМОСОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ


Статья посвящена повышению квалификации и самосовершенствованию учителей начальных классов. Автор утверждает, что повышенные требования к личности учителей начальных классов, к их знаниям, культуре и духовным потребностям во взаимосвязи с их профессиональной, психологической и педагогической подготовленностью обязывает учителей постоянно совершенствовать квалификацию, что немаловажно для продвижения и развития общества. Также автор доказывает, что именно учитель младших классов способствует формированию у ученика будущих профессиональных и жизненных достижений. Автор постарался провести анализ повышения квалификации учителя начальных классов. В этот анализ автор включил такие компоненты, как: мотивационно-ценностный, когнитивный, деятельностный и подробно описал показатели данных компонентов.

Также автор постарался разработать модель мотивационного пути учителя начальных классов в процессе повышения квалификации. Автор считает, что ядро модели составляет комплекс взаимодействующих между собой самостоятельных учебных модулей и что содержание и смысл каждого учебного модуля, имеющего свою специфику, выстраивается на основе общих требований. В заключении автор привел основные компоненты организации и проведения процесса повышения квалификации и самосовершенствования учителей начальных классов по проблеме развития профессиональных компетентностей.

**Ключевые слова:** повышение квалификации, учитель начальных классов, педагогическая подготовленность, совершенствование, самосовершенствование.

**THE MAIN WAYS OF PROFESSIONAL DEVELOPMENT AND SELF-IMPROVEMENT OF PRIMARY SCHOOL TEACHERS**

Abstract: the Article is devoted to professional development and self-improvement of primary school teachers. The author argues that the increased requirements to the personality of primary school teachers, to their knowledge, culture and spiritual needs in relation to their professional, psychological and pedagogical preparedness obliges teachers to constantly improve their skills, which is important for the promotion and development of society. Also, the author proves that it is the teacher of Junior classes contributes to the formation of the student's future professional and life achievements. The author has tried to analyze in the professional development of teachers of initial classes. In this analysis, the author included such components as: motivational-value, cognitive, activity and described in detail the indicators of these components and argues that these components put forward the professionalism of primary school teachers. The author also tried to develop a model of motivational way of primary school teachers in the process of training. The author believes that the core of the model is a set of interacting with each other independent training modules and that the content and meaning of each training module, which has its own specifics, is built on the basis of general requirements. In conclusion, the author cited the main components of the organization and the process of training and self-improvement of primary school teachers on the development of professional competencies.

**Key words:** professional development, primary school teacher, pedagogical preparedness, improvement, self-improvement.

**Сведения об авторе:** ***Каримова Шахноз Аъзамджоновна*** - Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, соискатель социальной и профессиональной педагогики педагогического факультета заведующая кафедрой методики преподовании в дошкольных и общеобразовательных школах Филиала Института усовершенствования образования Согдийской области. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **omuzgork@mail.ru**. Телефон: **(+992) 938-99-00-06**

**Information about the author:** ***Karimova Shakhnoz Azuzdzhonovna*** - Khudzhand State University named after B. Gafurov, applicant for social and professional pedagogy of the pedagogical faculty, head of the department of teaching methods in preschool and secondary schools of the Branch of the Institute for the Improvement of Education of the Sogd region. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Passage 1. E-mail: **omuzgork@mail.ru.** Phone: **(+992) 938-99-00-06**

**УДК:372.817:372.818**

# ОИЛА ВА АРЗИШҲОИ ОИЛАДОРӢ

***Файзализода Ҷ.Х., Олимов Т.Ш.***

**Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Сохтори оила ва функсияҳои он дар ҷомеа ниҳоят гуногун буда, аз омилҳои иҷтимоӣ, хусусиятҳои шахсияти волидайн, сатҳи фарҳангу таҳсилоти онҳо вобастагии қавӣ дорад. Ба масъалаи арзишҳо аввалин шуда олимон-сотсиологҳо М. Вебер ва Э Дюркгейм таваҷҷуҳ зоҳир намуда, зарурати таҳқиқи онҳоро дар илми сотсиология асоснок карда, ба вусъати раванди дарки «ҷомеа ҳамчун низоми арзишу меъёрҳо» мусоидат намуданд. Дар солҳои 70-уми асри гузашта сотсиологи амрикоӣ М. Рокич ба методикаи андозагирии тамоюли арзишҳо асос гузошт, ки он минбаъд дар пажӯҳишҳои сотсиологҳои олам ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифт.

Дар охири асри XX вобаста ба таҳаввулоти азими сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳаёти ҷомеаи башар таваҷҷуҳ ба проблемаҳои омӯзиши оила вусъат ёфта, ба инсон, мавқеи он дар истеҳсолот ва вазъи рӯзгору оила таъсири бузург расонид. Олими шинохта А.Г. Вишневский тағйирёбии функсияи оила ва баланд гардидани нақши ниҳодҳои давлатию ҷамъиятиро дар татбиқи функсияҳои мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки таҳаввули оила аз раванди таҳаввулот дар давлату ҷомеа вобастагии амиқ дорад [1,с.49].

Мавриди зикр аст, ки тамоми муҳаққиқоне, ки ба пажӯҳиши проблемаи оилаи муосир машғуланд, оид ба тағйирот ва равандҳои буҳронӣ, ки дар муносибатҳои оилавӣ ба вуҷуд омадаанд, ибрози назар мекунанд. Агар як гурӯҳи муҳаққиқон нисбати шикасту азбайнравии оила ибрози назар кунанд, гурӯҳи дигар эътимод доранд, ки оила аз байн

намеравад, балки дар шакли нав арзи вуҷуд хоҳад кард. Масалан, барандаи ҷоизаи Нобел А. Тоффлер оиларо хамчун «фурӯнишонандаи» садамоти ҷомеа ва ягона нуқтаи суботе арзёбӣ намудааст, ки фарди афгору пажмурда баъди набард бо олам ба он бармегардад [9,с.187-188]. Дар адабиёти илмӣ мавзӯъҳои оила, тарбияи оилавӣ, ташаккули арзишҳои оилавӣ ниҳоят гуногунҷанба инъикос ёфтаанд. Новобаста аз ғаномандии ҷанбаҳои таҳқиқ то ҳанӯз дар адабиёти илмии соҳаи психология, сотсиология, педагогикаи муосир мафҳуми ягонаи оила мавҷуд нест. Чунин вазъият баёнгари таъйиноти бисёрҷонибаи мақсаднок, функсионалӣ ва маънонии категорияи мазкур барои давлат, ҷомеа ва инсон аст.

Мавзӯи оила ва арзишҳои оилавӣ дар асарҳои С. Виготский, Н.Д. Добринина, В.В. Илин, К.К. Платонов, Д.Н. Узнадзе ва дигарон, ҷанбаи педагогии мавзӯи мазкур дар асарҳои И.С. Кон, В.И. Переведенсев, В.А. Титаренко, А.Г. Харчев инъикос ёфтааст.

Дар асару мақолаҳои И.С. Андреева, А.И. Антонов, В.А. Борисов, Э.К. Василева, А.Г. Вишневский, Т.А. Гурко, О.В. Митина, З.А. Янкова қайд гардидааст, ки тағйирёбии нақши оила дар ҳаёти ҷомеа натиҷаи равандҳои амиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, характери глобалӣ дорад. Ба проблемаи андозагирии иҷтимоии арзишҳои оилавӣ ва фарзандон дар қаринаи консепсияи буҳрони таваллуд, оила ва арзишҳои оилавӣ асару мақолаҳои А.И. Антонов, В.А. Борисов, инчунин М.С. Мастковский, В.М. Медков бахшида шудаанд.

Ба асосноксозии арзишҳо ҳамчун унсури фарҳанг, робитаи бевоситаи онҳо бо фаъолият, проблемаи низоми арзёбии арзишҳо осори зиёди олимону мутахассисони хориҷӣ М. Вебер, Э. Дюркгейм, А.Г. Здравомислов, А.П. Скрипник, Н.Ҷ. Смелзер, В.П. Тугаринов, В. Франкл , Э. Фромм, В.А. Ядов бахшида шудаанд.

Файласуфон ва сотсиологҳои рус ба масъалаи таносуби мафҳуми «арзишҳо» бо мафҳумҳои «идеал», «талабот», «меъёр», «рағбат», «мақсад» таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Новобаста аз анбӯҳи бузурги адабиёти илмӣ зиддияти оилаи муосир, сохтор ва динамикаи тағйирот дар оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, таҳаввули арзишҳои оилавӣ ва аҳамияти амалии ин дигаргуниҳо таҳлилу таҳқиқоти доманадорро тақозо мекунанд.

Имрӯз назарияи арзишҳо, методология ва услубҳои муносибати арзишӣ дар сотсиологияи оила, педагогикаи оила ва оиладорӣ дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд ва дар амал аҳён-аҳён истифода бурда мешаванд.

Илм ҳанӯз ба масъалаҳои таъсири сиёсат ва идеология ба арзишҳои оилавӣ, муқоисаи вариантҳои имконпазири дар ҳаёти оилавӣ омезиш ёфтани арзишҳои оилавӣ ва ғайриоилавӣ ва пешгӯӣ намудани пайомадҳои он барои фарҳанг, ҷойгоҳи оила ва арзишҳои он дар байни дигар арзишҳои умумибашарӣ ҷавоби мушаххас ва саҳеҳ надодааст. Дар раванди ташаккули арзишиҳои шахсият оила нақши калидӣ мебозад.

Зеро «оила яке аз омили муассир дар рушди ҳамаҷонибаи фарзандон аст. Оила макони аст, ки кӯдак ба тамоми таҷрибаҳои дигар лаҳзаҳои иҷтимоӣ ва зиндагии худ ба он бозмегардад. Осишгоҳест, ки дар он ҷо ҳама ифтихорот ва мавқеашонро ба намоиш мегузоранд. Дар он ҷо ӯ ба дунболи марҳаме барои тааммулот, шикастҳо, ҷароҳатҳо ва захмҳое вориди бархӯрд мегардад, то олами худро таскин бахшад» [6,с.36].

Маҳз оила бунёдгузори асосии муносибати арзишии инсон нисбат ба олам мебошад. Ягон ниҳоди дигари иҷтимоӣ қодир нест, ки ҷойгоҳи оиларо дар ин самт иваз намояд. Зеро неруи асосии тарбия дар оила ин муҳаббати ҳамхунӣ (зотӣ, ирсӣ) ба шумор меравад.

Дарки арзишҳои оилавӣ дар доираи мутобиқшавии одамон ба шароитҳои низомҳои динамикии муосир вобаста ба зарурияти ҳалли ихтилофоту низоъҳое, ки дар ин ё он ниҳоди иҷтимоӣ ба вуқӯъ меоянд, амалӣ мегардад.

Аслан, худи оила яке аз арзишҳои бузургтаринест, ки инсоният тавонистааст дар тӯли таърихи мавҷудияти хеш офарад. Ягон миллат, ягон умумияти фарҳангӣ бидуни оила арзи вуҷуд накардааст. Ба рушди мусбати оила, ҳифзу таҳкими он ҷомеа ва давлат манфиатдор буда, ҳар як инсон новобаста аз синну сол ба оила эҳтиёҷ дорад.

Илми муосир бартарияти оиларо дар таълиму тарбияи насли наврас пайваста ва боисрор таъкид мекунад. Арзишҳои оилавӣ арзиш-меъёрҳо ба шумор рафта, ҳамчун заминаи идеалии тамоюлот, меъёрҳои идеалӣ хизмат карда, дар заминаи онҳо воқеият арзёбӣ ва роҳу равиши рафтору фаъолияти фард муайян ва интихоб мегардад (И.Ф. Дементева, О.Г. Дробнитский, О.В. Дибина, Н.Н. Никитина, Н.С. Розов, А.М. Рогова).

Муҳаққиқ А.Б. Федулова арзишҳои оилавиро ҳамчун афзалиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар соҳаи никоҳу оила (рафтори тоникоҳӣ, интихоби ҳамсар, дар ҷодаи рафтору кирдор ба сифати падар ё модар, дар ҷодаи муносибатҳои никоҳу оилавӣ, муносибати ҳамсарон) муайян кардааст [10,с.17]. Ба ин маънӣ арзишҳои оилавӣ ба тамоюли арзишҳои аъзои оила ва тарзҳои қонеъгардонии ниёзҳои афроди оила вобаста буда, ба манфиату ҳадафҳои онҳо нигаронида шудаанд.

Арзишҳои барои оила хосро А.М. Рогова ба ду гурӯҳи зерин тақсим намудааст: арзишҳои бунёдӣ ва махсус.

Арзишҳои бунёдӣ барои тамоми намуди оилаҳо хос мебошанд. Ба арзишҳои бунёдии оила номбурда ҳам арзишҳои иқтисодӣ(моликияти оила, рӯзгордорӣ) ва ҳам арзишҳои ғайрииқтисодӣ (никоҳ, ҳамсар, фарзандон, волидайн, садоқати ҳамсарӣ, шаҳват)-ро дохил намудааст. Ба андешаи муҳаққиқ, ба ташаккули арзишҳои оилавӣ се гурӯҳи омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1. Тамоюлоти умумиҷаҳонии рушди оила.
2. Омилҳое, ки барои кишвари мушаххас (Россия) дар шароити ислоҳоти бозаргонӣ хос мебошанд.
3. Омилҳое, ки барои гурӯҳҳои гуногуни насли ҷавон хос мебошанд.

Номбурда ба омилҳои умумиҷаҳонии рушди оила инҳоро дохил намудааст: вусъати индивидуализм, мустақилият, барои худ зистан, бартарияти манфиатҳои шахсӣ нисбат ба манфиатҳои оилавӣ, тағйирёбии тамоми низоми арзишҳои оилавӣ, тағйирёбии таъйиноти оила, таҳаммулпазирӣ нисбат ба намудҳои гуногуни рафтори оилавӣ, аз ҷумла шаҳвонӣ.

Ба омилҳое, ки барои кишвари мушаххас (Россия) хос мебошанд, инҳоро дохил намудааст: вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аксарияти аҳолӣ (мавҷудияти кори сердаромад, манзил, моликият); омилҳои сиёсати оилавӣ (мавҷудияти имкониятҳои давлат барои ҳалли мушкилоти моддӣ ва иҷтимоии оила, аз ҷумла масъалаи манзил); омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ (фарҳанг ва анъанаҳои муносибатҳои оилавӣ дар ҷомеа, таҳсилоти махсус, тарбия оид ба проблемаҳои оила, тадбирҳои маърифатии ҷомеа оид ба масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ, савияи донишҳои ҷавонон оид ба проблемаҳои оила); воситаҳои ахбори омма (барномаҳои гуногун оид ба ҳаёти оилавӣ); тавсифоти шахсӣ (шавқу завқ, афзалиятҳо, фаъолнокӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти шахсӣ).

Ба омилҳои барои гурӯҳҳои гуногуни насли ҷавон хос метавон тавсифи иҷтимоии онҳоро дохил намуд: ҷинс, синну сол, макони зист [8,с.171-172].

Дар маҷмӯъ, минбаъд таҳқиқи проблемаи ташаккули арзишҳои оилавиро дар самтҳои зерин идома додан ба мақсад мувофиқ аст:

- арзёбии муҳиммияти нисбии арзишҳои оилавӣ;
- ошкор намудани омилҳои дохилии ташаккули арзишҳои оилавӣ;
- бунёди низоми идоранамоии раванди ташаккули арзишҳои оилавӣ.

Арзишҳои оилаи мушаххас муайянкунанда ва индикатори фарҳанги он ба шумор мераванд. Фарҳанги оиларо метавон ҳамчун маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ва натиҷаи рушди таърихии он арзёбӣ намуд. Аъзои оила (ва фарзандон) дар доираи арзишҳои оилавӣ (фарҳанги оила) кору фаъолият намуда, ҳамзамон объекти робитаи мутақобилаи фарҳангӣ ва субъект, офарандаи арзишҳо ба шумор мераванд. Арзишҳои асосии хосси зиндагии оилавиро метавон ба таври зерин гурухбандӣ ва тавсиф намуд:

- никоҳ, садоқату вафодорӣ нисбат ба никоҳ;
- фарзандон, таълиму тарбияи онҳо;
- муҳити солиму боҳаловати ахлоқӣ-равонӣ дар оила, муошират, ҳисси қаробати маънавӣ;
- некуаҳволии моддӣ (моликияти ғайриманқул, даромад, муҳити моддӣ-шайъӣ, хӯрокворӣ, меҳнати сердаромад);
- фаъолияти эҷодӣ-маърифатӣ (таҳсилот, соҳибкасб шудан, мутолиа, иттилоот);
- фаъолияти худмуҳофизатӣ (нигаҳдошти саломатӣ, хоб, нигоҳубини худ – беҳдоштӣ, тиббӣ ва ҳоказо);
- фаъолияти рекреативӣ (барқарорнамоии неру, варзиш, истироҳати фаъол ва ғайрифаъол);
- ғамхорӣ нисбат ба наздикону пайвандон, меҳнати пардохтнашавандаи хонагӣ;
- амният, эътимод ба ҳимоя;
- арзишҳои маънавӣ-мазҳабӣ.

Ба раванди ташаккул ва рушди арзишҳои оилавӣ се омили асосии зерин таъсир мерасонанд:

1. Шароитҳои таърихие, ки дар онҳо тасаввурот оид ба оила, арзишҳои оилавӣ ва муносибатҳои оилавӣ ташаккул ва рушд ёфтаанд.
2. Шароитҳои фарҳангӣ-идеологии ҳаёту фаъолияти ҷомеа ва оила.
3. Омилҳои иқтисодие, ки ба арзишҳои оила ягон таъсир мерасонанд.

Мавриди зикр аст, ки дар раванди ташаккул, рушд ва тарғиби арзишҳои оилавӣ нақши зан-модар бағоят бузург аст. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Имрӯз бо қаноатмандӣ метавонем изҳор намоем, ки занону модарони мо дар

ҷомеа мақому мавқеи сазовор доранд ва арзишҳои оиладорӣ, инсонӣ ва миллиро дар миёни фарзандони худ ва ҷамъият бо масъулияти баланд тарғиб менамоянд» [5].

Ба андешаи як қисми муҳаққиқон «…меҳру муҳаббати модарӣ омили муҳимми тарбияи фарзанд аст. Фақат модар қудрату тавоноии бузурги таъсиррасонӣ ба шахсияти фарзанд дорад» [4,с.22].

Албатта, нисбати андешаи «фақат модар қудрату тавоноии бузурги таъсиррасонӣ ба шахсияти фарзанд дорад» баҳс кардан мумкин аст, аммо ин масъала ба таҳқиқи мушаххасу густурда ниёз дорад. Мавриди зикр аст, ки бузургони илму адаби олам, аз ҷумла адибони адабиёти классикиву муосири тоҷик дар осори хеш пайваста модарро тараннум карда, мақому манзалати ӯро дар оила, тарбияи шахсияти фарзандон ва рӯзгори башарият бо образҳои нотакрор инъикос кардаанд. Ба ибораи дигар, мавзӯи модар дар адабиёти олам, аз ҷумла адабиёти тоҷик мавзӯи маъмулӣ буда, дар ашъори аксарияти адибони классику муосири тоҷик бо тарзу шева ва равишҳои гуногун инъикос ёфтааст. Адибони тоҷик бо истифода аз орояву таркибҳои гуногуни адабӣ образи зан-модар, бузургии зан-модар ва нақши барҷастаи ӯро дар бунёду пойдории оила ва ташаккулу рушди арзишҳои оиладорӣ ҳамаҷониба таҷассум намудаанд.

Аммо дар адабиёти муосири илмии ватанӣ бахшида ба педагогика таҳқиқоти алоҳида оид ба мақоми зан дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ ба назар намерасад. Ҳол он ки, агар мо осори адибони классики тоҷикро бо ҳусни зеҳн мутолиа кунем, аз ин ганҷинаи пурбаҳо ҳазорҳо далели бузургии зан-модарро дармеёбем ва мутмаин мегардем, ки воқеан дар масири кору пайкор ва талоши хеш ба сӯйи камолоту тавоноӣ бани башар маҳз бо шарофати заҳматҳои шабонарӯзии зан-модар ба мақсад расидааст. Байти зерини Низомии Ганҷавӣ баёнгари шукӯҳу шаҳомати зан-модар ва мақоми ӯ дар рӯзгори инсонҳост:

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

Фарзандоне, ки бузургиву шаҳомати зан-модарро сурудаанд, худ бо шарофати заҳмат, азму талош ва қалби саршор аз муҳаббати модар ба авҷи камолоти илму эҷод расидаанд.

Дар ин маврид Раънои мубориз басо дақиқ ибрози андеша намудааст:

*Диле, ки Рӯдакиро панд омӯхт,*
*Ҷароғи ақли Синоро барафрӯхт,*
*Диле, ки то дили шабҳо нахуфта*
*Ба Фирдавсию Саъдӣ қисса гуфта,*
*Дили зан нест ин дил, пас дили кист?!* [7,с.154].

Дар оилае, ки зану шавҳар ҳангоми ҳаллу фасли ҳама гуна масъалаҳои рӯзгор бо ҳамдигар маслиҳату машварат намуда, бо ризоияти тарафайн амал мекунанд, низоъу ва ихтилоф камтар ба назар мерасад, ин гуна оилаҳо босуботу устувортаранд. Маъмулан, зани оқилу бофарҳанг мушовири хубу беғарази ҳамсари худ аст, ӯ омодааст, ки ба хотири ҳифозати назми хонавода дар аксар маврид таҳаммулпазир бошад, бо истифода аз савияи маърифати оиладории хеш, таҷрибаи андӯхта дар самти рӯзгордорӣ ва маслиҳату машварати худ дар тарбияи фарзанд, ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва ба ин васила дар пешрафту шукуфоии ҷомеа нақши муассир гузорад.

Вобаста ба ҷаҳонишавии фарҳанг ва фазои иттилоотӣ имрӯз дар оилаи муосир тағйироти куллӣ ба амал омада истодааст, аз ин рӯ барои дарки ин дигаргуниҳои ба ҳам вобаста ва арзёбии бақову инкишофи ояндаи оила таҳқиқоти доманадори фалсафию сотсиологӣ ва педагогӣ ногузир мегарданд. Аз ҷониби дигар, оила дар ҳар як ҷомеаи мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад ва дар мавриди бартарият пайдо намудани арзишҳои нави оиладорӣ, қонуниятҳои нави инкишофи ҷомеа дар низоми арзишҳои он таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуқӯъ меоянд, ки баъзан ба устуворӣ ва суботи он таъсири манфӣ мерасонанд.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла И.С. Кон, ин тағйиротро дар оилаи муосир ҳамчун «болоравии арзишҳои инфиродӣ дар соҳаи фарҳанг» арзёбӣ намуда, [3,с.98], гурӯҳи дигар бошад, онро «буҳрони ниҳодҳои оилавӣ» [11,с.77] маънидод кардаанд.

Воқеан, дар даҳсолаи охир бевафоӣ (аҳдшиканӣ) дар никоҳ, азбайнравии оилаҳо, бепарвоии волидайн дар раванди таълиму тарбияи фарзандон, афзудани шумораи модарони танҳо, зиёдшавии исқоти ҳамл, таваллуди фарзандон берун аз никоҳ ва дигар падидаҳои номатлуб дар ҳаёти оилавӣ бештар ба назар мерасанд.

Дар чунин шароит ҳар як давлат ба пойдории оила манфиатдор буда, кӯшиш менамояд, ки тавассути тадбирҳои гуногун ба устувории оила ва маърифати оиладорӣ мусоидат намояд. Дар ин радиф метавон аз ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва эълони соли 2015 ҳамчун «Соли оила» ёдовар шуд, ки онҳо бори дигар аз таваҷҷуҳу ғамхориҳои Пешвои миллат дар самти бунёди оилаи солим шаҳодат медиҳанд. Ба андешаи Пешвои миллат, «…масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти аҳамияти масъала, мувофиқи мақсад аст, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шавад [5]. Дар моддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи ӯҳдадориҳои гуногуни волидайн дар самти тарбияи фарзанд, аз ҷумла қайд гардидааст, ки падару модар ӯҳдадоранд:

«-барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд;

- фарзандро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;

- фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд» [4].

Аз муҳтавои қонуни мазкур бармеояд, ки яке аз ӯҳдадориҳои муҳимми падару модар ташаккули на танҳо арзишҳои оиладорӣ, балки дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намудани фарзандон аст.

Барои он ки падару модар аз ӯҳдаи иҷрои ин ӯҳдадорӣ дар сатҳи барои ҷомеа созгор бароянд, бояд ниҳодҳои дигари ҷомеа ба раванди ташаккули фарҳанги педагогиву оиладории онҳо мусоидат намоянд.

Ба андешаи муҳаққиқ С. Шосаидзода, «фарҳанги педагогии падару модарон, аз ҷумла фарҳанги ислоҳи рафтори номатлуби фарзандон, ин дар маҷмӯъ силсилаи тадбирҳо ва тарзу усулҳои худафрӯзии (худфизоии) шахсияти волидайн дар шаклу намудҳои гуногуни фаъолияташон дар самти идоранамоии ҳаёти оилавӣ мебошад, ки дар раванди он арзишҳои ниёгон эҳё ва аз худ мешаванд, интиқол меёбанд ва дар ҳамин замина бо омезиши ганҷинаҳои ғановатманди дирӯзу имрӯз барои рӯзгори ояндагон арзишҳои нав ташаккул ва рушд меёбанд» [12,с.91].

Аз ин рӯ, барои он ки арзишҳои оиладорӣ ташаккул ва рушд ёбанд, бояд қабл аз ҳама падару модарон худашон дар заминаи арзишҳои волои оилавӣ, суннатҳои беҳтарини рӯзгордорӣ, ки аз мероси бузурги ниёгонамон сарчашма мегиранд, тарбия ёфта бошанд, набзи замонро бо тамоми таҳаввулоти барои оила хос эҳсос кунанд, аз ниёзу интизориҳои фарзандон огоҳ бошанд, хулоса бояд дорои фарҳанги баланди педагогиву оиладорӣ бошанд, зеро тавре ки Пешвои миллат қайд намудаанд, – «ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад» [5]. Хулоса, барои ташаккули самарабахши арзишҳои оиладорӣ шароитҳои зерини педагогиро фароҳам овардан зарур аст:

- ташаккули ҳамон тарзи ҷаҳонбинӣ, ки қодир аст оиларо ҳамчун арзиши бебаҳо барои шахс ва дар маҷмӯъ ҷомеа дарк намояд;

- омода намудани аъзои оила бахри ҳифз ва ғанӣ гардонидани анъанаву суннатҳои миллию фарҳангӣ дар оила;

- тарбияи ҳисси мансубият ба оила ва авлод;

- азхуднамоӣ ва мукаммалгардонии донишҳо оид ба масъалаҳои никоҳу оиладорӣ;

- дар ниҳоди сарварони оила ташаккул додани нақши ҳамсариву волидайн (нақши падар ё модар);

- ташаккул ва рушди донишу малакаҳои педагогӣ дар самти таълиму тарбияи фарзандон;

- аз бар намудани таҷрибаи пешқадам ва технологияҳои нави тарбия ва омодагӣ ҷиҳати татбиқи онҳо дар оила;

- ташаккули донишу малака, маҳорати иқтисодӣ, хоҷагидорӣ ва қобилияти истифодабарии онҳо дар рӯзгор;

- ташаккули қобилияти танзими низоъ ва ихтилофоти оилавӣ;

- фароҳамоварии фазои якдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва дарки умумияти манфиатҳои оила.

**АДАБИЁТ**

1. Вишневский А.Г. Россия перед демографическими вызовами XXI. Доклад на общем собрании Отделения общественных наук РАН.- М., 2003. – 52 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Манбаи электронӣ] URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=257 (санаи истифодабарӣ: 17.04.2018).
3. Кон И. С. Социологическая психология / И. С. Кон. -Воронеж: МОДЭК, 1999. -560 с.
4. Обидова М.И. Фарҳанги педагогии модар ва мавқеи он дар ташаккули шахсияти фарзандон / М.И. Обидова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – 2017.- №4 (71). – С.20-25.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.01.2015, шаҳри Душанбе [Манбаи электронӣ]. URL: // http://www.president.tj/ru (санаи истифодабарӣ: 18.12.2018)
6. Рамазонова Р. Саҳми модарони танҳо дар таълиму тарбияи фарзандон / Р.Рамазонова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – 2015.- №5(66). – С.36-39.
7. Раънои Сафарзод. Мерос. Достонњо ва шеърњо. – Душанбе: Бухоро, 2013.-180 с.
8. Рогова А.М. Анализ социальных факторов формирования семейных ценностей среди молодого поколения: на примере Санкт-Петербурга и Ленинградской области: автореф. дисс. канд. социолог. наук / А.М. Рогова. - Санкт-Петербург, 2009. – 25 с.
9. Тоффлер А. Футурошок. Пер. с анг / А. Тоффлер. - М.: Прогресс, 2000. – С. 187-188.
10. Федулова А.Н. Семья и семейные ценности: философско-аксиологический анализ: автореф. дисс. канд. философ. наук / А.Н. Федулова. - Архангельск, 2003.- 25 с.
11. Черняк Е.М. Социология семьи / Е.М. Черняк. – М., 2006.- 345 с.
12. Шосаидзода С. Фарҳанги педагогии волидайн ва нақши он дар таълиму тарбияи фарзанд // Паёми Донишкадаи забонҳо.- Душанбе, 2018.- № 1 (29). – С. 88-95.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба ифтихори Рӯзи модар. -Душанбе, 07.03.2017 [Манбаи электронӣ]. URL: // http://www.president.tj/ru (санаи истифодабарӣ: 22.12.2018)

## ОИЛА ВА АРЗИШҲОИ ОИЛАДОРӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба таҳқиқи проблемаҳои оила ва арзишҳои оиладорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мафҳуми «арзишҳои оила» ҳамчун категорияи илмӣ-педагогӣ аниқ ва хусусиятҳои хосси он муайян карда шудаанд. Ба андешаи муаллифи мақола, арзишҳои асосии оиладорӣ арзишҳое ба ҳисоб меравand, ки ба оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ хос буда, дар раванди таҳаввули оила онҳо бо мазмуну моҳиятҳои гуногун ғанӣ мегарданд. Дар навбати худ, арзишҳои махсус танҳо ба оилаҳои муайян хос мебошанд. Қайд гардидааст, ки омилҳои асосии ташаккули арзишҳои оиладорӣ тамоюлоти умумиҷаҳонии рушди оила, вусъатёбии индивидуализм ва мустақилият, бартарият пайдо кардани манфиатҳои шахсӣ нисбат ба манфиатҳои оилавӣ, тағйирёбии нақш ва таъйиноти оила, муносибати таҳаммулпазир нисбат ба ҳар гуна рафтори оилавӣ дар ҷомеа ба шумор мераванд. Дар мақола инчунин омилҳое, ки дар шароити ислоҳоти бозаргонӣ барои ташаккулёбии арзишҳои оиладорӣ дар ҷомеаи тоҷик хос мебошанд: вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ, мавҷудияти манзил, кори сердаромад ва моликият дар оила, имкониятҳои давлат ҷиҳати ҳалли мушкилоти моддӣ ва масъалаи манзилии оила, фарҳанги муносибатҳои оиладорӣ дар ҷомеа, таҳсилоти махсус ҷудо карда шудаанд. Муаллиф қайд намудааст, ки илмро зарур аст, ки таъсири сиёсат ва идеологияро ба арзишҳои оиладорӣ дарк намояд, вариантҳои имконпазири дар тарзи ҳаёти оилавӣ омезиш ёфтани арзишҳои оилавӣ ва ғайриоилавиро муқоиса карда, пайомадҳои онро барои фарҳанги миллӣ пешгӯӣ намуда, ҷойгоҳ, нақши оила ва арзишҳои онро дар байни арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ нишон диҳад.

**Калидвожаҳо:** оила, арзишҳои оиладорӣ, фарзандон, никоҳ, садоқат ба никоҳ, тарбия, таҳсилот арзишҳои маънавӣ-мазҳабӣ, ғамхорӣ нисбат ба наздикон, фаъолияти рекреативӣ, эътимод ба пуштибонӣ, амният, некуаҳволии моддӣ, қаробати маънавӣ.

## СЕМЬЯ И СЕМЕЙНЫЕ ЦЕННОСТИ

В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с исследованием проблем семьи и семейных ценностей, уточнено понятие «ценность семьи» как научно-педагогическая категория и определены его специфические особенности. По мнению автора статьи, базовыми семейными ценностями являются ценности, присущие семье как социальному институту и наполняющиеся различным содержанием в процессе эволюции института семьи. В свою очередь, специфические ценности присущи только вполне определенному типу семьи. Отмечается, что основными факторами формирования семейных ценностей являются общемировые тенденции развития семьи, рост индивидуализма и независимости, приоритет собственных интересов над семейными, изменение роли и назначения семьи, толерантное отношение к различным видам семейного поведения в обществе. В статье выделены также факторы, характерные для формирования семейных ценностей в таджикском обществе в условиях рыночных реформ: социально-экономическое положение населения, наличие жилья, высокооплачиваемой работы и собственности у семьи, наличие возможностей у государства для решения материальных проблем семьи и жилищных вопросов, культура семейных отношений в обществе, специальное образование. Автор отмечает, что науке еще предстоит осознать влияние политики и идеологии на семейные ценности, сопоставить возможные варианты сочетаний в семейном образе жизни семейных и внесемейных ценностей и спрогнозировать их последствия для национальной культуры, показать место, роль семьи и ее ценностей среди других национальных и общечеловеческих ценностей.

**Ключевые слова:** семья, семейные ценности, дети, брак, верность в браке, воспитание, образование, духовно-религиозные ценности, забота о близких, рекреативная деятельность, чувство защищенности, безопасность, материальное благополучие, духовная близость

## FAMILY AND FAMILY VALUES

This article discusses issues related to the study of family problems and family values. the concept of "family value" as a scientific-pedagogical category is specified and its specific features are defined. According to the author, the basic family values are the values inherent in the family as a social institution and filled with different content in the evolution of the institution of the family. In turn, specific values are inherent only to a certain type of family. It is noted that the main

factors in the formation of family values are the global trends in family development, the growth of individualism and independence, the priority of their own interests over family, changing the role and purpose of the family, tolerant attitude to different types of family behavior in society. The article also highlights the factors that are typical for the formation of family values in Tajik society in the context of market reforms: the socio-economic situation of the population, the availability of housing, high-paid work and property in the family, the availability of opportunities for the state to solve the material problems of the family and housing issue, the culture of family relations in society, special education. The author notes that science has yet to realize the impact of politics and ideology on family values, to compare possible combinations in the family way of life of family and outside family values and to predict their consequences for national culture, to show the place, the role of the family and its values among other national and universal values.

**Key words:** family, family values, children, marriage, fidelity in marriage, upbringing, education, spiritual and religious values, care of relatives, recreational activities, sense of security, security, material well-being, spiritual closeness.

**Сведения об авторах:** ***Файзализода Джумахон Хол*** **-** Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33. Телефон: **(+992)918-50-63-24.** E-mail: **f.jumakhon@mail.ru**
***Олимов Тагойбек Шодиевич*** – Таджикский государственный педагогический университета им. С.Айни, ассистент кафедры педагогики и психологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 21. Телефон: **988-21-08-22; 93-771-25-40**

**Information about authors:** ***Fayzalizoda Jumakhon Khol*** – Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, doctor of pedagogical sciences, professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Said Nosirah, 33. Phone: **(+992) 918-50-63-24**. Email: **tagoubek.olimov@mail.ru**
***Olimov Tagaibek Shodievich*** – Tajik state pedagogical University's. named after S. Aini, assistant of the Department of pedagogy and psychology. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 21, Phone: **(+992) 988-21-08-22; 93-771-25-40**

**УДК:372.817:372.818**

# АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК ОИД БА НАҚШИ ОИЛА ВА МАКТАБ ДАР ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ - АХЛОҚИИ НАСЛИ НАВРАС

***Саидов С.Ш.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ нақши оиларо дар тарбияи насли ҷавон баҳои баланд дода, чунин баён доштаанд: «Мо бояд як чизро амиқ дарк намоем: дар тарбияи инсон, пеш аз ҳама, ва беш аз ҳама оила нақш мегузорад ва ҷараёни ташаккули ҳамаи хислатҳои неку бади инсон асосан дар оила ибтидо мегардад. Бо дарки ин масъала падару модарон бояд масъулияти бузургро, ки вобаста ба тарбияи фарзандон ба души онҳо меафтад, пурра эҳсос кунанд» [1,с.437].

Фарзанд меваи умри одамизод мебошад. То замоне ки ҷон дар бадани инсон аст, набояд ӯ аз тарбияи фарзанд канораҷӯӣ намояд. Мутаассифона, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир сатҳи тарбияи фарзандон то андозае паст рафтааст ва баъзе падару модарон ба ин масъалаи ҳаётан муҳим беэътиноӣ зоҳир мекунанд.

Коста гардидани ахлоқи қисме аз наврасону ҷавонон, ҷалб гардидани онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои бегона ва ба ҷинояткорӣ даст задани иддае аз онҳо, пеш аз ҳама, натиҷаи беаҳамиятӣ ва бемасъулиятии падару модарон мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки тарбияи кӯдак дар баробари он, ки самти муҳимми фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мебошад, пеш аз ҳама вазифаи муқаддаси ҳар як падару модар, созмону иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва умуман аҳли ҷомеа низ ба шумор меравад.

Падару модар вазифадоранд, ки тибқи арзишҳои миллӣ ба фарзандони худ номи нек гузоранд барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқи онҳо ғамхорӣ намоянд ва фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, эҳтироми падару модар ва риояи арзишҳои милливу умумибашарӣ тарбия намоянд. Онҳо бояд ба таълим фаро гирифтани фарзандонро таъмин намуда, ба таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ монеъ нашаванд [2,с.15]. Чунки дар ҳама давру замонҳо илмомӯзию маърифатпарварӣ омилҳои тақдирсози миллату давлатҳо ба шумор мераванд. Воқеан, мактаб барои ҳар як фард боргоҳи муқаддаси омӯзиши илму дониш ва маркази таълиму тарбия буда, барои такмили ҷаҳонбинӣ, зеҳну тафаккур, заковату зебоипарастӣ, малакаву маҳорат ва одобу ахлоқи ҳамида заминаи муҳимтарин маҳсуб меёбад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар китоби «Ахлоқи Муҳсинӣ» менависад: «Беҳтарин сармоя ва хуштарин перояи мурод таҳсили адаб аст». Аз ин маълум мешавад, ки омӯзгорони мо таълиму тарбияи фарзандро беҳтарин амал медонистаанд ва онро ҳамаҷониба тавсиф кардаанд, то ҷомеа соҳибмаърифату соҳибфарҳанг гардад.

Падару модарони мо низ вазифадоранд шароити муносибро барои таълиму тарбия ва инкишофи қобилияти фарзандон фароҳам оваранд, шаъну шарафи инсонии фарзандонро эҳтиром намоянд, ба муомилаи бераҳмона нисбат ба онҳо роҳ надиҳанд ва аз вазъи фарзандоне, ки дар мактаб-интернатҳо ва дигар муассисаҳои махсусгардонидашуда таълиму тарбия мегиранд, хабардор шуда, бо чунин муассисаҳо ҳамкорӣ намоянд ва раванди таълиму тарбияи онҳоро зери назорати доимӣ қарор диҳанд.

Дар ҳикояҳои «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ масъалаи таълиму тарбия мавқеи хосса дорад. Ба ақидаи адиб, дар таълиму тарбияи бачаҳо, падару модар накши асосӣ дорад ва кори таълиму тарбияи насли наврасро яке аз корҳои пурмасъулият дониста, ба волидайн, хусусан ба падару модарон таъкид менамояд, ки дар ба воя расонидани насли наврас ҷиддӣ ва масъулияти баланд доштан лозим аст. Перомуни ин матлаб 22- декабри соли 2016 дар Паёми солонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарҷ гардидааст, ки «Агар мо хоҳем, ки мамлакатро ба кишари рушдкарда табдил диҳем, пеш аз ҳама, лозим меояд, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи масъуляти падар модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро дубора омӯзиш карда, масъуляти асосиро дар оила ва хонадон зиёд гардонем. Омӯзгорро лозим аст, ки ҳамкории дуҷонибаро байни оилаву муассисаҳо дучанд гардонида, барои дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ва худогоҳию худшиносии миллӣ бачагонро тарбия намоем». Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояш нисбати тарбияи дурусти наврасон ва ба корҳои ғайр даст надоштани онҳо, машғул шудани онҳо ба корҳои судманд ва аз худ номи наку мондан, номбардори падару модар ва парчамбардори миллат буданро таъкид менамояд. Дар Қуръори карим дар сураи 31 «Луқмон» Худованд мефармояд: «Аз худ номи наку мондан дар дунё ин нишонаи солеҳӣ, саидӣ, накуандеш, боадолтхоҳ будан аст, ки на ҳар мусалмон ба ин қодир мебошад». Дар «Зафарнома»-иСино гуфта шудааст: “Кадом талхӣ бошад, ки охир ширин гардад? Гуфт: Сабр. Гуфтанд: Кадом ширин бошад, ки охир талх гардад? Гуфт: Шитоб. Гуфтанд, кадом пероҳан аст,ки ҳаргиз кухна нагардад? Гуфт: Номи нек.

*Конеъ нашавӣ ба ҳар чӣ ёбӣ,*
*Аз хуб ба хубтар шитобӣ.*

Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» аҳамияти бузурги илму донишро дар ҳаёти инсоният борҳо қайд намуда, одамонро ба омӯхтани илму дониш ҳидоят мекунад. Ӯ нишон медиҳад, ки дарёи илм бепоён буда, фаро гирифтани ҳамаи илмҳо дар ҳаёт аз имкон берун аст. Бинобар ин, кас бояд бо камоли масъулият фақат илми зарууртаринро омӯзад ва баҳри дар амал татбиқ намудани он кӯшиш намояд. Аммо илми беамал ҳам фоида надорад. Аз ин рӯ, ба хонандагон ва муътақидони худ маслиҳат медиҳад:

*Илме, ки ногузири ту бошад, бад-он гарой,*
*В-онро, к-аз он гузир бувад, ҷустуҷӯ макун!*
*В-он дам, ки ҳосили ту шавад илми ногузир,*
*Ғайр аз амал ба муҷиби он орзу макун!*

Панду насиҳатҳои Ҷомӣ ба писараш дар «Баҳористон» бо моҳияти худ аҳамияти умумиинсонӣ доранд. Барои ҳамин ҷовидонӣ ҳастанд ва ба дили ҳар як одам роҳ ёфта, ӯро ба сӯйи некӣ раҳнамун месозанд. Ҷомӣ ба тарбияи ҷиддии Зиёуддин Юсуф аз чаҳорсолагии ӯ шурӯъ карда, охирин китоби хешро барои вай чанд моҳ қабл аз вафоти худ ба охир расонд. Он «Фавоиди Зиёия» ном дошта, роҷеъ ба синтаксис (наҳв)-и забони арабӣ баҳс мекунад.

Ҷомӣ дар омӯзондани илмҳо ба писараш усули хубе дошт. Ба ӯ пайваста қиссаю афсона мегуфт, шеър ёд медод, ҳикоятҳои «Гулистон»-ро мехонд. Гулпарвариро меомӯзонд, дар замин меҳнат карданро машқ мекунонд, аспсавориро таълим медод. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шоир писарашро барои дар оянда дар мактаб таҳсил кардану дар байни ҷамъият зиндагӣ намудан тайёр мекард. Ӯро аз ҳаёти гузаштаю имрӯза огоҳ менамуд ва ба ҳаёти оянда раҳнамун месохт.

Агар ба ақидаҳои педагогии мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ такя намоем, чунин хулоса баровардан лозим аст, ки нақши оила, волидайн дар тарбия ва ташаккули насли наврас хеле бузург аст. Дар тарабияи солими насли наврас ваҳдат, ҳамкорӣ, мадади ғамхоронаи мактаб, оила ва аҳли ҷамоатчигӣ бағоят зарур аст. Баҳри бунёди чунин такягоҳи боэътимод мактаб эҳтиёҷи зиёд дорад ва маҳз мактаб метавонад барои чунин ҳамкорӣ заминаи устувор гузорад. Ҳамкории муштараки мактабу аҳли оила бояд қабл аз ба мактаб омадани талабагон сурат гирад. Муаллиме, ки дар соли нави таҳсил бо талабагони синфи якум сарукор карданӣ аст, қабл аз шурӯи корҳои мактабӣ ба таври бояду шояд бо волидайни ҳар кӯдак иртибот гирад, маълумотҳои зарурӣ ба даст орад. Вай зимни суҳбат бо волидайн ва мушоҳидаҳо бо шароиту сатҳи зисту зиндагонии хонандаҳо шинос шуда,

бо кӯдакон дар тамос мешавад, ба мактаб омодагӣ, мизоҷ, рафтор, хулқ, захираи луғавии онҳоро тахминӣ аз санҷиш мегузаронад. Агар бача аз кӯдакистон ба мактаб ояд, бо мураббии ӯ ҳам мусоҳиб мешавад, завқу шавқи мактабравӣ, зеҳну қобилият, тайёрии таълимии ӯро санҷида муайян мекунад. Ҳамаи ин маълумотҳо барои нақшаи фаъолияти минбаъдаи ӯ басо заруранд.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди масъалаи мақсаду вазифаҳои насли наврас дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин омадааст: «Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад» [3,с.10].

Ҷомӣ баробари фарзандаш тамоми толибилмонро огоҳ менамояд, ки аз кизбу дурӯғ, бухлу ҳасад, кибру ғуруру худписандӣ, коҳиливу танбалӣ, ҷаҳолату мардумозорӣ, ҷоҳу мансабпарастӣ, тамаллуқу чоплусӣ ва дигар падидаҳои ахлоқи разила барҳазар бошанд. Яке аз вазифаҳое, ки Ҷомӣ пеш мегузорад, ба қадри вақт расидан, аз он хуб истифода бурдан ва дар ҷавонӣ илму ҳунар омӯхтан аст. Ӯ талаб мекунад:

*Чу нодонон на дар банди падар бош,*
*Падар бигзору фарзанди ҳунар бош!*

Ҳамин мавзӯи на дар банди падар, яъне мағрури ному мақом ва сарвати ӯ шудан, балки фарзанди ҳунар будан, яъне барои ба худ ва ба ҷамъият нафъ расондан илму ҳунар омӯхтанро Ҷомӣ дар тамоми зиндагии худ таълим медод:

*Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад, на аз фазлу ҳунар,*
*Филмасал, гар дидаро мардум бувад, номардум аст.*
*Шохи бебар арчи бошад аз дарахти мевадор,*
*Чун наорад мева бар, андар шумори ҳезум аст!*

Агар кӯдаке дар хонадон гӯшаи махсуси дарстайёркунӣ надошта бошад, онро ҳатман ташкил кардан лозим аст, ба волидайни кӯдак бояд фаҳмонад, ки тайёр кардани мизу курсии ба вай мувофиқ ва шароити мусоид зарур аст. Волидайне, ки аз чунин маълумот огоҳӣ меёбанд, албатта, ба фарзандаш ягон осебро раво намебинад.

Баъди ба мактаб омадани кӯдакон ҳамкориву мададрасонии мутақобилаи мактабу оила ранги дигар мегирад. Муаллиму волидайн дар фикри таълиму тарбияи кӯдак мешаванд. Онҳо бо маслиҳат шароиту бахши мактабравии кӯдакро ба инобат гирифта, низоми рӯз тартиб медиҳанд ва риояи онро дар оила ва мактаб назорат мебаранд, то ки ба он меъёри рӯз ӯро одат кунонанд.

Аз рӯзи ба мактаб воридшавии кӯдакон волидайни онҳо ҳам ба туфайли кумитаи падару модарон узви коллективи умумимактабӣ ҳисоб мешаванд. Ва маслиҳату супоришҳоро аз кумитаи волидайни мактаб ва муаллимон мегиранд, дар корҳои таълимӣ ва тарбиявии кӯдаконашон камари ҳиммат баста, ба мактаб мадад мерасонанд.

Мактаб бидуни ҳимояву ҳамкории оилаҳо ва ҷамоатчигӣ фаъолият карда наметавонад.

Вазифаи асосии мактаб аз ташаккули шахсияти хонанда, густариши ҳамаи қобилиятҳои ҷисмонӣ, фикрӣ (ақлӣ) ва фазилатҳои ахлоқӣ – маънавии ӯ иборат мебошад. Мактаб хонандаро ҳар рӯз, ҳар соату ҳар дақиқа бо ҳаёти мураккабу гуногунранги худ фаро мегирад, ӯро ба ҷаҳони дониш ташвиқ мекунад, дар ӯ муносибати одаму одамгариро тарбия мекунад ва маҷбур месозад, ки аз болои худ кор кунад [5,с.184].

Бояд қайд кард, ки масъалаи таълиму тарбияи фарзандон дар ашъори мутафаккирони форсу тоҷик ва фармудаҳои Худованд бисёр масъалаи зарурӣ ҳисобида шуда, парвариши фарзанд душвортарин ва олитарин амал барои ҳар фард ҳисобида мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳимов Қ. Назарияи таълим / Қ. Абдураҳимов. - Қӯрғонтеппа, 2017.
2. Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров. –Д., 2007.
3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Д., 2006.
4. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. Таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот Аълохон Афсаҳзод. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.
5. Лутфуллоев М. Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ. Васоити таълимӣ / М. Лутфуллоев, Қ. Абдураҳимов. - Душанбе, 2012.


**АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК ОИД БА НАҚШИ ОИЛА ВА МАКТАБ ДАР ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ - АХЛОҚИИ НАСЛИ НАВРАС**


Дар мақолаи мазкур муаллиф ақидаҳои педагогии мутафаккирони форсу тоҷикро оид ба нақши оила ва мактаб дар ташаккул ва инкишофи тарбияи маънавӣ - ахлоқии насли наврас вобаста ба талаботи давру замон ба қалам додааст. Ҳамкорию пайвастагии доимии оила, мактаб ва ҷомеа асоси ташаккулёбии муносибатҳои хонандагон мегардад. Ин нукта дар таълифоти муаллиф мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Маҳз дар натиҷаи пайвастагии доимии оила ва мактаб мо метавонем соҳиби ҷомеаи воқеан ҳам солиму рушдёфта гардем. Дар ин ҷода аз ҳар як шаҳрванд ҳисси баланди масъулиятшиносӣ талаб карда мешавад. Волидайн дар оила, омӯзгор дар мактаб ва ҳар як шаҳрванд дар ҷомеа бояд нисбати ташаккулёбии тарбияи маънавӣ – ахлоқии насли наврас саҳмгузор бошанд.

**Калидвожаҳо:** оила, мактаб, ҷомеа, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, муаллим, хонанда, волидайн, тарбия, таълим, муносибат, ташаккул, инкишоф, ҳамкорӣ, ақида.

**ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ ПЕРСИДСКО- ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ О РОЛИ СЕМЬИ И ШКОЛЫ В РАЗВИТИИ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ ПОДРОСТКОВ**

В данной статье автор выразил свое мнение о персидско-таджикских мыслителях, роли семьи и школы в развитии и формировании нравственного воспитание подростков и их о взаимосвяи с современном миром. Постоянное сотрудничество школы с семьей и обществом. В результате постоянной взаимосвяз семьи и школы, дети вырастают здоровыми и развитыми. При этом от каждого гражданина требуется быть ответственным. Родители в семье, учители в школе и каждой гражданин в обществе должны помогать развитию нравственного воспитания подростков.

**Ключевые слова:** семья, школа, общество, нравственное воспитание, учитель, школьник, родители, воспитание, образование, отношения, развитие, формирование, сотрудничество, мнения и др.

**PEDAGOGICAL MEANING OF PERSIAN-TAJIK THINKERS ABOUT FAMILY AND SCHOOL ROLES IN MORAL UPBRINGING DEVELOPMENT OF TEENAGERS**

In this article author meaning Persian-tajik thinkers about family and school roles in moral and formations development teenagers, and expressed hisself opinions about interconnection with modern world. Permanent member with family, school and social directed to relationship with school. In this article author expressed foundate creation. As a result permanent bondage with family and school, we can was healthy and developed. Along with this require every citizens was a responsible. Parents in family, teachers in school, and every citizens in societies must will help to developed morality upbringing teenagers.

**Key words:** Family, school, society, morality education, teacher, schoolboy, parents, upbringing, education, relation, development, formation, cooperation, opinions and otc.

**Сведения об авторе:** ***Саидов Сулаймон Шохолмаҳьмадович*** - Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава Республики Таджикистан, преподаватель кафедры педагогики и психологии. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **907-31-57-31**

**Information about the author:** ***Saidov Sulaymon Shokholmaҳьmadovich*** - Bokhtar State University. Nosira Khusrava of the Republic of Tajikistan, teacher in the department of pedagogy and psychology. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar city, Aini street, 67. Phone: **907-31-57-31**

**УДК 37.01 [47]**

## ҒОЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАКМИЛДИҲИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ КАСБИЯТИ ОМӮЗГОР

***Холматова М.М., Иброҳимов Г., Фаризаи Давлатмурод, Шомирзоева М.А., Маҷидов У.Ҳ.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав**

Яке аз паҳлуҳои Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар аз 26 декабри соли 2018 ба рушди илму маориф бахшида шуд, ки Ҷоноби Олӣ, аз ҷумла, афзуданд: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад» [1].

Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода шуда, ислоҳот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома дошта, мушкилоти мавҷуда давра ба давра бартараф шуда истодаанд.

Дар партави гуфтаҳои боло қайд намудан бамаврид аст, ки дар ибтидои асри XXI, мувофиқи фикру мулоҳизаҳои экспертҳои кишварҳои мутараққӣ, зарурати таҳсилоти батафсил бояд бо назардошти талаботи гузариш ба таҳсилоти олии умумӣ, объективона ба роҳ монда шавад. Ин яке аз талаботҳои ҳатмии тамоми кишварҳои ҷаҳон буда, бе чунин сатҳи омодагии аҳолӣ ҷиҳати амалисозии раванди солимгардонӣ ва рушди инсоният зери шубҳа мемонад. Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯза кишварҳо ва халқҳо, беш аз пеш, бояд бо тақдири ягона вобаста ва пайванд бошанд. Чолишҳои ҷаҳонӣ ба самти ноил шудан ба рушди устувор ва амалисозии онҳо нигаронида шудааст. Масоили рӯзмарраи асри XXI, ки дар

вохӯрии сатҳи олӣ оид ба масоили сайёраи Замин (Рио де Жанейро, 1992) қабул гардидааст, танҳо дар он сурат ба муваффақият ноил мегардад, ки агар ҳамаи иштирокчиёни ин вохӯрӣ барои амалӣ кардани ҳуҷҷатҳои қабулшуда ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ диҳанд [2]. Директори иҷроияи Маркази «Барои ояндаи мо» (Женева) У.Г. Линдер нақши махсуси ин омодагиро дар ҷавонон ва таълим мебинад.

Тағйироти куллии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии солҳои охир дар ҷомеаи мо бисёр мушкилотро ба вуҷуд овардааст, ки моро водор месозад аксар мафҳумҳо, аз як ҷиҳат ақибмондаро, аз нигоҳи нав дида бароем. Ин ба таври пурра ҳам ба муаяйнсозии мафҳуми таълим, функсияҳои он, нақш ва ҷой дар сохтори муосири иҷтимоӣ ва раванди ҷамъиятӣ, инчунин татбиқи таълими батафсил, тааллуқ дорад. Ғояи таҳсилоти батафсил, ҳамчун вокуниш ба ғайриқаноатманд будани системаи таълими расмӣ, дар ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта ба вуҷуд омадааст.

Як қатор таҳқиқотҳои бунёдии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба дарки назариявии мушкилоти таҳсилоти батафсил бахшида шудаанд, ки дар онҳо дарки назариявии асосҳои таълимоти батафсил таҳлил гардида, сохтор, мазмун ва функсияҳои он омӯхта шудаанд. Аз корҳои олимони хориҷӣ мо метавонем монографияҳои Р. Дайва, К. Кнепера и А. Гроплея, П. Ленграна, Ж. Малглева, А. Пенаро қайд намоем, ки чунин хосиятҳои таҳсилоти батафсилро, ба монанди дастрасӣ, интихобшавандагӣ, амалишавандагӣ, мутамарказонӣ ва ғ., мавриди таҳлил қарор доданд.

Бинобар ин, вазифаҳои асосии таҳсилотро ҳамчун яке аз муассисаҳои иҷтимоии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кардан мумкин аст. Таҳсилот ҳамеша бисёрҷабҳа буда, айни замон вазифаҳои асосии муҳимми он аз қисматҳои зерин иборат мебошад: солимгардонии зеҳнии ҷамъият; такмили неруи кадрии илмӣ; давранокии иҷтимоии сифат; таҷдиди моликият.

Фаъолияти гуногунҷабҳаи таълиму тарбия, мушаххасан сиёсати таълими имрӯзаро ғанӣ мегардонад. Тоҷикистон тамаддуни беназири шарқӣ дорад. Он роҳҳои рушдро мувофиқи қонунҳои худ интихоб менамояд, ки аз таҷрибаи тамаддуни бою қадимаи худ, ки аз ниёгонамон мондааст ва инчунин тамаддуни муосир баҳра гирифта, бо онҳо дар муколамаи доимӣ мебошад. Тағйиротҳои рӯзмарраи зеҳни инсон, ҳамчунин тамоми системаи муносибати ҷамъиятӣ, ба соҳаи маориф таъсиррасон мебошанд. Ба ин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудани солҳои 2018-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ» ба такмил рушди минбаъдаи соҳаи мориф ва илм бевосита мусоидат хоҳад намуд [1].

Мувофиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» стандартҳои давлатии таҳсилот ҳамчун яке аз шаклҳои татбиқи принсипҳои таҳсилоти давлатӣ ҷорӣ гардидаанд. Барномаи ҷумҳуриявии рушди таҳсилот дар кишвари мо то соли 2020 «ташаккули низоми миллии рушди касбии тамоми педагогҳоро пешбинӣ намудааст ва масъулияти давлатро ҷиҳати таъмини фазои ягонаи таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи стандартҳои таҳсилоти босифат пешбинӣ менамояд» [3].

Бо назардошти маълумотҳои мавҷуда, коҳиш ёфтани обрӯйи меҳнати ақлонӣ, имрӯзҳо дар стадияи ташаккул қарор дорад. Ин коҳишёбӣ аз «зарурияти стратегияи доимии давлатӣ оид ба баланд бардоштани тахассуси таълимоти аҳолӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимтарини сифати он» дарак медиҳад [2]. Омили инсониро сарфи назар кардан мумкин нест, зеро вобаста ба шароитҳо метавонад калиди муваффақият ва ё дар кори ташаккули соҳа қисми заиф бошад.

Маълум аст, ки вазъи имрӯзаи таҳсилот ҷустуҷӯи захираҳои нави омодасозии босифати мутахассисони ин соҳаро тақозо менамояд. Омили асосии рушди таҳсилот гуманизми он мебошад ва самти асосии ин омил ҳаракати инноватсионӣ дар соҳаи таҳсилот мебошад. Дар соли 1987, аввалин инкишофи ҳаракати инноватсионӣ ба озмоишгоҳҳои таҷрибавӣ шакл гирифт ва солҳои 1989-1990 бошад, ба қуллаи рушди инноватсионии таҳсилот ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълимӣ мубаддал гашт. Мутаассифона, аз ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ба соҳаи илм ва маориф низ таъсири худро гузошт. Ин ҳолат сарфи назар аз вазъи буҳронии низоми маориф дар кишвари мо рӯй дод. Хушбахтона, зери роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин мушкилот паси сар шуданд. Ба табақаҳо ҷудошавии ҷомеа дар ин давраи муайяни таърихӣ, моро водор сохт, ки ҳам дархостҳои таълимии давлатро ва ҳам имкониятҳои омӯзгорро оид ба корҳо дар самти нав ба дараҷаи сифатнок муайян намоем. Ҳамин тариқ, миёни усулҳои куҳна ва тарзи нави корӣ оид ба фаъолияткунии омодасозии мутахассисони касбӣ ва дар ташкили манфиатдории худи омӯзгорон дар баланд бардоштани малакаҳои касбии худ тафриқа ба

вуҷуд омад [5,с.132]. Дар солҳои охир, ихтилофот байни талаботи сохтани системаи инноватсионии саводнокии омӯзгорон (хусусан дар доираи такмил додани малакаҳои худ тавассути шаклҳои фаъол) ва набудани усулҳои методологӣ ва илмии методии ин система ҳатто бештар шадидтар гашт. Илова бар ин, миёни масъалаҳои зерин ҳатто зиддиятҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омаданд:

- зарурати рушди босуръати мактаб ва норасоии муаллимон барои иҷрои он ва дар ин ҷода ба омӯзгорон кумак расонида натавонистани муассисаҳо оид ба такмили ихтисос;

- хоҳиши муаллим оиди эътибор додан ба ҳама чизҳои нав ва имконнопазирии муассисаи такмили ихтисос ҷиҳати ташкили курсҳои омӯзишӣ барои шумораи зиёди шунавандагон дар як вақт;

- зарурати таҳияи маводҳои нави таълимӣ ва ба дараҷаи бояду шояд набудани фарҳанги методологии омӯзгор.

Пастравии сатҳи маблағгузории давлатӣ ҳангоми ташкил кардани буҷа, коҳиш додани ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи таҳсилот аз ҳисоби буҷа ва ҷо доштани тамоюли ихтисорот, музди меҳнати нисбатан кам дар соҳа, омӯзгорро маҷбур месозад, ки сарбориашро зиёд кунад, ки вақти худинкишофдиҳии ӯро маҳдуд месозад. Бинобар ин, мушкилоти воқеии такмили ихтисос барои чунин омӯзгорон таҳияи методологияи инкишофи зина ба зинаи омӯзгор ва ҳавасмандгардонии моддии кори ӯ мебошад.

Дар солҳои охир, дар кишвари мо, таҳқиқоти олимон ва мутахассисон ба проблемаҳои дар боло қайдшуда бахшида шудаанд. Бо вуҷуди ин, дар ягон таҳқиқот раванди такмили ихтисоси омӯзгорон, ки марбут ба фаъолияти инноватсионӣ мебошад, дар як системаи ягона ба низом оварда нашудааст. Имрӯз дар илмҳои педагогӣ як миқдори муайяни тадқиқот вуҷуд доранд, ки намунаҳо ва тамоюлҳои таҷдиди таҷрибаи педагогиро инъикос мекунанд. Соҳаи махсуси илмҳои педагогӣ - навовариҳои педагогӣ созмон ёфтааст, ки дар заминаи он раванди зеҳнӣ-терминологӣ таҳия гардидааст.

Фаъолияти эҷодии мутахассис дар шакли фаъолнокии ақлонӣ дар ҷустуҷӯи роҳҳои оқилона ва самарабахши ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда зоҳир мегардад. Таҳдқиқотҳои зиёде оид ба фаъолнокии инсон дар раванди рушди касбӣ вуҷуд доранд. Ҷанбаҳои гуногуни ин мушкилот дар корҳои олимон ва мутахассисон инъикос ёфтаанд, аммо фаъолнокии касбӣ, тавассути ҷалби онҳо ба навъҳои мухталифи фаъолияти инноватсионӣ, ҳамоҳангсозии он, ки имконият медиҳад бо пайдарҳамии мантиқӣ худомӯзии омӯзгорро ба роҳ монад ва эҷодиёти онро қадр намояд, омӯхта нашудаанд.

Рушди оммавии худомӯзӣ, тамоюли афзудан ва пурзӯр кардани он дар маҷмӯи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ, такмили ташкили худомӯзии омӯзгор, ҳавасмандгардонии он ба ин намуди фаъолият ва назорат аз болои самарабахшии онро вазифагузорӣ менамояд.

Гарчанде таҳсилоти олии педагогӣ дараҷаи муайяни назариявиро таъмин менамояд, вале ҳангоми хуб ба роҳ мондани омӯзиши назариявӣ, ки аз методӣ бартар аст, ба омӯзиши усулҳои нави таълимӣ, тавассути тамоюли инкишофи равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи дидактикӣ, омӯзиши мактабӣ, идоракунии ҷараёни таълимӣ-тарбиявӣ дар маҷмӯъ, кам диққат дода мешавад. Бинобар ин, ташкили чунин низоми кор бо омӯзгор, ки он тавонад низоми таълимро халалдор нанамуда, онро нигоҳ дорад ва иловатан пешниҳод намояд, инчунин куллан низоми дастрасии таҳсилот, асбоби иловагиро дар рушди педагогии касбӣ табдил диҳад, яке аз масоили зарур ва мубрами соҳа гаштааст [3,с. 145].

Айни замон, ҳолати кадрҳои педагогӣ дар маориф ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин дар системаи таҳсилоти ибтидоӣ ва таҳсилоти миёнаи махсусу олӣ таваҷҷуҳи бештарро бо назардошти реҷаи инноватсионӣ талаб дорад. Бо як қатор сабабҳо ҳолатҳои зерин дар системаи умумии таълимдиҳӣ масоили бештари ҳалталаб мебошанд:

- дар муқоиса бо дигар гурӯҳҳои кормандони педагогӣ (мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ, муаллимони мактабҳои ислоҳӣ, муаллимон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ, мактабҳои касбӣ, муаллимони донишгоҳҳо ва ғайра) дар бораи на танҳо омор, балки иҷтимиёт, иттилооти психологӣ, ба гурӯҳи мазкур имкон медиҳад, ки таҳлили кофии муфассали таҳлилии самтҳои асосии тағйирёбии иқтидори кадриро анҷом расонад;

- имконияти муайян намудани омилҳоеро, ки ба омодагии омӯзгорон оид ба амалӣ кардани навовариҳо ва такмили фаъолияти касбии онҳо вобастааст, васеъ мегардонад;

- дар маводи таҳлилӣ оид ба кормандони педагогии мактабҳои таҳсилоти умумӣ, модели методологии омӯзгорони оянда метавонанд коркард ва муайян намояд.

Мантиқи инкишофи илмҳои педагогӣ ба зарурати фаҳмиши методологӣ ва назариявии тағйироти навовариҳои инноватсионӣ дар амалияи омӯзишӣ ва моделсозии системаи нави таҳсили пешрафта, инчунин инъикос намудани ин равандҳо барои мақсадҳо, мазмун ва технологияҳои такмили ихтисоси омӯзгорон оварда расонид.

Кӯшиши ҳалли ин мушкилоти илмӣ ба ҳадафе мерасонд, ки афзоиши системаи такмили ихтисоси омӯзгоронро дар ҷараёни фаъолияти инноватсионӣ муайян месозад. Ҳамзамон, ба сифати объекти тадқиқот, фаъолияти инноватсионии омӯзгорон ҳамчун воситаи такмили ихтисоси онҳо ва ба сифати предмети тадқиқот бошад, шаклҳои фаъол, усулҳо ва воситаҳои такмили ихтисос дар раванди фаъолияти инноватсионӣ, қонуниятҳо ва принсипҳои онҳо шомил шуда метавонанд.

Ғояи тадқиқот хусусиятҳои инноватсионӣ дошта, асоси онро пешниҳоди технологияи такмили ихтисоси омӯзгорон дар шароити фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад ва он дар мавридҳои зерин самаранок хоҳад буд:

- ҳангоми ворид намудани шаклҳои инноватсионии фаъолият, қонунҳои систематикии мақсаднок ва худидоракунии оқилона ва идоракунӣ ба инобат гирифта шаванд;

- принсипи ҳавасмандгардонӣ дар муносибатҳои он аз нуқтаи назари шахси фаъолияткунанда вогузор шуда, дар он идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун асос гирифта шавад;

- барои ташаккули мақсадноки касбият модели компонентии ташаккули шахсияти омӯзгор истифода шавад;

- бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим, доираи татбиқи мониторинги педагогӣ мувофиқи усулҳои муосири квалиметрӣ васеъ карда шавад;

- ҳангоми омӯзиши имкониятҳои такмили ихтисос ба ташаккули фарҳанги методологии омӯзгор такя карда шавад;

- таҳлил ва пешгӯии рушди соҳаҳои афзалиятноки ихтирооти педагогӣ дар самти аҳамияти ҳудудии онҳо гузаронида шаванд.

Ба назари мо, ин гуна системаи ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои инноватсионии кадрҳои педагогӣ кори омӯзгоронро ҷолиб, мобилӣ ва барои шарҳ аз ҷиҳати иқтисодӣ қобили қабул мегардонад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки дар рушди системаи маориф саҳми худро гузоранд ва муҳимтар аз ҳама, омӯзгори сифатан навро рӯйи кор хоҳад овард.

Барои санҷиши ғояҳои пешниҳодшуда ва гипотезаҳо, ҳалли як қатор вазифаҳои ҳамоҳанг зарур мебошад:

1. Баррасии таҳлили умумӣ ва хусусиятҳои муқоисавӣ:

- ҳолат ва динамикаи тағйирёбии иқтидори кадрии низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳолати фаъолияти инноватсионӣ;

- хусусиятҳои арзишҳои мутобиқшавии омӯзгорӣ ҳамчун гурӯҳи иҷтимоию касбӣ, тавассути таъсири омилҳои демографӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба рушди касбият ва некуаҳволии иҷтимоии омӯзгорон.

2. Муайян кардани қонуниятҳои ҷалб кардани омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ ва дар ин замина таҳияи модели системаи ҳамоҳангсозии фаъолияти инноватсионӣ (СҲФИ) ва сохтори блокӣ – компонентии шахсияти омӯзгор-тадқиқотчӣ.

3. Таҳияи технологияи такмили ихтисоси омӯзгорони мактабҳои миёна тавассути фаъолияти инноватсионӣ, системаи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои интегралии муайян кардани сифат ва самаранокии он.

4. Таҳия намудани тавсияҳо ва тасдиқи натиҷаҳои воситаҳои андозагирии сатҳи касбияти омӯзгор дар раванди фаъолияти инноватсионӣ, инчунин методҳои пайгирии ташаккули фарҳанги методологии он.

Заминаи иҷтимоию фалсафии тадқиқотро мавқеи назариявии муаллифони муосир оид ба мушкилоти такмили ихтисоси омӯзгорон дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти омӯзгории он ҳамчун ниёзҳои воқеии шахсият ва вақт ташкил медиҳад.

Асосҳои методологии тадқиқотро пешниҳодҳои муҳимтарини фалсафӣ дар бораи усули диалектикии шинохт, моҳияти фаъолияте, ки иштирок дар он шахсиятро ташаккул медиҳад; назарияи комплексию системавӣ, муносибати фаъолиятнокию шахсӣ ба омӯзиши падидаҳои педагогӣ; ғояҳои ташаккули шахсият, ташаккули соҳибкасб; алоқамандии назария бо амалия; квалиметрии таҳсилот ва инсон дар бар мегирад. Дар тадқиқотҳо ба консепсияҳои философҳо, педагогҳо, ҷомеашиносону равоншиносон, ки дар ҳалли мушкилоти назарияи идрок ва инкишофи шахсият, принсипҳои системавӣ, шахсӣ, муносибатҳои фаъолиятро такмил додаанд; мавқеи умуминазариявӣ ва усулҳои таълимоти касбӣ; таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи оммавии системаи такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ такя намудан мувофиқи мақсад аст [4,с.213]. Усулҳои тадқиқот аз омӯзиши адабиёти философӣ ва психологию педагогӣ иборатанд. Мувофиқати сатҳи методологии тадқиқот бо ҳалли масъалаҳои хусусияти татбиқидоштаро метавон бо интихоби маҷмӯи усулҳо муайян кард:

- таҳлили системавии масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти касбӣ дар доираи фаъолияти инноватсионии консепсияҳои ватанӣ ва хориҷӣ, тадқиқоти психологию педагогӣ дар масъалаи мазкур;

- таҳлил ва синтези татбиқи назариявӣ дар асоси натиҷаҳои тадқиқот;

- тарҳрезии педагогӣ ва моделронӣ;

- анкетаронӣ, санҷиши тестӣ ва мониторинги педагогӣ;

- мушоҳидаи методикии ташаккули фаъолияти педагогӣ ва санҷиши натиҷаҳои он;

- кори озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ҷорӣ намудани навовариҳо дар муассисаи таълимӣ;

- усулҳои омории коркарди натиҷаҳо.

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда ба навовариҳои илмӣ ва арзишёбии назариявӣ оварда расониданд, ки дар он нуктаҳои зерин таҷассум мегарданд:

- таҳияи асосҳои назариявӣ барои дастгирӣ ва рушди навгониҳо дар соҳаи маориф;

- асосноккунии модели назариявии такмили ихтисос барои омӯзгорони ҷавон ва омӯзгорони таҷрибанок тавассути системаи озмунҳо дар раванди фаъолияти инноватсионӣ;

- асосноккунии маҷмӯи муқаддимавии илмӣ ва муқаррароти консептуалӣ, ки дар асоси таҳияи усулҳои пешгӯӣ намудани самтҳои афзалиятноки ихтирооти педагогӣ дар самти аҳамияти ҳудудии онҳо;

- ташкили ташхиси системавӣ ва мониторинги педагогии касбияти омӯзгорон дар раванди ташаккули фарҳанги методӣ;

- бо роҳи дидактикӣ амалӣ намудани мушкилоти тарҳрезии технологияҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, тавассути ташаккулёбии мунтазами ҳавасмандгардонӣ ва ташкили маҷмӯи оптималии шароити мусоид, ки ба афзоиши назарраси натиҷавӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои нақшавӣ мерасонад [3,с.81];

- пешниҳод намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ барои арзёбии сатҳи ташаккули фарҳанги методӣ, инчунин модели сохтани меъёри маҷмаавии иқтидори касбӣ-педагогии омӯзгор.

Барои расидан ба арзиши зарурии амалӣ бояд чунин вазифаҳо амалӣ карда шаванд:

- таҳия ва дар амалия татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, қоидаҳои озмунҳо, иштирок худтанзимкуние,ки омузгорро ба самти худомӯзӣ равона мекунанд (доштани натиҷаҳои мусбӣ дар давоми даҳ сол);

- таҳияи усулҳои муттаҳидсозии қувваҳои илмию омӯзгории педагогӣ дар асоси Маркази фарогири педагогӣ;

- ҷорӣ намудани мониторинг барои интихоби иштирокчиёни ҷараёни худинкишофёбӣ (телетестинг);

- муайян кардан ва санҷидани маҷмӯи шароитҳои ғайриманқули гузариш аз модели назариявии низоми таълимоти касбии омӯзгорон ба татбиқи амалии он;

– омода кардани барномаҳои худомӯзӣ, дифференсиатсия барои гурӯҳҳои гуногуни омӯзгорон ва роҳнамоии мувофиқ барои онҳо фароҳам овардан.

Таъмини эътимоднокии тадқиқот бо истифодаи дарозмуддати маводҳои таҳияшуда, такрорёбӣ дар шароити шабеҳ, экстраполятсияи натиҷаҳои бадастомада ва 10% интихоби репрезентативии намунаи намояндагии умумии шумораи омӯзгорон, татбиқи маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва муҷаҳҳазе, ки ба мавзӯъ ва мақсади таҳқиқот дахл доранд, истифода бурдани таҷҳизоти коркарди математикии муосир, озмоиши муштараки натиҷаҳо амалӣ мегардад. Таҳқиқот дар заминаи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 ноҳияи Кӯлоб гузаронида шуд. Дар ин кор 412 нафар омӯзгорон ва 243 нафар кормандони соҳаи маорифи шаҳри Кӯлоб ширкат варзиданд. Таҳқиқот дар солҳои 2012-2018 гузаронида шуд.

Натиҷаҳо барои муҳокима дар самтҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Системаи ҳамоҳангсозии фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун шакли нави ҳалли масъалаҳои корӣ барои баланд бардоштани сатҳи тахассуси омӯзгорон.

2. Технологияи такмили ихтисос тавассути фаъолияти инноватсионии омӯзгорон.

3. Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии ташаккулёбии фарҳанги методологӣ ва меъёрҳои ҷудонашавандаи сатҳи сифатии касбомӯзии омӯзгорон дар натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ.

4. Ташхиси системавии касбияти омӯзгорон тавассути фаъолияти инноватсионӣ.

Ҳамин тариқ, ҳалли воқеии масоили худомӯзии системавӣ дар мақола мавқеи маркази таҳқиқот буда, доираи масоили методӣ, инчунин мазмуни таҷрибаҳо, зарурати таҳким бахшидани фарҳанги методологии омӯзгорро дар бар мегирад. Яъне, ғоя ва консепсияи пешниҳодшуда мушкилоти ташаккули худомӯзӣ ва шаклҳои дигари такмили ихтисосро бо роҳи нав ҳал менамояд, заминаи назариявии таҳияи куллан нави методикаи ташаккули

фарҳанги методӣ мебошад, ки ба таври нисбатан пурра мазмуну мундариҷаи худомӯзӣ, дастовардҳои навини илмҳои заминавӣ ва психологию педагогиро дар бар мегирад.


**АДАБИЁТ**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз аз 26 декабри соли 2018 [манбаи электронӣ] // URL: http://www.president.tj/node/19088 (санаи истифодабарӣ: 23.01.2018).
2. Роджерс К. Эмпатия. Психология эмоций. Монография / Под ред. В.К. Вшнонаса, Ю.Б. Гиппенрайтер / К. Роджерс. -М., 1984. -С.2.
3. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Монография / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. -432с.
4. Шарифзода Ф. Педагогика. Китоби дарсӣ / Ф. Шарифзода, Н. Каримова - Душанбе: Ирфон, 2007. - 263 с
5. Шоев Н.Н. Усул ва манбаъҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои олии таълимӣ. Воситаи таълимӣ / Н.Н. Шоев. - Душанбе, 2003. – 246 с.


## ҒОЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАКМИЛДИҲИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ КАСБИЯТИ ОМӮЗГОР


Дар мақолаи мазкур роҳҳои мукаммалгардонии курси баланд бардоштани такмили ихтисос дар шароити навгонии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Системаи ҳамоҳангсозии инноватсионии фаъолият ҳамчун шакли нави принсипиалии фаъолият ҷиҳати баланд бардошани дараҷаи касбии омӯзгорон таҳлил карда шудааст. Механизми системавии ташхиси касбияти омӯзгорон тариқи инноватсияи фаъолияти омӯзгор дар фаъолияти инноватсионии ӯ, ки ба беҳдошти касбияти омӯзгорон равона шудааст, баррасӣ шудааст. Тадқиқоти гузаронидашуда, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ дошта, ҳолатҳои зеринро дар бар мегирад: коркарди назарияи асосҳои дастгирӣ ва рушди навгонӣ дар таҳсилот; асосноккунии модели назариявии рушди касбии омӯзгорони ҷавон ва собиқадор тавассути системаи озмунҳо дар раванди инноватсионии фаъолият; асосноккунии маҷмӯи илмии замина ва ҳолати консептуалӣ дар асоси коркарди усули дурнамои самтҳои афзалиятноки интихоби омӯзгорон дар ҷанбаҳои аҳамияти минтақавидошта; созмони ташхиси системавӣ ва мониторинги педагогикаи касбии таълимот дар раванди ташаккули маданияти методологӣ; татбиқи дидактикии ҳалли масъалаи лоиҳабандии технологияи баланд бардоштани касбияти омӯзгорон.



**Калидвожаҳо:** ғоя, инноватсия, таълим, касб, омӯзгор, худомӯзӣ, илм, навгонӣ, таҳсилот, ихтисос, таҳқиқот, фаъолият, раванд, ташхис.


## ИННОВАЦИОННЫЕ ИДЕИ УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕТОДИКИ ПРЕПОДАВАНИЯ И ПОВЫШЕНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ


В статье рассматриваются пути совершенствования курса повышения квалификации в условиях модернизации образования Республики Таджикистан. Проанализирована система координации инновационной деятельности как принципиально новая форма работы по повышению уровня профессионализации преподавателя. Предложен механизм системной диагностики профессионализации преподавателя через инновационную деятельность, способствующую повышению квалификации преподавателей. Проведённые исследования привели к научной новизне и теоретической значимости, заключающихся в разработке теоретических основ поддержки и развития новаторства в образовании, в обосновании теоретической модели повышения профессионализма для молодых преподавателей и преподавателей со стажем через систему конкурсов в процессе инновационной деятельности, в обосновании совокупности научных предпосылок и концептуальных положений, лежащих в основе разработки методики прогнозирования приоритетных направлений педагогического изобретательства в аспекте их территориальной значимости, в создании системной диагностики и педагогического мониторинга профессиональной деятельности преподавателя, в процессе формирования методологической культуры, в осуществлении дидактических решений проблемы проектирования технологии повышения профессионализма преподавателя.



**Ключевые слова:** идея. инновация, обучение, профессия, преподаватель, саморазвитие, наука, исследование, образование, специальность, деятельность, процесс, диагностика.


## INNOVATIVE IDEAS OF IMPROVEMENT OF METHODOLOGY OF TEACHING AND TRAINING OF PEDAGOGUES


The article discusses ways to improve the training courses of the modernization of education of the Republic of Tajikistan. The system of coordination of innovative activity as essentially new form of work on increase of level of professionalization of the teacher is analyzed. The mechanism of system diagnostics of the professionalization of the teacher is offered through the innovative activity promoting professional development of teachers. Conducted research has led to scientific novelty and theoretical significance, which consists in: developing the theoretical foundations of support and development of innovation in education; justification of the theoretical model of improving professionalism for young teachers and teachers with experience through a system of competitions in the process of innovation; substantiation of a set of scientific prerequisites and conceptual provisions underlying the development of a methodology for predicting priority areas of pedagogical invention in the aspect of their territorial significance; creation of system diagnostics and pedagogical monitoring of teacher professionalization in the process of forming a methodological culture; the implementation of didactic solutions to the problem of designing technology to improve the professionalism of the teacher.



**Key words:** idea. innovation, training, profession, teacher, self-development, science, research, education, specialty, activity, process, diagnostic.



**Сведения об авторах:** ***Холматова Мумина Махмадовна*** - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель кафедры педагогики. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **988-26-90-25**

***Иброхимов Гурез*** – Институт технологии и инновационного менеджмента в городе Кулябе, кандидат педагогических наук, профессор гуманитарной кафедры. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, мкр.Борбад. E-mail: **dtmik@list.ru.** Телефон: **987-15-14-15**
***Фаризаи Давлатмурод*** - Институт технологии и инновационного менеджмента в городе Куляба, соискатель гуманитарной кафедры. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, мкр.Борбад. E-mail: **dtmik@list.ru.** Телефон**: 985-34-46-78**
***Шомирзоева Матлуба Амриддиновна*** - Институт технологии и инновационного менеджмента в городе Кулябе, соискатель кафедры физики. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, мкр.Борбад. E-mail: **dtmik@list.ru**. Телефон: **937-72-34-92**
***Маджидов Усмон Хамидович*** – Бохтарский государственный университет имени Н.Хисрава, преподаватель кафедры физической культуры и начальной военной подготовки. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. Телефон:: **903-00-05-71**

**Information about authors:** ***Kholmatova Mumina Makhmadovna*** - Kulob State University named after A. Rudaki, the competitor of the department of pedagogical science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob City, street S.Safarova 16. microdistrict Borbad. E-mail: **dtmik@list.ru.** phone: **988-20-88-62**
***Ibrohimov Gurez –*** Institute technology and innovation management in kulob city, Candidate of Pedagogical Sciences, the Professor of the department of humanitarian science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob City, microdistrict Borbad. E-mail: **dtmik@list.ru.** phone: **987-15-14-15**
***Farizai Davlatmurod*** – Institute technology and innovation management in kulob city, the competitor of the department of humanitarian science. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob City, microdistrict Borbad. E-mail: **dtmik@list.ru.** Phone: **985-34-46-78**
***Shomirzoeva Matluba Amriddinovna*** – Institute technology and innovation management in kulob city, the competitor of the department of Physics. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob City, microdistrict Borbad. E-mail: **dtmik@list.ru**. Phone: **985-34-46-78**
***Madzhidov Usmon Khamidovich*** – Bokhtar State University named after Nosiri Hisrav, lecturer at the Department of Physical Culture and Initial Military Training. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar City, street Ayni 67. Phone: **903-00-05-71**

**УДК: 372.881.111.1 (575.3)**

## ТАКОМУЛИ КАСБИ МУАЛЛИМӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Худойқулова Қ.Ч.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зери истилоҳи «такмили ихтисос» раванди пайвастаю мунтазами ташаккулёбии шахсияти мутахассис ва кордон матраҳ мешавад, ки он аз лаҳзаи интихоби касбу ҳунар оғоз гардида, тамоми тӯли зиндагии касбии инсонро дар бар мегирад ва то замоне тӯл мекашад, ки инсон фаъолияти касбии худро қатъ намояд. Мафҳумҳои «такмили ихтисос», «касбомӯзӣ» ва «ташаккулёбии ихтисос» бо ҳам хеле наздик мебошанд. Масъалаи матраҳшавада, яъне «касбомӯзӣ» ва «такмили ихтисос» дар ҳама давру замон муҳим арзёбӣ мегардад. Тавре баъзе муҳаққиқони ватанӣ қайд менамоянд, «ҳар як насли нав кӯшиш мекунад, ки аз насли гузашта закитар буда, таҷрибаи онҳоро аз худ карда, барои рушд ва такомул додани дониши худ ҳамеша дар ҳаракат бошад [1,с.3].

Такомули касби муаллимӣ, ташаккулёбии маҷмӯи сифатҳои касбию фардиро дар низоми муайян ва ба таври низомёфта мушаххас менамояд. Таҳлили ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологии фаъолияти касбии педагогӣ имкон медиҳад, ки такмили ихтисосро ба унвони раванди боҳадафи тағйиротҳои сифатӣ дониста, онро омиле меҳисобанд, ки боиси тафаккури навин дар шахсияти муаллим мегардад.

Дар бораи вазъи бунёдии таълими педагогӣ сухан гуфта, мо на танҳо вазъияти мавзӯи матраҳгардидаро дар назар дорем, балки бахши равонию педагогиро ҳам набояд фаромӯш кард, зеро ин ду ҷанба дар тайёр кардани муаллим дар иртиботи танготанг мебошанд. Касбияти муаллим ба ғайр аз донишу малака ва маҳоратҳои гуногун, инчунин таҷрибаю сифатҳои шахсии касбиро дар бар мегирад. Барои муаллими хуб будан ҳам фанни таълим ва ҳам таълимгирандагонатро бояд дӯст дошт. Дар ин ҷо таълим ҳамчун раванди ҳамгирогаштаи таълиму тарбия дониста мешавад. Ташаккулёбии омодагии хатмкунандагон барои амалисозии вазифаҳои тарбиявӣ - яке аз масъалаҳои аввалиндараҷае мебошад, ки баҳри ҳалли он таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардад. Гуногунпаҳлу ва мураккаб будани вазифаҳои ташаккулёбии шахсият проблемаҳои маҳорати педагогиро дар назария ва амалияи таълим актуалӣ менамояд [2,с.3]. Мо хуб медонем, ки фазои маънавию ахлоқӣ дар ҷомеа дар кадом сатҳ қарор дорад. Ба шароити буҳрону мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ кишварамон на як бору ду бор рӯ ба рӯ гаштааст, маҳз муаллимон дар чунин давраҳо такягоҳи асосӣ ва нигоҳдорандаи арзишҳои маънавии

беҳтарин мегарданд. Мактаб бошад, имрӯз яке аз камтарин ниҳодҳои иҷтимоие ба шумор меравад, ки дар он тамоми шаҳрвандони кишвар дарси зиндагӣ аз худ менамоянд.

*Муаллим касе буда метавонад, ки ӯ шахсият бошад.*

Муаллим, пеш аз ҳама, тавассути фанни хеш тарбия менамояд. Аз ин рӯ, дар бораи навсозию мукаммалнамоии муҳтавои таълим андеша намуда, нақши тарбиятии фанҳои мактабие, ба мисли забони тоҷикӣ, адабиёт, таърих, санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва ғайраро набояд фаромӯш кард. Нақши онҳо дар ташаккули низоми арзишҳои ҳаётӣ бузург буда, мақоми марказиро дар байни онҳо ватандӯстию масъулияти шаҳрвандӣ, маънавият ва фарҳанги умумии олӣ ишғол менамояд. Ин масъала маҳз дар замони имрӯза бениҳоят муҳим аст, зеро ки ҷавонон фарҳанги оммавии пастсифатро дар худ эҳсос мекунанд [3,с.3]. Дар чунин ҳолат, вазифаи олии муаллимӣ «роҳнамои боақлу хирад ва меҳрубон»-ро танҳо касе иҷро карда метавонад, ки худ шахсият бошад. Бояд афзуд, ки мо дар муассисаҳои таълимӣ ба ташаккулёбии фарҳанги умумии донишҷӯён ва ташаккулёбии шахсияти онҳо ба қадри кофӣ диққат ва аҳамияти ҷиддӣ намедиҳем. Ин масъала аз тарафи аксари муассисаҳои таълимӣ тавассути амалисозии консепсияҳои тарбиявие, ки худашон мустақилона тайёр намудаанд, дида баромада мешавад. Дар илми равоншиносӣ ва педагогика усулҳои гуногуни омӯзишу таҳқиқи раванди такомули касби муаллимӣ дида мешавад. Баъзе муҳаққиқон такомули касбиро дар шахсияти муаллим, баъзеашон дар фаъолияти онҳо, дигарашон бошанд, дар натиҷаи тайёрии касбии муаллим дар донишгоҳи педагогӣ мебинанд.

Шаклҳои ташкилии таълими касбии муаллимон такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ мебошад. Маҳз аз ин сабаб дар таҳқиқи мо масъалаи такомули касби муаллими деҳа, мониторинги ин раванд ва масоили дастгирии муаллимон, тавассути низоми таълимоти иловагии педагогӣ дида баромада шудааст.

Таҳқиқу пажӯҳиши мо нишон дод, ки раванди ҷомеапазирии касбии муаллими ҷавони мактаби деҳа самарабахш гашта, бо муҳтавои гуманистӣ пурра мегардад, агар:

- кор бо мутахассисони ҷавон дар асоси бақайдгирии сатҳи тайёрии касбӣ, таркиби бахши талаботу мақсадҳо, мушкилоти мавҷуда ба роҳ монда шавад;

-хусусияти фаъолияти фаъоли муаллими ҷавон дар муҳити таълимӣ таъмин гардида, фаъолияти касбии ӯ ба шахсияту манфиатҳои хонандагон мутобиқ гардад;

- марҳила ба марҳила корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, методии муаллими ҷавон мураккабтар гашта, барои азхуднамоии муҳтаво ва технологияи фаъолияти касбӣ, шаклҳои ташкилӣ, ки сатҳи гуногунро фаро мегирад, равона карда шавад, мисли: инфиродӣ, мактабӣ, ноҳиявӣ (ҷамоатӣ), ҷумҳуриявӣ ва ғайра.

Фаъолияти педагогии муаллими ҷавон бо дарназардошти хусусияту имкониятҳои мактаби деҳа ва ҷомеаи онҷо (базаи иттилоотию методӣ ва моддии нокифоя, набудани имкониятҳо барои муколамаи васеи касбӣ ва такмили ихтисос, масъулияти баланди муаллими деҳа, умумӣ будани фаъолияти касбии ӯ ва ҳаёти шахсӣ).

Вобаста ба андешаҳои фавқ дар ин бахш чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

1.Ошкорнамоӣ ва асоснокнамоии муҳтаво, сохтор, давраҳои ҷомеапазирии касбии муаллимони ҷавон, мазмуни тавсифномаи касбию шахсии онҳо, ки ба муназзамнамоӣ дар марҳилаҳои аввали фаъолияти касбӣ ниёз дорад.

2. Муайян намудани маҷмӯи усулҳои ташхисӣ, ки имкон медиҳанд, хусусиятҳои таркибию мазмунии раванди ҷомеапазирии касбии муаллимони ҷавони мактаби деҳа, меъёру нишондодҳои барорнокии ин раванд ошкор карда шаванд.

3. Ошкорнамоӣ ва асоснокнамоии самаранокии шароитҳои ташкилию педагогӣ, ки ба ҷомеапазирии касбии гуманистии муаллимони ҷавони мактаби деҳа мусоидат менамоянд.

4. Коркарду таҳияи нишондодҳои илмию амалӣ вобаста ба ташкилнамоии корҳои мақсаднок бо муаллимони ҷавони мактаби деҳа, ки ба ҷомеапазирии касбии гуманистӣ оварда мерасонад.

Ба масъалаи ташаккули муаллим (ҳамчун шахсият ва мутахассис) дар доираи маълумоти педагогӣ таҳқиқотҳои зиёди ватанию хориҷӣ бахшида шудаанд. Қонуниятҳои умумии тайёрии касбӣ ва ташаккули шахсияти муаллим дар корҳои таҳқиқотии муҳаққиқони гуногун ба назар мерасад [4,с.12]. Роҳҳои такмили тайёрии касбию педагогии муаллим дар шароити муосири иҷтимоию фарҳангӣ дар ин таҳқиқотҳо баррасӣ гардида, омӯзиши масъалаҳои маҳорати касбӣ, эҷодиёти касбӣ, худшиносии касбии кадрҳои педагогӣ аз нуқтаи назари равонию илмӣ ба назар мерасад.

Мутобиқати иҷтимоию касбии муаллим, масъалаи воридшавии ӯ ба муҳити касбӣ, омӯзиши роҳу шароитҳои ташаккули маҳорати педагогии муаллими ҷавон, роҳу усулҳои

ҳалли мушкилоти муаллимони ҷавон, шаклҳои гуногуни кор бо муаллимон вобаста ба такмили маҳорати касбию педагогии онҳо, объекти омӯзиши муҳаққиқони зиёде гаштааст.

Муҳити иҷтимоию фарҳангӣ – алоқамандии шароитҳои гуногуни табиӣ, фарҳангӣ ва мадание мебошад, ки дар он ҳаёту фаъолияти инсон, ҷомеа, халқияту миллатҳо, мавҷудияти онҳо ба муҳити табиию иҷтимоӣ, фарҳангӣ вобаста аст.

Ҷанбаи иҷтимоию фарҳангӣ – ҷанбаи ҳаётии пурраю мукаммале мебошад, ки мактабро фаро гирифтааст. Мактаб дар ҷанбаи иҷтимоию фарҳангӣ, мактабе мебошад, ки маҳдудияту норасоиҳоро паси сар намуда ҷомеа, фарҳанг, ҳаётро меомӯзад, то ин ки вазифаҳои хешро дарк сохта онро мукаммал намояд. Моҳияти таълимии ҷанбаи иҷтимоию фарҳангиро метавон чунин шарҳ дод: фарҳанг, ҷомеа, ҳаёт – боз ҳам мактаб аст.

## АДАБИЁТ


1. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. кн.2. Учебное пособие / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. - 328 с.
2. Основы педагогического мастерства: Учеб. пособие для вузов / под ред. И.А. Зязюна. –М.: Просвещение, 1989. – 302 с.
3. Кадыров С. Профессиональная ориентация школьников. Учебное пособие для вузов / С. Кадыров, И. Карамзин, Ш. Саторов. –Душанбе: Сино,1997. – 213 с.
4. Ахмедова М. Педагогические основы совершенствования роли семьи и школы в формирования профессиональной направленности школьников. Учебно-методическое пособие // Под общей редакцией д.п.н. профессора К.Кадырова. –Душанбе: Маориф, 2015. – 160 с.


## ТАКОМУЛИ КАСБИ МУАЛЛИМӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе аз масъалаҳои ҷомеапазирии касбии муаллимро дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф махсус қайд менамояд, ки масъалаи иҷтимоишавии касбии муаллим имрӯз инъикоскунандаи як қатор равандҳои муҳим, ки ифодакунандаи донишҳои муосири гуманитарӣ, аз ҷумла илми педагогика мебошанд, баромад мекунад. Дар замони муосир, омили асосии рушди ҳама ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ иқтидори инсонӣ ба ҳисоб меравад, мувофиқан, дар чунин раванд барои рушди иқтидори инсонӣ таҳлили масъалаи ҷомеапазирии касбии муаллим аз манфиат холӣ нест. Аз нуқтаи назари муаллиф, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи ҷомеапазирии касбии муаллим, мумкин аст ба натиҷаҳои мусбӣ дар соҳаи мазкур даст ёфт. Қадами асосии баррасии масъалаи ҷомеапазирии касбии муаллим, дарки тавсифи асосии ҷомеапазирии инсон дар маҷмӯъ ва хусусиятҳои асосии равандаи ҷомеапазирии касбӣ ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии он ба ҳисоб меравад.



**Калидвожаҳо:** иҷтимоипазирии касбӣ, мартабаи баланди касбӣ, илми педагогика, муаллим, объекти таҳқиқот, худшиносӣ.


## ПРОФЕССИОНАЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ УЧИТЕЛЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


В рамках данной статьи рассматриваются некоторые вопросы профессиональной социализации учителя в современных условиях. Автор особо подчеркивает, что проблема профессиональной социализации выступает сегодня отражением целого ряда важных тенденций, характерных для современного гуманитарного знания, в частности педагогической науки. В наступившем веке ключевым фактором развития всех сторон общественной жизни становится человеческий потенциал, следовательно, в данном процессе для развития человеческого потенциала анализ вопроса профессиональной социализации считается важным. По мнению автора, на основе всестороннего анализа профессиональной социализации учителя в современных условиях можно достичь определенных результатов в данной сфере. Важным шагом в исследовании вопроса профессиональной социализации выступает осмысление базовых характеристик феномена социализации человека в целом, а также основных черт процесса профессиональной социализации.



**Ключевые слова:** профессиональная социализация, профессиональная карьера, педагогическая наука, учитель, объект исследования, самосознание.


## PROFESSIONAL SOCIALIZATION OF THE TEACHER IN MODERN CONDITIONS


In this article, some issues of professional socialization of teachers in modern conditions are considered. The author emphasizes that the problem of professional socialization is today a reflection of a number of important trends characteristic of modern humanitarian knowledge, in particular, pedagogical science. In the new century, the key factor in the development of all aspects of social life becomes human potential, therefore, in this process for the development of human potential the analysis of the issue of professional socialization is considered important. According to the author, on the basis of a comprehensive analysis of the professional socialization of teachers in modern conditions, it is possible to achieve certain results in this area. An important step in studying the issue of professional socialization is the understanding of the basic characteristics of the phenomenon of human socialization as a whole, as well as the main features of the process of professional socialization as one of its key components.



**Key words:** professional socialization, professional career, pedagogical science, teacher, object of study, self-consciousness.



**Сведения об авторе:** ***Худойкулова К.Дж.*** - Таджикский национальный университет, кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр.Рудаки, 17. Телефон: **935-68-07-38**

**Information about the author:** ***Khudoikulova K.J.*** - Tajik National University, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the university-wide department of pedagogy. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave., 17.docent of the Department of pedagogy of the Tajik National University. Phone: **935-68-07-38**

УДК:329.78:008 (575.3)

# ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭСТЕТИКИИ ҶАВОНОН

*Латифзода Д.Н., Раҳмонов А.*
**Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода**

Тарбияи эстетикӣ дар ташаккулу такомули ҷаҳони маънавии ҷомеа ва тақвияти андешаву рӯҳияи миллӣ нақши муассир дорад. Дар ҳуҷҷатҳои барномавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди фарҳанг, бахусус консепсия ва барномаи давлатии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2008-2015, Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар соли 2007-2010 ва махсусан Консепсияи мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои фарҳанг ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа дар қатори вазифаҳои муҳимми рӯз ба тадбирҳои амалӣ намудани сиёсати миллии фарҳангӣ ва тарбияи эстетикии ҷавонон мутобиқи шароити имрӯза, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст.

Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дар Паём Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 2015) ба нақши фарҳанг дар тарбияи зебоипарастии қишрҳои гуногуни кишвар таъкид намуда, чунин зикр мекунад, ки мақомоти дахлдор бояд ба тарбияи зебоипарастии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд [1].

Масъалаҳои баланд бардоштани корҳои тарбиявӣ дар самти тарбияи эстетикӣ аз вазифаҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” муайян карда шудаанд, бармеоянд. Бо мақсади оқилона истифода бурдани вақти холии хонандагон, ҷалби онҳо ба намудҳои гуногуни фарҳанги миллӣ, мероси ғании фарҳангӣ, корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, фаъолияти марказҳои фарҳангию фароғатӣ ва эстетикӣ ва ғ. пешбинӣ карда шудааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки муассисаҳои таҳсилот дар тарбияи эстетикии насли наврас нақши муассир ва ҳатто ҳалкунанда мебозанд. Аммо таҳқиқоти мо нишон доданд, ки вазъу имкониятҳои тарбияи эстетикӣ дар системаи маориф ва фарҳанг ба таври бояду шояд истифода бурда намешаванд. Ин аст, ки баъзе хонандагон вақти фароғати худро дар видеосалону марказҳои компютерӣ гузаронида доир ба боло бардоштани маънавиёташон андеша наменамоянд.

Ҳаминро низ бояд зикр кард, ки вазъи корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон ва наврасон низ талаботҳои маънавию эстетикии хонандагонро ба таври бояду шояд қонеъ намегардонанд, ки боиси ҷалби теъдоди камшумори хонандагон ба ин муассисаҳо мебошад.

Бинобар ин зарурияти куллан, ба таври ҷиддӣ аз нав баррасӣ намудани муносибати инсон ба муҳити зист, дарк ва фаҳмиши нави идеали инсон, дурнамои ӯ ба миён омадааст.

Аз ин ҷиҳат таҳқиқи масъалаҳои фарҳанги эстетикӣ дар низоми муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, дар фаъолияти ҳамҷояи педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва волидайн дорои аҳамияти зиёд аст.

Бевосита масъалаҳои тарбияи эстетикӣ дар заминаи арзишҳои миллӣ дар рисола ва мақолаҳои илмии доктори илми фалсафа С.Раҳимов ҳамаҷониба таҳқиқ гардидаанд. Илова бар ин, дар омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзӯъ саҳми олимони дигар низ назаррас аст. Дар чаҳорчӯбаи ин мавзӯъ олимони соҳаи педагогика Х. Бӯйдоқов, И. Каримова, М. Лутфуллоев, А. Нуров, С. Раҳимов, М. Саидов, А. Турсунов, А. Сатторов ва дигарон дар таҳқиқотҳояшон андешаҳои хешро доир ба мақсад, вазифаҳо, мазмун, анъанаҳои бадеӣ, шакл ва методҳои ин самти муҳимми кори тарбиявӣ баён сохтаанд. Дар омӯзиш ва таҳқиқи ин мавзӯъ саҳми олимон Р.Абдуллоева, Д. Латифзода, Нуров А. ва дигарон назаррас аст, ки дар ҳалли баъзе масъалаҳои назарӣ, методологӣ ва илмӣ-методӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Аз таҳлилу муқоисаи асару мақолаҳо ва рисолаҳои ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар системаи таҳсилот ва фарҳанг бахшидашуда чунин бармеояд, ки зери мафҳуми фарҳанги эстетикӣ қисме аз олимон сифатҳои интегративии шахсиятро мефаҳманд, ки аз ҷузъиётҳои зерин – қисми когнетивӣ, эмотсионалӣ ва ахлоқӣ иборат мебошад. Ин гуна муносибат дар таҳқиқотҳо имкон медиҳад, ки одамон дар асоси қонуниятҳои зебоӣ ва идеалҳои олии маънавию ахлоқӣ неруи худтатбиқгардонии эҷодии хешро амалӣ созанд.

Ҳамин тариқ, тарбияи эстетикӣ қисми ҷудонашавандаи мураттаби инкишоф ёфтани шахсият мебошад. Вазифаи он аз инкишоф додани танҳо ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосии насли наврас иборат набуда, балки аз такмил додани қувваҳои ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии

инсон, бо зебой фақат бо аз худ кардани соҳаи санъат маҳдуд нашуда, ба он ҷалб шавад, мунаққиди фарҳанги бадеӣ гардад, тамоми паҳлуҳои зебоиро дар бар бигирад.

Бинобар ин, функсияи тарбиявӣ-эстетикии муассисаҳои таҳсилот на танҳо аз байн нарафта истодааст ва ё аҳамияташон кам шуда истодааст, балки баръакс омӯзиши ин проблема дар илмҳои гуманитарӣ, бахусус педагогика ва эстетика хеле муҳим гардида истодааст. Масъалаҳои таҳқиқи фарҳанги эстетикӣ, консепсия ва таҷрибаи амалии муосир дар ин самт, ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон, омилҳо ва роҳҳои амалишавии он дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, таҳия ва пешниҳоди модел ва барномаи илмӣ-методии ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон тавассути кори муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳангию фароғатӣ, истифодаи самараноки он дар кори амалии тарбиявӣ-эстетикӣ аз ҷумлаи масъалаҳоеанд, ки муҳаққиқон метавонанд чун объекти омӯзиш ва таҳқиқ қарор бидиҳанд ва корро дар ин самт такмил диҳанд.

Олимон бар он ақидаанд, ки зебой худи ҳаёт, таҷрибаи ҷамъиятӣ бо ҳама гуна гуногуниҳояш мебошад. Зебой нуктаи камолот, авҷи идеалии кори ҳаррӯза ва одии инсон мебошад. Чунки идеалҳои инсонӣ аз рӯйи таҷрибаҳои иҷтимоиву шуури одамон муайян карда мешаванд. Истилоҳи фарҳанги эстетикӣ (зебоишиносӣ) ба файласуф Н.Бердлев тааллуқ дорад: вай онро дар асараш «Константин Леонтев» очерки таърихи ақидаи динии русӣ) барои фаҳмонидани сатҳи зебоипарастии россиягиҳои солҳои 60-уми асри XIX истифода бурд. Ин истилоҳ ба фаҳмиши «зебоишиносӣ» наздик мебошад.

Дар тарбияи эстетикӣ аз консепсия ва ақидаҳои мутафаккирони Шарқу Ғарб, андешаҳои олимон, адибон ва умуман фалсафаи эстетикии ниёгон истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин раванд ақидаҳои эстетикии педагогҳои шӯравӣ низ истисно нестанд.

Масалан, В.А. Верб чунин меҳисобад, ки фарҳанги эстетикӣ – маҷмӯи сифатҳо, таҳсилоти шахсӣ, махсусият, истиқболи зебой ва иштирок дар бунёди зебой буда, моҳияти он бошад, дар азхуднамоии маҷмӯи қобилият, истиқболи бадеӣ ва эҷодӣ мебошад [8,с.3-10]. Барои таҳқиқот консепсияи файласуфи рус М.С. Каган, хеле муҳим мебошад. Мутобиқи андешаи М.С. Каган фаъолияти эстетикӣ ташаккулёбии материя тибқи «қонунҳои зебой» буда, махсусияти ҷамъбастиро соҳиб аст. Аз ин хотир, тамоми намуди фаъолияти инсонӣ ба андозаи муайян ҳамчун фаъолияти эстетикӣ матраҳ мегардад [10,с.110-124].

Ҳамин тариқ, дар айни замон дар зери мафҳуми тарбияи эстетикӣ тамоми намуди фаъолияти инсонӣ ба андозаи муайян ҳамчун фаъолияти эстетикӣ густариш ва ташаккули эстетикӣ фаҳмида шуда, арзишҳои шахсият марбут ба фаъолияти ӯ дониста мешаванд. Ҳангоми худфаъолиятӣ ва худташкилкунӣ татбиқ ва дорои арзишҳо мегардад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки фарҳанги эстетикӣ чунин унсурҳоро дорост: шуури эстетикии инсонҳо; ҷилваҳои зебоишиносии фаъолияти гуногуни тарбияи эстетикӣ; меҳвари асосии фарҳанги зебоишиносӣ, меъморӣ ва фарҳанги бадеӣ ва ғ. Ба фарҳанги зебоишиносии муосир эстетикаи муҳити зист, фарҳанги рӯзгор ва фарҳанги варзиш ворид гаштааст. Таҳия ва коркардҳои илмии масъалаҳои назария ва амалияи тарбияи эстетикӣ, муайян сохтани хусусиятҳои фарҳанги эстетикӣ, роҳҳои ҷалби насли наврас ба арзишҳои фарҳангӣ, аз ҷиҳати назарӣ асоснок намудани масъалаҳои фарҳанги эстетикӣ ба педагогика имкон медиҳад, ки ҷанбаи педагогии мавзӯи таҳқиқотӣ муайян ва мушаххас шавад. Илова бар ин, таҳқиқи проблемаҳои дар боло зикрашуда барои фарохтар назар кардан ба масъалаҳои шуури эстетикӣ ва фарҳанги эстетикӣ, протсесси ташаккули онҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Таҳлили адабиёти илмӣ моро ба хулосае меорад, ки тарбияи эстетикӣ махсусияти ҷамъбастиро соҳиб аст. Аз ин хотир, тамоми намуди фаъолияти инсонӣ ҳамчун фаъолияти эстетикӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар давраи мазкур тарбияи эстетикӣ дар системаи таҳсилотӣ чунин самтҳоро ба инобат мегирад:

- ташаккули омодагии шахсият баҳри идрок, азхуднамоӣ барои эстетика, санъат ва воқеият, ташаккули тафаккури эстетикӣ;
- боло бардоштани маърифати эстетикӣ (зебоипарастӣ);
- густариши қобилиятҳои эҷодӣ, фарҳанги маънавӣ ва ҷисмонӣ;
- ҷалбнамоӣ ба намудҳои фаъолияти эстетикӣ, ки дар натиҷаи он дониш ва эътиқоди ботинӣ ба рафтори ҳамарӯзаи муҳассилин табдил меёбад;
- ташкили маҳфилҳои гуногуни фарҳанг, санъат, касбу ҳунарҳои бадеии халқ. Ҷалби хонандагон аз кӯдакӣ ба намудҳои фаъоли тарбияи зебоипарастӣ ва ғ.

Манбаи бойтарини таассуротҳои эстетикии кӯдак санъат аст.

Санъат ҳамчун шакли образноки инъикос ва азнавсозии олам ҳодисаи фавқулода мураккаб ва бисёрмаъно мебошад. Ба воситаи он ҷиҳатҳои идеологӣ, ахлоқӣ ва эстетикии

таъсиррасонӣ ба шахсияти инсони комил расидан маълум мегардад. Тавассути он ба мактабиён ҳам аз ҷиҳати ахлоқӣ ва ҳам аз ҷиҳати эстетикӣ таъсири комплексӣ ва ҳамаҷониба расонида мешавад. Нақши санъат барои дар насли наврас инкишоф ёфтани фарҳанги эҳсосот ва ҳис карда тавонистан, тафаккуроти образнок ва тасаввурот хеле бузург аст. Олимон исбот кардаанд, ки «одаме, ки нишоти эҷодии ин ё он намудаи санъатро аз сар гузаронидааст, назар ба одами аз доираи танҳо дарки асари санъат баромада санъатро хеле амиқтар ва интенсивноктар дарк карда метавонад» [9,с.15].

Асарҳои санъати тасвирӣ барои ҳаёти инсоният ва табиатро фаҳмидан ёрӣ расонида, идроки биноиву тахайюлоти касро ривоҷ медиҳанд.

Дар инкишофи олами рӯҳии муҳассилин нақши адабиёти бадеӣ – санъати сухан хеле бузург аст. Забон муҳимтарин воситаи муомилоти одамон буда, тарафҳои гуногуни ҳастиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ имкониятҳои ба таври бадеӣ инъикос намудани воқеаҳои зиндагӣ дар адабиёт махсусан зиёданд. Намудҳои муттаҳид шудани санъати театр, кино, телевизион, сирк ба таври васеъ оммавӣ шудаанд. Тамошобин бо таъсири хониши ифоданок, ҳаракату ишораҳо, зебу зинатҳои ороишӣ ва ҳамоҳангии мусиқӣ дар саҳна ифода намудани воқеаву ҳодисаҳо ба мазмуну мундариҷаи спектакл ва дигар асарҳои саҳнавӣ сарфаҳм меравад. Масалан, дар театр байни актёру тамошобин робитаи бевоситаи эҷодӣ пайдо шуда, барои ба ҳаяҷон омадани ҳарду тараф шароити мусоид ба вуҷуд меояд. Вобаста ба ин Б.Брехт хеле хуб қайд кардааст: «Агар аз санъат ҳаловат бурдан хоҳед, ҳеҷ гоҳ бо истифодаи қулай ва арзони як худи натиҷаи меҳнати бадеӣ қонеъ нашавед. Худи меҳнатро аз сар гузаронидан даркор аст…» [9,с.21-24].

Иду маросимҳои миллии мардуми тоҷик, махсусан Иди Наврӯз Сада, Меҳргон, риояи анъанаи хуби сарулибосорой ва фарҳанги баланди либоспӯшӣ завқи эстетикиро ташаккул медиҳанд.

Ҳамин тариқ, фарҳанги эстетикӣ қисми ҷудонашавандаи мураттаб инкишоф ёфтани шахсияти комил мебошад. Вазифаи он танҳо инкишоф додани ҳолатҳои бадеӣ-эҳсосии насли наврас набуда, балки аз такмил додани қувваҳои ахлоқӣ, фикрӣ ва ҷисмонии аҳолӣ, махсусан ҷавонон, бо зебоӣ, фақат бо аз худ кардани соҳаи санъат маҳдуд накарда, тамоми паҳлуҳои фаъолияти онҳоро дар бар мегирад. Ҷанбаи муҳимми педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ истифода аз ҳамаи фаъолиятҳои эстетикӣ мебошад, зеро на танҳо санъат, инчунин дигар паҳлуҳои эстетикии ҳақиқат: меҳнат, муносибатҳои иҷтимоӣ, муҳити атроф, фарҳанги маишӣ, аз он ҷумла зебоӣ, либоси зебову шинам дар тан, истиқоматгоҳ, табиат ва рафтори одамон низ фарҳанги миллии моро ба дигарон мешиносонад ва ба тарбиягиранда таъсири эстетикиву ахлоқӣ мерасонад.

Ҳукумати Тоҷикистон ва шахсан Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он проблемаю норасоиҳое, ки имрӯз дар соҳаи фарҳанги эстетикӣ ҷой доранд, диққати махсус медиҳанд, пайваста таъкид мекунанд, ки дар қатори муваффақиятҳое, ки дар ин соҳа вуҷуд доранд, камбудиҳои ҷиддӣ низ дар фаъолияти ин муассисаҳо ба назар мерасанд. Бинобар ин кормандони соҳаи маорифро лозим аст, ки пеш аз ҳама, барои боло бурдани симои нави маънавии инсон, ташаккули фарҳанги эстетикии ҷомеа аз захираҳою имкониятҳои худӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимиятҳои давлатӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ самаранок истифода намуда, «доир ба майлу рағбати зебоипарастӣ ва инкишоф додани ҳунари эҷодиву анъанаҳои бузурги фарҳангсолори халқамон» чораҳои таъхирнопазир андешанд [2].

Ҳар як миллатро аз рӯйи фарҳанг, махсусан фарҳанги эстетикиаш баҳо медиҳанд. Ифтихори мо тоҷикон бештар аз он аст, ки аз қадимулайём фарҳанги бойи бадеӣ дорем. Аз ин рӯ ба масъалаҳои ба насли наврас бегазанд интиқол додани арзишҳои эстетикӣ, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани он, тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ин арзишҳои миллӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, ҷиҳати кори муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, махсусан дар мавзеъҳои деҳот, бояд диққати ҷиддӣ дод.Дар ҷумҳурӣ доир ба тарбияи эстетикӣ (зебоипарасти)-и насли наврас системаи муайяни корҳои тарбиявӣ роҳандозӣ карда шудааст. Ин низом муассисаҳо ва ташкилотҳои гуногунро фаро гирифтааст. Аз кӯдакистонҳо сар карда то зинаи таҳсилоти олӣ ва баъд аз мактабҳои олии кишвар бо истифода аз восита ва шаклу намудҳои кори тарбияи эстетикӣ ҷиҳати ба арзишҳои эстетикӣ ҷалб намудани ҷавонон ва кӯдакону наврасон корҳои зиёде анҷом дода шуда истодаанд.

Омӯзиши таҷрибаи пешқадами муассисаҳои системаи маориф ва фарҳанг нишон медиҳад, ки ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот хизматрасонии фарҳангӣ-эстетикӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ то андозае дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Аз нав эҳё намудани муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар ноҳияҳо ва шаҳрҳои ҷумҳурӣ, коллективона ба намоишу спектаклҳо сафарбар намудани кӯдакони ясливу боғчаҳо, хонандагони мактабҳо, ташкили сафарҳои ҳунарии коллективҳои эҷодӣ ба муассисаҳои

таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, намоишҳои сайёри китоб, асарҳои санъати тасвирӣ, фаъол гардондани кори клубу китобхонаҳо дар байни аҳолии шаҳру ноҳия ва ҷавонон, таъсиси садҳо хонаҳо ва қасрҳои фарҳанг дар ноҳияҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки доир ба ташаккули фарҳанги эстетикии насли наврас чораҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд.

Бе ҳалли дурусти ин масъалаҳо ғанӣ ва бой гардонидани ҳаёти маънавию фарҳангӣ ва эстетикии ҷавонон, қонеъ намудани ниёзҳои зебоипарастии насли наврасро фаҳмидан душвор аст. Хосатан, дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистони тозабунёд масъалаҳои омӯзиши воситаҳои фаъолияти педагогӣ доир ба ташаккули зебоипарастии муҳассилин, аз он ҷумла дар марказҳои фарҳангию эстетикии кӯдакон ва наврасон, филармонияҳои бачагона, ҳамкориҳои мактаб, оила, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва фарҳанг, хеле судманд мебошад.

Муносибати маҷмӯӣ (комплексӣ) дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии насли наврас имконияти аз ҷиҳати илмӣ-методӣ дуруст ташкил намудани онро ба вуҷуд меоварад. Педагогика ва фарҳангшиносӣ ҳамеша фарҳанги эстетикӣ ва тарбияи эстетикиро муҳимтарин қисми таркибии протсесси ҳаматарафаи мураттаб инкишоф додани шахсияти насли ҷавон мешуморад. Дар айни замон ба зебоӣ қарин будан аз дигар соҳаҳои ташаккули муҳассилин ҷудо набуда, баръакс ба тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ, ҷисмонӣ робитаи қавӣ дорад.

Маҷмӯи арзишҳои эстетикӣ, равишҳои эҷод ва истифодаи ин арзишҳоро таъмин мекунад. Аз хулосаи олимони соҳаи зебоишиносӣ бармеояд, ки фарҳанги эстетикӣ чунин унсурҳоро дорост: шуури эстеткии инсонҳо; ҷилваҳои зебоишиносии фаъолияти гуногуни тарбияи эстетикӣ; меҳвари асосии фарҳанги зебоишиносӣ, меъморӣ ва фарҳанги бадеӣ ва ғ. Ба фарҳанги зебоишиносии муосир эстетикаи муҳити зист, фарҳанги рӯзгор, либос, фарҳанги маишӣ ва фарҳанги варзиш ворид гаштааст. Фарҳанги умуми шахс маҳз дар ҳамбастагии ин қисмҳои таркибии фарҳанг ташаккул ва такмил меёбад.

Ҷанбаҳои дигарро низ номбар кардан мумкин аст, ки онҳо ба ташаккули фарҳанги эстетикӣ мусоидат карда метавонанд. Яке аз онҳо эҳтирому арҷгузорӣ ба фарҳанги бойи ниёгон маҳсуб меёбад, ки дар ташаккули фарҳанги эстетикӣ нақши муассир мебозад. Ҳамзамон, омилхое ҳастанд, ки ба ташаккули шахс таъсири манфӣ мерасонанд: тақлид ба фарҳанги бегона, кӯр-кӯрона ба он пайравӣ кардан, бегонапарастӣ, хурофотпарастӣ, худнамоии аз ҳад зиёд ва ғайра, ки иллати асосии ин гуна зухурот маърифати пасти мардум ва сатҳи костаи эстетикии онҳо ба шумор меравад.

Ҷорӣ намудани равияи нави «Мактабҳои ҳунарӣ (устод-шогирд)» дар заминаи мактабҳои мавҷудаи бачагонаи мусиқӣ, санъат, рассомии Душанбешаҳр, таҳия ва нашри маводи таълимӣ - методӣ барои муассисаҳои фарҳангӣ аз ҷониби шуъбаи таълимӣ-методии шуъбаи фарҳанги Душанбешаҳр оғоз гардидааст, ки дар тарбияи эстетикии насли наврас нақши муҳим ва муассир бозида метавонад.

Аммо аз омӯзиши кори муассисаҳои маориф ва фарҳанг бармеояд, ки баъзе муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва таҳсилотӣ дар деҳаҳо шароити пурра қонеъ гардонидани талаботҳои гуногуни эстетикии духтаронро надоранд, барои онҳо маҳфилҳо ва чорабиниҳои фарҳангии гуногуни самти эстетикӣ доштаро ташкил карда наметавонанд. Баъзе марказҳои таҳсилотӣ дар ноҳияҳо бинои махсус надоранд. Машғулият ва чорабиниҳои фарҳангии онҳо дар мактабҳо ташкил ва баргузор мегарданд. Ин мушкилот дар баъзе ноҳияҳои кӯҳистон баръало ҳис карда мешавад, ки ба оқибатҳои зарари иҷтимоӣ ва хонаводагӣ дошта оварда расониданаш мумкин аст. Илова бар ин, ин раванд боиси коста шудани завқи зебоипарастии духтарон мегардад. Ба назари мо барои беҳтар намудани фарҳанги эстетикӣ дар ноҳияҳо амалӣ гардонидани барномаи махсуси тарбияи эстетикӣ зарур аст, ки мушкилоти мавҷударо ҳал намояд. Барномаи ноҳиявии тарбияи эстетикии аҳолӣ бояд дар чунин самтҳо фаъолияти зебоипарастиро тарҳрезӣ намояд:

- шаклҳои комплексии тарбияи эстетикиро дарёфт ва дар байни ҷавонон ташкил ва баргузор кунанд;
- ҳамкории хонавода, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, иловагӣ ва фарҳангию фароғатиро таъмин намоянд;
- тадбирҳои самаранокро оид ба ҷалби мардум ба театру, филармонияҳо, китобхонаву осорхонаҳо амалӣ намояд;
- мутахассисони ҷавонро дар самти тарбияи эстетикии насли наврас омода намояд;
- дар асоси суннатҳои миллии фарҳангӣ - маърифатӣ ва махсусиятҳои он бо дарназардошти меъёрҳои арзишҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ, инсонгароӣ ва меъёрҳои умумибашарии имрӯза давра ба давра, комилан замонавӣ сохтани фаъолияти муассисаҳо ва объектҳои системаи иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва фароғатиро ба нақша гирад;

- дар кулли манотиқи ҷумҳурӣ сохтани клубу хонаҳои фарҳангро пешбинӣ намуда, фаъолияти маҷмааҳои бадеӣ - намоишӣ ва марказҳои намоишӣ, фондҳо ва ғ. ба нақша гирад; фарҳанги хизматрасониро беҳтар намояд;

- сохтани биноҳои нав, барқарор намудани китобхонаҳо, толорҳои қироатӣ, намоишгоҳҳои тиҷоратӣ барои тарғиби дастовардҳои ҳунарҳои суннатӣ, бадеӣ ва эҷодиёти амалии мардумӣ, муҷҷаҳаз намудани онҳо бо техника ва технологияи ҳозиразамон;

- бо мутахассисони баландихтисос ва дигар кормандони зарурӣ муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҳамаи шабака, навъу намудҳоро, таъмин намояд (ҳоло таъмини кадрҳои дорои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар деҳот танҳо 70 фоизро ташкил медиҳад);

- ба воситаи устоҳои маҳаллаҳо фаъолияти устохонаҳо ва истеҳсоли анъанавии маҳсулоти касбии ҳунармандӣ ва дигар навъу намудҳои ҳунарҳои мардумиро, ки аз қадим дар манотиқи ҷумҳурӣ рушд ёфта буданд, роҳандозӣ намояд;

- доир ба мавзӯъҳои фарҳанги эстетикӣ семинару конфронсҳои илмӣ-амалӣ доир намояд ва ғ.

Ҳалли ин ва дигар мушкилот савияи фарҳанги эстетикии аҳолӣ, бахусус ҷавононро баланд бардошта, фаъолнокии иҷтимоӣ-фарҳангии онҳоро дар ҷомеа афзун мегардонад.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 23 январи соли 2015.- Душанбе, 2015.– 47с.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдат Пешвои миллат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат // Ҷумҳурият. – 2016. – 13 март.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар, Душанбе, 22 декабри соли 2005 // Омӯзгор.–2006. - 1январ.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Пояи мустаҳкам барои илмҳои бунёдӣ. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимон-омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Омӯзгор. – 2010, 3 сентябр.
5. Эмомали Раҳмон. Раванди омода кардани мутахассион аз мактаб оғоз мегардад // Садои мардум. – 2013, 17 май.
6. Раҳмонов, Э.Ш. Фарҳанг ҳастии миллат аст. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат // Ҷумҳурият. – 2001, 24 март.
7. Барномаи рушди ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015. – Душанбе, 2015. -7 с.
8. Верб М.А. Взаимосвязь эстетической и педагогической культуры будущего учителя //Проблемы эстетического образования и воспитания студентов педагогических вузов / М.А. Верб.– Свердловск, 1981. – С.3-10.
9. Искусство и эстетическое воспитание молодёжи. -М: Наука, 1981. -335 с.
10. Каган М.С. Философия культуры / М.С. Каган. - Санк-Петербург, 1996. – 415 с.
11. Лихачев Б.Т. Теория эстетического воспитания школьников. / Б.Т. Лихачев. -М: Просвещение, 1985. – 280 с.
12. Нуров Н. Рисолати зиёиёни мамлакат / Н.Нуров // Адабиёт ва санъат. – 2016, 28 март.
13. Разумный В.А. Методика формирования эстетической культуры личности / В.А. Разумный. –М., 1985. -71 с.
14. Разумный В.А. Эстетический всеобуч / В. А. Разумный . – Москва, 1987. – 88 с.


## ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭСТЕТИКИИ ҶАВОНОН


Муаллифон дар асоси таҳлили консепсияҳои мухталифи фарҳанги эстетикӣ ҷанбаҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикиро дар низоми маориф мавриди таҳқиқ қарор дода, андешаҳояшро ҷиҳати беҳсозии ин самти муҳимми кори тарбиявӣ иброз намудаанд. Оид ба масъалаи мазкур осори як қатор олимони соҳаро мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода, андешаҳои хешро доир ба мақсад, вазифаҳо, шакл ва методҳои корҳои тарбиявӣ иброз намудаанд. Дар мақола бештар вазъи масъалаҳои таҳқиқи фарҳанги эстетикии ҷавонон дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ҳамчун объекти мавриди омӯзиш ва таҳқиқ инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, дар системаи таҳсилотӣ самтҳои тарбияи эстетикии ҷавонон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Манбаъҳои таассуротҳои эстетикӣ, нақш ва моҳияти онҳо дар тарбияи эстетикии ҷавонон муайян шудаанд. Умуман, омӯзиши воситаҳои фаъолияти педагогӣ оид ба ташаккули зебоипарастии ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ, марказҳои фарҳангию эстетикии кӯдакон, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва фарҳангӣ, инчунин оила хеле судманданд. Роҳҳои такмили ин самти муҳимми кори тарбиявиро дар замони муосир ошкор сохта, муаллифони барномаҳо ва моделҳои замонавиро ҷиҳати ташаккули фарҳанги эстетикӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ асоснок ва пешниҳод намудаанд.



**Калидвожаҳо**: фаъолияти тарбиявӣ-эстетикӣ, фарҳанги эстетикӣ, низоми тарбияи эстетикии ҷавонон, муносибати маҷмӯӣ (комплексӣ) дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии ҷавонон.


## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЭСТЕТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ МОЛОДЁЖИ


Авторы данной научной статьи на основе анализа различных концепций эстетической культуры исследуют педагогические аспекты формирования эстетической культуры подрастающего поколения в системе образования, высказывают свои суждения по вопросам дальнейшего совершенствования этого направления воспитательной работы. По данной проблеме были проанализированы ряд трудов специалистов этой отрасли и на их основе предложены собственные цели, формы и методы воспитательной работы среди молодёжи. В статье нашла отражение деятельность учебных заведений по изучению состояния проблемы исследования эстетической культуры молодёжи, а также были проанализированы основные направления этой работы. В целом, состояние

изучения проблемы педагогической деятельности в этическом и эстетическом воспитании в учебных заведениях, культурно-эстетических центрах и в семье имеет большое значение. В статье приводятся некоторые предложения по разработке обоснованной программы по формированию эстетической культуры в деятельности образовательных учреждений в современных условиях.

**Ключевые слова**: воспитательно-эстетическая деятельность, эстетическая культура, система эстетического воспитания молодежи, комплексное отношение к формированию эстетической культурв молодежи.

**PEDAGOGICAL ASPECTS OF FORMATION AESTHETIC CULTURE**

The author of this scientific article, based on the analysis of various concepts of aesthetic culture, explores the pedagogical aspects of the formation of the aesthetic culture of the younger generation in the education system, expresses its opinions on the further improvement of this area of educational work. On this issue, a number of works of specialists of this industry were analyzed and on their basis their own goals, forms and methods of educational work among young people were proposed. The article reflected the activities of educational institutions to study the state of the problem of studying the aesthetic culture of young people, and also analyzed the main directions of this work. In general, the state of studying the problem of pedagogical activity in ethical and aesthetic education in educational institutions, cultural and aesthetic centers and in the family is of great importance. The article proposes some proposals for the development of a reasonable program for the formation of an aesthetic culture in the activities of educational institutions in modern conditions.

**Key words:** educational and aesthetic activities, aesthetic culture, the system of aesthetic education of youth, a complex attitude to the formation of aesthetic culture of youth.

**Сведения об авторах:** ***Латифзода Д.Н.*** – Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде, доктор педагогически наук, кафедра культурологии. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбада, 73 А. Телефон: **(+992) 907-07-02-44**
***Рахмонов Абдусаттор*** – Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде, преподаватель кафедры культурологи,. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбада, 73 А. Телефон: **(+992) 934-53-02-03**

**Information about the authors:** ***Latifzoda D.N.*** **-** Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade, doctor of pedagogical sciences, department of cultural studies. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 73 A. Phone: **(+992) 907-07-02-44**
***Rakhmonov Abdusattor*** **-** Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade, Lecturer, Department of Cultural Studies. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 73 A. Phone: **(+992) 934-53-02-03**

**УДК:372.8 (575.3)**

# САЛОҲИЯТНОКӢ – УСУЛИ НАВТАРИНИ ТАЪЛИМ
## (дар асоси фанҳои дақиқ)

***Чолова С. П.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номиАбӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Таърих гувоҳ аст, ки таълим аз замонҳои хеле куҳан вуҷуд доштааст. Ҳатто бузургони мо Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Сайидову Ҷомӣ, Синову Ҷомӣ, ал-Хоразмиву ал-Берунӣ, Хайёму Ҳофиз, Айниву Улуғзода аз устодони намоёни даврони хеш сабақ гирифтаанд ва ба мартабаи баландтарини илм расиданд. Пас бояд гуфт, ки таълим дар ҳар давру замон тарзу усулҳои хосси худро дошт ва дар раванди рушди илму ҷомеа ҳаллу фасл шуда, инкишоф ёфтааст. Муҳаққиқон ва олимон кӯшиш ба харҷ дода, усулҳои навтаринро ба барномаи таълимӣ вобаста ба фаннҳои таълимии мактаб ворид мекунанд. Чунин метод ва усулҳо, албатта, дар раванди рушди ҷомеа тағйир мeёбанд. *Салоҳиятнокӣ* яке аз методҳои навтарини таълим буда, бештар дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ истифода бурда мешавад.

Истилоҳи “*салоҳият*” ва “*салоҳиятнокӣ*”, ки тарҷумаи аслиаш вожаи лотинии “competens, competentis” мебошад, маънои “қодир будан” ва “лоиқ будан” аст. Пажӯҳишгарон ин истилоҳро бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати дониш ва бомаҳорат будани хонанда ҳамчун усули педагогӣ ба харҷ додаанд.

Дар ин мақола мо кӯшиш намудем, ки мушкилоти салоҳиятнокиро дар дарсҳои мактабӣ, бавижа дар доираи фанҳои дақиқ баҳс намоем. Салоҳиятнокӣ аз ҳар ҷиҳат нишондиҳандаи асосии назорат барои таълим ва омӯзиш, инчунин арзёбии пешрафт ба ҳисоб меравад. Он мушкилот новобаста аз макони таҳсил дар макотиб мушкилоти глобалӣ ба ҳисоб меравад. Дар рафти таҳлили мавзӯъ, ки тавассути усули мазкур, яъне ҷорӣ шудани салоҳиятнокиро инъикос мекунад, ба ҳадафҳои зерин расидем:

- суҳбат кардан бо забони модарӣ дар рафти дарс;
- омӯхтани дигар маводҳо ба забонҳои хориҷӣ;
- истифода намудани технология;

- доштани қобилияти рақамӣ (digital);
- дақиқ омӯхтани дурнамои илмӣ;
- озодандешӣ, озодбаёнӣ, ихтироъкорӣ ва ғ.;
- тағйир ёфтани системаи таълим пас аз оне, ки насли ҳозира омӯзонида мешавад.

Тибқи ҳадафҳои дар боло зикршуда сатҳи фикрронӣ ва эҷодии хонандаро баланд мебардоранд.

Лозим ба ёдоварист, ки таълим додан ба хонандагон ва ба кор бурдани усули салоҳиятнокӣ дар рафти дарс бештар ба худи салоҳияти хонанда (фард) вобаста аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештар азхудкунии дарс аз шахсият ва баъдан аз муҳити хонанда (ё дар оила ва ё дар мактаб) вобаста аст. Тақсимбандӣ ва гурӯҳбандии сохтори салоҳиятнокӣ дар ҷадвали зайл оварда шудаст:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Фард (хонанда) → Салоҳиятнокӣ | | | |
| шавқ<br>шахсият<br>муҳит | рафтор<br>хислат маҳорат | дониш<br>малака<br>фаҳмиш | илмҳои дақиқ |
| Дарс → Муаллим | | | |

Инчунин, қобилияти босамари таълимӣ бо ҷузъҳои калидӣ – омӯзиши ҳавасмандгардонӣ ва худтанзимкунӣ аз аввали омӯзиш дар системаи таълимӣ баланд баҳогузорӣ шудааст. Мактаб, дар маҷмӯъ, ба таври муваффақ эътироф кардани стратегияҳои омӯзишӣ ва худтанзимшавиро пеш мебарад.

Дар айни замон, манбаъҳои марказии иттилоот дар бораи вазъи кунунӣ, ё ба таври дигар усули навтарин дар тадқиқоти байналмилалии мониторинг, ки танҳо ҷанбаҳои интихобшудаи гурӯҳҳои мушаххаси мақсаднокро санҷидаанд ва тафсири онҳо дар бораи арзишҳои ибтидоӣ аз сабаби фарқиятҳои фарҳангӣ маҳдуд аст, таҳқиқ шудааст. Ҳамин тавр, тадқиқоти иловагӣ ва мухталифи миллиро дар ҳолати воқеӣ гузаронанд. Ин тадқиқот ба саволҳои зерин равона карда шудааст:

1) Хонандагони ҳозира минбаъд метавонанд тавассути салоҳиятнокии хеш дар муддати кӯтоҳ (то 2 сол имтиҳоноти байналмилалӣ, бавижа GPA, GPEA (аз фанҳои дақиқ) ва ғ. супоранд ва дар донишгоҳҳои бонуфузи дохил ва хориҷи кишвар таҳсил намоянд.

2) Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маълум мешаванд [5,с.112].

Аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сайқал додани маърифати хонандагон пайваста чораҳои зарурӣ андешида мешаванд [2,с.34]. Барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон ва беҳтар намудани салоҳиятнокии хонандагон якчанд китоби методӣ дар гурӯҳбандӣ ба модулҳои махсус баҳри омӯзгорон пешниҳод гардиданд. Масалан, дар фасли “Арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар ҳар дарс” таҳлилҳое оварда шудаанд, ки натиҷаи бадастомадаро дар интиҳои ҳар дарс таҳлил мекунад: “Дар охири ҳар дарс мо дараҷаи ба мақсадҳои дарс (як ҷузъи салоҳиятҳо) ноил гаштани хонандагонро тавассути фаъолиятҳои таълимии онҳо арзёбӣ намуда, ба онҳо баҳо мегузорем. Ҳарчанд арзёбии воқеии натиҷаҳои таълимӣ дар як дарс на ҳамеша имконпазир аст, он ҷаҳду талош ва кӯшишҳои хонандаро дар ҳамин давраи таълим муайян мекунад” [1,с.21].

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар даҳсолаҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз ба кадрҳои ҷавон ва соҳибилмро дорад ва усулҳои назариявиро амалӣ гардонида, соҳаи саноатро метавонад пурқувват намояд. Пас омӯзгорон бояд, ки усули навтаринро ба кор бурда, роҳи ҳалли мушкилоти умумии ҳаётӣ ва маданиро ба хонанда омӯзонад.

Дар робита бо суханони гуфташуда, зикр бояд кард, ки дарсҳо аз фанҳои дақиқ бояд бо асбобҳои техникӣ, тавассути воситаҳои нави техникӣ ва технологияҳои нав ба роҳ монда шаванд. Ба ғайр аз васоити технологӣ ба хонандагон метавон василаҳои мураккабтар, масалан нанотехнология омӯзонида шавад [6,с.73].

Донишандӯзӣ ва пурра омӯхтани дарсҳои дақиқи мактабӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии кишвар тавассути усулҳои навтарин, яъне салоҳиятнокӣ ва маҳорати амалии хонанда ба роҳ монда шудааст. Ҳадафи асосии он омӯхтани дониш, маҳорат ва малакаи хонанда мебошад [5,с.41].

Усулҳои асосии салоҳиятнокӣ дар дарсҳо аз фанҳои дақиқ чунинанд:
- донишҳои амалии хонанда – ихтироъкорӣ ва сохтани моделҳои нав;

- малака– иҷрои супориш ва вазифаҳо дар вақти муайян;
- қобилият– аз уҳдаи ҳамаи вазифаҳо баромадан.

Салоҳиятнокӣ ҳамчун қобилияти фардӣ бо ҳама гуна вазифаҳо ҳамчун маҷмӯи дониш, маҳорат ва малака зарур аст ва истифода аз ин гуна заруриятҳо роҳҳои амалӣ дар раванди таълим, дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ ба кор бурда мешавад. Ба ибораи дигар, салоҳият – "ин дониши дар амал татбиқшуда мебошад" [8,с.53].

Усули салоҳиятнокӣ муҳиммиятҳои хосси худро дорад ва асоситарини он "салоҳиятнокии калидӣ" мебошад. Салоҳиятнокии калидӣ муҳимтарин салоҳиятест, ҳам барои фанҳои гуманитарӣ ва ҳам барои фанҳои дақиқ. Салоҳиятнокии калидӣ на танҳо ба воситаи муассисаҳои таълимӣ, балки дар маҳфилҳои ғайрисинфӣ ва беруназмактабӣ инкишоф меёбад. Назорати ин ҷараёни таълимӣ аз тарафи омӯзгорони баландихтисос идора карда мешавад.

Салоҳияти калидӣ ҳамчун усули муҳимтарини қобилияти амалӣ (эҷодкорӣ) меъёрҳои худро дорад:

- салоҳияти иҷтимоӣ–қобилиятиамалӣ гардонидани донишу малакаи худ новобаста аз фану ихтисос дар ҷомеаи кунунӣ;
- салоҳияти мустақил – муайян намудани салоҳияти худ ва шиносонидани худ дар байни дигар хонандагон;
- салоҳияти нақшавӣ– муайян намудани дурнамои нақшаҳои худпайваста ва бонизом татбиқшуда;
- салоҳияти ҷиддӣ–қобилияти амалии бо истифода аз фаннҳои дақиқ, бавижа математика, кимиё, физика, ҳандаса ва ғ. [6,с.31].

Бояд гуфт, ки рушди салоҳият дар хонанда аз омӯзишу малака ва маҳорат ба даст меояд. Дар мактаб аз тарафи олимону муҳаққиқон барномаи таълимӣ бояд ҷиддӣ тарҳрезӣ шавад ва ба омӯзгорон пешниҳод карда шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (дастур барои омӯзгор). Модули 4. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016. - 65с.
2. Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор), Модули 3. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016. -141 с.
3. Шишов, С.Е. Школа: мониторинг качества образования Текст / С.Е.Шишов, В.А. Кальней. -М.: Педагогическое общество России. 2000, -320с.
4. Green F. (2013). Skills and Skilled Work– An Economic and Social Analysis. Oxford: Oxford University Press. [3] Key Competences for lifelong learning. Recommendation of the European Parliament and of the Council. (2006).
5. Key competencies for lifelong learning, European Reference Framework. (2007).
6. The Common European Framework of Reference for Sciences: Learning, teaching, assessment (CEFR). (2002).
7. The Common European Framework of Reference: Learning, teaching, assessment (CEFR). (2008).
8. Mulder, Martin, Weigel, Tanja& Kate Collins (2007): The concept of competence in the development of vocational education and training in selected EU member states: a critical analysis, Journal of Vocational Education and Training, 59:1, 67-88 pp.
9. Levin, Henry M. (1988) Cost-Effectiveness and Educational Policy.Educational Evaluation & Policy Analysis. Spring1988, Vol. 10 Issue 1, 51-69 pp.


## САЛОҲИЯТНОКӢ – УСУЛИ НАВТАРИНИ ТАЪЛИМ (ДАР АСОСИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ)


Дар мақолаи мазкур муаллиф мушкилоти усули навтарини таълимро, ки салоҳият унвон дорад, аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил кардааст. Дар дарсҳо, махсусан аз фанҳои дақиқ, методҳои зиёдро ба кор мебаранд ва муҳимтарини он методи калидӣ маҳсуб меёбад. Мо кӯшиш ба харҷ додем, ки тавассути ин гуна методҳо мушкилоти омӯзонидани дарсҳои дақиқ, бавижа химия ва физикаро бартараф намоем ва сифати донишу малакаи хонандагонро баланд намоем. Бояд ёдовар шуд, ки дарсиро бидуни дарсҳои амалӣ ба роҳ мондан ғайриимкон аст ва ба таври дигар донишест, ки бештар дар амал татбиқ мешавад. Махсусан, ҳангоми омӯзонидани фанни химия таҳлилҳои объективӣ оварда шудаанд. Салоҳиятнокӣ бештар маҳорату малакаи хонандаро ба таври инфиродӣ сайқал медиҳад. Дар рафти таҳсилоти умумӣ салоҳият дар хонанда қавитар мегардад, аммо тарафҳои зиёди ин масъала таҳқиқ нашудаанд ва он чизе аст, пурра дар амал риоя нашудааст. Дар натиҷа, вазифаи мо муайян кардани хусусияти салоҳияти хонандагони мактаби миёна дар ҷумҳурӣ мебошад.



**Калидвожаҳо**: салоҳият, технология, услуб, мактаби миёна, калидӣ, ҷиддӣ, дарс, маълумот, рафтор, фан, муҳаққиқ, химия, фанҳои дақиқ.


## КОМПЕТЕНТНОСТЬ – НОВЕЙШИЙ МЕТОД ОБРАЗОВАНИЯ
### (на основе естественнонаучных предметов)


В данной статье автор анализирует результаты научного анализа по проблемам компетенции естественнонаучных предметов. На занятиях, особенно по естественнонаучным предметам используются обширные методы, основным из них является ключевой метод компетенции. В этой статье мы постарались решить проблемы учащихся средних школ по естественнонаучным предметам физики и химии, касающиеся качества компетентности и развития школьников. Можно отметить что урок химии нельзя проводить без лабараторных занятий. В частности, при обучении химии – на основе интеграции химии и предметов естественнонаучного цикла.

Компетентность увеличивает способность, умению и навыки школьников. Для общего образования в настоящее время компетентный подход не является главенствующем, однако отдельные его элементы присутствует в документах. В результате, наша задача - определить сновные слагаемые компетентности учащихся средних школ в республике.

**Ключевые слова:**компетентность, технология, метод, средняя школа, ключевой, занятие, образование, поведение, предмет, умение, исследователь, химия, естественнонаучные предметы.

**COMPETENCE - THE NEWEST METHOD OF EDUCATION**
**(based on natural scientific objects)**

In this article, the author analyzes the results of scientific analysis on the problems of the competence of natural science subjects. Extensive methods are used in classes, especially in natural science subjects, the main one being the key method of competence. In this article we have tried to solve the problems of secondary school students in the natural sciences of physics and chemistry, concerning the quality of competence and development of schoolchildren. It may be noted that the chemistry lesson can not be conducted without lab work. In particular, when teaching chemistry - based on the integration of chemistry and subjects of the natural science cycle. Competence increases the ability, skills and abilities of students. At present, a competent approach is not dominant for general education, but its individual elements are present in the documents. As a result, our task is to determine the main components of the competence of secondary school students in the republic.

**Key words:** competence, technology, method, high school, key, occupation, education, behavior, subject, skill, researcher, chemistry, natural science subjects.

**Сведения об авторах:** ***Чолова С.П.*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, аспирантка кафедры химии и биологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. E-mail: **saodat.cholova@bk.ru**. Телефон**: (+992) 918-36-38-78**

**Information about the author:** ***Cholova S.P.***– Kulyab State University by name A. Rudaki, Post-graduate student. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Street 16. E-mail: s**aodat.cholova@bk.ru**. Pone: **(+992) 918-36-38-78**

**УДК 37.0**

# ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДӢ-ИҶТИМОИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗСИНФӢ

***Исломов О.А., Алимухамедов М.Р., Алимухамедова З.З.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров,**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Эҷодиёти иҷтимоӣ ҳамчун фаъолияте тавсиф дода мешавад, ки ба самти созмон додани муносибатҳо дар гурӯҳ равона карда шуда, ба инкишоф ва худтакмилдиҳии ҳар як нафари гурӯҳ тавассути машғулиятҳои беруназсинфӣ мусоидат мекунад.

Зарурият ва аҳамияти омӯзиши ташаккули эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯён дар машғулиятҳои беруназсинфӣ бо якчанд омилҳо муайян мегарданд: якум, ҷомеаи муосир (ташкилотҳо, ширкатҳо, бонкҳо, давлат...) ба ҷавонони имрӯза талаботҳои нави муносибат ва ҳамкорӣ бо ҷомеа пешниҳод менамояд, ки мувофиқи баъзе ақидаҳо, дар раванди азнавсозӣ ва муборизаи гражданӣ, дар раванди лексиконии гуногун ва давуғеҷҳои ҳаётӣ талафот ёфтаанд; дуюм ин ки ба вазъияти иҷтимоии муаммовӣ ҳамеша тайёр будан лозим аст.

Доир ба муайян намудани мафҳуми эҷодиёти иҷтимоӣ С. Ермаков зикр мекунад: “...таъсиси иттиҳодияҳо, ихтирои муштарак – ин аст эҷодиёти иҷтимоӣ” [3].

Бино ба ақидаи С. Ермаков, эҷодиёти иҷтимоиро ба чор зина тасниф кардан мумкин аст: худбахудрӯйдиҳӣ – бавуҷудоянда ва азбайнраванда; сермаҳсул – давомнок будан; беихтиёрона – роҳи азнавбавуҷудоиро муайян кардан; рамзӣ – хислатҳои болоиро муттаҳидкунанда.

Бо муқаррароти тақсимшудаи “иҷтимоӣ” ва “эҷодиёт” розӣ шудан мумкин аст, чуноне ки С. Ермаков қайд менамояд, “иҷтимоӣ – ин ҳамкории ҳамешагӣ ва вазъияти байни одамон, эҷодиёт – ихтирои ягон чизи нав маҳсуб меёбад”. Бино ба ақидаи С. Ермаков, дар синни наврасӣ ва муҳити наврасӣ эҷодиёти иҷтимоӣ мавҷуд мебошад ва наврасон муносибатҳои иҷтимоиро ҳис мекунанд. Хусусияти тақлид намудан дар синни наврасӣ бештар зоҳир мегардад ва ба ӯ таҷрибае медиҳад, ки дар ҳаёти оянда муфид буда метавонад [3].

Машғулиятҳои беруназсинфӣ асосан барои мустаҳкамкунӣ ва инкишофи хусусиятҳои шахсӣ, маҳорати аз вазъиятҳои ногаҳонӣ баромадан, ба тезӣ ва бошуурона фикр кардан, ҳал кардани муаммоҳои иҷтимоӣ равона гардидаанд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ташкили ҳамкориҳо ва вазъиятҳои нав байни одамон дар ҷомеа эҷодиёти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Устуворӣ, рушди ҳамкориҳо ва вазъиятҳои дар боло зикргардидаро тавассути машғулиятҳои беруназсинфӣ таъмин кардан мумкин аст. Аз тарафи дигар, дар ҷараёни ҳамкорӣ ва вазъиятҳо – идеяҳо ва арзишҳои нав тавлид ёфта, сифатҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён ташаккул меёбанд. Дар натиҷа ватанпарастиву ватандӯстӣ (патриотизм) тарбият меёбад.

Дар фаъолияти С.М. Смирнов сухан дар бораи ватандӯстӣ, ҳамчун асоси эҷодиёти иҷтимоӣ меравад. Аксари нависандагон ва олимони асрҳои 19-20, ба монанди С.Н. Булгаков, А.Ф. Лосев, И.А. Илин, Н.А. Алексеев ва дигарон доир ба ватандӯстиву ватанпарварӣ фикру андешаҳои худро баён кардаанд. Оё аз ин бармеояд, ки эҷодиёти иҷтимоӣ бояд тавассути усулҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ташаккул ва инкишоф дода шавад?

Дар асари хеш Т.Ф. Асафова ба таълимоти иловагӣ, ҳамчун яке аз роҳҳои асосии ташаккули эҷодиёти иҷтимоӣ рӯй овардааст. Бино ба ақидаи Т.Ф. Асафова, барои устувории ташаккул ва инкишофи эҷодиёти иҷтимоии ҷавонони оянда, бояд технологияҳои муосири педагогӣ мавриди корбаст қарор гиранд, шароитҳои мусоид ва асосан, муҳите фароҳам оварда шавад, ки дар он донишҷӯён ҳаёти худ ва зиндагии эҷодиро тасаввур карда тавонанд [1].

Идеяи асосие, ки Т.Ф. Асафова мавриди баррасӣ қарор додааст, ин ташаккули далели эҷодиёти иҷтимоӣ ё ба он чӣ тавр расидан маҳсуб меёбад. Доир ба ин самт маҷмӯи барномаҳои (комплексҳо) иҷтимоӣ-педагогӣ мавҷуданд, ки барои худамалкунии донишҷӯён шароит фароҳам меоваранд. Як намуди чунин комплекҳо лагерҳои махсус ба ҳисоб мераванд, ки дар он машғулиятҳои иҷтимоӣ-педагогӣ бо иштироки омӯзгорони муассисаҳои олии мамлакат баргузор мегарданд [1].

Асари Т.Ф. Асафова бо мисолҳои гуногун, хусусан бо барномаҳои нав оид ба ташаккули муносибати байниҳамдигарии шарикона дар ҷомеа, алалхусус бо намояндагони ҳокимияти иҷроия ва давлатӣ пурра гардидааст. Махсусан, ба барномаҳои иҷтимоӣ эътибор дода мешавад, ки дар он иштироки бевоситаи наврасону ҷавонон ба назар мерасанд, асосан дар мактабҳои шаҳрак, ки бо мисолҳои гуногун тавсиф дода шудаанд. Якҷоя кардани кӯшишҳои наврасону ҷавонон дар асоси фаъолияти шарикона яке аз самтҳои муҳим ба шумор рафта, дар он масъалаи аввалиндараҷа ташаккули эҷодиёти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар асари хеш Т.Ф. Асафова оид ба ташкили истироҳати тобистонаи наврасону ҷавонон қайд намуда, онро ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳим ва афзалиятноки ташаккули эҷодиёти иҷтимоӣ ба назар мегирад. Маҳз чунин ташкилотҳо ва иттиҳодияҳо барои наврасону ҷавонон муҳити инкишоф додани эҷодиёти иҷтимоии хешро фароҳам меоваранд [1].

Ташкилотҳои мазкур барои наврасону ҷавонон имконият медиҳанд, то ки истеъдод, малакаву маҳорати хешро дарёбанд ва таҷриба ба даст оранд. Фаъолияти хуби ташкилотчигӣ нишон дода, ҷавонон дар системаи ҷамъиятӣ мавқеи худро муайян мекунанд. Яке аз самтҳои муҳим лабораторияҳои эҷодӣ ё, ки лагерҳо маҳсуб меёбанд, ки дар он ҷавонон малакаҳои худро месанҷанд. Дар лагерҳо аз ҷавонон ташкил намудани шабакаи серсоҳавии ҳамкориҳоро талаб менамоянд. Ҳамчунин, барнома оид ба гуфтугӯи байни ҷавонон ва мутахассисони касбҳои гуногун, асосан бо ихтисосмандони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, кормандони ташкилотҳо, бонкҳо ва соҳибкорон ҷорӣ гардидааст. Чунин ташкилотҳо, иттиҳодияҳо ва барномаҳои иҷтимоӣ омодагии гурӯҳи неруманди ҷавонону наврасонро барои ташаккул додани самтҳои ҳаётӣ таъсис медиҳанд.

Чуноне ки аз таҳлил ва далелҳои дар боло зикршуда маълум мегардад, масъалаҳои дарпешистода ба таври комил нишон дода шудаанд. Ҷорӣ намудани барномаҳо ва мусоҳибаҳо бо мутахассисони касбҳои гуногун, имкони пешниҳод намудани имкониятҳои хеш ва муносибати байниҳамдигарии ҷавонон, ҳамаи ин барои баҳо додан ба фаъолияти хуби эҷодиёти иҷтимоӣ дар низоми таҳсилоти иловагии беруназсинфӣ мусоидат мекунад.

Раванди тарбияи эҷодиёти иҷтимоӣ дар асоси фаъолияти ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба миён меояд, барои он ки ҷавонон дар чунин иттиҳодияҳо бештар ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, онҳо бештар пурдонанд, илмдӯстанд, сухандонанд, бо усулҳои моделиронии математикӣ ва вазъиятӣ кор мебаранд, бисёр китоб мехонанд ва нутқи бурро доранд. Онҳо дар баҳсу мунозира ва муҳокимаҳои вазъияти муаммовидошта, муносибатҳо, фикррониҳо, истифодабарии усулҳои моделиронии вазъиятҳои гуногун фаъолона ширкат меварзанд.

Дар солҳои охир ба усули моделиронӣ дар илми педагогика диққати бештар равона гардида истодааст. Чунин ҳолат ба он вобаста аст, ки ҳангоми тасаввуроти моделӣ (моделиронӣ), равандҳо ва ҳодисаҳои мураккаб мумкин ки комилан мувофиқ инъикос ёбанд, онҳоро дар намуди компонентҳо, робитаҳо, функсияҳо, принсипҳо, намуди ҳаракатҳо ба назар гирифтан мумкин аст. Моделиронӣ ҳамчун роҳи фаҳмиши воқеият ба тадқиқотчӣ имконияти тартиб додани мантиқи амалиётҳои пайдарпайро, дар асоси вазъияти баамаломада фароҳам меоварад, ки инъикоси моҳият ва механизмҳои вазифавии онро тасвир мекунад.

Дар илми фалсафа, мафҳуми "модел" ҳамчун "аналоги қисми муайяни ҳақиқати табиӣ ё иҷтимоӣ, маводи фарҳанги инсонӣ, ки барои ҳифз ва васеъ намудани дониш доир ба хусусият ва сохтори нусхаи аслӣ, барои дигаргун сохтан ё идора намудани он мусоидат менамояд", дар назар дошта шудааст [2,с.165].

Модел системае мебошад, ки сохтор ва вазифаҳои худро дорад ва инъикоскунандаи сохтор ва вазифаҳои нусхаи аслӣ ба ҳисоб меравад [10,с.78].

Чи хеле ки академик Г. Флеров менависад, "Муҳим нест, ки ҳамаи қисматҳои моделро аз худ карда бошед, қисматҳои алоҳидаи модел метавонанд, бевосита аз таҷриба интихоб карда шаванд ва моҳиятан "қуттии сиёҳ"-ро дар назар дошта бошанд. Дар модел аломатҳои шартӣ асосӣ набуда, балки ҳамон вобастагиҳои сохторӣ-функсионалӣ асосӣ ба шумор мераванд, ки тавассути онҳо модел муайян карда мешавад" [10,с.77].

Зери мафҳуми моделиронӣ дар фалсафа "усули омӯзиши объектҳои идрок аз рӯйи моделҳои худ; сохтор ва омӯзиши моделҳо аз рӯйи ҷисмҳои воқеии мавҷудбуда, ҳодисаҳо ва сохтори объектҳо барои муайян намудани хусусиятҳои онҳо, такмилдиҳии усулҳои ташкили онҳо, идоракунии онҳо ва монанди инҳо" фаҳмида мешавад [2,с.36].

Таҳлили афкори Т.Е. Коровкина, Б.В. Куприянов, А.Е. Подобин, А.И. Тимонин, Н.Б. Топка барои мухтасар ифода намудани принсипҳои зерини ташаккули эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар фаъолияти беруназсинфӣ шароитҳо фароҳам меоваранд [4]:

1) худбаҳодиҳии хештаншиносии донишҷӯён дар шаклҳои гуногуни эҷодиёт;
2) комилан мувофиқ будани фаъолияти беруназсинфӣ бо масъалаҳои омодагии касбии мутахассисони оянда; г
3) афзалияти худташаккулдиҳии донишҷӯён;
4) созмон додани муносибатҳо байни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва донишҷӯён тавассути фаъолияти корҳои беруназсинфӣ – дар асоси коучинг;
5) гуногунии аудитория барои муаррифӣ кардани натиҷаҳои эҷодиёт.

**АДАБИЁТ**


1. Асафова Т.Ф. Развитие социально-педагогического творчества во внешкольной работе с детьми в российской провинции второй половины XX века: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02 / Т.Ф. Асафова. -Кострома, 2002. – 144 с.
2. Бестужев-Лада И.В. Нормативное социальное прогнозирование. Возможные пути реализации целей общества. Опыт систематизации / И.В. Бестужев-Лада. Отв. ред. Г.В. Осипов. -М.: Наука, 1987. – 214 с.
3. Ермаков С. Социальное творчество: к определению понятия / С. Ермаков // 60 Параллель. – 2011. -№2(41). – С.24-27.
4. Кордонский М.Б. Технология группы: заметки из области социальной психологии неформальных групп / М.Б. Кордонский, В.И. Ланцберг. Одесса: Туапсе, 1996. – 125 с.
5. Коровкина Т.Е. Педагогические условия введения первокурсников в педагогическую профессию: теоретическое обоснование проекта / Т.Е. Коровкина, Б.В. Куприянов, А.И. Тимонин // Феномены личности и группы в изменяющемся мире: материалы научно-практической конференции. Часть 1. – Кострома: КГПУ, 1998. – С.57-60.
6. Коровкина Т.Е. Социально-педагогическое обеспечение профессионального становления будущего учителя на начальном этапе обучения в вузе: дис. ... канд. пед. наук / Т.Е. Коровкина. – Кострома, 2001. – 157 с.
7. Куприянов Б.В. Классификация форм воспитательной работы / Б.В. Куприянов // Воспитание школьников. – 2002. – №4. – С.19-26.; №5. – С.21-29.
8. Мудрик А.В. Социальная педагогика: Учебник для студентов педагогических вузов / А.В. Мудрик. – М.: Академия, 2005. – 200 с.
9. Подобин А.Е. Вариативно-ситуационный подход к формированию профессионально-педагогической направленности личности будущего учителя во внеаудиторной деятельности: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02 / А.Е. Подобин. – Кострома, 1999. – 225 с.
10. Спирин Л.Ф. Модели и моделирование в учебном процессе как элемент инновационной технологии / Л.Ф. Спирин // Студенческий меридиан КГПУ им. Н. А. Некрасова. – 1990. – С.76-83.


## ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДӢ-ИҶТИМОИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗСИНФӢ


Дар мақолаи мазкур усулҳои ташаккули эҷодиёти иҷтимоӣ дар корҳои беруназсинфӣ, фаҳмиши эҷодиёти иҷтимоӣ, инчунин ақидаҳои олимон оиди ин мавзӯъ оварда шудаанд. Мисолҳои истифодабарии барномаҳои иҷтимоӣ дида баромада шудаанд. Корҳои таҳлилии олимон барои мухтасар ифода намудани

принсипҳои ташаккули эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯёни муассисаҳои олӣ дар фаъолияти корҳои беруназсинфӣ таҳлил карда шудаанд. Дар мақола эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯён ҳамчун фаъолияте тавсиф дода шудааст, ки ба муносибатҳои гурӯҳона равона карда шудааст. Қайд карда шудааст, ки эҷодиёти иҷтимоӣ ҳамчун иттиҳодия ва ихтирои муштарак фаҳмида мешавад. Зинаҳои таснифоти эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯён оварда шудаанд. Мафҳумҳои алоҳида, яъне "иҷтимоӣ" ва "эҷодиёт" тасниф шудаанд. Қайд гардидааст, ки мафҳуми эҷодиёти иҷтимоӣ ташкили ҳамкориҳои байниҳамдигарӣ ва ташкили вазъиятҳо байни одамон маҳсуб меёбад. Фаъолияти иҷтимоии донишҷӯён барои ташаккул ёфтани сифатҳои маънавию ахлоқӣ сабаб шуда метавонад ва дар натиҷаи чунин таъсирот тарбияи ватандӯстӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин, қайд карда мешавад, ки дар раванди ташаккули эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯён усулҳои гуногун истифода бурда мешаванд ва яке аз чунин усулҳо моделиронии математикӣ маҳсуб меёбад. Таърифот ва ақидаҳои гуногуни мафҳумҳои "модел" ва "моделиронӣ" оварда шуда, бо таҳлилҳои олимон мустаҳкам карда шудаанд. Хулоса карда шуд, ки барои мухтасар ифода намудани принсипҳои ташаккули эҷодиёти иҷтимоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар фаъолияти беруназсинфӣ шароитҳо ва вазъиятҳои овардашуда имкониятҳои мувофиқ фароҳам меоваранд.

**Калидвожаҳо**: эҷодиёти иҷтимоӣ, барномаҳои иҷтимоӣ, муносибати эҷодӣ, коучинг, моделикунонӣ, фаъолияти беруназсинфӣ, ватандӯстӣ, таҳлил, рушд, илм.

## ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОГО ТВОРЧЕСТВА СТУДЕНТОВ ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ ВО ВНЕКЛАССНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В данной статье рассматриваются методы создания социального творчества студентов во внеклассной деятельности, приведены понятия социального творчества, а также идеи нескольких учёных. Обсуждаются примеры использования социальных программ и приложений. Проанализированы аналитические работы учёных для объяснения принципов создания социального творчества студентов высших учебных заведений во внеклассной деятельности. В статье социальное творчество студентов описывается как деятельность, ориентированная на групповые отношения. Отмечается, что социальное творчество понимается как совместное предприятие и изобретение. В статье приведены условия классификации социального творчества студентов. Описываются отдельные понятия, а именно: понятие «социальный» и «творчество». Было отмечено, что концепция понятия социального творчества заключается в создании взаимного сотрудничества и организации состояний и ситуаций между людьми. Было отмечено, что социальная деятельность студентов может привести к формированию нравственных качеств, что в результате приводит к патриотизму. Также отмечается, что в процессе социального творчества студентов используются разные методы, и одним из таких методов является математическое моделирование. Приведены различные определения и представления о понятиях «модель» и «моделирование» и подкреплены научными анализами некоторых учёных. Был сделан вывод о том, что организации социального творчества студентов вуза во внеаудиторной деятельности помогают принципы, которые были сформулированны на основе работ некоторых учёных.

**Ключевые слова**: социальное творчество, патриотизм, социальные программы, социальные отношения, моделирование, внеклассная деятельность, тренировка, анализ, развитие, наука.

## MAIN PRINCIPLES OF DEVELOPMENT OF SOCIAL CREATIVITY OF STUDENTS OF HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN OUT-OF-CLASS ACTIVITY

In given article the review of methods of creation of social creativity of students in out-of-class activity are considered, concepts of social creativity, and also idea of several scientists are resulted. Examples of use of social programs and appendices are discusse. Analytical works of scientists for an explanation of principles of creation of social creativity of students of higher educational institutions in out-of-class activity are analysed. In article, social creativity of students is describe as the activity focused on group relations. It is notice that social creativity is understood as joint venture and the invention. In article, conditions of classification of social creativity of students are resulted. Separate concepts, namely concept "social" and "creativity" are describe. It has been notice that the concept of concept of social creativity consists in creation of cooperation and the organisation of conditions and situations between people. It has been notice that social activity of students can lead to formation of moral qualities that as a result leads to patriotism. In addition, it is notice that in the course of social creativity of students, different methods are used and one of such methods is mathematical modelling. Various definitions and representations about concepts "model" and "modelling" are resulted and supported by scientific analyses of some scientists. The conclusion that for the organisation of social creativity of students of high school principles, which were, formulate on the basis of works of some scientists help with out-of-class activity has been drawn.

**Key words:** social creativity, social programs, social relations, modelling, out-of-class activity, training, the analysis, development, a science.

**Сведения об авторах :** ***Исломов Озод Азимович*** **–** Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, улица Мавлонбекова №1. E-mail: **ozjdi_55@mail.ru**. Телефон: **(+992) 927-59-44-42**

***Алимухамедов Муроджон Равшанович*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, преподаватель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, микрорайон №17, здание №1. E-mail: **AMR3003@gmail.com.** Телефон: **(+992) 927-27-13-11**

***Алимухамедова Зайнура Зикриёходжаевна*** - Институт Экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде, преподаватель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони №169. E-mail: **AZZ30032905@mail.ru**. Телефон: **(+992) 927-23-72-33**

**Information about the authors:** ***Islomov Ozod Azimovich*** **-** Khudzhand State University named after B. Gafurov, doctor of pedagogical sciences, professor. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Street 1. E-mail: **ozjdi_55@mail.ru.** Phone: **(+992) 927-59-44-42**

***Alimuhamedov Murodjon Ravshanovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, teacher. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, microdistrict №17, building №1. Email: **AMR3003@gmail.com.** Phone: **(+992) 927-27-13-11**
***Alimukhamedova Zainura Zikriyhohodzhaevna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, teacher. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue No. 169. E-mail: **AZZ30032905@mail.ru.** Phone: **(+992) 927-23-72-33**

**УДК: 37 091 575**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНФОРМАТСИОНӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ

***Икромов А.***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Зиндагии оянда аз наслҳои нав саводу маърифати баланд, ҷаҳонбинии васеъ, доштани дониши амиқ, донистани техникаю технологияҳои навини информатсионӣ ва коммуникатсиониро талаб менамояд. Бинобар ин, асри XXI-ро асри нумӯ ва пешрафти бемайлони технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ меноманд. Ворид намудани омӯзиши фанни асосҳои технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ ба ташаккули маърифати иттилоотии хонандагон нигаронида шудааст [1]. Ин вазифа, дар навбати аввал, муҳтавои таълими технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсиониро дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд. Зарурияти омӯзиши фан ва истифодаи самараноки он дар пешрафти ҳаёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ибтидо мегирад ва он чун илми алоҳида ва талаби замон эътироф гардидааст. Ворид намудани ин фан ба барномаи таълимӣ мазмуни таҳсилотро дигар сохта, шахсияти хонандаро тағйир дод, зеро дар давраи ҷаҳонишавӣ барои хонандагон талаботи гирифтани иттилоот, коркарди он ва истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ вобаста ба тағйиротҳои зиёд пеш омад. Дар ин раванд таҷрибаи муассисаи таълимӣ нишон дод, ки усули омӯзиши технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ на танҳо мувофиқи мақсаду арзишҳои барнома амалӣ мегардад, балки дар бисёр ҳолатҳо ба сифати таълими дигар фанҳо низ мусоидат мекунад. Бахусус, омӯзиш ва татбиқи фан дар омӯзиши фанҳои дақиқ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ натиҷаҳои назаррасро ба бор овардааст.

Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанни технологияи информатсионӣ мисли дигар фанҳои таълимӣ ба ташаккули тафаккури илмию ҷаҳонбинии хонандагон алоқаманд буда, рушди фикрронӣ, истеъдод, омодагӣ ба ҳаёт, меҳнати самарабахш ва давомдиҳии таҳсилро минбаъд таъмин менамояд. Саҳми омӯзиши технологияи информатсионӣ дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва фаҳмиши иттилоотӣ ҳамчун асоси илмии моддӣ, энергетикӣ ва иттилоотӣ дар асоси тасвири ҳаёти муосир ниҳоят бузург аст [2,3]. Омӯзиши технологияҳои информатсионӣ барои боло рафтани тафаккури хонандагон аҳамияти зиёд дорад. Бинобар ин, ҳар як омӯзгор вазифадор аст дар таълим бо роҳу усулҳои нави таълим дар асоси стандартҳои қабулшудаи соҳа дарсҳояшро ба роҳ монад. Яъне, дар замони ҷаҳонишавӣ ҳар як омӯзгор бояд асосҳои фанни технологияи информатсиониро аз бар намояд, бо компютер кор карда тавонад, дар раванди дарс аз маводҳои электронӣ ва шабакаи ҷаҳонии интернет истифода бурда тавонад, то таълими фан судманд ва самарабахш бошад [2,с.4].

Зеро ҳангоми омӯзишу таълими фанҳои дақиқ истифодаи технологияи информатсионӣ аҳамияти зиёд дошта, он имкон медиҳад, ки омӯзгор масъалаҳои муҳимми педагогиро ба осонӣ ҳал намояд, ба монанди шахсияти креативӣ, фаъолгардонии завқи маърифатӣ, баландбардории ҳиссиёту ҳаяҷон ва ғайра. Гуфтан мумкин аст, ки бо истифода аз технологияи информатсионӣ ба шуури хонанда таъсир расонидан имконпазир аст. Дарсе, ки аз ҷониби устод бо истифода аз технологияи информатсионӣ, маводи интернетӣ гузаронида мешавад, дарси аёнӣ, ҳаётӣ, фаъол, амалӣ ва ахборӣ аст. Ин гуна дарс барои сарфаи вақти омӯзгор ва шогирд мадад мерасонад, инчунин, он ба омӯзгор имконият медиҳад, ки бо хонандагон ба тарзи тафриқавӣ - инфиродӣ кор барад. Бо ин роҳ омӯзгор имкони бештар пайдо менамояд, ки дар раванди таълим фаъолияти шогирдонро назорат кунад ва баҳогузорӣ намояд [3,4].

Дар ин радиф, вазифаи ҳар як омӯзгор ба хонандагон талқин намудани омӯзиши илму дониш, касбу ҳунар, забон ва дар навбати аввал, ба дараҷаи аъло фанҳои дақиқ бо донистани забони давлатӣ, инчунин забонҳои хориҷӣ, аз худ намудани дастовардҳои навтарини техника ва технологияҳои муосир мебошад. Чунки дар шароити муосир

масъалаи рушди илмҳои техникӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани технологияҳои пешқадам аҳамияти хосса касб кардааст ва агар аз ин раванд мо дар канор монем, албатта, рушди иқтисодиёти мамлакатро таъмин карда наметавонем. Ба ин маънӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки «имрӯз илмҳои дақиқ, тафаккури техникӣ, технологияи муосир ва ҷаҳонбинии иттилоотӣ ба омили пешбарандаи иқтисодиёт, ки аз шебу фарози роҳи паймудаи ниёгон огоҳии комил дошта бошанд ва дар баробари ин дорои тафаккури пешрафта, қобилияти кору фаъолият дар замони нав бошанд».

Яке аз самтҳои асосии баланд бардоштани савияи дониши хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ва таъмини самаранокии таълим, татбиқи технологияҳои информатсионӣ дар раванди таълим мебошад. Дар муассисаҳои таълимӣ ба таълими фанҳои дақиқ (математика, алгебра, геометрия, физика, химия, астрономия, биология) бояд диққати зарурӣ дод [5], зеро татбиқи васеи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар омӯзиши ин фанҳо бештар ба назар мерасад. Ҷараёни азхудкунии ин фанҳо асосан аз гирифтани дониш ва татбиқи он иборат аст. Барои он ки омӯзгор ба муваффақият ноил шавад ва ба шогирдон дониши нав диҳад, бояд кӯшиш намояд, ки дарсҳои худро гуногуну замонавӣ, бо роҳу усулҳои нави таълим ва бо истифода аз аёниятҳо ва воситаҳои техникӣ гузаронад. Омӯзгор дар муассисаи таълимӣ фишанги асосӣ ва идоракунандаест, ки он дастгоҳи азимеро, чун муассисаи таълимӣ ба ҳаракат даровардa, илму маърифатро ба шогирдонаш эҳдо карда, онҳоро дар рӯҳияи одаму одамгарӣ ва инсони комил будан тарбия мекунад ва пешравии таълиму тарбияро таъмин месозад.

Азбаски дар байни дигар илмҳои дақиқ физика нақши пешбаранда ва мавзӯи омӯзишии хеле фарох дорад, аз ин рӯ, дар ҳалли масоили физикӣ истифодаи технологияи информатсионӣ басо зарур мебошад [5]. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ физика яке аз фанҳои муҳимми таълимӣ мебошад, зеро он дар ташаккули ҷаҳонбинии хонанда басо аҳамиятнок аст. Аз ин рӯ, чанд масъалаҳои одии физикиро ба ёрии ҷадвали электронии MS Excel ҳал менамоем

| км/ст-ро ба м/с гардонед | |
|---|---|
| 72 | 20 |

| м/с-ро ба км/ст гардонед | |
|---|---|
| 36 | 130 |

| Ҳисоби шитоби ҷисм | |
|---|---|
| 45 | 1,538 |
| 65 | |
| 13 | |

Ин ҷо чанд нуктаеро мехоҳем таъкид намоем, ки онҳоро бояд ҳамаи омӯзгорони фанҳои равияи техникӣ дошта риоя намуда, дар раванди таълими фанҳо истифода баранд.

Омӯзгори муосири фанҳои техникӣ бояд:

1. Бо боварӣ ба кори пуршарафи омӯзгорӣ камари ҳиммат бандад ва боварӣ дошта бошад, ки пешаи интихобнамудаи ӯ барои худ ва шогирдонаш манфиатовар аст.
2. Омӯзгор бояд савияи дониши фаннии худро донад ва дар раванди таълим аз роҳу усулҳои самарабахши таълим истифода бурда тавонад.
3. Дар раванди таълим аз воситаҳои техникии таълим, бахусус технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, маҳорати кор кардан дар Интернетро дошта бошад.
4. Ба гузаштани дарсҳои муқаррарӣ ва якранг одат накарда, бояд аз навгонию пешрафти илмҳо доимо бохабар бошад ва онҳоро дар ҷараёни дарс истифода барад.
5. Барои самаранок гардонидани дарсҳояш дар байни хонандагон гузаронидани машғулиятҳои иловагӣ, беруназсинфӣ, конфоронс ва шабнишиниҳоро ба нақша гирад ва дар ташкили озмунҳо саҳм дошта бошад.
6. Дар сурати дар таълиму тарбия ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудан, таҷрибаи пешқадами педагогии худро паҳн намояд, дар озмунҳои соҳавӣ иштирок намуда барои рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ мақолаҳои методӣ омода кунад.

Дар истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим бошад, омӯзгори муосир барои омодагӣ ба машғулиятҳо, пеш аз ҳама, бояд аз амалиётҳои зерин истифода кунад:

а) Бо ёрии барномаҳои (редакторҳои) махсус информатсияҳои матнӣ, рақамӣ, графикӣ ва овозиро барои таҳияи маводҳои дидактикӣ дар раванди таълим омӯзад ва истифода барад.

б) Бо истифода аз пртсессори графики MS Excel барои сохтани ҷадвалҳо ва диаграммаҳои намоишӣ истифода кунад.

в) Барои рангин намудани дарс бо истифода аз редактори MS Power Point аз рӯйи мавзӯи омӯхташаванда намоишномаҳо (слайдҳо) созад.

г) Дар раванди омодагӣ гирифтан ба машғулиятҳо ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ аз шабакаи Интернет самаранок истифода барад.

ғ) Барои ҷустуҷӯи навгониҳои илм дар хонандагон низ маҳорати кор бо Интернетро омӯзонад.

д) Дар раванди дарсҳо аз Web-сайтҳо истифода барад.

е) Дар дарсҳои санҷишию ҷамъбастӣ аз барномаҳои тайёр, ки тестҳоро дар бар мегиранд, истифода кунад.

Бояд қайд намуд, ки вазифаҳо ва корҳои пешниҳодшударо омӯзгор танҳо худаш ба сомон расонида наметавонад, зеро барои ба онҳо ноил шудан, бояд маъмурияти муассиса ва хонандагону волидони онҳо бетараф набошанд ва кӯшиш намоянд, ки барои самаранок гардонидани раванди таълим ва тарбияи хонандаи болаёқату ҷавобгӯи даврони муосир дастгириҳои дастаҷамъонаи худро дареғ надоранд [6,7].

Ҳамин тавр, истифодаи технологияҳо информатсионӣ дар раванди таълими фанҳои техникӣ, гарави муваффақиятҳост ва он имкон медиҳад, ки омӯзгор ва хонанда донишҳои назариявиро бо амалӣ пайванд созанд.

## АДАБИЁТ


1. Комилов Ф.С. Информатикаи татбиқӣ / Ф.С. Комилов, Д.С. Шарапов. - Душанбе, 2009.
2. Колпаков О.Л. С компьютером на урок / О.Л. Колпаков [и др.]. - Москва: КРИПК и ПРО, 2004.
3. Лаблабонов Х. Информатика ва мавқеи он дар нақшаи таълими 12-сола / Х.Лаблабонов // Маҷаллаи «Масъалаҳои маориф». - 2015. - №2.
4. Мирзоев Р. Дарс бояд самаранок бошад / Р.Мирзоев // Маҷаллаи «Масъалаҳои маориф». - 2011. - №6.
5. Майер Р.В. Информационные технологии и физическое образование / Р.В. Майер. - Глазов: ГГПИ, 2006. - 64 с.
6. Ҳомидова Қ. Истифодаи интернет дар таълим / Қ. Ҳомидова [манбаи электронӣ ].URL: www.omuzgor-news.tj/?p=9618
7. Бурсиан Э.В. Задачи по физике для компьютера / Э.В. Бурсиан. – Москва: Просвещение, 1991.


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНФОРМАТСИОНӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ


Дар мақолаи мазкур тарзи самаранок истифодабарии технологияҳои информатсионӣ дар таълими фанни физика таҳлил карда шудааст, ки ба пешрафти сатҳи фикрронӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон мусоидат менамояд. Зеро омӯзиши технологияҳои информатсионӣ ба раванди ташаккули донишҳои илмӣ ва истифодабарии технологияҳои коммуникатсионӣ дар омӯзиши фанҳои дақиқ, махсусан фанҳои алгебра, геометрия, физика, химия, биология ва география мақоми асосиро дорад. Азбаски физика дар байни дигар илмҳои дақиқ мавзӯи омӯзишии хеле фарох: аз зарраҳои дохилатомӣ то низоми кайҳонӣ ва нақши пешбаранда дорад, бинобар ин, дар ҳалли масоили физикӣ истифодаи технологияи информатсионӣ басо зарурӣ ва муҳим мебошад. Мақсад ва вазифаҳои асосии омӯзиши фанни технологияи информатсионӣ мисли дигар фанҳои таълимӣ ба ташаккули тафаккури илмию ҷаҳонбинии хонандагон алоқаманд буда, рушди фикррони, истеъдод, омодагӣ ба ҳаёт, меҳнати самарабахш ва давомдиҳии таҳсилро минбаъд таъмин менамояд. Бинобар ин, муаллиф дар мақола масъалаи мазкурро бо нишон додани ҳалли чанд масъалаи механикии физикӣ бо ёрии ҷадвали электронии MS Excel мушаххас намудааст.



**Калидвожаҳо:** технологияи информатсионӣ, илмҳои дақиқ, ташкили таълим, раванди таълим, маводҳои дидактикӣ.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБУЧЕНИИ ЕСТЕСТВЕННЫМ НАУКАМ


В данной статье рассмотрено использование информационных технологий в процессе обучения физике, которая развивает уровень мышления и научного мировоззрения учеников. Поскольку изучение информационной технологии имеет особое отношение к формированию научных знаний и возможности применения коммуникационных технологий в обучении точным предметам, таким как геометрия, алгебра, физика и др. Основная цель и функции изучения предмета информационной технологии, как и других обучающих предметов, является одним из основных факторов развития мировоззрения учеников и обеспечит развитие их мышления, талантов, подготовку к жизни, эффективный труд и обучение в будущем. В связи с этим, использование информационных технологий в изучении развивающих и расширяющих наук в научном мировоззрении, таких как физика, делесообразно. Поэтому автор в данной статье конкретизирует эту проблему, показывая на примере нескольких физико-механических задач с помощью электронной таблицы MS Excel.



**Ключевые слова**: информационная технология, точные науки, интернет, оганизация занятий, учебный процесс, дидактические материалы.


## USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY IN EDUCATION NATURAL SCIENCES


In this article are considered the using of information technology in the process of teaching physics, which develops a level of thinking and scientific worldviews of schoolboy. Since the study of information technology is particularly relevant in the formation of scientific knowledge and the possibility of using communication technologies in teaching the natural sciences, such as geometry, algebra, physics and etc. The main purpose and functions of the study of the subject of

information technology, in the likeness of other training subjects, is one of the main factors for the development of schoolboy' worldview and will provide an increase in their thinking, talents, training for life, effective work and training in the future. In this regard, the use of information technology in the study of developing sciences, as physics are interrelated in the scientific worldview. Therefore, the author of this article concretizes this problem by showing the example of several physical and mechanical problems with the help of an electron table MS Excel.

**Key words:** information technologies, sciences, internet, organization of classes, educational process, didactic materials.

**Сведения об авторе:** ***Абдунаим Икромов*** - Институт развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, аспирант. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Айни, 54.Телефон: **927-41-15-22.** E-mail: **ikromov.abdunaim@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdunaim Ikromov*** – The competitor of the Institute for the development of education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street Ayni, 54 Tel.: **927-41-15-22**. E-mail: **ikromov.abdunaim@mail.ru**

**УДК: 372.881.111.1 (575.3)**

## БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ҶОМЕАПАЗИРИИ КАСБИИ МУАЛЛИМ

***Бобохонова Ҳ.З.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷомеапазирии касбӣ имрӯз яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқотҳои гуманитарӣ, аз ҷумла илми педагогика гашта, асоси илмию назариявии модели номбурдаро дарёфти роҳу шароитҳои воридшавии самараноки мутахассиси ҷавон ба касб, ихтисос ва мутобиқшавии ӯ ба муҳити касбӣ, худамалисозии касбӣ ва баромад аз он ташкил медиҳад.

Масъалаи ҷомеапазирии касбӣ имрӯз ҳамчун инъикоскунандаи як қатор тамоюлоти муҳим ба донишҳои гуманитарии муосир хос аст. Дар қарни муосир омили калидии рушди тамоми ҷанбаҳои ҳаёт захираи инсонӣ, унсури кадрӣ дар самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавию фарҳангӣ гаштааст, ки ба таври мунтазам дар таъминоти тағйиротҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти иҷтимоӣ, баландшавии нақши ҷанбаҳои гуманитарӣ, инфиродию эҷодии ҳар як шакли фаъолият таъсир мерасонад.

Имрӯз назар ба технологияи гуманитарӣ технологияи шакли навин аҳамияти бештарро касб кардааст, ки ба фаъолияти касбӣ ва амалишавии захираҳои эҷодӣ ва бунёдии субъектҳо мусоидат менамояд. Яке аз хусусиятҳои муҳим ташаккули худташаббусии фардӣ, худамалисозӣ ва дигар фазилатҳо мебошад. Ва ин ба худтакомулнамоии инфиродӣ, ҳалли масоили касбӣ, муваффақияти касбӣ, аз байн бурдани нокомӣ, бuҳрон ва ба дигар зуҳуротҳо дахл дорад.

Чи тавре ки баъзе муҳаққиқони хориҷию ватанӣ қайд мекунанд, ҷомеапазирии касбии калонсолон дар ҳолати муваффақият, ба таври воқеӣ ҳамчун кафолати ба таври наку амалисозии тамоми функсияҳои иҷтимоӣ баромад менамояд [1,с.35].

Дар маҷмӯъ, масоили ҷомеапазирии касбӣ, зарурати омӯзиши механизмҳои он, динамикаи он, қувваҳои ҳаракатдиҳанда, таносуби омилҳои самараноки дохилию берунӣ ва ғайра дар замони имрӯза аҳамияти хосе касб мекунанд. Аз ин сабаб қадами муҳимми таҳқиқоти мо омӯзишу таҳлили хусусиятҳои базавии зуҳуроти ҷомеапазирии инсон дар умум ва ҳамчунин аломатҳои асосии раванди ҷомеапазирии касбӣ ҳамчун унсури калидию таркибии он мебошад.

Масъалаи ҷомеапазирии шахсият ҳамеша дар маркази диққати як қатор илмҳои «инсоншиносӣ» қарор дошт. Ин зуҳуроти ҳамгирогаштаю гуногунҷанбаи мураккабро дар тӯли даҳсолаҳо фалсафа, педагогика, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърих, мардумшиносӣ, илоҳиётшиносӣ ва ғайра меомӯзад. Ҷомеапазирӣ ҳамчун раванди мураккаб, ба ҳам зид, динамикӣ, раванди ногусастании ҳамкории шахсият ва ҷомеа аст, ки дар ҷараёни он азхуднамоӣ сурат мегирад.

Дар шароити буҳрони демографӣ, муҳоҷирати ҷавонони деҳот, ба дигар корҳо гузаштани як қисмати одамони маълумот дар авҷ гирифтааст ва ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки шабакаи макотиби таҳсилоти умумӣ низ наметавонад яксон бимонад. Имрӯз раванди азнавсозию тармими ва бунёди макотиби деҳот рафта истодааст. Ғайр аз ин бояд гуфт, ки бастани макотиби хонандагонаш камшумор барои таҳсилот дар деҳа як даҳшат ба ҳисоб меравад, зеро дар аксари минтақаҳои кишвар, қисмати зиёди мактабҳо дар деҳот ҷойгиранд.

Дар шароити ихтисорнамоии бахшҳои иҷтимоию фарҳангии деҳа, шаклдигаркунии мактаб аз маркази таълимӣ ба маркази иҷтимоию фарҳангӣ сурат гирифта, тамоюлоти васеъшавии функсияҳои иҷтимоию педагогии мактаб амиқтар мегардад.

Чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, натиҷаҳои фаъолияти мактаби деҳаро зарур аст, ки аз нуқтаи назари меъёрҳои педагогию иҷтимоӣ дида бароем. Масалан, ба шумори меъёрҳои иҷтимоии таҳсилоти мактабӣ дар деҳа инҳоро дохил менамоем: дараҷаи дархостии донишҳои хоҷагии қишлоқ дар шароити муосир; рӯоварии арзишии одамони ҷавон, ки асоси онро эҳтиром ба замин, ба меҳнат, ба насли калонсол, ба оила, анъаноти оилавӣ, ба зодгоҳ ташкил медиҳад; аз худ намудани касбу ҳунар аз тарафи хонандагон баҳри машғул гаштан ба меҳнат дар деҳа; интихоби касбу ҳунарҳое, ки барои деҳа муҳим аст; интихоби хатмкунандагони макотиб, муассисаҳои таълимии хоҷагии қишлоқ ва дигар муассисаҳои таълимӣ, баҳри давом додани омӯзиш; таваҷҷуҳу кӯшиш баҳри ташкилнамоии кори худ дар асоси технологияи навини агрокишоварзӣ; тайёрии ҷавонон баҳри машғул гаштан ба фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот; интихоби деҳа ҳамчун ҷойи зист.

Бояд гуфт, фазои фарҳангӣ на танҳо парадигмаҳоро муайян месозад, ки вобаста ба он касбият асос ёфтааст, балки фазои фарҳангӣ қолаби он амалҳоест, ки муаллим бо ёрии он ба худмуайянкунӣ машғул аст [2,с.14]. Ба шакли эҷодии худмуқаррарнамоӣ модели автокоммуникативӣ хос буда, дар низоми фарҳанг вобаста ба раванди муколамаи дохилӣ ки ба худ равона гардидааст, шахсият мавқеи худро дигар карда, моҳияти хешро тағйир медиҳад [3,с.16]. Дар низоми таҳсилот лаҳзаҳои муколамавии фаъолиятнокии муаллим вобаста ба нақшаи зоҳирӣ давоми органикии давраи ибтидоии муколамаи дохилӣ аст, ки он ҷо дар «таҳқиқи дугона» [4,с.10] сатҳи зарурии озодии ӯ ҳамчун категорияи умумиинсонӣ ташаккул меёбад. Ва оқибат имкон медиҳад, ки муаллим дар фаъолияти касбӣ ба «сатҳи баландтар» баромада, ҳамзамон чунин имкониятҳоро барои шогирдонаш, яъне барои мактабиён фароҳам оварад.

Хусусияти ташаккули худшиносии муаллим ба ҳолатҳои воқеию таҷрибавии ҳаёти касбии ӯ вобаста буда, аз ӯ қобилияти такомулдиҳии малакаю маҳоратҳо ва муназзамнамоии фаъолиятҳои худу хонандагонашро талаб менамояд [5,с.50]. Маҳз дар чунин ҳолатҳо худшиносии муаллим ҳамчун интихоби ҳаққи муаллифӣ ба сифати муназзамсозандаи қувваю имкониятҳои равонии хеш баромад менамояд. Дар чунин ҳол дар ботини муаллим ду қутб бо ҳам бармехӯранд: қутби тафаккури касбӣ (дарки фаъолият) ва қутби ҳаёти инфиродӣ (ҳолати воқеие, ки бо он ҳаёту фаъолияти касбӣ дар зиддияту мухолифат аст). Худшиносии муаллимро метавон ҳамчун раванди дарки кору фаъолиятҳои хеш, шаклҳои инфиродӣ, фарҳангӣ, мазмунии амалисозии функсияҳои касбӣ шарҳ дод. Баҳри он ки воситаҳои навини бунёди шароити таълимӣ, асоси модели равонӣ дар худшиносии муаллим ва баҳри он ки муаллим амалан технологияи муназзамнамоии фаъолияти педагогиро дар раванди таълим истифода карда тавонад, мо усули махсуси такмили ихтисосро кор карда татбиқ намудем – методи таълимию касбии таҷрибавӣ. Таҷрибаи таълимию касбӣ ҳамчун методи такмили ихтисос муайян карда шуд, ки дар он раванди таълим ба муаллим кумак мекунад, ки вазифаҳои мушаххаси педагогӣ ҳал карда шаванд. Истифодаи методи мазкур ба се принсипи пешбар асос ёфтааст:

1. Принсипи муназзамсозии мустақилонаи муаллим воситаҳои бунёди шароитҳои таълимӣ дар шароити бархӯрди мустақими додани донишҳо ба хонандагон.

2. Принсипи образи навини воқеияти педагогӣ ва амалҳо вобаста ба нақшаи ин образҳо, аввалан бо истифодаи амалии онҳо ва ҳамчун натиҷа ба сифати унсури мустақими рушди касбӣ.

3. Принсипи таълими муаллим «амал бо амал»: дастрас будан ба воситаҳои зарурии фаннӣ; гузоштани вазифаҳои фаннӣ; ошкорнамоии маводҳо ва усулҳои таъсиррасонӣ ба он бо вазифаҳои гузошташуда.

**АДАБИЁТ**


1. Акимова Л.А. Социология досуга. Монография / Л.А. Акимова. -М., МГУКИ, 2003. - 123 с.
2. Бабакалонова З.Т. Социально-педагогические условия снижения бедности как средство повышения доступности образования: дис. … канд. пед. наук: 13.00.01 / З.Т. Бабакалонова. –Душанбе, 2010. -156 с.
3. Лутфуллоев М. Антология педагогической мысли таджикского народа. Учебное пособие / М. Лутфуллоев, С.Сулаймони, Х.Афзалов. -Душанбе: Матбуот, 2009. – 448 с.
4. Алексашина И.Ю. Теоретико-методологические основы освоения учителем идей гуманизации образования в процессе повышения его квалификации: автореф. дис. ... докт. пед. наук: 13.00.01 / И.Ю. Алексашина - СПб, 1997. – 18 с.
5. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. кн.2. Учебное пособие / Ф. Шарифзода. – Душанбе, Ирфон. -2010, - 328 с.

**БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ҶОМЕАПАЗИРИИ КАСБИИ МУАЛЛИМ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф баъзе аз масъалаҳои ҷомеапазирии касбии муаллимро дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллим махсус қайд менамояд, ки масъалаи иҷтимоишавии касбии муаллим имрӯз инъикоскунандаи як қатор равандҳои муҳим, ки ифодакунандаи донишҳои муосири гуманитарӣ, аз ҷумла илми педагогика мебошанд, бармад мекунад. Дар замони муосир, омили асосии рушди ҳама ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ иқтидори инсонӣ ба ҳисоб меравад, мувофиқан, дар чунин раванд барои рушди иқтидори инсонӣ таҳлили масъалаи ҷомеапазирии касбии муаллим аз манфиат холӣ нест. Аз нуқтаи назари муаллиф, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи ҷомеапазирии касбии муаллим, мумкин аст ба натиҷаҳои мусбӣ дар соҳаи мазкур даст ёфт. Қадами асосии баррасии масъалаи ҷомеапазирии касбии муаллим, дарки ҷомеапазирии инсон дар маҷмӯъ ва хусусиятҳои асосии равандаи ҷомеапазирии касбӣ ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии он, ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** иҷтимоипазирии касбӣ, мартабаи баланди касбӣ, илми педагогика, муаллим, объекти таҳқиқот, худшиносӣ.

**НЕКОТОРЫЕ МОМЕНТЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ СОЦИАЛИЗАЦИИ УЧИТЕЛЯ**

В рамках данной статьи рассматриваются некоторые вопросы профессиональной социализации учителя в современных условиях. Автор особо подчеркивает, что проблема профессиональной социализации выступает сегодня отражением целого ряда важных тенденций, характерных для современного гуманитарного знания, в частности педагогической науки. В наступившем веке ключевым фактором развития всех сторон общественной жизни становится человеческий потенциал, следовательно, в данном процессе для развития человеческого потенциала анализ вопроса профессиональной социализации считается важным. По мнению автора, на основе всестороннего анализа профессиональной социализации учителя в современных условиях можно достичь определенных результатов в данной сфере. Важным шагом исследования вопроса профессиональной социализации выступает осмысление базовых характеристик феномена социализации человека в целом, а также основных черт процесса профессиональной социализации как одной из ключевых его составляющих.

**Ключевые слова:** профессиональная социализация, профессиональная карьера, педагогическая наука, учитель, объект исследования, самосознание.

**SOME MOMENTS OF PROFESSIONAL SOCIALIZATION OF A TEACHER**

In this article, some issues of professional socialization of teachers in modern conditions are considered. The author emphasizes that the problem of professional socialization is today a reflection of a number of important trends characteristic of modern humanitarian knowledge, in particular, pedagogical science. In the new century, the key factor in the development of all aspects of social life becomes human potential, therefore, in this process for the development of human potential the analysis of the issue of professional socialization is considered important. According to the author, on the basis of a comprehensive analysis of the professional socialization of teachers in modern conditions, it is possible to achieve certain results in this area. An important step in studying the issue of professional socialization is the understanding of the basic characteristics of the phenomenon of human socialization as a whole, as well as the main features of the process of professional socialization as one of its key components.

**Key words:** professional socialization, professional career, pedagogical science, teacher, object of study, self-consciousness.

**Сведения об авторе:** ***Бобохонова Халима Зиёратшоевна*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **935-68-07-38**

**Information about the author:** ***Bobokhonova Kh. Z.*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **935-68-07-38**

УДК:371 (575.3)

# МЕТОДҲОИ ФИКРРОНИИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Умаралии Баҳруллозода, Зарипова М.Л.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Раванди психикие, ки дар шароити иҷтимоӣ, ҳангоми сухан гуфтан, ҳисси ҷустуҷӯӣ ва таҳлилу баррасӣ намудани ҳақиқат, дар инсон фарогирифтаро фикрронӣ меҳисобанд. Фикрронӣ дар асоси фаъолияти амалӣ, аз ҳисси дарку фаҳмиши дохилӣ ба вуҷуд омада, аз ҳадду ҳудуд гузашта, дунёро ғайримустақим дар хаёли мо инъикос менамояд.

Мафҳуми фикри солим бӯйи зебо ва зоҳири пиру пажмурда дорад, маънои фикррониро олими машҳур К.Дункер, чунин маънидод намуда, ба фикррони солим муқоиса намудааст. Инро қабул намудан мушкил аст, чунки фикррони инсон шакли фарҳанги олиест, ки маънои ҳисси пешакӣ ва таҷрибаи ҳаётӣ набуда, дар асоси маънои солим ташкил ёфтааст, пас маънои фикррони чист? Чӣ гуна онро аз маҷмӯи маълумоте, ки инсон дорад, фарқ намоем? Маънои фикррониро ҳамчун раванди дарккунии олӣ, тавлиди донишҳои нав, шакли фаъолияти фарҳангӣ ва аз тарафи инсон тағйир додани хақиқат меҳисобанд. Фикрронӣ натиҷаҳоеро ба вуҷуд меорад, ки на дар дохили ҳақиқат, на дар

худи субъект ва дар ҳамон замон вуҷуд надоранд. Фикррониро ҳамчунин, ба маънои аз худ намудани донишҳои нав ва маҳорати тағийр додани тасаввуротҳо истифода мебаранд. Фикррон̄ӣ аз дигар равандҳои психологӣ бо ҳолатҳои зиёди проблемавӣ, бо тағийр ёфтани шароит ва ҳал намудани масъалаҳои бавуҷудомада фарқ менамояд. Фарқи фикррон̄ӣ аз дарккуни дар он аст, ки фикррон̄ӣ аз ҳадду ҳудуди ҳиссиёти вуҷуддошта гузашта, доираи азхудкунии инсонро васеъ мегардонад. Дар фикррон̄ӣ, дар асоси маълумоти сенсорӣ, хулосаҳои муайяни назариявию амалӣ бароварда мешаванд. Фикррон̄ӣ на танҳо ҳаётро дар предмету материалҳои алоҳида, дар таркибу ҳолати онҳо, дар алоқаи байни онҳо инъикос менамояд, ки бевосита дар ҳисси дарккунии инсон вуҷуд надоранд. Таркиби передметҳою материалҳо, алоқаи байни онҳо, дар фикррнонии инсон ба шакли умумӣ, ба намуди ҷавҳар ва қонунҳо инъикос меёбанд. Ба гуфтаи мутахассисон, дар амал, фикррон̄ӣ ҳамчун раванди алоҳидаи психикӣ вуҷуд надошта, номаълум дар дигар равандҳои азхудкунии инсон, ҳангоми дарккунӣ, диққат намудан, суҳбат кардан, ёддошт намудан, хаёлпардозӣ намудан вуҷуд дорад. Шакли олии раванди фикррон̄ӣ аз зинаи тасаввуротҳои инсон дар ин равандҳои азхудкуни Тадқиқоти технологии раванди фикррон̄ӣ, яъне омӯзиши сабабҳои дохилие мебошад, ки ба таълими ин ё он натиҷаҳои азхудкунӣ оварда мерасонад. Чунин фактҳо, натиҷаҳои фикррон̄ӣ шуда метавонанд: хонанда масъаларо ҳал намуд, ё ин ки ҳал нанамуд; дар сари хонанда андешае ба вуҷуд омад, ё ин ки не; нақшаи ҳал; хонанда маълумотҳои муайянро аз худ намуд, ё ин ки не; методҳои фаъолнокӣ; дар хонанда тасаввуротҳои нав ташаккул ёфт, ё ин ки не ва ғ. Омилҳои овардашуда, барои ташаккули раванди психологии фикррнонии хонандагон пешниҳод шуда, сабабҳои хусусиятҳои дохилии хонандагонро таҳлил намуда, ҳолату ҳодисаҳои психологии онҳоро дақиқ баррасӣ менамояд. Илми психология аз принсипҳои детерминизм ташкил ёфта, ҳолату сабабҳои берунии аз ҳолату шароити дохилӣ бавуҷудомадаро омӯзиш ва таҳлил менамояд. Ба ибораи дигар, таъсири педагогии ғайримустақим ба ҳиссу фикррнонии инсон таъсир расонида, ҳолати психологии шахсро тағийр медиҳад.

Фикррон̄ӣ ҳаракати мафкура аст, ки ҳама чизро, дар олами моддӣ маънидод менамояд. Натиҷаи он, фикр, идея, фарзия ва ғ. аст. Намудҳои фикррониро баррасӣ менамоем:

Фикррнонии назариявӣ: намуди фикрроние, аст ки инсон ҳиссу ёрии дигар органҳои худро истифода нанамуда, танҳо бо ақлу иродаи худ проблемаҳо ё масъалаҳоро ҳал менамояд. Аз аввал то охир, баррасӣ ва роҳи ҳалли масъалаҳоро бо илму таҷрибаи аз дигар инсонҳо, ки дар шакли фаҳмо ва фикру хулосабарории дуруст солҳо аз худ намуда буд, танҳо дар майнаи сари худ ҳал менамояд. Дар асоси таҷрибаҳои амалӣ, ҳисси возеҳ ва фикррон̄ӣ, дар кӯдакони синну соли мактабӣ, дар шакли фаҳмишҳои сода, дур аз ҳақиқат ва назария, ташаккул меёбад.Дар раванди рушд ва азхудкунии, илмҳои гуногун, ба мисли математика, физика ва таърих ба мактаббачаҳо ёрӣ расонида метавонад. Дар хонандагон, ташаккул додани фахмишҳои математикӣ, физикӣ, географӣ ва биологӣ дар раванди таълим предмети тадқиқотҳои гуногун мегардад. Масалан, П.Я.Галперин, В.В.Давидов, Г.С.Костюк, Н.А.Менчинская, Р.Г.Натадзе, Д.Б.Элконин, оиди азхудкунии хонандагон тадқиқотҳои гуногуни илмӣ анҷом додаанд, ки дар кадом ҳолат ва дар кадом шароит, хонадагон ин ё он фанни таълимиро аз худ намоянд, дар охири соли таълим системаи фаҳмишҳои онҳо такмил ёфта, хонадагон на танҳо дар системаи фаҳмиши алоҳида, балки дар системаи фаҳмиши васеъ мавқеи худро муайян месозанд.

Намуди дуюми фикррон̄ӣ; фикррнонии образӣ-назариявӣ мебошад. Асрҳои пеш дар ҳамин асно исми шоирон, рассомон ва архитекторон гузошта мешуд.

Фарқи фикррнонии образӣ –назариявӣ аз фикррнонии фаҳмо дар он аст, ки ин ҷо инсон на дар асоси фикру хулосабарории дуруст, балки ҳангоми истифодаи образҳо масъалаҳоро ҳал менамояд. Образҳо, бевосита аз ёддошти инсон истифода мешаванд, ё хаёлан тасаввур карда мешаванд. Нависандаҳо, шоирон, рассомон, яъне шахсоне, ки бо образҳо сару кор доранд, бештар чунин фикррониро истифода менамоянд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои фикрӣ, чунин инсонҳо образҳои тааллуқдоштаро хаёлан дар ҳаракат даровара, тағйир дода, барои проблема ё масъала роҳи ҳал меёбанд. Фикррнонии назариявӣ ва фикррнонии образӣ –назариявӣ, дар ҳақиқат вуҷуд дошта, якдигарро такмил намуда, паҳлуҳои гуногуни ҳаётро кушода, ҳамбастагии моро ба олами моддӣ муайян месозанд. Фикррнонии назариявӣ- абстрактӣ ҳақиқатро дақиқ, инъикос менамояд. Фикррнонии образӣ – назариявӣ, дарккунии субъективии онро на камтар аз фикррнонии объективӣ -назариявӣ, реалӣ ва ҷаъмбастшуда инъикос менамояд. Бе ин ё он намуди фикррон̄ӣ мо наметавонем гуногунрангӣ, гуногуншаклии дунёро объективона амиқ дарк намоем. Фикррнонии образӣ –назариявӣ бештар дар кӯдакони томактабӣ- аз синни 4 то 7

сола дар шакли сода ба вуҷуд меояд. Алоқаи фикрронӣ бо фаъолияти амалӣ, дар аввал зич буда, лекин баъдтар мисли пештара бевосита ва мустақим нигоҳ дошта намешавад.

Бо даст нишон додани кӯдак объекти омӯзишие, ки диққати ӯро дар раванди омӯзишу таҳлил ҷалб намудааст ва назорати системаноки объект, дар раванди таълим, на ҳама вақт муҳим ва лозим аст, лекин дар ҳама ҳолатҳо, возеҳ ва дақиқ тасаввур намудани объекти омӯзиши ҳатмист. Ба ибораи дигар, кӯдакони синни томактабӣ, маҳорати фикрронии объективӣ–назариявиро надошта, аёнӣ –образӣ фикр менамоянд.

Хусусияти асосии фикрронии аёнӣ-образӣ аз он иборат аст, ки раванди фикрронии инсон, бевосита бо дарк намудани олами объективӣ алоқаманд буда, бидуни он ба вуҷуд омада наметавонад. Фикрронии аёнӣ-образӣ инсонро бо олами объективӣ алоқаманд намуда, образҳои лозимии барои фикр намудан, аз ёддоштҳои зудгузар ва кӯтоҳмуддат гирифта мешаванд. Фикрронии образӣ- назариявӣ бошад, образҳоро тағйир дода, аз ёддоштҳои дарозмудат гирифта, истифода менамояд.

Хусусияти фикрронии аёнӣ- муассирӣ дар он аст, ки худи раванди фикрронӣ дар амал, дар натиҷаи аз нав сохтан ё тағийр додани предметҳои реалӣ ба вуҷуд меояд. Шароити асосӣ барои ҳалли масъалаҳо дар ин раванди фикрронӣ, истифодаи дурусти предметҳои тааллуқдошта аст. Шахсоне, ки ба меҳнати истеҳсолӣ машғуланд, чунин тарзи фикрронӣ дошта, дар натиҷа, ягон маҳсулот ё олоти муайяни меҳнат месозанд.

Фарқ байни фикрронии назариявӣ аз амалӣ, ба гуфтаи Б.М.Теплова, дар амал бо гуногун алоқаманд будани онҳо аст. Фикрронии амалӣ ба ҳалли муайяни масъалаҳои шахсӣ равона шуда, фикрронии назариявӣ бошад, дар ҷустуҷӯи қонуниятҳои умумӣ аст. Фикрронии назариявӣ ва амалӣ, дар ниҳоят, бо амалия алоқамандӣ дошта, дар ҳолати фикрронии амалӣ бевосита характери табиӣ пайдо намуда, дар натиҷа, алоқаи онҳо зичтар мегардад. Ақли амалӣ, танҳо масъалаҳои амалиро ҳал намуда, хулосаҳои он бевосита дар амал, ҳамон замону вақт таҳлил мешаванд. Ақли назариявӣ бошад, масъалаҳоро ғайримустақим ҳал намуда, хулосаҳои он дар охири натиҷаи кор таҳлил мешаванд. Ҳамаи намудҳои фикрронӣ якҷоя бо ҳам вуҷуд дошта метавонанд ва инсон дар як ҳолат метавонад гуногун фикр намояд. Аммо, вобаста ба характеру хусусиятҳои ягон проблема, ё масъала, ин ё он намуди фикрронӣ ҳукмфармоӣ менамояд ва дар ҳамин асос, онҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Дар баробари мафҳуми «фикрронӣ» дар илми психология истилоҳи «интеллект» истифода мешавад. «Интеллект» чӣ маъно дорад? Агар фикрронӣ, раванди ҳалли масъалаҳо, аз худ намудани донишҳои нав ва аз нав сохтани ҳақиқат бошад, интеллект бошад, характеристикаи умумии қобилиятноки, барои ҳалли масъалаҳо мебошад.

Интеллекти ҳамон инсонеро рушдёфта меҳисобанд, ки се намуди маҳорати фикрронӣ дорад ва масъалаҳои ақлӣ, амалӣ ва образиро як хел ҳал намуда метавонад ва инсонҳое ҳастанд, ки бо рушди яктарафаи интеллекташон маҳорати як намуди фикррониро доранд.

Пайдарҳамии донишҳои дар таърих ҷаъмшуда, ҳангоми қайд намудан, сабт, нигоҳ доштан ва интиқоли онҳо аз як инсон ба дигар, аз як насл ба насли дигар анҷом меёбад. Дар натиҷаи бақайдгирии натиҷаҳои асосӣ, аз худ намудани илм ба воситаи суҳбат намудан, дар натиҷаи мутолеаи китобҳо, журналҳо, маҷаллаҳо ва ғ., дар натиҷаи табиати иҷтимоии фикрронии инсон ба вуҷуд меояд. Интеллекти инсонро дар раванди омӯзиши илмҳои гуногуне, ки дар натиҷаи тадқиқотҳои бешумор дар таърихи инсоният ба вуҷуд омадаанд рушд ва такмил додан лозим аст. Аз қадим чунин ҳисоб мешуд, ки агар шахс ҳангоми фикрронӣ, ё дар натиҷаи омӯзиши илмҳои махсус мантиқро надонад, донишманд ҳисоб намешавад. Айни замон, дар шароити тағйирёбии куллии характери меҳнати инсонӣ, арзишу талаботи чунин донишазхудкунӣ зиёд гардидааст.

Зиёд гардидани донишҳои компютерӣ дар замони муосир, яке аз далелҳои муҳим будани дониши мантиқӣ, ки яке аз асосҳои назариявии техникаи электронӣ-ҳисобдорӣ аст, маҳсуб меёбад. Мантиқ илми махсус оиди таҳлил ва муайян намудани сохту қонуни дурусти фикрронии инсон буда, намудҳои фикрронии инсонро баҳогузорӣ ва баррасӣ менамояд. Мантиқ омӯзиши методҳои босамареро, ки боиси дарк намудани олами ҳастӣ мегарданд, таҳлил менамояд.

Таърихи омӯзиши фикрронии мантиқӣ ду ҳазорсоларо дар бар мегирад. Аз дигар илмҳо, қабл аз илми мантиқ, ба омӯзишу таҳлили фикрронии мантиқӣ математика ва фалсафа пардохта буданд.

## АДАБИЁТ


1. Брушлинский А.В. Мышление и общение (анализ через синтез в процессе диалогического решения задач) / А.В.Брушлинский, В.А. Поликарпов. - 2-е изд., дораб. -Самара: Самар. Дом печати, 1999. - 124 с.
2. Варданян А.У. Сущность учебной деятельности при формировании творческого мышления учащихся / А.У.Варданян, Г.А. Варданян // Формирование творческого мышления школьников в учебной деятельности. - Уфа, 1985.

3. Васильев И.А. Эмоции и мышление / И.А Васильев, В.Л Поплужный, О.К. Тихомиров и др. - М., 1980

## МЕТОДҲОИ ФИКРРОНИИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мазкур муаллифон методҳои фикрронии мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Рушди фикрронии мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз самтҳои муҳимми омӯзиши талабагон ба ҳисоб меравад. Аз ҳама беҳтар он аст, ки фикрронии мантиқиро дар мактаб мукаммал созем, лекин барои ин дар бораи методҳое, ки дар ин раванд истифода мешаванд, бояд тасаввурот дошт. Дар синни хурди мактабӣ ба рушди фикрронии мактаббачагони хурдсол диққати асосӣ равона карда мешавад. Инчунин бояд алоқаи ногусастаниро байни қобилиятҳо бо дониш, маҳоратҳо ва малакаҳо қайд намуд. Аз як тараф қобилиятҳо аздониш, маҳоратҳо ва малакаҳо вобастагӣ дорад, ки дар раванди азхудкунии онҳо қобилдиятҳо рушд меёбанд. Аз тарафи дигар, дониш, маҳоратҳо ва малакаҳо аз қобилиятҳо вобастагӣ доранд. Таҳқиқотҳо дар ин ҷода нишон медиҳанд, ки дар ин давра маҳз фикрронӣ ба рушди тамоми равандҳои психикӣ таъсир мерасонад. Инчунин дар мактаби ибтидоӣ кӯдакон бояд унсурҳои амалиётҳои фикрронира (муқоиса, гурӯҳбандӣ, ҷамъбаст ва ғ.) аз худ намоянд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимме, ки дар назди омӯзгори синфҳои ибтидоӣ истодааст, ин рушди тамоми сифатҳо ва намудҳои фикрронӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** методҳои фикрронии мантиқӣ, рушди фикрронии мантиқии мактаббачагони хурдсол, алоқаи қобилиятҳо бо донишҳо, раванди азхудкунии донишҳо ва маҳоратҳо.

## МЕТОДЫ РАЗВИТИЯ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

В данной статье авторами рассмотрены методы логического мышления учащихся начальных классов. Развитие логического мышления младших школьников является одной из важнейших направлений обучения учащихся. Лучше всего совершенствовать логическое мышление в школе, но для этого нужно знать о методах, которые используются в данном процессе. В младшем школьном возрасте главное значение придается развитию мышления учеников. Ведущее значение для данного возраста приобретает развитие теоретического мышления. Следует также подчеркнуть тесную и неразрывную связь способностей со знаниями, умениями, навыками. С одной стороны, способности зависят от знаний, умений и навыков, в процессе приобретения которых развиваются способности. С другой стороны, знания, умения и навыки зависят от способностей. Исследования в данной области показывают, что в этот период именно мышление в большей степени влияет на развитие всех психических процессов. Такжже в начальной школе дети должны овладеть элементами логических действий (сравнения, классификации, обобщения и др.). Поэтому одной из важнейших задач, стоящих перед учителем начальных классов, является развитие всех качеств и видов мышления.

**Ключевые слова:** методы логического мышления, развитие логического мышления младших школьников, связь способностей со знаниями, процесс приобретения знаний и умений.

## METHODS OF DEVELOPMENT OF LOGICAL THINKING OF PUPILS OF INITIAL CLASSES

In this article, the authors consider the methods of logical thinking of primary school students. The development of logical thinking of younger students is one of the most important areas of student learning. It is best to improve logical thinking in school, but for this you need to know about the methods that are used in this process. At primary school age, the main importance is attached to the development of pupils' thinking. The leading value for this age is acquired by the development of theoretical thinking. It is also necessary to emphasize the close and inextricable connection of abilities with knowledge, skills and abilities. On the one hand, abilities depend on knowledge and skills, in the process of acquiring which abilities develop. On the other hand, knowledge, skills and abilities depend on abilities. Research in this area shows that during this period it is thinking that is more influencing the development of all mental processes. Also in elementary school, children must master the elements of logical actions (comparisons, classifications, generalizations, etc.).

**Key words:** methods of logical thinking, development of logical thinking of younger schoolchildren, communication of abilities with knowledge, the process of acquiring knowledge and skills.

**Сведения об авторах:** ***Умарали Бахруллозода*** –Таджикский государственный финансово-экономический университет, преподаватель кафедры высшей математики. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 777 07 18-63

***Зарипова Майрамби Латифовна*** –Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, Рудаки, 17.

**Information about the authors:** ***Umarali Bahrullozoda*** –Tadzhik State Financial and Economic University, teacher of the department of higher mathematics. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Telephone: **777 07 18-63**

***Zaripova Mairambi Latifovna*** –Tadzhik National University, applicant for a university-wide department of pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki, 17.

УДК 37.012.1

# ТАСНИФОТИ КАСБУ ҲУНАР ВА ТАРТИБИ ОМӮЗОНИДАНИ ОНҲО АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ ВОҶИДАЛИИ МУҶМАЛӢ

*Аюбова М.З.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров**

Педагогикаи тоҷик таърихи тӯлонӣ дошта, барои омӯзонидани касбу ҳунар аз давраҳои қадим дастуру китобҳои таълимӣ таълиф гаштаанд. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи онҳо дар гардиши илмӣ қарор гирифтаанд. Ба иллати он ки аксари муҳаққиқони соҳаи педагогика ба манбаъҳои хаттӣ дастрасии кам доштанд, як қисми осори педагогии гузаштагонамон наомӯхта мондааст. Ҳарчанд ки доир ба афкори педагогии Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ ва дигар бузургони миллатамон мақолаву асарҳо ва рисолаҳои илмӣ таълиф гардидаанд, аммо худи асарҳои дидактикӣ, китобҳои таълимӣ хеле кам мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Шояд дар замони шӯравӣ чунин китобҳо куҳнашуда ва ё осори давраи феодалӣ эълон гардида, аз омӯзиш дур мондаанд. Аммо дар замони истиқлолият шароит фароҳам омадааст, ки ба чунин асраҳои педагогӣ ва таълимии гузаштагонамон руҷӯъ намоем.

«Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалиро метавонем, як китоби мукаммали дарсӣ номем, ки барои мубтадион – наврасоне, ки дар мадрасаҳо таҳсил мекарданд, рӯйи кор омадааст. Ин асар дар Ҳиндустон, дар замоне ки ин кишвар аз ҷониби англисҳо тасхир гашта буд, таълиф гаштааст ва худи Воҷидалии Муҷмалӣ мехост, ки бо навиштани ин асари худ ҳамзамононашро аз дарсҳои ақибмондаи мадрасаҳо ва мактабҳо берун карда, барои беҳтар намудани вазъи омӯзиши форсизабонони Ҳинд асари таълимӣ ва методӣ таҳия кунад.

Дар асрҳои миёна мақсади асосии илми педагогика ва улуми дигар тарбия намудани инсони комил буд [1, с. 5].

Албатта, мо асарро ба таври пуррагӣ дастури ин ё он касби замони муаллиф гуфта наметавонем, аммо бисёр масъалаҳои марбут ба педагогикаи касбу ҳунар, этнопедагогикаи халқи тоҷик, доир ба таърихи таълифи китобҳои дарсӣ метавонад, ки «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» маълумоти фаровон диҳад.

Китоб чунонки аз номаш маълум мешавад, аз ду қисми таркибӣ иборат буда, қисми аввал – «Матлаъ-ул-улум» аст. Дар ин қисмати китоб доир ба илмҳои аз нуқтаи назари Воҷидалии Муҷмалӣ муҳим, ба монанди навиштани муфрадоту мураккабот, зарбулмасалу мақол, одоби таҳрир, сарфу наҳви форсӣ, илмҳои бадеъ, қофия, арӯз, таърих, ақоид, фиқҳ, ҳандиса, мантиқ, мунозира, аҳкоми нуҷум (астрология), рамл, ҷафр, кимиё ва монанди инҳо маълумот додааст. Азбаски ин қисмати асар доир ба илмҳои машҳури замонаш аст, ӯ дар таълим додани онҳо роҳеро пеш мегирад, ки онро шартан гирифтани маълумоти миёна доир ба ё он илми роиҷи рӯзгор номидан мумкин аст. Масъалаи пешниҳоди омӯзиши аҳкоми нуҷум ва ё мантиқу мунозира, агар дар такя ба методи таълими қадимиён бошад, пас дар таълими ҷуғрофия ва ҳандаса ӯ аз дастурҳои илмӣ ва асарҳои таълимии аврупоиён истифода кардааст, ки ин кори ӯ як нишонаи беҳтарини баҳрабардорӣ аз илми пешрафтаи дунё мебошад.

Қисмати дуюми китоб бошад, «Маҷмаъ-ул-фунун» ном дошта, маънояш тамоми ҳунарҳо аст. Фан гуфта дар гузашта ҳунарро мефаҳмиданд ва дар китоб дар байни илм ва ҳунар фарқ гузошта шудааст.

Барои он ки ҳунарҳо чунонки дар «Маҷмаъ-ул-фунун» аст, ба таври пуррагӣ фарогир бошанд ва дар бораи ҳар кадоми онҳо маълумот дода шавад, масъалаи таснифоти ҳунарҳо, яъне классификатсияи онҳо ба миён меояд.

Масъалаи дигар бошад, дода тавонистани назарияи даркорӣ доир ба омӯзиши ин ё он ҳунар аст, ки Муҷмалӣ барои ноил гардидан ба ин кор аз маъхазҳои гуногун истифода кардааст. Дар масъалаи таснифи ҳунарҳо Воҷидалии Муҷмалӣ ба як масъала таваҷҷуҳи хос зоҳир кардааст, ки ин ҳам бошад, ривоҷи ҳунарҳо дар шаҳрҳо мебошад. Яъне, ӯ доир ба тамоми ҳунарҳое, ки дар замони зиндагияш дар шаҳрҳои Ҳиндустон маъмул буданд, маълумот медиҳад ва муҳимтарин нуктаҳоро барои омӯзиши ҳар ҳунар таъкид менамояд.

Воҷидалии Муҷмалӣ ҳамаи ҳунарҳо ва фанҳоро ба чор навъ тақсим мекунад ва доир ба ҳар яки онҳо як боби китобро ихтисос медиҳад. Бобҳо аз фаслҳо иборатанд. Чунончи, дар муқаддимаи асараш ӯ таъкид мекунад: «Ба дафтари дуюм, яъне «Маҷмаъ-ул-фунун» кайфият ва камияти ҳар фан аз тадбир ва таркиб ва суду зиён ва ҳусну қубҳ ва ҳилату ҳурмати он ба қадри дарёфт ва маълумоти худ мундариҷ сохтам ва чун ҳунарҳо ба ҳасби

маротиб зиёда аз чор мартаба набошанд – аъло ва авсат ва данӣ ва адно. Лиҳозо фунун ва ҳунарҳои ин маротиби чаҳоргона ба чаҳор боб дар «Маҷмаъ-ул-фунун» навиштам» [3, с. 6].

Мутобиқи ин таснифоти муаллиф ҳунару фанҳои зерин ба гурӯҳи аъло – беҳтарин дохил мешаванд, ки мутобиқи фаслҳои китоб чунинанд: таъбири хоб, байторӣ, мулоибат, ҷавҳарӣ, матбахӣ, ҷаррохӣ, сайёдӣ, куҳҳолӣ, қобила, филбонӣ, муаллимӣ, адибону атобакон, қоригӣ, хаттотӣ, чобуксаворӣ, кошикорӣ, табъ, разм, мусаввирӣ, тоҷирӣ, соҳукорӣ, паҳлавонӣ, шоҳидбозӣ, нилгарӣ, муҳрканӣ. Дар бисту ҳашт фасли ин боб доир ба як ҳунар ва ё фан маълумот дода шудааст, аммо дар фасли бисту нуҳум, ки «Санъатҳои аҷиба» ном гирифтааст, доир ба чанд санъат, ба монанди сохтани ранг (барои навиштан), нарм кардани тилло, аз рустаниҳо баровардани намак, кашидани равғани ба палос рехташуда ва амсоли инҳоро шарҳ медиҳад. Агар бо замони ҳозира қиёс кунем, дар ин фасл маслиҳатҳо ва маълумоти барои зиндагии рӯзмарра зарурӣ ҷой дода шудаанд, ки барои хонанда аз манфиат холӣ нестанд ва ба дастурҳои рӯзгордорӣ шабоҳат доранд [3, с. 468 – 471]. Фанҳои аъло бино ба маълумоти Воҷидалии Муҷмалӣ фанҳо ва ё ҳунарҳоеанд, ки дар байни мардум ба онҳо зарурат бештар аст ва омӯхтани онҳо ва ё донистани маълумоти муқаддимавӣ дар бораашон барои мубтадион – наврасону ҷавонон муҳим ба шумор меравад.

Боби дуюми асар бошад, доир ба 55 ҳунари авсат (мобайнӣ) таҳия гаштааст ва ҳунарҳои зеринро фарогир аст: оҳангарӣ, мидодсозӣ, зангорсозӣ, ғаллафурӯшӣ, оташбозӣ, зарффурӯшӣ, ранг кардани оҷ, минокорӣ, шангарфсозӣ, пайванди обгина ва чинӣ, собунгарӣ, заргарӣ, сангтарошӣ, доруфурӯшӣ, саббоғӣ, мурғбозӣ, баззозӣ, хайётӣ, обдорӣ, рангсозӣ, табақтарошӣ, ҳалвопазӣ, мураббофурӯшӣ, наҷҷорӣ, алоқабандӣ, шиногарӣ, руфӯгарӣ, ғаввосӣ, меъморӣ, торкашӣ, кимиёгарӣ, нассоҷӣ, атрфурӯшӣ, мутрибӣ, тамокуфурӯшӣ, қалъигарӣ, наълбандӣ, коғазсозӣ, сайқалгарӣ, зардӯзӣ, даллолӣ, шишагарӣ, чаҳочасозӣ, мурассаъсозӣ, панирсозӣ, тамъсозӣ, ҳаккокӣ, боғбонӣ, ҳаммомӣ, ҷилдгарӣ ва ғ.

Дар боби сеюми асар, ки онро фунуни данӣ (паст) меномад, доир ба ҳунарҳои зерин маълумот дода шудааст, ки инҳоянд – мӯтарошӣ, козургарӣ, шутурбонӣ, саисӣ, обкашӣ, сайёдӣ, фаррошӣ, хидматгорӣ, чӯпонӣ, дарбонӣ, гадоӣ, кӯзагарӣ, ширфурӯшӣ, ҳаҷҷомӣ, табардорӣ, муздурӣ, белдорӣ, сабадгарӣ, даббоғӣ, ҳаммолӣ, моҳигирӣ ва амсоли инҳо.

Дар боби чаҳорум бошад, аз фунуни адно (пасттарин) сухан мекунад ва ин боб камтарин боби китоб буда, дар он мазаммати фанҳое чун қиморбозӣ, қалёнӣ, раҳзанӣ ва амсоли инҳо бо як ё ду ҷумла маълумот додааст.

Аз нуқтаи назари тақсимоти касбу ҳунарҳо дидгоҳи Воҷидалии Муҷмалӣ, ба андешаи мо, аз чунин омилҳо баромадааст:

1. Аз лиҳози иҷтимоӣ. Маъруфият ва даромаднокии хуби касбҳо, ки беҳтаринашро дар боби якум овардааст;

2. Гурӯҳи касбҳо ва ҳунарҳои авсатро аз лиҳози даромаднокӣ ва заруриятташон ба ҷомеа таҳлил мекунад, ки ҷанбаи иқтисодӣ низ дорад.

3. Муносибати мардум нисбати касбҳо, ки ӯро водор кардааст, як гурӯҳи ҳунарҳоро ба табақаи ҳунарҳои паст ҷой диҳад.

4. Нигаҳ доштан аз хатари беҳунарӣ ва машғул нагардидан ба касбҳои пасттарин.

Таснифоти Воҷидалии Муҷмалӣ дар низоми имрӯзаи тақсимоти касбу ҳунарҳо рост намеояд ва, албатта, барои он таъсири муҳит ва замони зиндагии муаллиф ҷой дорад. Аммо, аз тарафи дигар, ин китоб маводи хуберо барои омӯзиши педагогикаи касбу ҳунарҳо ва этнопедагогикаи халқи тоҷик дода метавонад.

Аз нуқтаи назари педагогика як нуктаи ҷолиби диққат дар он аст, ки перомуни фунуни боби якуми китоб маълумоти фаровонтар дода мешавад ва зоҳиран дар он давра донистани ин фанҳо маҳорат ва малакаи зиёдро талаб мекардааст.

Принсипи омӯзонидани ҳар фан ва ё касб дар «Маҷмаъ-ул-фунун» бо тартиби зерин сурат мегирад:*таърихи мухтасари касб; маълумоти умумӣ доир ба он касб; маълумоти зарурӣ доир ба он касб; хулоса.*

Дар қисмати якум таърихи мухтасари пайдошавии ин ё он касбро баён мекунад ва, албатта, ин таърих баргирифта аз китобҳои динӣ ва ё ақволи мазҳабӣ мебошад, ки аз нуқтаи назари илмӣ шояд асос надошта бошанд. Масалан, доир ба фанни бойтории асп дар бораи пайдоиши аспон маълумот дода, зикр мекунад, ки дар замони зиндагии Сулаймон пайғамбар як гурӯҳ мардуми Хуросон ба ӯ шикоят мекунанд, ки аспҳои болдор заминҳои кишти онҳоро поймол мекунанд. Сулаймон ба девҳо амр мекунад, ки он аспҳоро дошта оранд. Девон он аспҳоро дошта наметавонанд, чунки хеле пурқувват буданд. Пас бо ҳила ба ҷойи обнӯшии аспон шароб пур мекунанд ва 1000 аспро маст карда, медоранд

ва ба назди Сулаймон меоранд. Сулаймон амр медиҳад, ки онҳоро сар зананд. Баъди ба қатл расонидани 900 асп фаришта Ҷабраил назди Сулаймон ҳозир шуда, ӯро аз ин кор бозмедорад. Сулаймон дуо мекунад, ки қуввати парвози аспҳо бардошта шавад ва бино бар гуфтаҳои Муҷмалӣ аспҳои тозӣ – арабӣ аз насли ҳамон 100 аспи зиндамонда аст [3, с. 336].

Ҳамин тариқа доир ба ҳар касбу ҳунар маълумоти мухтасар ва ё ҳикояеро зикр мекунад. Агар инро аз нуқтаи назари педагогика таҳлил кунем, ҳар соҳибкасбро лозим аст, ки таърихи пешаашро донад. Дар асрҳои миёна ба ин кор аҳамияти махсус дода мешуд. Ҳадаф чунин буд, ки соҳиби ҳунар бо донистани таърихи касбаш аз он ифтихор кунад. Дигар сабаб дар он буд, ки ба пешааш ҳамчун кори муқаддас ва амале, ки бузургону пайғамбарон ва устодон онро ба ҷо овардаанд, муносибат карда, ба он содиқ монад. Доир ба ин самт муҳаққиқони педагогика баён медоранд, ки мақсади раванди педагогикаи касбӣ ду навъи натиҷа лозим аст: маънавӣ ва моддӣ [1, с.11].

Пӯшида нест, ки дар гузашта дар педагогикаи бостонии Ҳинд ва умуман дар кишварҳои Шарқ симои устод барои шогирд шахси муқаддас дониста мешуд. Бинобар ин дар педагогикаи қадимаи Ҳиндустон гуфта мешавад, ки падару модар тани фарзандро ба вуҷуд меоранд, устодон бошанд, ба он шакл ва ҷисм мебахшанд [4, с.199].

Қисмати дуюм, ки аз аҳамияти касб аст, хусусияти маълумотдиҳӣ дошта, мухтасар перомуни он касб маълумот медиҳад, ки барои чӣ он касб зарур аст. Масалан, дар бораи касби ҷарроҳӣ – шикастабандӣ овардааст: «Бидон, ки фанни ҷарроҳон иборат аст аз донистани тадобири ақсоми ҷароҳот ва заработ ва фасаду қатъи гӯшт ва устухони шикаста ва устухоне, ки аз ҷойи хул лағзида бошад ва дӯхтани сари захм ва мутааллиқоти он ва ин фан шуъбае аз илми тибб аст» [3, с. 347]. Яке аз унсурҳои хосси ин қисмат саршавии он бо таркиби «бидон, ки» мебошад, ки он қариб дар ҳамаи китобҳои дарсии асримиёнагӣ мавриди истифода қарор дошт.

Қисмати сеюми ҳар фасли китоб қисмати асосӣ ва муҳим буда, дар он мухтасаран оид ба ҳолатҳо ва амалҳои барои ҳамон касб зарурӣ маълумот дода мешавад. Ин маълумотро Муҷмалӣ аз китобҳои соҳавӣ ва ё аз устодони пеша гирдоварӣ кардааст. Дар ин қисмати фаслҳо тарзи баёни муаллиф сода ва оммафаҳм аст ва ба назар мегирад, ки мубтадион – наврасон онро фаҳманд. Масалан, барои фаҳмонидани қад ва дарозии асп ӯ ченакҳои дарозиро махсус истифода намебарад, балки онро бо ангуштон муайян мекунад. «Ва бидон, ки ҳадди баландии асп сад ангушт ва ҳадди дарозияш аз сар то бехи дум саду шаст ангушт ва ҳадди даври шикам ва кашиш миқдори сад ангушт ва асп аз ин қадри муайян баландтар ва дарозтар ва ситабртар набошад» [3, с.340].

Ҳамин тавр, дар ҳар фасл ҷузъҳои асосии он хунар мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати охирон хулосаи худи муаллиф доир ба он ҳунар баён мегардад.

Аксарияти касбу ҳунарҳое, ки Воҷидалии Муҷмалӣ дар бораи онҳо маълумот додааст ва барои мубтадион тарзи омӯзиши онро баён кардааст, мумкин аст, ки имрӯзҳо дар истифода набошанд, аммо аз чанд ҷиҳат мо метавонем, ки хидмати ӯро дар рушди педагогикаи тоҷик, дидактика ва методикаи омӯзонидани касбҳо арзишманд номем. Воҷидалии Муҷмалӣ шояд нахустин нафаре буд, ки барои ба меъёрҳои замонааш мутобиқ гардонидани китобҳои дарсӣ заҳмат кашид. Консепсияи додани маълумоти миёнаро ба мубтадиён ӯ пешниҳод кард ва дар баробари илмҳои замонаш: алифбо, сарф, наҳв, қофия, фиқҳ, таърих, илоҳиёт ва амсоли инҳо ӯ зарур шуморида буд, ки наврасон доир ба ҳунарҳо низ маълумот пайдо карда бошанд. Дар қисмати ҳунарҳо Муҷмалӣ маълумоти ибтидоиро назди хонанда мегузорад ва омӯхтани нозукиҳои онро ба худи мубтадӣ вогузор мекунад.

Доир ба классификатсияи ҳунарҳо андешаҳои Воҷидалии Муҷмалӣ дар замонаш мубрам буд, аммо дар шароити кунунӣ он таснифот дигаргуниро мехоҳад, зеро касбу ҳунарҳои нави замонавӣ ба вуҷуд омадаанд. Муҷмалӣ дар асри худ доир ба мадрасаҳо маълумот дошт ва дар тасаввури ӯ муассисаҳое чун омӯзишгоҳҳои касбӣ, муассисаҳои махсуси ҳунаромӯзонӣ мавҷуд набуд. Аз ин хотир, ӯ зарур медонист, ки ҳамаи ин маълумотро дар мадраса мубтадион аз худ кунанд. Яъне, дар давраи мактабхонӣ доир ба ҳамаи соҳаҳои дар замонашон мавҷуда маълумот дошта бошанд.

Ин гуна андешаҳои Воҷидалии Муҷмалӣ бо назарияи тарбияи меҳнатии Иоҳан Генрих Песталотсси (1746 – 1827) мувофиқат мекунад. Маълум аст, ки олими номбурда дар педагогика ташкил намудани китоби махсуси «Алифбои малакаҳо»-ро пешниҳод карда буд [2, с. 83]. Муҷмалӣ гарчанд ки бо ин олим мулоқот накардааст, аммо назарияи ӯро, ки дар Аврупо пайдо гашта буд, дар Ҳиндустон амалӣ карда, «Алифбои малакаҳо»-ро таҳия намудааст. Таснифоти фунун ба навъҳо ба он водор мекунад бифаҳмем, ки барои ҳар табақаи ҳунар бояд таваҷҷуҳ зоҳир гардад. Ҳунарҳои аълоро ӯ бештар шарҳу тавзеҳ

медиҳад. Онҳо ҳунарҳоеанд, ки ба ғайр аз донистани қоидаҳо доштани дониши муайянро ҳам талаб мекунанд. Дар бораи ҳунарҳои авсат – мобайнӣ бошад, нуктаҳои асосияшро зикр мекунад. Дар бораи интихоби ҳунарҳои мобайнӣ ӯ хеле эҳтиёткор аст ва муҳимтарин асрори касби зикршавандаро баён медорад.

Муносибати ӯ дар ин самт чунон аст, ки ба хонанда маълумоти асосиро медиҳад, аммо ҳаргиз кулли асрорро намегӯяд ва хонандаашро водор мекунад, ки агар ба он шавқ пайдо кунад, аз устоди касб онро пурра омӯзад. Фунуни паст, ба монанди гадоӣ кардан низ, дар чаҳорчӯбаи одоб ва қоидаҳои он фан амал намояд. Барои гадоӣ кардан ӯ ба таври одӣ ва осон қоидаҳояшро шарҳ медиҳад ва менависад, ки агар гадоӣ мекарда бошад, бояд дар ҳама ҷо гадоӣ кунад, аз ҳар кӣ садақа пурсад ва ҳар чӣ диҳанд, онро рад накунад. Ба назар аҷиб менамояд, аммо он ахлоқу одоби гадоиро ҳам тавсия медиҳад, меомӯзонад.

Воҷидалии Муҷмалӣ бо таълифи китобаш муътақид аст, ки мардум ва бахусус мубтадион – наврасонро бо ҳамаи касбу ҳунарҳо ошно кардан даркор аст, то ки касби ба худашон даркориро аз бар намоянд. Дар замони муосир ба илми педагогика таснифоти ҳунарҳои Воҷидалии Муҷмалӣ танҳо як сарчашмаи таърихӣ аст ва дар рӯзгори мо аз ин истифода кардан ба мақсад мувофиқ нест. Аммо дар бораи ҳунарҳои мардумӣ, ки имрӯз ҳам дар байни халқ роиҷ мебошанд, маълумот ва тавсияҳои Воҷидалии Муҷмалӣ метавонад, ки раҳнамои воқеӣ бошад.

Маълумоти Воҷидалии Муҷмалиро доир ба тайёр кардани ранг барои навиштан агар истифода бурда, таркиб – ранги давотро созем, пас мо бо ин роҳ метавонем, ки як ҳунарро зинда кунем. Бо истифодаи маълумоти Воҷидалии Муҷмалӣ гиёҳу рустаниҳоеро барои сохтани ранги давот кор фармуда, ин ҳунари қадимаро эҳё кардан мумкин аст. Аз ҳамин хотир, чунин маълумотро барои дарсҳои амалӣ ва эҳёкунии муассисаҳои таълимии касбомӯзӣ, масалан дар литсейи ҳунарҳои халқӣ истифода карда, асрори қадимаи рангсозиро ҳам кушоем. Ин роҳ имкон медиҳад, ки як касби қадима ва ё технологияи гумшуда боз аз сари нав эҳё гардад.

### АДАБИЁТ


1. Абдыкаримов Б.А. Профессиональная педагогика / Б.А.Абдыкаримов, А.М.Абдыров, Г.Д. Баубекова. – Астана, 2008. – 309 с.
2. Константинов Н.А. ва дигарон. Таърихи педагогика / Н.А.Константинов.–Душанбе: Маориф, 1982. – 504 с.
3. Муҷмалӣ Воҷидалӣ. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун. – Калкатта: Нувал Кишур, 1895. – 552 с.
4. От глиняной таблички – к университету / Под редакцией профессора Т.Н. Матулис. – М.: Издательство РУДН, 1998. – 531 с.
5. Саетгареева Р.Х. Воспитание студентов на основе народной культуры / Р.Х. Саетгареева. Современная этнопедагогика: проблемы и перспективы развития: Материалы межрегиональной научно-практической конференции молодых ученых (Уфа, 16 апреля 2010 г.). – Уфа: РИО РУНМЦ МО РБ, 2010. – 208 с.
6. Юсупов И.Ф. Воспитательная роль искусства / И.Ф. Юсупов. Современная этнопедагогика: проблемы и перспективы развития: Материалы межрегиональной научно-практической конференции молодых ученых (Уфа, 16 апреля 2010 г.). – Уфа: РИО РУНМЦ МО РБ, 2010. – 208 с.


### ТАСНИФОТИ КАСБУ ҲУНАР ВА ТАРТИБИ ОМӮЗОНИДАНИ ОНҲО АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ ВОҶИДАЛИИ МУҶМАЛӢ


Воҷидалии Муҷмалиро яке аз навоварони педагогикаи Шарқ номидан мумкин аст. Ӯ ҳанӯз дар асри XIX барои хонандагони мадрасаҳо – мактабҳо китоби дарсӣ барои омӯзиши ҳунарҳо таълиф карда буд. Яке аз масъалаҳои барои таълифи чунин китоб зарурӣ – таснифот, классификатсияи ҳунарҳо ба шумор мерафт. Воҷидалии Муҷмалӣ ҳунарҳоро ба чор навъ тақсим карда, вобаста ба аҳамияташон барои таълими онҳо дар асараш маълумот додааст. Доир ба тарзу усулҳои омӯхтани ҳар навъи ҳунар Воҷидалии Муҷмалӣ роҳҳо ва методҳои муайянро пешниҳод кардааст. Ҳамчунин, ӯ пешниҳод кардааст, ки ҳар ҳунар дар баробари афзалият ба худ хос хатарҳо ҳам дорад, ки эҳтиёт дар ин гуна касбу корҳо ногузир аст. Дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» доир ба 55 ҳунари авсат ҳам маълумот дода шудааст, ки аксарияти он ҳунарҳо то кунун мавҷуданд ва тарзи омӯзонидани онҳо, ки Муҷмалӣ пешниҳод кардааст, барои имрӯз ҳам аҳамиятнок мебошад. Андешаҳои ӯ перомуни масъалаи таснифи ҳунарҳо бахши муҳимеро аз таърихи педагогика ва этнопедагогикаи халқи тоҷик кушода медиҳад.



**Калидвожаҳо:** таснифоти ҳунарҳо, китоби дарсӣ, таърихи пайдошавии ин ё он касб, Муҷмалӣ, байторӣ, педагогикаи миллӣ, фарҳанги омӯзонидани касбу ҳунар, «Маҷмаъ-ул-фунун», ҳунарҳои шаҳрӣ.


### СИСТЕМАТИКА РЕМЕСЕЛ И ПОРЯДОК ИХ ОБУЧЕНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ВОДЖИДАЛИ МУДЖМАЛИ


Воджидали Муджмали является одним из новаторов педагогики Востока. В XIX веке он составил учебник для учащихся мактабов и медресе в Индии на персидско-таджикском языке. В своей книге Воджидали Муджмали утверждает, что наиболее важным для обучения ремеслу является их классификация. Воджидали Муджмали, разделив ремесла на четыре группы, излагает мысль об обучении азам ремесленничества учащихся. По мнению Воджидали Муджмали, каждое ремесло имеет своё превосходство и свою специфику. Автор, излагая свою мысль о методике обучения ремеслам, инструктирует читателей о соблюдении правил безопасности. В книге «Матлаъ-ул-улум ва маджмаъ-ул-фунун» перечислены 55 видов ремёсел, некоторые из этих ремёсел существуют до настоящего времени. Методика обучения ремёслам и

наставления, которые изложил в своей книге Муджмали, являются актуальными по сей день. Его мысли об обучении ремёслам имеют весомый вклад в истории педагогии и этнопедагогики таджикского народа.
**Ключевые слова**: классификация ремёсел, учебное пособие, история появления ремёсел, Муджмали, ветеринария, национальная педагогика, культура изучения ремёсел, «Маджмаъ-ул-фунун», городские ремесла.

**CLASSIFICATION OF CRAFT AND PROFESSION AND METHODS OF THEIR TEACHING FROM THE VIEWPOINT OF VOJIDALII MUJMALI**

Vojdali Mudzhmal is one of the innovators of the pedagogy of the East. He compiled a textbook for students of schools and madrasahs in India in the Persian-Tajik language referring to the XIX century. One of the most important issues beset with craft learning is their classification. Vojdali Mujmali divided crafts in four groups and in his book expresses his own thought about teaching students the basics of crafts and handicrafts. According to Vojidali Mujmali, each craft has its own superiority and each of them has a certain danger. The author outlining these dangers instructs readers about the observance of safety rules. In the book “Matla-ul-ulum wa majma-ul-funun” 55 crafts and trades are considered middle professions. Some of these handicrafts and trades exist to the present and when teaching the students the instruction and the methods of teaching the crafts that Mujmali described are relevant. His thoughts about the study of crafts have a significant imprint in the history of pedagogy and ethnopedagogy of the Tajik people.
**Key words:** classification of crafts, types of professions, Mujmali, veterinary, national pedagogy, culture of studying crafts, «Majma`-ul-funun», urban crafts, and history of crafts.

**Сведения об авторе:** ***Аюбова Манижа Зокирджоновна*** **–**Худжандский государственный университет им. Бободжона Гафурова, соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики. **Адрес:** 735700, Таджикистан, г. Худжанд, улица Мавлонбекова 1. E-mail: **mubinakhon@inbox/ru**

**Information about the authors:** ***Ayubova Manizha Zokirjonovna*** - Khujand State University named after acad. B. Gafurov, claimant for candidate degree of the department of social and professional pedagogy under. **Address**: 735700, Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov st. 1. E-mail: **mubinakhon@inbox/ru**

**УДК:372.800.8 (575.3)**

# ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ НАПРАВЛЕННОСТИ ЛИЧНОСТИ В ЦЕЛЯХ ПРОФОРИЕНТАЦИИ

***Насырова М.Н.***
**Институт экономики и торговли ТГУК в г. Худжанде**

Происходящие в Республике Таджикистан преобразования в социально-политической и экономической жизни, переход на рыночные отношения привели к реформе современных общеобразовательных учреждений, суть которой заключается в создании такой системы образования, которая способствовала бы решению задачи расширения возможностей осознанного выбора каждым выпускником своего жизненного трудового пути.

Крайне важно, чтобы к каждому выпускнику общеобразовательного учреждения пришло понимание того, что рассчитывать на успех в условиях рынка сможет лишь тот, кто получил надлежащую профессиональную подготовку, владеет умениями и навыками общения, обладает способностью адаптироваться к новым условиям труда, быть конкурентоспособным, мобильным. Согласно «Национальной концепции образования Республики Таджикистан», наиболее перспективным направлением для современных общеобразовательных учреждений определено профильное дифференцированное обучение, осуществляемое в рамках профориентационной работы, которая, в свою очередь, ориентирована на учет индивидуальных особенностей школьника. Ожидается, что такое обучение способно повысить эффективность профессионального самоопределения, сделать его более адекватным особенностям личности, может обеспечить здоровье учеников ценой наименьшего напряжения их в ходе обучения.

В тех случаях, когда процесс образования ориентирован на формирование профессионального самоопределения школьников, существенно возрастает роль диагностики возможностей ученика, что позволяет решить, с одной стороны, вопрос пригодности используемой в обучении образовательной программы, а, с другой, то, как осуществляется поддержка и развитие возможностей ученика через процесс его сотрудничества с взрослыми и сверстниками.

Общеобразовательное учреждение является именно тем учебным заведением, где подрастающее поколение начинает свое знакомство с миром профессий, приобретает первый опыт в формировании личного интереса к различным видам деятельности, когда на старшей ступени общеобразовательных учреждений проводится профильное обучение как средство дифференциации и индивидуализации обучения, позволяющее создавать условия для развития способностей старшеклассников, в соответствии с их профессиональными интересами.

Специалисты по профориентации, в том числе школьные психологи, должны выявлять профессиональные диспозиции учащихся, помочь детям познать свои индивидуальные психофизиологические особенности.

“Профориентация–это система психолого-педагогических, медицинских и государственных мероприятий, помогающих человеку, вступающему в жизнь, научно обоснованно и устойчиво избрать свою профессию, с учетом как потребностей общества, так и своих интересов и способностей. Эти мероприятия обобщают интересы общества и личности” [7,с.67]. По мнению академика С.Я. Батышева, “профессиональная ориентация-целенаправленная деятельность, связанная с формированием у подрастающего поколения профессиональных интересов и склонностей, в соответствии с личными способностями, потребностью общества и пригодностью к той или иной професии” [2,с.64]. Профориентационная работа со школьниками, осуществляемая в учебное и во внеучебное время, должна обеспечивать развитие индувидуальных особенностей и творческих способностей каждого учащегося, формировать профессиональную направленность в единстве личных и общественных интересов. В словаре русского языка С.И. Ожегова понятие “интерес” трактуется таким образом: “Интерес - внимание, возбуждаемое чем–нибудь значительным, привлекательным” [5,с.23].

“Развитие творческих способностей-процесс длительный и сложный, поэтому начинать ведение работы в этом направленнии целесообразно с первых дней пребывания ребенка в школе” [1,с.237]. Одна из важнейших педагогических проблем заключается в формировании профессиональной направленности у школьников в процессе обучения. Как показывает опыт исследований, более ранний выбор профессии, соизмеренный с индивидуальными способностями и возможностями личности, содействует более интенсивному развитию у нее процессов социализации, более гармоническому развитию. По определению С.Л. Рубинштейна, личность понимается, как “воедино связанная совокупность внутренних условий, через которые преломляются все внешние воздействия” [8,с.240].

Исследуя понятие личности, Б.Д. Парыгин, со своей стороны, приходит к такому заключению: “...в целом можно предложить следующее определение: “личность - это интегральное понятие, характеризующее человека в качестве объекта и субъекта биосоциальных отношений и объединяющее в нем общечеловеческое, социально-специфическое и индивидуально неповторимое” [6,с.106]. Примерно подобное определение личности дает и С.С. Слободянюк, который отмечает, что “личность-конкретный человек, являющийся субъектом и объектом определенной социальной структуры и характеризуемый индивидуальным проявлением ее сущности” [10,с.52].

Видный таджикский педагог А.М. Миралиев в своей монографии “Система профессиональной ориентации и трудового воспитания школьников”, анализируя структуру личности, пишет: “Элементами психологической структуры личности являются ее психологические свойства и особенности, обычно называемые “чертами личности”. В продолжении этой темы, скажем, что только в Словаре русского языка С.И. Ожегова, содержащем 51333 слова, около 15000 слов означают свойства личности. В грузинском языке их около 4000, в болгарском – 2500, а в таджикском – 5500” [3,с.31]. А.М. Руденко в своей книге “Психология” пишет: “Личность-совокупность индивидуальных особенностей человека, которые делают его существом нравственным и определяет его как члена общества. Понятие личность отражает всё, что есть в человеке надприродного, исторического” [9,с.465]. Русский психолог Немов Р.С. подчёркивает: “Личность -это человек, взятый в системе таких его психологических характеристик, которые проявляются в общественных поступках человека, являются устойчивыми и определяют поступки, имеющие существенное значение для него самого и для окружающих” [4,с.341].

Доминирование профессиональных интересов и ценностных ориентаций, связанных с самовыражением личности в профессиональной деятельности, повышают творческий потенциал человека, благотворно влияют на его волевые и нравственные качества. Профессиональную направленность мы рассматриваем как установку на развитие личности в соответствии с требованиями деятельности.

В общеобразовательных учреждениях №19, 20, 21 и 22 г. Худжанда мы провели диагностику, о которой было упомянуто выше, для изучения факторов, определяющих выбор профессии учащимися старших (9–11) классов. Было установлено, что современные социально-зкономические условия жизни, призванные решительно влиять на выбор профессии и на формирование профессиональной направленности, являются ориентирами в выборе профессии лишь для незначительной части учащихся (от 20 до 25%).

Подавляющее число старшеклассников, как показал опрос, выбирают профессию лишь на последних этапах обучения, когда практически не остается времени на полномасштабную работу и, по этой причине, выбор профессии для этих учащихся носит случайный характер. Такой разброс профессиональных интересов школьников лишь подтверждает все еще имеющиеся недостатки в формировании профессиональной направленности в общеобразовательных учреждениях, а существующие различия по уровню развития профнаправленности и ее структуры являются косвенным свидетельством этих недостатков. Наиболее важное значение в структуре профнаправленностии имеют профессиональные интересы, ценностные ориентации, связанные с самовыражением в профессиональной деятельности и психологической готовностью к труду (см. таблицу).

**Таблица 1. Уровни развития профнаправленности школьников**

| № п/п | Показатели профнап-равленности | Уровни развития профнаправленности | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Высокий | Средний | Низкий |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1. | Интересы (поэнавательные и профессиональные) | Имеют, как правило, широкий, соддержательный и устойчивый характер. Ведущим является интерес к своей будущей профессии, к самому процессу труда | Познавательные интересы достаточно содержательны, но отличаются некоторой узостью и неустойчивостью. Профессиональные интересы преобладают, но они не всегда устойчивы | Познавательные интересы развиты слабо или совсем отсутствуют. Профессиональные интересы неустой чивы, нередко совсем отсутствуют |
| 2. | Ценностные ориентации | Выработана система общественно значимых ценностных ориентаций, которые гармонически сочетаются с ориентациями, выражающими глубокое понимание общественной и личной значимости професии | Ценностные ориентации выражают положительное отношение к предостоящей профессиональной деятельности | Доминируют ориентации, связанные с получением специального образования |
| 3. | Психологическая готовность к труду | Характерно большое трудолюбие, сообранность, развитое чувство ответственности | К работе, как правило, относится добросовестно, но нередко требует побуждений со стороны учителя или других лиц | Отсутствует трудолббие, ответственность в работе; к предстоящей профессиональной деятельности относится равнодушно |

Проведенная нами диагностика в общеобразовательных учреждениях №19, 20, 21 и 22 г. Худжанда показывает, что родители в наше время продолжают существенно влиять на своих детей в плане выбора ими будущей профессии. Было опрошено 116 учащихся десятых классов. На вопрос: «В какой мере Ваши профессиональные намерения совпадают с рекомендациями Ваших родителей?» получены следующие данные:

- полностью или высокой степени – 36%;
- в значительной мере – 32% ,
- родители не интересуются моим выбором профессии – 9%;
- решаю вопрос выбора профессии самостоятельно, без учета мнения родителей – 18%;
- мой выбор резко противоречит советам родителей – 5%.

Как видно из приведенных ответов, подавляющая часть старшеклассников предпочитают при выборе профессии советоваться с родителями, что естественно для их возраста, когда еще сравнительно мало жизненного опыта. При этом, мнения родителей порой становятся решающими. Качественный анализ профессионального выбора выпускников школы и тех рекомендаций, которые им дают родители (с ними проводилось дополнительное исследование), показывает, что круг избираемых и рекомендуемых профессий, к сожалению, слишком узок (выявлено всего 9 предпочитаемых ими профессий). В основном это профессии в сфере

обслуживания, инженерный и педагогический труд, медицина. Что касается производственной сферы, то ей предпочитают посвятить свои силы только 18% учащихся. Это говорит об однобоком и недостаточно компетентном выборе профессии, как со стороны учащихся, так и со стороны родителей, что свидетельствует о низком престиже ряда важных профессий у школьников и их родителей. В связи с этим, актуальной остается задача профессионального просвещения не только школьной молодежи, но и родителей. Наш опыт показывает, что наиболее эффективными формами профессионального просвещения являются:

1. Создание при общеобразовательном учреждении специальных кабинетов по профориентации и подготовка материалов о различных видах профессиональной деятельности;
2. Организация при общеобразовательном учреждении специальных лекториев для учащихся и их родителей по проблемам профессионального выбора;
3. Тесное сотрудничество общеобразовательного учреждения с промышленными предприятиями города и области и проведение совместной с ними профориентационной работы.

Полезны и эффективны также профессиональные консультации, проводимые для школьников и родителей школьными врачами, психологами, учителями и специалистами различных сфер народного хозяйства.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Азизов А.А. Теоретические основы развития творческих способностей учащихся в кружковых занятиях по технологии / А.А. Азизов, М.И. Нуриддинова // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе: Сино, 2012. -№3/7(99) –С.237.
2. Батышев С.Я. Трудовая подготовка школьников / С.Я. Батышев // Вопросы теории и методики. -М.: Педагогика. 1981. –С. 64.
3. Миралиев А.М. Система профессиональной ориентации и трудового воспитания школьников / А.М. Миралиев. -Душанбе: Ирфон, 2004. -258 с.
4. Немов Р.С. Психология / Р.С. Немов. -М.: Издательство Юрайт, ИД Юрайт, 2013. -341 с.
5. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С.И. Ожегов. -М: Издательство “Советская энциклопедия”, 1973. – С. 23.
6. Парыгин Б.Д. Основы социально-психологической теории / Б.Д. Парыгин. – М.: Мысль, 1971. -106 с.
7. Платонов К.К. Цели и задачи профессиональной ориентации. В кн.: Профессиональная ориентация молодежи / К.К. Платонов. -М.: Высшая школа, 1978. – С 67.
8. Рубинштейн С.Л. Проблемы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. -М.: Педагогика, 1976. -240 с.
9. Руденко А.М. Психология / А.М. Руденко. -Ростов-на-Дону: “Феникс”, 2012. -465 с.
10. Слободянюк С.С. Личность как ценность / С.С. Слободянюк. -М.: Мысль, 1971. –С. 52.


## ОМӮЗИШИ РАВИШҲОИ КАСБИИ ШАХСИЯТ БО МАҚСАДИ КАСБИНТИХОБКУНӢ


Дар замони муосир бисёр муҳим аст, ки ҳар як хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ дарк намояд, ки танҳо касоне, ки омӯзиши касбии муносиб, малакаҳо ва маҳоратҳои муносибат намудан, қобилияти мутобиқ шудан ба шароити нави корӣ доранд, рақобатпазиру сертаҳарруканд, метавонанд дар шароити бозор муваффақ шаванд. Имкони ҳалли ин вазифаи муҳимми давлатӣ тавассути таълими махсуси тафриқавӣ, ки дар чаҳорчӯбаи корҳои касбинтихобкунӣ анҷом дода шуда, дар навбати худ, диққати махсус ба хусусиятҳои фардии донишҷӯ дода мешавад, тамаркуз дорад. Дар мақолаи мазкур натиҷаҳои ташхиси сатҳҳои ихтисоси касбии донишҷӯёнро дар асоси нишондиҳандаҳои гуногуни самти касбӣ пешниҳод шудаанд. Ба таври хос ҳангоми посух додан ба саволи "То чӣ андоза ҳадафи касбинтихобкунии шумо бо тавсияҳои волидони шумо мувофиқат мекунад? " муайян карда шуд, ки чӣ тавр дар раванди ҳамкорӣ бо волидон имкониятҳои хонанда дастгирӣ ва тавсеа дода мешавад. Ташхисҳои гузаронидашуда иттилоотеро манзур намуданд, ки барои омӯзиш ва таҳлили усули касбӣ, усулҳои арзишнок ва хусусиятҳои шахсии хонандагони синфҳои 9-11, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Хуҷанд таҳсил мекунанд, равона карда шуданд. Таҷрибае, ки дар ин кор ба даст омадааст, бо қобилияти фардӣ ва имконоти инфиродӣ мувофиқ аст, метавонад ба рушди ҳамаҷонибаи равандҳои иҷтимоии ӯ, рушди ҳамоҳангшуда мусоидат намояд. Дар мақола шаклҳои нисбатан самараноки таълими касбӣ дар муассисаҳои таълимӣ пешниҳод карда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** самаранокӣ, рушд, манфиат, мушкилот, касбинтихобкунӣ, шахсият, якҷоя, қобилият, ҳамкорӣ


## ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ НАПРАВЛЕННОСТИ ЛИЧНОСТИ СТАРШЕКЛАССНИКОВ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ


В настоящее время крайне важно, чтобы к каждому выпускнику общеобразовательного учреждения пришло понимание того, что рассчитывать на успех в условиях рынка сможет лишь тот, кто получил надлежащую профессиональную подготовку, владеет умениями и навыками общения, обладает способностью адаптироваться к новым условиям труда, быть конкурентоспособным, мобильным. Решить эту важную государственную задачу возможно через профильное дифференцированное обучение, осуществляемое в рамках профориентационной работы, которая, в свою очередь, ориентирована на учет индивидуальных особенностей школьника. В настоящей статье приведены результаты диагностики уровней профессиональной направленности учеников по различным показателям профессиональной направленности. В частности, при ответе на вопрос: «В какой мере Ваши профессиональные намерения совпадают с рекомендациями Ваших родителей?» удалось выяснить, как осуществляется поддержка и развитие возможностей ученика через процесс его сотрудничества с родителями. Проведенная диагностика предоставила данные, позволившие изучить и проанализировать профессиональную

направленность, ценностные ориентации и личностные характеристики школьников 9–11 классов, обучающихся в общеобразовательных учреждениях города Худжанда. Опыт, полученный при этом, соизмеренный с индивидуальными способностями и возможностями личности, может содействовать более интенсивному развитию у нее процессов социализации, более гармоническому развитию. В настоящей статье даны рекомендации и названы наиболее эффективные формы профессионального просвещения в общеобразовательных учреждениях.
**Ключевые слова:** эффективность, развитие, интерес, проблема, профориентация, личность, совокупность, способность, сотрудничество.

**THE STUDY OF THE PROFESSIONAL ORIENTATION OF THE PERSONALITY IN ORDER TO VOCATIONAL GUIDANCE**

The present time is extremely that to every graduate of a general education institution the unstinting that only those who receive proper professional draining will be able to count on success in the market, owns skills and communication skills have the ability to adapt to new working conditions to be competitive and mobile. To solve this important state task is possible through professional differentiation training, carried out in the frame-work of professional career guidance work, which in turn is focused on taking into account the individual features of the schoolboy. This article presents the result of diagnosing the level and professional orientation of students in various indicators of professional orientation. I particular when answering the question to what extant your professional intentions coincide with the recommendations of your parents it was the development of the students opportunity through the process of his collaboration with parents in this article gives recommendations and the names of the most of the effective forms of professional enlightenment in general education institutions.
**Key words:** Effective, development, the interest, the problem, professional**,** orientation, personal, totality, ability, cooperation.

**Сведения об авторе:** ***Насырова Машхура Негматовна –*** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г.Худжанде, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд проспект Исмоила Сомони, 169

**Information about the author:** ***Nosirova Mashkhura Negmatovna -*** Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce in Khujand, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Ismoil Somoni Avenue, 169

**УДК:372.800.4 (575.3)**

# ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ СТУДЕНТОВ СПЕЦИАЛЬНОСТИ «ТЕХНОЛОГИЯ»

***Исматдинов А.М.***
**Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции**

Конец XX – начало XXI века стали в истории человечества периодом, в котором существенно возросли угрозы техногенного характера. Проблемы глобального потепления, парниковые газы, приводящие к ослаблению озонового слоя, загрязнение биосферы и другие проблемы поставили человечество перед угрозой самого существования жизни на Земле. Проблемы охраны окружающей среды, изучаемые в высших учебных заведениях, перестали быть сугубо биологическими и приобрели междисциплинарный характер. Говоря о проблеме экологического образования, следует акцентировать внимание на трех его основных направлениях - природном, экономическом и технологическом. Последнее из них - технологическое, для преподавателей технологии представляет наибольший интерес, не только потому, что соответствует предметной области, но и потому, что на сегодняшний день это направление является наименее исследованным. В настоящее время сформировалась новая парадигма образования, в которой заметный пласт заняло экологическое образование. Академик И.Д. Зверев экологическому образованию и воспитанию личности даёт следующее определение: «Целенаправленное формирование личностных качеств, касающихся знаний, отношений, убеждений, принятно называть экологическим» [6,с.45]. Еще совсем недавно значение каждого учебного предмета в школьном образовании представлялось лишь как отдельная предметная область, не связанная причинно-следственными связями с другими в развитии общих интеллектуальных способностей учащихся. Роль и важность знаний об окружающей среде и ответственного отношения к ней в условиях дифференцированного образования были практически минимальны. Однако современные условия жизни настоятельно требуют коренных изменений в экологическом образовании и воспитании, поскольку к нынешнему поколению пришло понимание, что появление человека будущего не состоится, если не воспитывать его в гармонии с окружающей средой на всех этапах познания мира.

Как отмечает эксперт ООН по окружающей среде, академик М.Я. Лемешев: «…для преодоления экологического кризиса и успешного решения возникших экологических проблем

необходим переход к новой идеологии, к экологизации экономики и производства, к постиндустриальной ориентированной цивилизации. А для этого нужна новая система знаний, построения на единой теоретической основе и выходящая за традиционные рамки биологической экологии. Требования новой идеологии несопоставимо сложнее задач охраны окружающей среды, они не сводятся к сокращению потока загрязнений. Комплекс знаний должен помочь будущим специалистам организовать человеческую деятельность в условиях жесткого экологического императива» [7,с.153].

Сегодня экологическое образование и воспитание принято понимать как: «формирование у людей знания научных основ природопользования, необходимых убеждений и практических навыков, а также определенной ориентации и активной жизненной позиции в области охраны природы, рационального использования и воспроизводства природных ресурсов» [8,с.56].

Как уже отмечалось выше, в конце XX и начале XXI веков произошел стремительный прорыв в развитии технологий, способных частично снизить риски от конфликтов между обществом и природой. Развитие техники и технологий, с одной стороны, позволило значительно улучшить благосостояние людей и комфортность среды обитания, а, с другой стороны, за это благополучие была заплачена слишком высокая цена: существенно разрушились многие важнейшие элементы биосферы, что неизбежно привело к деградации «биосферного» человека. По утверждению академика В.И. Вернадского: «…наш век стал отправным для перехода биосферы в ноосферу, т.е. в сферу разума, поскольку человечество достигло знания планетарной биогеохимической силы. Наиболее отчетливо этот период наметился в 40-50-е годы, время начала атомных и космических эпох» [4,с.236].

Исходя из этого, в настоящее время к технологическим процессам должны предъявляться приведенные ниже требования, из которых, по нашему мнению, самое важное требование–все они должны иметь ярко выраженную социально-экологическую направленность.

1. Новые технологические процессы должны быть, прежде всего, наукоемкими, учитывающими достижения всех наук, и, прежде всего, социально-экологические параметры будущего.
2. Технологии завтрашнего дня должны обладать высочайшей производительностью труда и огромными скоростями протекания. Уже сегодня наука располагает подобными технологическими процессами, особенно в области компьютерной техники, протекающими со скоростями, близкими к скорости света.
3. Важнейшую роль в сохранении биологической природы должны играть безотходные технологии, позволяющие комплексно перерабатывать сырьевые ресурсы, ликвидировать места скопления промышленных и бытовых отходов.
4. Технологические процессы должны быть материало- и энергосберегающими для существенного сокращения затрат на выпуск продукции.
5. Перспективными должны стать технологические процессы, в которых должны сочетаться техника и конечная продукция, имеющие минимальные размеры, для снижения затрат материалов и труда, к примеру, сравним огромные ламповые ЭВМ и новейшие микропроцессорные компьютеры.
6. Одно из основных требований к новейшим технологическим процессам - их “безлюдность”, управляемость при помощи кибернетических устройств, ЭВМ, микропроцессорной техники, что позволит исключить человека из непосредственного технологического процесса.
7. Новейшие технологии, будучи сами по природе предельно искусственными, должны опираться на искусственные материалы, сохраняя природные.
8. Перспективные технологии, способные коренным образом изменить технизированный мир, будут основаны на новой науке - биотике, которая в XXI веке, возможно, придет на смену электронике. Уже сейчас есть биологические устройства, способные выполнять функции датчиков, процессоров, исполнительных механизмов.
9. Из перспективных технологий будущего предпочтение должно отдаваться геннобиологическим, способным создать невиданный доселе мир живой природы - “искусственной биоприроды”.
10. Все вышеперечисленные технологические процессы, имеющие социально- и экологически- значимое содержание, могут и должны стать общепринятыми. Основным критерием “экологических технологий” будущего должна стать их органическая встроенность в биотический круговорот планеты, независимо от того, с каким материалом они имеют дело - естественным или искусственным.

11. Новейшие технологии должны отвечать не только экологичности взаимоотношений общества и природы, их безопасности, но и предусматривать возможный максимум развития самого человека и его творческих способностей. Вместе с новой экономикой они позволят существенно повысить социальный статус людей - помочь сделать их широко образованными и культурными в самом глубинном значении этого слова. Вот почему каждый технологический процесс должен проходить самую тщательную социальную и экологическую экспертизу. Без достаточно четкого знания социально-экологической направленности технологических процессов не имеет смысла и подготовка учителей технологии (трудовое обучение) по вопросам охраны окружающей среды. Поэтому не случайно основной целью образовательной области «Технология», введенной в инвариантную часть базисного учебного плана вуза является формирование у студентов технологической культуры, и, в том числе, её составляющей - экологической культуры- культуры преобразующей, творческой, природосообразной (экологически оправданной), ориентированной на деятельность по созданию материальных и духовных ценностей. «Технология» является интегративной образовательной областью, синтезирующей научные знания из предметов естественного и гуманитарного циклов и показывающей их применение в практической деятельности.

Из всего вышесказанного следует, что экология выполняет важную интегрирующую функцию формирования в сознании студентов целостной картины мира. При этом объединение знаний из различных предметных областей происходит не механическим суммированием, а посредством своеобразного синтеза, поскольку идеи взаимосвязи социальных и природных факторов в жизни человека, способствующие требованиям сохранения жизни, бережного отношения к природным ресурсам, позволяют выбрать нужную технологию производства, оценить его. Результатом этого синтеза является целостная система знаний и умений, определяющая экологическую культуру и мировоззрение студентов.

Проблемы подготовки функционально грамотной личности на основе гармонического взаимодействия человека с природой уже давно стали предметом пристального внимания со стороны отечественных и зарубежных мыслителей и педагогов прошлого – Я.А. Коменского, Ж.-Ж. Руссо, А.Ф. Дистервега, И.Г. Пестолоцци, К.Д. Ушинского, С.Т. Шацкого, А.С. Макаренко, В.А. Сухомлинского и др. Дальнейшее совершенствование системы экологического образования, повышение его эффективности современная педагогическая наука связывает с выработкой новых концептуальных подходов, новых методологических, теоретических и дидактических основ его конструирования. Проблемы философии, методологии, теории и практики экологического образования и воспитания нашли свое отражение в работах С.В. Алексеева [1,с.12], Т.А. Бабаковой и др. [3,с.375].

Исследованию различных аспектов экологического образования в его взаимосвязи с технологической подготовкой школьников и студентов посвящены работы С.В. Балдина, В.И. Гинко [5,с.150]. Вопросы экологии в технологии (трудовое обучение) учащихся, технологическом образовании школьников отражены в научных трудах и методических руководствах П.Р. Атутова [2,с.15], В.Д. Симоненко [10,с.35], Ю.Л. Хотунцева [11,с.117] и др.

Курс «Основы производства» вводится согласно учебному плану для студентов специальности «Технология» с целью повышения экологического образования студентов, что отвечает современным требованиям, предъявляемым к уровню образованности современного педагога, специализирующегося в естественно-научном и профессиональном направлении. По нашему мнению, курс «Основы производства» должен включать в себя следующие направления:

- научно-техническая революция начала XXI в., глобальные проблемы, вставшие перед человечеством, демографические процессы на Земле, механизм рыночных отношений;
- тенденции развития мировой энергетики и сопутствующие экологические проблемы, использование атомной энергии;
- загрязнение воздушного бассейна, морей, океанов, рек, водоемов, охрана и рациональное использование лесов и земель;
- обеспечение человечества продовольствием и экологические проблемы химизации сельского хозяйства;
- - борьба с экологическими преступлениями, экологическая экспертиза проектов, переработка отходов, экономия ресурсов и энергии, в том числе в быту, понимание ограниченности ресурсов Земли, бережливость, ответственность за сохранение природы для будущих поколений. Цель курса состоит в том, чтобы дать понять студентам, что любое воздействие на материальную систему отражает не только само воздействие на всю Вселенную, но и приводит к ответной реакции. «Под экологическим воспитанием и образованием принято

понимать формирование у людей знания научных основ природопользования, необходимых убеждений и в области охраны природы, рационального использования и воспроизводства природных ресурсов» [9,с.265].

В связи с этим исследование проблемы реализации сквозной экологической линии в образовательной области «Технология» в вузе является актуальным и имеющим большое значение для совершенствования методической системы обучения «Технологии», поскольку на практике вопросы реализации элементов экологической культуры в методике обучения технологии (трудовое обучение) труда ранее не рассматривались, а работы методического характера по формированию экологической культуры студентов в процессе изучения технического труда в образовательной области «Технология» в педагогической литературе отсутствуют. Анализ философской, педагогической литературы и практики преподавания образовательной области «Технология» позволил выявить противоречия, на разрешение которых было направлено наше исследование:

- разобщённость в учебно-воспитательном процессе трёх взаимосвязанных функций (технологической, производственной и экологической), необходимых для осуществления экологического образования;

- высокий познавательный рейтинг образовательной области «Технология» у обучающих среди других дисциплин, как фундамент для благоприятного проведения педагогического эксперимента и непрерывности экологического образования и отсутствие непрерывного экологического образования в предметной области Технология;

- потребность в изучении вопросов экологии на уроках технологии (трудовое обучение) и недостаточная разработанность педагогических аспектов экологизации изучения предмета Технология на примере технического труда в городских школах.

- необходимость разработки учебно-методического комплекта (УМК) для экологизации преподавания технологии (трудовое обучения) городских школах и отсутствие методических материалов для учителей, осуществляющих комплексную реализацию экологического образования.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Алексеев С.В. Размышления об образовании для устойчивого развития. Текст / С.В. Алексеев // Экология и образование. - 2002. - №1-2. -С.22-26.
2. Концепция формирования технологической культуры молодежи в общеобразовательной школе. Текст / [П.Р. Атутов, О.А. Кожина, В.П. Овечкин и др.] // Школа и производство. - 1999. - №1. -С.3-7.
3. Бабакаев В.Н. Здоровьесберегающие технологии в реализации сквозной экологической линии на уроках технического труда / В.Н. Бабакаев, Н.И. Нагибин.
4. Вернадский В.А. Прикладная экология. Учебное пособие / В.А. Вронский. - Ростов – на Дону: Изд-во Феникс, 1987. -443 с.
5. Гинко В.И. Педагогические условия экологического образования сельских школьников: на примере образовательной области «Технология»: дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / В.И. Гинко // Шуя. - 2004. -265 с.
6. Зверев И.Д. Экология в школьном обучении / И.Д. Зверев. – М., 1980. -96 с.
7. Лемешев М.Я. Природа и мы / М.Я. Лемешев. - М., 1989. -272 с.
8. Назаров Н.С. Охрана окружающей среды и экологическое воспитание студентов / Н.С. Назаров. -М.: Высшая школа, 1987.
9. Назарова Х.А. Проблемы экологического воспитания и образования в процессе обучения / Х.А. Назарова // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе: Сино, 2015. -№3/11(188). -314 с.
10. Симоненко В.Д. Технологическая культура в содержании образования школьников Текст / В.Д. Симоненко // Педагогика. - 1998. -№8. -С.40-45.
11. Хотунцев Ю.Л. Формирование экологической культуры школьников Текст / Ю.Л. Хотунцев // Развитие региональных систем экологического образования. Всероссийская конференция. -Пермь, 2000. -С.211-218.

## САМТҲОИ АСОСИИ ОМӮЗИШИ МУҲИТЗИСТИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСИ "ТЕХНОЛОГИЯ"

Шароити кунунии зиндагӣ шадидан тақозо менамояд, ки дар соҳаи омӯзиш ва тарбияи муҳитзистӣ тағйирот ворид карда шавад, зеро насли имрӯз дарк кардааст, ки агар дар инсонҳо ҳамоҳангиеро бо муҳити атроф дар тамоми марҳилаҳои шинохти ҷаҳон тарбия накунанд, идомаи насли инсон дар оянда зери хатар хоҳад монд. Муаллифон бар он боваранд, ки дар бораи проблемаи омӯзиши муҳитзистӣ андеша намуда, бояд ба се самти асосии он - табиӣ, иқтисодӣ ва технологӣ диққат дода шавад. Охирини онҳо технологӣ мебошад, ки бештар алоқаи касбиеро ба худ ихтисос додааст, ки дар айни ҳол камтар омӯхта шудааст. Такмили минбаъдаи низоми омӯзиши муҳитзистӣ баланд бардоштани самаранокии он бояд бо таҳияи усулҳои нави консептуалӣ, тарҳрезии асосҳои нави методологӣ, назариявӣ ва таълимии он алоқаманд бошад. Бо ин мақсад ба барномаи таълимии донишҷӯёни ихтисоси «Технология» курси "Асосҳои истеҳсолот", ки ҷавобгӯ ба талаботи замонавӣ дар сатҳи омода намудани омӯзгорони муосир дар соҳаи илмҳои табиӣ ва равияи ихтисос аст, дохил карда шудааст. Дар мақола, муаллифон тавсия медиҳанд, ки дар ин курс як қатор равияҳо, дар байни онҳо заруртаринашон, ба монанди коркарди такрории партовҳо, сарфакорӣ ва захираҳои энергия, аз ҷумла дар ҳаёти ҳаррӯза, фаҳмидани захираҳои маҳдуди Замин, сарфакорӣ, масъулияти ҳифзи табиат барои наслҳои оянда ва ғ., дохил карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** омӯзиши муҳитзистӣ, зарурияти ҳифзи муҳитзистӣ, ҳифзи табиат, каммасраф, биологии генетикӣ, табиатзистии маснӯъӣ, табиатмонанд, сарфакорӣ

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ СТУДЕНТОВ СПЕЦИАЛЬНОСТИ «ТЕХНОЛОГИЯ»

Современные условия жизни настоятельно требуют коренных изменений в экологическом образовании и воспитании, поскольку к нынешнему поколению пришло понимание, что появление человека будущего не состоится, если не воспитывать его в гармонии с окружающей средой на всех этапах познания мира. Авторы считают, что, говоря о проблеме экологического образования, следует акцентировать внимание на трех его основных направлениях - природном, экономическом и технологическом. Последнее из них - технологическое, представляющее наибольший профессиональный интерес, потому что на сегодняшний день является наименее исследованным. Дальнейшее совершенствование системы экологического образования, повышение его эффективности следует связывать с выработкой новых концептуальных подходов, новых методологических, теоретических и дидактических основ его конструирования. С этой целью для студентов специальности «Технология» в программу обучения введен курс «Основы производства», отвечающий современным требованиям, предъявляемым к уровню образованности современного педагога, специализирующегося в естественнонаучном и профессиональном направлениях. В настоящей статье авторы предлагают ввести в данный курс ряд направлений, среди которых такие важные, как переработка отходов, экономия ресурсов и энергии, в том числе в быту, понимание ограниченности ресурсов Земли, бережливость, ответственность за сохранение природы для будущих поколений и другие.

**Ключевые слова:** экологическое образование, экологический императив, охрана природы, энергосберегающий, геннобиологический, природосообразный, бережливость.

## THE MAIN DIRECTIONS OF ENVIRONMENTAL EDUCATION OF STUDENTS OF THE SPECIALTY "TECHNOLOGY"

Modern living conditions urgently require fundamental changes in environmental education and upbringing, since the present generation has come to understand that the emergence of a man of the future will not take place unless it is brought up in harmony with the environment at all stages of world knowledge. The authors believe that, speaking of the problem of environmental education, it is necessary to focus on three of its main areas - natural, economic and technological. The last of them is technological, representing the greatest professional interest, because today it is the least studied. Further improvement of the system of environmental education, increasing its efficiency should be associated with the development of new conceptual approaches, new methodological, theoretical and didactic foundations of its design.
To this end, for students of the specialty “Technology”, the course “Basics of Production” was introduced into the curriculum, which meets modern requirements for the level of education of a modern teacher who specializes in the natural science and professional areas. In this article, the authors propose to introduce into this course a number of areas, including such important ones as recycling of waste, saving resources and energy, including in everyday life, understanding the limited resources of the Earth, thrift, responsibility for nature conservation for future generations and others.

**Key words:** environmental education, environmental imperative, nature conservation, energy-saving, genetic - biological, artificial bio-nature, nature-like, thrift.

**Сведения об авторе:** ***Исматдинов Алишер Мухамадович*** **–** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, город Худжанд, преподаватель кафедры обществоведения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И. Сомони 169

**Information about the author: Ismatdinov Alisher Muhamadovich -** Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce, Khujand City.Teacher of the Department of Social Science. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni 169

**УДК:372.800.8 (575.3)**

# ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТИИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС – ОМИЛИ ҒАНӢ ГАРДИДАНИ МАЪНАВИЁТ
## (дар мисоли вилояти Хатлон)

***Сафарзода Гулистон***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Бояд тазаккур дод, ки татбиқи барнома ва нақшаи чорабиниҳо бо мақсади такмили низоми тарбия, дастгирии соҳаи таълиму тарбияи насли наврас дар муҳайё намудани шароит барои беҳтар намудани ҷомеа, шаклу усул ва воситаҳои тарбия, таъмини робитаи доимии падару модар, муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷомеа дар таълиму тарбияи насли наврас мусоидат менамояд. Дар вилояти Хатлон вобаста ба талаботи барномаи мазкур ҳамаи бачагони синни мактабӣ, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ бо чор забон – тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва туркманӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд. Тибқи нақшаи Раёсати маорифи вилояти Хатлон моҳи июн рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012 таҳти №382 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017» дар

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Муъминобод, Ховалинг ва Қубодиён мавриди омӯзиш қарор дода шуда, натиҷаи омӯзиш дар мушовараи Раёсати маорифи вилояти Хатлон баррасӣ карда шуд.Солҳои охир дар шаҳру ноҳияҳои вилоят рушди соҳаи тарбияи томактабӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст. Шумораи муассисаҳои томактабӣ ба 132 адад бо фарогирии 15987 ва шумораи марказҳои инкишофи кӯдак ба 747 адад бо фарогирии 16833 нафар тарбиягирандагон расида, дар маҷмӯъ дар вилоят 32820 нафар кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакони назди муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят фаро гирифта шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар вилоят масъалаҳои вобаста ба таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимӣ, бо мизу курсӣ, таҷҳизоти мактабӣ таъмин гардонидани онҳо ҳалли худро ёфта истодааст. Боиси хушнудист, ки хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва гимназияю литсеҳои қаламрави вилоят дар даври ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии олимпиадаи мактаббачагон фаъолона иштирок намуданд.

Дар Олимпиадаҳои ҷумҳуриявии анъанавӣ, дставӣ, фосилавӣ ва номии фаннии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 76 нафар соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз теъдоди умумии сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардида, 14 нафар сазовори ҷойи якум, 15 нафар сазовори ҷойи дуюм, 46 нафар сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Тибқи нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 аз соли таҳсили 2015-2016 фанни «Маърифати оиладорӣ» дар синфҳои 10-ум ба роҳ монда шуд. Мавриди зикр аст, ки таълими ин фан барои тарбияи дурусту мақсадноки хонандагони синфҳои болоӣ, омодасозии онҳо ба ҳаёти оилавӣ заминаи мусоид мебошад. Таълими ин фан ба дӯши омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик вогузор шуда, китоби нав таълифшудаи ин фан ба ҳама дастрас гашт.

Дар самти интихоби касб аз ҷониби наврасону хонандагон ва тарбияи касбинтихобкунӣ низ корҳои назаррас анҷом ёфтаанд. Пур кардани анкета ва саволномаҳо доир ба интихоби дурусти касб байни хонандагони синфҳои болоӣ, махсусан, дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, Норак, ноҳияҳои Вахш ва Кӯшониён мунтазам ба роҳ монда мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки нақши волидайн дар интихоби касби ояндаи фарзандон калон аст ва инро касе ҳам инкор карда наметавонад. Аммо боиси таассуф аст, ки кулли падарон аз донишҳои педагогию равоншиносӣ дур буда, бинобар дар интихоби касби фарзандон ба хатогиҳо роҳ медиҳанд. Аз ин лиҳоз, ташвиқи донишҳои педагогию равоншиносӣ ва маърифатию фарҳангӣ тибқи талаботи замони муосир дар байни падару модарон ба таври густурда ба роҳ монда шуд.

Раёсати маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон фаъолияти худро бо мақсади андешидани чораҳои мушаххас оид ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз қабили ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва фаъоли таълим низ роҳандозӣ менамояд.

Дар муассисаҳои таълимии вилоят бо мақсади баланд бардоштани маърифати хонандагон, пешгирӣ кардани наврасону ҷавонон ҷиҳати шомил нашудан ба сафи ҳаракату гурӯҳҳои тундгарову экстремистӣ ва дар рӯҳияи худшиносии милливу ифтихори ватандорӣ тарбия намудани онҳо ба риояи ҳатмии муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” диққати ҷиддӣ дода мешавад. Аз ин лиҳоз, дар муассисаҳои таълимии вилоят маҳфили “Ҳуқуқдони беҳтарин” ташкил шуда, дар ҳамкорӣ бо Комиссияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳо буда, намояндагони шуъбаи маориф ва шахсони обрӯманди маҳаллаҳо дар муассисаҳои таълимии вилоят оиди бегонапарастӣ, хурофотпарастӣ ва шомил нашудан ба гурӯҳҳои ифротгаро ва даст назадан ба амалҳои номатлуб вохӯрӣ ва суҳбатҳо доир карда шуданд.

Таҳсилоти иловагӣ яке аз омилҳои ғанӣ гардонидани донишу малакаи мактаббачагон, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ, бедор кардани майлу рағбати хонандагон ба маҳфилҳои фаннӣ, эҷодӣ, касбию ҳунарӣ ва варзишӣ мебошад. Дар вилоят 27 муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, 332 маҳфилҳои мухталиф, 1049 гурӯҳ бо фарогирии 10956 нафар аъзоён фаъолият доранд. Дар ноҳияҳои Ёвон ва Кӯшониён мусобиқаи гӯштини “Дзю-до» байни наврасону кӯдакони солҳои таваллудашон 2004 то 2006 аз муассисаи варзишӣ баргузор карда шуд. Ҳамзамон, байни аъзоёни маҳфилҳои Муассисаи таҳсилоти иловагии вилояти Хатлон озмуни расмҳои беҳтарин дар мавзӯи “Зимистон” ва байни духтарони маҳфилҳои “Дӯзандагӣ” ва “Бофандагӣ”-и Муассисаи таҳсилоти иловагии вилояти Хатлон озмуни «Тарроҳи беҳтарин» ва маҳфилҳо бахшида ба таҷлили ҷашни 23-солагии Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон базми шеъру тарона дар васфи Ватан, Модар,

Тоҷикистон, Ваҳдат ва Истиқлолият гузарониданд. Дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳру ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Вахш, Кӯлоб, Ҷ. Балхӣ чорабиниҳои зиёди беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ доир мегарданд.

Дар Маркази таҳсилоти иловагии вилоят курсҳои кӯтоҳмуддати компютерӣ, омӯзиши забонҳо, касбу ҳунарҳои мардумӣ ташкил карда шудаанд. Аз ҷумла, дар самти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила, гузаронидани конференсияҳои вилоятӣ дар мавзӯи «Нақши созмонҳои талабагӣ дар раванди тарбия», тарғиби тарзи ҳаёти солим ва пешгирии омилҳои нашъамандӣ байни наврасону ҷавонон дар рӯзномаву маҷаллаҳои соҳаи маориф, ташкили шуғли кӯдакону наврасон давраҳои таътил ва фориғ аз таҳсил тавассути маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ, рассомӣ, мусиқӣ, рақс, дӯзандагӣ, омӯзиши забонҳо ва компютер, варзишӣ ва амсоли ин, ташкил ва гузаронидани намудҳои гуногуни озмуну мусобиқаҳои варзишӣ, ҳарбӣ - ватандӯстӣ, таъмири толорҳои варзишӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ гаштанд. Дар баробари муваффақиятҳо дар амалӣ гаштани барномаи мазкур чунин проблемаҳо ба назар мерасанд:сохтмони муассисаҳои томактабии замонавӣ; таъмин нагардидани муассисаҳои томактабӣ бо маводу дастур ва бозичаҳо мувофиқи синну сол; муҳайё набудани шароити дилхоҳ барои фаъолияти мунтазами маҳфилҳо;набудани ҳамкории зич бо Донишкадаи такмили ихтисос бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва мураббиён; пурра барқарор накардани кабинетҳои таълимию истеҳсолӣ; набудани воҳиди кории омӯзгор - равоншинос; набудани шароити мусоид барои таҳия ва чопи маводҳои таълимию методӣ барои дастгирӣ намудани омӯзгорони эҷодкору нововар

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки яке аз омилҳои боло бурдани дониши хонандагон ва ғанӣ гардонидани маънавиёти насли наврас иҷрои барномаҳои давлатӣ маҳсуб мeёбад ва дар ин самт ба марказҳои таҳсилоти иловагӣ ҷалб намудани онҳо нақши калидӣ дорад.

Аз ин рӯ оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаро зарур аст, ки насли наврасро ба роҳи дуруст, анҷоми амалҳои нек, омӯзиши илму ҳунар ва азхудкунии техникаву технологияҳои муосир, ширкати фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ва ободониву созандагии Тоҷикистони азиз ҳидоят намоянд, зеро ба фармудаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Ҳамаи масъалаҳое, ки мо имрӯз ҳал менамоем ва дар оянда ҳал хоҳем кард, дар ниҳояти кор ба кадр ва танҳо ба кадр такя мекунанд. Бе муболиға метавон гуфт: ояндаи мо, ояндаи кишвари мо пурра ба он вобаста аст, ки фардо ба ҷойи мо кӣ меояд, чӣ гуна кадрҳоро мо ба камол мерасонем»?

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи маориф”. - Душанбе,2004.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”. -Душанбе,2013.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”. - Душанбе,2011.
4. Фарзандони шоистаи давронро тарбият намоем.Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонону наврасони лаёқатманди вилояти Суғд// “Омӯзгор” № 15. -2014.
5. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2002.
6. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2006.
7. Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017. -Душанбе, 2012.
8. Асадзода Н. Пойдории миллат аз рушди маънавиёт ва мафкураи миллист / Н.Асадзода //Омӯзгор. -2014. - №29.
9. Алякринский Б.С. Дар бораи қобилият ва истеъдод / Б.С. Алякринский. -Душанбе , 1990.
10. Раҳимзода Х. Ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон ҳамчун шакли нави идораи мактаб / Х. Раҳимзода. – Душанбе, 2004.


## ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТИИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС – ОМИЛИ ҒАНӢ ГАРДИДАНИ МАЪНАВИЁТ

**(дар мисоли вилояти Хатлон)**

Бояд тазаккур дод, ки татбиқи барнома ва нақшаи чорабиниҳо бо мақсади такмили низоми тарбия, дастгирии соҳаи таълиму тарбияи насли наврас дар муҳайё намудани шароит барои беҳтар намудани ҷомеа, шаклу усул ва воситаҳои тарбия, таъмини робитаи доимии падару модар, муассисаҳои таълимӣ ва аҳли ҷомеа дар таълиму тарбияи насли наврас мусоидат менамояд. Дар вилояти Хатлон вобаста ба талаботи барномаи мазкур ҳамаи бачагони синни мактабӣ, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ бо чор забон – тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва туркманӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд. Солҳои охир дар шаҳру ноҳияҳои вилоят рушди соҳаи тарбияи томактабӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст. Мавриди зикр аст, ки дар вилоят масъалаҳои вобаста ба таъмиру азнавсозии муассисаҳои таълимӣ, бо мизу курсӣ, таҷҳизоти мактабӣ таъмин гардонидани онҳо ҳалли худро ёфта истодааст. Боиси хушнудист, ки хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва гимназияю литсеҳои қаламрави вилоят дар даври ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии олимпиадаи мактаббачагон фаъолона иштирок намуданд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки яке аз омилҳои боло бурдани дониши хонандагон ва ғанӣ гардонидани маънавиёти насли наврас иҷрои

барномаҳои давлатӣ маҳсуб меёбад ва дар ин самт ба марказҳои таҳсилоти иловагӣ ҷалб намудани онҳо нақши калидӣ дорад.

**Калидвожаҳо:** такмили низоми тарбия, дастгирии соҳаи таълиму тарбияи насли наврас, ғанӣ гардонидани маънавиёти насли наврас, иҷрои барномаҳои давлатӣ.

**ВНЕДРЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ПРОГРАММ ВОСПИТАНИЯ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ – ФАКТОР ПРИУМНОЖЕНИЯ ДУХОВНОСТИ**

**(на примере Хатлонской оласти Республики Таджикистан)**

Нужно отметить, что внедрение программ и планов мероприятий с целью совершенстования системы воспитания, поддержки сферы воспитания и обучения подрастающего поколения в создании условий для улучшения форм и методов воспитания и обучения, обеспечения постоянной взаимосвязи родителей, учебных заведений и общественности содействует воспитанию и обучению подрастающего поколения. В Хатлонской области в соответствии с требованиями данной программы все учащиеся средних школ независимо от национальности, расы, пола, языка, религиозной принадлежности и политической позиции охваченыв обучением на четырех языках– таджикском, русском, узбекском и туркменском языках. В последние годы в городах и селах области развивается сфера дошкольного образования. Нужно отметить, что в области решаются вопросы связанные с ремонтом школ, обеспечением школьных принадлежностей, школьной мебелью. Отрадно отметить, что учащиеся образовательных учреждений, гимназий и лицеев Бобласти принимают активное участие на республиканских и международных олимпиадах. Одним из факторов повышения уровня знания подрастающего поколения и их нравственного воспитания является выполнение государственных программ и в этом направлении привлечение учащихся к допольнительному образованию.

**Ключевые слова:** совершенствование системы воспитания, поддержка сферы обучения и воспитания подрастающего поколения, приумножение духовности, выполнение государственных программ.

**IMPLEMENTATION OF STATE PROGRAMS OF UPBRINGING OF THE GROWING GENERATION - SPIRITUAL RECONSTRUCTION FACTOR**

**(on the example of the Khatlon olasti Republic of Tajikistan)**

It should be noted that the introduction of programs and action plans to improve the system of education, support the sphere of education and training of the younger generation in creating conditions for improving the forms and methods of education and training, ensuring the constant relationship of parents, educational institutions and the public contributes to the education and training of the younger generation. In the Khatlon region, in accordance with the requirements of this program, all secondary school students, regardless of their nationality, race, sex, language, religion or political position, are enrolled in four languages — Tajik, Russian, Uzbek, and Turkmen. In recent years, the sphere of pre-school education has been developing in the cities and villages of the region. It should be noted that issues related to the repair of schools, the provision of school supplies, and school furniture are being solved in the region. It is gratifying to note that students of educational institutions, gymnasiums and lyceums of Boblast take an active part in republican and international competitions. One of the factors for raising the level of knowledge of the younger generation and their moral education is the implementation of state programs and in this direction attracting students to additional education.

**Keywords:** improvement of the education system, support for the education and upbringing of the younger generation, augmentation of spirituality, implementation of state programs.

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Гулистон*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, соискатель. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67.

**Information about the author:** ***Safarzoda Guliston*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini 67 street

**УДК:372.879.6 (575.3)**

# ҶАНБАҲОИ ЭҶОДИИ ОМОДАСОЗИИ ШАХСИЯТИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

***Абдуллоҷони Ҳамрохон***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Масоиле вуҷуд доранд, ки бештари мардум ба он таваҷҷуҳ надоранд ва дар назари эшон чизи одӣ ва ҳатто нолозим менамоянд. Вале бояд гуфт, ки омӯзиши ҳар як шохаи илм муъҷизот, муассирӣ ва паҳлуҳои мусбати ба худ хос дорад. Масалан, ҷанбаҳои эҷодии омодасозии шахсияти омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ бо ёрии машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ аз мавзӯъҳое мебошад, ки кам нафарон ба он таваҷҷуҳ намудаанд.

Дар назар доштан лозим аст, ки дар замони соҳибистиқлолии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) таваҷҷуҳи шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ки ояндаи миллат эътироф гардидаанду дар солҳои наздик тақдиру ояндаи ҷумҳурӣ ба онҳо вогузор карда мешавад, ба тарбияи ҷисмонӣ зиёд гардида истодааст.

Дар таҳқиқи масъалаи бавуҷудомада ва моҳияти мафҳуми «омодасозии шахсияти омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ» дар тадқиқ ва коркарди он нақш ва хидмати олимони маъруфи ватанию хориҷӣ Абдулатипов С.М., Арутюян С.М., Громова М.Н.,

Дашкемиров А.Ф., Ладигина О.В., Джунусов И.С., Олейник Л.Д., Турсунов Ф.А., Абдулхонов-Славская Б.Г., Ананев Б.Г., Бодалев А.А., Виготский А.В., Божович А.И., Кон И.С., Мерлин В.С., Рубинштейн Л.И., Саприкин А.Г., Борисова С.В., Митина Л.М., Баклаков К.В. бузург аст.

Бояд тазаккур дод, ки меъёри рушди компоненти ангезавӣ қувваи нисбии сабабҳои марбут ба ниёзҳо мебошад, ки барои машғулиятҳо бо фарҳанги ҷисмонӣ водор месозанд. Бо назардошти ин меъёр чаҳор сатҳи рушди компоненети ангезавӣ ҷудо мешавад: 1) вазъиятӣ - тасаллути сабабҳои берунаи воҷибӣ ба фарҳанги ҷисмонӣ. Қонеъ гардонидани вазъияти ниёзҳо дар фаъолнокии ҳаракатӣ ва равонӣ дар муошират; 2) эҳсосотӣ - тасаллути сабабҳои дохилии протсессуалии марбут бо қонеъ гардонидани ниёзҳо дар фаъолнокии ҳаракатӣ ва равонӣ, дар муошират аз тариқи машғулият бо тамринҳои ҷисмонии ҷолиб; 3) оқилона - тасаллути сабабҳои дохилии натиҷадори марбут бо қонеъ гардонидани ниёзҳо дар худтасдиқкунии беруна, саломатӣ, дастёбӣ ба муваффақият, худрушддиҳии шахсиятӣ, худтатбиққунии шахсиятӣ; 4) зуҳурёбии фаъолнокии идрокӣ ва ҷисмонӣ дар соҳаи фаъолияти ҷисмонӣ аз хусусиятҳои хислат вобастагӣ дорад [1,с.87].

Компоненти шинохти фаъолнокӣ дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ ниёзҳои барои шахсият муҳимро танзим менамояд қонеъ мегардонанд. Меъёри рушди он доро будани донишҳо оид ба тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонӣ ва ташкили фаъолнокии ҷисмонӣ мебошад. Бо назардошти ин меъёр чаҳор сатҳи рушди шинохтӣ ҷудо карда мешавад: 1) ҳиссиётӣ - донишҳои нопурраи тамринҳои ҷисмонӣ дар сатҳи шуур, ки фаъолнокии ҷисмониро равона мекунад. Чунин фаъолнокӣ ағлаб бо таҳрикҳои беруна – сабабҳои воҷибӣ водор карда мешавад; 2) доро будани донишҳои эмпирикӣ оид ба тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонӣ аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили машғулиятҳои мустақилона бо ин тамринҳо дар сатҳи тақлид, сатҳи миёнаи қобилиятҳои ҳаракатӣ; 3) оқилона - донистани қонуниятҳо ва механизмҳои биологӣ ва равонию педагогии таъсиргузории тамринҳои ҷисмонӣ ба инсон, ки фаъолнокии ҷисмониро бо сабабҳои дохилии протсессуалӣ ва натиҷанок; 4) шахсиятӣ - идроки маънои шахсиятии донишҳо ҳамчун васила барои ташкили оқилонаи машғулиятҳо бо фарҳанги ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои барои он муҳим [5,с.18].

Бояд зикр кард, ки компоненти ангезавӣ дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои аз дидгоҳи шахсиятӣ муҳим водор карда, сабаби рушди он мешавад.

Компоненти рафторӣ татбиқи амалии фаъолнокиро дар шакли тамринҳои ҷисмонӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои барои шахсият муҳим таъмин менамояд. Меъёри рушди он доштани тарзҳои иҷрои тамринҳои ҷисмонӣ, ташкили фаъолнокии ҷисмонии худ, сатҳи қобилиятҳои ҳаракатӣ мебошад. Бо назардошти ин меъёр чаҳор сатҳи рушди компоненти рафторӣ ҷудо карда мешавад: 1) поин - иҷрои тамринҳои алоҳидаи тамринӣ дар сатҳи тақлид, ғайриқобил будан ба ташкили мустақилонаи машғулият бо ин тамринҳо, сатҳи поини қобилиятҳои ҳаракатӣ; 2) репродуктивӣ - иҷрои тамринҳои ҷисмонӣ аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили машғулиятҳои мустақилона бо ин тамринҳо дар сатҳи тақлид, сатҳи миёнаи қобилиятҳои ҳаракатӣ; 3) оқилона - иҷрои тамринҳои ҷисмонии аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили машғулиятҳои мустақил бо ин тамринҳо дар сатҳи идрок, сатҳи қобилиятҳои ҳаракатӣ аз миёна боло аст; 4) эҷодӣ - иҷрои тамринҳои ҷисмонии аз дидгоҳи эҳсосотӣ ҷолиб ва ташкили мустақили машғулиятҳо бо ин тамринҳо, сатҳи баланди рушди қобилиятҳои ҳаракатӣ.Компоннетҳои ангезавӣ, шинохт ва рафтори аз ҷониби мо ҷудошуда дар таомул байни худ боиси амалкард ва рушди алоқамандии шахсият ба фарҳанги ҷисмонӣ ҳастанд [7,с.23].

Технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ бояд тамоми аломатҳои низоми технологиро дошта бошад. Дар ҷаҳорҷӯбаи равиши трансформатсионӣ технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун раванди тадриҷии гузариш аз як сохтори стратегия ба дигар (мушкилтар ва самараноктар) ба назар гирифта мешавад, ки ба қонуни трансформатсия, интиқоли мусбии сифатҳои ҷисмонӣ, пурра намудани рушди ҷомеи онҳо бо кори мустақил (беруназдарсӣ); андухтани донишҳо ва баланд бардоштани дараҷаи илмияти онҳо, инчунин сатҳи азхудкунии фарҳанги ҷисмонӣ дар маҷмӯъ тобеъ мебошад.

Ба сифати усулҳои истифодабарии равиши технологӣ дар ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонӣ ягонагии робитаи унсурҳои низоми технологияи педагогӣ; ташхиснокии мақсадгузорӣ; тамомияти функсионалӣ; илмияти донишҳо; иртиботи функсионалии муҳтаво, шаклҳо ва методҳо; кушодагии тасмимоти функсионалию методӣ; арзёбии объективонаи натиҷаи ниҳоӣ; равиши фарҳангшиносӣ; ирсият ва тамомияти худмуайянкунӣ дар фарҳанги ҷисмонӣ; вариантнокии воситаҳо ва методҳои истифодашаванда; оптимизатсия баромад мекунанд [6,с.32].

Дар маҷмӯъ, ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсият ба сифати раванди мақсаднок, ташкилшуда бо кумаки методҳои махсус, воситаҳои мухталиф ва шаклҳои иртиботи мутақобилаи муаллимон ва хонандагон ба назар гирифта мешавад. Зимни нақши пешбаранда ва ҳидояткунандаи муаллим азхудкунии пурарзиши донишҳо, қобилиятҳо, малакаҳои рушди неруҳои зеҳнию ҷисмонӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ таъмин менамояд. Фаъолияти амалиявии таълимӣ азхудкунии арзишҳои фарҳанги ҷисмониро аз ҷониби хонандагон таъмин карда мешавад. Он ҷанбаи маънои раванди педагогиро мубрам намуда, онро бо муҳтавои воқеӣ пурра месозад [3,с.124].

Омодагии психофизикӣ бошад, як қисми омодагии касбиро ба фаъолияти ояндаи педагогӣ муаррифӣ менамояд, ки дар асоси маҷмӯи сифатҳои касбии муҳимми рушди психофизикии шахсият ташкил меёбад. Он ба ҳайси компоненти калидии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонанда дар ҷанбаи таъмини ягонагии омодагии касбию шахсиятӣ ба меҳнати педагогӣ баромад мекунад. Муҳтавои омодагии психофизикии педагоги оянда дар рушди оптималии сифатҳои психофизикии шахсият ва доштани тарзу сабки варзишӣ зуҳур меёбад.Салоҳиятнокии варзишию валеологӣ иборат аст аз таркиби калидии фарҳанги ҷисмонии шахсият. Ин тавсифи ҳамгироёнаи шахсиятии педагоги оянда мебошад, ки дар вазъиятҳои типикӣ ва ғайриодии педагогӣ муваффақиятнокии фаъолияти созандагиро таъмин месозад. Ба сохтори он шомиланд: самаранокии тафаккур ва фаъолияти варзишӣ; қобилияти ёфтани воситаҳои нав, тарзҳои ҳаллу фасли вазифаҳои касбию педагогӣ дар соҳаи фарҳанги ҷисмонӣ ва тарзу сабки варзишии ҳаёт, қобилияти дастгирии салоҳиятноки худрушдёбии варзишию валеологии хонандагон. Омодагӣ ба худтакмилдиҳии касбӣ; омодагӣ ба фаъолияти созандаи варзишию солимгардонӣ дар фаъолияти ояндаи касбӣ [4,с.247-252].

Симои марказии низомбахши оғози технологияи педагогӣ, раванди фарҳанги ҷисмонӣ муаллим - ҳомили муҳтавои таҳсилот, ташкилотчии шароити педагогии таъминкунандаи натиҷаноки фаъолият мебошад. Дар шахсияти омӯзгор арзишҳои объективию субъективии педагогӣ ба ҳам меоянд. Касбият - ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродию равоншиносӣ ва ҷисмонии машғулшавандагон, вазни ба имкониятҳои онҳо мутобиқ, ҳаллу фасли вазифаҳои солимгардонӣ, таҳсилотию тарбиявӣ, ба инобат гирифтани хоҳишҳо ва алоқамандиҳои хонандагон, гуногунӣ, навигарӣ, самаранокии машғулиятҳо, инчунин шахсияти муаллим (сатҳи фарҳанг, донишмандӣ, омодагии илмӣ ва методӣ, масъулиятнокӣ, меҳнатдӯстӣ, эътиқодмандӣ, муносибати оқилона, маҳорати педагогӣ), шартҳои равоншиносию педагогии омилии таъминкунандаи сифати раванди тарбиявӣ мебошанд. Ва он чизе ки ба назар мерасад дар технологияи педагогӣ дорои аҳамият мебошад, ин муҳтавои фаъолияти хонандагон бояд дар намуди низоми вазифаҳои шинохт ва амалиявӣ, тарбияи қобилиятҳои мутобиқ ба таркиботи асосии фарҳанги ҷисмонии шахсият татбиқ карда шавад.

Инчунин, бояд зикр намуд, ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи педагогика ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсият ҳамчун раванди идоракунии ташаккул ва рушди он; дар асоси истифодабарии низомноки консепсияҳои раванди махсус ташкил ва ба мақсад равонакардашудаи ташхис, тарроҳӣ, татбиқи амалӣ ва мониторинги ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди шахсиятӣ ва омодасозии касбии хонандагон; манобеи тарбияи ҷисмонию солимгардонии актуалишуда дар фаъолияти таълимӣ, касбӣ ва беруназтаълимии фаъолияти хонандагон фаҳмида мешавад.

Мактаби олии имрӯза ба самти омодасозии мутахассисе равона карда шудааст, ки дорои салоҳиятнокии касбӣ мебошад. Бозсозии низоми таҳсилот дар назди макотиби олӣ вазифаи фаъолияти тарбияи ҷисмонию валеологӣ ва беҳбуд бахшидан ба омодасозии касбии мутахассисони ояндаро гузоштааст. Чи хеле ки дар боло зикр шуд, дар чаҳорчӯбаи парадигмаи нави таҳсилоти олии касбӣ аҳамияти хоссаро масъалаҳое касб мекунанд, ки марбут бо рушди шахсиятии хонандагон дар раванди таълим мебошанд, ки худ масъалаи педагогӣ, таъмини созгории иҷтимоии таълимгирандагон ба шароити тағйирёбандаи ҳаётӣ, ташаккулёбии мутахассиси рӯҳан ва ҷисман солимро бо хислатҳои рушдёфтаи шахсиятӣ муаррифӣ менамояд. Гузоштани ин масъалаҳо махсусан дар иртибот бо тамоюлоти арзишии тағйирёфтаи низоми ҷамъиятӣ ва таҷдиди назар нисбат ба фаъолият дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ аҳамият дорад, ки дар он яке аз ҷойгоҳҳои калидӣ ба фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонандагони макотиби олии Тоҷикистон ҷудо карда шудааст.

Independence is formed in stages, and work in micro groups can be an important link for the formation of such competencies. It is important that this is not occasional, but become a system in the process of learning. In the process of working in groups, each student tries to show initiative, focus, and creativity, which is mandatory for characterizing a person’s independence. During all training sessions, students form common competencies. The student gains skills in both a team and a team. General competencies in the study of CA (learning activities) are aimed at the formation of skills of independence, which is reflected in the knowledge and skills acquired by students in the learning process. Students join the learning process voluntarily: they know what purpose they are doing and what they will receive as a result. The task of the teacher to cause students interest in such work. Such work fascinates students, and everyone feels his own importance in solving a common learning task. Timely help in class or extracurricular activities helps each other, as it inspires confidence in the performance of a specific task. Analysis of the work shows that a combination of different personal qualities in a team is necessary in acquiring knowledge, skills, and even distribution of training tasks among all members of the team. Comfortable atmosphere of working in a team, in which all participants listen to the opinions of others and try to make useful comments themselves. The leaders identified in the process of working in micro groups not only develop the team’s creative abilities, but also constantly train the team members.

**Keywords:** assessment, skills, students, self-assessment, situations, independent work, training, analysis, information, problem.

**Сведения об авторе:** ***Самадова Гулджахон Юсуфджоновна*** –Таджикский государственный институт культуры и искусств Таджикистана им. М.Турсунзаде, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбада, 73 А.Телефон: **(+992) 93524 22 26**

**Information about the author:** ***Samadova Guljahon Yusufjonovna*** **-** Tajik State Institute of Culture and Arts. M. Tursunzade., senior teacher at the department of foreign languages **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 73 A. Tel:(+992) 93 524 22 26

УДК:371.13

# САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ ҲАМГИРОИИ ДОНИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА РАФТОРИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

*Шарипов Анвар*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Бухрони иҷтимоию иқтисодӣ дар миқёси ҷаҳон наметавонад дар вазъи таҳсилот инъикос наёбад, зеро иқтисодиёт ҳамчун асос барои сохтани тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии инсон хизмат мекунад. Таваҷҷуҳи давлат ва ҷомеа ба масъалаи тарбияи оилавӣ, масъалаи ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар таҳияи барномаҳои мухталифи дастгирии оила ва ғайра зоҳир мешавад.

Дар чаҳорчӯбаи барномаҳои мухталиф, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар самти мазкур аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои охир корҳое гузаронида шуданд, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои ҳамкории оила ва муассисаи таҳсилотии умумӣ нигаронида шуда, ба баланд бардоштани нақши оила дар тарбияи кӯдакон, фарҳанги ахлоқию ҳуқуқии кӯдак, падар ва модар мусоидат намуданд.

Пеш аз ҳама, муайян месозем, ки дар адабиёти махсус якчанд таърифоти оила мавҷуданд. Аввалан, оила – ин гурӯҳи хурди иҷтимое мебошад, ки аъзоёнаш бо зиндагӣ ва бурдани хоҷагии хонаводагии муштарак, робитаи эҳсосотӣ бо уҳдадориҳои мутақобила нисбат ба якдигар муттаҳид гардидаанд. Сониян, ба сифати оила ниҳоди иҷтимоие номида мешавад, ки бо шакли устувори муносибатҳои мутақобила байни одамон тавсиф ёфта, дар чаҳорчӯбаи он қисми асосии ҳаёти ҳаррӯзаи одамон: таваллуди кӯдак ва иҷтимоишавии аввалияи кӯдакон, қисми бештари нигоҳубини маишатӣ, хизматрасонии таҳсилотӣ, тиббӣ ва ғайра амалӣ мешавад.

Ба таври муносибтар барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ ба мо таърифи зерин хизмат менамояд, ки ба назари мо, моҳияти ин падидаи иҷтимоиро инъикос менамояд: «Оила – ин низоми педагогӣ мебошад, зеро агар тарбия дар робита бо вазифаҳои интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ, фарҳанг ба насли наврас баррасӣ гардад, он гоҳ ин низоми педагогии мусаллаҳсозии хонандагон бо донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои ташаккули асосҳои фарҳанги пойгоҳӣ мешавад». Нишонаҳои оила ҳамчун низоми педагогӣ: бутунӣ, босуботӣ, кушодагӣ, қобилият ба худташкилкунӣ, худрушддиҳӣ, синтезогенез мебошанд [3, с.57].

Олимон вазифаҳои мухталифи оиларо муайян месозанд. Мо дар бораи он вазифаҳое истода мегузарем, ки пеш аз ҳама, бо тарбия ва рушди ахлоқии кӯдак рабт доранд. Тарбияи кӯдак дар оила раванди мураккаби иҷтимоию педагогӣ буда, он таъсири ҳамаи фазо ва микрофазои оиларо ба ташаккули шахсияти кӯдак дар бар мегирад. Имкониятҳои таъсироти тарбиявӣ ба кӯдак аллакай дар худи табиати муносибати падару модарон ба фарзандон ниҳон аст, ки моҳияташ аз сарпарастии оқилона, ғамхории бошууронаи калонсолон дар бораи хурдсолон иборат аст.

Оила барои кӯдак ҳам коллективи меҳнатӣ ва ҳам такягоҳи ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Ҷаҳонбинӣ ва эътиқод, одат, тарзи рафтор, хулқу атвор, ормон-асоси ҳамаи ин хусусиятҳои муҳимми иҷтимоӣ-психологии шахсият дар оила гузошта мешавад. Дар оила кӯдакон ба муносибати калонсолон нисбат ба уҳдадориҳои доштаашон, ба меҳнати онҳо ва вазъиятҳои дар оила баамаломада шинос мешаванд. Ақидаи падару модарон ба кӯдакон ва рафтору кирдори онҳо таъсири бузург мерасонад. Ин рағбатнокии ҷамъиятии кӯдакон ва ормонҳои онҳоро ташаккул дода, ҳамзамон ба мақсадҳои ҳаётан муҳимми онҳо таъсир мерасонанд. «Кӯдакон дар оила на танҳо дарси одию мушаххаси иҷтимоиро аз худ мекунанд, балки ба маҷмӯи муносибатҳое ҳамроҳ мешаванд, ки мазмуни ҳаёти ояндаи онҳоро ташкил медиҳанд» [13, с.57].

Талаботҳои падару модарон дар фаъолияти бошууронаю тарбиявӣ бо кумаки муътақидсозӣ, тарзи муайяни ҳаёт, фаъолияти кӯдак ва ғайра татбиқ мешаванд. Ибрати шахсии падару модарон воситаи муҳимтарини таъсиррасонӣ ба тарбияи ахлоқии кӯдак мебошад. Хислати муносибатҳои падару модарон, дараҷаи ризоият, таваҷҷуҳ, ғамхорӣ ва эҳтиром, усулҳои ҳалли мушкилоти гуногун, оҳанг ва хислати гуфтугӯҳо – ҳамаи ин аз ҷониби кӯдак дарк карда мешавад ва ба ибрат дар рафтори шахсии ӯ табдил мегардад. Оилаҳоро зимни ташхиси аввалия мавриди тасниф қарор дода, мо далели мавҷуд будан ё набудани падару модарон ё яке аз онҳоро собит месозем. Танҳо як далели мавҷуд будани падару модар кафили тарбияи пурарзиши ахлоқӣ дар оила шуда наметавонад. Дар оилаи пурра кӯдак инсони хуб ба камол расида, шахсияти том мешавад.

Дар айни ҳол, муайян месозем, ки аз нуқтаи назари демография, оилаҳо тибқи се

нишонаи асосӣ – шумораи кӯдакон, ҳайати пурраи оила ва сохтори хешутаборию наслӣ тасниф мешаванд.

Оилаҳои камфарзанд бо як – ду кӯдак, миёнафарзандон - бо се-чор кӯдак, оилаҳо бо панҷ ва зиёда кӯдаконро оилаҳои серфарзанд меноманд (В.А. Борисов). Оилаҳои серфарзанд, ба ҳама маълум аст, барои халқҳои Осиёи Миёна хосанд. Нишондиҳандаи дигар – ин пуррагии ҳайати оила мебошад. Дар асоси ин, бештари муҳаққиқон оилаҳои бо ҷуфти ҳамсарро оилаи пурра меноманд, новобаста аз он, ки ҷуфт фарзанд доранд ё не. Ба чунин оилаҳо одатан оилаҳои ӯгайиро бо падари ӯгай ё модари ӯгай нисбат медиҳанд. Бо назардошти он ки дар ин оилаҳо шавҳар, зан ва кӯдак (фарзандон) мавҷуданд, падари ӯгай уҳдадор аст дар бораи фарзандони зан ба мисли фарзандони худ ғамхорӣ зоҳир намояд. Фарзандон низ бояд ӯро ба мисли падар гӯш кунанд, гарчанде дар амалия на ҳамеша падару модари бегона қобилияти иваз намудани падару модарони айниро доранд. Мураккабиҳои муайяни психологии падару модарони ӯгай ва фарзандони ӯгай мавҷуданд. Қабул шудааст оилаи бо модар ё падари танҳо бо фарзандон нопурра номида шаванд, фарзандон дар чунин оилаҳо метавонанд болиғ бошанд. Оила инчунин нопурра номида мешавад, вақте ки дар он падару модарон ё хешовандони модар ё падари танҳо зиндагӣ мекунанд.

Аз нуқтаи назари ташкили тарбияи ахлоқӣ аз рӯйи натиҷаҳои пурсиши аввалия дар миёни падару модарон мо оилаҳоеро муайян намудем, ки дар онҳо раванди номусоиди тарбиявӣ ҳам бо шароити зиндагӣ, ҳам бо хусусиятҳои тактикаи педагогӣ алоқаманд аст. Ин оилаҳоро мо ба чор зергурӯҳ тақсим намуда, ба сифати асос эҳсосоти худи кӯдаконро гирифтем, ки маҷбур буданд ба ҳолатҳои мураккаб, бегона ва хусуматомез созгор шаванд. Дар оилаҳои бо норасоии захираҳои тарбиявӣ кӯдакон вобаста ба вазъиятҳо, ки аз иродаи падару модар пурра вобаста ё новобаста мебошанд, аз калонсолон, назар ба ҳамсолонашон, кам мегиранд. Инҳо метавонанд оилаҳои вайроншуда ё нопурра бошанд, оилаҳое, ки дар онҳо сатҳи пасти рушди падару модар имкон намедиҳад ба фарзандон дар таҳсил кумаки самаранок расонад; оилаҳое, ки мушкилоти моддиро аз сар мегузаронанд, ки кӯдакро маҷбур месозад қувваи бисёрро ба нигоҳдории сатҳи ҳайатии оила сарф намояд. Табиист, маҳдудиятҳои захираҳои тарбиявӣ ба сифати сабаби носозгоршавии муҳитӣ хизмат намекунанд, вале онҳо заминаеро эҷод мекунанд, ки созгоршавиро ба вазъиятҳои стрессӣ ва экстремалӣ коҳиш дода, ба бавуҷудоии моҷароҳо сабаб мешаванд.

Хусусиятҳои психологии таъсироти норасоии захираҳои тарбиявӣ ба шахсияти кӯдак аз оилаи нопурра мушкилоти муоширатро, ки ба услуби муносибатҳои муосири дохилиоилавӣ хосанд, шиддат медиҳанд. Дар маҷмӯъ дар оилаи нопурра кӯдакон норасоии муоширатро бо хешовандон эҳсос мекунанд. Ба ғайр аз ин, ба кӯдакон дар чунин оилаҳо сарбории махсуси психологӣ таҳмил шудааст, ки бо иштирок намудан дар ҳаёти эҳсостии волид алоқаманд аст. Модар беихтиёрона фарзанди худро ба доираи эҳсосоте ворид месозад, ки онҳо ҳанӯз метавонанд номафҳум бошанд ва ӯро ба муҳокимаи масъалаҳое, ки мазмунашон ба ӯ метавонад дастрас бошад, ҷалб менамояд.

Муроҷиати боисрори таваҷҷуҳи ӯ ба самте, ки инсони калонсолро ҷалб менамояд, оламибо тинии кӯдакро муттаҳид сохта, эҳтиёҷот ва шавқу ҳавасҳои ӯро ба канор меандозанд. Кӯдакон «барвақт бо калонсолон калонсол мешаванд» ва бо ҳамсолон муошират карда наметавонанд. Писарбачае, ки дар оилаи нопурра таваллуд шудааст, бо камҳавсалагӣ, беҳаракатӣ, беҷуръатӣ бо эҳсоснокии баланд ва худпарастии шиддатёфта фарқ мекунад. Ба духтарбача рост меояд ба фишори бевосита: фармон, талаб, дастур, ҷазо тобеъ мешавад.

Дар асоси мушоҳидаҳо мо чунин гурӯҳи оилаҳоро муайян намудем:

1. **Оилаҳои моҷароӣ.** Чунин оилаҳо ба ислоҳсозии доимии муносибатҳо ниёз доранд. Ин оилаҳоеанд, ки дар онҳо падару модар ба ном ҷуфти ҳамсари ғайриичтимоиро ташкил медиҳанд, вақте ки хислати падар золимона буда, модари белаҷом қобилияти эҷоди вазъи босуботи тарбияро надорад.

Ба онҳо оилаҳоеро нисбат додан мумкин аст, ки дар онҳо падару модар наметавонанд ё намехоҳанд камбудиҳои хислати худ (тезӣ, ноустувории эҳсосотӣ, асабнокӣ, ноосудагии ташвишовар ва дигарон)-ро барои ҳаллу фасли бемоҷарои мушкилоти дохилиоилавӣ рафъ намоянд. Манбаи моҷаро дар оила метавонад нохоҳами комилан даркшудаи яке (ё ҳарду) аз ҳамсарон тоқат намудани ҳузури дигариро ҳамчун шахси мушаххас бо нигаришҳои ҳаётӣ, сатҳи фарҳанг ва тарзи рафтори ӯ бошад.

2. **Оилаи ахлоқан носолим.** Нисбатдиҳии оила ба дараҷаи ахлоқан носолим барои педагог вазифаи мураккаб ва нозук аз ҷиҳати маънавӣ ва зиёда аз он, ахлоқӣ мебошад.

Муносибати золимона, ки кӯдакон дар чунин оилаҳо мавриди он қарор мегиранд, ҳисси худэҳтиромкуниро пахш намуда, аз қобилияти эҳсоси лаззат бурдан аз некӣ маҳрум

сохта, боиси мушкилоти муошират шуда, ба ҳисси адоват нисбати оила, атроф оварда мерасонад.

**3. Оилаҳои аз ҷиҳати педагогӣ бесалоҳият.** Дар ин ҳолат кӯдак аксар вақт танҳо боқӣ монда, шиддатнокии сахти эҳсосотиро ҳис мекунад, ки аз ғаризаи бунёдии инсон, ғаризаи худмуҳофизаткунӣ бармеояд. Эҳсоси нороҳатии равонӣ, ки бо зарурати қарор гирифтан ва амал кардан дар вазъи бо иттилооти ношинос пуршуда, қобил аст боиси вайроншавии созгории муҳит шуда, шаклҳои муҳофизаткунандаи рафторро хеле барвақт, то вақте ки кӯдак бо одамон мустақилона муошират карданро ёд мегирад, ташаккул диҳад. Тамоюл ба каноргирии худ аз чизи нав ва ношинос, муносибати эҳтиёткорона ба ҳар гуна тағйирот дар муҳити иҳотакардаи иҷтимоӣ, нобоварӣ ба инсони дигар метавонанд ба танзимгарони табиии рафтор ва аз ин ҷо, даркнашуда табдил ёбанд.

Таҳлили мунаққидонаи адабиёт доир ба масъалаи тарбияи оилавӣ, шиносшавӣ бо падару модарон ва натиҷаҳои пурсиши аввалияи падару модарон ба мо имкон дод маҷмӯи таъсиррасонии пешгирикунандаи педагогӣ муайян карда шаванд, ки ба ташкили тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол дар оилаҳои навъҳои гуногун нигаронида шудааст:

1. Оилаҳои бо норасоии захираҳои тарбиявӣ (оилаҳои вайроншуда ё нопурра).

Таъсиррасонии пешгирикунандаи педагогӣ:

– эҷоди шароите, ки дар кӯдакон рӯҳияи эҳсосотиро дастгирӣ менамоянд;

– дар кӯдакон дастгирӣ намудани ҳисси қаноатмандӣ аз муошират ва ҳамкории иҷтимоӣ;

– ташаккул додани бoодобӣ, накукорӣ;

– касби боварӣ ба худ;

–дар кӯдак ташаккул додани эҳтиёҷоти маърифатӣ;

2. Оилаҳои мушаххас:

– ташаккул додани хайрхоҳӣ, ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила;

– ташаккул додани сифатҳо нисбат ба ҳамсолон;

– водор намудан кӯдак ба таҳлили муштараки вазъиятҳои педагогӣ;

– шомил намудани кӯдак ба намудҳои маҳсулноки фаъолият.

3. Оилаҳои ахлоқан носолим:

– озод кардан аз одатҳои зарарнок;

– тарбия намудани шавқу ҳавас ба меъёрҳои иҷтимоии рафтор;

– тарбия намудани интизомнокӣ дар кӯдак;

– супоришҳои доимии меҳнатӣ;

– ташаккул додани ангезаи ахлоқӣ – на танҳо шогирд шудан, балки шогирди хуб шудан;

4. Оилаҳои аз ҷиҳати педагогӣ бесалоҳият:

– эҷоди вазъияте, ки дарки воқеияти иҳотакардаро аз ҷониби кӯдакон рушд дода, ба ташаккулёбии маҳорати арзёбии амалҳо, андӯхтани тасаввурот дар бораи чизи хуб ва чизи бад дар ҳаёт мусоидат менамояд;

– ташаккул додани эҳтиёҷоти маърифатӣ;

– васеъ намудани мафҳумҳо дар бораи ҳаёти хонандагон, дар бораи сифатҳои шахсиятии онҳо.

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши масъалаи тарбияи ахлоқиро дар муассисаи таҳсилот мо дар самтҳои зерин амалӣ сохтем: мақоми тарбияи ахлоқӣ дар нақшаҳо, кори тарбиявии роҳбарони синфӣ; сатҳи тарбияёфтагии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оилаҳо; сатҳи тарбиянокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои озмоишӣ.

Барои ҳаллу фасли вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби мо пурсишномаҳо таҳия карда шуда, бо категорияҳои зикршудаи иштирокчиёни кори озмоишӣ мусоҳибаҳо гузаронида шуда, нуктаҳои тамоси падару модар ва педагогҳо дар тарбияи ахлоқӣ ба мақсади ислоҳсозӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамкории оила ва муассисаи таҳсилот муайян карда шуданд.

Таҳқиқи вазъи тарбияи ахлоқӣ дар оилаҳои хонандагони хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Муъминобод, Восеъ ва Фархори вилояти Хатлон гзаронида шуд ва дар рафти озмоиш пурсишнома пешниҳод гардид, ки саволҳо вазифаҳои зеринро дар бар мегирифт:

Вазифаи 1. Муайян намо, дар кадом ҷойгоҳ арзишҳои номбаршуда барои ту ҷой гирифтаанд:

Дар мадди аввал – дӯстони хуб ва вафодор.

Дар мадди дуюм – солимӣ.

Дар мадди сеюм – ҳаёти хушбахтонаи оилавӣ.

Дар мадди чорум – аз ҷиҳати моддӣ таъмин будан.

Дар мадди панҷум – мустақилият.

Дар мадди шашум – бовари̅ ба худ.
Дар мадди ҳафтум – муҳаббат.
Дар мадди ҳаштум – лаззатҳо.
Вазифаи 2.

Муайян намо, дар кадом ҷойгоҳ ҳар яке аз категорияҳои одамон барои ту ҷой гирифтаанд:

1. Ошно ё дугонаи беҳтарин.
2. Ду̅стон.
3. Падару модар.

Зимни иҷро кардани супориши якум вариантҳои паҳншудатарини гуру̅ҳбанди̅ инҳо буданд:

Гуру̅ҳи 1 – ҳаёти хушбахтонаи оилави̅ – 82%
Гуру̅ҳи 2 – солими̅ – 79%
Гуру̅ҳи 3 – ду̅стони хуб, вафодор – 67% посухдодагон.

Зимни иҷрои супориши дуюм амалан 100% посухдодагон категорияи «падару модар»-ро дар ҷойгоҳи якум, дар ҷойгоҳи дуюм – «ошно ё дугонаи беҳтарин» (аз 67% то 79% - и посухдодагон), дар ҷойгоҳи сеюм – ду̅стонро гузоштанд.

Натиҷаҳои пурсиши аввалия дар миёни хонандагони хурдсол нишон доданд, ки арзиши асоситарини ахлоқи̅ барои хонандаи хурдсол ҳаёти хушбахтонаи оилави̅ мебошад.

Ҳамзамон, пурсишнома бо мазмуни зерин барои ому̅згорони синфҳои ибтидои̅ пешниҳод гардид: донистани ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқи̅ дар соҳаи маориф; истифодаи методҳои тарбияи ахлоқи̅; шароити мусоидаткунанда ба тарбияи ахлоқии хонандагон; иштироки ниҳодҳои иҷтимои̅ дар тарбияи ахлоқии хонандагон; чи̅ гуна будани сатҳи тарбияи ахлоқии хонандагон; методикаи ташхиси сатҳи ахлоқии хонандагон; чи̅ гуна мушкилиҳоро Шумо дар кори тарбияи ахлоқи̅ эҳсос мекунед?

Дар натиҷаи ҷавобҳои бадастомада маълум гардид, ки миқдори асосии педагогҳои мавриди пурсиш қароргирифта пойгоҳи меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи маориф намедонанд (50 %). Дар ҷавоб ба саволи мазкур душвори̅ мекашанд – 15 %; бо ҳуҷҷатҳои меъёри̅ дар соҳаи маориф шиносанд – 35 %.

Ба ин нигоҳ накарда, аксарияти ому̅згорони синфҳои ибтидои̅ чорабиниҳоро доир ба тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол ба нақшамегиранд. Ба сифати методҳои муассири тарбияи ахлоқи̅ ому̅згорон «мусоҳиба», «фаҳмондадиҳи̅», «намуна»-ро номбар намуданд.

Ҳамин тариқ, таҳлили танқидии адабиёт ва натиҷаҳои пурсиши хонандагони хурдсол, падару модарон ва педагогҳо ба мо имкон доданд хулосаҳо ва ҷамъбастҳои зеринро пешниҳод намоем:

1. Тарбияи ахлоқи̅ ҳамчун самти пешбари тарбия хосияти пойгоҳии шахсиятро ташаккул медиҳад, ки бо маҷму̅и ҳамаи таъсироти (берунаи) иҷтимоию педагоги̅, интиқоли пайдарпайи бошууронаи онҳо ба тасаввуроти субъективи̅ оид ба меъёрҳо ва арзишҳои дар ҷомеа устуворгардида таъмин мешавад.
2. Муайянсозии моҳият ва мафҳуми тарбияи ахлоқи̅ дар адабиёти педагоги̅ имкон дод, ки амсилаи сохторию мазмунии раванди ҳамкории оила ва муассисаи таҳсилот дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидои̅ таҳия карда шавад.
3. Ҳамкории педагогии оила ва муассисаи таҳсилот дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидои̅ инҳоро тақозо менамояд: шиноскунии падару модар бо натиҷаҳои ташхиси педагоги̅; ҷалби падару модар ба корҳои синфи̅ ва умумимактаби̅, ба иштирок дар чорабиниҳо оид ба тарбияи ахлоқи̅; ҳамкории оила бо муассисаи таълими̅ дар тарбияи ахлоқи̅ бо риояи нигаришҳои ому̅згорон ба татбиқи вазифаҳои ташаккули идроки ахлоқи̅, ҳиссиёт, муносибатҳо ва рафтори ахлоқи̅, меҳнатду̅сти̅ таъмин мешавад.

Ба сифати шарти асосии самаранокии тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол педагогҳо «ҷидду ҷаҳдҳои муштараки муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми̅, оила, ҷомеа, ВАО ва ғайра»-ро медонанд. Дар муайянсозии доираи иштирокчиён дар ҳаллу фасли тарбияи ахлоқи̅ педагогҳо якдилона муассисаҳои таҳсилот ва оиларо меноманд, ҷавобҳои алоҳида зарурати иштироки ВАО (махсусан телевизион) – ро дар тарбияи ахлоқи̅ таъкид менамоянд. Маълум гардид, ки ому̅згорони синфҳои ибтидои̅ дар тарбияи ахлоқи̅ ба асосҳои илмии назарияҳои педагогҳои рус В.А. Сухомлинский, А.С. Макаренко – 69% ва 31% - ба таҷрибаи ниёгон, адабиёти бадеи̅ ва ғайра ишора мекунанд. Барои ому̅зиши хусусиятҳои тарбияи ахлоқии хонандагони хурдсол дар оила аз ҷониби мо «Барномаи ому̅зиши тарбиянокии ахлоқии хонандагони хурдсол дар оила» истифода шуд, ки аз ҷониби Л. Шарипова, муовини директор оид ба кори тарбиявии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 2 ш. Ку̅лоб таҳия гардидааст. Мо инчунин ба натиҷаҳои пурсиши гузаронидашудаи хонандагони хурдсол ва падару модари онҳо такя карда, сипас ҷавобҳои

бадастомадаро мавриди таҳлил қарор додем. Вобаста аз он, ки чӣ тавр ин ё он сифат зоҳир мешавад, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ё худи падару модар зуҳурёбии дахлдори сифатҳо ва нишонаҳои ахлоқиро дар оила таъкид менамоянд:

1. Оё кӯдак дар оила иҷрокунанда ва итоаткор аст? Оё ӯ супоришҳои падару модарро бо дили хоҳам иҷро мекунад?

2. Чӣ қадар кӯдак дар хона сариштакор аст? Чӣ тавр ӯ ба ашё ва китобҳои худ муносибат мекунад?

3. Оё ӯ дар хона бодиққат аст?

4. Рафтори кӯдак дар хона чӣ гуна аст?

5. Чӣ қадар ҳассосона ва дилсӯзона кӯдак ба падару модар ва наздикон муносибат мекунад?

6. Чӣ қадар кӯдак меҳнатдӯст аст?

7. Оё дар ин зимн ӯ худтанқидкуниро зоҳир мекунад?

8. Чӣ тавр ба хониш дар хона муносибат мекунад?

9. Чӣ тавр ба супоришҳо муносибат мекунад?

10. Муносибати кӯдак ба синфи худ чӣ гуна аст?

Барои ба даст овардани иттилооти пурарзиш дар бораи ҷараёни ташаккули ахлоқи шахсияти хонандаи синфҳои ибтидоӣ мо вазъи тарбияи ахлоқиро дар оила мавриди омӯзиш қарор додем, қадами дигар таҳқиқи неруи шахсияти хонандаи хурдсол буд. Натиҷаҳои пурсиши аввалияи хонандагони хурдсол нишон доданд, ки сатҳи тарбияи ахлоқии қисми бештари кӯдакон пурра ба талабот ҷавобгӯ нест. Хулосаҳои пешакии моро инчунин натиҷаҳои мусоҳибаҳо бо падару модарон тасдиқ намуданд, ки ғайриқаноатмандӣ ва душвориҳоро дар тарбияи ахлоқӣ изҳор намуданд. Ин натиҷаҳо ҳамчун асоси таҳияи барномаи кори озмоишӣ доир ба ошкорсозии шароити самараноки педагогии тарбияи ахлоқӣ дар оила дар ҳамкорӣ бо муассисаи таҳсилотӣ хизмат намуданд.

## АДАБИЁТ


1. Абульханова К.А. Психология и сознание личности. Проблемы методологии, теории и исследования реальной личности. Монография / К.А. Абульханова /под ред. Д.И. Фельдштейна. -М., 1999. – 217с.
2. Азаров Ю.П. Педагогика семейных отношений. Монография / Ю.П. Азаров. – М.: Изд-во Знание,1976. – 236 с.
3. Бодина Е. Педагогическое взаимодействие ученика и учителя / Е.Бодина // Воспитания школьников. -2002. – №1. – С .9
4. Выготский Л.С. Собрание сочинений: В 6-ти т. Т. 3 / Л.С. Выготский. –М.: Педагогика, 1983. – 367 с.
5. Гребенникова И.В. Сущность педагогического руководства семейным воспитанием / И.В. Гребенникова //Педагогические проблемы руководства семейным воспитанием. – М., 1980. – 97 с.
6. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. Монография / Ф. Гулмадов. -Душанбе: Ирфон, 2014. – 299 с.
7. Коломинский Я.Л. Пути изучения и формирования личных взаимоотношений между учениками класса / Я.Л. Коломинский // Вопросы психологии. -1967. –№ 3. -С. 110 – 119.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 2.08.2011 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011. - №7– 8. -Мод. 8.
9. Макаренко А.С. О воспитании. Монография / А.С. Макаренко.– М., 1990. – 450 с.
10. Маленкова Л.И. Педагоги, родители, дети: метод, пособие длхзз; носпи тателей, классных руководителей / Л.И. Маленкова. -М.: Изд-во Педагогич ское общество России, 2000. – 304с.
11. Селиванов В.И. Психология волевой активности / В.И. Селиванов. - Рязань, 1974. –124 с.
12. Сухомлинский В.А. Избр. пед. соч., в 3-х т. Т.3 / В.А. Сухомлинский. - М.: Педагогика, 1981. – 640с.
13. Чаусов А.А. Опыт исследования проблемы единства нравственного сознания и поведения детей: автореф. дис. … канд. пед. наук / А.А. Чаусов. - М., 1968.-18с.


## САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА ОИЛА ДАР ТАШАККУЛИ ҲАМГИРОИИ ДОНИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА РАФТОРИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


Дар мақола самтҳои асосии фаъолияти муштараки муассисаи таълимӣ ва оила дар ташаккули ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Пеш аз ҳама, имконияти тарбиявии оила дар ташаккули ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуда, таъкид карда шудааст, ки тарбияи кӯдак дар оила раванди мураккаби иҷтимоию педагогӣ мебошанд. Имкониятҳои таъсироти тарбиявӣ ба кӯдак аллакай дар худи табиати муносибати падару модарон ба фарзандон ниҳонанд, ки моҳияташ аз сарпарастии оқилона, ғамхории бошууронаи калонсолон дар бораи хурдсолон иборат аст. Дар мақола аз нуқтаи назари демография, се нишонаҳои асосии оила (шумораи кӯдакон дар оила, ҳайати пурраи оила ва сохтори хешутаборию наслӣ) муайян карда шуда, дар асоси таҷриба ва мушоҳидаҳо 3 гурӯҳи оилаҳо ошкор карда шудааст: оилаҳои моҷароӣ, оилаи ахлоқан носолим, оилаҳои аз ҷиҳати педагогӣ бесалоҳият.Барои ба даст овардани иттилооти зарурӣ дар бораи ҷараёни ташаккули ахлоқи шахсияти хонандаи синфҳои ибтидоӣ вазъи тарбияи ахлоқӣ дар оила мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Натиҷаҳои пурсиши аввалияи хонандагони хурдсол нишон доданд, ки сатҳи тарбияи ахлоқии қисми бештари кӯдакон пурра ба талабот ҷавобгӯ нест. Ин хулосаҳоро инчунин натиҷаҳои мусоҳибаҳо бо падару модарон тасдиқ намуданд. Ин

натиҷаҳо ҳамчун асоси таҳияи барномаи кори озмоишӣ доир ба ошкорсозии шароити самараноки педагогии тарбияи ахлоқӣ дар оила дар ҳамкорӣ бо муассисаи таълимӣ хизмат намуданд.

**Калидвожаҳо:** хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ташаккули шахсияти хонандагон, арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, донишҳои ахлоқӣ ва рафтор, муассисаи таълимӣ, оила, падару модарон.

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО УЧРЕЖДЕНИЯ И СЕМЬИ ПО ФОРМИРОВАНИЮ ИНТЕГРАЦИИ НРАВСТВЕННЫХ ЗНАНИЙ И ПОВЕДЕНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

В данной статье раскрываются основные направления деятельности образовательного учреждения по формированию интеграции нравственных знаний и поведения учащихся начальных классов в школьной и семейной среде. Прежде всего, определены воспитательные возможности семьи в формировании интеграции нравственных знаний и поведения учащихся начальных классов. Отмечается, что воспитание ребенка в семье - сложный социально- педагогический процесс. Он включает влияние всей атмосферы и микроклимата семьи на формирование личности ребенка. Возможности воспитательного воздействия на ребенка заложены уже в самой природе отношения родителей к детям, сущность которого заключена в разумной опеке, сознательной заботе старших о младших. *В статье с точки зрения демографии определены 3 признака семьи, это малодетные* семьи, среднедетные семьи, *многодетные семьи.* Для получения полноценной информации о ходе формирования нравственных знаний младших школьников мы изучили потенциал личности самого младшего школьника. Результаты первичного анкетирования младших школьников показали, что уровень нравственной воспитанности значительной части детей неудовлетворителен. Наши предварительные выводы подтвердили и результаты бесед с родителями, которые высказали свои неполного удовлетворения и трудностей в нравственном воспитании учащихся начальных классов. Эти результаты послужили основой разработки программы экспериментальной работы по выявлению эффективных педагогических условий нравственного воспитания в семье во взаимодействии с образовательным учреждением.

**Ключевые слова:** учащиеся начальных классов, формирование личности учащегося, духовно-нравственные ценности, нравственные знания и поведение, образовательное учреждение, семья, родители, педагогическое взаимодействие семьи.

## THE MAIN DIRECTIONS OF THE ACTIVITY OF THE EDUCATIONAL INSTITUTION AND FAMILY FOR THE FORMATION OF INTEGRATION OF MORAL KNOWLEDGE AND BEHAVIOR OF PUPILS OF THE INITIAL CLASSES

This article describes the main activities of the educational institution of the formation of the integration of moral knowledge and behavior of primary schoolpupilsat the school and family environment. First of all, the educational capabilities of the family in the formation of the integration of moral knowledge and behavior of primary school pupils are defined. It is noted that raising a child in a family is a difficult social and pedagogical process.It includes the influence of the whole atmosphere and microclimate of the family on the formation of the child's personality. The possibilities of educational influence on a child are laid in the very nature of the attitude of parents to children, the essence of which lies in rational care, conscious care of elders for younger ones. In the article from the point of view of demography, 3 signs of a family are identified; these are small families, medium-sized families, large families. To obtain complete information about the course of moral formation of the personality of younger pupils, we studied the potential of the personality of the youngest pupils. The results of the primary survey of younger schoolchildren showed that the level of moral education of a significant part of children is unsatisfactory.Our preliminary findings confirmed the results of conversations with parents, who expressed their incomplete satisfaction and difficulties in the moral education of primary school pupils. These results served as the basis for the development of a program of experimental work to identify effective pedagogical conditions of moral education in the family in collaboration with an educational institution.

**Key words:** primary school pupils, the formation of pupils' personality, spiritual and moral values, moral knowledge and behavior, educational institutions, family, parents, pedagogical interaction of the family.

**Сведения об авторе: Шарипов Анвар** –Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, старший преподаватель кафедры психологии. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16.Телефон: **900-63-15-63**

**Information about the author:** ***SharipovAnvar*** **-** Kulob State University after name Abuabdullohi Rudaki, senior teacher of psychological chair. **Address:** Republic of Tajikistan, Kulob town, Sangak Safarov street, 16.Tel: **900-63-15-63**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

## ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ


***Азимов А.Х., Гаффоров Н.У.*** Проблемы среднеазиатского общества начала XX века на страницах журнала «Ал-Ислох»………… ***5***

***Бобоев Х.Ю., Муминов Х., Исоев С.К.*** Заслуга академика Умарова С.У. в создании и укреплении материально–технической базы ан Республики Таджикистан………… ***8***

***Салимов Ф.Н.*** Нақш ва мақоми дипломатияи иқтисодӣ дар арсенали сиёсати хориҷии давлат ***13***

***Самиев Х.Д, Наҷмиддинова М.Я.*** Дипломатияи гуманитарӣ ва нақши он дар ҳалли мушкилоти глобалии имруза (бардошти таърихӣ-муқоисавӣ )………… ***20***

***Ашуров А. М.*** Установление политико-дипломатических взаимоотношений между странамИ Центральной Азии и Францией………… ***25***

***Шарифов Ш.Ш.*** Таърихи тоҷикони Чин………… ***29***

***Турсунов Т.Х., Каримов М.*** Торгово-экономические отношения Республики Таджикистан с Республикой Азербайджан (1992-2015 гг.)………… ***34***

***Нурматов М.М., Қурбонов Б.Р.*** Руйдодҳои сиёсию таърихии Мовароуннахр ва Хуросон дар асри VIII………… ***40***

***Собиров Ш.*** Саҳми аввалин зиёиёни водии Ҳисор дар рушди соҳаи маориф ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон………… ***44***

***Ҳомидова Қ., Мирзоалиева М.*** Андозҳо ва дигар маҷбуриятҳои заҳматкашон дар давлати Сафавиҳои Эрон………… ***50***

***Баҳодуров Б.Ф.*** Тамоилҳои умумии равандҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар замони хукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ………… ***57***

***Муродов Н.С.*** Зарурати омӯзиши таърихи аҳди бостони халқи тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ………… ***62***

***Нажотова Н.Б., Кахоров И.М.*** Муҳаммад ибни Закариё ар-Розӣ ва осори ӯ (865-925)………… ***66***

***Шарифа Шарифӣ Бадахш*** Баррасии таърихи ҳунари асри Санг дар Афғонистон………… ***69***

***Самадов С.Б.*** Истифодаи чарм ва маҳсулоти чармӣ дар ҷомеаи ибтидоӣ ва инъикоси он дар асотири халқҳои эронӣ………… ***74***

***Назаров Ф.А.*** Отражение проблемы «завоевания» и «присоединения» Средней Азии к России в постсоветской таджикской историографии………… ***78***

***Фозилова М.З.*** Состояние школьного образования девочек и женщин в дореволюционном Таджикистане………… ***84***

***Мирзоев Г.Ш.*** Содействие двадцатипятитысячников и шефских бригад в создании колхозного строя ***88***

***Мунира Шахиди*** Вклад GCRFCOMPASS в формирование нового межуниверситетского сотрудничества………… ***93***

***Комилова Х.Г.*** Роль и место теоретических школ в исследовании международных отношений………… ***98***

***Курбонов М. М.*** Развитие телевидения в Таджикистане и его южных районах (1960-1990 гг.)………… ***101***

***Шарипова О.*** Вазъи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар солҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997………… ***105***


## ФАЛСАФА - ФИЛОСОФИЯ


***Карамхудоев Ш.Х.*** Влияние суфизма на мусульманскую культуру………… ***111***

***Мирасанов М.В.*** Жизнь и смерть в контексте исмаилитского учения………… ***116***

***Махмадизода Н.Д.*** Основные характерные особенности проявления религиозно–политического экстремизма в современных условиях………… ***122***

***Муродзода Аббос Ёрмаҳмад*** Самтҳои асосии ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Тоҷикистон………… ***126***

***Манғитов М.*** Назария ва амалияи фундаментализми исломӣ………… ***133***

***Файзалиева С. А.*** Фалсафаи рақси миллӣ ва хусусиятҳои хосси он………… ***138***

***Рахимов М. Х., Тураев Ф.Р.*** Трансгуманизм и будущее человечества………… ***141***

***Шоев Н.*** Назария ва методологияи омӯзиши масъалаи маргиналият ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир………… ***145***


## ПЕДАГОГИКА


***Каримова Д., Каримова И.Х.*** Деятельность дошкольных учреждений и семьи как условия профилактики вредных привычек………… ***151***

***Хасенова М.Т., БандаевС.Г.*** Кейс-технология в структуре и содержании методической компетенции учителей химии………… ***156***

***Ревякина В.И., Асанов Ю.М.*** Образование и русский язык как основа сотрудничества России и Таджикистана ………… ***160***

***Пудовкина Н. В.*** Формирование языковой компетенции детей младшего школьного возраста как педагогическая проблема………… ***165***

***Шерматов Д.С., Рахимов М.М., Расулов С.Н.*** Психолого – дидактические аспекты активизации учебно – познавательной деятельности студентов в процессе обучения физике………… ***170***

***Курбонов А.М.*** Педагогические условия развития профессиональной компетентности у студентов инженерных специальностей в системе высшего технического образования………… ***173***

*Котибова Ш.П.* Устная и письменная речь в развитии культуры речи учащихся начальных классов **178**
*Файзуллаева З. Б.*Некоторые заметки о динамике изучения наследия Дильшод Барно……………….. **182**
*Носиров С.Ш.* Поиск и выявление потенциальных возможностей у обучаемых по формированию интеллектуальных знаний, умений и навыков…………………………………………………………... **186**
*Хужаев У.Ш.* Особенности подготовки магистров физической культуры и спорта в психолого-педагогических исследованиях…………………………………………………………………….. **193**
*Атакуллаев У.И.* Реформирование системы образования - необходимое условие развития общеобразовательных школ и повышения качества знаний учащихся…….……………………………. **196**
*Абдуллоева Х.Р., Абдуллоева А.У.* Проектно-исследовательская деятельность будущих дизайнеров по разработке одежды с использованием национальных тканей……………………………………. **200**
*Асомаддинов М.М.* Проблема познавательной деятельности в системе профильного обучения……… **205**
*Амирова П.Н.* Обучение профессионально-ориентированному общению студентов-экономистов при использовании информационно-коммуникационных технологий………………………………………. **209**
*Межова Л.А., Абдуллоева Р.Х., Маматова А.Б.* Особенности развития инклюзивного образования за рубежом и в России……………………………………………………………………………………. **214**
*Назарова З.А, Афзали М.К.* Вопросы тестирования в преподавании иностранных языков (к проблеме языкового тестирования единиц юридической терминологии в ходе языкового тестирования)………………………………………………………………………………………………….. **222**
*Элмуродова С.Х., Турабекова М.* Игра как способ развития познавательных интересов младших школьников……………………………………………………………………………………………….. **228**
*Калонова М.Я.* К вопросу о теоретической и практической значимости организации различных видов учебных экскурсий в общеобразовательных учреждениях………………………………………. **232**
*Хакимова Ш.* Совершенствование методики развития устной речи студентов на занятиях русского языка……………………………………………………………………………………………………….. **235**
*Шарипов Ф.Ф., Нарзимиддинов А.М.* Низоми ташхиси салоҳиятнокии идоракунии роҳбари муассисаи таълимӣ барои хатмкунандагони макотиби олӣ......................................................... **240**
*Фурқати Сикандарӣ* Баъзе масъалаҳои информатизатсияи муассисаҳои таҳсилотӣ.................... **248**
*Каримова Ш.А.* Самтҳои асосии баландбардории салоҳияти касбӣ ва худтакмилдиҳии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ...................................................................................................... **252**
*Файзализода Ҷ.Х., Олимов Т.Ш.* Оила ва арзишҳои оиладорӣ................................................ **256**
*Саидов С.Ш.* Ақидаҳои педагогии мутафаккирони форсу тоҷик оид ба нақши оила ва мактаб дар ташаккул ва инкишофи тарбияи маънавӣ - ахлоқии насли наврас **262**
*Холматова М.М., Иброҳимов Г., Фаризаи Давлатмурод, Шомирзоева М.А., Маҷидов У.Ҳ.* Ғояҳои инноватсионии такмилдиҳии раванди таълим ва баланд бардоштани касбияти омӯзгор…………………………………………………………………………………………………… **265**
*Худойқулова Қ.Ҷ.* Такомули касби муаллимӣ дар замони муосир………………………………… **271**
*Латифзода Д.Н., Раҳмонов А.* Ҷанбаҳои педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон **274**
*Чолова С. П.* Салоҳиятнокӣ – усули навтарини таълим (дар асоси фанҳои дақиқ).................... **279**
*Исломов О.А., Алимухамедов М.Р., Алимухамедова З.З.* Принсипҳои асосии ташаккули қобилияти эҷодӣ-иҷтимоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар фаъолияти беруназсинфӣ...................................................................................................... **282**
*Икромов А.* Истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар таълими фанҳои дақиқ…………………………………………………………………………………………… **286**
*Бобохонова Ҳ.З.* Баъзе аз масъалаҳои ҷомеапазирии касбии муаллим…………………………… **289**
*Умаралии Баҳруллозода, Зарипова М.Л.* Методҳои фикрронии мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ………………………………………………………………………………………. **291**
*Аюбова М.З.* Таснифоти касбу ҳунар ва тартиби омӯзонидани онҳо аз нуқтаи назари Воҷидалии Муҷмалӣ………………………………………………………………………………… **295**
*Насырова М.Н.* Исследование профессиональной направленности личности в целях профориентации………………………………………………………………………………………….. **299**
*Исматдинов А.М.* Основные направления экологического образования студентов специальности «технология»…………………………………………………………………………………………….. **303**
*Сафарзода Гулистон* Татбиқи барномаҳои давлатии тарбияи насли наврас – омили ғанӣ гардидани маънавиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)................................................................. **307**
*Абдуллоҷони Ҳамрохон* Ҷанбаҳои эҷодии омодасозии шахсияти омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ...................................................................................................................... **310**
*Камолов Б.Ҷ.* Салоҳиятнокии коммуникативии шахс: ҷанбаи психологӣ-педагогӣ……………. **315**
*Самадова Г.Ю.*Система обучения в малых группах как один из способов формирования общих компетенций…………………………………………………………………………………………….. **319**
*Шарипов Анвар* Самтҳои асосии фаъолияти муассисаи таълимӣ ва оила дар ташаккули ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ.................................. **324**

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста. Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2019. № 4.**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 40,25 усл. п.л. 41,25.
Подписано в печать 30.04.2019 г. Заказ №2019/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.